ISSN 2413-516X

ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ

П А Ё М И
ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
(маҷаллаи илмӣ)

БАХШИ ФИЛОЛОГӢ

4/6 (146)

В Е С Т Н И К
ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
(научный журнал)

СЕРИЯ ФИЛОЛОГИЯ

ДУШАНБЕ: «СИНО»
2014

ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ

МАҶАЛЛАИ ИЛМӢ СОЛИ 1990 ТАЪСИС ЁФТААСТ.
НАУЧНЫЙ ЖУРНАЛ ОСНОВАН В 1990 ГОДУ.

Ҳайати таҳририя:
Редакционная коллегия:

Имомов М.С. – гл. редактор, доктор филологических наук, профессор
Сафаров Б.А. – зам. гл. редактора, кандидат юридических наук, доцент
Абдулазизов В.- зам.гл.редактора, кандидат филологических наук, доцент

Аъзои ҳайати таҳририя:
Члены редколлегии:

Кучаров А.- доктор филологических наук, профессор
Муроди М.- доктор филологических наук, профессор
Нагзибекова М. - доктор филологических наук, профессор
Ходжаев Д.- доктор филологических наук, профессор
Шарипов Х. - доктор филологических наук, профессор

Маҷалла бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешавад.
Журнал печатается на таджикском, русском и английском языках.

Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2014
Вестник Таджикского национального университета, 2014

З А Б О Н Ш И Н О С Ӣ

ИФОДАИ ПӮШОК ДАР «ШОҲНОМА»

С. Исматов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Вақте «Шоҳнома-ро бад-он бузургиву фасоҳат пурра мехонем, гоҳо чунин андеша ба сар меояд, ки як шахс аз ҷиҳати физиологиву рӯҳӣ наметавонад чунин асари бузурге биофарад, вале чун комилияти услуби ягонаро мебинем, ин андеша барҳам мехӯрад.

Муаллифи «Сарви сояфикан» Муҳаммад Исломи Нудӯшан мегӯяд, ки «дар «Шоҳнома» ҳар миллату ҳар сарзамин метавонад худро дарёбад». Воқеан, ҳангоми мутолиаи «Шоҳнома» ва диққат ба расму ойин ва либоспӯшиву дигар расмиёти асар ин чизро метавон бармало дид.

Дуруст аст, ки барои таҳлилу тадқиқи пурраи ин ҳамосаи беназир як ниҳоди «Шоҳномашиносӣ» барои кишварҳои ҳамзабон ва ҳамсуд, ки «Шоҳнома» таърихи эшонро дар саҳифаи таърих баркашидааст, зарур меафтад. Ин ниҳод бояд «Шоҳнома»-ро аз ҷиҳати забон, адабиёт, бадеият, таърих, мардумшиносӣ, психологӣ, фалсафӣ ва ғ. тадқиқ кунад ва он асарҳое, ки дар дунё ба «Шоҳнома» бахшида шудаанд, дар як куллиёт гирд биорад. Албатта, дар саргаҳи ин ниҳод бояд кишвари пурқудрате мисли Эрон биистад, то бузургтарин мероси адабии ниёгон – «Шоҳнома» дар оянда чун моли кишвари Эронзамини бузург талаққӣ гардад.

Муҳаммадамини Риёҳӣ яке аз вижагиҳои «Шоҳнома»-ро дар эҷозаш он медонад: «Нахустин вижагии «Шоҳнома» эҷозаш ба ҳадди эҷоз аст… (с. 233) Дар васфҳои «Шоҳнома» ҳам эҷоз тавъам ба содагиву равшаниву расоӣ ба ҳадди камол аст» (с. 236). Албатта, ин сухан дар тақвияти ҳамон мисраи машҳури муаллифаш номаълум аст, ки Фирдавсиро паямбари авсоф номида. Чаро ки паямбар бе эҷоз ё муъҷиза чӣ паямбарест?

Мавзӯи забон ва мардумшиносӣ (этнолингвистика) дар «Шоҳнома» аз мавзӯъҳоест, ки камтар аз дигар соҳаҳо мавриди тадқиқ қарор гирифтааст. Он чи дар «Шоҳнома» тадқиқ шудааст, бештаринашон адабиётшиносианд, ки дар онҳо ҷо-ҷо аз таъриху фарҳанг ва расму ойин низ ёд шудааст.

Чун майдони сухан васеъ аст, хоса агар майдони «Шоҳнома» бошад, дар ин мақола кӯшидем, атрофи феъли «пӯшидан» ва вожаҳои аз он сохташуда чизе бигӯем. Дар «Шоҳнома» феъли пӯшидан дар шаклҳои пӯшид, бипӯшид, бозпӯшид (ҳамагӣ феъли замони гузашта), пӯшад, бипӯшанд (аорист), пӯшида(гон), пӯшиданӣ (сифати феълии замони оянда, ки исм шудаанд), пӯшиш (исми ашё), пӯшидагон, пӯшидарӯён, рӯйпӯшидагон (исми занона), пӯшидарух, сияҳпӯш, палангинапӯш, жандапӯш (сифат) ва ғ.

Феъли гузарандаи пӯшид, ки саволи чиро? талаб мекунад, ба ашёе нигаронида шудааст, ки аксар маврид он либос аст. Таъсиру ҳаракати амал, яъне пӯшидан ба либос аз феъл сарчашма дорад. Чун асоси замони ҳозираи пӯш бо пасванди -ид ба асоси замони гузашта табдил меёбад, нишондиҳандаи давраи аввали ташаккулёбии феълҳое, аз қабили дав+ид, дарав+ид, хавид (хобид), шунав+ид (ва баъд шун-ид) аст. Аммо феълҳое, аз қабили рав-рафт, гӯй - гуфт, паз - пухт ин давраро пештар гузаштаанд.

Бо назардошти гузарандагии феъли пӯшид, ки хоҳ-нохоҳ ҳузури либосро дар ҷумла таъмин мекунад, мавзӯи баррасишаванда аҳамияти муҳим дорад. Масалан, дар ин матн, ки ғурури Рустам дар набард бо Афросиёб тасвир ёфтааст, ифодаҳои пӯшок, мисли **чӣ пӯшад?, банди камаргоҳ, хафтон сиёҳ, зи оҳан кӯлоҳ** ва ғ. аҳамияти кам надоранд:

Ки пури Пашанг он бадандеша мард
Куҷо ҷой гирад ба рӯзи набард?
Чӣ пӯшад, куҷо барфарозад дурафш,
Ки пайдост тобон дурафше бунафш?
Ман имрӯз **банди камаргоҳ**и ӯй
Бигирам, биёрам кашонаш ба рӯй.
Бад-ӯ гуфт Зол, эй писар, гӯш дор,
Як имрӯз бо хештан ҳуш дор,
Ки он турк дар ҷанг нараждаҳост,
Дамоҳанҷу дар кина абри балост.

Дурафшаш сиёҳ асту **хафтон сиёҳ**,
Зи оҳан-ш соид в-аз оҳан кӯлоҳ.
Ҳама рӯйи оҳан гирифта ба зар,
Дурафши сияҳ баста бар хӯд-бар 2-19.

Дар байтҳои поён феъли пӯшидан вожаи силоҳро, ки маънии асбоби ҷангиро низ дорад, мушаххас чун либос пеши рӯ меорад. Таркиби зи оҳан ва муайянкунандаҳои гарон ва набард дар ибораҳои **силоҳи гарон ва силоҳи набард** ба маънии пӯшоки ҷангӣ будани онҳо ёрӣ расонидаанд:

Бифармуд, то номвар меҳтарон
Бипӯшанд з-оҳан силоҳи гарон 2-15.
Бипӯшид Рустам силоҳи набард,
Чу пили даманда барангехт гард 2-16.

Бояд гуфт, ки дар асар имолаҳои салеҳ, силеҳ ва силоҳ ҳамагӣ вомехӯранд, ки дар таъмини вазну қофияи шоҳасар шоир аз онҳо фоида бурдааст:

Бипӯшид Қоран силеҳи набард,
Чу боист, кори сипаҳ рост кард 1-431.
Бад-он то бипӯшанд гурдон салеҳ,
Ки бар мо сар омад нишоту мазеҳ 2-193.

Дар байтҳои поён таркиби **ҳар гуна соз** ҷавобгӯйи саволи чиро? ба феъли гузарандаи **бипӯшид** буда, таркиби **ба тан** барои ҳамчун либос фаҳмидани **ҳар гуна соз** ёрӣ расонидааст. Муайянкунадаи **набард** чун либоси размӣ будани ин соз кӯмак намудааст. Яъне, дар тавсифи шоир ҳеҷ калимае тасодуфӣ нест, балки барои таъмини маънои комили либоси қаҳрамон нақш бозидаанд:

Ситоиш чу кард он яли сарфароз,
Ба тан боз пӯшид ҳар гуна соз 2-99.
Дамон Зол **пӯшид сози набард**,
Бар асп андаромад ба кирдори гард 1-441.

Ҳамин тариқ, феъли гузарандаи пӯшидан дар паҳлӯи худ ҳамеша объекти бавоситаро гунҷонида, ба либосҳои гуногун ишора дорад. Чунончи, объекти бевосита ҷавшан –либоси оҳанӣ (бранжилет):

Бипӯшид пас **ҷавшани корзор**,
Ба Рахши даманда бароварда бор 2-157.
Чу огаҳ шуд аз кори лашкар Ҳаҷир,
Бипӯшид ҷавшан ба кирдори шер 2-231.
Ба рӯйи дижам гуфт бо Бормон,
«Ту **ҷавшан бипӯш**у ба зеҳ кун камон! 1- 416

Хафтон – либоси оҳании ҷангӣ, ки аз ҷавшан бо қатънашаванда буданаш фарқ мекард:

Бипӯшид Сӯҳроб **хафтони ҷанг**,
Нишаст аз бари ҷармаи нилранг 2-275.
Бипӯшид Сӯҳроб **хафтони разм**,
Сараш пур зи разму дилаш пур зи базм 2-3.

Диръ (як навъ либоси ҷангии оҳанӣ):

Бипӯшид диръи саворон ба ҷанг,
Набуд андар он кор ҷойи диранг 2-234.
Яке диръ пӯшид Золи далер,
Ба ҷанг андаромад ба кирдори шер 1- 442.

Умуман, либоси оҳан ифодагари воқеияти майдони разм:

Ба оҳан саросар **бипӯшид тан**,
Бад-он то надонад кас аз анҷуман.1-117

Бабри баён – либоси махсуси Рустам, ки аз чарми ҳайвони тездав – бабр омода шуда буд:

Бипӯшид бабру бароварда ёл,
Бар ӯ офарин хонд бисёр Зол 2-66.
Таҳамтан **бипӯшид бабри баён**,
Нишаст аз бари жандапили жиён 2-193.

Ҷомаи туркӣ ё турквор – ифодагари фарқияти ҷуғрофӣ:

Таҳамтан яке **ҷомаи турквор**
Бипӯшиду омад ниҳон то ҳисор 2-270.

Палангина – либосе аз чарми паланг:

Сари тахту бахташ баромад зи кӯҳ,
Палангина пӯшид худ бо гурӯҳ 1- 44.

Чармӣ паланг:

Бипӯшид танро ба чармӣ паланг,
Ки ҷавшан набуд он гаҳ ойини ҷанг 1-46.

Чармӣ пӯяндагон – чорпоён:

Бад-ин гуна аз **чармӣ пӯяндагон**
Бипӯшид болоӣ гӯяндагон 1-53.
Ҳаме **чарм пӯшад ба ҷойи ҳарир**,
Мазад гӯшт ҳангоми пистони шир 1-246.

Чармӣ оҳангарӣ, ки дар пеш мебастанд:

Аз он **чарм, к-оҳангарон пушти пой**
Бипӯшанд ҳангоми захми дарой 1-98.

Қабои паҳлавонӣ – ифодагари гуногунии муродифот дар асар:

Танашро яке **паҳлавонӣ қабой**
Бипӯшиду аз кӯҳ бигзорд пой 1-242.

Чунонки аз мисолҳо бармеояд, феъли гузарандаи бипӯшид бавуҷудоварандаи объекти бевосита (пӯшок) гашта, дар навбати худ маънии он чун либос ашёро муаррифӣ мекунад. Дар асар вожаи умумиистеъмолии **пӯшид** на танҳо ба либоси бадан, инчунин ба кӯлоҳу пойафзол (мӯза) низ нигаронида шудааст.

Бипӯшид, чун хушк шуд **хӯд**у бабр,
Гиё кард бистар ба сони ҳизабр 2-82.

Бипӯшид аз он пас **ба миғфар сараш**,
Биёмад бари номвар лашкараш 2-123.

Ҳатто дар маънии аслӣ болои чизеро маҳкам кардан ё пӯшидан дида мешавад:

Саропардаву хайма зад бар ду мил,
Бипӯшид гетӣ ба наълу ба пил 2-268.

Ҳарчанд дар баъзе маворид таркиби бар сар ниҳод низ чу муродифи пӯшид ҷойи худро мегирад. Он низ чун феъли гузаранда ба объекти бевосита тарк(г)у миғфар нигаронида шудааст:

Бипӯшид хафтону **бар сар ниҳод**
Яке **тарки чинӣ** ба кирдори бод 2-234.
Зиреҳрову хафтон бипӯшид шод,
Яке **тарги румӣ ба сар барниҳод** 2-288.

Ба по (кардан) чун як амали марбути пӯшиши пой ба дарки маънии сарулибос ёрӣ расонидааст:

Зи зар афсарон бар сари майгусор,
Ба пой-андарун кафши гавҳарнигор 8-273.

Ва баръакс аз пой берун кашидан низ:

Ҳамон **мӯза аз пой берун кашид**,
Ба зорӣ ба мижгон зи дил хун кашид 7-15.

Феъли **бастан** низ чун амали пӯшидан марбути объекти бевосита, яъне камар ё камарбанд аст:

Бизад дасту пӯшид бабри баён,
Бубаст он каёнӣ камар бар миён 2-290.

Дар аксари мисолҳо феъли пӯш бо пасванди -иш исми нав – **пӯшиш** сохтааст, ки маънии умумии либосро дорост:

Ҳуру хобу ороматон аз ман аст,
Ҳамон **пӯшиш**у коматон аз ман аст 1-65.
Севум раҳ ба хоб андаромад сараш,
Зи бабри баён дошт **пӯшиш** бараш 2-76.
Ҳамон **пӯшиш** аз ҷомаи нобурид,
Ки андар ҷаҳон онҷунон кас надид 2-470.

Имрӯз ин вожа серистифода нест. Ҷойи онро калимаи арабии либос иваз кардааст. Ҳарчанд раванди ташаккулёбии либос дар худи «Шоҳнома» батафсил баён шудааст, ибтидо чун вожаи умумиистеъмолӣ пазируфта шудани муродифи **пӯшиш** дар бартарӣ бар дигар муродифот (масалан, бар вожаи арабии **либос**) аз тарафи шоир аҳамият дорад:

Пас аз пушти мешу бара пашму мӯй
Буриду ба риштан ниҳоданд рӯй.
Ба кӯшиш аз он кард **пӯшиш** ба ҷой,
Ба густурданӣ ҳам буд ӯ раҳнамой 1-55.

Бартарӣ додани вожаи аслӣ бар вожаи арабӣ дар шоҳасари безавол ҳар лаҳза мушоҳида мешавад. Шоир аз асоси замони гузаштаи пӯшид бо пасванди -ан масдари

пӯшидан ва аз масдар тавассути пасванди -ӣ сифати феълии **пӯшиданӣ** сохтааст, ки ҳаммаънои пӯшиш аст:

Ҳама кори мардум набудӣ бабарг,
Ки **пӯшидани**шон ҳама буд барг 1-51.
Аз ӯ андаромад ҳаме парвариш,
Ки **пӯшиданӣ** нав буду нав буд х(в)ариш 1-44.
Зи **пӯшиданӣ**, ҳам зи оганданӣ
Зи ҳар сӯ биёвард оварданӣ 2- 349.
Дигар чорпоёни дӯшиданӣ,
Зи густурданиву зи **пӯшиданӣ** 1-342.
Зи **пӯшидани**ву зи густарданӣ,
Зи ҳар чиз, к-он бошад оварданӣ 1-393.

Дар мисолҳои боло сифати феълии пӯшиданӣ дар шафати калимаҳои ҳамсони худ мисли оварданӣ, густурданӣ, огандан, дӯшиданӣ маънӣ равшан намудааст. Овардани инҳо нишони серистифода будани чунин тарзи вожасозӣ дар замони шоир аст.

Бояд гуфт, ки психологияи он ки зан бояд рӯяш пӯшида бошад ва аз номаҳрам бо пӯшидани баданаш фарқ кунад, дар сохтани ҷинсият аҳамият дорад. Аҳамияти психолингвистӣ, ки як ҷузъи этнолингвистика аст, дар ин мисолҳо ошкор аст. Чунончи, сифати феълии пӯшида субстантиватсия шуда,чун исм рақами ду гирифта, ба маънии **зан** пеши назар меояд:

Зи тухми каён мо **ду пӯшида пок**,
Шуда ром бо ӯ зи бими ҳалок 1-109.

Сифати феълии пӯшида баъди исм шуданаш дар калимасозӣ бо решаи рӯ ва пасванди ҷамъсози -он, -гон исми нави пӯшидарӯён ва пӯшидагон сохтааст, ки маънии занонро ифода мекунанд:

Зи **пӯшидарӯён** яке Шаҳрноз,
Дигар моҳрӯе, ба ном Арнавоз 1-78.
Бирафтанд **пӯшидарӯён ду хайл**,
Иморӣ яке дар миёни ҷулайл, 2-149
Куҷо аз паси парда **пӯшидарӯй**
Се покиза дорӣ ту, эй номҷӯй 1-132.
Ҷу Судоба **пӯшидагон**ро бидид,
Ба тан ҷомаи хусравӣ бардарид 2-149.
Паси парда **пӯшидагон**ро бубин,
Замоне бимон, то кунанд офарин 2-356.

Ҷолиб он аст, ки шоир ба як шакл қонеъ нашуда, шакли баръакси пӯшидарӯй – рӯйпӯшидаро низ овардааст:

Гирояндаи меҳру пайванди ту,
Ба **се рӯйпӯшида** фарзанди ту 1-133.
Ҳама **рӯйпӯшидагон**ро ба меҳр
Пур аз хун дил асту пур аз об чеҳр 2-355.

Шаклҳои пӯшидарух ва рӯйпӯшида низ чун ифодагари ҷинсият ба маънии занон ё маҳрам дида мешаванд. Вожаи мураккаби худсохтаи Фирдавсӣ **дайҳимҷӯй** дар муқобили **пӯшидарух** - духтарон ба маънии писарон омадааст:

Се пӯшидарухро се дайҳимҷӯй
Сазо дар сазо кор бегуфтугӯй 1-132.

Дар забон каманд калимаҳои мураккабе, ки ба таври баръакс маъмул бошанд. Масалан калимаҳои мураккаби китобхона, ҷавонмард, навруста ё дайҳимҷӯйро наметавон баръакс хонакитоб, мардҷавон, рустанав ё ҷӯйдайҳим гуфт. Аммо баъзе вожаҳои мураккабе, ки аз қолаби исм + сифати феълӣ ва исм + сифат сохта шудаанд, ба таври баръакс низ дар истифодаи мардум қарор доранд, ки ҷолиб аст. Сеҳри ин вожасозӣ дар исмҳои ифодагари узви инсон мисли чашму рӯву мӯву сар нуҳуфтааст. Мисли, сияҳсар – сарсияҳ, сиёҳрӯ – рӯсиёҳ, чашмтанг –тангчашм, сиёҳчашм - чашмсиёҳ. Гарчанде вожаи сафедҷомагон (шӯриши сафедҷомагон) ба таври ҷомасафед низ дар шеъри Бозор Собир корбаст шудааст:

Аз **ҷомасафедон**ем,
Ҳар ҷома намепӯшем.

Бояд гуфт, ки калимасозии тарзи рӯйпӯшида ва пӯшидарӯй нодир буда, аз килки сеҳрангезу вожасози Фирдавсӣ шоридааст:

Сӯйи **рӯйпӯшидагон**и сипоҳ
Сипоҳе фиристод бемар ба роҳ 1-428.

Чу **пӯшидарӯён**и эронсипоҳ
Асирон шаванд аз бади кинахоҳ 1-430.

Баъзан, сифати мураккаби исмшудаи афсарвар – духтар дар муқобили тоҷвар – писар низ чун воситаи ифодаи ҷинсият аз тарафи шоир гаштааст:

Се афсарвар аз пеши **се тоҷвар**
Рухоншон пур аз хай зи шарми падар 1-141

Дар ифодаи маҷозии **бипӯшид бар тан либоси кафан** маънии мурдан дар воқеоти асар аҳамияти ҷангномаро таъмин намудааст:

Баровехт Алкӯс бо пилтан,
Бипӯшид бар тан либоси кафан 2-204
Валекин на пурмоя ҷон асту тан,
Ҳамон хор гирам, **бипӯшам кафан** 1-281

Ва баръакс, дар тасвири шоир **аз нур пироҳан пӯшидани замин** ин маънии рӯз шуданро дорад:

Замин пӯшад аз нур пироҳано,
Шавад тирагетӣ бад-ӯ равшано! 1-30

Аммо ойини азодорӣ низ аз тасвири шоир берун намондааст. Чунончи, ойини ба тобут ниҳодани мурда:

Бипӯшид бозаш ба дебои зард,
Сари тангтобутро сахт кард 2-334.

Ё ки дар марги Суҳроб ҷомаи нилгун пӯшидан:

Бипӯшид пас ҷомаи нилгун,
Ҳамон нилгун ғарқ гашта ба хун 2-340.

Аммо ифодаи **бипӯшонамаш ҷавшани лолагун** ё **ҷомаи хун** маънии маҷозии таҳдиди куштанро дорад:

Агар дар набарди ман ояд кунун,
Бипӯшонамаш ҷавшани лолагун 1-200.
Бигӯй он чӣ донию ҷонро бикӯш,
Ва ё **ҷомаи хун ба тан-бар бипӯш**»1-332.

Баъзан, маънии аслӣ ба маҷозӣ омехта ба назар мерасад. Кас наметавонад ҷудо кунад, ки ин аслӣ аст ё маҷозӣ:

Бипӯшед ҷавшан ҳама кинаро,
Бисозед нав кини деринаро 1-449.

Ифодаи **чодари озмандӣ пӯшидан** низ духура (ҳам аслӣ ва ҳам маҷозӣ) дар мисраъҳои пандомези шоир ба назар мерасад:

Аё донишӣ марди бисёрҳуш,
Ҳама **чодари озмандӣ мапӯш**,
Ки тахту кӯлаҳ чун ту бисёр дид,
Чунин достон чанд хоҳӣ шунид 1-446.

Маънии аслии пӯшидани ҳар чизе хоҳ бадан аст ё ашёи дигар рафта-рафта маънии маҷозиро ба вуҷуд овардааст. Яъне, пӯшида маънии роз ё сирро низ дорад. Гарчанде ки дар байти поён вожаи бараҳна далел бар он аст, ки пӯшидани маҳз бадан (яъне либос дар маънии аслӣ) дар ташаккули маънии маҷозӣ саҳм дорад:

Фиристода чун посух овард боз,
Бараҳна шуд он рӯйпӯшида роз 1-153.
В-аз он кӯдакон низ бисёр гуфт,
Ҳаме дошт пӯшида андар нуҳуфт 2-379.
В-ар эдун, ки ин роз дорӣ зи ман,
Кушода ба ман-бар бипӯшӣ сухан 2-284.

Калимасозӣ бо асосҳои замонии феъли пӯшидан бисёр вожаҳои нодирро ба вуҷуд овардааст, ки ғановати забони ноби тоҷикиро нишон медиҳад. Масалан, бо роҳи мураккабшавӣ бе ягон воситаи грамматикӣ вожаҳои рӯйпӯшида, пӯшидарӯй, сияҳпӯш, палангинапӯш, жандапӯш сохта шудаанд, ки дорои маъниҳои вижа буда, дар воқеаҳои асар маъниро комил гардонидаанд:

Бари тахти ман тохтандӣ савор,
Сияҳпӯшу найзаварон сад ҳазор 2-407.
Якояк биёмад хуҷаста суруш
Ба сони парие **палангинапӯш** 1-46.
Зи фармон сар озодаву **жандапӯш**,
Зи овози беғора осуда гӯш 1-60.

Ҳамин тариқ, таҳқиқи осори Фирдавсии бузург аз диди забоншиноҳтӣ, махсусан калимасозӣ ва семантикӣ аҳамияти муҳим дошта, мисраъҳои дар боло овардашуда шоҳиди ҳоланд.

А Д А Б И Ё Т

1. Анварӣ С. Вожаҳои низомӣ дар «Шоҳнома» / С Анварӣ. - Душанбе: Маориф, 1994. -118 с.
2. Афсаҳов А. Таҳқиқи «Шоҳнома» дар Эрон / А Афсаҳов //Садои Шарқ, 1977. -№9. -С. 145-148.
3. Мухтор Шокир. Ҷаҳон «Шоҳнома» мехонад / Шокир Мухтор //Садои Шарқ, 1990. - №11. -С.127-132.
4. Набиева Г.В. Инкишофи лексикаи сару либос / Г.В. Набиева // Забоншиносии тоҷик. -Душанбе: Дониш, 1980. -С.39-48.
5. Нудӯшан Муҳаммад Алии Ислом. Сарви сояафкан / Нудушан Муҳаммад Алии Ислом. -Теҳрон, 1369. -174 с.
6. Риёҳӣ Муҳаммадамин. Фирдавсӣ / Муҳаммадамин Риёҳӣ. -Душанбе: Бухоро, 2012. -339 с.
7. Фирдавсӣ Абулқосим. Шоҳнома (иборат аз 9 ҷилд) / Абулқосим Фирдавсӣ. -Душанбе: Адиб, 1987-1991 (Ҳамин нусха чопи электронӣ – 10 ҷилд).
8. [Захираи электронӣ]. http://cheloveknauka.com/v/56432/d?#?page=7

СЛОВА ОБОЗНАЧАЮЩИЕ ОДЕЖДУ В «ШАХНАМЕ»

Лексический состав и лексико-грамматические особенности языка «Шахнаме» великого Фирдоуси являются богатейшим источником развития современного таджикского литературного языка. Его исследование способствует восстановлению и эффективному исследованию особенностей периодов развития таджикско-персидского языка. Фирдоуси в своих сочинениях находит разнообразное применение различной лексики. В данной статье автор рассматривает слова, обозначающие одежду в «Шахнаме» Фирдоуси.

Ключевые слова: лексико-грамматические особенности языка «Шахнаме», язык Фирдоуси, обогащение лексики, изучение языка «Шахнаме», слова обозначающие одежду в «Шахнаме».

WORDS DENOTING CLOTHES IN "SHAHNAME"

Lexical structure and lexico-grammatical features of the language of "Shahnameh" the great Ferdowsi are the richest source of the development of modern Taiik literary language. His research contributes to the restoration and effective investigation of the features of periods in the development of Taiik-Persian language. Ferdowsi in his writings finds many uses different vocabulary. In this article the author considers the words for clothes in "Shahname" Ferdowsi.

Kev words: lexical and grammatical features of the language of "Shahnameh". language Ferdowsi, enrichment of vocabulary, language learning "Shahname", words denoting clothes in "Shahname".

Сведения об авторе: ***С. Исматов*** – кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикского языка и методики преподавания таджикского языка и литературы ТНУ. Телефон:**918-67-92-64**

ИСТИЛОҲОТИ СОХТМОНӢ ДАР ШЕВАИ ҶАНУБӢ ВА ҶАНУБИ ШАРҚӢ

Сахидод Хоркашев
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Истилоҳоти марбут ба хона ва хонасозӣ як қабати муҳими лексикаи шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқиро фаро гирифтааст. Ҷиҳати сохтани хона сокинон аз масолеҳи зиёде истифода мекунанд. Қисме аз масолеҳ аз хоку лой, қисми дигар аз чӯбу оҳан иборатанд. Ин масолеҳ аз пойдевор то болопӯш номҳои гуногун доранд, ки бо калимаҳои зиёде ифода мегарданд ва бархе содаю қисми дигар аз тарафи худи онҳо сохта шудаанд. Дар силсилаи ин калимаҳо барои бунёди вожаҳои нав лексемаҳои умумихалқии **девол**, **дар**, **сътъм**, **рав**, **сар** ва ғайра нақши асосӣ доранд. Ҳангоми сохтани анвои хона калимаи **хона//хуна** серистеъмол ва фаъол буда, беш аз 55 вожа сохта, дар калимаҳои мураккаби **оғилхуна, ганҷурхуна//ганҷулхона, лалхуна, аловхуна, тапакхуна, хасхуна, меҳмунхуна, сабабхуна, қушхона, таҳхуна, каҳхуна, севхуна** ва ғайра [1] чун унсури асосӣ мебошад, аммо барои бунёди истилоҳоти хонасозӣ вожаи **хона** фаъол ва серистеъмол нест. Дуруст аст, ки бо истифода аз пасвандҳои шаклсози -ак ва -ча лексемаҳои **хунаҳак** (Вқ.) ва **хунача** (Қ.) сохта шудааст, ки шакли тасғири **хуна** мебошанд, на ҷузъе аз хонасозӣ. Барои ифодаи хона калимаҳои **кулба**, **вайруна, чордеволӣ//чордевола** (Вқ., Қ., Ванҷ) ҳам ба таври маҷоз истифода мешавад: ай ҳаму чордеволиҳои кӯҳна кӯлух овардъм (Нӯш.). Дар шеваи ҷанубӣ шарқӣ барои ифодаи хонаи қадимӣ вожаи **катахуна** истифода мешудааст, вале имрӯз аз он навъи хонаҳо намесозанд. Доир ба ин навъи хонаҳо дар китобҳои

[1] Доир ба хусусиёти лексикӣ, муродифот ва ҳудуди интишори калимаи «хона» муфассалтар ниг.:

"Таджики Каратегина и Дарваза" (1966) ва «Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ» (1980) маълумот дода шудааст.

Ғайр аз ин, дар қолаби ибораи **чуву чахси хунадозӯ, чахси хунароскънӯ** (Вқ.) ва дар вожаи мураккаби **чувчахт** (Роғ) «чӯбу чахс» барои ифодаи номи умумии масолеҳ ва ё маводи бинокорӣ истифода шуда, дар таркиби **хунавъ дар** чун ифодагари исми умумии макони зист меояд, ки аз шакли адабии **хонаю дар** маншаъ гирифтааст. Барои ифодаи макони зист дар форсии миёна «хону мон» истифода мешуд, ки муродифи хонаву кошона аст (Саймиддинов, 2001, 87). Дар байни ин калимаҳо пайдоиши морфемаи **чахс** номаълум мемонад, зеро дар луғатномаҳои мавҷудаи «Фарҳанги забони тоҷикӣ» (ФЗТ, 1969), «Фарҳанги тоҷикӣ ба русӣ» (ФТР, 2006), «Фарҳанги санскрит-форсӣ» (ФСФ, 1375), «Фарҳанги эронии бостон» (ФЭБ, 1326), «Фарҳанги рӯзи сухан» (ФРС, 1383), «Фарҳанги форсӣ ба русӣ» (ФФР, 1983), «Ғиёс-ул-луғот»(ҒЛ, 1987), «Чароғи ҳидоят» (ЧҲ,1992), «Фарҳанги яғнобӣ-тоҷикӣ» (ФЯТ, 2008) ва ғайра ишорае роҷеъ ба ин вожа мавҷуд нест.

Маводи дасти мо далолат бар он мекунад, ки истилоҳоти хона ва хонасозиро дар шеваи ҷанубӣ ва ҷанубӣ шарқии забони тоҷикӣ ба гурӯҳҳои зерин ҷудо карда, баррасӣ намоем:

1. Воҳидҳои луғавии вобаста ба девор ва лойкории хона.
2. Воҳидҳои луғавии марбут ба чӯбкориҳои хона.
3. Воҳидҳои луғавии марбут ба дохил, атроф ва болои хона
4 .Анвои чароғ ва шамъ.
5. Воҳидҳои луғавии марбут ба атрофи ҳавлӣ.

1. Воҳидҳои луғавии вобаста ба девор ва лойкории хона. Таркиби луғавии шева аз тариқи истилоҳоти марбут ба хона хеле инкишоф ёфтааст, зеро дар баробари инкишофи соҳаҳои гуногуни ҳаёт тарзи зисту зиндагии мардум низ ба тағйирот дучор мешавад. Дар тӯли қарнҳо тарзи хонасозӣ ташаккул ёфта, бо худ истилоҳоти тозаеро ба вуҷуд овардааст. Барои хона сохтан масолеҳи зиёде лозим аст, ки ҳар кадом бо истилоҳи хос баён мегардад. Калимаҳои ифодакунандаи ин гурӯҳ, асосан, аз забони адабӣ ва дигар шеваҳои забони тоҷикӣ истифода мешаванд. Дар робита ба истилоҳоти ин соҳа дар асарҳои чопшудаи муҳаққиқони гуногуни шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ (Неменова, 1956; Расторгуева, 1963, Вып.5; Розенфельд, 1953, 1956, 1960, 1963, 1964, 1982; Таджики Каратегина и Дарвеза. 1966; Ҷӯраев, 1980; Ҷалолов. 1967; Джураев. 1992) мавод ва фикру андешаҳои хубе дастрас кардан мумкин аст. Махсусан, дар китоби бунёдии «Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ» (1980) профессор Ғ.Ҷӯраев роҷеъ ба истилоҳоти хонаю хонасозӣ, ҳавлӣ ва истилоҳоти марбут ба он, бо баррасии андешаҳои муҳаққиқони дигар, роҷеъ ба худуди интишор, тарзи ташкил, истифодаи вариантҳои онҳо тадқиқоти боарзише анҷом додааст.

Дар ташаккули лексикаи ин гурӯҳ ва, умуман, гурӯҳҳои мавзӯии марбут ба шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ вожаҳои сода нақши калон доранд. Аввал ин ки, онҳо бо мавҷудияти худашон маъниҳои зиёдеро баён карда, серистеъмолу омоним шуда, хазинаи синониму антонимҳоро мукаммал мегардонанд. Баъдан, барои сохтани калимаҳои мураккаб заминаи асосӣ шуда метавонанд. Вожаҳое, ки ба зербинои хона тааллуқ доранд, аз роҳи факки изофат ба вуҷуд омадаанд ва ҷузъҳои асосӣ калимаҳои содаи **по//пой, та//таҳ** мебошанд: **пойдевол // подевол** (Вк.,Қ.,); **таҳдевол// тӓдевол** (Лахш, Шуг., Мис.); **таҳдеволӯ** (Қ.), **тӓдеволӯ** (Вқ., Шк.); **таҳкърсӯ** (Лахш, Мт.) таҳқурсӣ, пойдевор.

Барои ифодаи зербино дар шеваи ҷанубӣ морфемаи **бълуна** мавҷуд аст: мо мардум бълуна мекаем, йа тъвақ нун мекаем-у чиғ мезадем, ҳашаракио-ра. Ин вожа дар шеваи ҷанубӣ шарқӣ дар шакли **бълно** истифода мешавад: девол-а дар болои бълно сар карем (Ванҷ.) Дар ин шева вожаи **бълно** бо феълҳои **дохтан** ва **кандан** истифода мешвад; бълно дохтас-ъ оли девол-ш-а сар накараст анъз (Ванҷ); хунасозкън шийем ҳавали дов **бълно** меканем (Ванҷ.). Калимаи **бълуна** дар шеваи ҷанубӣ ба ду маъно: таҳқурсӣ; маросими хайру сахо ба муносибати хонасозӣ истифода мешавад **(**Маҳмудов, Ҷӯраев, 1997, 74). Маънии дуюм дар шеваи ҷанубӣ шарқӣ бо вожаи **бълноканун** баён мешавад: йак гов дар вахти бълноканун мекъшан (Дарвоз). Аз ин ҷиҳат, ба хулосае омадан мумкин аст, ки асоси **бълно** вожаи бунйод аст ва маънии асосро доро мебошад.

Масолеҳе, ки дар пойдевор истифода мешавад асосан санг аст ва солҳои охир аз семент ҳам истифода мекунанд. Ин аст, ки вожаи **сангчинӯ** (Қ.) чидани санг дар пойдевор; **симин //симен** (Вқ., Шк., Қ.) семент ҳам маъмул аст: таҳдеволӯ-ш симин бъд-ъ боло-ш ғиштин (Дд.). Бо вожаи **симен** исми амал низ сохта шудааст: ай бойистайи **сименрезӯ** бехи девол-а мекован (Ҳак.).

Вожаҳои таркибан содаи **кълух//кълъх// кулух, қъръм// қъръмб, санг, пахса, чим** ва ғайра баёнгари масолеҳи гуногуни хонасозӣ буда, дар ташаккули гурӯҳи вожаҳои мураккаб мусоидат менамоянд. Ҷиҳати сохтани як қисми калимаҳои ин гурӯҳ вожаи асосӣ **девол** бошад, дар қисми дигар вожаи **сар** асосӣ аст ва ин калимаҳои сода дар ташкили ҳамаи калимаҳои ин гурӯҳ иштирок мекунанд. Қисми зиёди ин вожаҳо хусусияти умумихалқӣ доранд ва қисми дигар хоси шеваи ҷанубӣ мебошанд. Аз ҷумла, калимаҳои **сафилдевол** (Қ.), **қъръмпохса** (Шк.), **сарсафилӣ** (Ғк.), **санчилидевол** (Қ.), **сарпачала** (Вқ., Ҷк., Шк., Дарв), **сарпичала // сарпъчала** (Қ.); **кесакдевол** (Қ.), **қъръмдевол // қъръмбдевол** (Қ.), **сардеволӣ** (Шк., Ванҷ) сардеворӣ, сархорӣ, чӯб, хор ва ё шохаҳои майдае, ки ба сари девор маҳкам мекунанд, хоси шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ бошанд, вожаҳои **кълухдевол // кълъхдевол, кулухдевол**; **пахсадевал //похсадевал**, **чимдевол** умумихалқианд. «Дар шеваи ҷанубӣ **хишдевол** ва **сангдевол** барин термимҳои мураккаби умумӣ низ истеъмол мешаванд. Вале онҳо дар ҳама маҳал баробар паҳн нашудаанд. Сабаби ин шояд дар он бошад, ки мақоми ин навъ деворҳо дар хоҷагии мардуми кӯҳистон мисли навъҳои боло нест. Аз инҳо навъи "хишдевол" тадричан ба расмият даромада истода бошад, типи "сангдевол" рӯ ба маҳдудият ниҳодааст. Навъҳои номбурдаи девор аз ҷиҳати истифода низ баробар нестанд. Масалан, **лойдевол, қъръмбдевол, похсадевол, кесакдевол, кълухдевол** ва **хишдевол** ҳам дар иҳотаи ҳавлӣ ва ҳам дар сохтмони хонаҳои истиқоматӣ истифода шаванд, **сангдевол,** асосан, дар сохтмони хонаҳои ғайриистиқоматӣ ва осиёбу обҷувозҳо ба кор меравад» (Ҷӯраев, 1980, 118).

Дар сохтани истилоҳоти ин гурӯҳ мисли забони адабӣ калимаи **сар** серистеъмол буда, дар бунёди як қатор вожаҳо чун воҳиди луғавии асосӣ фаъол аст. Дар ҳайати калимаҳои мураккаби тобеи марбут ба девор, ки аз факки изофат ба вуҷуд омадаанд, ҷузъи асосӣ аст: **сарпичала// сарпъчала**, **сарпачала**, **сарсафилӣ, сардеволӣ**. Дар ҳайати ин кадимаҳо ҷузъи **пъч//пич** ва **сафил** истифода шуда, диққати олимонро ҷалб кардааст (Неменова, 1956; Розенфелд, 1971; Ҷӯраев 1980). Аз ҷумла, муҳаққиқи лексикаи шеваи ҷанубӣ зимни баррасии истилоҳоти марбут ба «леглон» мегӯяд, ки «**пича**-аслан мӯйи ду ҷаккаи сари занон аст, ки аз тӯппӣ берун мемонад: занҳо онро одатан шона зада, ҳамвор нигоҳ медоранд. Агар зан ва ё духтаре ҷавон мурад, мегӯянд: сийаҳпичамарг шуд. Истилоҳи **пича** дар нисбати қисми паҳлуи дегдон гумон меравад, ки дар қиёси пичаи сари занон ба вуҷуд омадааст» (Ҷӯраев, 1980). Маънии аввали ин тафсир дар забони адабиёти классикӣ дида мешавад, ки чунин шарҳ ёфтааст; «печа//пича 1. зулф ва кокули пешонӣ; 2. пешонӣ; 3.номи гиёҳи печон» (ФЗТ, 1969). Дар лаҳҷаи Бухоро бо ташдиди ҳамсадои «ч» дар шакли «пичча» маъмул буда, бо он калимаҳои **пиччабанд** (рӯймолчае, ки занҳо бо он пешонаашонро мебанданд) ва **пиччасафед** (калонсол), ки хоси лаҳҷаи мазкур аст, сохта шудааст (Маҳмудов, Бердиев, 1989). Дар дигар луғатномаҳо ва адабиёти илмии марбута доир ба ин калима маълумот дарёфт карда натавонистем. Аммо мушоҳидаҳои мо нишон медиҳад, ки дар шеваи ҷанубӣ шарқӣ ҳам ба ҳамин маъниҳо истифода мешавад. Дар шеваи ҷанубӣ доираи истифодаи ин воҳиди луғавӣ хеле васеътар буда, дар гӯрӯҳҳои вахиёӣ-қаротегинӣ, кӯлобии Ҳисор, қаротегинӣ, шимоли Кӯлоб, ғарби Кӯлоб мустаъмал аст ва маъниҳои зеринро дорад: 1.гесӯвони майдабофишудаи ду ҷаккаи духтарону занон: 2. ҷаккаи сар: пашми пичоо-т-а тарош (Шк.); 3. девораи рӯйи оташдон; суфачаи паҳлуи танӯр (Ғк., Вқ.): сиҳчироғ–а да сари пича мемундем (Яр.); 4 ҷойе, ки пояҳои сандалӣ меистад (Ғк.); 5. девори ду тарафи дӯли осиё (Вқ.). Бо калимаҳои мураккаб ва ибораҳо ҳам омада, маъниҳои зеринро дорад: **сийапича//сийаҳпича** 1. сиёҳмилла, сиёҳмӯй (Вқ.); 2. *маҷ.* ҷавонмарг, ғӯрамарг (Қ.): **дари пича** (Нӯш.) даҳони танӯр; **паси пича** (Қ.) суфачаи паҳлуи оташдон.

Ба ақидаи мо вожаи **печ//пич** дар таркиби калимаҳои **сарпачала // сарпичала// сарпъчала** аз маънии аввали вожаи **пича** маншаъ мегирад ва аз рӯйи аналогия “сардевории аз хасу хошок ва майдачӯбҳо сохташуда” ва “сархори”-ро бо вожаҳои мазкур ном мебаранд. Калимаҳои мазкур дар шакли **сарпеч** (Қ., Шк.) тибқи маънои номбаршуда ҳам истифода мешавад.

Фикри донишмандон доир ба вожаи **сафил** якхела аст. Аз ҷумла, муҳаққиқи лаҳҷаҳои шимолии Кӯлоб морфемаи луғавии "сафил"-ро ба ду маънӣ меорад: 1) девори лойии атрофи хавлӣ: 2) сардеволии аз хасу хошок ва майдачӯбҳо сохташуда (Неменова, 1956, 99). Доир ба ин масъала ибдоли ҳуруф намуда, забоншинос Ғ.Ҷӯраев менависад: «ба назари мо ҳам ҷунин менамояд, ки "сафил" нисбат ба маънии дуюм дар ифодаи маънии якум маъмултар аст, зеро дар он маҳалҳое, ки калимаи мазкур ҷо дорад, гӯяндагон онро, пеш аз ҳама, бо маънии аввал шарҳ

медиҳанд. Ин андешаро ин далел таквият дода метавонад, ки дар баъзе маҳалҳо ҳамон сардеворидо бо таркиби "сари сафил" ифода менамоянд (Ҷӯраев, 1980, 119). Дар байни мардуми мо аз сафолпорахо сохтани зарфҳои гуногун хунари кадимӣ буда, бо онҳо пӯшонидани боми хонахо имрӯз хам дар баъзе мамлакатхои аврупоӣ маъмул аст. Ин аст, ки бо сафол пӯшонидани кисми болоии деворҳо барои зиннат ва аз боронҳо эмин доштани онҳо мусоидат мекард ва ин боис шудааст, ки калимаи **сафол** бо каме тағйироти савтӣ тамоми девори атрофии ҳавлӣ ва қисмати болои деворро дар шакли **сафил** («кафел» дар забони русӣ) ифода кунад: 1. девори атрофи ҳавлӣ: гърд-ъш сафил, пеш-ъш агарот (Хов.); гърди ҳавлин-а сафил мегиран (Ёз.); сари сафил бъро, ангъри зълфӯ бийор (Даҳ.); 2. девори похсагӣ бо вожаи мураккаби **сафилдевол** (Вқ.): сафилдевол мекардем Фарғона-нда (Ял.); 3. бо ибораи **сари сафил** (Вқ., Қ., Шк.) ба маънии болои девор: сари сафил бъро, ай ҳаму ангъри зълфӯ бигӯ бийор (Даҳ.). Ба маънии **сардеволӯ** калимаҳои **сархор** (Вқ., Қ.), **сархорӯ** (Вқ., Қ. Шк.), **арақчӯ** (Қ.), **качдеволӯ** (Вқ.) ва **лумбаз// лъмбаз**[2] (Вқ.), истифода мешавад: девол ҳами ки бъд шид, сархор мекънем, ки нагарда (Сам.): девол-а лумбаз мундан (Нӯш.). Девори хонаҳо зина ба зина гузошта мешавад ва ҳар қабатро аз 80 см баландтар задан хавфнок аст, зеро имкон дорад, бо сабаби намию вазнинӣ чапа шавад. Ин аст, ки ифодаҳои **деволи йакъми хуна**, **деволи дъйъми хуна**, **деволи сейъми хуна, деволи чоръми хуна** (Вқ., Шк.. Дарв.) маъмул аст: деволи йакъми хуна-ра, ки задем, дам мегирем, қоқ шава, деволи дъйъм-ша-ни ҳамӯ хел (Вқ.). Ҳамчунин, калимаҳои мураккаби **чордевола** (Ванҷ) // **чордивола** (Вқ., Қ.) **шашдевола**[3] (Лахш) барои ифодаи маънии чорпохсагӣ, шашдевора, роиҷ аст: хона-ш шашдевола бъд (Лахш); се ғънда лой каа чордевола каум (Нӯш.).

Калимаи девол ҷиҳати сохтани ибораҳои озоди синтаксисӣ ва воҳидҳои фразеологӣ ҳам истифода шудааст: **деволи пали шолӯ** (Шк.) мазраи пали шолӣ; **деволи чапарак** (Дарв., Шк.) тавораи аз шоху навдаҳо сохташуда; **деволи гаштагӯ** (Қ.) рахна; **деволи қалам** тақдир, қисмат, толеъ: и нахш-а ба (аз) деволи қалам мебинум, ай беватани-м ба хъд алам мебинум (фолк.); **девол задан //девол кардан:** девор задан, девор бардоштан: вегайӯ салқин ки шид, девол къ (Ёл).

Тавре ки зикр гардид, калимаи **девор** яке аз вожаҳои содаи ин гурӯҳ буда, дар сохтани вожаҳои марбут ба хона ва берун аз он серистеъмолу фаъол аст. Фаъолияти калимаи «девор» дар сохтани як қатор вожаҳои сохтаю мураккаб намудор мебошад. Калимаҳои сохта тавассути пасвандҳои -ӯ, -гар, -ак ба вуҷуд омада, шахс ва амалро ифода менамоянд: **деволгар //деволакӯ** (Қ.) деворзан: ийо истойи деволгар-ан, вез ай хъд-шу дига деволгар, лойгар ни нъмегиран (Ҳиҷ.); **деволгарӯ // деволкънӯ //деволзанӯ** (Дарв, Шк., Вқ) деворзанӣ: порина бе Мирзоҳайот-а деволгарӯ рафтъм (Дм.). Вожаҳои мураккаб ба шахс ва макон далолат мекунанд: **деволкън** (Ҷк.): йаке ки мардаки деволкън-а чъшм-ъш ба бача-ш меғалта (Ёл); **деволкаш** (Қ.) деворзани моҳир: да дийно ай достак-а деволкаш нес (Хм.); **деволдавак** (Шк.) *маҷ.* кӯдак, ҷавон: солойи ма деволдавак бъдъм, тъ санговдавак бъдӯ; **бардеволӯ** (Шк.)// **деволруйа** (Шк., Ғк.) пушта; бари пушта ё кӯҳ: бъзо-ра бардеволӯ ҳай кънем, чарида местан (Кан.). Дар баробари зербино ва девор истилоҳоти дигаре мавҷуд аст, ки ба лойкориҳо ва дигар банду басти хона вобаста аст. То имрӯз ин гуна корҳои марбут ба лой дар саросари минтақаи шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ мавҷуд аст. Лойкориҳо вобаста ба андоваи деворҳо ва бом мебошад. Вожаҳои ин гурӯҳ барои ифода кардани анвои лой, ашёи бо лой ҳамроҳшуда, амали бо лой анҷомшаванда, вобаста ба шахс ва ғайра аст. Калимаҳои содаи ин гурӯҳ вожаҳои умумиистеъмолии **лой** ва **гил** мебошанд, аммо **лой** дар сохтани калимаҳо назар ба **гил** унсури серистеъмол ва фаъол ба шумор меравад.

Барои ифодаи макони лой бо истифода аз қолаби маъмулии калимасозӣ вожаи **лойхона** (Шк.) истифода мешавад ва муродифи он **лойхандақ** (Вқ.) низ серистеъмол аст: лойхандақ-а пър кардем (Мт.) Панҷакаш, андоваи якуми хона тавассути ду вожаи мураккаби тобеъ, ки дар онҳо ҷузъи лой истифода шудааст, баён мешавад: **лойрез** (Вқ.) ва **лойшон** (Қ.) Вожаи **лойшон** рехта, буда, муродифи ибораи феълии «лой шинондан» аст ва имрӯз дар шакли алоҳида калимаи **шон** барои ифодаи семантикаи **нишастан** ё **шинондан** намеояд. Як силсила вожаҳое мавҷуданд, ки шахси бо лой машғулият доштаро далолат мекунанд. Онҳо низ дар қолабҳои маъмули вожасозии забони тоҷикӣ сохта шудаанд. Аз морфемаҳои луғавии сохта бо

[2] Доир ба шарҳи ин калима ниг.: Неменова 1956; Ҷӯраев 1980.
[3] Доир ба ин вожа ниг.: "Таджики Дарваза и Каратегина" 1966; ШҶЗТ, 1980.

пасвандҳои -акӯ, -гар: **лойакӯ** (Дарв.) **лойгар** (Вқ., Шк., Қ., Ҷк., Ванҷ) лойзанӣ, деворзанӣ: порина бе Мирзоҳайот-а лойгарӯ мекаем (Дм.). Бо калимаҳои мураккаби тобеъ: **лойбардор** (Қ.); **лойкаш** (Вқ.); **лойкор** (Шк., Дарв., Роғ). Асосҳои вожаҳои **лойчъқӯ** (Қ., Ванҷ); **лойкорӯ** (Роғ, Шк., Вқ.); **лойгарӯ** (Вқ., Шк., Қ., Ҷк.) ва **лойшурӯ** (Қ.) морфемаҳои луғавии **лойчъқ, лойкор, лойгар** ва **лойшур** мебошанд, ки бо пасванди -ӯ дар зинаи дуюми калимасозӣ қарор доранд.

Теъдоде аз калимаҳо барои ифодаи анвои лой, таркибу миқдор ва ашёе, ки бо он махлут мегардад, истифода мешавад. Онҳо бо калимаҳои рехта, вожаҳои мураккаб ва ибораҳо меоянд: **гуволак// гъволак** (Қ.) лойи лӯнда кардашудаи хушк; **пойшап** (Қ.) лойи часпак; **сийагъл** (Шк.)// **сийаҳгил// сийалой** (Вқ.. Ванҷ) сиёҳгил; панҷакаш: ба (баъд) йа лой кати сийаҳгъл-ъш менӯ (Лахш); **пешбелӯ** (Лахш.) миқдори муайяни лой, ки ба бели лойбуррӣ гунҷойиш ёбад; **каҳмол** (Шк.) алафҳои хушкидаи пуштаву доманаҳо, ки барои андова истифода мекунанд **лоййи бакаҳ** (Шк., Қ.) каҳгил, лойи коҳомехта: **лоййи варег** (Қ.) лойи регомехта ва ғ.

Қисме аз калимаҳои ба ин гурӯҳ шомил буда, исми амаланд: **васадаргъл // васадаргил** (Қ.) мустаҳкам намудани нӯги дастаку вассаҳо ба атрофи бом бо лой; **панчакаш** (Шк., Дарв.) андоваи ибтидоӣ, сияҳгил. Бо калимаи **лой** вожаҳои зиёде сохта шудаанд, ки берун аз истилоҳоти марбут ба мавзуъ буда, овардани онҳоро салоҳ надонистем.

2. Воҳидҳои луғавии марбут ба чӯбкориҳои хона. Дар баробари лой ва маҳсулоти аз вай сохташуда, барои хона сохтан чӯб воситаи асосии сохтумон аст. Дару тиреза, равзана, шифту бом, асосан, бо чӯб сохта мешавад. Бинобар ин, истилоҳоти ин гурӯҳ ҳам барои хазинаи луғати шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ ганҷинаҳои зиёдеро рӯйи кор овардааст. Воҳидҳои луғавии содаи зиёде мавҷуданд, ки барои тақвияти истилоҳти ин гурӯҳ заминасоз мебошанд. Муҳимтарини онҳо калимаҳои **васа // васта, рав, нигас, пориса, пъл, сътъм // сътъмб, дастак // дъстак // дастък, бом // бънг, чӯв, рӯзан, дар, ошиқ // ошуқ // ошъқ, хуна** ва ғайра мебошанд, ки дар шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ барои тамоми ҳомилони шева фаҳмо мебошанд (Неменова, 1956; "Таджики Дарваза и Каратегина", 1966; Ҷӯраев, 1980; Розенфелд, 1956, 1964). Дар байни онҳо калимаҳои **рав, пъл, сътъм, дастак, бом, чӯв, рӯзан, дар, хуна** ба истиснои ҳолатҳои савтиашон хусусияти умумихалқӣ доранд ва барои ҳамаи тоҷикон маълуманд.

Васа. Бо воҳидҳои луғавии шаклан сода калимаҳои сохта, мураккаб ва ибора-терминҳои мутааллиқ ба хона ва хонасозӣ ба вуҷуд омадааст, ки таркиби овозии онҳо моҳияти маънои онҳоро муайян мекунад. Масалан, бо вожаи **васа** калимаҳои зерин сохта шудааст, ки морфемаҳои онҳо ба семантикаи мавҷудаи лексемаҳои навбунёд бевосита алоқаманд мебошанд: **тахтаваса** (Қ., Вқ.) вассаи тахтагин; **васачъфт** (Қ.) вассаҳои зич чиндашудаи бом; **парағаваса** (Вқ., Қ.) вассае, ки аз ҳар гуна чӯбу тахтаҳои дурушт сохта шуда бошад; **буйроваса** (Ғк., Кх.) бӯрёвасса. Қисми тобеи калимаи **бурйоваса** вожаи **бурйо** ҳам яке аз аҷзои хонасозӣ мебошад. **Бурйо** аз лух бофта шуда, ба намад монанд мешавад, ки онро дар болои **васа** гузошта, баъдан хок ва баъд аз он бомро андова мекунанд.

Калимаҳои **васа//васта** ва **пъраға** бо шакли содаи сарфӣ ва дар ҳайати ибораҳо ҳам доираи васеи истеъмол доранд: васа се фирқа меша (Ҳич.); сарпачала кааст, акъ васта-ш медоза (Дм.); **васайи газӯ** (Қ.) вассае, ки аз буттаи газ тайёр мекунанд; **васайи пъраға** (Қ.) вассае, ки аз тароша иборат аст; **пъраға** (Вқ., Шк., Қ., Ванҷ)// **параға** (Шк.) параха; васса; у –ра пъраға ни мегем, васа ни (Ех.).

Рав: хуна-шун-а девол каран, тийор каран, рав боркъни-шун мунтаст (Ванҷ). Ин истилоҳи хонасозӣ дар тамоми сарзамини шеваи ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ, забони яғнобӣ (Мирзозода, 2008, 146) маъмул аст. Дар забони адабиёти классикӣ ҷиҳати ифодаи ин маънӣ вожаи **болор** (ФЗТ, 1969) истифода мешудааст. Дар китоби «Очерки по таджикской диалектологии» (Расторгуева, 1963, 164) ин вожа ба маънои асоси замони хозираи феъл омадааст. Дар китоби «Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ» доир ба калимахое, ки мавод ва ашёи чӯбии хонаи истиқоматиро ифода менамоянд, талкикот анҷом ёфта, чунин фикри чолиб кайд мешавад: «ин кабил калимахоро вобаста ба гуногунии предмет ва сохти хонахои истикоматӣ боз ба гурӯххои алохида чудо кардан мумкин аст. Аз чумла, як гурӯхи онхо ашёву предметхои болои хонаро ифода менамоянд. Хамчун: **равчув** (в-ќ.. Сарикенча), **пул// //пъл** (дар гурӯхи лахчахои Каротегин, Кӯлоб) ба маънии чӯби дарози ғафсе, ки аз байни сакфи хона гузошта, чӯбхои ду чонибро сарбасар менамоянд. **зейрав//заррав//зирав** (Кӯлоб, к-х.)-чӯбхое, ки аз болои девор гузошта мешаванд, **пъраға** (в-қ., Кулумбаи Боло), **къландък** (в-қ,,

Ёзғанд)-васса. **сартевада** (љ-к.. Доғистон)-саррағ. **ластак// лъстак** (к. к)-болор. каш (в.-к.. Нӯшор). **кумок** (к.. Дехаи Мир)- холигии байни вассаҳо, **овашк**-чӯби зери болор (Қаротегин) ва ғайра» (Ҷӯраев, 1980, 106).

Анвои **рав** бо вожаҳои мураккаб алоқаманд аст. Маънои калимаҳои мураккаб ба маҷмӯи семантикаи вожаҳои таркиби он баробар аст. Масалан, вожаи **рав** дар ҳамон ҳолат маънии “шаҳпул”-ро ифода мекунад, ки бо калимаи **сар** пайваст шавад, зеро **сар** дар тӯли таърихи забон маънои “олӣ ва ё боло”-ро дорад ва имрӯз ҳам дар забони адабӣ зимни калимасозӣ ҳамин мавқеи худро нигоҳ доштааст. Дар баробари **саррав** вожаи **шаҳпул//шäпъл** (Шк., Ванҷ, Дарв.) ҷиҳати ифодаи ин маъно роиҷ аст. Теъдоди вожаҳои мураккаби бо воҳиди луғавии **рав** сохташуда бисёр аст. Воҳидҳои луғавии мансуб ба сохтмони хона чунин аст: **саррав**: йа чуви йаққад-а лат мекънан сар-сари дъстако-да, саррав-ъш меган (Сам.); **зерав//зирав** (Шк.) зеррав: зерав-а да болой девол мемунан-у ба (баъд) лой медавонан (Дҷ.); **зиҳрав** (Қ.) чӯбҳои болои рафак; **калтарав** (Шк.) ғӯлае, ки аз зери рави хона мегузаронанд. Қолиби калимасозии **саррав** аз вожаҳои баъдӣ фарқ мекунад, зеро вай аз факки изофат ба вуҷуд омадааст ва морфемаи асосӣ дар мавқеи аввал ҷойгир аст. Бо иштироки вожаи **рав** калимаи **равчӯв** (Дарв., Ванҷ) мавҷуд буда, он се маънӣ истифода мешавад, ки ҷаҳати сермаъноии онро нишон медиҳад. 1.чӯб барои рав; 2. рав; 3.тири чарха, ки чӯби чархаи риштаресӣ ба он васл ва мустаҳкам мешавад: равчӯв ай ҳар чӯв нагарама ай чӯви рости сахт гарама (Ванҷ).

Дар силсилаи ин калимаҳо бо вожаи “сар”, ки умумиистеъмолист, лексемаҳои дигар ба вуҷуд омадаанд, ки маъноҳои зеринро доранд: **сарнигас//сарнъгас** (Кҳ., Қ.,Шк.) чӯбҳои 30-40 см. барои ҳимояи девор аз шустани борон; **сарпориса**, **сарпореса** (Вқ., Қ., Шк., Дарв.), **сарпориста** (Вқ.), **сарполиса** (Вқ., Қ.) **сарпеч** (Роғ) // **сарпачала**; **тагсарипъл** // **таксарипъл** (Вқ..К.): хамуйе. ки тайи рав-да-й. тагсарипъл-ай (Нр.). “Мушохидаи материали экспедитсияхо аз хусуси терминхои мазкур мулохизахои зеринро илко менамоянд: 1) терминхои «нигаса» ва «порeса» дар ифодаи маъно ба хам муносибати синонимӣ доранд. Чунон ки ба назар мерасад, "нигас" ё «порeса» аслан исми нӯги болорхои сакфи хонаанд. ки ба андозаи 30-40 см аз девор берун баромада меистанд. Дар акси хол сарпореса. сарипоса. сполиса. полисагузор барин ифодахои дигар ба вуҷуд намеомаданд. ки хамагӣ ба болои порeса гузошта шудани предметхои дигарро далолат менамоянд. Термини "нигаса" асосан аз доираи лаҳҷаҳои Кӯлоб шурӯъ шуда. то гурӯхи кӯлобии Хисор давом мекунад. вале “порeса" барои хамаи гурӯххои лахҷахои чанубӣ (ба ҷузъ Бадахшон) умумӣ ба шумор меравад” (Ҷӯраев, 1980, 107).

Сутун. Як қатор истилоҳот, ки барои таъмини такмили таркиби луғавӣ хизмат кардаанд бо ин истилоҳ алоқаманд мебошанд, Дар шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ ин мафҳум бо вожаҳои **сътъм//сътъмб** (Вқ., Қ., Шк., Ванҷ, Дарв.), **сътум** (Кҳ., Ғк.), ки калимаи умумихалқӣ мебошанд, ифода меёбанд. Ин воҳидҳои луғавии сода дар таркиби вожаҳои мураккаб ва ибораҳо истифода мешаванд. Дар “катахунаҳо” (ҳонаҳои қадимӣ) чанд сутун буд, ки аз рӯйи вазифаи дар сохтмони хона доштааш номгузорӣ мешуданд. Масалан, барои баёни “сутуни калони байни хона” бо истифода аз калимаи “шоҳ” (**шаҳ//шä**), ки маҷозан маънои “бузург”-ро ифода мекунад, вожаи **шаҳсътъм** // **шäсътъм** (Вқ., Ванҷ, Дарв.) тавлид шуда бошад, калимаҳои дигар вобаста ба мавқеашон сохта шудааст: **сътъми айвон** сутуни айвон (пешайвон); **сътъми саломгаҳ//салумга** (Вқ., Ванҷ, Дарв.) сутуне, ки дар мобайни хонаи истиқоматӣ ҷой гирифтааст. Дар радифи ин калимаҳо вожаи **дингак** (Шк.) ба маънои “сутуни лойин” роиҷ аст, ҳарчанд аз чӯб сохта нашудааст. Вожаи **сътъм** дар таркиби ибораҳои фразеологӣ ва узви инсон низ истифода мешавад. Ибораи **сътъми саломгаҳ** ба маънии “муҳофиз, ҳомӣ” бо гунаи **сътъми дил** // **дъл** (Вқ.) аз рӯйи семантикаи “қуввати дил” муродиф аст: во-м сътъми саломгаҳ-ай, у набоша ҳол-му ҷазир-ай (Вқ.). Вобаста ба узви инсон ибораи **сътъми бънú** // **сътъмбаки бъни** (Вқ.) дида мешавад.

Калимаи **айвон**, ки хусусияти умумихалқӣ дорад, дар забони адабиёти классикӣ бо вожаи **полкона** // **поликона** // **полгона** (дар забони русӣ “балкон”) ифода мешудааст, ки асоси тоҷикӣ дорад (ЭАСТ, 1989, 543; مسلمانیان رحیم, 1383, 26). Имрӯзҳо барои ифодаи ин маънӣ вожаи **пештоқ** мустаъмал аст. Дар лаҳҷаҳои Бадахшон ба ин маънӣ вожаи “пешвоз(ӣ)” истифода мешудааст (Розенфелд, 1971, 122).

Теъдоде аз вожаҳои ин гурӯҳ ҳарчанд бо пасвандҳои -ак//-ък, -ча шакл гирифта, бинои морфологии онҳо сохта бошанд ҳам, семантикаи воқеии онҳо аз рӯйи монандӣ ба ин ё он ашё ба вуҷуд омадааст. Аз ҷумла, барои ифодаи чӯбҳои ба қалам шабоҳат

дошта, барои устувории девор дар байни он гузошта мешавад, вожаҳои **қаламча** (Вқ) // **қаламак** (Қ.) истифода шудааст. Ҳамчунин, калимаҳои зерин аз рӯйи монандӣ бо ашёи дар асосҳо баёншуда, дар қолаби вожаҳои сохта ба вуҷуд омадаанд: **дастак// дъстак //дастък** дастак, болори иморати дуобдавадор, ки аз болои пул (рав) гузошта мешавад: дъстак ай болой пъл мунда мешава (Қал.); Дар ин силсила вожаи **къландък** аст, ки ду маънӣ дошта, ҳудуди интишораш гуногун аст. Аз рӯйи маводи дасти мо ба маънои "чӯбҳое, ки дар сар-сари девори ҳавлӣ мечинанд" дар гурӯҳи шимолии Кӯлоб ва аз рӯйи семантикаи "чӯбе, ки ба сари болор пайваст карда мешавад" дар гурӯҳи вахиёӣ-қаротегинӣ мустаъмал аст. Дар қолаби мазкур вожаи **изорак** маҷозан ба маънои "хошоке, ки бо он болои боми хона пӯшида мешавад", роиҷ аст ва ин маъно танҳо дар деҳаи "Чаврофи боло"- и гурӯҳи ҷанубии Кӯлоб ба қайд гирифта шудааст, аммо дар деҳаи Ёзғанди гурӯҳи вахиёӣ-қаротегинӣ аз рӯйи семантикаи "чӯбҳои васл дар поён ё болои сутун, ки барои мустаҳкам шудани он часпонида мешаванд" маъмул аст. Калимаи **лавнигас** дар гурӯҳи қаротегинӣ бо маънии чӯбҳои зиёдатии пеш ё ақиби хона, ки аз болору дастакҳо мебарояд, роиҷ аст. Бо ҳамин маънӣ вожаи **нигас // нъгас** дар гурӯҳи шимолӣ ва ғарбии Кӯлоб бо доштани муродифи **пориса,** барои ҳамаи гурӯҳҳо хос аст, ки дар гуфтори мардумони солхӯрда, дида мешаванд ва имрӯзҳо аз ёдҳо рафта истода, ба ҳукми архаизм медароянд: шамол сахте шид, ки нигаси бънг-а канда бурд (Кан.). Баробари ин вожаҳо, калимаи **лавмарза//ламбарза** дар минтақаи Ховалинг мансуб ба гурӯҳи шимолӣ ва вожаи **синҷ** дар гурӯҳи вахиёӣ-қаротегинӣ ва кӯлобии Ҳисор ба маънии "чӯби атрофи хона, ки дар болои девор барои мехкӯб кардани дастакҳо мегузоранд", истифода мешавад. Вожаи **лавмарза//ламбарза** дар минтақаи Ховалинг боз ба ду маънои дигар роиҷ аст: 1.марза, канорҳои баланд бардошташудаи киштгоҳ, ки вайро аз заминҳои дигар ҷудо месозад ва обашро намегурезонад; 2. гирди сарпӯшгузории даҳони чойник. Вожаи мазкур дар деҳаи Тегирмӣ мансуб ба гурӯҳи қаротегинӣ семантикаи марзаи хурдеро дорад, ки қисми болои гӯрро аз қисми поёнаш ҷудо месозад. Дар баъзе аз манотиқ ба маънии гулбанди корд низ мустаъмал аст.

Дар ва анвои он. Дар байни истилоҳоти марбут ба чӯбкориҳои хона воҳидҳои лексикии мансуб ба **дар** мавқеи махсус доранд. Ин лексемаҳо истилоҳоте мебошанд, ки барои баёни анвои **дар** ва қисматҳои он мустаъмаланд. Аз назари сохти морфологӣ онҳо сохта, мураккаб ва ибора-истилоҳ мебошанд. Дар таркиби қисме аз онҳо морфемаи луғавии **дар** иштирок мекунад, аз ҷумла: **дастаи дар, часпак, зердарӣ, болодарӣ, паҳлударӣ, тагдарӣ, зулфайн, танба, завлона**. Ин истилоҳотро ба ду гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст: 1.анвои дар; 2.аҷзои дар.

1.Анвои дарҳо. Тавре ки маълум аст, дарҳо хурду бузург, яктабақаю дутабақа, оддию маъмулӣ, мунаққаш, чӯбию шоху навдаӣ ва ғайра мешаванд. Ин хусусиятҳо зимни номгузории онҳо ба инобат гирифта шудааст. Ба вожаҳо ва маъноҳои онҳо, ки дар қолаби вожаҳои сохтаю мураккаб омадаанд, таваҷҷӯҳ шавад: **дарбача// дарбича// дарбачък** (Чк., Шк.) бо ду маънӣ: а. дарбача: ба (баъд) ай дарбача қозӯ ниго кад (Хов.); б. (Вқ.) равзан, мӯрӣ; **дарвоза** (Шк.,Дарв.) дари калони ҳавлӣ: и мълоо вағас ка дани дарвозаи Афандӯ мераван (Ёл); **дарвозахуна** (Вқ, Шк.) дарвозахона, хонае, ки дар даромадгоҳи ҳавлӣ воқеъ мегардад; **чапарча** (Чк.) даричаи аз химчаву навдаҳо сохташуда; **чапардар** (Вқ., Қ.) // **чапардарӯ** (Қ.)// **чапарешик** (Вқ.); **чапаракак** (Ғк.) дари аз шоху навдаҳои дарахт сохташуда; **ергачак//ергечек** (Вқ.) дари аз химча ё навда сохташуда, ки дар байни ҳавлии беруну дарун ё дари оғили тобистона насб мекунанд.

Бо ибораҳо ҳам чанд навъи дар баён мешавад, ки дар муайянкунандаҳои онҳо мансубият, таъинот ва шакли онҳо инъикос шудааст: **дари бағдодӣ** (Шк.. Вқ., Қ..) навъи дари кандакорӣ шуда; **дари гилкорӣ** (Каҳ.) дари нақшин; **дари дътавақа** (Шк.) дари дутабақа; **дари пича** (Вқ.) даҳони танӯр; **дари йатавақа** (Шк., Вқ.) дари яктабақа; **дари тъомълӯ** (Қ.) дари оддӣ, дари муқаррарӣ;

Дар чор тарафи **дар** чӯбҳо гузошта мешавад, ки вобаста ба тарафҳо (боло поён, бар) номгузорӣ сурат гирифтааст. Ин вожаҳо дар қолаби калимаҳои мураккаби тобеъ бо факки изофат зинаи аввали калимасозиро аз сар гузаронида, дар зинаи дуюм бо пасванди **-ӯ** сохта шудаанд. Ин аст, ки дар як вакт ба ҳам васл шудани калимаҳо ва ба онҳо илҳоқ гардидани пасвандро мушоҳида мекунем: **болодарӯ** (Вқ.Қ.) болодарӣ, чӯби уфуқии болои қолиби дар; **тордарӯ** (Қ., Вқ., Шк.) болодарӣ, қисми болоии чорчӯбаи дар: **таҳдарӯ//тӓдарӯ** (Ғк., Кҳ.) тагдарӣ, қисми поёнии чорчӯбаи дар; остонаи дар. **зиҳдарӯ** (Қ.) зердарӣ, таҳдарӣ, чӯбест, ки қисми поёнии дар ва дарвозаро аз вай мегузаронанд; **паҳлакдарӯ //паҳлударӯ // паҳлъдарӯ //**

паҳлидарӣ) // **палдарӣ** // **паҳликдарӣ** (Вқ.)// **паҳлъндарӣ** // **палинарӣ** (Шк.)// **паладарӣ** // **палударӣ** (Ғк., Кҳ.) - паҳлударӣ; **лавдарӣ** (Вқ., Қ.) чӯбест, ки дар қисми пеши як табақи дар ва дарвоза аз рӯй пайванд мекунанд, то ки вақти пӯшондан табақи дигарро нигоҳ дорад. **бардарӣ** даройи қадимина-ра бардарӣ-ш дига бъд-ъ тордарӣ-ш дига (Мӯм.).

2.Аҷзои дар. Зимни номгузории аҷзои дар афзори ба ин ашё мансусият дошта нақш дорад. Онҳо семантикаи **часпакҳо, завлона, танба, зулфайн, мурғак, дастаи дар** ва дигар қисмҳои дарро ифода мекунанд. Дар баёни часпакҳои дар калимаҳои содаю сохтаи зерин мураввaҷ аст: **часпак//часпък** (Кҳ.,Шк.)// **търбак** (Вқ., Қ., Шк.) **// ошиқъ маншуқ // маншък** (Вқ., Қ., Шк.) часпак, ошиқ-маъшуқ, асбоби филизӣ, барои пайваст кардани дару тиреза бо қолиби (чорчӯбаи) он. Барои ифодаи **танба** олати чӯбие истифода мешавад, ки барои аз пас (ақиб) бастану қоим намудани дар мустафид аст ва онро бо вожаҳои сохтаю мураккаб баён мекунанд: **паскълӣ** (Вқ., Шк.); **паслък** (Вқ.); **потъмба// пастъмба** (Шк.); **пастъмбачув** (Қ.), **пасъмбачув** (Вқ.); **пъштпойа** (Вқ.), **пърсева** (Ғк.). Калимаҳои умумихалқии зулфайн, дастқапак ва ишкел дар шакли зерин роиҷ аст: **зълфайн//зулфайн** ҳалқа дар ё сандуқ; **дъсқапак** (Вқ., Қ., Шк. Ҷк.); **шикел** (Вқ.,Шк.), **шъкел** (Кҳ.,Қ.) ишкел, завлона. Ин истилоҳ дар дарҳои дуқабата дар гурӯҳи вахиёӣ-қаротегинӣ бо истилоҳи **мърғак (**мърғак-а тордарӣ-да месихидан) ва **мърғакдарӣ** //**марғакдарӣ** баён мегардад. Вожаи **дандуник** (Қ.) ба маънои дандона, ҷузъи қулфи чӯбин, ки дар замони пеш истифода мекарданд, архаистӣ шудааст. Агар ин ҷо маънои вожа архаистӣ шуда, ба гурӯҳи архаизмҳои семантикӣ шомил шуда бошад, дар ҷойи дигар бо калимаи **кълидор** (Вқ.) ба маънои "ғалақа, қуфли чӯбин, ки калидаш низ чӯбин мешавад" мебинем, ки ҳам шайъ ва ҳам маънояш ба ҳукми архаизм даромадаанд. Дар робита ба ин, вожаҳои **кълидун** (Вқ.) **//келидун** (Вқ., Қ.)// **килидун** (Қ.) // **килидон// кълидон** (Шк., Ғк.), **кълиғдун** (Хм., Шм.) **кълибадъндуна** (Вқ.) ба маънии "калиддон; чоки берунии ғалақаҳои чӯбин, ки барои кушодани он калидро аз он ҷо андозанд; қулфу калиди чӯбин" истифода мешуданд, ки ҳоло ба ин маънӣ мустаъмал нестанд. Вожаҳои **кълидун//килидун** (Қ.) дар баробари маъниҳои боло аз рӯйи семантикаи "тоқчаи зарфгузории доирашакл" имрӯз низ дар муомилот аст.

***3. <u>Воҳидҳои луғавии марбут ба дохил, атроф ва болои хона</u>*. Равзан**. Дар байни хонаҳои қадимӣ (**катахуна**) **рӯзан** ҷойгир буд. Ин вожа аз шакли адабии "равзан//равзана" маншаъ мегирад. Дар шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ дар ду ҳолат мустаъмал аст: а. сурохӣ дар сақфи боми хона барои хориҷ шудани дуд, рутубат ва ворид шудани рушноӣ; б. ҳар гуна сурохӣ ҳам дар сақф ҳам дар девори иморат: мо Рохарвийо дарича гувемен, ҷойе ки дуд бадар мегара, ванҷийой боло рӯзан гувамен (Ванҷ). Дар ҳайати ибораи **"дуди хуна-ра рӯзагни хуна дунаме"** ба маънии маҷозии сирру асрори касро ҳама намедонад, омадааст: ума-м мегуфт, ки дуди хуна-ра рӯзани хуна дунама боре ҳазоби мън-а хъд-ъм дума (Ванҷ). Бо ин вожа калимаи **рӯзанбанд** ва **рузанпуш** сохта шудааст, ки ба ду маънӣ роиҷ аст: 1.дастачӯби дароз барои пушондани равзан ҷиҳати нигоҳ доштани гармӣ ва нарехтани барфу борон; 2.сарпӯш ё худ даричаи равзан. Вожаи **рӯзанбанд** дар шеваи ҷануби шарқӣ ва **рузанпуш** дар гурӯҳи вахиёи қаротегинӣ ба қайд гирифта шудааст**:** ун хуноой пешта-ра рӯзанбанд доштан, шав ва аму рӯзан-а мебастан (Ванҷ). Ба ин маънӣ вожаи **харузан** (Вқ.,Қ.) маълум аст ва равзанест, ки аз барфу борон эмин медорад. Дар маводи дасти мо буда ин калима муродиф надорад, аммо дар тадкикоти Ғ. Ҷӯраев синонимхои дигар низ дорад, ки хеле мухим аст: "вобаста ба терминологияи боми хонаҳои истиқоматӣ қайд кардани муносибати калимаҳои **харузан** ва **харпиштак// харпуштак** айни муддао мебошад. Аз онҳо, аввалӣ, яъне **харузан** мувофиқи материали мо ва маълумоти муаллифони китоби "Таджики Каратегина и Дарваза" хоси гурӯҳи қаротегинӣ аст. Аз чумла, он дар деҳаҳои Ховалинг, Зокироболи Ғарм ва ғ. қайд шудааст. Аммо ҳудуди интишори харпуштак васеътар аст. Калимаҳои мазкур исми сарпӯшхои махсусанд, ки барои ба даруни хона нарехтани барфу борон аз болои равзан ва дудкашҳо мегузоранд. Ин предметҳо шаклан ба соботчаҳои махсус шабоҳат дошта, аз чӯбҳои хурду борик бештар ба тарзи конусшакл сохта мешаванд" (Ҷӯруев, 1980, 106). Дар Бадахшон ба ин маънӣ вожаи **тафгир** дар қолаби калимаи мураккаб истифода мешавад. Барои ифодаи равзани хона морфемаи луғавии **тоқча//тохча** дар гурӯҳи қаротегинӣ ба қайд гирифта шудааст, ки хусусияти маҳаллӣ дорад ва ба маъноҳои тоқча, рафчаҳои девори хона ё айвон ба таври фаровон мустаъмал аст. Аз рӯйи маънои **раф** вожаи **тополӣ** (Вқ.) низ истифода мешавад: хунай бе тополӣ бехосийат-ай (Қк.).

Калимаи **равзан** дар деҳаи Данғараи боло бо вожаи **дудбаро** ифода мешудааст, ки ҳоло бо ин маъно мустаъмал нест ва ин маъниро ба архаизми семантикӣ дохил кардан мумкин аст.

Дар хонаҳои типи нисбатан нави лойӣ, ки мисли **катахуна** бузург нестанд, садсолаи охир бухориҳои оҳанин гузошта мешаванд, ки онҳоро бо истилоҳоти сохтаи мардум **тутапеч** (Шк., Ғк.) //**карнайпечка** (Вқ.), **печка** (Вқ., Қ.) баён мекунанд. Вожаи асосӣ дар ин ҷо калимаи иқтибосии печка мебошад. Номгузории **тутапеч//карнайпечка** мантиқӣ аст ва мантиқан номгузории ашё на танҳо барои ин гурӯҳ, балки дар саросари номгузориҳо эҳсос мегардад. Вожаҳои мазкур аз рӯйи мавҷудияти **тута** (лула) ва ё **карнай** (лула) сохта шудаанд, яъне ибораҳои “печи тутадор” ва ё “печкаи карнайдор” заминасози ин вожаҳои мураккаб мебошанд. Калимахои **тута** ва **карнай** асбоби мусиқианд, ки шакли лулаи доранд ва ҷузъи бухорӣ шудани онҳо дар заминаи сермаъноӣ мебошад. Дар ифодаи маънии дудбаро калимаҳои **дудкаш** (Шк., Ҷк..)//**дудкашак** (Ғк.) низ ҳаст, вале худи бухориро ифода намекунанд. Калимаи **дудкаш** (Шк.) ба маънии дудкаши оҳангархона; **кърнай** (Вқ.) ҳамчун дудкаши самовар ва м. инҳо низ роиҷ аст. Дар қолаби калимаҳои мураккаби мазкур калимаи мураккаби **таҳтута** (Шк.) ба маънии қисми поёни дудбарои бухорӣ истифода мешавад.

Барои ифодаи қисматҳо ва асбоби хонаҳои қадимӣ дар қолаби калимаҳои сода, сохта, мураккаб истилоҳоте мавҷуд буданд, ки ҳоло бо каме тағйири маъно истифода мешаванд, мисли **пога// тайпога// погадарӣ, санҷък//санҷъндарӣ, тор//тори хуна, декун//дукун // дукон// декън, чала, шаҳсъфа** // **шäсъфа**; **чалак** (оташдони сандалӣ); **чорпойа** (Қ.) тахмон, бормонак, ҷойи махсусе, ки дар болои он сандуқ ва кӯрпаҳоро мемонанд; **сурú** (Шк.,Вқ.) хавоза, кат; **торкаш** (Қ.) либосовезак ва ғайра. Дар лаҳҷаҳои Бадахшон барои ифодаи маънии **санҷък//санҷъндарú** вожаи “погашт” роиҷ будааст (Розенфлд, 1971, 123). Доир ба анвои дӯкон (**дукони паси деглун, дукони шълақак, дукони шаҳшин, дукони дароз, дукони сартакийа, дукони паси дар**) ва калимаҳои марбут ба дохили хонаҳои қадимӣ (**катахунаҳо**) дар китобҳои «Таджики Каратегина и Дарваза» (ТКД, 1966) ва “Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ” (ШҶЗТ, 1980) маълумоти кофӣ мавҷуд аст. Бояд гуфт, ки дар баробари истифодаи анвои мазкури марбут ба дӯкон дар шеваи ҷанубии шарқӣ истилоҳи “дукуни бъни дегдун” низ истифода мешавад: дар дукуни бъни дегдун ҷой мън-а бъдозе (Ванҷ).

Бом. Калимаҳои содаи ин гурӯҳ **бонг** // **бунг** // **бънг** (Вқ., Шк.) мебошанд. Серистеъмолтарини ин вожаҳо калимаи **бънг** мебошад, ки ҳам дар шеваи ҷанубӣ ва ҳам дар шеваи ҷанубии шарқӣ истифода мешавад: дар бънги калун наваро, ки жъғарва-ст (Ванҷ). Бо вожаи **бънг** танҳо вожаи мураккаби **бонгуша//бунгуша//бънгуша** вохӯрдем, ки маънои **“**бомгӯша” –ро ифода мекунад. Дар маводи шеваҳо калимаи **болохуна // болохона** мавҷуд аст, ки дар типи хонаҳои нав аз болои бом сохта мешавад. Калимаи **сартовала** (Шк.,Ҷк.) низ дар ин гурӯҳ ба маънии “болори кӯндаланги хона, ки дар паҳлӯи хонаи истиқоматӣ гузошта мешавад” мавҷуд аст, ки доираи васеи истеъмол надорад.

Дар атрофии бом новадон, обрез сохта мешавад, ки бо калимаи умумиистеъмолии **новардон//новардун//новарду** (Шк, Ғк., Вқ.. Қ.) ифода меёбад: новар-дуни пореса-ра ай нав соз кардем (Мт.). Дар баробари ин дар шеваи ҷанубии шарқӣ ва дар гурӯҳи шимолии Кӯлоб вожаи **нова** дар ғарбии Кӯлоб **навшора** ва вожаи **тарнов** барои ҳамаи гурӯҳҳои шеваҳои ҷанубӣ ва ҷанубии шарқӣ роиҷанд. Бомҳои хонаҳо тавре андова карда мешавад, ки дар он об ҷамъ нашавад ва ин истилоҳ бо калимаи **овдав** (Ош.) баён мешавад.: чор бълинги бонг-да навшора мекънем (Кан.).

***4. Анвои чароғ ва шамъ*.** Калимаи чароғ барои тамоми тоҷикон маълум аст ва ба ду маъно: барқ ва дастгоҳи равшанидиҳандаи қадимӣ фаҳмида мешавад. Дар забони адабиёти классикӣ ва барои забони форсию дарӣ низ муштарак аст. Ҷиҳати тақвияти таркиби луғавии шеваҳои забонамон анвои чароғ ва шамъ калимаҳои зиёдеро додаст. Маълум аст, ки то пайдо шудани барқ аз чароғҳо ва шамъҳои гуногун истифода мешуд, ки бо равғани ҳайвонот ва равғани гиёҳон кор мекарданд. Ин аст, ки анвои онҳо дар лексикаи мардумӣ ҷойгоҳи хоса пайдо кардааст. Аксарияти ин вожаҳо имрӯз ҳам мақоми худро аз даст надодаанд, аммо баъзе архаистӣ шудаанд. Калимаҳои ин бахш ифодакунандаи навъи чароғ ва шамъ, мурвати чароғ, пилтаи шамъ, гӯшак, асбоби махсуси равғанрезӣ ба чароғ, чароғмонак, фатила ва дигар аҷзои чароғ мебошад. Дар ташаккули анвои чароғ воҳидҳои луғавии **чароғ//чъроғ** фаъол буда, номгузорӣ мутобиқи аломату хусусиёти ашё сурат гирифтааст. Аз рӯйи сохти морфологиашон сода, сохта, мураккаб ва ибора-истилоҳ мебошанд: **мълък** (Шк.) як навъи чароғи сиёҳ; **шайтунак** (Вқ.,Қ.,Шк.) чароғи сиёҳ, милмилак, пиликсӯз;

чироғдун (Қ., Шк., Кҳ.)//**чъроғдун** (Вқ., Ванҷ) бо ду маънӣ истифода мешавад: а.чароғдон; б. чароғи сафолӣ, чароғи қадима, ки бо равғани зағир фурӯзон мешуд: чъроғдун-а руғани зъғер-ъ пилта қати даргирун мекардан (Дан.). Ин вожа дар гурӯҳи қаротегинӣ ба маънии "равғандони чароғ: ҷузъи чароғи сиёҳ, ки дар он равғани зағир рехта мешавад" фаҳмида мешавад. Дар анвои дигар ҳам вожаи чароғ фаъол аст: **даврачироғ** (Шк.) даврачароғ, чароғи калони маърака; **пилтачироғ // пълтачъроғ** (Қ.); **чинчироғ//ҷинчъроғ** (Ғк., Вқ., Шк.) ҷинчароғ, чароғи сиёҳ: и-ра ҷинчъроғ мегуфтан (Лахш); **сийаҳҷироғ** (Вқ., Ванҷ) чароғи сиёҳ; **сихчъроғ** (Вқ. Дарв.) навъи чароғ, ки бо сих (навдаи хушк)-и гиёҳи махсус месӯхт: да сихчироғ мекашидан-ъш-у мегирундан-ъш (Лш.). Навъи дигари чароғи қадимаи гилӣ (лой) мавҷуд буд, ки аз чор тарафаш сӯрохӣ дошт. Дар он оташ андохта байни хона мемонданд, ки хонаро гарм ва равшан мекунад ва исми он **чалахотун** (Қ., Ғк., Ҷк.)// **чилахотун**// **чълахотун** (Шк.) буд. Ин калима дар гурӯҳи қаротегинӣ ба маънои олавдон истифода мекарданд: иқаръкак лой-а чълахотун мекардан (Кд.). Барои баёни анвои чароғ гунаҳои ибора-истилоҳ низ мавҷуд аст: **чъроғи одамак** (Шк.) навъи чароғи қадима: чъроғи одамак-да руған мерехтан-ъ қиғачи хуна-да мемундан (Ғеш); **чъроғи сийа//сийо**; **чъроғи шайтунак** (Қ.); **чъроғи лойӣ** (Вқ., Қ.) як навъи чароғи маҳаллӣ.

Шамъ ҳам барои равшаноӣ яке аз ашёи асосӣ то имрӯз маъмул аст. Барои ифодаи шамъ вожаҳои **шаʓм // шäм** истифода мешавад, ки ду маъно дорад: а. (Шк.) шамъ; б. (Вқ.) шуо, шуъла, забонаи (алангаи) оташ: да шаʓми алов кавшер кард-ъ суҳун кард (Нӯш.). Калима ва ибораҳои ифодакунандаи навъи шамъ зиёд нестанд. Як мавриди калимаи мураккаб ва як мавриди ибора ба қайд гирифта шудааст: **шамчъроғ// шаʓмчироғ** (Вқ.) шамъчароғ; шамъи (чароғе), ки аз равғани ҳайвонот тайёр мекарданд: шамчироғ-а даргирон, авқот пазъм (Шор.); **шаʓми мумӣ** (Лахш.) навъи шамъ.

Дар солҳои баъдӣ навъи **панор** (Вқ)//**ташпанар** (Лахш) фонуси дастӣ низ пайдо шудаанд, ки бо керосин меафрӯзанд.

Дар дохили хонаҳо барои гузоштани чароғ ҷойи махсус месохтанд, ки бо номҳои гуногун баён мешуд. Дар гурӯҳи шимолии Кӯлоб **чироғӣ // чироғпойа;** дар гурӯҳи вахиёи-қаротегинӣ **чироғзанак // чироғсокин** (Шк.) ай, и чироғпойай каҷалай йактефа бъдай (Ток.)[4]. Барои ба чароғ равған рехтан асбобҳои махсус истифода мешуд, ки ин калимаҳо танҳо дар гурӯҳи қаротегинӣ вохӯрданд: **латифа // латифак** қиф, даҳана (асбоби махсуси равғанрезӣ ба чароғ, шиша ва монанди инҳо)**:** латифак-а бийоре, да шиша руған бъндозем (Ҳак.); **карнай** (Лахш) асбобе, ки ба воситаи он ба шиша равған мерезанд.

Барои ифодаи пилтаи чароғ дар адабиёти классикӣ **фатила** ва **пилта** маъмул буд (ФЗТ, 1969, 426). Дар шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ вожаи **пълък** (Вқ., Ванҷ) пилтаи шамъ ва гунаи он вожаи **пълта** (Вқ.) истифода мешавад: чъроғ пълта надошта боша чъкор-ъш мекънӯ (Тд.). Вожаи пълък ба маънои гесубанд низ роиҷ аст. Барои идора кардани шамъи чароғ дар канори чароғ **мурват//мърват//мърбат** ҷойгир аст, ба мехи нӯкаш печдор монанд буда, бо чапу рост тоб додани он шамъи чароғ баланд ё паст мешавад: мърбат-а тов дода бъд, ки ҳафтод ҳазор шамчъроғ даргъръфт (Ог.). Ба ин маънӣ дар гурӯҳи шимолии Кӯлоб вожаи муракаби **пилтабарфак // палтабарфак** истеъмол мешавад. Барои овезон кардани чароғ дар қисмати болояш банд ё дастаи симини чароғ ҷойгир аст, ки онро **кашолкънак** (Лахш) меноманд.

5. Воҳидҳои луғавии марбут ба атрофи ҳавлӣ. Аз қадим то имрӯз, бо мақсади помолу хароб нашудани зироати кошташуда, атрофи заминҳо бо деворҳои аз навдаву шохаҳои дарахту бута ва қамиш сохташуда мустаҳкам мешаванд. Ин тавораҳо бо калимаҳои **чапар, камалӣ, шиғ// шъғ** ифода меёбанд. Бо ин вожаҳо калимаҳои зиёде сохта шудааст, ки ба соҳаҳои дигар низ дахл доранд.

Чапар. Дар маводи дасти мо чапар ба се маъно истифода мешавад. а. муродифи "камалӣ". б. лижаи аз навдаҳо бофта, ки фасли зимистон таги пойафзол насб кунанд; в. шохмола, олоте, ки дар кӯфтани ғалладона истифода мешавад: чапар-а да думи гов мебандан-ъ ғала мекътан (Хов.). Бо илҳоқи пасванди -ак дар шакли **чапарак** дорои маъноҳои ба ҳам вобаста мебошад. Дар гурӯҳи лаҳҷаҳои шимолии Кӯлоб ба маънои чиғ, девори бофта аз химчаву навдаҳо: дари хурди қамишӣ қутан: доми махсус барои доштани кабк: кавго-ра ба чапарак мегирем (Хов.); дар гурӯҳи ғарбии Кӯлоб ва кӯлибии Ҳисор ба маънии дари аз шоху навда бофташудаи ҳавлӣ; ва дар гурӯҳи вахиёӣ-қаротегинию дарвозӣ ба маънои асбоби аз химчаву навдаҳои дарахт

[4] Доир ба **чироғсокин** ниг.: (Ҷӯраев, 1981, 108)

бофташуда, ки аз рег тилло ҷудо мекарданд, истифода мешавад. Ин вожа дар шаклҳои **чапарак// чапарък** дар гурӯҳи вахиёӣ-қаротегинӣ ба маънои асбоби ороиши занон, ки аз мӯҳраҳои реза мисли тасма гарданбанд тайёр мекунанд, роиҷ аст. Бо пасванди -акак дар гурӯҳи шимолии Кӯлоб шакли: **чапаракак** -ро гирифта, маънии "даричаи даромадгоҳи боғ", ки аз шоху навдаҳо сохта шудааст, фаҳмида мешавад. Бо пасвавнди -ча: **чапарча** (Ҷк.) бо маънии даричаи аз химчаву навдаҳо сохташуда ва бо пасванди –акӣ дар шакли сохтаи **чапаракӯ** маънии шахсеро далолат мекунад, ки бо чапар ғалла мекӯбад ё замини шудгоршударо ҳамвор мекунад. Калимаи **пешчапарӯ** (Вқ., Қ.) тахтаи қисми пеши чапарро мефаҳмонад, ки дар қолаби вожаҳои мураккаби тобеъ сохта шудааст. Ин калима бо вожаи **пешварақ** ҳам баён мешавад, ки дар Шӯробод (гурӯҳи ҷанубии Кӯлоб) дорои семантикаи "ҷузъи гаҳвора" мебошад. Барои ифодаи **"**дари аз шоху навдаҳои дарахт сохташуда" дар гурӯҳи вахиёӣ–қаротегинӣ ва қаротегинӣ вожаи мураккаби **чапардар// чапарешик** дар гурӯҳи қаротегинӣ **чапардарӯ** истифода мешавад.

Бо дигар калимаҳо ҳамроҳ гардида дар қолаби вожаҳои мураккаби тобеъ маъниҳои гуногунро ифода мекунад: **чапаргуш** (умумиистеъмол аст)// **чапарқълоқ** (Шк.) чапаргӯш, гӯшкалон: одаме, ки гуш-ъш лъмб-ай, чапаргуш-ъш меган (Нав.); **чапарғанак// чапарғанък** (Шк.) болои ҳам чиндани дарзаҳои ғалла; **чапарпо** (Шк.) шахсе, ки пойҳояш калон ва паҳн бошад. Дар сурати чандин чапар сохтан ва мустаҳкам кардани атрофи замин ва ба девор монанд шудан онро дар шакли ибора **деволи чапарак** (Шк.) меноманд: деволи чапарак кардас гиргашти ҳота-ра (Дҷ.). Ғайр аз ин, дар шакли ибора ба маънои дастгоҳи хоҷагии қишлоқ дар кӯфтани ғалладона истифода мешавад: **чапари хирманкътӯ** (Вқ.,Қ.); **чапари ҷуфт** (Вқ.,Қ.). Бо феълҳои **бастан**, **кардан, гардундан** ва дар ҳайати калимаҳои фразеологӣ низ истифода мешвад. **Шиғ**. Дар шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ барои ифодаи ин мафҳум вожаи **шиғ// шъғ** истифода мешавад, ки маънии "тавора, ки аз навдаву шохаҳои дарахту бута ва қамиш сохташуда"-ро дорад. Дар гурӯҳи вахиёи-қаротегинӣ варианти **чиғ//чъғ** ҳам дорад, ки ба маъноҳои шиғ, тавора; панҷараи аз қамиш бофташуда; чиғпарда, ба тарзи бӯрё (аз қамиш) бофташуда, роиҷ аст: чиғ-а кърғъзо да хирга мекашан (Ск.). Вожаи **шиғ** бо илҳоқи вожаи **баст** дар шакли вожаҳои муракаби **шиғбаст** дар гурӯҳи қаротегинӣ вомехӯрад, ки ба маънои шиғбасти ҳота; макони нигаҳдории чорво, ки атрофаш бо навдаву шохаҳои дарахту буттаҳо иҳота бошад, истифода мешавад. Аммо калимаи мураккаби **шиғдевол** дар гурӯҳи вахиёӣ-қаротегинӣ ва Ванҷ ба маънии **шиғ//шъғ** роиҷ аст. Аз рӯйи маънои дуюми калимаи **шъғ** дар ҳамин гурӯҳ вожаи сохтаи **чиғдун** истифода мешавад: чиғдуни тиреза-ра фърор, ки афтов чишм-а бурд (Мт.). Дар гурӯҳи кӯлобии ҳисорӣ вожаи мураккаби тобеи **чиғпарда** дида мешвад, ки маънои пардаи аз қамиш бофташуда, ки вазифаи дарро адо менамояд. Протсеси сохтани ин ашёро бо вожаи **шиғбандӯ // шъғбандӯ** баён мекунанд, ки дар қолаби калимаҳои мураккаби омехта сохта шудааст. Дар ин ҳайати калимаҳо вожаи **камалӯ** (Вқ., Шк., Қ.) ҳам мақом дорад, ки маънии зеринро соҳиб мебошад: 1. ходаҳое, ки дар сохтани чапар ва ё шиғ ба тарзи уфуқӣ баста мешаванд. Дар қиёси ин чӯбҳои аз ду тараф бастаи чапарро низ «камалӯ» мегӯянд: ай пас-ъш йа камали банд, ки чапар наъфта (Яр.); 2. (Мӯм.) чӯбҳои борике, ки аз болои дастак гузошта мешавад. Дар шакли **камаличув** дар гурӯҳи вахиёӣ -қаротегинӣ ба ҳамин маъноҳо мустаъмал аст. Ғайр аз **камаличув** дар сохтани **чапар** химчаҳо барои бастан он лозиманд, ки бо вожаи **говакӯ** дар гурӯҳи ғарбии Кӯлоб ном мебаранд: говакийо-ра ҷъдо карда, дъта-дъта мебандан (Чб.).

Ихтисораҳо

ҒЛ -Ғиёс-ул-луғот
ТКД- Таджики Каратегина и Дарвеза
ФТР - Фарҳанги тоҷикӣ-русӣ
ФЗТ- Фарҳанги забони тоҷикӣ
ФСФ -Фарҳанги санскрит-форсӣ
ФЭБ -Фарҳанги эронии бостон
ФРС -Фарҳанги рӯзи сухан
ФФР -Фарҳанги форсӣ ба русӣ
ФЯТ -Фарҳанги яғнобӣ-тоҷикӣ
ШҶЗТ - Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ
ЧҲ -Чароғи ҳидоят
ЭАСТ-Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик

Ихтисораҳо марбут ба маҳали зисти гӯйишварон:

Вқ. - гурӯҳи вахиёӣ-қаротегинӣ
Ғк. - гурӯҳи ғарбии Кӯлоб
Дарв. - гурӯҳи дарвозӣ
Дх.- Дехи Охун (Қ.)
Ёз. - Ёзғанд (Вқ.)
Ёх.- Ёхсӯ (Шк.)
Кан. - Кангурт (Ғк.)
Каҳ.- Каҳдара (Қ.)
Кд. - Кӯлдара (Шк.)
Кк. - Кӯли калон (Вқ.)
Кб. - Кулумбаи Боло (Вқ.)
Кҳ. - гурӯҳи кӯлобии ҳисорӣ
Қ. - гурӯҳи қаротегинӣ
Кпн. - Кишти поён (Шк.)
Қӯш. - Қӯшағба (Вқ.)
Лан. - Лангар (Вқ.)
Мх. - Муҷихарф (Қ.)
Мт. - Майдонтерак (Вқ.)
Мс. - Марғзори Сир (Қ.)
Нд. - Навдонак (Қ.)
Нӯш. - Нӯшор (Вқ.)
Оқ. - Оқсой (Вқ.)
Оқб. - Оқбулоқ (Ғк.)
Пд. - Пилдон (Вқ.)
Пор. - Порвор (Ҷк.)
Сам. - Самсолиқ (Қ.)
Сд. - Сангдара (Шк.)
Сғ. - Сари ғор (Ҷк.)
Уч. - Учкӯл (Ҷк.)
Хов. - Ховалинг (Шк.)
Ҳак. - Ҳакимӣ (Қ.)
Хм. - Хилмонӣ (Қ.)
Ҳиҷ. - Ҳиҷборак (Вқ.)
Ҷк. - гурӯҳи ҷанубии Кӯлоб
Чс. - Чорсада (Қ.)
Шк. - гурӯҳи шимолии Кӯлоб
Шлп. - Шулупту (Ғк.)
Шх. - Шехмизон (Шк.)

АДАБИЁТ

1. Бердиев Б. Ромитские говоры таджикского языка/ Б.Бердиев. АКД. -Душанбе, 1979. -28с.
2. Джураев Г. Система диалектной лексики таджикского языка (на материале южных говоров) / Г. Джураев. АДД. -Душанбе, 1992. -30 с
3. Маҳмудов М., Бердиев Б. Луғати мухтасари лаҳҷаҳои Бухоро/ М.Маҳмудов, Б. Бердиев.-Душанбе: Дониш,1989. -278 с.
4. Маҳмудов М., Ҷӯраев Ғ. Луғати шеваҳои забони тоҷикӣ/ М.Маҳмудов, Ғ.Ҷӯраев. -Душанбе, 1997. -288с.
5. Мирзозода С. Фарҳанги яғнобӣ-тоҷикӣ/ С.Мирзозода. -Душанбе, 2008. -279с.
6. Муҳаммад Ғиёсуддин. «Ғиёс-ул-луғот»/Муҳаммад Ғиёсуддин. -Душанбе: Адаб, Ҷ.1.1987, -480с. Ҷ.2. 1988. -416 с. Ҷ.3.-304с.
7. Неменова Р.Л. Кулябские говоры таджикского языка (северная группа)/ Р.Л. Неменова. – Сталинобод, 1956. -190 с.
8. Персидско-русский словарь /Под ред. Ю.А.Рубинчика. -М.: Сов. Энциклопедия. Т. 1.1983.-1632 с. Т. 2. 1983. -1632 с.
9. Расторгуева В. С. Очерки по таджикской диалектологии/ В.С.Расторгуева. -М.,1952-1961.Вып.I.1952; Вып.2.1952; Вып.3.1956; Вып.4.1961. Вып.5. -М.,1963
10. Розенфельд А. З. Глагол//Очерки по грамматике таджикского языка/ А.З. Розенфельд. -Сталинабад,1954. -Вып.4.
11. Розенфельд А. З. Материалы по этнографии и топономике Ванча/ А.З. Розенфельд // Изв. Всесоюз. геогр. -о-ва. -1953. -Т 35. -№4.
12. Розенфельд А. З. Намунаҳои фолклори Дарвоз (Образцы дарвазского фольклора) / А.З. Розенфельд. -Душанбе.,1956; Нашри дуюм.-1962.
13. Розенфельд А. З. Заметки по лексике ванчских говоров таджикского языка/ А.З. Розенфельд//Иранских сборник.-М.,1963.

14. Розенфельд А. З. Таджикско-русский диалектный словарь (Юго-Востоный Таджикистан)/ А.З. Розенфельд. -Л.,1982. -240 с.
15. Розенфельд А. З. Ванчские говоры таджикского языка / А.З. Розенфельд. -Душанбе, 1964. -149 с.
16. Розенфельд А.З. Бадахшанские говоры таджикского языка/ А.З. Розенфельд. -Л.,1971.-192 с.
17. Саймиддинов Д. Вожасозии забони форсии миёна/ Д.Саймиддинов -Душанбе: 2001, -310 с.
18. Сирочуддин Алихони Орзу. Чароғи Ҳидоят / Сирочуддин А. О. -Душанбе: Ирфон,1992. -288с.
19. Таджики Каратегина и Дарвеза/ Под ред. Н. Кислякова, А. К. Писарчик. -Душанбе: Дониш, 1966.-Вып. I; -Душанбе: Дониш, 1970, вып.2.
20. Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри Х то ибтидои асри ХХ) / дар зери таҳрири М.Ш.Шукуров, В.А.Капранов. -М.: Сов. энциклопедия,1969. Ҷ. 1. -951 с. Ҷ. 2. -1904 с.
21. Ҷалолов Д. Гурӯҳи шеваҳои тоҷикони райони Ёвон / Д. Ҷалолов. -Душанбе: Дониш, 1967. 151 с.
22. Ҷӯраев Ғ. Лексика // Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ / Ғ.Ҷӯраев. ҷ.1.-Душанбе: Дониш, 1980, с.87-328.
23. جلالی نائنی سید محمد رضا. **فرهنگ** سنسکریت-فارسی. جلد اول. تهران،1375 ، 618 ص. جلد دوم، تهران، 1384،834 ص.
1. انوری حسن. **فرهنگ** روز سخن. تهران- 1383. 1386 ص
2. پور داود ابراهیم. **فرهنگ** ایران باستان. تهران 1386، 371 ص.
3. ابراهمی قربانعلی. **فرهنگ** مردم یضا. تهران، 1384، 387 ص
4. مسلمانیان رحیم، پارسی دری، تهران،1383. 245 ص.

ТЕРМИНЫ СТРОИТЕЛЬСТВА В ЮЖНЫХ И ЮГО-ВОСТОЧНЫХ ГОВОРАХ ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКА

В данной статье автор анализирует терминологии обозначающие название видов различных строений подразделяя их на группы. Анализируются диалектные лексические единицы этих групп и определяется образование этих слоёв лексики в сравнении их с таджикским литературным языком.

Ключевые слова: говор, группа, анализ, словообразование, простой, производный, сложный, вид, дом, стена, ограждение, кухня, гостинная, доска.

TERMS BUILDING IN SOUTHERN AND SOUTHEAST DIALECTS OF THE TAJIK LANGUAGE

In given article the author analyzes terminology kinds designating the name various a structure subdividing them into groups. Analyzing dialect lexical units of these groups formation of these layers of lexicon is defined comparing to the Tajik literary language.

Keywords: a dialect, group, the analysis, word-formation, the idle time derivative, difficult, a kind, the house, a wall, protections, kitchen, a drawing room, a board.

Сведения об авторе: ***Хоркашев С.*** - кандидат филологических наук, заведующий кафедрой таджикского языка ТГПУ им.Садриддина Айни. Телефон: **(+992) 919002178.** E- mail: **saxidod@list.ru.**

ҶУМЛАҲОИ ФРАЗЕОЛОГИИ ҚОЛАБИ «ДИЛИ КАСЕ ПУР» ДАР ЗАБОНИ АДАБИИ МУОСИРИ ТОҶИКӢ

Ҳ. Маҷидов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Тадқиқи ҳаматарафаи воҳидҳои фразеологӣ, махсусан навъҳои гуногуни ҷумлаҳои фразеологии он водор мекунад, ки баъзе ақидаҳои анъанавии назарияи ифодаҳои рехтаи забонамон аз нав дида шаванд. Масалан, ақидаи анъанавии устувории мутлақ, аз ҷиҳати грамматикӣ шах шуда мондани онҳо нисбат ба ҷумлаҳои фразеологӣ на ҳама вақт дуруст меоянд. Бисёр қолабҳои ҷумлаҳои фразеологӣ аз ин ҷиҳат чун навъҳои гуногуни ҷумлаҳои одии синтаксисӣ имкониятҳои гуногуни тағйирёбиро доранд. Ҷузъҳои таркибии онҳо на фақат аз ҳам дур шуда метавонанд, аксар мавқеи ҷузъҳои худро иваз карда, ба сохторҳои дигари забонӣ табдил меёбанд. Аз ҷиҳати шаклҳои грамматикӣ бошад, онҳо дорои системаи парадигмавии бой мебошанд.

Ҷиҳати умумии чунин ҷумлаҳои фразеологӣ бо гурӯҳҳои дигари воҳидҳои фразеологӣ, ки нисбатан доимист, ин ҳамон устувории лексикӣ ва яклухтмаъноии онҳост. Маҳз ба тавассути ифодаи маънои яклухт ва доимияти таркиби лексикиашон чунин ҷумлаҳоро аз ҷумлаҳои одии забон фарқ кардан мумкин аст. Ба ҳамин сабаб аст, ки чунин ҷумлаҳо ба захираи фразеологии забон дохил мешаванд, на ба гурӯҳи воҳидҳои синтаксисӣ. Дар байни қолабҳои гуногуни ҷумлаҳои фразеологӣ, ки мо тавзеҳи мухтасари онҳоро қабл аз ин дода будем [1], ҷумлаҳои фразеологии қолабҳои «дили касе пур» ва «мисли касе /чизе/ баромад» аз ҷиҳати хосиятҳои гуногуни грамматикии худ мавқеи махсусро ишғол мекунанд.

Пеш аз ҳама ин қолабҳои фразеологӣ дар забони имрӯзаи тоҷикӣ аз ҷумлаи қолабҳои серистеъмол мебошанд. Аз ҷиҳати ифодаи маънои грамматикӣ онҳо аксар сохторҳои мафъулианд. Системаи шаклҳои грамматикиашон чун шаклҳои морфологии феълҳо хеле мураккаб аст. Махсусан, сохтори қолаби «**дили касе пур»,**

ки онро баракси қолаби «**миси касе /чизе/ баромад**» ҷумлаҳои фразеологии номӣ унвон додан мумкин аст, дорои хосиятҳои мураккаби грамматикист.

Дар хусуси сохтори синтаксисии қолаби «**дили касе пур»** аввалин бор дар забоншиносии тоҷик профессор Д. Тоҷиев маълумот додаfст. Ҳанӯз соли 1953 дар яке аз мақолаҳои ба муайянкунандаҳо бахшидаи худи вай ба вазифаи муайянкунанда омадани ин навъи ҷумлаҳоро қайд карда буд [2] . Вай баъдтар дар ин бобат дар асари ба муайянкунандаҳои забони тоҷикӣ ҳам таваққуф карда, як қатор фикрҳои ҷолиби диққат изҳор кардааст. Аз ҷумла қайди ӯ дар хусуси ба калимаҳои мураккаб табдилшавӣ, яклухтмаъно гардидани чунин ҷумлаҳо ҷолиби диққатанд [3].

Мутассифона, ин қғйдҳои муфиди профессор. Д. Тоҷиев дар муддати зиёда аз ним асри охир диққати ягон тадқиқотчии забони тоҷикиро ҷалб накард. Ҳол он ки дар забоншиносии муосир ин навъи ҷумлаҳои фразеологӣ кайҳост, ки мавриди диққати аҳли тадқиқ қарор гирифтааст. Забоншинос –фразеологи маъруфи рус В. А. Архангелский яке аз аввалинҳо шуда, роҷеъ ба ин қолаби фразеологӣ чунин изҳори андеша карда буд: Ҳамчун ҷумлаҳои дутаркибаи ғайритафсилӣ онҳо аз рӯйи сохтор ба шахс далолат намекунанд, берун аз матн ба интонатсияи ахборӣ соҳиб нестанд, аммо доираи васеи ҳамнишиниҳо доранд. Ба ин нисбат дар матн бо унсурҳои ифодакунандаи соҳиби амал пурра шуда метавонанд [4]. Хелҳои мухталифи ҷумлаҳои фразеологии навъи мазкурро дар забони форсии муосир Ю. А. Рубинчик низ мавриди баҳс қарор додаст [5].Ин аст, ки аниқ намудани табиати грамматикии ин сохтори фразеологӣ на фақат барои омӯхтани масъалаҳои баҳсноки фразеология, ҳамчунин барои амиқ тадқиқ намудани мавзӯъҳои мухталифи бобҳои ҷудогонаи синтаксису морфологияи забонамон аз фоида холӣ нахоҳад буд.

Ҳамин тариқ, ҷумлаҳои фразеологии қолаби «**дили касе пур**» аз сохторҳои мафъулии забонамон ҳисоб меёбанд. Ба ин, пеш аз ҳама муодили луғавии онҳо, ки маънои грамматикии мафъулият (пассив будан)–ро ифода мекунанд, далолат карда метавонанд. Чунончи, ифодаҳои **дили касе пур** пеш аз ҳама ба маънои «дилпур шудан», **дили касе сиёҳ «**хафа шудан**»**, **дили касе хунук «**сард шудан**», димоғи касе чоқ** «хурсанд шудан» истеъмол мешаванд. Чунин ҷумлаҳои фразеологӣ бо вуҷуди мураккабии сохтори худ ба амалу равишҳои гуногуни пассив будан, яъне мафъулият далолат мекунанд:

–Рости гап, –гуфт Сайёра, – ба домод дилаш пур не, дигар ҳамааш баҳона (Ф. Муҳаммадиев, Савдои умр). Аз ин қарзи адо накардагиам дилам сиёҳ буд, акнун хотирҷамъ шудам (С. Улуғзода, Субҳи ҷавонии мо). …чи андоза ки фикру хаёл мекардам, ҳамон қадар аз зиндагии муҷаррадӣ дилам хунук мешуд (П. Толис, Повест ва ҳикояҳо). Табъи Аҳрор-амак равшан, димоғаш чоқ буд (Ф. Муҳаммадиев, Одамони кӯҳна).

Ба ҷуз ин, мафъулияти чунин сохторро дар қолаби ибораҳои фразеологии феълӣ, мавҷуд будани шаклҳои грамматикии фоилии онҳо низ тасдиқ карда метавонад. Аксари ҷумлаҳои фразеологии қолаби **дили** касе **пур шуд** дар шакли **дили касеро пур кардан** ҷуфтҳои фоилии худро доранд. Аҷобат дар ин аст, ки агар шакли мафъулии чунин қолабҳо сохтори ҷумлаҳои фразеологиро дошта бошад, пас, шакли фоилии онҳо ҳамчун ибораҳои фразеологии феълӣ тарҳрезӣ мешаванд. Чунончи, дар матнҳои зер ҷумлаҳои фразеологии дар боло номбаршуда дар шакли фоилии ибораҳои фразеологии феълӣ истеъмол шудаанд:

Сангин дили ноибро бо қасам пур кард (С. Айнӣ, Одина). Ҳеҷ набошад, як мағал мебардораду дилро сиёҳ мекунад (Р. Ҷалил, Шӯроб). Лекин Шарофат, рости гап, торафт, дили манро сиёҳ карда истодааст (П. Толис, Повест ва ҳикояҳо). Ин оҳанг димоғи Ҷумъаро боз ҳам чоқ мекунад (Ф. Муҳаммадиев, Муҳоҷирон).

Чунончи, аз ин мисолҳо бармеояд, агарчи шакли мафъулии чунин сохторҳои фразеологӣ ба семантикаи грамматикии ҷумлаи пурра далолат мекунанд, дар шакли фоилӣ ҳам аз ҷиҳати сохт ва ҳам аз ҷиҳати семантикаашон пурра ба вазифаи хабар омада метавонанд.Ҷумлаҳои фразеологии қолаби **дили касе пур** аз ҷиҳати таркиби лексикию грамматикӣ низ фарқ мекунанд. Одатан, онҳо аз се ҷузъи асосӣ таркиб ёфтаанд: мубтадои грамматикӣ, предикат –хабар ва ҷузъи ивазшаванд, ки ба соҳиби амал (агенс, субъект) далолат мекунад. Ҷузъи мубтадои грамматикӣ одатан, бо номҳо ифода ифода мешавад: **<u>сари</u> касе гаранг, <u>кори</u> касе чатоқ, <u>чашми</u> касе равшан, <u>бахти</u> касе сиёҳ, <u>ҳавсалаи</u> касе пир, <u>гулӯи</u> касе қоқ, <u>тоқати</u> касе тоқ** ва монанди инҳо:

Сараш гаранг шуд (ТРС -93). Бахташ сиёҳ шуд (ТРС -51). Ҳамёнаш холӣ, гулӯяш қоқ шудагист (Ф. Ниёзӣ, Ҳар беша…). Аз раҳпоию умедворӣ тоқатам тоқ шуд (Ф. Ниёзӣ, Ҳар беша…). Ҷузъи хабари чунин сохторҳои фразеологӣ бо ҳиссаҳои гуногуни номӣ ифода шудаанд. Ба вазифаи хабар метавонанд исмҳо ба кор бурда

шаванд: **чор тарафи касе қибла, дили касе банд, дили касе об, дах ангушти касе ҳунар, чашми касе дар роҳ, сари касе аз санг.** Чанд мисол:

Ба кучое, ки хоҳӣ, рафтан гир, чор тарафат қибла(С. Улуғзода, Восеъ). Чон оймуллочон, маро айб кунед ҳам, ба шумо мегӯям, ки дили ман ба чойи дигар банд шудагӣ!(Ч. Икромӣ, Духтари оташ). …шумо аз саҳро, аз аккаҳона булбул рӯидагӣ барин дах ангуштатон ҳунар шуда омада будед (С. Айнӣ, Ёддоштҳо, Ч. III-IV). Чашмаш ҳамеша дар роҳ, ҳар аскари сурхро бинад, Зиёро мепурсад (Ч. Икромӣ, Шодӣ). Боракалло, Шери бобо! –гуфтам сарат аз сангу бозӯят аз пӯлод шавад (Р. Чалил, Ҳикояҳо).

Ҳамчун хабари чунин чумлаҳо сифатҳо ҳам ба кор бурда мешаванд: **чеҳраи касе турш, рӯзи касе сиёҳ, ҳавои касе баланд, қавоқи касе овезон, дили касе ганда, ситораи касе гарм, чашми касе бечо, дили касе беҳузур, сафари касе бехатар** ва монанди инҳо:

Оқсақол чашмонашро нимпӯш карда, ба хат ҳай нигоҳ кард, нигоҳ карду охир **чеҳрааш турш шуд** (А. Лоҳутӣ, Куллиёт). Хез акнун, айбу шарм, бин чӣ хел мардум вовайло доранд, **рӯзашон сиёҳ шудагӣ** барин, хез! (Сорбон, Буд набуд…). Ҳочӣ –гуфт ӯ, -имрӯзҳо **ҳавоят баланд** (Ф. Муҳаммадиев, Дар он дунё). Як ятим дар хона дорам, ки аз ҳоло **чашмонаш бечо** шудааст (С. Айнӣ, Куллиёт).

Вазифаи чузъи хабари чунин чумлаҳоро ягон-ягон шумора ва чонишинҳо ҳам адо кардаанд: **гапи касе якта, сари касе дута, қисмати касе ҳамин:**

Сарамро мегираму ҳу-у гуфта баромада меравам. Тамом. **Гапам якта!** (А. Баҳорӣ, Роҳи сафед). Бечораи писарам аз бозе, ки **сараш дута шуд**, аз касофат намебарояд (А. Деҳотӣ, Куллиёт). **Қисматаш ҳамин** будааст (ТРС -489).

Чузъи сеюми хеле муҳимми ин сохтори фразеологӣ, ки баъд аз чузъи номӣ меояд, ба шахс ё соҳиби амал далолат мекунад. Одатан, дар ин сохтор соҳиби амал (субект) мафъулӣ аст. Ба ин сабаб ҳам, он ҳамчун муайянкунандаи мубтадо ифода шудааст, на чун мубтадои луғавӣ.

Азбаски ин чузъ ба воситаҳои лексикаи гуногун ифода шуда метавонад, дар шакли умумиятдодашудаи чунин сохторҳои фразеологӣ онро бо чузъҳои ишоратии **«касе», «чизе»** ва монанди инҳо нишон медиҳанд Ба ин сабаб, онро чузъи ишорӣ номидан мувофиқи мақсад менамояд. Мумкин аст, ки дар мавриди ба тариқи умумӣ зикр шудани амал, ишорат ба кор бурда нашавад, дар ин маврид соҳиби амал (агенс, субъект) номаълум менамояд. Чунончи, дар мисоли зайл чумлаи фразеологии **чашми касе сер** бе чузъи ишорӣ ба кор бурда шудааст:

Чашм аз тамошои атроф сер намешуд (Р.Чалил, Одамони човид)

Бояд гуфт, ки чунин мисолҳоро, ки дар онҳо чузъи ишоратӣ зикр нашуда бошанд, хеле кам вомехӯранд. Дар аксар чумлаҳои фразеологии қолаби **дили касе пур** чузъи ишорӣ зикр шудааст. Чузъи ишорӣ одатан, бо бандакчонишинҳои шахсӣ, номҳои ифодакунандаи шахс ва ё ташхисшуда, инчунин бо чонишинҳои шахсӣ ва таъинӣ ифода мешавад ва ҳатман шахс –субектро ифода мекунад. Чунончи, мисолҳои «**дилам пур», «чеҳрааш кушода», «сараш дута», «авзои ӯ бечо», «саломатии шумо даркор», «бозори пахта гарм», «дили ҳама равшан»** ва амсоли инҳо аз ҳамин қабиланд:

Ин гапҳоро ба Шумо **дилам пур шуда,** Шуморо як марди кӯҳансоли таҷрибадида ва монанди падари худам дониста, гуфта истодаам (С. Айнӣ, Куллиёт). Чеҳраи Бӯстонхон торафт чиддитар мешуд ва аз омадани Шокарим ин тараф ягон бор **чеҳрааш** дуруст **кушода намешуд** (Ф. Ниёзӣ, Ҳар беша …). **Авзои ӯ бечо шуд** (ТРС -70). Коҳ бошад, коҳ –дия, хӯҷаин як чувол, ду чувол коҳ кашанд, писанд нест, **саломатии шумо даркор аст** (С. Айнӣ, Дохунда). Бозори **пахта** аз одат берун **гарм шуда буд** (С. Айнӣ, Одина). Дунё чароғон, ҳама чо равшан, **дили ҳама равшан**, як фақат вай –Маҳмудчон бо дили пажмурда дар он чо нишатааст(Ч. Икромӣ, Шодӣ). **Дасти** ин к**ас** як вақт **дароз буд** (Ч. Икромӣ, Духтари оташ).

Сохтори фразеологии қолаби **дили касе пур** дорои семантикаи мураккаби шаклҳои грамматикӣ мебошад. Шаклҳои гуногуни грамматикии он на фақат ба воситаи чузъи хабар, инчунин тавассути чузъи номӣ ва махсусан, чузъи ишорӣ низ сурат гирифтаанд..

Аз ин чиҳат, воҳидҳои фразеологии қолаби **дили касе пур** чун қисми асосии фразеологизмҳои забони тоҷикӣ ба хосияти чудошаклгирӣ соҳибанд [6]. Одатан, категорияҳои грамматикии субект, шахс, шумора, модалият ба воситаи чузъи номӣ ва чузъи ишорӣ ифода шуда, чузъи хабар ба замон, сиға ва категорияҳои дигари феъл далолат карда метавонад.

Чузъи номӣ, ки бо исм ифода шудааст, суффиксҳои чамъбандии номҳоро ба худ қабул карда метавонад. Бештар чунин номҳо ба вазифаи чузъи номӣ омада

пасвандҳои ҷамъбандиро ба худ қабул мекунанд, ки мафҳуми ифодакунандаи онҳо шайъҳои мушаххас бошанд ва шакли ҷамъ дошта тавонанд. Ба назар чунин мерасад, ки дар таркиби чунин фразеологизмҳо пасвандҳои ҷамъбандӣ як андоза вазифаи грамматикии худро гум карда, ба нишондиҳандаи амалу протсессҳои умумии муҷаррад табдил ёфтаанд. Чунончи: **рӯйи касе турш –рӯйҳои касе турш, кор хӯрҷин – корҳо хӯрҷин, чашми касе беҷо –чашмони касе беҷо, дили касе хун –дилҳои касе хун, кор ванг –корҳо ванг** ва монанди инҳо:

Ҳозирон аз ин ҳам як қаламӣ бардошта, бо эҳтиёт андаке хӯрда буданд, рӯйҳояшон дарҳол турш шуд, **димоғашон сӯхт**(А. Деҳотӣ, Куллиёт). Ин китоб болои китоб –ку! **Корҳо** бошанд **хӯрҷин** (М. Миршакар, Мӯйсафеди серкор). Дар кандани он тангнои зерзаминии беҳаво чӣ қадар **дилҳо хун** ва чӣ қадар ҷонҳо талаф шуданд (А. Деҳотӣ, Куллиёт). Ародон! Бархез, ки **корҳо ванг** (Р. Ҷалил, Шӯроб).

Ҷузъи номӣ гоҳо пасванди хурдию навозиши –ак-ро қабул карда, ба тамоми сохтори фразеологӣ маънои модалии навозишро илова мекунад: чашми касе равшан –чашмаки касе равшан, тани касе обод –танаки касе обод:

Якбора **чашмам равшан гашт** ва фақат ҳамин дам дарк кардам, ки он рӯз чӣ рӯзи хуш, чӣ рӯзи фараҳбахш ва чӣ рӯзи офтобие будааст. (Ҷ. Икромӣ, Аз Душанбе то ба Киев). –Ҳеҷ гумон надоштам, ки шӯят меояд. **Чашмакат равшан**, духтарам (Ҷ. Икромӣ, Шодӣ). Падару бобоям дар зери дасти бойбаччаҳо хизмат карданд. Шикамашон сер, **танашон обод** нашуд(Қ. Наимӣ, Соли 1916). Аммо гӯр ба сари худамон, **танакашон обод** набошад ҳам, кошкӣ –шикамаки ин бачаҳо сер мешуд (Р. Ҷалил, Шӯроб).

Агар пасвандҳои ҷамъбандии номҳо ва аломатҳои морфологии дигари бевосита ба ҷузъи номӣ иловашаванда ба тамоми сохтори фразеологӣ оҳангу тобишҳои иловагии грамматикию модалӣ зам намоянд, дар хусуси бандакҷонишинҳо ва унсурҳои лексикии дигари ивазкунандаи онҳо инро гуфтан мумкин нест. Бандакҷонишинҳо ва унсурҳои дигари лексикӣ ҳамчун ҷузъи ишорӣ истеъмолшаванда нишондиҳандаи грамматикии соҳиби амал (агенс, субект) ва шахсу шумораи он мебошанд. Аз рӯйи шахсу шумораи бандакҷонишинҳо ва ҷонишинҳои шахсӣ шахсу шумораи соҳиби амали ин сохтори фразеологизмро муайян кардан мумкин аст. Ба тариқи дигар, соҳиби амал (агенс, субект) дар сохтори фразеологии қолаби **дили касе пур** аз рӯйи шахсу шумора тасриф шуда метавонад:

ДилАМ пур ДилАМОН пур
ДилАТ пур ДилАТОН пур
ДилАШ пур ДилАШОН пур

Чанд мисол:

Ман ҳам дар қатори мардум рост истодам, шайх намозро дарозу кашол карда хонд. Ростӣ, **дилам танг шуд** (С. Айнӣ Одина). Расчёт нест ба ту, ба куҷое, ки хоҳӣ рафтан гир, ту! **Чор тарафат қибла**! (С. Улуғзода, Навобод). Бечораи писарам аз бозе, ки **сараш дута шуд**, аз касофат намебарояд (А. Деҳотӣ, Куллиёт, III). Абдулло «**дилатон ганда нашавад**» гӯён маро тасаллӣ дод (П. Толис, Повест ва ҳикояҳо). Диданд, ки синни усто аз шаст гузашт, аммо аз ҷонишинаш ҳоло ҳам дарак не, **дилашон хунук шуд** (Ф. Муҳаммадиев, Рӯзи дафнии усто Оқил).

Дар ин сохтори фразеологӣ бандакҷонишинҳоро ҷонишинҳои шахсӣ иваз карда метавонанд:

Дили МАН пур Дили МО пур
Дили ТУ пур Дили ШУМО пур
Дили ВАЙ (ӯ) пур Дили ОНҲО (вайҳо) пур.

Чанд мисол:

Ҷон оймуллоҷон, маро айб кунед ҳам, фақат ба шумо мегӯям, ки дили ман ба ҷойи дигар банд шудагӣ!(Ҷ. Икромӣ, Духтари оташ). Ноинсоф ҳатто, фикр накард, ки асаби шумо вайрон мешаваду кор аз будаш бадтар мегардад (Ҳ. Содиқ, Мактуб).

Исмҳо ба вазифаи ҷузъи ишорӣ омада, одатан, шахси сеюмро ифода мекунанд: дили бача пур, дили бачагон пур. Масалан:

Хусусан, пас аз нақли муфассали Алёна дар бораи моҳҳои охири ҳаёти Наталья дили Давлат аз алам пора-пора мегашт (Ф. Ниёзӣ, Ҳар беша…). Чашми туркманбача ва кӯри Рачаб ба назарам бисёр бечо намуд(Ҳ. Ирфон, Дар кулбаи косибон).

Азбаски хабари сохтори фразеологии **дили касе пур** бо ҳиссаҳои номии нутқ ифода ёфтааст, он чун хабарҳои номӣ бандакҳои хабарӣ ва феълҳои ёвари **шудан, будан** ва муродифоти дигари грамматикии ин феълҳои ёридиҳандаро қабул карда, шаклҳои гуногуни замонӣ ва сиғаҳоро ба вуҷуд оварда метавонад.

Дар ифодаи шаклҳои замонии сиғаи хабарӣ баробари бандакҳои хабарӣ (бештар бандаки шахси сеюми танҳо) феълҳои ёридиҳандаи **будан ва шудан** низ ба кор бурда мешаванд. Ин сохтор ба маънои замони ҳозираи сиғаи хабарӣ метавонад бе бандаки хабарӣ ҳам истеъмол шаванд. Дар ин мавриди одатан, бандаки хабарии шахси сеюми танҳо дар назар аст. Чунончи, ҷумлаҳои **чашми касе гурусна, кори касе чатоқ, кори касе калон, дили касе ҷавон** дар матнҳои зер бе бандаки хабарӣ ба кор бурда шудаанд:

Шиками гург сер шавад ҳам, **чашмаш гурусна**, мегӯянд(Р. Ҷалил, Шӯроб, I). **Корат чатоқ**, Зиёбой, – ҳазл мекард савумӣ, як зани ҳомила дина башараи туро дида, аз тарс бача партофтааст (Ф. Муҳаммадиев, Одамони куҳна). Ӯҳ-хӯ! –гуфт бобо, – **кораш калон**-ку! (П. Толис, Ҳикояҳои 10 сол).

Сохтори фразеологии **дили касе пур** ба маънои замони ҳозираи сиғаи хабарӣ бисёр вақт бо бандакҳои хабарӣ истеъмол мешавад:

Дилам кашол аст. Охир, дар Бухоро ва атрофи он ҷоҳои таърихӣ ва осори атиқа бисёр (С. Улуғзода, Саёҳат бо устод Айнӣ). –Азбаски ба шутурҳояш **дилам пур аст**, онҳоро ба киро андохтам (С. Айнӣ, Ғуломон). Азбаски худаш зандӯст ва молпараст аст, **забонаш кӯтоҳ** аст(С. Айнӣ, Дохунда).

Бо феълҳои ёридиҳандаи **шудан** ва **будан** шаклҳои замони гузаштаи сиғаи хабарии ин сохтор ба вуҷуд оварда мешаванд:

Дилам сер шуд (П. Толис, Повест ва ҳикояҳо). Роҳи гулӯяшро чизе хафа карда, **нафасаш танг** шуд (Ф. Ниёзӣ Ҳар беша…). Сараш ҳам ба як тарзи гуворо ғуввос мезад, **табъаш** ҳам **равшан шуд** (Ф. Муҳаммадиев, Тамошо). –Эҳ, дутояк туп медоштем, …**буҷуламон олчӣ буд** (Ф. Ниёзӣ Ҳар беша…). **Дили м**ан хеле **кашол буд**, ки дар ин кори таъхирнопазир иштирок намоям… (Ҳ. Ирфон, Дар кулбаи…).

Сохтори фразеологии **дили касе пур б**о феълҳои ёридиҳандаи **шудан** ва **будан** дар шаклҳои ҷудогонаи сиғаи шартию хоҳишмандӣ ҳам ба кор бурда шудааст:

Фақат ҳаминаш монда буд. **Шӯрам хушк шавад** (Қ. Наимӣ, Ҳабиба). **Шӯрам хушк шавад,** мардак девонаи тапа тайёр шуд (Р. Ҷалил, Шӯроб, I). –**Сафаратон бехатар бошад**, -дасти дар меҳнат обутобёфтаи ӯро маҳкам фишурд Давлат (Ф. Ниёзӣ Ҳар беша…).

Бо феълҳои ёридиҳанда баъзе шаклҳои сиғаи эҳтимолӣ ҳам сохта шудаанд:

Ҳамёнаш холӣ, **гулӯяш қоқ шудагист** (Ф. Ниёзӣ, Ҳар беша…).

Қобили қайд аст, ки феълҳои ёридиҳандаи ҷузъи хабарии ин сохтор дар аксари мавридҳо дар шахси сеюми танҳо меоянд. Ҳатто, дар мавриди дар шахси ҷамъ омадани мубтадои грамматикии он ҳам ҷузъи хабарӣ дар шакли танҳо омадааст: **рӯйҳои касе турш шуд. қавоқҳои касе овезон шуд, чашмони касе беҷо шуд, чашмони касе чор аст:** Ҳозирин аз ин ҳам як қаламӣ бардошта, бо эҳтиёт андаке хӯрда буданд, **рӯйҳояшон** дарҳол **турш шуд**, димоғашон сӯхт(А. Деҳотӣ, Куллиёт). Дар вақти озод кардани бандиён хабардор шавад, ки мабодо, ба ман зарар нарасонанд, чанд рӯз боз **чашмонашон беҷо менамояд** (С. Айнӣ, Дохунда). Аммо бачаҳои уболи берӯзӣ гунҷишкони сихболу сӯзанпар барин **чашмҳояшон чор аст**… (Р. Ҷалил, Шӯроб, I).

Дасти Фадеев, Дониёров, Диловар, Идрис, Мирзохол… дасти **ҳамаи онҳо боло шавад** (Ю. Акобиров, Зам. падарон).

Дар мавриди дар шакли ҷамъ истеъмол шудани ҷузъҳои хабару мубтадои ин сохтори фразеологӣ маънои таҳтуллафзии ҷумла аз нав барқарор шуда, воҳиди фразеологӣ ҳамчун масолеҳи тайёри забон аз байн меравад: У ба аспи ҷаҳл савор шуда буд. **Чашмони пиёламонандаш беҷо буданд** (Б. Ортиқ, Нишона).

Ҷиҳати назарраси сохтори фразеологии **дили касе пур** ин қобилияти табдилёбии вай аст. Ин сохтор, баробари он ки ба шакли фоилӣ табдил ёфта, ба ибораҳои фразеологии феълӣ мубаддал мешавад, боз ба ҳиссаҳо ҷудо шуда, дар таркиби қисмҳои ҷудогонаи ҷумлаи мураккаб ҷойгир гардида, ба ибораҳои изофӣ ва калимаҳои мураккаб бармегардад

Сохтори фразеологии **дили касе пур** ба ҳиссаҳои ҷудогона тақсим шуда, дар таркиби ҷумлаҳои алоҳидаи ҷумлаи мураккаб ба кор равад ҳам, семантикаи умумии фразеологии он боқӣ мемонад, он устуворию рехтагии худро аз даст намедиҳад. Чунончи, ҷумлаҳои фразеологии **чашми касе танг** ва **косаи сабри касе лабрез** дар матнҳои зер бо ҳамин усул ба кор бурда шудаанд: **Чашми** занҳо, ки мегӯӣ, духтарам, **танг мешудааст** (Р. Ҷалил. Субҳи саҳар). **Косаи сабри мо**, ки **лабрез** аст, Ғазаби мо чу теғи дамтез аст (М. Турсунзода,Асарҳои мунтахаб)

Ин сохтори фразеологӣ ба ибораи изофӣ табдил ёфта, рехтагию устуворii худро гум намекунад. Фақат моҳияти коммуникативии он аз байн рафта, ба гурӯҳи воҳидҳои номинативии фразеологӣ мегузарад: **рӯзи касе сахт – рӯзи сахт; сухани касе**

талх – сухани талх; рӯзи касе сиёҳ – рӯзи сиёҳ, хотири касе ҷамъ – хотири ҷамъ, ситораи касе гарм – ситораи гарм ва монанди инҳо:

Рӯзҳои сахти айёми бачагии Давлатшоҳ аз ҳамон вақт сар шуд (Р.Ҷалил, Шӯроб, I). **Суханҳои талхи** модарашро шунида, дигар ба ман рафтори бад накард (Фозилов М, ФИР. II). Талхию ширинии зиндагиро аз ман дида ту бисёртар чашидаӣ ва гумон мекунӣ, ки **рӯзҳои сиёҳи** як замонҳо аз сар гузаронидаатро дую дубора дидан намехоҳӣ (Ф.Ниёзӣ, Вафо). Аммо писари ӯ Толиб бо **хотири ҷамъ** сигарет кашида, табассум мекард (Ю.Акобиров, Замини падарон). Таровати ҷавонӣ рафта бошад ҳам**, ситораи гарм** боқӣ мондааст (Ҷ. Икромӣ, Духтари оташ).

Чунин ҷумлаҳои фразеологии **дили касе пур** метавонанд, бо соқит гардидани ҷузъи ишории худ ба калимаҳои мураккаб табдил ёбанд. Дар қолаби калимаҳои мураккаб ҳам тартиби муқаррарии ҷузъҳои онҳо аксар бетағйир мемонанд, вале семантикаи онҳо чун дар ибораҳои изофӣ тағйир ёфта, ба ифодакунандаи мафҳумҳои одӣ мубаддал мешаванд. **дасти касе кушод – дасткушод; дили касе сахт – дилсахт; дили касе ҷамъ – дилҷамъ; ситораи касе гарм – ситорагарм; дили касе танг – дилтанг; забони касе дароз – забондароз, хотири касе ҷамъ – хотирҷамъ, дили касе хунук – дилхунук, даҳани касе яла – даҳаняла, дасти касе кӯтоҳ – дасткӯтоҳ, ҷони касе сахт – ҷонсахт** ва амсоли инҳо.

Наимбой одами **дасткушод** ва меҳнатдӯст аст (Ҷ.Икромӣ, 12 дарвозаи Бухоро). Ана ҳоло як сол аст, модарарӯси **дилсах**т ароз карда рафтааст (Р.Ҷалил, Шуроб, I). Биби Оиша ҳам…. Аз талаф нашудани Одина ба дасти Арбоб д**илҷамъ** буд (С.Айнӣ, Ас. мунтахаб). Вай зане буд, ҷавон, кушодарӯй, **ситорагарм**… (Ҷ.Икромӣ, Шодӣ). Эҳтимол аз кору ташвиши колхоз ҳамин хел **дилтанг** шуда бошанд (Ф.Ниёзӣ, Вафо II). Наход, ту ба зиндагӣ ҳамин хел **дилхунук** бошӣ! (Ю. Акобиров, Замини падарон). Навкарҳоят д**аҳаняла** баромаданд (С. Улуғзода, Восеъ).

Дар ташаккули баъзе калимаҳои мураккаб баробари сохтори **дили касе пур** шояд колаби изофии он ҳам бетаъсир намонда бошад. Чунин калимаҳо одатан, ду гуна доранд. Яке ба мисли калимаҳои зикршуда дар қолаби «исм + сифат» ба вуҷуд омадаанд, ки дар онҳо таъсири сохтори фразеологии **дили касе пур** намоён аст: қоматбаланд, хотирпарешон, саросема, дилтанг, чашмтанг. Дигаре аз рӯйи қолаби «сифат + исм» сохта шудаанд, ки дар ин маврид шояд, онҳо ба таъсири қолаби ибораҳои фразеологии изофии он ба вуҷуд омада бошанд: **баландқомат, парешонхотир, осемасар, тангдил, тангчашм, софдил, сиёҳдил, ширинзабон** ва монанди инҳо:**Т**ангдилии моро дида, оқсоқол ба калоншавандаҳои қишлоқ маслиҳат кардааст (Ҷ.Икромӣ, 12 дарвозаи Бухоро). у Мирак, - гуфт Куйбишев, - бачаи нагз ҳастӣ, бачаи бағайрат, бачаи софдил, бачаи хушбахт (Ҷ.Икромӣ, 12 дарвозаи Бухоро). Абрҳои сиёҳдил домони худро ба кӯҳу теппаҳо паҳн карда нишаста буданд (Ҷ. Икромӣ, Шодӣ). Либосаш ба худаш чунон зебидааст, ки …. баъд хеле боодоб, ширинзабон барин … (Ҷ.Икромӣ, 12 дарвозаи Бухоро).

Баробари қолаби «исм+исм» ва «исм+сифат + пасванди калимасоз» низ калимаҳои мураккаб сохтаанд. Қолаби «исм + исм» чандон сермаҳсул нест: **дили касе хун** – дилхун; **дили касе об** – дилоб:

- Ман-ку майлаш, дар гӯр! Лекин барои духтарак **дилхун** будам (Ҷ.Икромӣ ва А.Одинцев, Аҷоиботи сафар). Хайр модаракат-ку аслаш **дилоб** аст, писарам, аммо ба ту чӣ шуд? (Ф.Ниёзӣ. Ҳар беша…).

Сохтори фразеологии «**дили касе пур**» бо қолаби «исм + сифат» ва пасванди калимасозӣ – ӣ исмҳои маънӣ месозад: **дилхунукӣ, дилпурӣ, дилкашолӣ, дилгармӣ, дилсиёҳӣ, чашмтангӣ, забондарозӣ** ва монанди инҳо:

Диловар сабаби **дилхунукии** худро аз акояш нагуфт (Ю.Акобиров, Замини падарон). **Дилпурии** Мурод ба ростқавл шудани бой боз ҳам пурзӯртар шуд (С.Айнӣ, Ятим). Лаҳза ба лаҳза рӯйи худро ба қафо гардонда ба тарафи ҳавлии бой бо **дилкашолӣ** нигоҳ мекардааст (С.Айнӣ, Куллиёт, VI). Ман ба Шумо ҳамеша **дилпурӣ** дорам (Ф. Ниёзӣ, Вафо).

Қолаби «исм + сифат»-и ин сохтор бо пасванди **–она** калимаҳои мураккаби мансуби зарфҳоро сохтааст: **дилтангона, дилпурона**;

Муйсафед **дилтангона** ҳар замон ба сӯйи дар назар карда мегуфт (Ҷ.Икромӣ, Шодӣ). – Хайр, чӣ гуфта гиря мекард, охир? – пурсид Карима д**илтангон**а (Ҷ.Икромӣ, Шодӣ).

Қисми калони воҳидҳои фразеологии қолаби **дили касе пур** бо вуҷуди рехтагии семантикаашон дар матн сохтори ҷумлагии худро нигоҳ медоранд. Махсусан, ифодаҳои идиоматики ҷузъҳояшон ба пурагӣ дессемантизатсия шуда, ки дар ифодаи як мафҳуми яклухт ба кор бурда мешаванд. Ҳарчанд ки сохтори ҷумлаҳои пурраро

доранд, аз бобати семантикаи фразеологӣ ҷудонопазиранд. Ба ҳамин сабаб, аст, ки дар онҳо зиддияти рехтагии маъно ва мураккабии сохтори грамматикӣ баръало мушоҳида мешавад. Чунин сохторҳои фразеологӣ дар аксари мавридҳо дар матнҳои нисбатан бузургтар ҳамчун ҷумлаҳои мустақили дутаркиба ба кор рафтаанд.

Ҳусен даст бардошта, аз даруни остин шиша ва аз даруни остини дигар қоғазеро нишон дод: - **Хотиратон ҷамъ шуд-мӣ**? (Р.Ҷалил, Шӯроб, II). – **Рангаш дар гӯр**! Ман туро ба Сарам мезанам? – гуфт малика (Ю.Акобиров. Зам. падарон). Шумо, даҳбошӣ, – мад кашид бой пояшро ба даруни ҳавз дароварда, - худатонро бекор азоб надиҳед. **Дили ман пур** (Р.Ҷалил, Одамони ҷовид). Аммо ба кӯча баромадан ҳамон **дили Малоҳат сиёҳ шуд** (Р.Ҷалил, Шуробод, II).

Ин сохтори фразеологиро ҳамчун ин ба вазифаи ҷумлаҳои таркибии ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ва пайваст ба кор бурдан мумкин аст:

Аммо бинобар он ки аз писараш ҳам **дилаш пур набудааст**, боз гашта омада, ба амбор медарояд (Р.Ҷалил, Одамони ҷовид). Агар онҳо маст бошанду ба фаэтончӣ савор шаванд, **корашон ванг** гуфтан гиред (Р.Ҷалил, Шуроб. II). Лекин **азмаш ҷазм**, ки албатта, боз ба колхоз меравад (Ҷ.Икромӣ, Шодӣ). Холо дар мулки бегона гадоию ҳаммолӣ мекунанду **рӯяшон сиёҳ**! (Ю.Акобиров? Замини падарон). Ҳоло колхоз ба вай ҷудо карда дод, ҳар рӯз кор карда, ҳақ мегирад, **димоғаш чоқ** (Ҷ.Икромӣ, Шодӣ).

Шояд дараҷаи баланди ифодаи идиоматизатсияи семантикааш аст, ки гоҳо ин сохтори фразеологӣ вазифаи ахбории худро гум карда, дар ифодаи аъзоҳои гуногуни ҷумлаҳои одӣ ба вазифаи номинативӣ ба кор бурда мешаванд. Дар ин мавриди, он на фақат ба вазифаи хабари ҷумлаҳои одӣ омада метавонад, ҳамчун муайянкунанда ва навъҳои мухталифи ҳол низ ба кор рафтааст.

Дар мавриди ба вазифаи хабар истеъмол шудани ин сохтори фразеологӣ мақоми грамматикии ҷузъи мубтадои он ба пуррагӣ хира шуда, ин вазифаро ба худ ҷузъи субъекти мантиқӣ (соҳиби амал, агенс) қабул мекунад. Дар натиҷа, соҳиби амал дар чунин ҷумлаҳо ду бор зикр меёбад: Як бор ба тариқи шахшуда дар таркиби хабари бо қолаби **дили касе пур** ифода шуда, тавассути бандакҷонишинҳо, бори дуюм, дар сурати воқеӣ бо ҷонишинҳои шахсӣ ва калимаҳои ивазкунандаи онҳо, ки ба вазифаи мубтадои грамматикӣ истеъмол шудаанд.

Бой сукут кард, зоҳиран**, ӯ** ҳанӯз ҳам **дилаш** аз Восеъ **пур набуд** (С.Улуғзода, Восеъ). **Модарам** доим **чеҳрааш хира буд** (С.Улуғзода, Субҳи ҷавонии мо). Аммо бачаҳои уболи берӯзӣ гунҷишкҳои сихболу сӯзанпар барин **чашмҳояшон чор аст** (Р.Ҷалил, Шӯроб).

Қобили қайд аст, ки дар хусуси ҷумлаҳои қолаби «**Ӯ дилаш пур**» дар забоншиносии муосир ақидаҳои гуногун изҳор шудаанд. Як гурӯҳ мавриди таҳлили синтаксисии чунин ҷумлаҳо «ӯ»- ро мубтадо, «дилаш пур»- ро хабар донистаанд [7]. Гурӯҳи дигар «дил»-ро мубтадои асосӣ ва «ӯ»-ро муайянкунандаи он ҳисобида, дар чунин ҷумлаҳо ду мубтадо – мубтадои ҳақиқӣ /дил/ ва ғайриҳақиқиро /ӯ/ ҷудо кардаанд [8]. Баъзе тадқиқотчиён ақида изҳор кардаанд, ки истеъмоли ҷумлаҳои «ӯ дилаш пур» на ҳама вақт аз ҷиҳати услубӣ дуруст аст. Ба ҷойи ҷумлаҳои услубан вазнини «Остонақул дардаш сабук», «Вай қиёфааш ҷиддӣ» истеъмоли муодилҳои синтаксисии онҳо «дарди Остонақул сабук», «қиёфаи вай ҷиддӣ» беҳтар аст [9].

Ба ақидаи мо, мавриди тадқиқи ҷумлаҳои барои забони муосири тоҷикӣ як андоза ғайриодии «ӯ дилаш пур» ба тағйирёбиҳое, ки дар таркиби воҳиди фразеологии ҳамчун ҷузъи дохилии чунин ҷумлаҳо истеъмолшуда ба вуҷуд омадаанд ва ин тағйирёбиҳо боиси дигар шудани вазифаи тамоми воҳиди фразеологӣ гардидаанд, диққат надодан мумкин нест. Пеш аз ҳама, бояд ба ҳисоб гирифт, ки аз байн рафтани маъноҳои ибтидоии ҷузъҳои таркибӣ, аз ҷумла хира шудани ҷузъи ишорӣ, ки соҳиби амал (агенс суъбект)-ро ифода мекунад ва ба ин сабаб маҳдуд гардидани вазифаҳои синтаксисии ин ҷузъҳо дар таркиби сохтори фразеологии «дили касе пур» боиси тағйирёбии вазифаҳои грамматикии он мегардад.

Ба ин сабаб, мавриди ба вазифаи аъзоҳои ҷумлаҳои одӣ истеъмол шудани ин сохтори фразеологӣ вазифаҳои гарамматикии ҷузъҳои таркибии онро ба таври сунъӣ таҳлил карда, дар онҳо вазифаҳои собиқаи гарамматикиашонро ҷустуҷӯ кардан аз нуқтаи назари қоидаҳои синтаксисӣ ба фикри мо, кори дуруст нест, чунки дар мавриди ба вазифаи аъзои ҷумла истеъмол шудани ҷумлаи фразеологии навъи «дили касе пур» он ба ҳадди баланд яклухтмаъно шуда, ҳиссаҳои таркибиаш аз ҷиҳати грамматикӣ шаху ноҷунбон мегардад. Шаклҳои парадигмавии ҷузъи номӣ танҳо дар сурати бандакҷонишинҳои шахсӣ боқӣ мемонанд. Исмҳои ифодакунандаи шахс, ҷонишинҳои шахсӣ ва таъинӣ, ки дар мавриди ҷумлаи мустақил будани ин сохтори

фразеологӣ дар ифодаи соҳиби амал (агенс, субъект) бандакҷонишинҳоро иваз карда метавонистанд, дигар ба ин вазифа омада наметавонанд. Бинобар ин, дар ҷумлаҳои навъи «ӯ дилаш пур» аз нуқтаи назари синтаксиси забони ҳозираи ду таркиб: таркиби мубтадо /«ӯ»/ ва таркиби хабарро /«дилаш пур»/ ҷудо кардан ба мақсад мувофиқ аст. Мубтадои ба ҷонишинҳои шахсӣ ва исмҳои ифодакунандаи шахс ифодагардидаи ҷумлаҳои навъи «ӯ дилаш пур» (Муқ. Аҳмад дилаш пур. Бача дилаш пур…) одатан, мафҳуми соҳиби амалро (агенс, субъект) ҳам, ки дар сохтори фразеологии **дили касе пур** ҷузъи ишорӣ ифода мекард, дар бар мегирад.

Ба ин нисбат, бо вуҷуди он ки дар байни бандакҷонишинҳои сохтори **дили касе пур** ба вазифаи хабари ҷумла омада ва мубтадои ҷумлаҳо аз рӯйи шахсу шумора алоқаи мувофиқат боқӣ мемонад (Ман дилам пур, Ту дилат пур, Бача дилаш пур…,), вазифаи грамматикии ин бандакҷонишинҳо, гуфтан мумкин аст, то ҳадди охир маҳдуд шудааст. Ин маҳдудшавӣ ба андозаест, ки онҳо баробари ҷузъҳои дигари ин сохтор фақат ҳамчун унсури таркибии воҳиди фразеологӣ ба назар мерасанду бас.

Сохтори фразеологии қолаби **дили касе пур** айнан ҳамин тавр ба вазифаи муайянкунандаҳо ва ҳоли ҷумлаҳои одӣ омада, мустақилияти ахборирсолдиҳии худро аз даст медиҳанд ва ба ифодакунандаи мафҳумҳои одии наминативӣ табдил меёбанд.Дар мавриди ба вазифаи муайянкунандаҳо истеъмол шудани ин сохтор ҳам ҷузъи ишории онҳо дар шакли бандакҷонишинҳои гуногун нигоҳ дошта мешаванд:

Одами **дилаш кач**, Саъдии **забонаш** чун асал ш**ирин** (Ниг. Таджиев.Спасобы связя…., Сталинобод, 1955. –С. 47-48).

Айнан ҳамин тавр, сохтори мазкурро ба вазифаи ҳоли тарзи амал ба кор бурдан мумкин аст: Ин гапҳоро ба шумо **дилам пур шуда** гуфтам (С.Айнӣ, Дохунда). Ман ният дорам, ки ягон ҷавони қобил ёфта, хонадомод кунам, то ки **як** фарзандам **ду шуда,** дар вақти пиронсолагӣ ба мо дастёрӣ кунанд (С.Айнӣ, Дохунда).

Қобили қайд аст, ки семантикаи сохтори фразеологии қолаби **дили касе пур** дар вазифаи аъзоҳои ҷудогонаи ҷумла аз маъноҳои калимаҳои мураккаби аз онҳо бавуҷудомада кам фарқ мекунад. Ин бесабаб нест. Дар натиҷаи тағйирёбии вазифаҳои синтаксисии сохтори мазкур раванди яклухтмаъношавии он сурат меёбад ва дар натиҷа, онро ба калимаи мураккаб табдил медиҳад.

Ҳамин тариқа, дар шакли сохтори фразеологии қолаби **дили касе пур** лаҳзаҳои ниҳоят мураккаби динамикаи забонамонро мушоҳида мекунем. Ин гуна воҳидҳои фразеологӣ баробари сохтор ва маъно ба системаи шаклҳои мушаххаси парадигмавӣ табдилшавиҳои муайяни грамматикиро соҳибанд. Воҳидҳои фразеологии забонамон дорои қонуниятҳои грамматикии ба худ хосанд ва қонуну қоидаҳои грамматикии онҳо на ҳама вақт бо қоидаҳои грамматикии мустаъмал мувофиқат мекунанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Маҷидов Ҳ. Ҷумлаҳои фразеологӣ//Мактаби советӣ, -1978. -№5. –С.15-19; / Ҳ Маджидов. Об особенностях предикативных фразеологических единиц таджикского языка// «Всесоюзная научная конференция» проблепмы иранской филология/материали конференции. –Баку. 1979.–С. 30-31; Маджидов Ҳ. Фразеологическая система современного таджикского литературного языка. – Душанбе, 2006. – С. 134-142; 158-187.
2. Таджиев Д.Т. Об одном словосочетании в современном таджикском литературном языке в «Известия АН Таджикской ССР» /отделение обществ. наук, вып.I. -Сталинабад, 1952.-С. 23-26.
3. Таджиев Д.Т. Способы связи определения с определяемым в современном таджикском литературном языке / Д.Т. Таджиев -Сталинабад, 1955.- С.45-49.
4. Архангельский В.Л. Усточивые фразы в современном русском языке: основы теории устойчивых фраз и проблемы общей фразеологии. –Ростов на Дону, 1964. –С. 193.
5. Рубинчик Ю. А. Основы фразеологии персидского языка / Ю. А Рубинчик.–М.: Наука, 1981. -С. 231-236.
6. Таркибҳои фразеологӣ. // Мактаби Советӣ. – №1 – 1980; .Гурӯҳҳои феълҳои забони тоҷкӣ // Маориф ва маданият. -4 апрели соли 1978.
7. Аренде А. Синтаксис персидского языка. -М.-Л, 1941.-С.32; Пейсиков А.С. Вопросы синтаксиса персидского языка. -М., 1969.-С.192, 194; 330-337.
8. Шафаи А. Об одной синтаксической конструкции в сложносочиённых предолжениях в персидском языке, Межвузовская научная конференция по иранской филологии / А.Шафаи. -Душанбе, 1966. -С. 231.
9. Камолиддинов Б. Дар бораи як тарзи ифодаи забони тоҷикӣ. Масъалаҳои филологияи тоҷик / Б Камолиддинов.-Душанбе, 1971. – С. 164.

ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИЕ ПРЕДЛОЖЕНИЯ ТИПА ДИЛИ *КАСЕ* ПУР В СОВРЕМЕННОМ ТАДЖИКСКОМ ЛИТЕРАТУРНОМ ЯЗЫКЕ

В современном таджикском литературном языке наиболее употребительным являются фразеологические предложения типа **дили *касе* пур** являющиеся двусоставными по структуре организации, двучленные по лексическому составу и оформленные именным компонентом – сказуемым. Такие фразеологические предложения материально могут выразить различные морфологические категории не

только посредством компонента – сказуемого, но и компонентом – подлежащем. Вследствие чего они всегда раздельно оформлены, слегка могут трансформироваться в другие структурные модели и многофункциональны.

Ключевые слова: фразеологические предложения, морфологические категории, компонент – сказуемое, компонент – подлежащее, структурные модели, современный таджикский литературный язык.

PHRASEOLOGICAL SENTENCES LIKE DILI, KASS ESD IN THE MODERN TAJIK LITERARY LANGUAGE

In the modern Tajik literary language are the most common type of Dili Kas offers phraseological Pur are dvusostavnymi on structure dvučlennye of the lexical composition and individual component-framed. Such phraseological offers material can express different morphological category, not only through component-predicate, but the component is to be. And they always have a separate, slightly can be transformed into other structural models and more versatile.

Kev words: phraseological proposals, morphological categories, a component of the sentence, the component is subject, the structural model of the modern Tajik literary language.

Сведения об авторе: ***Х. Маджидов*** **–** доктор филологических наук, профессор кафедры современного литературного таджикского языка Таджикского национального университета.

БАҲРАБАРДОРӢ АЗ ОСОРИ ТАЪЛИМИИ ГУЗАШТА

Д. Хоҷаев
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар рӯзгори феълии мо илми забоншиносии тоҷик, вазъи таълими он дар мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ ва донишкадаю донишгоҳҳо дар ҳоли рушд бошад ҳам, бисёр масоили ҳалталабу печида дорад.

Мусаллам аст, ки чӣ андозае ки забони адабӣ ва китобии як миллат дар ҳукми як рукни муҳимми шинохту ҳастии ҳамон миллат мақоми арзишманд дошта бошад, илми онро фарогирандаю таҳқиқкунанда низ ба ҳамон андоза арзишу мақом дорад. Аз ин ҷост, ки баҳси забон ва таҳлилу таҳқиқи масъалаҳои мубрами он, инчунин бароҳандозии равиши самарабахши самтҳои таълимаш аз доираи муҳокимаҳои забоншиносии касбӣ берунрафта ба масъалаи муҳимми фарҳангию миллӣ табдил меёбад. Ин равиш як муддат дар Эрон ба вуҷуд омада буд ва адабиётшиносон, файласуфон ва муҳаққиқони дигар бахшҳои илм ҳам оид ба масоили баҳси забоншиносӣ ибрози назар кардаанд.

Ҷойи андеша аст, ки ҳамаи он таълифоту таҳқиқоте, ки оид ба риштаҳои мухталифи илми забоншиносӣ донишмандони забоншиноси мо анҷом додаанд, қисме аз зиёиёну аҳли мутолиаро қонеъ намегардонад.

Бояд гуфт, ки забоншиносии тоҷик анъанаи ғанию қадима дошта бошад ҳам, баъди Инқилоби Октябр равиши дигареро пеш гирифт, ки ин ба воқеияти замон вобастагӣ дошт. Азбаски давлатдорӣ дигар шуд, илми забоншиносӣ ҳам чун як соҳаи дониш ба тарзи дигар арзи вуҷуд кард. Дар натиҷа, илми забоншиносии тоҷик ва таълими он аз роҳу равиши классикӣ берун шуда, бо пайгирӣ аз забоншиносии русиву аврупоӣ пеш рафт. Ин равиш дар баъзе риштаҳои забоншиносӣ, ба мисли масоили назарии забоншиносӣ, истилоҳсозию вожасозӣ таъсири мусбат расонида бошад, аз ҷониби дигар, вазъи мавҷудаи онро, ки ба низоми тамоман дигар, яъне бештар ба низоми дастури забони арабӣ такя дошт, гум кард.

Ҳар як соҳаи дониш барои пешрафти амалия хизмат мекунад ва арзиши ҳар як соҳаи илм аз рӯйи татбиқи амалии он муайян карда мешавад. Аз ҳамин нуқтаи назар, илми забоншиносӣ низ бояд барои такмилу инкишофи сатҳи маърифати мардум, боло бардоштани ҳусни гуфтор хизмат кунад. Ба назари мо, ҳамин берун рафтан аз маҷрои анъанавӣ ба усули равишу таълими амалии забоншиносии тоҷик таъсири номатлуб расонд.

Ба аҳли донишмандон равшан аст, ки то Инқилоби Октябр таълиму тадриси забон дар мактабу мадрасаҳо ба асоси дастовардҳои низоми забоншиносии араб ба роҳ монда шуда буд. Донишмандони гузаштаи мо дар баробари истифода аз таҷрибаи забоншиносии араб худашон низ роҳу равишҳои судбахшро ҷустуҷӯ ва ба кор мебурданд, ки имрӯз ҳам аз онҳо баҳра бардоштан мумкин аст. Масалан, Абӯнасри Форобӣ (асри XIII) як рисолаи хурди таълимӣ дорад ба номи «Нисоб-ус-сибён», ки луғати манзуми арабӣ ба тоҷикӣ буда, аз 220 байт иборат аст. Муаллиф дар вазнҳои гуногун 1220 калимаи арабиро ба забони форсии тоҷикӣ шарҳ додааст. Муаллиф пеш аз баёни ҳар фасл номи баҳри арӯз ва рукнҳои онро таъкид мекунад.

Чунончи:

Ба баҳри тақориб тақарруб намой,
Бад-ин вазн низоми табъ озмой.
Фаъӯлун, фаъӯлун,фаъӯлун,фаъӯл.
Чу гуфтӣ, бигӯ, эй маҳи дилрабой,
Иллоҳ аст Аллоҳу Раҳмон-Худой,
Далел асту ҳодӣ ту гӯ раҳнамой,
Само-осмону арзу ғабро-замин.
Маҳаллу макону маон аст ҷой…
Рақчул-марду маръат-зану завҷ-ҷуфт.
Ғанӣ молдор асту мискин-гадой.

Абӯнасри Форобӣ сабаби ба назм шарҳ додани калимаҳоро дар он медонад, ки кӯдакон шеърро тез азбар мекунанд ва бо ин роҳ қувваи ҳофизаашонро қавӣ месозанд ва он вожаҳои тарҷумашударо дар ёд нигоҳ медоранд. Ҳамон тавр ки донишманди шаҳири тоҷик А. Афсаҳзод таъкид мекунад, пеш аз таъкиди вазн ба хонанда ба тарзи хос муроҷиат кардани муаллиф низ онро мисли дарсе ё мушоирае, ки дар ҳузури мусобиқакунандагон баргузор мешавад, ҳувайдо месозад. Чунончи:

Зиҳӣ таровати рӯят, гули ҳамешабаҳор,
Қади ту дар чамани ҳусн - сарви хушрафтор.
Мафоилун, фаъилотун, мафоилун, фаъилот
Бигӯй муҷтасу ин баҳррову кун такрор:
Салосу хамс - севу панҷ, арбаъ аст чаҳор,
Валек ситаву сабъа, сомония тисъа
Шаш асту ҳафт, дигар ҳашту нуҳ, чу алф - ҳазор.

Дар пайравии «Нисоб-ус-сибиён» аз асри XIII то асри XX чандин дастурҳои дигар, ба мисли: «Заҳрат-ул-абад»-и Шамсиддин Аҳмад (асри XIII), «Насиби ихвон»-и Мутаҳҳир (асри XIV), «Рисолаи таҷнис-ул-луғот»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ (асри XV), «Фаҳми сибён»-и Фазлуллоҳ (асри XVI), «Куният-ул-фатён»-и Садри Бадр (асри XVII) ва ғайра навишта шудаанд (9, 466).

Ё гирем як дастури дигареро, ки дар асри XVI аз ҷониби донишманди фозил Хоҷа Ҳасани Нисорӣ ба номи «Чаҳор гулзор» барои мубтадиён (навомӯзон) таҳия шудааст. Ин дастур аз чаҳор гулзор мураттаб шудааст. Гулзори аввал фарогири панҷ гул буда, дар онҳо мавзӯъҳои гуногуни илми забоншиносӣ, аз ҷумла савтиёт, луғат, калимасозӣ, сарф ва наҳв матраҳ шудаанд.

Гули аввал дар «Дар баёни тақсими асмои ҳуруфи таҳаҷҷӣ ва тафсили забони форсӣ» ном дошта, дар он оид ба низоми садоноку ҳамсадоҳо, овозҳои хоси арабию тоҷикӣ шарҳу тавзеҳот оварда шудааст.

Гули дуюм «Дар асоми ҳаракот, саканот ва ақсоми афъол» номгузорӣ шуда, дар иртибот бо низоми грамматикаи араб дар бораи **фатҳа, касра, замма, сокин, ташдид, мад, вақф, танвин, ғунна,** (овозҳои димоғии МН) маълумот дода шудааст. Дар ҳамин гул муаллиф дар бораи гурӯҳбандии ҳиссаҳои нутқ (исм, феъл, ҳарф) сухан ронда, сипас, шарҳи феълро аз масдар шурӯъ кардааст. Бисёр нақиб аст, ки Хоҷа Ҳасани Нисорӣ дар бораи сиғаҳои феъл маълумот дода, таъкид мекунад, ки шакли музореъ (мегӯям) барои ҳол (ҳозира) ва истиқбол (оянда) муштарак аст.

Гули сеюм «Дар ташреҳи анвои ҳуруфи муфрада ва мураккаба ва тағйиру табдили баъзе ҳуруф» ном дошта, асоси калимасозии забони форсии тоҷикро дарбар мегирад.

Гули чаҳорум «Дар тақсими изофа ва қоидаи маҳмул бар қалб» номида шудааст.

Гули панҷум «Дар тафсили имола ва тарҳим ва қоидаи мутафарриқот ва асмо ва ғайра» номгузорӣ шудааст.

Ҳоло ба сифати намуна як шарҳи муаллифи ин дастурро дар муқоиса бо «Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик», Ҷ. 1. (нашри академӣ) меорем. Чунончи, исм ҳамчун ҳиссаи номӣ ва мустақили нутқ дар «Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик» ин тавр таъриф дода шудааст: «Исм ҳиссаи нутқест, ки предмет ва мафҳумҳои предметонидашударо ифода менамояд» (2, 90).

Хоҷа Ҳасани Нисорӣ бошад, ба исм таърифи зеринро муносиб донистааст: «Исм калимаест, ки аз он замон фаҳмида нашавад, аммо маъниаш мустақил бошад ва ақсоми он асмо бисёр аст» (8, 13). Пас аз ин таърифи бисёр фаҳмову сода ва ихчам исмро ба ҳашт навъ ҷудо мекунад:

1. Исми зот, ки исм дораду ҷисм надорад (**хашм, ақл, ишқ, ҳаво, бӯ, ҷон**).
2. Исми сифот, ки исм бо рӯҳаш аст: **одам, ҳайвон (аспу хару гов), парранда, мӯр, магас…**
3. Исми адад: (**як, даҳ, сад, ҳазор, рӯз, шаб, моҳ, сол**).
4. Исми ҷамъ - воҳид ҳукми ҷамъ дорад (**мардум, фавҷ, олам, ҷаҳон**).

5. Исми ҷинс - исме, ки бо иродаи худ рафта натавонад, то ки касе набарад, чун **қалам, давот, китоб, коғаз…**

6. Исми зарф - исме, ки маънии ҷо ё чизе, ки ба он чизеро ҷо мекунанд, дорад. Мисол: **қаламдон, ҷузвдон, пойдон, хасдон, майкада, оташкада, гулистон, бӯстон, найистон, дабистон, гулзор, намакзор, хобгоҳ, оромгоҳ, ҳарбгоҳ.**

7. Исми масдар: **омадан, рафтан, гуфтор, рафтор, дониш, кӯшиш**.

8. Исми фоил: **гӯянда, раванда, хӯранда.**

Ҳамин гуна қайдҳои муҳим дар «Чаҳор гулзор» оид ба изофат, вожасозӣ ва феъл низ дида мешавад. Ин донишманди тавоно дар бобати изофат тавзеҳоти бисёр боарзише овардааст, ки нисбат ба маълумоти дар луғатномаю дастурҳои дигари пешин хеле мукаммалу густурда мебошад.

Бисёр наҷиб аст, ки Воҷидалихони Муҷмалӣ пеш аз баёни матолиби «Матлаъ-ул-улум ва маҷмаъ-ул-фунун» дар барои айёми кӯдакиву наврасии худ маълумот медиҳад, ки бисёр омӯзандаю писандида аст. Аз шарҳи муаллиф бармеояд, ки ибтидои донишомӯзии донишмандони гузашта хеле пурбаракат будааст. Чунончи, Воҷидалихони Муҷмалӣ мегӯяд: «…Ба умри дувоздаҳсолагӣ сайри аксаре аз кутуби дарсии форсӣ, мисли «Гулистон», «Ахлоқи муҳсинӣ», «Калила ва Димна», «Маъдан-ул-ҷавоҳир», «Абвоб-ул-ҷанон» ва баъзе насрҳои муфид, мисли «Се насри Зуҳурӣ», «Туғро» ва баъзе маснавиҳо ва девонҳо, ки ба ҷиҳати кушоиши зеҳни мубтадиён кофист, мисли «Бӯстон», «Юсуф ва Зулайхо», «Искандарнома», «Девон»-и Осафӣ, «Девон»-и Заҳир фориғ гардида, саводи бинавиштхонди форсӣ ҳосил намудам ва дар улуми сарфу наҳв низ чанд кутуб дар сина азбар гирифтам» (1, 7). Муаллиф дар фасли «Дар баёни илми сарфи форсӣ» ин тавр мегӯяд: «Бидон, ҳар феъле, ки дар охираш **дан** ё **тан** бошад, масдар аст, чун **гуфтан** ва **задан** ва **кардан**. Ва **таҳамтану обистан** исм аст, масдар нест. Ва масдар бар ду қисм аст: лозим ва мутаадӣ. Лозим он аст, ки сарф ба фоил иқтизо кунад ва муқтазӣ мафъул набошад, чун **хӯрдан**. Ва мутаадӣ он аст, ки аз фоъил таҷовуз карда, муқтазӣ мафъул бошад, чун **хӯронидан, шикастан ва гусастан**. Ва аз масдар чиҳил сиға бармеояд: бист сиға аз воҳиди ғоиби феъли мозӣ ва бист сиға аз воҳиди ғоиби феъли музореъ. Ва сиғаҳо бар ду қисманд - воҳид ва ҷамъ ва дар форсӣ музаккар ва муаннас яксон аст, яъне ҳеҷ аломати тамиз дар миёни сиғаи музаккар ва муаннас нест» (1,15).

Муаллиф шаклҳои тасрифии сиғаҳоро вобаста ба шахсу шумора ва замон ботафсил овардааст, ки хеле наҷиб аст. Хулоса, имрӯз мо, вақте ки оид ба ин ё он масъалаи забону забоншиносӣ сухан мегӯем, бояд ба таърихи он масъала ошно бошем ва ҳангоми таълифи китобҳои дарсӣ аз асосҳои дастури забони тоҷикӣ аз ин манбаъҳо истифода бибарем.

АДАБИЁТ

1. Воҷидалихон. Матлаъ-ул-улум / Воҷидалихон. Нувалкушур, 1389. -556с.
2. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. (нашри академӣ). - Душанбе, 1989. -Ҷ. 1. – С. 220.
3. Муҳаммад Ғиёсиддин. Ғиёс-ул-луғот / Муҳаммад Ғиёсиддин. - Душанбе, 1987. -Ҷ. 1. -480 с.
4. Муҳаммад Ғиёсиддин. Ғиёс-ул-луғот / Муҳаммад Ғиёсиддин. - Душанбе, 1988. -Ҷ. 2. – С. 416.
5. Таджиев Д.Т. Способы связи определение с определяемым в современном таджикском литературном языке / Д.Т. Таджиев - Сталинобод, 1955. – С. 68.
6. Форобӣ Абӯнаср. Нисоб-ус-сибён / Форобӣ Абӯнаср. - Тошкент, 1334. – С. 32.
7. Хоҷа Ҳасани Нисорӣ. Чаҳор гулзор / Хоҷа Ҳасани Нисорӣ. - Душанбе, 1998. – С. 116.
8. Энсиклопедияи адабиёт ва санъат. - Душанбе, 1989. -Ҷ. 2. - 560 с.

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ УЧЕБНЫХ ПОСОБИЙ ПРОШЛОГО

В статье рассматривается вопрос об использовании учебных пособий прошлого по основам грамматики таджикского языка. В качестве примеров выбраны три учебных пособия: «Нисоб-ус-сибиён» Абунасра Фарохи, «Чахор гулзор» Ходжа Хасана Нисори и «Матлаъ-ул-улум и маљмаъ-ул-фунун» Воджидалихана Муджмали. В статье дана краткая интерпритация данных пособий.

Ключевые слава: языкознание, философия, словарь, знание, пособие, лексика, словообразование, морфология, синтаксис, части речи, изофет, наклонение, глагол.

THE USING OF SOVIET RECOURSE OF LITERATURES

The author of the article based question of the using previous educational materials on the basics of grammar of the Tajik language. As an examples selected three benefits: «Nisab- us- sibiyon»- from Abunasri Forobi «Chahor gulzor» from Khoja Hasani Nisori, «Matla- ul- ulum and Majma –ul- funun»- Vojidalikhoni Mujmali. In this article the shot inter petition of these recourse.

Key words: linguistics, philosophy, dictionary, knowledge, lexical, wordmade, morphology, syntactic, part of sentences, isafet, mood, verb.

Сведения об авторе: ***Д. Ходжаев*** - доктор филологических наук, профессор кафедры истории языка и типологии Таджикского национального университета

НАЗАРЕ БА УСУЛҲОИ ИСТИЛОҲСОЗИИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

С. Назарзода
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Солҳои 20-уми садаи гузашта, вақте ки масъалаи табдили алифбо ва бозсозиву навсозии забони адабии як қатор миллатҳои Иттиҳоди Шӯравӣ ба миён омад, суоли ногузире пайдо шуд, ки истилоҳофаринии ин забонҳо чи гуна ва бар асоси кадом усулҳо сохта шавад ва ба кадом роҳҳо бояд пеш равад? Зеро дар ҳар ҷумҳурӣ ин масъала мустақилона, бидуни мувофиқа ва ҳамоҳангсозӣ бо ҷумҳуриҳои дигар ҳал мешуд. Гузашта аз ин, дар аксарияти ҷумҳуриҳои миллӣ луғатшиносони варзида ва ошно бо меъёру методологияи нави истилоҳшиносии ҷаҳонӣ мавҷуд набуданд. Ҳатто, дар марказҳои муқтадири илмӣ чун Маскаву Ленинград ҳам чунин мутахассисон кам буданд. Мактаби забоншиносии шӯравӣ ва шохаи истилоҳшиносии он дар ҳоли инкишофу ташаккул буд.

Масалан, аз рӯйи иттилооти мавҷуда оғози фаъолияти истилоҳшиносӣ дар замони шӯравӣ марбут аст ба маҳфили истилоҳшиносие, ки дар ибтидои солҳои 20-уми асри гузашта дар назди хонаи олимони шаҳри Ленинград ташкил гардид. Нахустин роҳбарони минбаъдаи Кумитаи истилоҳгузинии илмӣ ва техникии АИ СССР академикҳо С.А. Чаплигин ва Д.С. Лотте фаъолияти худро маҳз дар ҳамин маҳфил оғоз карда буданд.

Ба ин нигоҳ накарда дар ин солҳо кӯшишҳои фаровон ба харҷ дода шуд, ки истилоҳшиносон ва истилоҳгузинони тозакори миллӣ дастгирӣ шаванд ва истилоҳгузинӣ дар ин ҷумҳуриҳо то ҷойи имкон мутобиқи меъёрҳои илмӣ пеш равад. Ба ин мақсад дар Анҷумани якуми умумииттифоқии туркшиносӣ (Боку, 1926) ва дертар дар Шӯрои илмии Кумитаи Марказии умумииттифоқии Алифбои нав (КМУ АН) ин масъала мавриди муҳокима ва баррасӣ қарор гирифт ва забоншиносони барҷастаи он замони Иттиҳоди Шӯравӣ ба ин кор ҷалб карда шуданд.

Дар натиҷа, Пленуми якуми Шӯрои илмии КМУ АН роҷеъ ба ин мавзуъ қарори махсус қабул кард ва он барои истифода дар се номаи «Язык и письменность народов СССР» (Москва, 1933) ба чоп расид. Мутобиқи он чор принсипи умумӣ барои истилоҳгузинии нави забонҳои Иттиҳоди Шӯравӣ баргузида шуд:

1. Истифодаи васоити забони модарӣ. Инкишофи истилоҳсозии нав дар асоси забони модарӣ бояд аз нуқтаи назари зайл сурат гирад:

а) офариниши вожагони нав аз решаҳои мавҷудаи он забон бо истифода аз системаи хубинкишофёфтаи пасвандҳои калимасоз;

б) тарҷумаи маъноии истилоҳоти мавриди ниёз ба шеваи забонҳои пешрафта;

в) додани маънои нав ба вожагони ҷории он забон.

2. Истифодаи истилоҳоти интернатсионалӣ дар шароити ИҶШС.

3. Истифодаи истилоҳоти илмӣ ва техникии байналмилалӣ.

4. Истифода аз дигар забонҳои наздик (Развитие…, 1986, с. 73).

Дар заминаи қарорҳои Пленуми номбурда сипас, принсипҳои асосии истилоҳофаринии бисёр забонҳои Иттиҳоди Шӯравӣ таҳия ва танзим гардид. Албатта, истифодаи принсипҳои мазкур дар ҳама забонҳо яксон набуд. Дар ҳар забон вобаста ба авомили хоси забонӣ ва ё таҳти таъсири муҳит ва шароити замонӣ ин ё он усул аҳамияти бештар касб мекард. Вале ба таври умум ин принсипҳо риоят мешуд.

Аммо дар мавриди тарзҳои асосии сохтани истилоҳот ва сермаҳсулии онҳо дар марҳилаҳои гуногуни инкишофи ин ришта дар Иттиҳоди Шӯравӣ мутахассисон дар ин мавзӯъ ихтилофи назар доштаанд. Бинобар ин, дар адабиёти мавҷуда тарзҳои гуногуни истилоҳсозӣ мушоҳида мешавад. Масалан, баъзе муҳаққиқони истилоҳшинос се тарзи истилоҳгузиниро пешниҳод кардаанд:

- «Истилоҳотонидан»-и вожагони забони адабӣ ва лаҳҷаҳои ҳамон забон;
- Истилоҳофаринӣ дар асоси воситаҳои забони миллӣ;
- Иқтибоси «луғот – истилоҳот» аз забонҳои дигар» (Развитие…, 1986, с. 76).

Як даста олимони дигар чор тарзи истилоҳсозиро дуруст мешуморанд:

1. «Истилоҳотонидан».
2. Реистилоҳотонидан (интиқоли истилоҳот аз як соҳа ба соҳаи дигар).
3. Истилоҳофаринӣ.
4. «Интернатсионалонидан» (ба орият гирифтан) .

Гурӯҳи дигари мутахассисони истилоҳшинос тарафдори истилоҳгузинӣ дар асоси қонунҳои соф дастурии забонҳои миллӣ буданд:

1. Семантикӣ (маъноӣ).
2. Сарфӣ.
3. Наҳвӣ.
4. Тарҷумаи таҳтуллафзӣ (калка).
5. Аббреватсия (ихтисораҳо).

Ҳатто, олимоне низ буданд, ки барои баъзе забонҳои Иттиҳоди Шӯравӣ, асосан забонҳои туркӣ, ки мансуб ба «навъи забонҳои агглютинативӣ» мебошанд, фақат ду тарзи истилоҳсозӣ – аффиксатсия (вандпазирӣ) ва калимасозиро пешниҳод кардаанд (Развитие…, 1986, с. 77) ва ғ.

Сабаби чунин гуногунназарӣ дар ин соҳа ба тахмини донишмандон дар он аст, ки муҳаққиқон нисбат ба ин масъала бархӯрдҳои гуногун доштанд: «Дар бисёр мавриди манобеи истилоҳсозӣ ва тарзҳои истилоҳофаринӣ махлут карда мешаванд. Дар баъзе ҳолатҳои дигар манобеи такмили истилоҳот ва тарзҳои (баъзан, истилоҳи «роҳҳо» ба ҷойи «тарзҳо» истифода мешавад) сохтани онҳо дар як радиф қарор дода мешаванд» (Развитие…, 1986, с. 77) ва ғ.

Вале ба андешаи муҳаққиқони ҷумҳуриҳои собиқ Шӯравӣ ва хулосаҳои донишмандони шинохтае, ки машғули масъалаи истилоҳсозӣ дар забонҳои Иттиҳоди Шӯравӣ буданд, тарзҳои асосии истилоҳсозӣ ва такмили он дар забонҳои миллӣ дар даврони шӯравӣ қарори зайл будааст:

1. Гузаштан (нақл)-и вожагони забони миллӣ ба қатори истилоҳот, яъне тарзи семантикӣ (маъноӣ). Ин тарз имконоти васеъ дорад:

а) гузаштани вожагони «маъмулӣ»-и забони адабӣ ва ё умумихалқӣ ба сафи истилоҳот;

б) гузаштани истилоҳоти лаҳҷавӣ ба қатори истилоҳоти миллӣ;

в) ретерминологизатсия, яъне гузаштани истилоҳот аз як соҳа ба соҳаи дигар;

2. Калимасозӣ:

а) тарзи морфологӣ (тавассути вандҳо);

б) тарзи таҳлилӣ ва ё синтаксисӣ (калимаофаринӣ);

в) аббреватсия (ин ду тарз хоси сохтани луғот дар асоси истифодаи унсурҳои забони миллӣ мебошанд, вожаҳои иқтибосӣ низ метавонанд дар ташкили чунин тарз иштирок кунанд);

3. Калкасозӣ, яъне тарҷумаи таҳтуллафзӣ, ки аз як тараф, имкониятҳои ду тарзи аввалро истифода мебарад ва аз тарафи дигар, дар байни онҳо робита барқарор мекунад. Мафҳум ва идеяҳои иқтибосӣ танзим шуда ва ба расмият даровардани онҳо бо васоили миллӣ сурат мегирад. Ба ҳамин тариқ, дар ин ҷо танҳо ҷанбаи мазмунӣ ғайримиллӣ мебошад.

4. Қарз гирифтани истилоҳоти тайёр. Албатта, дар даврони шӯравӣ чунин истилоҳот русӣ, байналмилалӣ ва ё дигар истилоҳоте буданд, ки тавассути забони русӣ ва ё забонҳои дигари хориҷӣ дохил мешуданд. Тавре медонем, қисми охир дар он давра ниҳоят кам буд.

Истилоҳоти тайёр метавонанд чунин бошанд: а) вожагони забони миллӣ, ки аз лаҳҷаҳо ва ё аз дигар соҳаҳо мегузаранд; б) вожагони иқтибосӣ аз забонҳои дигар.

Тамоми истилоҳоти дигар «дериватҳо» (истилоҳоти ҳосилшуда аз тариқи калимасозӣ - С. Н.) мебошанд (Развитие…, 1986, с. 78-79) ва ғ.

Дар мавриди манобеи истилоҳсозӣ низ дар замони шӯравӣ корҳое анҷом гирифта буд. Агар бадиққат ба осори парокандаи ба ин мавзӯъ бахшида нигарем, мебинем, ки муҳаққиқони истилоҳшинос назар ба авзои хоси забонҳо дар шароити ИҶШС се манбаъро барои истилоҳсозии забонҳои миллӣ, аз ҷумла забони тоҷикӣ тарҷеҳ додаанд:

1. Забони миллӣ (тоҷикӣ), истифодаи таркиби луғавӣ ва имконоти дастурии он.

2. Забони русӣ, ки забони тоҷикӣ мафҳум ва истилоҳоти омадаро аз он иқтибос мегирифт ва ё тарҷума мекард. Бисёр вақт ин амал ба сурати тарҷумаи калима ба калима сурат мегрифт.

3. Манбаи байналмилалӣ. Вожагони ин манбаъ асосан, аз забонҳои аврупоӣ, маъмулан аз забони русӣ ва бо имлои русӣ пазируфта мешуд. Ин меъёр ва ё қолаб тақрибан барои ҳамаи забонҳои миллии Иттиҳоди Шӯравӣ яксон буд.

Албатта, набояд фаромӯш кард, ки усул ва ё тарзҳои истилоҳсозӣ категорияи таърихӣ буда, дар мароҳили гуногуни истилоҳсозии даврони шӯравӣ ин ва ё он тарзи истилоҳофаринӣ ва манобеи он серистеъмолтар мешуд ва ин ва ё он усул аз равнақ боз мемонд. Масалан, дар ин давра дар офариниши истилоҳоти иҷтимоӣ – сиёсии забони тоҷикӣ аз тарзҳои семантикӣ ва ё вожасозӣ, аз решаҳои забони тоҷикӣ дида тарзҳои баиқтибосгирӣ ва тарҷума (дар бисёр маврид тарҷумаи таҳтуллафзӣ) бештар

тараққӣ карда буд.Ва ё мебинем, ки таносуби ин се манбаъ дар марҳилаҳои гуногуни истилоҳсозии забони тоҷикӣ яксон нест. Масалан, аз оғози солҳои 60-уми асри гузашта сар карда, дар истилоҳсозӣ каму беш, боэҳтиёт ва мулоҳизакорона ба манбаи миллӣ, имконоти дохилии забон, истифодаи таҷрибаи ҳамзабонон ва тарҷумаи маънои истилоҳоти иҷтимоиву сиёсӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир мегардад. Вале дар амал, чунон ки аз таҷрибаи забони тоҷикӣ ва дигар забонҳои ҷумҳуриҳои ҳамсоя мебинем, тақрибан то ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта дар истилоҳшиносии замони шӯравӣ ду манбаи номбурда афзалияти бечунучаро доштанд ва забони тоҷикӣ торафт дар ҳудуди мактаби миёна маҳдуд мешуд. Шоҳиди ин гуфта хулосаи муҳаққиқон аст, ки дар ин замина навиштаанд: «Манбаи асосии офариниши истилоҳоти нав дар асоси забони миллӣ агар дар ҳама соҳаҳо ҳам набошад, дар бисёр риштаҳо дар доираи истилоҳоти мактаби миёна боқӣ мемонад» (Развитие…, 1986, с. 70).

Вале дар ҳар сурат набояд фаромӯш кард, ки назарияҳое, ки донишмандони замони шӯравӣ таҳия ва тавсия карда буданд, бо вуҷуди нисбати бештар доштан ба забони русӣ, дар маҷмӯъ хислати умумӣ доштанд ва сарфи назар аз вижагиҳои алоҳида барои забонҳои халқҳои Шӯравӣ муштарак буданд. Аз ин рӯ, онҳо дар тамоми даврони шӯравӣ ва пас аз он ҳам барои забоншиносон ва вожагузинони тоҷик ҳамчун сармашқ ва роҳнамо хидмат карданд ва имрӯз ҳам чунон аст.

Дар забони тоҷикӣ истилоҳсозӣ ва истилоҳшиносӣ имрӯз наметавонад бо пажӯҳишҳои густурда ва амиқи назарии худ ифтихор кунад. Мушкил он аст, ки то ҳол заминаи рушду инкишофи ин ришта ба қадри лозим фароҳам нашудааст, аз ҷумла «таркиби луғавии забони адабии ҳозираи тоҷик ба дараҷаи кофӣ тадқиқ нашуда...ва оид ба масъалаҳои алоҳидаамон ягон асари илмии ба назар намоён ба вуҷуд наомадааст». (Тоҳирова, 1967, с.7). Аз ин сабаб на танҳо масъалаҳои назарӣ, балки даҳҳо мавзӯъҳои мубрами дигари истилоҳсозӣ ва истилоҳшиносии забони тоҷикӣ ҳанӯз ҳам дар интизори муҳаққиқони хешанд. Агар ба таърихчаи беш аз шастсолаи истилоҳсозии нави забони тоҷикӣ дар даврони шӯравӣ назар афканем, хоҳем дид, ки аз оғози пайдоиши ин масъала забоншиносон ва муҳаққиқон ҳамеша аз анархия, бетартибӣ ва ҳарҷу марҷ дар ин соҳа шикоят кардаанд. Гоҳо, ин масъала аз доираи илм хориҷ шуда ранги идеологӣ гирифтааст ва мақомоти олии давлати Тоҷикистон роҷеъ ба қоидаву қонунҳои танзими он қарорҳои сиёсӣ қабул кардаанд

Бино ба аҳамияти сиёсӣ ва илмӣ пайдо кардани ин масъала фарҳангиён ва муҳаққиқону мутахассисони ин ришта дар марҳилаҳои гуногуни инкишофи забони адабии тоҷик саъй варзидаанд, ки барои ба як низоми муайян даровардани он усул ва қоидаҳо таҳия ва тартиб диҳанд. Дар натиҷа, дар тӯли 35 сол ду усулнома ва як «қоида»-и тасвибшудаи расмӣ дар ин маврид таҳия гардид. Сарфи назар аз айбу нуқсон ин санадҳо ба «бетартибиҳо» хотима бахшиданд ва то поёни даврони шӯравӣ ва ҳатто, имрӯз ҳам истилоҳсозии забони тоҷикӣ бар асоси онҳо ҷараён дорад.

То нимаҳои дуюми солҳои сиюми асри гузашта, пас аз баҳсу мунозираҳои тезутунд ва тулонӣ чандин усул ва принсипҳои умумии истилоҳшиносии забони тоҷикӣ, сарфи назар аз дурустӣ ё нодурустии онҳо ба таври куллӣ муайян гардид. Ва акнун лозим буд, ки ба таври расмӣ дар қолаби дастуруламал ва ё усулномае барои истифода ва татбиқ пешниҳод шавад. Чунин санади расмӣ соли 1936 бо номи «Установкаи терминологияи забони тоҷикӣ» ба нашр расид.

Соли 1938 ду бор Маҷлиси машваратӣ ва ё ба истилоҳи он солҳо «Совешчания»-и забоншиносон (моҳи феврал ва моҳи ноябр) барпо шуд, ки дар онҳо роҳҳои инкишофи минбаъдаи забони тоҷикӣ муҳокима гардида, лоиҳае ҳам дар ин боб таҳия шуд. 2 январи соли 1939 Комиссариати Халқии Маорифи РСС Тоҷикистон ин лоиҳаро ба фармони худ (№ 1) тасдиқ кард (Тоҷикистони Сурх, №19, 28 ноябри соли1929), ки дар моддаи аввали он чунин омадааст:

1. «Совешчанияҳое, ки дар бобати масъалаҳои сохти забон дар моҳи феврал ва дар моҳи ноябри соли 1938 аз тарафи КМ ПК (б) Тоҷикистон ҷеғ зада шуда буданд, дар соҳаи ба тартиб даровардани масъалаҳои грамматика, терминология ва орфографияи забони тоҷикӣ як қатор чорабиниҳои конкретӣ муайян карданд. Ин чорабиниҳо ба барҳам додани **архаизмҳо, арабизмҳо** ва **эронизмҳо** (таъкиди мо С. Н.) дар забони тоҷикӣ, ба барҳам додани ҷудоии сунъии забони адабӣ ва забони зиндаи гуфтугӯйӣ дар забони тоҷикӣ ҷорӣ кардани шаклҳои зиндаи забон ва советизмҳо равона карда шуданд» (Тоҷикистони Сурх, №19, 28 ноябри соли1929).

Дере нагузашта дар рӯзномаҳо (Тоҷикистони Сурх, №19, 28 ноябри соли1929) ин санад ё лоиҳа зери сарлавҳаи «Дар бораи баъзе масъалаҳои забони тоҷикӣ» нашр шуд. Он аз се қисм иборат буд: қисми 1. «Масъалаҳои грамматика», қисми 2. «Дар

бораи масъалаҳои терминологияи забони тоҷикӣ» ва қисми 3. «Дар бораи масъалаҳои имлои забони тоҷикӣ».

Бахши ба истилоҳшиносӣ бахшидаи лоиҳаи мазкур дар маҷмӯъ идома ва таъкиду тасдиқи принсипҳои «установка»-и соли 1936 буда, дар он «қоидаҳои қатъӣ» дар мавриди манобеъ ва роҳҳои такмили истилоҳоти забони тоҷикӣ нишон дода шудааст. Зимнан бояд гуфт, ки ин «тағйиру иловаҳо» батадриҷ дар забон мустаҳкам ҷой гирифтанд ва имрӯз ба андешаи мо яке аз вижагиҳои забони тоҷикиро нисбат ба форсӣ ва дарӣ ташкил мекунанд.

Дастуруламали севум 35 сол баъди “установка”, соли 1971 зери унвони “Принсипҳои асосии терминологияи забони тоҷикӣ” аз чоп баромад. Тартибдиҳандаи он Я.И. Калонтаров буд. Ин “принсипҳо” усулҳои истилоҳсозии забони тоҷикиро ба сурати умум фаро гирифта, аз тарафи Комитети терминологии АФ РСС Тоҷикистон тасдиқ шуда, “дар зери таҳрири академик М.С. Осимӣ (Президенти АИ ва раиси Кумитаи истилоҳоти он давра) ва Н.А. Маъсумӣ” таҳия гардидааст. Ин санад бино ба муаррифиномае, ки пеш аз оғози китоб омадааст: “...барои шуъбаҳои соҳавии Комитети терминологӣ, тартибдиҳандагони луғатҳои терминологӣ, мутарҷимон, коркунони нашриёт ва муаллимон дастуруламал мебошад” (Принсипҳои… Душанбе, 1971, с. 2).

Дастуруламали сеюм, мутаассифона, то ҳол охирин санади расмиест, ки ба масъалаи истилоҳсозии забони тоҷикӣ, роҳҳои такомул ва тартибу низоми он бахшида шудааст. Дар он таҳаввулот ва дигаргуниҳое, ки дар ин соҳа баъди “установка” рӯй додааст, ба таври мухтасар ҷамъбаст шудааст. Вале аз муҳтавои китобчаи мазкур чунин бармеояд, ки дар тӯли беш аз сӣ соли ахир (то соли чопи китобча 1971) проблемаҳои истилоҳсозӣ ва бесару сомонӣ дар ин ришта камтар нашудааст. Истифодаи нодурусти истилоҳот, “худмухтории” муаллифони аҳлу ноаҳл дар ин соҳа, риоя накардани қоидаҳои маъмули истилоҳсозӣ ва ғайра боиси “роҳ ёфтани ҳар гуна харачу марач дар тартиби термин ва халалдор шудани принсипҳои ягонаи истифодаи терминҳо ва дигар қоидаҳои забон” (Принсипҳои… Душанбе, 1971, с. 6) гардидааст. Аз ин рӯ, ба ақидаи тартибдиҳанда “вақти он расидааст, ки барои ҳалли масъалаҳои муҳимтарини терминҳои ҳозиразамони забони тоҷикӣ, барои муқаррар кардани принсипҳои илмӣ ва барои ба низом даровардани забони адабӣ ва принсипҳои он дастҷамъона ба кори ташкилии илмӣ камар бандем. Аз ин рӯ, муқаррар намудани терминҳои илмӣ, ҷамъиятӣ, сиёсӣ, техникӣ ва ғайра масъалаи ҳаётан муҳим ва кори таъхирнопазири давлатӣ мебошад”(Принсипҳои… Душанбе, 1971, с. 6). Мувофиқи ин дастуруламал дар бахши истилоҳоти забони адабии тоҷикӣ усулҳои зерини истилоҳсозӣ маъмул ва илмӣ шинохта шудааст:

1. Истифодаи фонди луғавии забони тоҷикӣ ва васоили дастурии он. Корбурди вожагони забони тоҷикие, ки “маънои он терминро ифода мекунад». Истилоҳоти зерини ҷамъиятӣ- сиёсӣ аз ҷумлаи чунин луғот шинохта шудаанд: таҷовуз-агрессия; маъмурият - администрация; сулола-династия; корпартоӣ-забастовка; шӯришгар - инсургент; даста-клика; шиор-лозунг; роҳзани баҳрӣ- пират; матбуот- пресса; иғвогар- провокатор; ислоҳот- реформа; эътисоб-стачка …

Дар соҳаи ҳуқуқ:

афви умум- амнистия; иҷорагир-арендатор; бедодгарӣ, беқонунӣ-беззаконие; пора, ришва –взятка; духокимиятӣ-двоевластие; моли зиёдатӣ-неликвид, ғаромат-неустойка; бадномкунӣ- дискредитация …

Дар соҳаи таърих:

зиреҳ-броня; хунбаҳо-вира; сафол-керамика; падаршоҳӣ-патриархат; яроқпартоӣ, тарки силоҳ-разоружение; ниқорчӯ, ниқорталаб-реваншист; қалъа, куҳандиз-цитадель; шоҳзода-принц …

2. Ба роҳи тағйир додани маънои аслии калима ва ба маънои нав ё дигар истифода бурдани он. Масалан, луғатҳои “арбоб” ва “ходим” дар асл маънои «соҳиб», «молик» ва «хизматгор»-ро доштанд. Вале имрӯз ба маънои коркуни масъул дар таркибҳои арбоби давлатӣ, сиёсӣ ва ё корманд (ходими илм, санъат) ба кор бурда мешаванд.

3. Аз ҳисоби вожагони интернатсионалӣ ва забони русӣ “бой кардани” захираи истилоҳоти забони тоҷикӣ: баррикада-баррикада; бизнес-бизнес; буржуазия-буржуазия; ветеран-ветеран; вето-вето; диктатура-диктатура; демократия-демократия; кодекс-кодекс; интернационал-интернатсионал; коммунист-коммунист; конгресс-конгресс …

Дар соҳаи иқтисод: акция-аксия; биржа-биржа; валюта-валюта; капитал-капитал; рента-рента; лимит-лимит; экспорт-экспорт; эмбарго-эмбарго …

Дар соҳаи ҳуқуқшиносӣ: адвокат-адвокат; арбитраж-арбитраж; аттестат-аттестат; декрет-декрет; прокурор-прокурор; Антанта-Антанта; археолог-археолог; барон-барон; граф-граф; помещик-помешик; рыцар-ритсар; уезд-уезд …

4. Бо роҳи тарҷумаи таҳтуллафзӣ (калка) аз забони русӣ:

5. Сохтани истилоҳот аз луғати русӣ ва байналмилалӣ тавассути унсурҳои калимасозии забони тоҷикӣ: бетонрез-бетонщик; медалдор-медалист; очеркнавис-очеркист; мошинрон - машинист …

6. Сохтани истилоҳоти нав аз тариқи шарҳи маънои истилоҳоти бегона: коркунони соҳаи агрономӣ-агроперсонал, рӯёндан бо қарори суд-отсуждение …

7. Истилоҳоте, ки дар забони русӣ бо ибора таркиб ёфтаанд (муайянкунандаву муайяншаванда) дар забони тоҷикӣ бо калимаҳои мураккаб баён карда мешаванд:

садоафкан-акустический изучатель; садопарда-голосовая связка, сарсатр-красная строка.

8. Баъзе истилоҳоти хориҷӣ (русӣ) дар забони тоҷикӣ бо ду ва ҳатто, се калима баён мешаванд, ки ҳар кадоми он маънои истилоҳи хориҷиро (русӣ) хароб намекунад; касал, бемор- больной; ҳаракат, ҷунбиш-движение; зилзила, заминҷунбӣ, заминларза-землятрясение …

9. Дар баъзе мавридҳо истилоҳоти русӣ, байналмилалӣ ва тоҷикӣ ба ҷойи ҳамдигар чун синоним кор фармуда мешаванд: автономия-мухтор, мухторият, худмухтор; агитация-ташвиқот; актив-фаъол; идеология-мафкура; комедия-мазҳака; метод-усул; термин-истилоҳ; солдат-аскар; философия-фалсафа…

Тавре ки медонем, баъзе вожагон дар забонҳо ба чанд маъно ба кор мераванд, яъне хусусияти сермаъногӣ (полисемия) доранд. Бинобар ин, дар вақти истилоҳсозӣ ин хосият ба назар гирифта шудааст. Масалан, як луғат дар ду мавриди ба калимаҳои ҷудогона ифода мешавад: Луғати русии “положение” вобаста ба мавқеи худ дар матнҳои гуногун ба маънои низомнома, қоида, вазъият, мавқеъ, мақом, нуқта, муқаррарот ва ғайра истифода бурда мешавад.

11. Як силсила луғот ва истилоҳоти аз решаҳои юнонӣ ва лотинӣ, тавре ки дар забони русӣ ба кор мераванд, дар забони тоҷикӣ ҳам ба ҳамон сурат қабул шуда буданд: аэропорт, биология, демилитаризация, диалог (юнонӣ), контрабанда, контрреволюция (лотинӣ), микрорайон, монография, монолог, неолит, поликлиника (юнонӣ), регресс, ремилитаризация (лотинӣ), филармония, филология, эпизод, эпилог (юнонӣ), этнография, морфология (юнонӣ) ва ғайра.

12. Баъзе истилоҳоти байналмилалӣ ва русӣ, ки суффиксҳои исму сифатсоз доранд, ба забони тоҷикӣ низ бетағйир дохил шуда буданд: аспирант, докторант, коммунар, ассистент, олимпиада, ленинизм, материализм, феодализм, академик, бригадир, идеалист, марксист, коммунист, милитсионер, инспектор, директор, аспирантура ва дигарон.

13. Як силсила суффиксҳои забони русӣ, ки ба забони тоҷикӣ дохил нашудаанд, истилоҳоти тавассути онҳо сохта, мувофиқи қоидаҳои калимасозии тоҷикӣ сурат мегирад: а) суффиксҳои исм: ленинец-ленинчӣ; коллективизация-коллективонидан; колхозник-колхозчӣ; тракторист-тракторчӣ; агентство-агентӣ; идейность-ғоявӣ, идейнокӣ; объективность-объективият; газетчик-газетчӣ.

б) суффиксҳои сифатсоз: элементарный-элементарӣ; декларативный деклоративӣ; принципиальный-принсипӣ; объективный-объективӣ; большевистский-болшевикӣ; дипломатический-дипломатӣ; демократический-демократӣ; мартовский-мартӣ; докторский-докторӣ; советский-советӣ; процессуальный-просессуалӣ ва дигарон.

14. Як гурӯҳи нисбатан хурди истилоҳоте, ки дар забони русӣ дар шакли сифатанд, дар забони тоҷикӣ бо истилоҳоти баробармаъно ва суффиксҳои “ёт” ва “ӣ” ифода мегарданд: духовное - рӯҳиёт, маънавӣ, маънавиёт; материальное-материалиёт, моддӣ, моддиёт; субъективное-субъективиёт, субъективӣ; идеальное-идеалиёт, идеалӣ ва чанде дигар.

Тавре ки мебинем, «Принсипҳои асосии терминологияи забони тоҷикӣ” аз ҷиҳати сохтор такмил ва тасҳеҳ шудааст. Бахши усулҳои истилоҳсозии он аз 8 банд, 10 зербанд ё шарҳу эзоҳ иборат мебошад. Дар “принсипҳо”-и мазкур чанд зербанд ба сурати нармтар ба бандҳои алоҳида ҷудо гардида, миқдори умумии бандҳо ба 14 расидааст. Аз нигоҳи муҳтаво бошад, бо назардошти дигаргуниҳои ҳаёти сиёсиву иҷтимоии солҳои охир, яъне замони тартиби ин санад (1971), баъзе ибораҳои тунду тези сиёсии “Установка” бардошта шудааст. Вале ба таври куллӣ масъалаи асосӣ, яъне усул ё принсипҳои асосии истилоҳсозии забони тоҷикӣ ба ҳамон сурати пешин боқӣ мондаанд. Аз нуқтаи назари илми забоншиносӣ ва истилоҳшиносӣ дар матни

ин «принсипҳо» низ камбудиҳо ҷой дорад. Албатта, ҳадаф дар ин ҷо таҳлилу тақризи муфассал нест, вале зикри баъзеи камбудиҳо, ба фикри мо барои таҳиягарони ояндаи усулномаи нави истилоҳсозии забони тоҷикӣ бе манфиат нахоҳад буд:

1. Ҳарчанд ки дар ин санад нисбат ба “установка” истифодаи манбаи миллӣ аз ҷиҳати шакли баён (дар “Установка”: банди 4 “то мумкин аст, бояд забони ҳозираи адабӣ ва гуфтугӯйи тоҷикӣ комилан истифода карда” шавад, дар “принсипҳо” ба «истифода кардани таркиби луғавӣ ва воситаҳои грамматикии забони тоҷикӣ» иваз шуда бошад ҳам, аммо дар мавриди истилоҳофаринӣ ва эҷодкорӣ дар ин ришта сухане гуфта нашудааст. Ҳол он ки ҳанӯз соли 1932 донишманди дақиқназар Е.Э. Бертелс дар Конференсияи якуми омӯзиши нерӯҳои тавлидии РСС Тоҷикистон ба луғатсозону истилоҳофаринони тоҷик чунин машварат дода буд: «Гоҳо дар баробари вожагони “маснуӣ”эҳсоси тарс пайдо мешавад... Ба фикри ман дар баъзе мавридҳо набояд чандон аз вожаҳои сохта тарсид. Дар ҳар забон миқдори калони вожагон сохта шудаанд. Гузашта аз ин, дар аксарияти забонҳо онҳо аз тарафи шахсони алоҳида сохта шудаанд. Вале баъдтар онҳо аз тарафи забон чунон аз худ карда шуданд, ки тасаввур мешавад худрӯянд» (Бертельс, 1934, т. 2, с. 185).

2. Дар баъзе маврид манобеъ, роҳҳо ва тарзҳои истилоҳсозӣ ба ҳам махлут шудаанд. Масалан, захираи луғавии забони тоҷикӣ ё луғоти интернатсионалӣ манбаи истилоҳсозӣ мебошанд, иқтибосгирӣ ё тарҷума бошад, роҳҳои истилоҳгузинианд, вале сохтани луғоту истилоҳот бо васоили сарфӣ ё наҳвии забон ин тарзи истилоҳсозӣ аст. Аз ин ҷиҳат ба гумони мо онҳо бояд ба таври алоҳида, бо номҳои мушаххаси худ дар меъёрсозӣ зикр шаванд.

3. Дар “принсипҳо” истилоҳоти “ҷамъиятӣ-сиёсӣ” алоҳида ва истилоҳоти улуми иҷтимоӣ: таърих, фалсафа, ҳуқуқ, иқтисодиёт ва дигарон ҳар кадом ҷудо омадааст, ҷойи шак нест, ки фалсафа, ҳуқуқ, забон, иқтисодиёт истилоҳоти илмии хоси худро доранд. Вале ҷудо кардани истилоҳоти фалсафа, таърих, ҳуқуқ, иқтисодиёт аз ҳамдигар ба фикри мо дуруст нест. Зеро истилоҳоти онҳо муштаракоти зиёде доранд ва рафтуомад ва додугирифти онҳо ҳамеша вуҷуд доштааст.

4. Ба фикри мо, бояд истилоҳоти ин ҳавза зери унвони сарлавҳаи умумӣ – «истилоҳоти иҷтимоӣ-сиёсӣ» оварда шуда, сипас, дар зерунвонҳо, масалан истилоҳоти фалсафа, ё ҳуқуқ ва ғ., луғоти хоси онҳо оварда мешуд ва амсоли онҳо. Вале сарфи назар аз ин камбудиҳо дар ин санад мушоҳидаҳо, муқаррарот ва матолиби судманде низ ҳаст, ки аз таҷрибаи ин соҳа дар замони шӯравӣ гирифта шуда, дар таърихи истилоҳсозии забони тоҷикӣ боқӣ мемонанд. Як силсилаи дигар, албатта, бо шаклу сурати нав дар усулномаҳои нави забони мо дохил хоҳанд шуд.

4. Аз ҷиҳати дигар, як қатор принсипҳо ва ё ибораҳои истилоҳотӣ аз нигоҳи илмӣ ба қадри кофӣ асоснок нашудаанд. Ҳатто, таҷрибаҳои ибтидоӣ ва бозёфтҳои хубе, ки дар солҳои аввали баъди инқилоб дар ин замина ба даст омада буд, дар ин аснод ғалат ва «ғайрисиёсӣ» хонда шуданд ва амсоли он.

Аз ин лиҳоз, дертар ҷанбаҳои суст ва норасоиҳои ҷиддии истилоҳсозии забони тоҷикиро ба назар гирифта, муҳаққиқони шуравӣ навиштанд, ки «кор карда нашудани принсипҳои илмии сохтмони истилоҳшиносӣ, кофӣ набудани таҳлили аниқи маънои ин ва ё он истилоҳ… ва ҷамъбаст нагардидани таҷрибаҳои ҳосилшуда боиси он гардидааст, ки истилоҳоти забони тоҷикӣ стандартонида ва ҳамгун нашудааст» (Развитие…, 1986, с. 73).

Вале бояд қабул кард, ки ин ду дастуруламал бо вуҷуди камбудиҳои зиёд барои ба низом ва тартиб даровардани истилоҳоти иҷтимоиву сиёсии забони тоҷикӣ аз аҳамият холӣ набуданд. Дар даврае ки дар ин арса ҳеҷ гуна меъёр ва дастуру муқаррароти танзимкунанда вуҷуд надошт, ин аснод ҳадди ақал тартиби пазириш ва имлои истилоҳоти нави иҷтимоиву сиёсии байналмилалӣ ва русиро муайян карданд. Таҷрибаҳои андӯхта ва мулоҳизоти дар ин усулномаҳо баёншуда хоси як марҳилаи муайяни таърихи инкишофи забони тоҷикӣ ва ташаккули истилоҳоти иҷтимоиву сиёсии он мебошад ва ба онҳо бояд аз ҳамин нуқтаи назар нигарист. Бидуни шак, дар оянда ғалатҳо ислоҳ ва холигоҳҳо такмил хоҳанд гардид. Имрӯз бояд усулҳо ва тарзҳои истилоҳсозӣ таҷдиди назар гардида, бо дар назар гирифтани шароити замони истиқлол усулҳои истилоҳсозии забони мо аз нав таҳия гардад.

А Д А Б И Ё Т

1. Бертельс Е.Э. Пути создания Таджикских словарей / Е.Э Бертельс. //Труды первой конференции по изучению производительных сил таджикской ССР. Проблемы Таджикистана. -Ленинград, 1934. -Т.2.- С. 185.
2. Принсипҳои асосии терминологияи забони тоҷикӣ; тартибдиҳанда Я.И. Калонтаров. -Душанбе, 1971.

3. Развитие терминологии на языках союзных республик СССР. Под редакцией: академик Г.В. Степанов, доктора филологических наук, В.П. Даниленко и К.М. Мусаев. -Москва, 1986.- С. 46.
4. Тоҳирова Қ. Лексикаи забони адабии ҳозираи тоҷик (материалҳо) / Қ. Тоҳирова. -Душанбе, 1967. - С. 7.
5. Тоҷикистони Сурх.-№19, 28 ноябри соли1929.
6. Установкаи терминологияи забони тоҷикӣ// Тоҷикистони Сурх, 8 августи 1936-№181, (2377).

НЕКОТОРЫЕ ОСОБЕННОСТИ СОСТАВЛЕНИЯ ПРИНЦИПОВ ТЕРМИНОЛОГИИ ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКА

В статье кратко излагаются некоторые аспекты становления терминологии таджикского языка. Рассматривается история возникновения терминологических школ в бывшем Советском Союзе и определение принципов терминотворчества на языках народов Советского Союза, в том числе таджикского языка. Подробно анализируются «Основные принципы терминологии таджикского языка» принятые Комитетом по терминологии Академии наук Республики Таджикистан в начале 70-х годов XX века и предлагается разработать и принять основные принципы терминотворчества на базе новых реалий, возникших в годы независимости Республики Таджикистан.

Ключевые слова: история возникновения терминологических школ, принципы терминологии, таджикский язык, терминология таджикского языка.

SOME PARTICULARITIES IN FORMATION OF TERMINOLOGICAL PRINCIPES IN TAJIK LANGUAGE

The article is devoted to some aspects of terminological formation in Tajik language. There is considered the history of organization of terminological school in form soviet Union, and determination of terminological principes in Soviet Union people languages, particulary Tajik people. There is minutely analized "The main principes of terminology in Tajik Language" Which was accepted by Commity of terminology of Accademy of Scince in early 1970-years of XX Century and also suggested the devision and acception of main principes in terminology on the basis of new reality which appeared in the independence year of Tajik Republic.

Kev words: history of terminological schools, principles, terminology, Tajik language, the terminology of the Tajik language.

Сведения об авторе: ***С. Назарзода*** – доктор филологических наук, профессор, декан факультета языков Азии и Европы Таджикского национального университета

ҶОЙГОҲИ "МАХОРИҶ-УЛ-ҲУРУФ"-И ИБНИ СИНО ДАР ЗАБОНШИНОСИИ АРАБ ВА ТОҶИК

С. *Сулаймонов*
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Илми савтиёт ё ҳуд овошиносӣ яке аз қадимтарин ва муҳимтарин бахшҳои забоншиносии муосир ба эътибор меравад. Қадим аз он ҷиҳат аст, ки забон маҷмӯи овозҳое мебошад, ки аз онҳо калимаҳо пайдо гардида, дар таркиби ҷумла маъниҳои мухталифро ифода менамоянд. Ба ибораи Ибни Ҷиннӣ "[забон] овозҳое мебошад, ки ба воситаи онҳо ҳар қавме аҳдофи хешро баён мекунад".[1] Овозро дар ҷойи дигар ал-Ҷоҳиз чунин муайян сохтааст: "Овоз дар баёни лафз чун олат ва он ҷавҳаре мебошад, ки ба воситаи он ҳиҷо ва тавассути ҳиҷо асари мушаххас эҷод мегардад. Ҳаракатҳои забон дар сурати лафз, каломи мавзуну мансур танҳо бо зоҳиршавии овоз падид меоянд. Ҳарфҳо низ танҳо баъди тақсимшавӣ ба ҳиҷо ва таълиф калом шуда метавонанд".[2]

Бо назардошти ҳамин аҳамияти овоз чун зоҳиркунанда ва расонандаи калом ба шунаванда масоили марбут ба овошиносӣ аз қадимулайём диққати донишмандони соҳаҳои гуногун чун мантиқ, фалсафа, тиб, табиатшиносӣ ва забоншиносиро ба ҳуд ҷалб сохта, афкору андешаҳои мушаххас дар ин ҷода баён сохтаанд. Чуноне ки мебинем, ин анъана ҳанӯз дар фалсафаи Юнони бостон ба сурати мушаххас аз Арасту оғоз мегардад.[3]

Ин масъала дар забоншиносии қадими Ҳинд ва ба сурати хоса дар рисолаи грамматикии Панини мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.[4]

Овошиносӣ аз аввалин масоиле буд, ки забоншиносони асримиёнагии араб низ таҳқиқоти ҳудро аз он оғоз намуда буданд. Халил ибни Аҳмад (ваф. 776) дар "*Китоб-ул-айн*",[5] Сибавейҳ (ваф. 796) дар "*ал-Китоб*"[6] ва Ибни Ҷиннӣ (ваф. 1002) дар "*Сир(р) саноат ал-аъроб*"[7] савтиёти забони арабиро чун забоншинос аз нуқтаи назари забоншиносии араб мавриди таҳқиқ қарор дода, афкору андешаҳои арзишманд иброз доштаанд, ки ҳуд як масъалаи мустақили таҳқиқ мебошад.

Дар фарҳанги исломӣ як зумра файласуфон чун ал-Киндӣ, ал-Форобӣ ва Ибни Сино ҳангоми баҳсҳои гуногуни фалсафӣ ва мантиқии ҳуд ба масъалаҳои овошиносӣ

таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд, ки дидгоҳи онҳо чун файласуф ва тибқи масоиле будааст, ки ба таҳқиқоти фалсафии онҳо алоқамандӣ доштааст.

Масоили забоншиносӣ ва махсусан, овошиносии забони арабӣ диққати файласуф, табиб, равоншинос ва табиатшиноси бузурги тоҷик Шайхурраис Абӯалӣ ибни Сино (970-1037)-ро низ ба худ ҷалб карда, дар ин соҳа ӯ рисолаи махсус роҷеъ ба забони арабӣ, забони "*порсии дарӣ*" ба қавли худаш дар "*Донишнома*"[8] ва забонҳои дигар бо номи "*Махориҷ-ул-ҳуруф ав асбоб ҳудус ал-ҳуруф*" ("Баромадгоҳи ҳарфҳо ё сабабҳои пайдоиши ҳарфҳо")[9] ба ҷой гузоштааст.

Мавриди ёдоварист, ки Ибни Сино дар таърихи илми ҷаҳонӣ на забоншинос, балки чун файласуф, табиб ва донишманди доиратулмаорифӣ шинохта шуда, дар Шарқу Ғарб мақом ва манзалати ӯ чӣ аз ҷониби ҳаводорон ва чӣ мухолифон муайян ва арзёбӣ гардидааст. Ин гуфтори файласуфи шинохтаи англис ва яке аз ҳаводорон ва тарғибгарони Шайхурраис Роҷер Бэкон тасдиқи ин ақида аст: "Илму маърифат ба сурати воқеӣ ва ба шакли мукаммал ду маротиба ба инсоният пешкаш гардид: бори аввал аз тарафи паёмбарон ва аз ҷониби Сулаймони Ҳаким ва маротибаи дувум ба сурати нопурра аз тарафи Арасту ба забони юнонӣ ва аз ҷониби Ибни Сино ба забони арабӣ эҳдо гардида буд"[10].

Дар воқеъ, аз натиҷагирии фаъолияти серсоҳа ва осори бақоймондаи Шайхурраис Абӯалӣ ибни Сино (980-1037) ва ҳаллу фасли матолиби илмӣ дар илму фалсафаи ҷаҳонӣ ба ин ҳақиқат расидан метавон, ки ӯро дар мартабаи Афлотун ва махсусан, Арасту, чуноне ки аз иқтибоси овардашуда берун меояд, қарор диҳем. Пеш аз шарҳи ҳадафи мақола ин нуқтаро зикр кардан мехоҳем, ки Ибни Сино дар таърихи илм пеш аз ҳама файласуф, табиб ва олим шинохта шуда, ӯро мо шартан забоншинос гуфта метавонем. Мақолаеро, ки роҷеъ ба дидгоҳи забоншиносии ӯ низ пешкаш месозем, далолат ба он надорад, ки Шайхурраис ба сурати махсус ва мустақил ба забону забоншиносӣ машғул гардида бошад, зеро рисолаи мавриди таҳқиқро низ, пеш аз ҳама аз дидгоҳи андомшинос (физиолог), чуноне ки аз мазмуни он берун меояд, навиштааст. Аз ин рӯ, ҳадафи асосии мақолаи мо нахуст, ин аст, ки дидгоҳи забоншиносии файласуфи бузурги тоҷикро бо назардошти маълумоти нави илмӣ ба хонанда ва муҳаққиқи тоҷик ошно сохта, пасон ёдовар шавем, ки Ибни Сино бинобар дониши гуногунсоҳа ва доиратулмаорифи худ ва тақозои он матолиби илмӣ ва фалсафие, ки ба он машғул буд, ба масъалаҳои мухталифи забон низ машғул гардидааст. Чуноне ки маълум аст, Ибни Сино ғайр аз "*Махориҷ-ул-ҳуруф*" роҷеъ ба овошиносии забони арабӣ асари дигаре бо номи "*Лисон-ул-араб*" доир ба мафҳумҳо таълиф намуда буд, ки онро "*тозанавис*" накарда буд.[11] Аз ин рӯ, мо таваҷҷуҳи Ибни Синоро ҳам дар шакли ғайримустақил дар осори фалсафӣ[12] ва тиббӣ[13] ва ҳам ба сурати мустақил доир ба масоили забону забоншиносӣ[14] мушоҳида менамоем.

Мавриди ёдоварист, ки дидгоҳи Ибни Сино нисбат ба забоншиносии араб ва форсу тоҷик дар таҳқиқоти ховаршиносон ва муҳаққиқон аз қабили Қ. Ғанӣ (1937), В.А. Гуашон (1938, 1939, 1959), М. ал-Хатиб (1332ш./1954), М. Муин (1957), Ж. Лазар (1963), В.Г. Ахведиани (1966), С. Афнон (1973), П. Мураввиҷ (1973), В.А. Ливиштс, Л.П. Смирнова (1981), М. Ҳассон ат-Тайён (1982), А.М. Байзоев (1990) С. Сулаймонов (1997), Маҳмуд Халил (2009), Риҳоб Камол ал-Ҳилв (2009) ва дигарон бо аҳдофи мухталиф мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор гирифтааст. Вале ҳанӯз ҳам афкори забоншиносии ӯ дар осори ба забони арабӣ ва забони форсӣ (тоҷикӣ) таълифнамудааш мавриди таҳқиқи ҷомеи забоншиносӣ қарор нагирифтааст. Дар ҳоле ки ҳалли ин масъала барои арабшиносӣ ва эроншиносӣ дар Тоҷикистон баъди истиқлолияти сиёсӣ ва фарҳангӣ аҳамияти хоса дорад. Инҷониб аз баррасии корҳое, ки ба дидгоҳи забоншиносии Ибни Сино бахшида шудаанд, худдорӣ мекунам, зеро ин мавзӯи кори мустақилонаи забоншиносӣ буда, аз ҳадафи мақолаи мо берун аст.

Рисолаи "*Махориҷ-ул-ҳуруф*"-и Шайхурраис дар арабшиносии Ғарб ва рус дар корҳои арабшиносон Я. Бакош, К. Воллерс, Т. Нёлдеги, Н. Бравман, Я. Вайс, А. Шааде, Н. Флейш ва В.А. Звегинсев ҳангоми баёни масоили мухталифи забоншиносии араб зикр гардидааст.

Рисолаи "*Махориҷ-ул-ҳуруф ав асбоб ҳудус ал-ҳуруф*"[15]-и Ибни Сино бори аввал аз ҷониби забоншиносони араб Муҳибуддин ал-Хатиб аз рӯйи дастхати Музеи Британия №16659, ки бо нусхаи №200 Фонди Темурӣ (Миср) муқоиса гардид, ба чоп расонд. Бо вуҷуди он ки ин нусха танҳо як ривояти рисоларо дар бар мегирад, аввалин иқдом дар ин ҷода мебошад.

Бори дувум ин рисоларо донишманди эронӣ П.Н. Хонларӣ дар соли 1333ш./1955 бо номи "*Махориҷ-ул-ҳуруф ав асбоб ҳудус ал-ҳуруф*" ба чоп расонида, онро ба забони форсӣ тарҷума намудааст.[16] Қимати илмии ин чоп дар он аст, ки П. Хонларӣ

бо ҷалби дастхатҳои мухталифи рисола ду ривояти онро зикр ва тарҷума намудааст, вале дар бораи арзиши забоншиносии он чизе наафзудааст.

Бори савум ин рисоларо Ф.Ҳ. Тарзӣ соли 1962 дар Бейрут ба чоп расонидааст. Вале ин нашр ба нусхаҳои чопи Қоҳира ва Теҳрон чизе илова накардааст.

Бори чаҳорум "*Махориҷ-ул-ҳуруф*" аз ҷониби арабшиноси гурҷӣ В.Г. Ахвледиани[17] дар такя ба чопи профессор Н. Хонларӣ ба забони русӣ тарҷума гардида, арзиши забоншиносии он дар шакли як рисола мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор дода шудааст.

Чопҳои охирини рисолаи "*Махориҷ-ул-ҳуруф*" ба қалами М. Ҳассон ат-Тайён тааллуқ дорад, ки ҳар ду ривояти ин рисоларо бо назардошти нусхаҳои зиёди рисола дар Теҳрон ва дар китобхонаҳои "*Мактабат ал-ҷомиа*", "*Мактабат Фотиҳ*", "*Аясофия*", "*Ҳамидия*", "*Нур Усмония*"-и Истанбул ба чоп омода карда, дар муқаддимаи муфассал ҷойгоҳи Ибни Синоро дар забоншиносии араб мавриди баррасӣ қарор додааст.[18]

Забоншиноси шинохта Т. Хаскашев[19] мақолае роҷеъ ба дидгоҳи забоншиносии Ибни Сино дар "*Махориҷ-ул-ҳуруф*" навиштааст, ки ба истилоҳ "*фонетикаи тавлидӣ*"-ро дар бар мегирад. Ҳамчунин дар солҳои охир дар кишварҳои араб як зумра муҳаққиқон доир ба ин рисола аз дидгоҳи нав ва тибқи қонунҳои фонетикаи муосир таҳқиқот анҷом додаанд.[20]

Бо вуҷуди ин ки ин рисолаи Ибни Сино дар Шарқу Ғарб таҳқиқ ва баррасӣ шуда, ба забонҳои мухталиф тарҷума гардидааст, вале дар арабшиносӣ ва забоншиносии тоҷик ҷойгоҳу мартабаи он ҳанӯз муайян нагардида, ба забони тоҷикӣ низ тарҷума нашудааст. Аз ин рӯ, мо қарор додем, онро ба сурати муҷаз ба хонанда ва муҳаққиқи тоҷик шинос намуда, сипас, бо тарҷума ва таҳқиқи он ба забони тоҷикӣ дар шакли китоби алоҳида ба чоп расонем.

Рисолаи "*Махориҷ-ул-ҳуруф*" аз шаш фасл иборат аст:

Бахши аввал: Дар сабаби падид омадани овоз;

Бахши дувум: Дар сабаби падид омадани ҳарфҳо;

Бахши савум: Дар ташреҳи ҳанҷара (гулӯ) ва забон;

Бахши чаҳорум: Дар сабабҳои ҷузъии як-як ҳарфҳои арабӣ;

Бахши панҷум: Дар ҳарфҳое, ки ба ин ҳарфҳо монанд мебошанд;

Бахши шашум: Дар ин ки ин ҳарфҳо ҷуз аз ҳаракатҳои гуфторӣ низ шунида мешаванд.

Дар муқаддимаи рисола Шайхурраис ҳадафи асари худро ин тарз баён кардааст: «Сипос танҳо мар Худовандрост, ки ба [сабаби] бузургии зот, фарохии раҳмат ва файзи ҳиммат ҳамду ситоиш дархӯри Ӯ мебошад. Дуруд ба паёмбараш Муҳаммад (с) ва дудмони ӯ.

Ва баъд… На ҳар кас, ки ҳадя мепазирад, ба он ниёзманду на ҳар кӣ хостори армуғоне ҳаст, аз он бенасиб мебошад. Баръакс, чи басо тавонгар аз туҳфа кардани армуғон бузургдошти бенавою [шахси] бузург шод кардани зердастро хоҳон аст. Шайхи бузургвор устод Абӯмансур Муҳаммад ибни Алӣ ибни Умар ал-Ҷаббон – Худованд фазилаташро абадӣ гардонад, ки ӯ шахсест ҳар чӣ аз накӯиҳо бихоҳӣ, дар ӯ пайдо намоӣ ва ӯро сифотест писандида ва дар зиммаи ман аз ӯ некиҳоест ошкоро, на аз рӯйи ниёз, балки аз рӯйи дилҷӯйӣ аз ман дархост кард, то баъди баррасӣ ва пажӯҳиши жарф дар як рисолаи муҷаз роҷеъ ба сабаби пайдоиши овозҳои [нутқ] ба номи ӯ [асаре] нависам. Ман хоҳиши ӯро бо фармонбардорӣ пазируфтам ва аз Худои мутаол дархост намудам, ки маро дар роҳи рост роҳнамоӣ карда, пайрави ҳақиқат бошам, зеро [танҳо] Худованд бахшандаи меҳрубон аст».[21]

Аз мазмуни муқаддима ду чиз равшан мегардад: 1) Ибни Сино одат доштааст, ки осори хурдҳаҷми худро бо дархости шахсони алоҳида ва дӯстон нависад;[22] 2) ӯ рисолаи худро ба забоншинос Абӯмансур Муҳаммад ибни Алӣ ибни Умар ал-Ҷаббон бахшида, аз ӯ сипосгузорӣ кардааст.[23]

Як масъалаи муҳимме, ки ба зикри номи ал-Ҷаббон ё дар ҷойҳои дигар ал-Ҷабоӣ марбут мебошад, ин аст, ки Ибни Сино дар маҷлиси амир Алоуддавла ширкат дошт. Дар ин маҳфил, ки забоншинос ал-Ҷаббон ҳузур дошт, сухан дар бораи забон рафт ва Ибни Сино, ки дар он даврон вазир буд, чизе гуфт, вале ал-Ҷаббон дар ҷавоб гуфта буд: Шумо мантиқӣ ҳастед ва мо ба ин зид нестем, вале сухани Шуморо роҷеъ ба забони арабӣ қабул надорем. Ибни Сино аз ин гуфтори Ал-Ҷаббон аз хиҷолат сукут ихтиёр кард. Вале бо гузашти чанд муддате ва машғулият ба наҳви арабӣ китобе навишт ва аз Алоуддавла хоҳиш намуд, ки онро ба ал-Ҷаббон нишон бидиҳад ва андешаи ӯро роҷеъ ба масоили душвори он бифаҳмад. Ал-Ҷаббон вақте китобро варақ зад, дар бархе аз масоили он дармонд ва Ибни Сино ба суҳбат ҳамроҳ шуд ва

ҷойҳои номафҳуми китобро ба ал-Ҷаббон, ки дар фаҳми онҳо дармонда буд, шарҳу баён кард ва ӯро низ хиҷил сохт.[24]

Ин ҳолат як «қассоси илмӣ»-и Ибни Сино дар ҷавоб ба андешаи ал-Ҷаббон, ки «ту мантиқшинос ҳастӣ ва забонро намедонӣ» мебошад. Воқеан, аз ин гуфтори Ибни Сино дар муқаддимаи рисола нисбат ба Абӯмансур ал-Ҷаббон чунин хулоса берун меояд, ки ӯ ин рисоларо баъди вохӯрӣ бо Абумансур ал-Ҷаббон навишта, баъдҳо ба ӯ чун устоди соҳаи забон арҷгузорӣ ва ин рисоларо бо хоҳиш ва хотири ӯ навиштааст. Албатта, аз ин муносибати Ибни Сино ба Абӯмансур ал-Ҷаббон чунин хулоса берун кардан мумкин аст, ки эътирофи хато ва ислоҳи он аз шеваи кору кирдори соҳибназарону донишмандон ва бузургвории онҳост.

Ибни Сино муқаддимаи худро бо ишораи шаш фасли рисола ба охир расонида мегӯяд: Ин номаро ба шаш бахш тақсим кардем:

1. Бахши аввали рисола падидаи пайдошавии овоз (савт)-ро дар бар гирифта, сабабҳои пайдошавии овоз ва идроки онро аз ҷониби узвҳои шунавоӣ шарҳу баён кардааст.
2. Дар бахши дуюми рисола роҷеъ ба назарияи падид омадани овозҳои нутқ (ҳарф) сухан меравад. Дар ин ҷо сабабҳо ва роҳҳои падид омадани овозҳои нутқ ишора гардида, ба сурати умум узвҳои нутқ тавсиф ва баён ёфта, фонемаҳо аз рӯйи аломатҳои яклаҳзагӣ ва тӯлонӣ будан шарҳ ёфтаанд.
3. Бахши сеюми рисола ба шарҳу баёни муфассали анатомӣ ва физиологии узвҳои нутқ (ҳанҷара, ком, холигии даҳон, забон ва холигии бинӣ) бахшида шудаанд.
4. Дар бахши чаҳоруми рисола Ибни Сино хосиятҳои физиологӣ ва савтӣ (акустикӣ)-и нутқро шарҳу баён намуда, фонемаи забони арабиро мавриди таҳқиқ қарор додааст.
5. Дар бахши панҷум роҷеъ ба овозҳое, ки дар забони арабӣ вуҷуд надошта, дар забонҳои дигар (форсӣ, хоразмӣ ва туркӣ) мавҷуд мебошанд, тавоққуф менамояд.
6. Дар бахши шашум ва охирини рисола доир ба сабабҳои ғайризабонӣ, яъне физикӣ сухан меравад.

Азбаски рисолаи "*Махориҷ-ул-ҳуруф*" таҳқиқи густурдаро тақозо дорад, мо танҳо масоилеро, ки Ибни Сино дар рисолаи худ ҳаллу фасл кардааст, ба сурати мухтасар ишорат менамоем:

1. Ӯ дар бахши нахусти рисола роҷеъ ба пайдоиши овоз тавоққуф карда, дар ин ақида аст, ки сабабгори асосии пайдошавии овоз "кандан" ва "куфтан" мебошад, зеро дар натиҷаи кандан ва куфтану задани чизи сахт дар ҳаво мавҷзании тез ва сахте ба амал меояд, ки сабабгори пайдоиши овоз мешавад.[25]
2. Ибни Сино дар бахши дигари рисола доир ба сабаби пайдоиши ҳарфҳо тавоққуф намуда, ишора менамояд, ки чизи мавҷзананда худ ба худ дар асари пайвастшавӣ ва ҷудошавӣ бо ҷузъҳои худ овозро пасту баланд менамояд. Ин ду ҳолат, ки сахтии овозро ифода менамоянд, дар асари таъсиру тағйирот дар роҳи баромад ва монеъшавӣ сабабгори пайдошавии ҳарфҳо мегарданд. Ибни Сино дар мавриди падид омадани овоз ва ҳарф ду истилоҳи ба ҳам муқобил "махориҷ" (баромадҳо) ва "маҳобис" (монеаҳо)-ро истифода кардааст. Бо назардошти таркиби ҳарфҳо Ибни Сино онҳоро бо ҳарфҳои муфрад ва мураккаб ҷудо карда, ҳар яки онҳоро шарҳу тавзеҳ медиҳад.
3. Масъалаи муҳимме, ки дар бахши сеюми рисола Ибни Сино ба он тавоҷҷуҳ намудааст, ташреҳ (анатомия)-и гулӯ ва забон мебошад.[26] Дар ин ҷо Ибни Сино онҳоро аз назари илми тиб мавриди таҳқиқ қарор дода, гулӯро бо се тағояк: тағояки сипаршакл, косамонанд ва беном ҷудо карда, алоқаҳои онҳоро бо якдигар ба воситаи пайвандҳо ва мушакҳои тангшаванда ва васеъшаванда муайян кардааст. Ӯ дар ин ақида аст, ки мушакҳо бо навъҳои муайяни устухонҳо робита доранд, мисли устухоне, ки ба ҳарфи "лом" монанд мебошад.[28] Дар ҳамин бахш Ибни Сино моҳияти забон, ҳашт мушак[29] ва иртиботи онҳоро бо якдигар мушаххас сохтааст.
4. Аз масъалаҳои муҳимме, ки Ибни Сино дар рисолаи "*Махориҷ-ул-ҳуруф*" диққат додааст, ин аст, ки ҳар як ҳарфи забони арабиро алоҳида ва аз назари ҷойи баромад, сабаби пайдоиш, иштироки мушакҳо дар тела додан ва монеъ шудан ҳангоми падид омадани овозҳо, тарзи монеъшавӣ, марказе, ки хавои теладодашуда ба воситаи рутубат ва хушкӣ ҳаракат менамояд, маълумот додааст. Ба қавли муҳаққиқи рисолаи "*Махориҷ-ул-ҳуруф*" Ҳассон ат-Тайён муҳимтарин мӯшикофие, ки Ибни Сино дар ин фасл нишон додааст, ин аст, ки байни садоноки кӯтоҳи "у" ва "и" ва садонокҳои дарози "ӯ" ва "ӣ" фарқ гузошта, кӯшиш кардааст, ки замони ҳасилшавии ҳар яки онҳоро муайян созад.[30]

5. Аз масоили муҳимме, ки Ибни Сино дар бахши панҷуми рисола диққат додааст, муайян кардани овозҳое мебошад, ки дар арабӣ вуҷуд надошта, дар забонҳои дигар чун форсӣ, хоразмӣ ва туркӣ вуҷуд доранд. Аз ҷумла, ӯ чаҳор овози забони форсӣ: "*пе*", "*че*", "*же*" ва "*ге*"-ро ишорат мекунад, ки хоси забони арабӣ нестанд ва инро дар мисоли зерин дидан метавон: "Ва ҳарфи дигаре, ки ба "ҷим" монанд аст, дар гуфтори эрониён дар калимаи "чоҳ" шунида мешавад ва нисбати ин "ҷим" ба "ҷим"-и арабӣ монанди нисбати "коф"-и арабӣ ба "коф"-и ғайриарабӣ аст".[31]

6. Масъалаи дигаре, ки Ибни Сино дар рисолаи "*Махорич-ул-ҳуруф*" даст задааст ва ба забони тоҷикӣ робитаи хоса дорад, ҳарфест, ки байни "фе" ва "бе" мебошад ва онро дар лаҳҷаҳои ҷануби Тоҷикистон истифода мебаранд. Худи Ибни Сино ин овозро ин тарз шарҳ додааст: "Дигар ин [ҳарфи] "фе"-е мебошад, ки қариб ба [ҳарфи] "бе" аст ва дар забони форсҳо дар гуфтори "фузунӣ" воқеъ мешавад. Ин ҳарф аз ҳарфи "бе" бо ин фарқ мекунад, ки дар вай ҳабс (монеъшавӣ)-и пурра вуҷуд надорад. Вай аз ҳарфи "фе" бо ин фарқ менамояд, ки тангии баромадгоҳи овоз дар лаб бештар ва фишори ҳаво сахттар аст, то ҷое, ки дар сатҳи [нарми] даруни лаб, қариб ки ларзае падид меояд."[32] Бо назардошти ин ки худи Ибни Сино ин ҳарфро байни ҳарфҳои "фе" ва "бе" медонад, чунин хулоса метавон кард, ки он ҳамон ҳарфест, ки дар лаҳҷаҳои ҷануби Тоҷикистон боқӣ мондааст.

Хулоса, рисолаи "*Махорич-ул-ҳуруф*" аз зумраи асарҳои марбут ба фонетикаи умумии забоншиносии араб мебошад, ки масъалаҳои мавриди баҳси он то ҳол аҳамияти илмии худро гум накарда, онро метавон дар қатори осори муҳимми марбут ба савтиёти забони арабӣ, форсӣ ва дигар забонҳо ба эътибор гирифт. Тарҷума ва шарҳу тафсири ҷомеи забоншиносии он дар забоншиносӣ ва арабшиносии тоҷик аз воҷиботи муҳимми ин ду соҳаи илм дар Тоҷикистон аст.

А Д А Б И Ё Т

1. **أبو الفتح عثمان بن جني (392هـ) الخصائص، الجزء الأول، بيروت، بدون سنة الطبع، ص، 33.**
2. **الحاجظ (255هـ)، تحقيق عبد السلام هارون، مكتبة الخانجي، الجزء الأول، القاهرة، 1405هـ/1985م، ص, 79.**
3. Аристотель. Сочинения. Том 1, М., 1975. -С. 44-414.
4. Амирова Т.А., Ольховиков Б.А., Рождественский Ю.В. Очерки по истории лингвистики. М., 1975. -С. 76.
5. **خليل بن أحمد الفراهيدي. كتاب العين، تحقيق مهدي المخزومي وإبراهيم السامرائي، بغداد،**
6. **سيبويه أبو بشر عمرو بن عثمان. الكتاب، تحقيق وشرح عبد السلام محمد هارون، القاهرة، 5 أجزاء 1425 هـ/2004 م**
7. Абӯалӣ ибни Сино. Осор. Ҷилди якум. Душанбе: «Дониш», 2005. -С. 171.
8. Абӯалӣ ибни Сино. Осор. Ҷилди якум. Душанбе: «Дониш», 2005. -С. 171.
9. **رسالة أسباب حدوث الحروف للشيخ الرئيس أبي علي الحسن بن عبد الله بن سينا. تحقيق محمد حسان الطيان ويحيى ميرعلم. دمشق، بدون سنة الطبع**
10. **غسان فينيانوس. فلسفة الوجود عند ابن سينا. // مجلة التراث العربي. العددان 6/5 السنة الثانية، عدد خاص يصدر بمناسبة الذكرى الألفية لابن سينا. دمشق، 1981، ص. 60**
11. Завадовский Ю.Н. Абу Али ибн Сина. Душанбе: "Ирфон", 1980. -С. 184-185.
12. Ибни Сино дар бахшҳои мантиқи «Китоб-уш-шифо», «Китоб-ун-наҷот», «ал-Ҳикмат-ул-машриқия» (ба забони арабӣ), «Донишнома» (ба забони тоҷикӣ) роҷеъ ба забони арабӣ, форсӣ ва масоили забоншиноси афкору андешаҳои арзишманд баён кардааст.
13. Дар фаслҳои ёздаҳум «Дар ташреҳи мушаки ҳанҷара» ва дувоздаҳум «Дар ташреҳи мушаки ҳалқум» дар "ал-Қонун" андешаҳоеро Ибни Сино доир ба овозҳои нутқ баён кардааст, ки бо андешаҳои ӯ дар бораи ҷиҳози нутқ ва вазифаҳои он дар «Махорич-ул-ҳуруф» шабоҳат доранд.Ниг.: **القانون في الطب. تأليف الشيخ الرئيس أبو علي الحسن بن علي بن سينا المتوفى سنة 428 هـ. الجزء الأول، بغداد، بدون سنة الطبع، ص. 43-45.**
14. Тибқи маълумоти сарчашмаҳо ва таҳқиқот Ибни Сино китобе бо номи «Лисон-ул-араб» навиштааст, ки он дар шакли мусаввада боқӣ мондааст.Ниг.: Завадовский Ю.Н. Абу Али ибн Сина. -С. 184-185.
15. **رسالة أسباب حدوث الحروف. للشيخ الرئيس أبي علي الحسين بن عبد الله بن سينا (370-428 هـ). تحقيق محمد حسان الطيان ويحيى مير علم. دمشق، 1980**
16. **مخارج الحروف يا أسباب حدوث الحروف. تصنيف شيخ الرئيس أبو علي بن سينا. دو روايت از متن رساله با مقابله وتصحيح وترجمه فارسي دكتور برويز ناتل خانلري**
17. В.Б. Ахведиани. Фонетический трактат Авиценны (Абу Али Ибн Сина). Текст, перевод, исследование. Изд-во «Мецниереба», Тбилиси, 1966.
18. Ниг. ба пайнавишти №15.
19. Т. Хаскашев. Ибни Сино ва фонетикаи тавлидӣ // Мушкилоти Ибни Сино (мероси адабӣ, анъана ва алоқа). Душанбе, 1980. -С. 173-183.
20. Дар ин ҷода мақолаи Иброҳим Халил Маҳмудро бо унвони «Овошиносии Ибни Сино дар партави забоншиносии муосир» зикр кардан мумкин аст, ки онро дар монографияи худ: **إبراهيم محمود خليل. في اللسانيات في نحو النص. عمان، 2009، ص. 107-136** ба чоп расонидааст.
21. **ابن سينا. رسالة أسباب حدوث الحروث. ص. 54**
22. Ҳамон ҷо. -С. 54.
23. Ҳамон ҷо. -С. 54.
24. **ابن أبي أصيبعة. عيون الأنباء في طبقات الأطباء. الجزء الثالث، بيروت، 1401 هـ/1981، ص. 11**
25. **ابن سينا. رسالة أسباب حدوث الحروث. ص. 56**
26. Ҳамон ҷо. -С. 59.

27. Ҳамон ҷо. -С. 60.
28. Ҳамон ҷо. -С. 64.
29. Ҳамон ҷо. -С. 65-66.
30. Ҳамон ҷо. -С. 70.
31. **محمد حسان الطيان. علم الأصوات عند العرب. ص، 4**
32. Ҳамон ҷо. -С. 91-92.

МЕСТО "МАХАРИДЖ АЛ-ХУРУФ" ИБН СИНЫ В АРАБСКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКОЗНАНИИ

В статье делается попытка ознакомить "*Махаридж ал-хуруф*" ("Место артикуляции букв") Ибн Сины как одного из надёжных источников по общей фонетике арабского языка и других языков и определить её значимость в истории арабского и таджикского языкознаний.

Ключевые слова: арабское языкознание, таджикское языкознание, савтиёт, фонетика, общая фонетика, слог, говор, буква, комментарий, нёбо, части речи, фонемы, мышцы, связки

PLACE MAHARAJ AL-HURUF" IBN SINA IN ARABIC AND TAJIK LINGUISTICS

The article attempts to introduce "Maharaj al-huruf" ("the Place of articulation of the letters") of Ibn Sina as one of the reliable sources on General phonetics of the Arabic language and other languages and to determine its significance in the history of the Arab and Tajik jazykoznanii.

Kev words: Arabic language, Tajik linguistics, phonetics, General phonetics, syllable, word, letter, review, sky, parts of speech, phonemes, muscles, ligaments.

Сведения об авторе: ***С. Сулаймонов***– профессор кафедры арабской филологии факультета языков Азии и Европы Таджикского национального университета. Телефоны: **907-98-54-43**

ГИДРОНИМҲОИ ЭРОНИАСЛИ ТУРКИШУДАИ МОВАРОУННАҲР

Д. Ҳомидов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Забони адабии тоҷикӣ аз замони пайдоиш ва ташаккули худ то ҳол тараққиёти таърихиро аз сар гузаронида, торафт ғанӣ ва мукаммал шуда, барои ба ҷо овардани эҳтиёҷоти ҷомеа ҳамчун воситаи асосӣ хизмат кардааст ва хизмат дорад. Таҳқиқу баррасии таркиби луғавӣ ва қишрҳои мухталифи он дар забоншиносии тоҷикӣ таърихи қадима дорад. Ба ин кор ҳанӯз луғатнигорону тазкиранависони гузашта иқдом намуда буданд. Омӯзишу баррасии таркиби луғавии забони тоҷикӣ ва дар он муайян кардани нақши вожаҳои таърихӣ дар рушди таркиби луғавии забон имрӯз низ идома дорад.

Мо тасмим гирифтаем, ки дар доираи ин гузориши илмӣ роҷеъ ба гидронимҳои аслан эроние, ки дар айни ҳол дорои шакли туркӣ -ӯзбекианд, маълумоте чанд бидиҳем. Дар асоси ҳамин гуфтаҳо мо рӯ ба таҳлили гидронимҳои аслан эроние, ки бо мурури замон тағйири шакл кардаанд ва зоҳиран туркӣ шудаанд, меоварем ва онҳоро аз нигоҳи лингвистӣ мавриди баррасӣ қарор медиҳем. Ҷиҳати муайян кардани шакли аслии вожаҳои тағйири шаклкарда ба мо усули таърихӣ-қиёсӣ, яъне таҳлили этимологӣ ёрӣ мерасонад.

Этимология ё решашиносӣ риштаи забоншиносӣ буда, таълимот дар бораи пайдоиш ва инкишофи таърихии шакл ва маънои калима маҳсуб меёбад. Ё ба таври дигар, муайян кардани маншаи калимаҳо ё этимология (**юн. etymon – ҳақиқат logos - таълимот) -**и вожаҳои таркиби луғавии ин ё он забон маҳсуб ёфта, онҳо (вожаҳо) аз нигоҳи сарчашмаҳои пайдоишашон таҳқиқ карда мешаванд. Дар асоси талаботи ин риштаи забоншиносӣ калимаҳои таркиби луғавии забон, ки вожаҳои ифодагари мавзеъҳои обӣ низ ба ҳамин гурӯҳ шомиланд, ба гурӯҳҳои калимаҳои худӣ (аслан эронӣ ё тоҷикӣ) ва иқтибосӣ (аз забонҳои дигар воридгардида) ҷудо карда мешаванд. Гуфтан ба маврид аст, ки дар таҳқиқи этимологӣ, пеш аз ҳама истифодаи дақиқи қонуниятҳои мувофиқати овоз ва муқаррар кардани истисноҳои аз ин қонуниятҳо берун ниҳоят заруранд, зеро ки истисноҳои муайян дар мувофиқати овозии давраҳои мухталифи як забон ва ё забонҳои ба ҳам хеш бо сабабҳои маълум ва мушаххаси воқеӣ ба вуҷуд меоянд. Танҳо дар сурати ба назар гирифтани ҳамаи ин

сабабҳои объективӣ этимологияи ҳақиқии илмии калимаҳоро, аз ҷумла гидронимҳоро муқаррар кардан мумкин аст [ниг.: 2, 218 – 225].

Тавре зикраш рафт, аз нигоҳи сохту таркиб ва хусусиятҳои калимасозӣ маводи гидронимии сарзамини Мовароуннаҳрро низ ба навъҳо ва қолибҳои гуногун ҷудо кард. Аз ҷумла, аз ҷиҳати пайдоиш ва баромади забонӣ (этимологӣ) маводи гидронимии сарзамини Мовароуннаҳр аслан, ба гурӯҳи забонҳои эронӣ (тоҷикӣ, форсии қадим, форсии миёна, суғдӣ, хоразмӣ, бохтарӣ, яғнобӣ, помирӣ) тааллуқ дошта, ҳамчунин гидронимҳои туркиву арабӣ ва муғулӣ низ ба назар мерасанд. Бинобар ин, маводи гидронимии сарзамини Мовароуннаҳрро аз нигоҳи таҳлили этимологӣ ва баромад ё басомад метавон ба чунин гурӯҳҳо: 1**) гидронимҳои тоҷикӣ; а) гидронимҳои туркӣ; в) гидронимҳои арабӣ; г) гидронимҳои русӣ ва байналхалқӣ, ғ) гидронимҳои омехта** тасниф намудан ба мақсад мувофиқ аст.

Аз сарчашмаҳои боэътимоди илмӣ ва манбаъҳои таърихӣ аён аст, ки дар сарзамини Варазрӯд (Мовароуннаҳр) ба ғайр аз халқҳои эронинажод, аз ҷумла тоҷикон, инчунин халқҳои туркнажод-ӯзбекҳо, қирғизҳо, туркманҳо ва қазоққо низ дер боз сукунат доранд.Тибқи маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ ва манбаъҳои боэътимод сукунати оммавии қабилаҳои туркӣ-муғулӣ аз ибтидои қарни XIII, яъне пас аз истилои муғулҳо шурӯъ гардида, то охири қарни XIX ва ибтидои асри XX идома ёфт. Дар натиҷаи ҳамзистӣ ва мавҷуд будани робитаи иқтисодӣ, тиҷоратӣ, фарҳангӣ дар таркиби луғавии забонҳои ин халқҳо таъсири мутақобила ба назар мерасад. Ин таъсир дар номгузорӣ низ инъикоси худро ёфтааст. Аз ҷумла, дар номгузории маҳалҳо ва гидронимҳои сарзамини Мовароуннаҳр низ номвожаҳои ҷуғрофиеро пайдо намудан мумкин аст, ки мутааллиқи гурӯҳи забонҳои туркӣ мебошанд. Бояд гуфт, ки дар сарзамини Мовароуннаҳр нисбат ба гидронимҳои забонҳои дигар гидронимияи туркӣ миқдоран зиёданд. Сабаби беш будани гидронимияи туркӣ нахуст, дар қатори тоҷикон дар сарзамини Мовароуннаҳр зиндагӣ доштани қавмҳои туркӣ бошад, дувум, аз сабаби дар ҳуҷҷатҳои расмӣ ба тариқи тарҷума нигоштани топонимияи тоҷикӣ мебошад. Аз ин ҷост, ки бештарини гидронимияи туркӣ дар садсолаи охирин арзи вуҷуд намуданд. Чунончӣ: **Бошқудуқ, Бошбулоқ, Думалоқ, Оқсув, Қудуқчӣ, Қошиқтарош, Қумгузар, Қӯрғонтош** ва амсоли инҳо мебошанд. Бештари ин гидронимҳо ифодагари истилоҳи соҳаи чорводорӣ буда, аз нигоҳи сохт ҳарчанд сохтаву мураккаб бошанд ҳам, вале мо онҳоро ҳамчун калимаҳои содаи иқтибосии туркӣ - ӯзбекӣ дар забони тоҷикӣ қабул менамоем.

Бояд гуфт, ки гидронимҳои эрониасли туркишударо метавон ба чунин зергурӯҳҳо ҷудо намуд: ***гидронимҳои эрониасли якҷузъашон туркишуда, гидронимҳои эрониасли пурра туркишуда, гидронимҳои эрониасли ба назар туркимонанд.***

а) Гидронимҳои эронии якҷузъашон туркишуда. Ба ин гурӯҳ гидронимҳоеро мансуб донистан мумкин аст, ки аслан эронӣ буда, бо мурури замон дар натиҷаи ҳамзистӣ ва мавҷуд будани робитаи иқтисодӣ, тиҷоратӣ, фарҳангӣ як ҷузъашон тағйири шакл ё намуд кардаанд, ки барои собити андеша чанд мисол меоварем:

Ёхсу (Yāγsu), калонтарин дарёи минтақаи Кӯлоб аст, ки минтақаро ба ду қисм ҷудо менамояд. Гидронимияи Ёхсуи минтақаи Кӯлоб бо якчанд шаклҳои овозии ****<Yāxsu, *< Āxsu, *<Āqsu ва *<Yāxsu*** вомехӯрад ва дар нутқи рӯзмарраи аҳолии маҳаллӣ ҳамаи ин шаклҳо мустаъмаланд. Шакли **Yāxsu** дар гуфтори мардум зиёдтар мушоҳида мешавад. Дар забони форсии миёна дарёи Панҷ ҳамчун **Беҳрӯд (Behrud**) - «рӯди нек», «рӯди меҳрубон» зикр гаштааст, ки шояд бо гидронимҳои **Вахш (Vaxš), Йохсу (Yāxsu), Вахондарё (Vaxāndaryā), Баҳманрӯд (Bahmfnrud,** номи пешинаи дарёи **Сурхоб)** ва **Вахё (Vaxyā**) алоқаманд бошад. Дар солномаҳои чинӣ чанд гидрониме таҳти унвонҳои ***Уху (Uxu), Ху (Xu), Ху-шу (Xu-šu), Бу-ху (Bu-xu), Потсу (Pātsu), Фотсу (Fātsu)*** зикр гаштаанд, ки бо номҳои мазкур муқоисаша вандаанд. Дар қисмати шарқии Ҷумҳурии халқии Чин ҳоло низ шаҳри калон ва дарёе бо номи ***Оқсу***

(Āqsu)// Ёxsy (Yāxsu) // Oxcy (Āxsu) вуҷуд дорад. Ҳамаи номҳои зикршуда аз як решаи умумиэронӣ сарчашма гирифта, маънии «олиҳаи об» (худо, фаришгаи обҳо) - ро дорад. Дар китоби «Авасто» Яшти 5 ба олиҳаи обҳо ***(Ardvisura Anāhina -Ардвисура Аноҳита***) бахшида шудааст ва «***Ardvisura (Ардвисура) – яшт (yašt)» ё «Обон (Ābān)-яшт (yašt)»*** ном дорад. Олиҳаи обҳо дар яшти мазкур ба ду сурат, бо шакли рӯди Бузурге, ки сарчашмаи ҳамаи обҳо ва баҳрҳои дунё аст ва сипас, тасвири худи олиҳа (зани зебое) омадааст [ниг.: 1, 109-110].

Ҳамин тариқ, Ёхсуи минтақаи Кӯлоб аввал, таҳти таъсири юнониҳову бохтариҳо ***(Оксус (Āksus) // Окс (Āks) // Оксу (Āksu) //Охшу (Āxšu)*** ва баъдан, ақвоми туркзабону туркнажод якчанд маротиба шакли овозии худро дигар кардааст ***(Ёхсу (Yāxsu), Оқсу (Āqsu), Оқсув (Āqsuv)***, вале ҳамон маънии «олиҳаи об»-ро ифода менамояд. Ҳудуди густариши ин ном бештар аз панҷ-шаш кишварро фаро мегирад. Бояд гуфт, ки дар ибтидо ба назар чунин мерасад, ин гидроним туркӣ аст, вале дар натиҷаи таҳлили этимологӣ аён мегардад, ки ин гидроним аслан, умумиэронӣ буда, то андозае тағйири шакл кардааст, яъне шакли Осрӯд ба тадриҷ чунин шаклро соҳиб гардидааст.

Каризариқ (Karizariq) номи ҷӯй дар ҳудуди ноҳияҳои Китоб, Қамашии вилояти Қашқадарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон аст. Ин гидроним аз нигоҳи сохт мураккаб: **корез** ва **ариқ**; ҷузъи **карез (karez) // корез (kārez)** дар ҳамин шакл дар айни замон сода аст ва номи маҳалла дар шаҳри Кеш (вилояти Қашқадарё) ва дар ноҳияи Восеи вилояти Хатлон мебошад. Аммо таърихан вожаи мазкур мураккаб буда, ба маънои “чоҳ” истифода мешуд [8, 505]. Дар ҳамин қолаб дар забони тоҷикӣ **вожаи полиз (pāliz) // полез (pālez)** мавҷуд аст, ки маънои “**киштзор, боғ, бӯстон, гулистон”-ро** дорад [7, 83]. Пас, маънои луғавии ин гидроним ҷӯе, ки аз чоҳ сарчашма мегирад, мебошад.

Каризбулоқ (Karizbuloq)-номи чашма ва деҳа дар ҳудуди ноҳияи Қамашии вилояти Қашқадарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон. Ин гидроним аз нигоҳи сохт мураккаб: **корез** ва **булоқ**. Ҷузъи **карез//корез** дар ҳамин шакл дар айни замон сода аст ва маънояш “қубури обгузари зеризаминӣ” мебошад. Ҷузъи **булоқ** барои ифодаи чашма меояд ва дар маҷмӯъ, маънои луғавии ин гидроним чашмае, ки аз чоҳ сарчашма мегирад, мебошад.

Карсанбулоқ (Karsanbuloq) номи чашма дар ҳудуди ноҳияи Деҳқонободи вилояти Қашқадарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон аст. Ин гидроним аз нигоҳи сохт мураккаб: **карсан** ва **булоқ**; ҷузъи **карсан** шакли тағйирёфтаи ибораи **гирди санг** ва **булоқ – чашма** буда, маънояш “аз гирди санг ҷорӣ шудани чашма” мебошад. Шакли аслии ин гидроним **гирдисангчашма** будааст [3, 90].

Карсончашма (Karsoncasma)-номи чашма дар ҳудуди ноҳияи Шаҳрисабзи вилояти Қашқадарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон. Ин гидроним аз нигоҳи сохт мураккаб: **карсан** ва **чашма;** ҷузъи **карсан** шакли тағйирёфтаи ибораи **гирди сан**г буда, маънои луғавияш “аз мавзеи гирди санг ҷорӣ шудани чашма”-ро ифода мекунад. Шакли аслии ин **гидроним гирдисангчашма** мебошад [3, 91].

Каттақурғон (Kattaqurjon)-номи обанбор дар ҳудуди вилояти Самарқанди Ҷумҳурии Ӯзбекистон. Ин гидроним аз ҷиҳати сохт мураккаб: **катта** ва **қурғон-катта** - калон ва **қурғон** – диж, қалъа: **дижи бузург ё қалъаи калон** .

Куювсув (Kuyuvsuv) номи дарё дар ҳудуди ноҳияи Олтинсойи вилояти Сурхондарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон аст. Ин гидроним аслан, мутааллиқи забони тоҷикӣ буда, дар шакли **кӯҳин + об** дар сарчашмаҳо зикр гардидааст ва **куювсув** шакли туркӣ – ӯзбекии кӯҳиноб мебошад, ки маънояш “аз **кӯҳ ҷорӣ гардидани дарё”** аст. **Қизариқ (Qizariq),** номи мавзеи обӣ дар ноҳияи Чироҷчии вилояти Қашқадарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон буда, ин гидроним аз нигоҳи сохт мураккаб ва аз ҷузъҳои **қиз** – шакли туркишудаи диж // диз ва **ариқ** – ҷӯй таркиб ёфтааст. Маънояш «ҷӯйи обаш аз баландӣ ва аз назди қалъа ҷоришаванда» мебошад [ниг.: 3, 244].

Қизбулоқ (Qizbuloq) номи чашмаи кӯҳӣ дар ҳудуди вилояти Қашқадарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон буда, ин гидроним аз нигоҳи сохт мураккаб ва аз ҷузъҳои **қиз** – шакли туркишудаи диж // диз ва **булоқ** – чашма таркиб ёфтааст. Маъно: «чашмаи дар **назди диж** воқеъбуда» [ниг.: 3, 244].

Қорасув (Qorasuv), номи шоҳоб ва дарё дар ноҳияҳои Китоб ва Шаҳрисабзи вилояти Қашқадарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон буда, ин гидроним аз нигоҳи сохт мураккаб: **қора** - сиёҳ ва **сув -** об, дарё-чашмаҳои кӯҳии аз зери замин баромада, ки обаш сиёҳмонанд аст», мебошад [ниг.: 3, 253].

Оқсув (Oqsuv) номи дарё дар вилояти Сурхондарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон буда, аз нигоҳи сохт мураккаб ва аз ҷузъҳои **оқ**-сафед ва **сув** – об «оби софу тоза ва аз ҷойи сахт омадани дарё» [ниг.: 3, 144].

б) Гидронимҳои эрониасли пурра туркишуда. Ба ин гурӯҳ гидронимҳоеро мансуб донистан мумкин аст, ки аслан эронӣ буда, бо мурури замон дар натиҷаи ҳамзистӣ ва мавҷуд будани робитаи иқтисодӣ, тиҷоратӣ, фарҳангӣ пурра дар натиҷаи калка ё тарҷума тағйири шакл ё намуд кардаанд, ки барои собити андеша чанд мисол меоварем:

Арал (Aral) номи баҳр дар ҷанубӣ ғарбии қисми Осиёи ИДМ мебошад. Дарозӣ ё тӯлаш 428 км, бараш 235 км, масоҳати ҳавзааш 690 ҳазор км^2, ҳаҷми об қариб 1000 км^3, баландии аз сатҳи баҳр 53 м воқеъ аст. Пастхамии баҳри Арал дар натиҷаи фурӯ хамидани қишри замин дар охири давраи неоген ба вуҷуд омадааст. Бо ҳамин ном деҳаҳо дар ноҳияҳои Восеъ ва Ҷомии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуданд. Номи пешинаи баҳр Хоразм ва пас аз омадани гурӯҳҳои этникии турку муғул аз ҷониби Оролу Муғулистон номи Хоразм ба шакли туркии Арал, ки маънояш «**ҷазираи беодам»** аст, ба тадриҷ иваз гардид. Деҳаҳои Арал низ ба ҳамин тоифа мансубанд ва заминҳои деҳаҳои Арал аз дарёи Сурхоб ва Вахш обёрӣ мешаванд.

Бошқудуқ (Bošquduq) калимаи туркӣ буда, маънои «**чоҳи калон»**-ро дорад, ки дар дашту адири беоб кофта шуда, дар он оби бисёр захира мегардад ва дар атрофи он оғили чорво бунёд мегардад [3, 43].

Қизилсу (Qizilsu) дарёест дар Ҷумҳурии Қирғизистон, номи болооби дарёи Сурхоби Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дарозиаш 250 км, масоҳати ҳавзааш 8380 км^2 аст. Аз нишебиҳои қаторкӯҳи паси Олой ибтидо ёфта, қад-қади водии Олой ҷорӣ мешавад. То ҳамроҳшавии дарёи Айлама Қаросу ном дорад. Бо дарёи Муғсу як шуда, дарёи Сурхоб (болооби дарёи Вахш) -ро ҳосил мекунад. Сарфи миёнаи об (86 км дуртар аз резишгоҳ), 40,6м^3/сон.ташкил медиҳад. Шакли мазкур шакли туркишудаи Сурхоб аст, ки маънояш «дарёе, ки обаш сурхча аст», мебошад.

Бошбулоқ (Bošbuloq) - номи чашма дар ҳудуди ноҳияҳои Бойсун, Шерободи вилояти Сурхондарё ва Чироғчӣ, Деҳқонобод, Қамашии вилояти Қашқадарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон. Ин гидроним аз нигоҳи сохт мураккаб: **бош** (ӯзбекӣ) – «асосӣ, сар» ва **булоқ** (ӯзбекӣ) – чашма-чашмаи асосӣ ва ба чандин чашмаҳои хурд ҷудошаванда [ниг.: 3, 48].

в) Гидронимҳои эрониасли ба назар туркимонанд. Ба ин гурӯҳ гидронимҳоеро мансуб донистан мумкин аст, ки аслан эронӣ буда, бо мурури замон дар натиҷаи ҳамзистӣ ва мавҷуд будани робитаи иқтисодӣ, тиҷоратӣ, фарҳангӣ пурра дар натиҷаи калка ё тарҷума тағйири шакл ё намуд кардаанд, ки барои собити андеша чанд мисол меоварем: **Қундуздарё (Qunduzdaryo)** номи дарё дар ҳудуди вилояти Бухорои Ҷумҳурии Ӯзбекистон буда, аз нигоҳи сохт мураккаб мебошад ва аз ҷузъҳои **қундуз** - ба «маънои кӯҳандиз ё қалъаи кӯҳна» ва **дарё** ба маънои «рӯд» таркиб ёфта, дарёе, ки аз назди дизи кӯҳна ҷорӣ аст, мебошад. **Муғсу (Mujsu)** номи яке аз шохобҳои дарёи Сурхоб буда, воқеъ дар ҳудуди ноҳияи Тоҷикободи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Аз нигоҳи сохт мураккаб: аз ҷузъҳои **мух -** шояд шакли сафед бошад ва **су**-дарё, об; мутааллиқи забони туркӣ-қирғизӣ, яъне шакди тағйирёфтаи

Сафеддарё ё Оқсу ба забони қирғизӣ. Ё маънои дигараш аз мавзеи сабзазор ҷорӣ шудани дарёст аст**.**

Обиғуноҷин (Obijunochin)- номи шохоби дарёи Оқсув, ки дар ҳудуди ноҳияи Шаҳрисабзи вилояти Қашқадарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон. Ин номвожаи ҷуғрофӣ аз нигоҳи сохт мураккаб буда, аз ҷузъҳои **об** ва ғуноҷин (чорвои ҷавон)ибоат аст. Ҷузъи **ғуноҷин,** ба андешаи мо ҷузъи вайроншудаи вожаи таърихии **ғара (γara),** ки ба маънои «кӯҳистон» ва маънои луғавии ин гидроним дарёи кӯҳӣ ба маънои дарёи обаш аз доманаи кӯҳ меомада фаҳмида мешаванд [ниг.:3, 67].

Оқдарё (Oqdaryo)-шохоби дарёи Қашқадарё ва аз ҷузъҳои оқ//ос-сафедӣ ва дарё таркиб ёфта, шакли тағйирёфтаи вожаи Осруд // Асруд аст. Ин вожа дар натиҷаи таъсири забонҳои туркӣ шакли Оқдарёро гирифтааст. Маънои луғавии ин вожа аз назди осиё гузаштани дарёсn [7, 48].

Каттаангар (Kattaangar)-номи ҷӯй дар ҳудуди ноҳияи Қамашии вилояти Қашқадарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон. Номи ин ҷӯй аз сабаби аз дигар ҷӯйчаҳо ё ҷӯйбор нисбатан калон будан ба ҳамин шакл номгузорӣ гардидааст. Маънии ҷузъи **катта**- калон ва **ангар** – анҳор, наҳр аст, ки шакли вайроншудаи вожаи калони тоҷикӣ мебошад.

Каттадарё (Kattadaryo) - номи шохобчаи дарёи Қашқадарё дар ҳудуди Ғузори вилояти Қашқадарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон. Номи ин дарё нисбати дигар дарёчаҳо ё ҷӯйбор калон будан ба ҳамин шакл номгузорӣ гардидааст. Маънии ҷузъи **катта**-калон аст, ки шакли вайроншудаи вожаи калони тоҷикӣ мебошад.

Осдарё (Osdaryo) - шохоби дарёи Кешруд ва ҳоло дар шакли Оқдарё шохоби дарёи Қашқадарё. Осдарё // Осрӯд вожаи тоҷикӣ буда, аз нигоҳи сохт мураккаб: **ос//ос ва рӯд//дарё**. Ин вожа чун гидроним хеле вожаи қадимаи забони тоҷикӣ ва дар қадим ба маънои «олиҳаи об» (Худо, фариштаи об)-ро дошт. Зеро ҷузъи **ос** бо калимаи **ёхсу//йохс** умумият доранд ва **рӯд** маънои об, дарёро дорад [7, 110].

Танхас//Танхос (Tanxas//Tanxos) - номи шохоби дарёи Қашқадарё (Кешрӯд). Ин топоним аз ҷузъҳои **танг-**сифат ва **хос**-исм таркиб ёфта, маънои дарёи камбар, тангро дорад. Зеро ҷузъи хос тибқи нигоштаи А. Л. Хромов вожаи суғдӣ, хоразмӣ буда, маънояш **чашма, наҳр, дарё** аст [7, 14].

Элок//Элак (Elok//Elak) номи дарё дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва калонтарин шохоби чапи дарёи Кофарниҳон. Аз ҳудуди ноҳияҳои Файзободу Ваҳдат ва Рӯдакӣ ҷорӣ гардида, дарозиаш 97 км, масоҳати ҳавзааш 829 км². Дарё аз чашмаи деҳаи Элок, ки воқеъ дар доманаи ҷанубии қаторкӯҳи Қаротегин аст, ибтидо ёфта, болооб ва ҷараёни миёнааш аз байни қаторкӯҳи Қаротегину Сурхкӯҳ ва поёнобаш аз водии Ҳисор мегузарад. Манбаи дарё обҳои зеризаминӣ ва барфу борон аст. Оби Элок барои обёрии заминҳо ва аз об таъмин кардани аҳолӣ истифода мешавад. Ин гидроним аз нигоҳи сохт мураккаб буда, таърихан шакли **айлоқ // айлох // яллохро** доро буд, ки маънои луғавии ин гидроним «аз мавзеи кушод ё даштӣ омадани дарё» ба шумор меравад.

Хулоса, гидронимҳои туркишудаи эрониасл дар ҳудуди Мовароуннаҳр миқдоран беш нестанд, вале аз нигоҳи забонӣ дорои вижагиҳои муайянанд. Яке аз ин вижагиҳо он аст, ки ин қабил гидронимҳо вобаста ба намуди зоҳириашон ба чунин зергурӯҳҳо ҷудо мешаванд: гидронимҳои эрониасли якҷузъашон туркишуда, гидронимҳои эрониасли пурра туркишуда ва гидронимҳои эрониасли ба назар туркимонанд. Вижагии дигари ин қабил гидронимҳо дар он аст, ки аз нигоҳи сохт бештарашон содаи рехтаанд: **Бошқудуқ, Каризбулоқ, Бошқудуқ, Бошбулоқ, Думалоқ, Оқсув, Элок...**

А Д А Б И Ё Т

1. Алимӣ Ҷ. Ташаккул ва таҳаввули микротопонимияи минтақаи Кӯлоб: рисолаи илмӣ / Ҷ. Алимӣ - Душанбе, 1995. - С. 82 - 110.

2. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷикӣ. Луғатшиносӣ. Ҷ.1.: китоби дарсӣ / Ҳ. Маҷидов. – Душанбе, 2007. – 240 с.
3. Нафасов Т. Ӯзбекистон топонимларнинг изоҳли луғати: луғати соҳавӣ / Т. Нафасов. –Тошкент: Уқитувчи, 1989. –288 с.
4. Олимҷони Муҳаммадҷон. Баррасиҳо дар номшиносии тоҷик: рисолаи илмӣ / О. Маҳмадҷонов. – Душанбе, 2004. - С.19.
5. Офаридаев Н. Ойконимияи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон: рисолаи илмӣ / Н. Офаридаев. – Душанбе, 2001. - С.125.
6. Хромов А.Л. Очерки по топонимике и микротопонимике Таджикистана: Сборник статей / А.Л. Хромов. - Душанбе, 1978.- С. 39.
7. Ҳомидов Д. Топонимияи водии Кешрӯд: рисолаи илмӣ /Д. Ҳомидов. -Душанбе, 2002. -104 с.
8. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ.1: фарҳанги тафсирӣ / М. Шукуров. - М., СЭ, 1969. - 950 с.
9. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ.2: фарҳанги тафсирӣ / М. Шукуров. - М., СЭ, 1969. - 950 с.
10. Фарҳанги мухтасари «Шоҳнома»: фарҳанги филологӣ / М. Ализода. – Душанбе: Адиб, 1992. - С.86 - 87.

ТЮРКИЗАЦИЯ ГИДРОНИМОВ ИРАНСКОГО ПРОИСХОЖДЕНИЯ МАВЕРАННАХРА

В данной статье рассматривается степень употребления тюркизации гидронимов иранского происхождения Мавереннахра. Автор статьи стремится показать именно эту особенность гидронимов Мавереннахра и повергать научному анализу географические названия.

Ключевые слова: гидронимы, топонимы, таджикский язык, суффиксы, форманты, тюркизация, происхождение, иранское происхождение, топофоманты, вода, река, ручей, бассейн, иранские языки, родник, колодец, структура, сложный, составной, выражение-гидронимы.

TYURKIZ HYDRONYMS OF IRANIAN ORIGIN MAWARANNAHR

This article is devoted to the linguistic research of hydronyms Chagonruda as an ancient toponyms of Central Asian region. The author of the article tries to show particular this feature of hydronyms of Chagonruda and paralyze scientific analysis of geographical names with the token "water" and its synonyms.

Key words: hydronim, toponim, Tajik language, structure word, word expression, water, river, Iran language, spring, structure, compound, complex, expresions of hydronim.

Сведения об авторе: ***Д. Хомидов*** **–** кандидат филологических наук, доцент кафедры истории языка и типологии факультета таджикской филологии ТНУ. Телефон: **918-19-23-80**

ИСМҲОИ ИФОДАКУНАНДАИ МАШҒУЛИЯТҲОИ ДИЛХУШӢ ДАР «ЁДДОШТҲО»-И С. АЙНӢ

С. Низомова
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Калимасозии исмҳои мураккаб дар забони адабии тоҷик маъмул ва серистеъмол аст. Муаллифони фарҳанггномаҳо ва асарҳои аввалини забоншиносӣ дар хусуси васлшавии калимаҳо қайдҳо кардаанд. Саидризо Ализодаи Самарқандӣ исмҳои мураккабро чунин таъриф намудааст: «Исме, ки аз ду калима ё бештар сохта шуда бошад, ӯро исми мураккаб номанд. Монанди нондон, корхона, рӯзнома» {7. 31}. Муаллиф исми сохтаи **нондонро** мураккаб номидааст. Дар забоншиносии тоҷик калимасозии исмҳо аз тарафи забоншиноси барҷаста Ш. Рустамов тадқиқшудааст. Васлшавии калимаҳо маъмултарин усули калимасозист. Бо ин усул асосан исму сифатҳо сохта мешаванд.

Мо тасмим гирифтем, ки калимасозии исмҳои мураккаби ифодакунандаи мафҳуми машғулиятҳои дилхушӣ, бозиҳои гуногунро дар асари «Ёддоштҳо»- и устод Садриддин Айнӣ ба риштаи таҳқиқ кашем. Омӯзиши қолабу воситаҳои калимасозӣ дар асари ёддоштии нависанда аз он маълумот медиҳад, ки дар замони давраи амирӣ чӣ гуна машғулиятҳои дилхушӣ мавҷуд буданд. Онҳо чӣ гуна хусусият доштанд. Дар ҳар як давру замон одамони табақаҳоигуногуниҷомеа барои истироҳат гузаронидани вақти хеш машғулиятҳои гуногунро истифода мекунанд: яке мутолиаи китобу рӯзнома, дигаре мусиқӣ, савумин ба бозиҳое машғул мегарданд, ки манфиати хуб надоранд. Дар обеъкти тадқиқи мо чунин машғулиятҳо зиёд мушоҳида мегарданд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки дар замони амирӣ чунин машғулиятҳо асосан, байни ҷавонону калонсолон дар сайргоҳу базмгоҳҳо ва ҷойҳои махсус гузаронида мешуданд. Дар мисоли зерин исмҳои мураккаби ***қиморбозӣ*** ва ***қартабозӣ*** зикр ёфтаанд, ки ин бозиҳо хусусияти манфӣ дошта, ҳоло ҳам дар байни як гурӯҳ одамони барои ҷомеа хатарнок мавҷуд аст. Калимаи **қимор** калимаи арабист, бозии бо пул, бозие, ки бурду бохт дорад{9. 690}, қиморбозӣ бозие, ки дар он бурду бохти нақдӣ ва

ҷинсӣ мешавад[9. 690}. Калимаи қимор+боз+ӣ аз асми мураккаби қимор+боз бо ёрии пасванди сермаънову серистеъмол ва омоморфемаи –ӣ сохта шудааст. Дар исмсозӣ суффикси –ӣ ба асосҳои ғайрипредметӣ маънии предметӣ мебахшад, ба предметҳои конкрет маънии шуғл ва касбу корилова мекунад{6. 44}.

Калима **қартабозӣ** низ бо ҳамин қолаб (қарта+боз+ӣ) сохта шуда, дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ва «Ғиёс-ул-луғот» зикр наёфтааст. Дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» чунин омадааст: «қарта I фр. ﻗﺮﺗﻪ 1. варақаҳои бозӣ бо холҳо васуратҳои гуногунранг: қарта кашидан, бо қарта фол дидан. 2. як қитъаи замини корам. қарта фр. ﻗﺮﺗﻪсафҳаи патефон; қартабоз ﻗﺮﺗﻪﺑﺎز -он кӣ бо қарта қимор бозӣ мекунад; қартабозӣ ﻗﺮﺗﻪﺑﺎزي қимор бо қарта: қартабозӣ кардан»{10. 671}

Хулоса, калонон ва диндорони гузар фарзандонашонро аз рафтуомад ба ин ғайбатхона манъ карда, бешуурона бо дасти худ «нури дидаҳо»- шонро ба лойдони ***қиморбозӣ, қартабозӣ*** *ва кӯкнорнӯшӣ тела мededоанд (1. 478).*

Дар мисоли зерин исмҳоитарфбозӣ, мушакбозӣ, хартозӣ, тагалҷангандозӣ омадааст, ки имрӯз баъзеи онҳо мавҷуданд, баъзеи дигар ба гурӯҳи калимаҳои архаистӣ дохил мешаванд. Исми мураккаби тарфбозӣ дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» зикр нашудааст, аммо калимаи тарф ба маъноҳои 1. Мост, ҷурғот, қурут; 2. а. канора. Канор; 3. а. камарбанд, банди заррин ва нукрагин, ки бар камар мебанданд.4.а. нигоҳ, назар, чашм, дида; ҷунбондани пилки чашм {9. 333}. Тарф панирва ҷурғоти хушк (аз «Муайид») ва дар «Бурҳон» навишта, ки нонхурушест, ки аз ҷурғот мепазанд{4. 189}. Тарф II فرط зарфи чӯяние, ки ба дарунаш борут ҷокарда, дар тамошоҳои шабона оташ медоданд. Тарфбозӣ ﻓﺮﻃﻲ ﺑﺎز -ду гурӯҳ шуда бамуқобили ҳамдигар тарфҳоро оташ додабозӣ кардан{11. 318}.

Пас, маълум мегардад, ки калимаи мазкур бо мурури замон ба таҳаввули маъноӣ дучор омадааст. Тарф+боз+ӣ ду пояи калимасозиро гузаштаст: 1. Тарф+боз; 2. Тарф+боз+ӣ. Мушакбозӣ низ машғулияти дилхушӣ буда, яке аз бозиҳои машҳур ба ҳисоб мерафт, ба тарфбозӣ наздикӣ дорад. Мушак II ﻛﺸﻮﻣ 1. як чизи дарунаш аз борутё чизҳои тарканда пуркардашуда, ки бо оташдодан шуълаҳои гуногунранг бароварда, ба ҳаво мепарад, тарф: мушак парондан; 2. тири аз борут пуркардашуда, ки барои равшан кардани самти муайян ёбарои ба масофаидур расондани хабаре паронда мешавад, ракета; 3. тири реактивии тӯпи ҷангӣ; 4.кайҳ. дастгоҳи парвозкунандаи кайҳонӣ (бомуҳаррики реактивӣ): мушаки кайҳонӣ; 5.итт. қисми насбшавандаи компютер, ки дармонитор ишоратгарро ифода мекунад. Мушакбозӣ ﻛﺸﻮﻣﻲﺑﺎز 1. мушакпаронӣ, тарфбозӣ, оташбозӣ(дар ҷашнҳо); 2. касб вакори мушакбоз{11. 863-864}.

Исми дигар хартозист, ки як навъ мусобиқа ҳисобида мешуд:*Ҳикоятҳое, ки дар бораи тарфбозӣ, мушакбозӣ, хартозӣ ва тагалҷангандозии он ҷо мекарданд, монанди ҳикояҳои деву парӣ ҳам даҳшатовар ва ҳам ҳавасангез буданд (1.77) Тарфбозӣ дар атрофи ҳамин сарҳавз сар мешавад(1.83).*

Дар асар чунин калимаҳо зиёданд, ки исми мураккаби байтбаркбозӣ ва ҳабозӣ имрӯз низ дар маросими идҳои Наврӯз ва дигар маҳфилҳо гузаронида мешавад. Байтбаракбозӣ хоси мардуми шеърдӯст ва толибилмони мадраса буд. Ҳабозӣ ба бозии арғамчинкашии имрӯза шабеҳ дорад. Аз ҷиҳати таркиби морфологӣ калимаи байтбаракбозӣ аз дигар исмҳои машғулият фарқ мекунад. Калимаи байтбаракбозӣ, аз калимаҳои байт, бар, боз ва пасвандҳои –ак ва ӣсохта шудааст: байт+бар+ак+боз+ӣ.

«*Ғайбатхона» номниҳодашудани мадрасачаи Лаби Ҳавзи Арбоб як дараҷа дуруст ҳам буд, зеро бошандагон ва ояндагони он ҷо дар қатори машғулиятҳое, ки дар боло қайд карда шуд. (байтбаракбозӣ, ҳабозӣ, суруд ва мусиқӣ ва монанди инҳо), як қисми муҳимми вақташонро ба «ғайбат» сарф мекарданд(1. 478).*

Дар ҷумлаи дигар калимаи бузкашӣ омадааст, ки имрӯз низ дар маросиму ҷашнҳои миллӣ гузаронида мешавад. Бузкашӣ як навъи варзиши миллӣ, ки бузкашҳо аспсавор барои буз ё гӯсолаи сарбуридаро аз ҷойи муайян гирифта ба марра бурда расонидан мусобиқа мекунанд, ба истилоҳи дигар кӯбкорӣ низ ном мебаранд. Калимаи бузкашӣ бо усули омехта аз исми модии буз, асоси замони ҳозираи каш ва пасванди –ӣ сохта шудааст: буз+каш+ӣ:…*Дар вақти ба пеши қози калон дар омадан монанди чапандозе, ки дар тӯдаи* ***бузкашӣ*** *дар омадан мехоҳад, якдигарро зада пас тела дода, аз гиребони якдигар гирифта ақиб кашида, тану манд ва зӯр бозуён шарикони кам қуввати худро бо китфу бозӯи худ ба паҳлӯдарии дари даромада фушурда ба мурдан мерасониданд…(1. 463) .*

Исмҳои ифодакунандаи мафҳумҳои бозӣ чаҳ-чаҳакбозӣ, дав-давакбозӣ, гӯштигирӣ, ки дар асар зикр ёфтаанд, дар мавридҳои сайру ҷашнҳои баҳорӣ байни ду гурӯҳ гузаронида мешуд. Аз ҷиҳати сохти морфологӣ исми чаҳ-чаҳакбозӣ аз калимаи тақлидиича-чаҳ-садои булбул, пасванди –ак, калимаи боз ва пасванди –ӣ таркиб ёфтааст. Калимаи дав-давакбозӣ аз такрори асоси замони ҳозираи феъл, пасванди –ак, исми боз ва пасванди –ӣ сохта шудааст.

Исми мураккаби гӯштигирӣ дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» чунин шарҳ ёфтааст: гӯштингирӣ نیتشوگیریگ варз. навъи варзиш, ки иборат аз зӯрозмоии ду ҳариф барои ғалтонидани якдигар аст, гӯштӣ: гӯштингирии тарзи миллӣ, гӯштингирии тарзи озод, мусобиқаи гӯштингирӣ. {10. 36о}…Дар ин дафъа нимаи чаҳ-чаҳакбозон гузаштанд ва нимаи дигарашон афтоданд (10. 166).

Махмуди Гав то ҳол ***чаҳ-чаҳакбозиро*** *аз ҷойи ёзидааш тамошо мекард…(167). Баъд аз чаҳ-чаҳак дав-давакбозӣ сар шуд (1. 167). Баъд аз* ***дав-давакбозӣ*** *гӯштигирӣ (кураш) сар шуд (1. 167). Дар ин давраи* ***гӯштигирӣ*** *мазориҳо голиб омаданд ва шаҳриҳо ба ёрии галаосиёниҳо расиданд(1. 167).*

Дар ҷумлаи зер исмҳои мураккаби омехтаи ***гир-гиракбозӣ, қартабозӣ, тасмабозӣ ва буҷулбозӣ, қиморбозӣ*** кор фармуда шудааст. Исмҳои ***гир-гиракбозӣ ва буҷулбозӣ*** дар байни ҷавонон гузаронида мешуд. Аз ҷиҳати таркиби морфологӣ исми гир-гиракбозӣ аз такрори калимаи гир, пасванди –ак, исми боз ва пасванди –ӣ таркиб ёфтааст. Буҷулбозӣ бо воситаи устухони буҷули ҳайвон, ки нақши мӯҳраи бозиро иҷро мекард, бозӣ карда мешуд. Имрӯз баъзан дар байни наврасон мушоҳида мегардад. Аммо дар он замон ба мисли ***қиморбозӣ*** ва ***қартабозӣ*** нақшдошт. Исмитасмабозӣдар байни ду гурӯҳ гузаронида мешуд, аммо имрӯз ба гурӯҳи калимаҳои архаистӣ гузаштааст.

Дар гӯшаҳои пасхами роҳи пиёдагард, ки шамолашро киштзорҳо ва ҷанубашро мазорҳо иҳота карда буданд, ҳар гуна қиморбозиҳо ташкилёфта буданд: ***гир-гиракбозӣ, қартабозӣ, тасмабозӣ ва буҷулбозӣ*** *ба назар намоёнтарини он бозиҳои махфӣ буданд (1. 165).*

Калимаҳои дигаре, ки ҳамчун машғулияти дилхушӣ адои вазифа мекунанд, ***иртишбозиҳо, чормағзбозиҳо, қандакбозиҳо (бо донаки зардолу) ва тухмбозиҳо*** аст. Бозиҳои ***чормағзбозӣ, тухмбозӣ, қандакбозӣ*** дар маросимҳои наврӯзӣ дар байни наврасон гузаронида мешуд. Калимаи ***иртишбозӣ*** дар ягон фарҳанг зикр нашудааст. Калимаи иртиш пораи матоъ ё чите, ки барои мурда ба ҷанозахонон дода мешуд.

Чун бо роҳи байни Ҷӯгихона ва Файзобод баргаштем, аз пешамон ***иртишбозиҳо, чормағзбозиҳо, қандакбозиҳо*** *(бо донаки зардолу) ва* ***тухмбозиҳо*** *баромаданд, ки инҳо қиморбозиҳои рӯйирост ба шумор мерафтанд* (1. 165).

Дар мисоли зер исмҳои ***зоғчабозӣ*** ва ***сочбозӣ*** омадааст, ки хусусияти манфӣ надорад. Асосан дар ин гуна бозиҳо, ба мисли ***кабкбозӣ***, ***хурӯсҷанг***, ки имрӯз мавҷуданд, дар идҳо барпо карда мешуд. ***Зағчабозон*** *ва* ***сочбозон*** *парандагони худро ришта дар по карда, ба ҳаво дар мусобиқа сар медоданд, ки онҳо то дусад метр парвоз менамуданд(1. 166).* ***Саъвабозӣ*** *боз тамошои дигар дошт- тамошобинон тахминан сад қадам дуртар аз саъвабоз да ррӯ ба рӯйи ӯ саф кашида меистоданд(1. 166).*

Исми дигар ***ғаҷабозӣ*** ном дошта имрӯз маъмул нест*:*

Ғаҷабозӣ *ҳамин буд, ки аҳли маҷлис ду тақсим шуда, рӯ ба рӯйи ҳам менишастанд, як сангча ё шабаро гача ном медоданд, одамҳои як тарафи муқобил гачаро дар байни худ гирифта, дастонашонро дар зери кӯрпаи сандалӣ медаровардаанд, яке аз он одамҳо гачаро дар мушти худ пинҳон мекард, аммо ҳамагӣ муштҳошонро гиреҳ карда, аз зери кӯрпа бароварда, ба тарафи муқобил дастҳошонро дароз карда, бо як овоз фарёд кардан мегирифтанд (1. 334).*

Дар мисоли дигар исми подшоҳбозӣ зикр ёфтааст, ки асосан дар байни толибилмон гузаронида мешуд.

Дар асар чунин исмҳои ифодакунандаи машғулияти дилхушӣ ва вақтгузарониро нависанда барои тасвир намудани вазъи мардуми Бухоро дар маросимҳои хурсандӣ, инчунин симои мардуми бекоргард ва калоншавандагонро ҳамчун иштирокчии чунин бозиҳо кор фармудааст. Дар ҷумлаҳои зерин исмҳои мураккаби омехтаи ***подшоҳбозӣ, гирғиракбозӣ, тасмабозӣ, қиморбозӣ, масхарабозӣ, мурғбозӣ, вартишбозӣ (бедонабозӣ)*** истифода гардидаанд: ***Подшоҳбозӣ*** *ҳаминбуд, ки талабагон дар як ҳуҷра ҷамъ мешуданд (1. 335). Дар баъзеион давраҳо гирғиракбозӣ, дар баъзеи дигарашон тасмабозӣ, дар дигарашон* ***қартабозӣ*** *ва монанди инҳо буд, ки ҳамаи онҳо* ***қиморбозӣ*** *буда, камшуртарин одамон атрофии онро фаро гирифта бахтозмоӣ мекарданд (1. 81).Аммо ман на хоҷаи мираконам, на девона ва на масхарабоз, умуман ман*

масхарабозӣ *ва ҳазлу шӯхиро бад мебинам(1. 521).Ман ба ӯ дар вақти дар ҳавлии Шарифҷон-махдум буданам ҳолдон шуда будам, ки ӯ вақти худро ба* ***мургбозӣ*** *ва* ***вартишбозӣ*** *(****бедонабозӣ****) сарф мекард (1. 303).*

Исмҳои мураккаби найрангбозӣ, рӯбоҳбозӣ бо ҳамин усул навишта шудааст, аммо он на машғулият, балки рафтору кирдор, хусусияти одамонро, ки ба ҳиллаву найранг машғуланд, тасвир намудааст: *Гурӯҳи анбӯҳе, ки Лаби Ҳавзи Девонбегӣ ҷамъ мешуданд, дар маъракаи маддоҳӣ ё* ***найрангбозӣ****, ё ин ки дар давраи қиссахонӣ менишастанд, ё ин тараф он тараф ҳаракат мекарданд(1. 574). Пас барои даҳякро ба даст даровардан чӣ гуна* ***рӯбоҳбозиро*** *ба кор бурдед?- боз пурсидам ман(1. 645).*

Дар ҷумлаи зерин исми мураккаби омехтаи ҷӯйчабозӣ корбаст шудааст, ки бозии муқаррарии бачагони деҳот аст. *Дар Соктаре акаам бо Саидакбархоҷа ба пеши хатиби деҳа дарс сар кард, манн ба бойбачагони ҳамсоли худ дар ин деҳаи сероб ба* ***ҷӯйчабозӣ*** *даромадам(1. 29).*

Хулоса, калимаҳои ифодакунандаи мафҳумҳои машғулият, бозӣ дар асар мавқеи хос доранд. Маълум гардид, ки дар давраи пеш аз инқилоб дар Бухоро чунин бозиҳо зиёд буда, бештари онҳо хусусияти манфӣ дошта, ба гурӯҳи ***қиморбозӣ*** мансубанд. Аммо дар байни ин гунна калимаҳо исмҳоеро дучор омадан мумкин, ки имрӯз истифода мегарданд, на ба он маъние, ки он вақт фаҳмида мешуд. Масалан, дар радифи ***саъвабозӣ, зогчабозӣ, вартишбозӣ*** имрӯз бозиҳои ***хурӯсҷанг***, ***кабкҷанг*** дар мавриди ҷашнҳои баҳорӣ дида мешаванд. Бозиҳои ***гӯштингирӣ, бузкашӣ*** имрӯз низ маъмуланд. Як қисми он бозиҳо тағйири ном кардаанд, қисми дигар ба гурӯҳи калимаҳои архаистӣ шомил гардидаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ С. Ёддоштҳо. Сарредаксияи илмии энсиклопедияи миллии тоҷик / С. Айнӣ. -Душанбе, 2009.
2. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Қ. 1. –Душанбе: Дониш, 1985.
3. Маъсумӣ Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик / Н Маъсумӣ. –Душанбе, 1959.-294 с.
4. Муҳаммад Ғиёсуддин. Ғиёс-ул-луғот / Ғиёсуддин Муҳаммад.- Душанбе, 1987. -Ҷ. 1.- 480 с.
5. Муҳаммад Ғиёсуддин. Ғиёс-ул-луғот / Муҳаммад Ғиёсуддин. –Душанбе, 1988. -Ҷ.2. - 416 с.
6. Рустамов Ш. Калимасозии исм дар забони адабии ҳозираи тоҷик / Ш. Рустамов. - Душанбе, 1972. - 70 с.
7. Саидризо Ализодаи Самарқандӣ. Сарфу наҳви забони ттоҷикӣ. Фитрат Қоидаҳои забони тоҷикӣ. Бектош Дар атрофи забони адабии тоҷик / Саидризо Ализодаи Самарқандӣ. –Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2010. -187с.
8. Фарҳанги забони тоҷикӣ. –М., 1969. - Ҷ. 1. - С.951.
9. Фарҳанги забони тоҷикӣ. –М., 1969. - Ҷ. 2. -С. 949.
10. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. - Душанбе, 2008. -Ҷ. 1. -С.950.
11. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ.ҷ. 1. - Душанбе, 2008. -945 с.

ИМЕНА СУЩЕСТВИТЕЛЬНЫЕ ОБОЗНАЧАЮЩИЕ РАЗВЛЕЧЕНИЯ ЛЮДЕЙ В «ВОСПОМИНАНИЯХ» С. АЙНИ

В статье анализируются слова означающие развлечения людей, образованные путем словосложения в «Воспоминаниях» С. Айни. Ряд образованных слов с помощью слова «бози» - игра получили переносные значения и становились многозначными словами. Слово «бозї» в образовании сложных слов означающих развлечения людей очень производительно.

Ключевые слова: имя существительное, словообразование, сложные слова, суффикс, корень слова.

NOUNS DENOTING PEOPLE IN ENTERTAINMENT "MEMOIRS" AINI

The article analyzes the word means the entertainment of people formed by compounding in "Memoirs" Aini. Several educated words using the word "бозї" - the game got figurative meanings and become meaningful words. The word "бозї" in the formation of compound words meaning entertainment people are very productive.

Key words: noun, composition, compound words, suffix, root word.

Сведения об авторе: ***С. Низомова*** – кандидат филологических наук, доцент ТНУ

ИНКИШОФИ СЕМАНТИКАИ КАЛИМАҲОИ ИҚТИБОСИИ ТОҶИКӢ ДАР ЗАБОНИ ВАХОНӢ

А. Мирбобоев, П.А. Мирбобоева
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Кафедраи забонҳои хориҷии АИ ҶТ

Масъалаи муносибати тарафайни забони тоҷикӣ бо забонҳои эронии шарқии минтақаи Ҳиндукуши шарқӣ гарчанд дар осори илмӣ то ҳадде баррасӣ шуда бошад ҳам, аммо то кунун мавриди таҳлилу таҳқиқи системӣ ва мушаххас қарор нагирифтааст. Дар ин росто равшан намудани таъсири забони форсӣ-тоҷикӣ дар

инкишофи структураи забонҳои эронии мазкур, бахусус гурӯҳи забонҳои помирӣ, ки қарнҳо боз таҳти таъсири бевоситаи ин забон қарор доранд, барои беҳтар муайян кардани вижагиҳои раванди ташаккули миллии тоҷикон ва равшанӣ андохтан ба бисёр масоили печидаи таърихи халқи тоҷик аҳамияти фавқулодда дорад.

Дар эроншиносӣ доир ба равобити забонҳои помирӣ бо забони форсӣ-тоҷикӣ В. Томашек, Г.К. Залеман, В. Гейгер, И.И. Зарубин, В.С. Соколова, А.З. Розенфелд, И.М. Стеблин-Каменский, Р.Х. Додихудоев, Д.К. Карамшоев ва дигарон то андозае таваққуф намудаанд (муфассаланниг. [1, 268-301]). Онҳо баъзе калимаҳои барои забонҳои помирӣ ва тоҷикӣ умумиро қайд намуда, манбаъҳои пайдоиш ва дараҷаи тағйирёбии шаклию маъноии онҳоро нишон додаанд. Аз ҷумла. З.А.Розенфелд дар яке аз мақолаҳояш инкишофи баъзе шаклҳои грамматикӣ ва калимаҳои шеваи Ванҷро дар муқоиса бо забонҳои помирӣ нишон додааст [7], вале дар ин мақола ҳам доир ба муносибати луғавии кулли забонҳои помирӣ ба шеваҳои тоҷикӣ маълумоти муфассал дода нашудааст.

Мавриди зикр аст, ки дар аксари мақолаҳо маводи забонҳои гурӯҳи шуғнонӣ-рӯшонӣ мавриди тадқиқ қарор гирифтааст, вале маводи забонҳои помирии ҷанубӣ, аз ҷумла забони вахонӣ аз доираи таҳқиқ берун мондааст, ҳол он ки муносиботи байни забони форсӣ-тоҷикӣ ва ҳар кадоме аз ин забонҳо ба ҳамгун набуда, ба таври мухталиф сурат гирифтааст. Дар ин росто ба баъзе ҷанбаҳои забоншинохтӣ ва фарозабоншинохтӣ ишора кардан зарур меояд, ки имкон намедиҳанд то муносибати забони форсӣ-тоҷикиро бо забони вахонӣ ва забонҳои гурӯҳи шуғнонӣ-рӯшонӣ дар як поя қарор диҳем.

Пеш аз ҳама, аз лиҳози генетикӣ забони вахониро наметавон бо дигар забонҳои помирӣ, чунонки В.С. Соколова дар мавриди забонҳои язгуломӣ ва мунҷонӣ бо гурӯҳи шуғнонӣ-рӯшонӣ анҷом додааст [8; 9], дар як гурӯҳи мушаххас ҷо дод ва барои он забонҳои ин гурӯҳ низ наметавон ба таври ретроспективӣ забони мабдаеро бозсозӣ кард, ки он шартан «забони мабдаи помирӣ» номгузорӣ шавад [13, 216].

Сониян, муносибати байнизабонии забони вахонӣ бо лаҳҷаҳои тоҷикӣ аз муносибати забонҳои гурӯҳи шуғнонӣ-рӯшонӣ бо онҳо мушаххасан аз ду ҷиҳат фарқ мекунад:

а) забони вахонӣ бо шеваҳои форсӣ-тоҷикӣ бевосита ҳамсоягӣ дорад: дар Тоҷикистон он бо шеваҳои бадахшонии забони тоҷикӣ, дар Афғонистон бо шеваҳои бадахшонии забони дарӣ, ки аз шеваҳои бадахшонии тоҷикӣ фарқ доранд ва дар Чин бо шеваи форсии айну ҳаммарз мебошад [4, 62-65];

б) таъсири забонҳои дардӣ ва ғайриориёӣ, ки дар кӯҳистони шимоли ғарбии Покистон ривоҷ доранд, ба забонҳои вахонӣ нисбатан бештар аст, ки ин низ наметавонад дар вомгирии калимаҳои бегона дар ин забон таъсиргузор набошад.

Ба ҳамин васила ҳангоми таҳқиқи муносибатҳои миёнизабонии вахонию тоҷикӣ лозим меояд тамоми ин фарқиятҳо дар назар гирифта шаванд.

Дар забони вахонӣ калимаҳои иқтибосии тоҷикӣ қариб 25-30% таркиби луғавии забонро ташкил медиҳад. Як масъалаи хеле душворе, ки дар илм ҳалли худро наёфтааст, ин муайян намудани давраҳои таърихии муносибати байни забони вахонӣ ва тоҷикист. Дар илм чунин ақидае ҳаст, ки гӯё ин муносибатҳо пас аз асри XI, яъне пас аз паҳн гаштани исмоилия шурӯъ шуда бошанд.

Сарчашмаҳои таърихии мавҷуда низ дар ин бора маълумоте надодаанд. Вале бояд қайд кард, ки Носири Хусрав, ки забони вахониро намедонист, фақат дар шароите имкон дошт таълимоти худро паҳн ва тарғиб кунад, ки сокинони ин маҳал бо забони форсӣ-тоҷикӣ хуб ошноӣ дошта бошанд ва суханони тарғибкунандагони ин мазҳабро дарк намоянд. Он маводи фолклорие, ки ҳангоми экспедитсияҳои фолклорию лингвистӣ таи солҳои 1981-1989 дар водии Вахон ба даст омадаанд, низ ба он ишора мекунанд, ки мардуми маҳаллӣ бо шоир ба забони тоҷикӣ муносибат мекарданд, зеро дар аксари ривоятҳои мардуми маҳаллӣ, ки ба забони вахонӣ нақл шудаанд, суханони ин мутафаккир ба забони тоҷикӣ оварда мешаванд.

Бо иттико ба ин нукот метавон ҳадс зад, ки муносиботи байни забонҳои вахонӣ ва тоҷикӣ пештар аз асрҳои X-XI сурат гирифта бошад. Зоҳиран, ин ҳамон забони форсие буд, ки Ж. Лазар онро гӯйиши шимоли шарқӣ номида буд [3, 12], ки бархе аз забонҳои эронии шарқиро аз байн бурд ва бархе дигарро, ки дар манотиқи кӯҳистон то ҳадде дар ҳоли инзиво қарор доштанд, гарчанд аз доираи истеъмол берун накарда бошад ҳам, дар инкишофи сохтори забонии онҳо, бахусус дар бахши луғот сахт таъсиргузор буд. Таҳлил нишон медиҳад, ки калимаҳои иқтибосии тоҷикӣ ба таркиби луғавии забони вахонӣ бо роҳҳои зерин дохил шудаанд:

а) бо роҳи муносибати бевосита ба забони адабии форсӣ-тоҷикӣ, ки забони дин, илм ва адабиёту фарҳанги замон буд;

б) ба воситаи муносибати бевосита бо шеваҳои бадахшонии забони тоҷикӣ, ки он тақрибан 400-500 сол боз дар марзи муштарак бо ин забон роиҷ аст;

в) дар таҳти таъсири забони шифоҳӣ, ки онро «порсӣ» меномиданд ва ҳамчун забони муошарати байни қавмҳои гуногунзабони Бадахшон истифода мешуд, ки ҳам аз забони адабии маъмули форсӣ ва ҳам аз шеваҳои бадахшонии забони тоҷикӣ то андозае фарқ мекард ва дар илм бо истилоҳи «форсии миёнипомирӣ» номгузорӣ шудааст.

Калимаҳои иқтибосие, ки аз забони тоҷикӣ ворид шудаанд, аз ҷиҳати баромадашон низ ҳамгун нестанд. Ба воситаи забони тоҷикӣ ба таркиби луғавии забони вахонӣ калимаҳои арабию туркӣ низ ворид гардидаанд, ки ба ин васила забони тоҷикӣ ҳамчун миёнҷии муносиботи забони вахонӣ бо забонҳои арабию туркӣ хизмат кардааст.

Мушкилоти муайян кардани калимаҳои иқтибосии тоҷикӣ дар таркиби луғавии забони вахонӣ, пеш аз ҳама дар он аст, ки ин ҳар дуи ин забонҳо аз лиҳози генеалогиашон ба гурӯҳи забонҳои эронӣ мансубанд. Як қатор калимаҳои умумиэронӣ аз рӯйи қонунмандии инкишофи савтӣ ҳам дар забони вахонӣ ва ҳам тоҷикӣ сурати ҳамгун дошта метавонанд, ки дар ин маврид мушаххас кардани асли баромади вожагон хеле душвор аст. Вожагони зерин гувоҳи ин нукта мебошанд: *dast, sar, kaf (*кафи даст, по*), kaf* (асоси замони ҳозираи феъли «кафидан»), *sətor/sətora* (ситора)*, šax* (шах, кӯҳи сангин), *səpand(r)* (сипанд, испанд), *aštır/štır* (уштур/шутур), *par* (пар, бол)*, lav* (лаб)*, savz* (сабз)*, sil* (сел)*, šəbın* (шӯбон/чӯпон), *ruy* (рӯй)*, rim* (чирк, чиркин), *riz* (асоси замони ҳозираи феъли «резидан»), *pərsin* (парсинг), *pist* (пӯст) ва ғайра.

Гурӯҳи дигари калимаҳо, ки дар забони вахонӣ аз забони арабӣ ба воситаи забони тоҷикӣ иқтибос шудаанд, ба таркиби луғавии забон хеле барвақт, шояд дар давраҳои аввали муносиботи байни ин забонҳо дохил шудаанд. Ин калимаҳо низ ба он дараҷа дар забон ҳал гаштаанд, ки баъзе аз онҳоро ҳамчун калимаи иқтибосӣ ҷудо кардан мушкил аст. Аз ин рӯ, ҳатто баъзе эроншиносони маъруф онҳоро ҳамчун калимаи аслӣ шумурда, аз ҷиҳати решашиносӣ асоснок ҳам кардан хостаанд, ки дар «Луғати решашиносии гурӯҳи шуғнӣ»-и Г. Моргенстиерне ҳамчун калимаҳои аслии эронӣ номбар шудани калимаҳои *zoya, γərat*, ки аслан арабиянд (*зоеъ, ғорат*), гувоҳи ин нукта аст, ки боиси баҳсҳои муҳаққиқон гардида буд.

Дар ин маврид як ҳодисаи нодири забон – иқтибоси муқаррарии як вожаро дар забони вахонӣ зикр кардан лозим аст, ки дар ин маврид як калима метавонад дар забон ду маротиба иқтибос шавад ва ҳар дафъа маъноҳои гуногун гирад. Масалан, калимаи арабии خلق ба забони вахонӣ дар давраи аввал иқтибос шуда, ба сурати *xalg* ба қонунмандии фонетикаи таърихии ин забон мутобиқ гашта, ба маънои 'одам, инсон' роиҷ шудааст, ки аз маъниҳои пасини калима фарқ дорад. Дар давраи дуюм он дар шакли *xalq* иқтибос шуда, ҳоло ба маънои 'мардум', яъне шабеҳи сурат ва маънии тоҷикии ин вожа дар забони вахонӣ истеъмол меёбад. Ҳамин вазъро дар мавриди вомгирии калимаи арабии قصهниз метавон мушоҳида кард, дар давраи пешин сурати *qəsa* дошта, имрӯз ҳам ба ин сурат ба маънои «гап, сухан» ба кор меравад, аммо сурати вомгирии пасини он *qis(s)a* буда, ба маънои «қисса, ривоят»,

яъне шабеҳи сурату маънои тоҷикии калима роиҷ аст. Дар чунин ҳолат ҳангоми таҳияи фарҳанги забони вахонӣ лозим меояд, ки новобаста ба решаи умумиашон ин шаклҳо ҳамчун ду калимаи мустақил бо маъниҳояшон алоҳида оварда шаванд.

Калимаҳои иқтибосии тоҷикиро аз рӯйи истеъмолашон шартан ба гурӯҳҳои зерин дохил кардан мумкин аст:

1. Калимаҳое, ки ҳам дар забони адабӣ ва ҳам дар лаҳҷаҳои он имрӯз умумистеъмоланд ва дар забони вахонӣ маънои худро тағйир надодаанд:

шакли вахонӣ	шакли тоҷикӣ	шакли вахонӣ	шакли тоҷикӣ
ara amoč arar arzuq asoy azob awol awas bana / bona bas bil boliqa boγ	арра умоч арар орзуқ асо азоб аҳвол ҳавас баҳона бас бел болға боғ	*bong dəryo kəniiz kənḍa lang ləngar ləjom lok lunĵ ləng larza*	бонг дарё каниз кунда ланг лангар лаҷом лок лунҷ линг ларза

2. Калимаҳое, ки дар забони адабӣ истеъмол намешаванд, вале дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ мавриди истеъмоланд ва дар забони вахонӣ аксаран маъниҳои наздик ба лаҳҷаҳои тоҷикӣ доранд:

шакли вахонӣ	маъно	шакли вахонӣ	маъно	шакли вахонӣ	маъно
alγow *səlot* *səpor* *səγoč* *laxs*	ғавғо вайрон сипор тобасанг лангидан	*sarmod* *modun* *ərkəbi dosdos* *ləngəri* *lozar*	мояи шир навъи зарф навъи зарф дастос табақ лозур	*ləy / li* *fəy / fay / fi* *ot* *uč* *čuxt*	тӯда бели чӯбин ковок боло рост; бом

3. Калимаҳои иқтибосии тоҷикие, ки дар фарҳангҳои пешини форсӣ вомехӯрданд, вале ҳам дар забони адабӣ ва ҳам шеваҳои имрӯзаи тоҷикӣ дучор наомадаанд:

шакли вахонӣ	шакли тоҷикии классикӣ	шакли вахонӣ	шакли тоҷикӣ
arγun ***amsang*** ***čarγ*** ***čыrt*** ***čol*** ***čaγz*** ***gand*** ***kətič/ kərič***	арғун ҳамсанг, чуфти качова чарғ (паранда) чурт чол чағз ганд курич /курича	***lod*** ***miγ*** ***močin*** ***xəšgow*** ***xыpyogar*** ***xыpyon/xыpyo*** ***šaləng***	лод меғ Мочин ғажгов хунёгар хунё шаҳлинг

4. Калимаҳои иқтибосии тоҷикие, ки дар забони вахонӣ маънои худро тағйир додаанд:

вожаи иқтибосӣ	маъно дар забони вахонӣ	маъно дар нахустзабон (тоҷикӣ)
pərək / parək *šan (cərak)* *səfro* *ləngar* *sarsavzi* *səpoyi* *sam*	қабурға ҳазар (кардан) дилбеҳузурӣ қисми болои дегдон навъе расми мардумӣ чолок шитоб	пара шаън, шуҳрат талха истгоҳ тарию тозагӣ, хуррамӣ сипоҳӣ, низомӣ ҳисса

Ҳамин тариқ, назари пешакӣ ба муносибати луғавии забони вахонӣ бо забони тоҷикӣ нишон медиҳад, ки ин раванд хусусиятҳои худро дорост ва забони вахонӣ дар вомгирии вожагони тоҷикӣ вижагиҳое дорад, ки дар дигар забонҳои помирӣ гоҳҳо ба назар намерасанд.

А Д А Б И Ё Т
1. Вопросы памирской филологии [Текст]. – Душанбе: Дониш, 1985. – Вып. 3. – 320 с.
2. Грюнберг А.Л. Языки восточного Гиндукуша. Ваханский язык [Текст]: монография / А.Л. Грюнберг, И.М. Стеблин-Каменский. – М: Наука, 1976. – 670 с.
3. Лазар Ж. Шаклгирии забони форсӣ. Тарҷумаи Маҳастии Баҳрайнӣ. [Текст]. – Теҳрон: Ҳирмис, 1384. – 180 с. (ба забони форсӣ).
4. Мирбобоев А. Назаре ба таҳаввули забонҳои эронии минтақаи Ҳиндукуши шарқӣ [Текст] / А. Мирбобоев // Номаи Пажӯҳишгоҳ, 2002. – № 2. – С. 59-70.
5. Пахалина Т.Н. Ваханский язык [Текст]: монография. – М: Наука, 1975. – 342 с.
6. Пахалина Т.Н. Сравнительно-историческая морфология памирских языков [Текст]: монография. – М: Наука, 1989. – 364 с.
7. Розенфельд А.З. К вопросу о памирско-таджикских языковых отношениях (на материале ванджских говоров) [Текст] / А.З. Розенфельд // Труды Института языкознания АН СССР. – М, 1956. – Т. 6. – С. 273-280.
8. Соколова В.С. Генетические отношения язгулямского языка и шугнанской языковой группы [Текст]: монография. – Л: Наука, 1973. – 246 с.
9. Соколова В.С. Генетические отношения мунджанского языка и шугнано-язгулямской группы [Текст]: монография. – Л: Наука, 1973. – 246 с.
10. Стеблин-Каменский И.М. Lang 'хромой' [Текст] / И.М. Стеблин-Каменский// Письменные памятники и проблемы культуры народов Востока, 1972. – Вып. 8. – С. 136-139.
11. Стеблин-Каменский И.М. Очерки по истории лексики памирских языков. Названия культурных растений [Текст]: монография. – М: Наука, 1982. – 167 с.
12. Эдельман Д.И. К генетической классификации иранских языков [Текст] / Эдельман Д.И. // Вопросы языкознания, 1984. – № 6. – С. 14-23.
13. Эдельман Д.И. Сравнительная грамматика восточноиранских языков. Фонология [Текст]: монография. – М: Наука, 1980. – 232 с.

СЕМАНТИКА ТАДЖИКСКИХ ЗАИМСТВОВАННЫХ СЛОВ В ВАХАНСКОМ ЯЗЫКЕ

Ваханский язык, как по своей структуре, так и по особенностям межъязыковых контактов занимает особое место среди памирских языков. В статье рассматривается процесс развития семантического значения таджикских заимствований в словарном составе ваханского языка и особенности эволюции лексических значений этой заимствованной лексики.

Ключевые слова: семантика, заимствованные слова, восточноиранские языки, таджикский язык, памирские языки, шугнано-рушанская языковая группа, ваханский язык, литературный язык, словарный состав, лексическое значение, диалект, говор

SEMANTIC OF TAJIK MUTUAL WORDS IN WAKHI LANGUAGE

Wakhi language as in its structure on the basis of multiluinguistic contacts takes the basic place among Pamirian language. In this article noted the process of the development of semantical meanings of Tajik actions in dictionary of wakhi language and particularities of evolution of lexical meanings.

Key words: semantic, loan-word, eastern Iranian languages, Tajik language, Pamiri languages, shughni-rushani languages group, wakhi language, literary language, vocabulary, lexical meaning, dialect, patois.

Сведения об авторах: ***А. Мирбобоев*** **–** кандидат филологических наук, доцент кафедры истории языка Таджикского национального университета Телефон: **935-84-65-42**
П.А. Мирбобоева **–** соискатель кафедры иностранных языков АН РТ

ТАДҚИҚИ МУРОДИФОТИ ГРАММАТИКИИ ФЕЪЛ ДАР ЗАБОНШИНОСИИ ТОҶИК

Ш. Раҳимова
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Феъл яке аз ҳиссаҳои мураккаби нутқ мебошад, ки бо вижагиҳои луғавию грамматикияш аз гурӯҳҳои дигари луғавӣ-грамматикӣ фарқ мекунад.

Бино ба ақидаи муҳаққиқони соҳа маълумоти аввалин доир ба феъли забони тоҷикӣ соли 1861 дар тадқиқоти В.В. Григорев дарҷ ёфтааст. Дар аввали асри XX эроншиноси барҷаста П. Кузнетсов (1915), И.И. Зарубин (1926) дар мисоли лаҳҷаҳои ҷанубӣ шарқӣ хусусиятҳои фарққунандаи тасрифи феълро нишон додаанд (1. 3-5).

Маълумоти нисбатан муфассал доир ба феъли забони тоҷикӣ дар нахустқитоби дарсии «Сарфу наҳви тоҷикӣ»-и Саидризо Ализодаи Самарқандӣ оварда шудааст (2. 34-52). Муаллиф доир ба феъл ва хусусиятҳои грамматикии он батафсил сухан ронда, барои исбот далелҳои мувофиқ овардааст. Аз чӣ бошад, забоншинос В.С. Расторгуева китоби мазкурро ҳамчун аввалин дастури таълимӣ, ки доир ба мавзӯи «Феъли забони тоҷикӣ», низ маълумот медиҳад, номбар накардааст.

Минбаъд, мавзӯи феъл дар китобҳои дарсии шарқшиносони рус ва тоҷик А.А. Семенов, Арзуманов, Л. Бузургзода, Ш. Ниёзӣ, Ҳ. Каримов, Б. Ниёзмуҳаммадов Д. Тоҷиев ва дигарон мавриди таҳлил қарор гирифтааст (1. 4-5).

Дар солҳои 50-уми асри XX доманаи баррасии паҳлӯҳои гуногуни феъл дар забони тоҷикӣ фарроҳтар шуда, ба тадқиқоти назарии мукаммал асос гузоштаанд. Забоншиносони барҷаста А.З. Розенфелд(3.) ва Д. Тоҷиев (4.) маҳз дар ҳамин солҳо асарҳои пуразриш офарида, дар асоси забони адабиёти бадеӣ ҷиҳатҳои сохторию маъноии феълро муайян намудаанд.

Чоп шудани китоби забоншиносон В.С. Расторгуева ва А.А. Керимова бо номи «Система таджикского глагола» соли 1964 фатҳи қуллаи наве дар омӯзиши грамматикаи тоҷик, махсусан феъл ҳисоб мешавад. Дар ин асар ғайр аз тадқиқи сохту таркиби феъл вобаста ба ифодаи шаклҳои замониву сиғавии феъл тобишҳои маъноии категорияҳои фавқ нишон дода шудаанд. Маҳз дар ҳамин асар муаллифон ба ҷойи як шакли замонӣ истифода шудани шаклҳои дигари замониро номбар кардаанд, вале дар хусуси он ки чунин ҳолат муродифшавии грамматикӣ аст, ишорае надоранд.

Тадқиқоти дигари камназир ба қалами олими барҷаста Н. Маъсумӣ (5.) тааллуқ дорад, ки он дар китобҳои дарсии макотиби олӣ ва «Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик» (нашри соли 1985) ворид карда шудааст. Ин тадқиқотро як навъ ҷамъбасти тадқиқотҳои қаблӣ шуморидан мумкин аст. Муаллиф ба тадқиқи феъл аз мавқеи синхронӣ наздик шуда, ҳам ба забони устодони каломи бадеъ – С. Айнӣ, А. Лоҳутӣ, Ҷ. Икромӣ, Ҳ. Карим, Р. Ҷалил ва ҳам забони матбуот истинод фармудааст. Ба ғайр аз ҷиҳатҳои сохтории феъл ба тобишҳои гуногуни маъноиву услубии категорияҳои феъл дахл намуда, аввалин маротиба муродифшавии шаклҳои замонии феълро бо роҳи мисол нишон додааст: «Ошпаз палавро дам карда истода буд - Ошпаз палавро дам мекард. Баъзан, барои ифодаи маънои грамматикӣ шакли гузаштаи дури давомдор ва гузаштаи ҳикоягӣ муродифи ҳамдигар шуда метавонанд». (6. 221)

Масъалаи муродифи грамматикӣ дар забоншиносии Ғарб агар аз солҳои 30-юм ва чилуми асри гузашта оғоз ёфта бошад, дар забоншиносии тоҷик ба солҳои 80-ум асри XX рост меояд. Тадқиқоти бунёдие, ки баррасии масъалаи мазкурро дар бар гирифтааст, рисолаи устод Камолиддинов «Муродифоти синтаксисӣ дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ» (7. 288.) мебошад. Боиси хурсандист, ки рисолаи мазкур соли 2012 дар шакли монография аз чоп баромад. Асар танҳо ба ҳалли яке аз навъҳои муродифоти грамматикӣ, яъне ҳаммаъношавии ибора ва ҷумлаҳои сода бахшида шуда бошад ҳам, дар боби аввал ҷиҳатҳои назариявии масъалаи мазкур вобаста ба қолабҳои гуногуни ифодаи мақсад баён шудааст.

Баъдтар, солҳои 90-ум доир ба муродифшавии ҳиссаҳои нутқ, аз ҷумла роҷеъ ба феъл дар китоби дигари устод «Хусусиятҳои услубии сарфу наҳви забони тоҷикӣ» (8.) ва «Услубшиносӣ барои синфҳои 10-11» (9.) алоҳида маълумот додаанд.

Ғайр аз ин тадқиқоти забоншинос З. Назарова ба ҳаллу фасли муқоисавии муродифоти луғавию грамматикии феъл дар «Гулистон»-и С. Шерозӣ бахшида шудааст (10. 24).

Мо дар корамон тасмим гирифтем, ки муродифоти морфологии феълро дар мисоли забони осори Ф. Муҳаммадиев дида бароем.

Чи тавре ки маълум аст, зери мафҳуми муродифоти морфологии феъл ҳаммаъношавии шаклҳои гуногуни замонӣ, сиғавӣ ё тарзу намуд ва ё шахсҳои феъл дар назар дошта мешавад.

Масалан, яке аз роҳҳои маъмули ифодаи амр, фармон, даъват дар забони тоҷикӣ феъли фармоиш мебошад, ки як шахс ва ду шумора дорад: бубахш- бубахшед, маъзур дор – маъзур доред.

Нависандаи хушсалиқа Фазлиддин Муҳаммадиев барои ифодаи сиғаи амрӣ шакли замони ҳозира-ояндаи сиғаи хабариро кор фармудааст:

Маъзур доред, ки аз мавзӯъ андак ба канор рафтем (11. 254.).

Мебахшед, акаи Иброҳим, вай чӣ гуна гурӯҳе будааст? (11. 232.)

Мақсади адиб дар чунин шакл овардани амр паст кардани оҳанги омирона ва мулоимтар ифода намудани амр мебошад.

Ҳамин маънои грамматикӣ дар ҷумлаи зерин равшантар намоён шудааст ва бар он оҳанги маслиҳатомез илова гардидааст:

Шумо чаҳор кас муддате дар як хона истиқомат мекунед. Агар ҳамдигарро хубтар бишносед, ҳамзистӣ, табобат ҳам осон мешавад, - гуфт Зардодхон (11. 284.).

Дар ин мавриd шароиту вазъияти нутқ низ ба эътибор гирифта шудааст. Гӯянда ба беморони касалиҳои дил муроҷиат кардааст. Чунин вазъият муносибати эҳтиётkоронаро талаб мекунад. Шакли муқаррарии ин ҷумла чунин аст: Шумо чаҳор кас муддате дар як хона истиқомат кунед. Агар табиб чунин ифодаро интихоб мекард, тобиши маъноии маслиҳат ба хоҳишу талаби ӯ зам намешуд.

Дар ҷумлаи аввал дар шахси якуми ҷамъ омадани феъли «ба канор рафтем» дида мешавад. Ба ҷойи шахси якуми танҳо корбаст шудани бандаки – ем тобиши услубӣ дорад. Он нишони хоксорӣ ва фурӯтании гӯянда мебошад.

Ба вазифаи сиғаи амрӣ омадани сиғаи хабарӣ дар ҷумлаи зерин низ мушоҳида мешавад:

- *Қиссаҳои аҷоибатонро ҳама гӯш мекарданд, ман ҳам.*
- *Айб намекунед – дия (11. 193).*

Шакли маъмулии ифодаи феъли ҷумлаи боло чунин аст:

Айб накунед // айб накунед- дия

Чаро адиб ин шаклро интихоб накардааст? Дар ин мавриди сухан гӯянда чунин салоҳият надорад. Инчунин, аз кори кардааш шарм медорад, ибо мекунад бинобар ин, ба тариқи маслиҳат хоҳишашро баён кардааст.

Барои ифодаи супориш нависанда шакли замони гузаштаи ҳикоягии сиғаи хабариро низ кор бастааст, ки он дар матн бо шакли сиғаи шартӣ- хоҳишмандӣ ҳаммаъно шудааст:

- Зиқ шудам, Андреевич, зудтар мебаромадӣ (11. 295.).

Майлу хоҳиши зиёди гӯянда барои иҷрои амал (баромадани дӯсташ аз беморхона) дар ҳолати ба феъли фармоиш (баро) ифода шудан ҳам маълум мешуд, вале супориш оҳанги нарми худро гум мекард ва ба мусоҳиб (бемор) вобаста набудани иҷрои амал ноаён мешуд. Ҳамин тобиши маъноӣ бо иловаи ҳиссачаи “кош” ё “кошкӣ” ва аористи феъл (кош зудтар бароӣ) низ возеҳ ифода мешуд, лекин оҳанги маслиҳатомез аз он коста мегардид.

Дар ҷумлаи дигар аористи сиғаи шартӣ- хоҳишмандӣ маънои духӯраи амру хоҳишро ба тобиши маъноии таъинот, таъкид ва ҳатто, то андозае таҳдид ифода мекунад:

Меравам, лекин пасфардо омада, туро оромтар бубинам. Хуш бош (11. 231.

Дар шакли сиғаи амр он чунин ифода мешуд: оромтар шав, оромтар бош, яъне ман ҳамин хел мехоҳам.

Дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ бо чунин шакл ифода намудани амр фаровон аст ва он тобишҳои маъноии қатъият дар хоҳиш ва таҳдид (амри таҳдидомез)-ро дорост.

Дар ҷумлаҳои зерин шакли аористи сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ вазифаи сиғаи хабариро ба зимма дорад:

Мисли маҳакест, ки ба зери холис бирасад, ҷилои онро биафзояд ва ба тиллои носаре бирасад, мисашро бароварад (11. 330.).

… чунон ки истеъмоли тарёк дар ибтидо нашъае бахшад, пас нашъамандро расвои олам гардонад (11. 330.).

Чунин тарзи ифода боиси мавзуниву ҳамоҳангии қисматҳои ҷумла шудааст: бирасад, биафзояд, бирасад, бароварад…

Дар сурати бо пешванди ме- омадани феълҳои *бахшад* (мебахшад), *барорад* (мебарорад) ин ҳамоҳангӣ коста мегардид ва ихчамӣ, муъҷазбаёнӣ барҳам мехӯрд.

Дар адабиёти классикӣ шакли мазкури ифода хеле зиёд аст:

Ҳар ки нон аз амали хеш хӯрад,
Миннати Ҳотами Тайро набарад.

Ҳаммаъношавии аорист ва шакли замони ҳозира-ояндаи сиғаи хабарӣ то андозае табиист (асос дорад), зеро ҳар ду шакл аз як асос сохта шудаанд, иҷрои амал дар онҳо ба оянда нигаронда шудааст.

Майли адиб ба чунин тарзҳои ифодаи амал аз он шаҳодат медиҳад, ки ӯ тарафдори ба асолати пешина наздик шудан (баргаштан)-и забони имрӯзаамон буд.

Аз чанд мисоли мавриди қиёсу таҳлил ба чунин хулоса омадем:

1. Доираи имконоти услубии феъли забони тоҷикӣ фаррох аст, бинобар ин, шаклҳои гуногуни грамматикии феъл ҳамвазифа мешаванд.
2. Ҷиҳати дигари ҳаммаъношавии феълҳо танҳо дар як шакл- мукаммал, нағунҷидани тобишу ҷилоҳое, ки ҳангоми вазъияти нутқ нияти гӯянда ба миён меоянд.

Ҳамин тавр, адиби нуктасанҷу мавридшинос бори маънии ҳар як калимаро санҷидаву мулоҳиза намуда, муносибу мувофиқ ҷой додааст. Ин имкон додааст, ки тасвири ӯ воқеиву муассир, ҷаззобу гуногунранг барояд.

Омӯзиши муродифоти морфологии феъл заминаи хубе барои муайян ва муқаррар кардани истифодаи феъл вобаста ба шароиту вазъияти нутқ, мақсаду ният, ҳиссиёту рӯҳияи мусоҳиб мебошад.

А Д А Б И Ё Т

1. Расторгуева В.С. Система таджикского глагола / В.С. Расторгуева, А.А. Керимова. –Москва: Наука, 1964. –392 с.
2. Саидризо Ализодаи Самарқандӣ. Сарфу наҳви тоҷикӣ. –Самарқанд, 1926(1344) // Баргардониши С. Аминов, С. Набиева, Д. Нуриддинова.–Душанбе: Саҳбо, 2006. –72 с.
3. Розенфелд А.З. Глагол/ А.З. Розенфелд. –Сталинабад, 1954.
4. Таджиев Д.Т. Причастия в современном таджикском литературном языке (Очерки по грамматике таджикского языка). Вып. 5 / Д.Т Таджиев. –Сталинабад, 1954.
5. Маъсумӣ Н. Асарҳои мунтахаб.–Забоншиносӣ / Н Маъсумӣ. –Душанбе: Ирфон, 1980.– Ҷ.2. - С. 176-287.
6. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик.–Душанбе: Дониш, 1985.– Ҷ.1. -С. 172-265.
7. Камолиддинов Б. Синтаксическая синонимия в современном таджикском литературном языке / Б. Камолиддинов.–Душанбе: Ирфон, 2012.–288 с.
8. Камолиддинов Б. Хусусиятҳои услубии сарфу наҳви забони тоҷикӣ / Б. Камолиддинов. – Душанбе: Маориф, 1992.– 128 с.
9. Ғаффоров Р. Услубшиносӣ: Китоби дарсӣ барои синфҳои 10-11 / Р. Ғаффоров, С Ҳошимов, Б Камолиддинов. – Душанбе: Маориф, 1995.– 192 с.
10. Назарова З. Лексическая и грамматическая (морфологическая) синонимия в “Гулистане” Саади Шерози. АКД / З. Назарова - Душанбе, 2009.- 24 с.
11. Муҳаммадиев Ф. Асарҳои мунтахаб / Ф Муҳаммадиев..–Душанбе: Ирфон, 1980.– Ҷ. 2. 504 с.

ИССЛЕДОВАНИЕ СИНОНИМИЧНОСТИ ВРЕМЕННЫХ ФОРМ ГЛАГОЛА В ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКОЗНАНИИ

В статье рассматривается проблема изучения синонимичности временных форм глагола в таджикском языкознании. Несмотря на то, что эта проблема имеет особое значение в области грамматики и стилистики, в таджикском языкознании мало изучена. Автор делает попытку определить синонимичность некоторых временных выдов глагола на основе произведений Фазлиддина Мухаммадиева.

Ключевые слова: таджикское языкознание, синонимичность временных форм глагола, грамматика, стилистика.

THE STUDY OF SYNONYMICAL TENSE FORMS OF THE VERB IN THE TAJIK LANGUAGE

The article considers the problem of studying synonymical tense forms of the verb in the Tajik language. Although this issue is of particular importance in the field of grammar and stylistics, in the Tajik language poorly understood. The author makes an attempt to determine synonymist some time вдов verb based on the works of Fazliddin Mrs.

Key words: Tajik linguistics, synonymist tense forms of the verb, grammar, style.

Сведения об авторе: ***Ш. Рахимова*** – кандидат филологических наук, старший преподаватель кафедры таджикского языка и методики преподавания таджикского языка и литературы ТНУ

СОПОСТАВИТЕЛЬНЫЙ АНАЛИЗ КОНЦЕПТА «ИЗМЕНА» В ПОСЛОВИЦАХ, ПОГОВОРКАХ И АФОРИЗМАХ В РУССКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ

Рахими Саодат
Таджикский национальный университет

При изучении концепта «Измена» в русской и таджикской лингвокультурах, мы выявили особенности восприятия жителями данных культур феномена *измена* на основе анализа пословиц, поговорок и афоризмов – выразителей мнения народа.

Так, степень соответствия русских и таджикских пословиц и поговорок по их лексическому составу, построению и образности различна. Полярными точками в этом отношении являются абсолютные совпадения с одной стороны и смысловое сходство при различном лексическом составе и структуре с другой. Характерны абсолютно идентичные и довольно близкие соответствия по форме половиц и поговорок:

Дӯсту душмани худро дар се ваҳт озмуда метавонӣ: дар вақти сафар, дар вақти тангӣ ва дар вакти касалӣ (тадж.)

Друга и врага можно проверить в трех обстоятельствах: в пути, в горе и в болезни (тадж.)

Аз бародари сангдил ҷӯраи ҷонӣ беҳ (тадж.).

Добрый друг лучше ста родственников (рус.).
Одами беватан – мурдаи бекафан (тадж.).
Шахси беватан- булбули бечаман (тадж.).
Человек без Родины, что соловей без песни (рус.).
Мор дар багал парвардан (тадж.).
Змею на груди пригреть (рус.).
Дӯсти ноозмуд – чормагзи ношикаста (тадж.).
Друг неиспытанный, что орех нерасколотый (рус.).

Есть немало пословиц и поговорок, русских и таджикских, при сопоставительном рассмотрении которых выявляется, что смысл всех этих пословиц и поговорок одинаков, зачастую опорное слово их одно и то же, однако структура их не совпадает:

Дӯсте, ки вафо накард, душман беҳ аз ӯ (тадж.)
Враг лучше вероломного (неверного) друга (рус.)
Дӯст дар рӯзи бад шинохта мешавад (тадж.)
Был Филя в силе - все други к нему валили, а пришла беда - все прочь со двора (рус.)
Ба дӯсти носанҷида бовар набояд кард (тадж.)
Надо пуд соли вместе съесть, чтобы друга узнать (рус.)
Дӯст дӯст асту ҳисоб – роҳи рост (тадж.)
Друга не теряй, взаймы не давай (рус.)

Известная часть аналогий, приведенных в работе, характеризуется тем, что при одном и том же содержании каждой из них присущ свой национальный колорит. Так, приведенные ниже пословицы утверждаю одно и то же, но они отличаются составом образов:

Злой человек - что скорпион: смотри, укусит вмиг, не по нужде кусает он, а так уж он привык (тадж.).
Змея кусает не для сытости, а для лихости (рус.).
Кафтари дубома машав (тадж.).
За двумя зайцами погонишься, ни одного не поймаешь (рус.)

Исследуя фразеологизмы русского и таджикского языков, связанные с концептом «Измена», мы выявили как сходства, так и различия признаков, составляющих периферию изучаемого нами концепта. Так, сравнив релевантные признаки концепта «Измена» в русском и таджикском, мы можем сделать следующие выводы.

В пословицах и поговорках, касающихся греховного падения, как в таджикском, так и в русском языках, часто упоминаются имена Адама и Евы. В устном народном творчестве укоренилось то, что написано в главных религиозных книгах о том, как Творец сотворил из земли первого в истории человека Адама как своего будущего наместника на земле. Затем, Он сотворил из его ребра Еву (Хавву). Но Ева, соблазнившаяся и поддавшаяся коварству Иблиса (Сатаны), вкушает запретный плод, тем самым навлекая на себя гнев Творца. Пословицы и поговорки констатируют тот факт, что и первые люди не избежали греховного падения и потому часто связывают поведение людей с именем Сатаны (шайтана, Иблиса):

Все одного отца дети. Все Адамовы детки (рус. пословица)
Даже див страшится женщин,
Коль хитрить они взялись,
В хитрости, коварстве, кознях
Уступает им Иблис. Из «Синдбаднаме»
«Знай, женщины-дьяволы, для нас сотворённые, —
Аллах, защити меня от козней шайтанов! —
Причина всех бед они, возникших среди людей,
И в жизни людей земной и в области веры». Тысяча и одна ночь. Рассказ о Шахрамане и Каруззамане.

Пословицы, поговорки и афоризмы в обоих языках часто называют предавшего человека змеей. И неспроста. Корни этого сравнения также ведут к священным религиозным книгам, в которых сказано, что из зверей полевых, созданных Богом, змей был самым коварным (согласно христианскому учению, с целью совратить Адама и Еву в этом облике к последней приходил Сатана). В Талмуде же говорится, что в те времена у змея были ноги. За склонение Адама и Евы к греху Господь предает соблазнителя проклятью и навечно обрекает его ползать по земле, касаясь ее языком.

Змея своей привычки не меняет
Хоть ангелом стучится у ворот. Саади
Кто указал на твой грех – твои друзья,
Кто скрыл его от всех – твоя змея. Омар Хайям

Хорошая жена в доме и красота и сокровище, плохая жена подобна диу и змее (тадж. пословица)

Змея кусает не для сытости, а для лихости (рус. пословица)

В таджикских пословицах и поговорках мы не нашли прямого обозначения мужской и женской неверности по отношению друг к другу. В нашем случае понятие *измена* получило опосредованное выражение через призму женской порядочности и в большой степени важности именно женщинского начала в сохранении домашнего очага.

Шавҳарро шавҳар мекардаги ҳам зан, замини сиёҳ мекардаги ҳам зан.

Мардро мард мекардаги ҳам зан, номард мекардаги ҳам зан.

Зани нек дар хона ноз астуганҷ.

Зани нек офияти зиндагонӣ бувад.

Поэтому в таджикских семьях испокон веков большое внимание уделяется вопросу о выборе невестки в дом, к чему подходят с особенной тщательностью, что нашло отражение с поговорке:

Зан гири, дида гир.

Измена в дружбе в отличие от мужской и женской неверности хорошо раскрыта в таджикских пословицах, которые предупреждают о том, что друзья могут покинуть в трудный час:

Дӯст он бувад ки гирад дасти дӯст, дар парешонҳолию дармондагӣ.

Дӯст дар рӯзи бад шинохта мешавад.

Ба дӯсти носанҷида бовар набояд кард.

В народной мудрости говорится о том, что деньги портят дружбу:

Друг другом, а счет счетом (рус.)

Дӯст дӯст асту ҳисоб – роҳи рост (тадж.)

Следуя пословицам и поговоркам, человеку не стоит дружить с дураками, поскольку сами того не понимая, они могут подвести:

С дураком не дружи (рус.)

Бо беақл дустӣ макун (тадж.)

В случае измены Родине мы сталкиваемся с той же ситуацией, что и с мужской и женской неверностью, когда тема измены раскрывается опосредованно. Мораль таджикских паремий заключается в том, что предав и потеряв Родину, человек непременно станет несчастным:

Одами беватан – мурдаи бекафан.
Шахси беватан - булбули бечаман.
Дар диёри бегона гови мо гӯсола шуд.
Аз дин баробӣ ҳам, аз халқ набаро.

Таким образом, благодаря анализу фонда паремиологических единиц, отражающего в своей семантике длительный процесс развития культуры народа и запечатлевающего в себе стереотипы, можно получить полезную информацию об особенностях менталитета и способе мышления того или иного народа при изучении концептов.

ЛИТЕРАТУРА

1. Маслова В.А. Введение в когнитивную лингвистику / В.А Маслова. – М., 2008.
2. Вагабов М.В. Ислам и семья / М.В. Вагабов.– М., 1980.
3. Калонтаров Я.И. Мудрость трех народов / Я.И. Калонтаров. – Душанбе: Адиб, 1989.
4. Шарипова Х. Мудрость тысячелетий. Сост / Х. Шарипова.– Душанбе: Деваштич, - 2007.
5. Народные пословицы и поговорки. Под ред. Веселецкой Н.Н. – М., 1961.

СОПОСТАВИТЕЛЬНЫЙ АНАЛИЗ КОНЦЕПТА «ИЗМЕНА» В ПОСЛОВИЦАХ, ПОГОВОРКАХ И АФОРИЗМАХ В РУССКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ

В данной статье проводится сопоставительный анализ паремиологического фонда русского и таджикского языков в целях выявления особенностей функционирования концепта «Измена» в русской и таджикской лингвокультурах.

Ключевые слова: концепт, лингвокультура, сопоставительный анализ, сравнение, национальный колорит, особенности восприятия, абсолютное совпадение, паремиологические единицы, семантика, неверность, периферия, менталитет.

COMPARATIVE ANALYSIS OF THE CONCEPT "TREASON" IN PROVERBS, SAYINGS AND APHORISMS IN RUSSIAN AND TAJIK LANGUAGES

This article presents the results of comparative analysis of Russian and Tajik proverbs and sayings in order to identify features of the concept "Treasure" functioning in Russian and Tajik lingvocultures.

Key words: concept, lingvoculture, comparative analysis, compare, national character, absolute convergence, features of perception, proverbs, sayings, semantics, infidelity, peripherals, mentality.

Сведения об авторе: ***Рахими Саодат*** - соискатель кафедры общего языкознания и сравнительной типологии ТНУ. Телефон: **(+992) 935-20-88-55. E-mail: Saodat.Rakhimi@gmail.com**

МУҚОИСАИ ВОЖАҲОИ ХЕШУТАБОРӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

С. Муродова
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Номи мафҳумҳои хешовандӣ якҷоя бо номи узвҳои бадан яке аз бахшҳои ҳамбунёд ва муштараки забонҳои ҳиндуаврупоӣ маҳсуб мегарданд. Муносибатҳои хешутаборӣ дар давраи пайдоиши инсоният сар задааст. Аввалин номҳои ин мафҳумҳоро муайян намудан аз имкон берун аст (15 8-9). Дар решаҳои имрӯзаи калимаҳо мумкин аст, морфемаҳои калимасозу шаклсози хеле қадима шах шуда монда бошанд. Масалан, ба ин гурӯҳ калимаҳои ифодагари мафумҳои хешутабории **модар, падар, хоҳар, бародар**, **хусур, сунҳор, ҳевар** ва амсоли инҳоро, ки дар таркиби худ суффикси ифодагари мутааллиқи хешутабории «tar»-ро маҳфуз доштаанд, дохил кардан мумкин аст. Мавриди муқоисаи чунин калимаҳои забони муосири тоҷикӣ ба шаклҳои қадима ва мувозиҳои онҳо дар забонҳои имрӯзаи хеш маълум мешавад, ки ҳиссаи «tar» (=ar) баъдан ба реша зам шуда, маҳз аз он қабл решаи асили калимаро ташкил медиҳад (11. 222-223 с.).

Калимаҳои аслии англисӣ, қариб 30% луғати англисиро дар бар мегирад. Гурӯҳи аввалин калимаҳо ба қабати гурӯҳи ҳиндуаврупоӣ дохил мешаванд. Дар навбати худ калимаҳои ҳиндуаврупоӣ якчанд гурӯҳҳои калимаҳои семантикии муайянро ба вуҷуд меоранд (14. 678).

Бояд тазаккур дод, ки ин бахши луғат дар забонҳои ҳиндуаврупоӣ низ бо ҳифзи маъниҳои муштарак идома кардааст, ки ин ҳамгунӣ дар мисоли забонҳои ҳинди бостон ва эронии бостон, санскрит ва авестоӣ ба хубӣ мушоҳида мешавад. Номҳои марбути ин пайванд дар форсии миёна аслан, идомаи суннати эронии бостон буда, аммо бо иллати маҳви бештари осор на ҳама ин номҳо дар навиштаҳои замони сосонӣ ва манобеи дигари паҳлавӣ ёд шудаанд. Ифодаи чанде аз номҳо дар Авесто ва форсии бостон ва забонҳои эронии нав, бавижа форсии нав далели маълум будани онҳо дар забонҳои эронии миёна, аз ҷумла форсии миёна низ мебошад.

Дар форсии миёна маъниҳои **«пайванд», «нажод», «хешованд», «насл»,** бо ин вожаҳо баён гардидаст: **Padwand -«пайванд, нажод», tohmag- «тухма, нажод», xweš, xwešawand, awad, awadag - «насл».** Шабоҳати ҳамин гуна пайванди қавму хешӣ таҳти мафҳуми умумии hangosidăg ташреҳ мешавад. Аз нигоҳи пайванд ва қаробати табории мустақим ва ғайримустақим номҳои хешованд ба ин ду гурӯҳ бахш мегарданд:

а) номҳои хеши ҳамхунӣ ва ё танӣ, ки пайванди мустақими нажодӣ доранд;

б) номҳои хеши ғайрихунӣ. Ворисият аз роҳи пайванди ҳамхунӣ дар осори форсии миёна бо вожаи zahagig, ки маънои асили он «нутфа» ва ё «ҷанин» аст, баён мегардад (11, 222 с).

Вожашиносии хешутаборӣ гуногун ва мураккаб аст. Вожаҳои хешутабориро ба се гурӯҳ ҷудо кардаанд:

1) хешутабории ҳамхун;
2) хешутабории ғайриҳамхун, ки дар натиҷаи никоҳ ба вуҷуд омадааст;
3) Одамони наздик (рӯҳонӣ).

Оила. Ин калима дар забони тоҷикӣ аз забони арабӣ иқтибос шудааст, аз решаи калимаи «**аъилату**» гирифта шудааст. Маънои аввалаш «бечора будан, эҳтиёҷ доштан; оилаи калонро таъмин кардан»-ро дорад ва аз ин реша боз калимаҳои «**таъилун**»-таъмини оила; «**аъилатун**» хонавода, оила сохта шудаанд. Ин калима боз маънои зан, ҳамсарро низ дорад. Калимаи оила дар забони англиси **family** мебошад. Ин калима яъне калимаи **family** аз забони лотинӣ иқтибос шудааст.

Мисол: Ман он сол дар оилаамон ҳам ба ҷойи падар, ҳам ба ҷойи модар ва ҳам ба ҷойи дастёр кор мекардам (С. Айнӣ. Ёддоштҳо 159с).

Ба мафҳуми **оила** ин калимаҳо низ ҳамнисбату мутаносибмаъно мебошанд: **падар**, **модар**, **бародар**, **хоҳар**, **бобо**, **бибӣ** ва ғайраҳо. Акнун мо ин калимаҳоро аз ҷиҳати сохт ва баромад дида мебароем.

Ҳамин тавр, вожаҳои хешутаборӣ дар забони англисӣ father бо забони готӣ монанд аст: **fadar-**олмонӣ, **vater - fader** шведӣ ва ҳамчунин дар доираи гурӯҳи забони олмонӣ, лотинӣ **pater,** римӣ-**pater,** форсӣ-**peader** мебошад. Ҳақиқатан, дар забони санскритӣ решаи вожаи падар, ки pitr мебошад ва ҳамон маънои хешутабории наздикро ифода мекунад, аз решаи калимаҳои ҳиндуаврупоӣ гирифта шудааст. Аз ҷиҳати талаффӯз аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Вожаи падар дар порсии қадим **pitar/ pita;** авестоӣ **pitar;** ҳинди қадим **pitar;** хутанӣ **petar;** порсии миёна **pit/d, pidar, pita;** арманӣ **haiz;** курдӣ **pier;** паштуи **plar** омадааст. Дар фарҳанг «марде, ки аз вай фарзанд ба вуҷуд омадааст, волид» маънидод шудааст.

Аз ҷиҳати грамматикӣ бошад, ин вожа ба исми конкрет маҳсуб аст. Калимаи падар ифодакунандаи ҷинси мардона мебошад.

Мисол: **Падар** ҷӯю рози ту бо **модар** аст.

Дар лаҳҷаи Вахё вожаи **падарро аво, во, дада** мегӯянд ва дар дигар шеваҳо бошад, ин калима, яъне вожаи падар гуногун аст**: ота, дада, додо, бобо, ата** ва ғайраҳо. Дар ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб ҳангоми ба **падар** муроҷиат кардан калимаи отаро истифода мекунанд. Ин вожаро дар аксарияти шаҳрҳо ва ноҳияҳо истифода мекунанд. Дар забони англисӣ бошад, ин вожаро **father** мегӯянд. Дар лаҳҷаи забони англисӣ **dad ё dady** меноманд.

Мисол: One **father** is more than a hundred schoolmasters.

Як **падар** беҳ аз сад устод.

Эй **падар,** мушкиле бо ман рӯй додааст, ки аз он ҷиҳат ғаму андӯҳ дорам (Хомеъ-ул-ҳикоёт.с.274).

Падарам ба ин сухани модарам сарашро пасу пеш ҷунбонида, нимханде кард ва баъд аз он, дар ҳолате ки бар рӯй ва чашмонаш асари андӯҳ зиёдтар гардид, гуфт (С. Айнӣ. Ёддоштҳо. с. 37).

Назар ба нақли **падарам** – Саид Муродхоҷа, **падари** ӯ-Саид умархоҷа одами хату саводнок буда, аз ҳунарҳои дастӣ, дуконбофӣ ва дуредгариро хуб медонистааст (С. Айнӣ. Ёддоштҳо с. 11).

Падарам ба андеша фурӯ рафта, қадре хомӯш монд ва баъд аз он илова кард (С. Айнӣ. Ёддоштҳо с. 51).

Вожаи **модар** бошад, дар забони порсии қадим дар шакли **matar (mata) mot** ва порсии миёна **mat matar** вуҷуд дошт. Бояд қайд кард, ки ин вожа аз ҳиндуэронӣ **mate** буда, асоси калима **mater** аст ва дар авестоӣ **matar,** сакоӣ **mata,** паҳлавӣ **matar, mata** дар қиёфаҳои овози рушонӣ **mod,** шуғнон **mad,** балучӣ **mat,** толишӣ **mo,** пушту **mor,** осетинӣ **mad,** мувозиҳо дорад. Ин вожа аз ҳиндуаврупоӣ **mate** сар зада, дар русӣ **мать** (лекин дар дар ҳолат тағйир меёбад), албанӣ **motre (**хоҳар), ирландӣ **mother**, англисӣ **mother** ва дар лаҳҷаи забони англисӣ бошад **mamy**, дар юнонӣ **mater,** ҳиндии қадим **matar** вуҷуд дошта, дар фарҳанг волида, зани фарзанддор ва киноя аз замин маънидод шудааст. Болотар аз ин, ҳиссаи калимасозӣ – tar(=ar) дар мувозиаҳои ниҳоят дури ҳиндуаврупоии он низ ба назар мерасад.

Модари шоҳзода ба шоҳ гуфт... (Ҷомеъ-ул-ҳикоёт, саҳ. 15)

Модарам воқеаи заданашро ҳикоя кард (С. Айнӣ. Ёддоштҳо, саҳ. 55).

Баъд аз як моҳи дигар тағоиям Муллодеҳқон барои дидани хоҳараш – модарам, ба хонаи мо омад (С. Айнӣ. Ёддоштҳо с. 71).

Аризаро ба амир расонидед? – гӯён пурсид **модарам** ба оҳанги шодиёна (С. Айнӣ. Ёддоштҳо, с. 71).

- Гӯри **модари** инҳоро нишон додам, - гӯён аз шоди қийғос мезад (С. Айнӣ. Ёддоштҳо 113с)

Ман ҳам ба сабаби хурдсол буданам бо ҳамроҳии **модарам** ба он ҷо рафта будам (С. Айнӣ. Ёддоштҳо, с 123).

Лекин ман бинобар гапдӯст ва кунҷкоб буданам ҳамроҳи бачагони дигар дар рӯйи суфа бозӣ накарда, дар хона – дар паҳлӯи **модарам** ҷо гирифта, дар қатори занон менишастам(С. Айнӣ. Ёддоштҳо, с. 123).

Намедонам дар он ҷо ба модарам вабо расид ё ба марги бародараш бисёр сӯхт, ки дар ҳамон ҷо бемор шуд (С. Айнӣ. Ёддоштҳо, с. 146).

Агар ту бо ҳамин дуруст шавӣ ва ба падару модарат бадмуомилагӣ накунӣ, ман ин ҷазоро барои ту басанда ва худро хушбахт мешуморам. (С. Айнӣ. Ёддоштҳо, с. 251)

Ин калима дар лаҳҷаи забони тоҷикӣ чунин аст: **оча, ача, бува, ая** ва ғайраҳо.

Дар осори форсии миёна мафҳуми умумӣ ва муштараке, ки номи **падару модарро** дар якҷоягӣ чун вожаи арабии **«волидайн»** метавонад ифода кунад, ба назар намерасад. Ин мафҳум аз роҳи истифодаи вожаҳои **падару модар** дар як таркиби пайваст **(pid ud mad) «падару модар»** ифода мешавад. Ҳақиқати пайвандҳои ҳамхунӣ дар иртиботи ҳамдигар дар осори динию ҳуқуқии форсии миёна аз роҳи замимаи истилоҳоти ҳуқуқӣ: **«dadestan»**-қонунӣ ва **«padixsayiha»** ҳаққонӣ, комилҳуқуқ маънӣ гардонистааст, ки метавон намунаи онро чунин ёддошт кард:

Pus - писари қонунӣ;

Dadestan duxt - духтари қонунӣ;

Brad - бародари қонунӣ;

Xwah - хоҳари қонунӣ;

Pus i - писари ҳаққонӣ;

Duxt i padixsayiha - духтари ҳаққонӣ;

Frazand-i - фарзанди ҳаққонӣ;

Pid i - падари ҳаққонӣ

Фарзанд. Дигар вожаи аслие, ки мафҳуми хешутабориро дорад, вожаи **фарзанд** мебошад. Вожаи зикршуда дар порсии миёна дар шакли **frazand<frazan-ta>** (аз зодан, яъне меваи инсон) вуҷуд доштааст. Вожаи мазкур дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» **писар** ё **духтар** нисбат ба **падар** ва **модар,** авлод, насли одам маънидод шудааст. Дар забони қадими тоҷикӣ чунин шаклҳоро доштаанд: **prazanta> frazand> farzand** (15 с 9.).

Фарзандро дар забони англисӣ **child** ва дар шакли ҷамъ, яъне **фарзандҳо children** мегӯянд.

Эй **фарзанди** арҷманд, бидон, ки ин ҷомаву ангуштарину аспро ҳазрати Сулаймон... ба ман ҳадя фиристода буданд, ман инҳоро аз ҷон азизтар медонистам (С. Айнӣ. Ёддоштҳо, с. 11).

Эй **фарзанд,** ман **падари** туям (С. Айнӣ. Ёддоштҳо, с 14).

Инҳо фарзандони одамони дорам буданд, инҳо ба сахтии истиқомати мадраса тоб оварда натавонистанд (С. Айнӣ. Ёддоштҳо, с. 13).

Дар забони арабӣ фазандро “иёл” мегӯянд. Дар дигар забонҳо чунин:

Туркии қадим: алл -«фарзанд, занҳо,аъзои оила»;

Қазоқӣ: айэл -«духтар»;

Узбекӣ: аёл -«зан, фарзанд»;

Туркӣ: алл -«оила, зан».

Дар матнҳои классикӣ чунин омадааст:

Зи гирифтору пойбанди иёл
Дигар осудагӣ мабанд хиёл (Саъдӣ).

Ғоиб деҳқонзодаву фарзанди кӯҳистон ва овони тифли мушкилоти шебу фароз, пасту баландиҳоро дарк карда буд ва медонист, андешаву моҳияти зиндагониашро дар тозакорию нодирачӯйӣ медид (С. Айнӣ. Ёддоштҳо, с 108).

Қаробат ё наздикии ин пайвандҳо дар осори паҳлавӣ бо вожаи **nabanazdist** ба маънои **«наздиктарин** (хешовандон) ифода меёбад. Дар паҳлавӣ вожаи мазкур аз авестоӣ **nabanazdista** баргардон шудааст. Ҳамхунии наздик ва пайванди мустақими **фарзандон** бо **падару модар** аз роҳи замимаи пешванди **ham pid ham mad «аз як падару модар»** ин мафҳум дар форси миёна довоми форсии бостон **(hamata, hampita)** аст.

Вожаи **писар** калимаи аслии тоҷикӣ мебошад, дар порсии қадим **pusra,** авестоӣ **pusra,** порсии миёна **pus,** парфиянӣ puhr мавҷуд буданд . **Pur** бо пасванди **–ar**, яъне **pusar** вуҷуд доштааст, ки дар даврони баъдина бо табдили садонокҳои кӯтоҳи и> е, і дар форсии классикӣ, форсии муосир pesar ва дар тоҷикӣ **pisar** роиҷ шудааст.

Ин вожа дар Эрони қадим **puðra**, ориёнӣ **putrða,** форсии қадим **puvra, pusara,** паҳлавӣ **pisar,** дар осори замони сосониён **pus (ar)** вуҷуд доштанд.

Мавриди тазаккур аст, ки аз вожаи мазкур дар насабҳо ҳамчун анҷома (-пур) истифода мешавад. Ҳамин тариқ, вожаҳое, ки мафҳумҳои хешутабориро ифода мекунанд (**падар, модар, бародар, фарзанд, писар**), аз ҷиҳати баромад тоҷикианд.

Бубахшо, эй **писар,** бар ман бубахшо,
Макун дар ишқ хира чун манеро.
Писар бояд, аз ҳар кӣ бошад, равост,
Ки гӯянд, ки ин бачаи подшост (7. саҳ. 492).

Хафа нашав писарам,- гуфт падарам,- то Бухороравии ту ду соли дигар ҳаст, то он ҷо ман қарзҳоро меканам ва барои харҷи таҳсили ту пул ҳам меёбам (С. Айнӣ. Ёддоштҳо, с 22).

Мо- падар ва писар аз хона баромада, ба ҳавлии бобоям рафтем (С. Айнӣ. Ёддоштҳо, с. 33).

Аммо писараш деҳ ба деҳ мегашт(С. Айнӣ. Ёддоштҳо, с 88.).

Писарам, ту падар надорӣ, ман писар надорам (С. Айнӣ. Ёддоштҳо, с 41).

Дар забони англисӣ ин вожаро **son** ва **boy** мегӯянд.

Мисол: «Where, Boy? Where? » cried the old man. (new faces)

Вожаи **писар** дар “Фарҳанги забони тоҷикӣ” фарзанди нарина ба маънои маҷозии “ҷавон” омадааст. Дар лаҳҷа бошад, **бача** мегӯянд:

Икромхоча бачаи як дарача дағал буд, хусусан ба кампир хеле ҳазлҳои азобдиҳанда мекард (С. Айнӣ. Ёддоштҳо,с 47.)

Калимаи **духтар** дар форсии миёна **doxt (ar),** авестоӣ **dugedar** омадааст**.** Дар ин ҷо калимаи **duxt** мухафаф ва **-ar** анҷома мебошад.

Маънои калимаи **духтар** дар “Фарҳанги забони тоҷикӣ” фарзанди модинаи инсон, “бинт, бокира” маънидод шудааст (15).

Ҳарду **духтар** бо ҳам рафтанд. (С. Айнӣ. Ёддоштҳо 319с)

Ман ҳанӯз аз лаззати ин тамошо сер нашуда будам, ки духтар нохост ба қафо нигоҳ кард ва дид, ки ман дар пеши дари партав истода рафтори уро тамошо мекунам, намедонам, аз ноз бошад ё аз шарм, монанди оҳуи рамида рафтори худро чобуктар гардонид (С. Айнӣ. Ёддоштҳо, с 319.).

Дар вақтҳое, ки мутаваллӣ ба ҷое мерафт, ҳамроҳи **духтархона** як духтари баландқомати дигар ҳам меомадагӣ шуд (С. Айнӣ. Ёддоштҳо, с 317) .

Духтар аз ин гапҳо пай бурдааст, ки ҳеч гоҳ падару модараш ӯро ба ятим нахоҳанд дод, онҳо дар ҷустуҷӯйи ягон домоди хушпул мебошанд, ки ӯро бо баҳои тамом ба вай фурӯшанд (С. Айнӣ. Ёддоштҳо, с. 42).

Чашми **духтар** ба ӯ афтод, ҷавони заргарписаре нишаста буд (Ҷомеъ-ул-ҳикоёт, с. 16).

Вақте, ки **духтарак** қадрас шудааст, ваъдаи падарашро дар бораи хонадомод кардани ятимбача ба хотир оварда, он вақт ба ӯ монанди шавҳари оянда ва рафиқи умри худ нигоҳ карда муҳаббаташ нисбат ба ӯ боз ҳам зиёдтар шудааст. (С. Айнӣ. Ёддоштҳо, с.41)

Дар забони англисӣ духтарро girl ва духтар яъне фарзандро **daughter** мегӯянд.

Дугоник гуфта ин ду фазандеро, ки аз як модар дар як рӯз ба дунё меоянд, меноманд. Онҳо нисбати ҳамдигар бародари ҳамтан ба ҳисоб мераванд. Дугоникҳо метавонанд писару писар, духтару духтар ё писару духтар бошанд.

Дар забони англисӣ дугоникро twins, дугоникдухтарро twin-sister, дугоникписарро twin-brother мегӯянд.

Бародар Дар порсии кадим ва авестоӣ дар шакли **bratar,** порсии миёна **brat/ brad, bradar, brata** ифода мешуд ва дар луғат «писарони як падару модар нисбати ҳамдигар; **додар**, **ака, ука**» маънидод шудааст. Чунин шаклҳоро доранд**: bratar, bradar, baradar**. Дар замони сосони чунин буд**: brad (ar).** Дар матн чунин омдаааст:

Аммо таҳният гуфтани **бародар дар** вақти шодиҳо, чунончи **фарзанде** ӯро мутаваллид шуда бошад, ё азизе, ки матлуб буда, аз сафаре боз омада ва монанди он.

Ҳамин тавр, мо калимаи бародарро метавонем дар дигар забонҳо нишон диҳем:

№	номи забонҳо	калима
1	тоҷикӣ	бародар
2	порсии қадим	brātar
3	авастоӣ	brātar
4	суғдӣ	br`t
5	балучӣ	bras
6	курдӣ	bera\\berä
7	толишӣ	bo\\boa
8	осетинӣ	ärvadä
9	пашту	wror
10	англисӣ	brother
11	немисӣ	brıder
12	арманӣ	eγbayr
13	лотинӣ	frater
14	ҳинди қадим	bhrātar
15	юнонӣ	uратӷр
16	полякӣ	brat
17	литвӣ	brólis
18	чехӣ	bratz
19	русӣ	brat
20	ирландии қадим	bráthis

Мисоли дигар: **Падару хола** ва ёздаҳ **бародар** Юсуф (ъ)-ро сачда карданд ва аз чад мерос ёфт (Таърихи табарӣ).

Эй **бародар**, акнун ту қиссаи худ бигӯй(С. Айнӣ. Ёддоштҳо, с 57).

Дар забони англисӣ **brother** мебошад.

Дар лаҳҷаҳо бошад, чунин аст: **ака, ука, уко, бародар** ва ғайраҳо.Мисол:

Шабҳо падид наёмад ҳаме каломи ту,

Бародари ғаму тимори ман магар ту виё ? (Абулқосими Оғозӣ)

Акаам патаррос зада аз сари дукони падарам гурехт (С. Айнӣ. Ёддоштҳо, с. 23)

5. На ҳама формантҳо моли забоне буда метавонанд, ки он забон дар минтақаи мавриди тадқиқ ҳукмрон аст. Намунаи инро дар мисоли формантҳои –**лӣ** ва –**луғ** аз ойконимҳои Капалӣ (Тоҷикобод) ва Бодомлуғ (Ҳоит), ки дар асл туркӣ-қирғизӣ буда, имрӯз дар ҳудуди интишори забони тоҷикӣ дар водии Рашт паҳн гаштаанд, дида метавонем.

Топонимҳои Тоҷикистон аксаран дар қолаби сохтории вожаҳои сохта ба зуҳур меоянд. Ин аст, ки топонимҳои сохта дар рӯ ба рӯ бо топонимҳои сода, ё худ якасоса аз нигоҳи теъдод чанд баробар зиёданд. Сабаб дар он аст, ки формантҳо васоити хуби истилоҳсоз мебошанд ва аксарияти вожаҳои забон маҳз тавассути фаъолияти формантҳо моҳияти истилоҳӣ касб намуда, дар ифодаи анвои номҳои ҷуғрофӣ ба кор мераванд. Масалан, барои он ки асосҳои **ях, полез, рег** аз ойконимҳои Яхак (Нуробод), Полезак (Тоҷикобод) ва ороними Регак (Рашт) хусусияти топонимӣ зоҳир кунанд, лозим аст, ки ба онҳо форманти –**ак** ҳамроҳ гардад, вагарна апеллятивҳои **ях, полез** ва **рег** дар алоҳидагӣ ҷуз исмҳои муқаррарӣ чизи дигаре беш нестанд. Ба ин монанд, агар аз таркиби ойконимҳои Роғун (Обигарм) ва Съфедорун (Тавилдара) форманти –**ун** (-он) фурӯгузор гардад, асосҳои **роғ** ва **сафедор** ғайр аз исмҳои ом дигар чизе буда наметавонанд.

Дар бобати шакли сохта пайдо намудани топонимҳо қариб ҳама пасвандҳои калимасози забони тоҷикӣ, ки формантҳо асосан аз онҳо ибтидо мегиранд, фаъолият мекунанд. Бо вуҷуди ин, агар ба ин масъала ҷиддӣ таваҷҷуҳ намоем, зиёд будани мавқеи формантҳои –**ак, -о** (-ҳо), **-ун** (-он), **-дун** (-дон), **-owод** (-обод), **-ӣ, -чӣ** ва ғайра дар топонимҳо равшан шуда меистад. Илова бар ин, дар топонимияи Тоҷикистон як гурӯҳи муайяни формантҳо ба мушоҳида мерасанд, ки аз ҷиҳати шакл мураккаб буда, таркибан аз пасвандҳои –**ако** (-ак-о), **-ийун** (-й-ён), **-гарун** (-гар-он), **-зорак** (-зор-ак) ва амсоли инҳо ба вуҷуд омадаанд. Агар сухан сари имконоти номсозии ин формантҳо ба миён ояд, метавон иброз дошт, ки дараҷаи топонимсозии онҳо мисли қабати фаъоли лексикаи забони тоҷикӣ нобаробар давом меёбад: яке сермаҳсулу дигаре каммаҳсул ва сеюмӣ бемаҳсулу чорумӣ умуман, дар сохтмони як ё ду топоним иштирок мекунаду бас.

Як гурӯҳи калони формантҳо дар топонимияи Тоҷикистон хусусияти архаистӣ доранд ва аз даврaҳои қадиму миёнаи рушди забонҳои эронӣ ба мерос мондаанд. Аз қабили –**ич/уч, -иф/ив, -инг/инҷ, -owад/owат, -хо** ва амсоли инҳо, ки ҳоло дар таркиби топонимҳои Шинглич (Рашт), Артуч (Панҷакент), Ғориф (Рашт), Пушинг (Данғара), Куртинг (Рашт), Норинҷ (Тавилдара), Кургowад (Дарвоз), Бедихо, Кавлихо (Нуробод), Сангихо (Варзоб) маҳфуз мондаанд. Ба ҳамин қатор метавон боз ду форманти дигар –**ар** ва –**вор**-ро низ шомил сохт.

1.Форманти –**ар.** Ин формант бо шаклҳои гуногуни овозии худ –**ор, -ир, -ур** дар ташаккулу таҳаввули як қатор топонимҳои Тоҷикистон ва ҳатто, берун аз ин марзи ҷуғрофӣ мақоми шоиста дорад. Ойконимҳои Патар (Конибодом), Шамар (Рашт), Хуфар (Саросиёи Ӯзбекистон), Ғусар (Панҷакент), Регар (Турсунзода), ороними Капар (Нуробод), чунон ки дида мешавад, тавассути ҳамин формант шакл гирифтаанд.

Муодилҳои фонетикии он –**ор, -ир, -ур, -ал** имрӯз дар таркиби ойконимҳои Ғӯзор (Қашқадарёи Ӯзбекистон), Шамал (Ҳисор), Қумсангир (Қӯрғонтеппа), Патур (Шаҳринав), Ёнур (Нуробод) маҳфуз мондаанд.

Бояд қайд кард, ки дар баъзе топонимҳо пас аз форманти **-ар** ҳодисаи ба истилоҳ протеза, ё худ афзоиш ёфтани анҷомаву формантҳои дигар низ ба мушоҳида мерасад. Масалан,ойконими Кофара ва ороними Капарак (Нуробод) тибқи ҳамин қоидаи маъмул сурат пайдо намудаанд, ки дар онҳо вожаҳои **коф** ва **кап** топоасос буда, **-а** ва **-ак** пас аз форманти –**ар** ба ҳайси анҷома афзоиш ёфтаанд. Дар гидроними Кофарниҳон (Ваҳдат) бошад, пас аз топоасоси **коф** ва форманти –**ар** ҳатто вожаи маънан мустақилу устувори **ниҳон**, ки дар забони тоҷикӣ маъруф аст, илова гардидааст.

Аз инҳо воҳиди луғавии **коф** муодили тағйирёфтаи **kof/koh-**и форсии миёна аст (Фасмер 1967, 153; Саймиддинов 1998, 13), ки маънии “кӯҳ”-ро дошта,дар як қисм забонҳои шарқиэронӣ, аз ҷумла забонҳои помирӣ, ба баъд шакли овозии **хуф** (Додихудоев 1975, 37) пайдо кард ва ҳоло метавон афзуд, ки топонимҳои Хуф (Бадахшон), Хуфак (Рашт), Хуфар (Сурхандарёи Ӯзбекистон) аз ҳамин асос рӯидаанд.

Топоасоси **кап** (kap) низ аз нигоҳи баромад шарқиэронист ва марбут ба забони куҳнаи ванҷӣ шинохта шудааст, ки маънии он дар асл “санг, санги калон” мебошад (Офаридаев 1991, 106).

Бояд иброз дошт, ки дар забони язғуломӣ- аз гурӯҳи забонҳои помирӣ, калимае ба гунаи **къп** *ба маънии “санг”дар* истеъмол аст, ки он шакли **кап**-и забони куҳнаи ванҷиро ба хотир меорад. Дар рӯ ба рӯ бо асноди таърихӣ ин ҷо яқин аст, ки **къп** муодили овозии **кап** мебошад, зеро забони куҳнаи ванҷӣ низ аз зумраи забонҳои шарқиэронӣ, аниқтараш аз гурӯҳи забонҳои имрӯзаи помирӣ маҳсуб меёбад ва ин пайванди таърихӣ имкон фароҳам оварда, ки ин воҳиди луғавӣ дар яке аз ин забонҳои шарқӣ ба гунаи **кап** ва дар дигаре дар шакли **къп** маҳфуз бимонад.

Муодили **къп** маъмулан, зимни қоидаи мутадовили фонетикаи забони язғуломӣ, ки садоноки **а** дар ин забон дар истеъмоли як қисм калимаҳо кӯтоҳ талаффуз меёбад, ба амал омадааст. Чунон ки зикр гардид, дар топоними Ғӯзор топоасос лексемаи **ғӯз** мебошад, ки он дар забонҳои помирӣ, бахусус гурӯҳи шуғнонӣ-рӯшонӣ ба гунаи **ғӯз** ва **ғуз** қобили истеъмол аст, ки аз ниҳоди он маънии “дарахти чормағз” ва “як навъи чормағз” ба берун меояд (Вазирова 1985, 106). Дар топонимҳои Якачуғуз, Ғузхарф, Пуғуз (Варзоб) низ ҷузъи **ғуз** ба ҳамин маънӣ аст. Топоасоси **ғӯз** дар забони форсӣ дар шакли **goz** мавриди коров қарор гирифт, ки он ба баъд ба забони арабӣ роҳ ёфта, ба сурати **ҷавз** маъруфият пайдо кард ва ҳамин шакли муарраби **ҷавз** пас аз сайри дарози таърихӣ бозпас ба забони форсӣ баргашт.

Гумони ғолиб ин аст, ки ойконими Ҷузӣ (Шаҳринав) аз ҳамин решаи **goz**-и форсии миёна (Саймиддинов 1998, 11) ва гунаи **ҷавз**и арабӣ бо афзоиши пасванди

маконсози –**ӣ**, ки ин пасванд дар топонимияи Тоҷикистон маъруф аст (Қиблаӣ, Шанбарӣ, Истонӣ), сар задааст. Далел он буда метавонад, ки вожаи **ҷавз** таркибан аз дифтонги **av** иборат аст ва ин дифтонг дар давраи нави рушди забони форсӣ дар як силсила калимаҳо (равшан-рӯшан, равған-рӯған, ҷавз-ҷӯз, равзан-рӯзан) овози **ӯ**-ро ба бор овард, ки топоасоси **ҷӯз** аз таркиби Ҷӯзӣ дар ҳамин радиф қарор дорад.

Воқеан, топоасоси **ғӯз** дар таркиби топонимияи Тоҷикистон ниҳоят фаровон ба мушоҳида мерасад ва топонимҳое, ки аз ин асос сар задаанд, қариб тамоми саросари кишварро фаро гирифта, аз нигоҳи семантика ва муносибати маънӣ дар ифодаи номи мавзеъҳои маскунӣ ва дигар нуқоти ҷуғрофӣ ба кор мераванд: Пуғуз, Ғузхарф, Якачуғуз (Варзоб), Пунғоз (Ашт), Ғузовад, Паси Ғузун (Тавилдара), Замбарғуз, Хами Ғузаҳо, Дараи Ғузӣ (Нуробод).

Ба назар чунин мерасад, ки топоасоси **ғус** аз таркиби топоними Ғусар (Панҷакент) низ шакли тағйирдидаи **ғӯз** аст ва он тибқи ҳодисаи фонетикии табдили овозҳо, ки дар як қисм лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ овозҳои **з** ва **с** дар як қатор калимаҳо якдигарро ба осонӣ бадал месозанд (дастос-дастоз, нисбат-низбат, дароз-дарос ва ғ.), ба вуҷуд омадааст.

Ба ин монанд, дар топонимҳои Шамар ва Қумсангир топоасос вожаҳои **шам** ва **қуму санг** мебошанд. Аз инҳо топоасосҳои **қуму санг** хусусияти умумитоҷикӣ дошта, ниёз ба шарҳу тафсир надоранд, вале воҳиди луғавии **шам** дар ҳақиқат**,** тафсирталаб аст. Ин унсури нутқ муодили фонетикии вожаи **шан** мебошад, ки **шан** дар асл, марбут ба забонҳои шарқиэронӣ буда, аз замири он маънии “об, заҳ, ҷӯй, ҷойи наму пуроб” ба берун меояд ва ҳоло дар таркиби топонимҳои Тоҷикистон, аз ҷумла ойконими Шанбарӣ (Ҳисор) ва орони- ми Шанбари Сойиб (Яхч, Нуробод), маҳфуз мондааст.

Дар калимаи **гулшан**, ки ҳиссаи **шан** ҳоло дар забони тоҷикӣ ҳамчун пасванди маконсоз шинохта мешавад, низ ҳамин маъниро ифода карда,ба маконе ишора менамояд, ки он ҷо ҳам об фаровон асту ҳам гул ба анбӯҳӣ мерӯяд.

Ин ҷо, ки аз ойконими Шанбарӣ ёд шуд, бояд қайд кард, ки алҳол ин вожаро ноогоҳона мардум ҳам дар муошират ва ҳам дар нигориш дар шакли Шоҳамбарӣ истифода мекунанд, ки ин ғалати маҳз аст ва дурусташ ҳамон муодили Шанбарист, ки чи тавре гуфтем, аз иртиботи вожаҳои таърихӣ ва дар маънӣ собити **шан** (об, ҷӯй, нам, тар), **бар** (боло, баландӣ, теппа) ва форманти маконсоз-**ӣ** ба зуҳур омадааст.

Ба маврид аст бигӯем, ки вожаи **шан** на танҳо дар таркиби номҳои ҷуғрофӣ, инчунин дар нутқи ҷории мардуми бумии баъзе мавзеъҳои Тоҷикистон ҳам роиҷ аст. Манзур аз ин нигошта лаҳҷаи водии Рашт аст. Дар ин лаҳҷа **шан** ба гунаи **шам** дар таркиби ҷуфти синонимии **наму шам** (Хумдон, Нуробод) дар ҳамон маънии бунёдии худ ба кор меравад, ки шакли **шам** пайдо намудани он зимни ҳодисаи фонетикии табдили ҳамсадои димоғии **н** ба **м** рух додааст (И (н) сол нам-ъ шам бисйо (р) шид, ҳамайи алаф-о пусидан). Воқеан, ҳодисаи табдили **н** ба **м** дар калимаҳои тоҷикибунёди **амбур-анбур, душамбе-душанбе, амбор-анбор**, ки дар забони тоҷикӣ маъмулан корбаст мегарданд, боз ҳам равшантар ба чашм мехӯрад.

Дар ойконимҳои Регар ва Патар чузъҳои якуми онҳо **рег** ва **пат** моҳиятан топоасос маҳсуб меёбанд, чаро ки бори маънӣ дар ин ду топоним аслан, бар дӯши ҳамин вожаҳо ниҳода шудааст. Аз ин ду топоасос воҳиди луғавии **рег** аз таркиби Регар, ки умумитоҷикист,ба шарҳу маънӣ эҳтиёҷ надорад, аммо лексемаи **пат** аз ойконими Патар як андоза тафсир мехоҳад. Ин воҳиди луғавӣ, ки бозмондаи забонҳои шарқиэронист, муодили фонетикии **пит** (pit)-ро ба ёд меорад (Пите-Айнӣ, Пита-Нуробод). Гунаи **пит** (pit) дар забонҳои помирӣ имрӯз бе ягон табодулоти овоӣ ба маънии “гармо, офтобрӯя, ҷойи офтобӣ,макони гарм” мустақиман қобили истеъмол аст (Насриддиншоев 2005, 14).

Инро ҳам мебояд илова намуд, ки бо вожаи **пит** гоҳо лексемаи **ow** (об) низ ҳамроҳ мегардад, ки дар натиҷа дар забонҳои помирӣ вожаи аз нигоҳи таркиб

дуқабатаи **питоw** дар мафҳуми “гармоб, оби гарм, оби офтобрасида” ба вуҷуд меояд (Офаридаев 2001, 22).

Агар гап сари зуҳурот, муносибати забонӣ ва семантикаи форманти –**ар** қарор гирад, метавон иброз дошт, ки он ба қавли Д.Саймиддинов аз решаи феъли эронии бостон –**ar** аст ва дар забонҳои авестоиву форсии қадим ба маънии “рафтан, ҳаракат кардан, ҷунбидан, пеш рафтан” ва дар осори суғдии буддоӣ дар мафҳуми “такон додан, ба ҳаракат даровардан” мустақиман роиҷ будааст (Саймиддинов 2006, 138). Воқеан, агар аз даричаи танги ҳамин маънӣ ба олами фарохи семантикаи –**ар** дар таркиби топонимҳои кунунии Тоҷикисмтон ва дуртар аз ин марз, чун Регар, Шамар, Патар, Капар, Хуфар чашмандозе дошта бошем, бас жарфтару амиқтар метавонем бо фаросат дарёбем, ки ин ҷо низ ҳамон маънии бунёдии он бе ягон табодулоти ҷузъиву куллӣ алҳол нигаҳбонӣ ёфтааст. Чунки аз нигоҳи решашиносӣ ва иртиботи маънӣ миёни топоасосҳо(кап, рег, шам/шан, хуф, ғӯз/ғус, коф, пат, қуму санг) ва топоформанти –**ар** як навъ ҳамбастагии қавӣ ва пайванди ногусастанӣ эҳсос мегардад. Ин эҳсосот аз он ҷо сар мезанад,ки **кап** (санг), **шан/шам** (об),**коф/хуф** (кӯҳ,санг), **ғӯз/ғус** (чормағз), **пат/пит** (гармоб), **рег, қуму санг** чун ашё ё ҷузъи ҷудонопазири табиат метавонанд ҳамарӯза дар ҷунбиш буда бошанд, аз гардиши боду тобиши офтоб бо мурури замон андак-андак рехта ё таровиш ёбанд,ба ҳаракат дароянд, афзоиш ё коҳиш бубинанд,аз фароз ба нишеб ҷорӣ ё ғелон гарданд. Ана ҳамин мафҳуми “ҷунбидан, рафтан” аз ниҳоди онҳо маҳз тавассути топоформанти –**ар** ва муодилҳои фонетикии он (-ор, -ур, -ир, -ал) ба зуҳур меояд.

Ба назар чунин менамояд, ки хатти интишори баъзе аз ин топоасосҳо то дуриҳо тӯл мекашад. Барои мисол, вожаи **рег**-ро аз таркиби топоними Регар намуна мегирем, ки ба сифати топоасос дур аз муҳити забони тоҷикӣ дар ҷумҳурии Литва, ки он ҷо дигар муҳити забонист, ба гунаи андак тағйирхӯрда –Рига (зимни табдили овози **е** ба **и** ва ихтисори ҳамсадои **р** аз охири калима) дар ифодаи номи шаҳр ба кор меравад.

Ба ин монанд топоасоси **коf** аз таркиби ойконими Кофара ва гидроними Кофарниҳон ба сурати Куфа дар Ироқ ва Уфа дар Бошқирдистон (дар муҳити забонҳои ғайриэронӣ) имрӯз мавриди коройӣ қарор дорад. Сабаби ба табодулоти овозӣ гирифтор гардидани **коf** дар ин ҳавзаҳои ҷуғрофӣ шояд ба ҳодисаи аз худ шудани он дар муҳити забонҳои бегона вобастагӣ дошта бошад.

2.Форманти –**вор.** Нақши форманти –**вор** дар ташаккулу таҳаввули топонимияи Тоҷикистон ва умуман, минтақа чандон бориз нест. Аз анбӯҳи маводи андӯхта, ки дар борҷомаи тадқиқгарии мо гирдоварӣ гардидааст, ҳамагӣ чор топонимро пайдо намудем, ки онҳо тавассути ҳамин топоформант ба шакл даромадаанд: Сангвор, Сабзавор, Порвор ва Пунарвор. Аз инҳо ойконимҳои Сангвору Пунарвор аз ноҳияи Тавилдара, Порвор аз ноҳияи Шӯрообод и вилояти Хатлон ва ойконими Сабзавор аз Ҷумҳурии исломии Афғонистон ба қайд гирифта шудаанд.

Дар ин топонимҳо вожаҳои **санг, сабза, пор** ва **пун** топоасос ё худ ҷузъи маънидор маҳсуб меёбанд, чаро ки маънии луғавӣ ва муносибати семантикии номҳо маҳз дар ниҳоди ҳамин истилоҳот тагшин мондааст. Воҳидҳои луғавии **санг** ва **сабза** аз топонимҳои Сангвор ва Сабзавор,чунон ки маълум аст, дар забони тоҷикӣ аз унсурҳои маълум ва фаъоли нутқ буда,чи дар таркиби номҳои ҷуғрофӣ ва чӣ дар нутқи ҷории мардум фаровон ба кор мераванд ва аз нигоҳи шаклу маънӣ ниёз ба шарҳу тафсири беш надоранд. Аммо ҳиссаҳои **пор** ва **пун** аз таркиби топонимҳои Порвор ва Пунарвор, ки дар забони адабии муосири тоҷикӣ хусусияти архаистӣ касб кардаанд,аз лиҳози маънӣ ва сохтори грамматикӣ на ба ҳама тоҷикону ашхоси тоҷикзабон шинос мебошанд. Аз ин рӯ, семантикаи ин номҳоро дар мавриде бозгӯ метавон кардан, ки агар зимни муқоисаву муқобила бо асноди даваранҳои қаблӣ ва кунунии рушди забонҳои эронӣ дар маҷмӯъ аз шаклу таркиб, маънои луғавӣ ва этимологияи онҳо комилан огаҳӣ пайдо карда бошем.

Агар аз ҳамин мавқеи тадқиқгарӣ сари маънӣ ва манобеи зуҳуроту такомулоти лексемаи **пор** аз таркиби ойконими Порвор жарфтару амиқтар ба андеша нишинем, метавонем бе ягон истиҳола ҳукм барорем, ки **пор** яқинан вожаи авестоист, зеро он дар "Фарҳанги вожаҳои Авесто" (ч.2), ки ин луғат бо эҳтимом ва кӯшишоти зиёди Иҳсон Баҳромӣ дар Теҳрон рӯйи чоп дидааст, дар шакли **para** ва ба маънии «пеш, фаро, дур аз, канор, берун» оварда шудааст (Баҳромӣ 1369, 886).

Эроншиноси варзида В.С.Соколова низ таҳдоби вожаи **пор**-ро бо боварии комил аз решаи **para**-и авестоӣ эълон дода,аз замири он маънии "тарафи муқобили дарё, рӯ ба рӯ, он тараф, он сӯ" ба берун мекашад (Соколова 1967, 40). Ин вожа ба баъд зимни тақозои меъёрҳои фонетикӣ дар забони суғдӣ, ки он ба давраи миёнаи рушди забонҳои эронӣ иртибот мегирад, бо қаринаи овозии **ръr** мавқеъ пайдо кард (Хромов 1969,96). Ҳоло дар топонимияи Помир **пор** бе ягон таҳаввулоти шаклу маънӣ бо ҳамон гунаи авестоӣ, ки дошт, пурра маҳфуз мондааст (Офаридаев 1985, 128). Инро ҳам бояд илова кард, ки муодили суғдӣ низ аз лиҳози маънӣ аз асоси авестоии худ (**para**) фарқ намекунад (Хромов 1969, 96; Офаридаев 2001, 41).

Истилоҳи **пор** дар номҳои ҷуғрофии Тоҷикистон доманаи васеи густариш дорад ва он на фақат аз топонимияи Хатлону Бадахшон, балки аз топонимияи Рашту Зарафшон ва гузашта аз ин, аз марзи Афғонистон низ ба қайд гирифта шудааст (Исмоилов 2011, 52-53).

Қайд кардан бамаврид аст, ки лексемаи авестоии **пор** имрӯз на танҳо дар топонимия нигаҳбонӣ ёфтааст, ҳамчунин аз маводи гирдкардаи мо, ки аз гӯйишҳои тоҷикӣ фародаст овардаем, равшан аён мегардад, ки он дар нутқи фаъоли саканаи ин ё он ҳавзаи ҷуғрофии кишвар дар сурати асл набошад ҳам, бо андак тағйироти овоӣ мавриди коронӣ қарор дорад.

Намунаи инро мо метавонем дар гӯйиши мардуми водии Рашт таҳти назар дошта бошем, ки он ҷо **пор** ба сурати **пар/бар** зимни ҳодисаи афзоиши овози –**а** дар анҷом, ё ба истилоҳ протеза, ба гунаи **пара/бара** (Нуробод) яклахт бо ҷонишини ишоратии **у/ум** дар оғози калима бо шакли **упара/умбара** бо ҳамон маънии азалӣ – авестоӣ "он тараф, он сӯй ё соҳили дарё" роиҷ аст (Райис умбара рафтас (т). Ба назари мо, ҷузъи **пор** аз таркиби исми лаҳҷавии **поргӣ** (пина, дарбеҳ), ки хоси лаҳҷаи водии Рашт аст, низ аз ҳамин реша мебошад, зеро бо андак тааммуқ метавонем дарёбем, ки миёни маъниҳои онҳо як гиреҳча то ҷойе боқӣ мондааст.

Аз муодилҳои боло гунаи **пара** дар лаҳҷаи мазкур хусусияти сермаъноӣ зоҳир мекунад ва дар иртибот бо нахустмаънии худ дар мафҳуми "ҳисса, қисм, пора, ним" (як параи харбуза, як параи себ) низ истеъмол меёбад, ки ин маънӣ ҳам ба тафсилоти **para** дар луғати авестоӣ қаробати қавӣ дорад.

Ҳамин тавр, агар **para**-и авестоиро бо **ръr**-и суғдиву **por**-и помирӣ ва **пара/бара**-и тоҷикӣ аз нигоҳи шаклу маънӣ аз роҳи қиёсу муқобила рӯ ба рӯ гузорем, метавонем эҳсос намоем, ки миёни онҳо имрӯз ҳам иртиботи нозуки маънӣ канда нест.

Аз ин топонимҳо сохти грамматикии топоними дуюм –Пунарвор аҷиб аст. Вай дар қолаби сохтории **асос-формант-формант** тарҳрезӣ гардида,аз топонимҳои дуформантиест, ки ду зинаи калимасозиро аз сар гузаронидааст. Зинаи аввал аз асоси **пун** тавассути форманти –**ар** (тафсираш дар боло) ва зинаи дуюм аз шакли **пунар** бо иловаи форманти –**вор.** Воқеан, тавассути ду формант сохта шудани топонимҳо дар системаи топонимии Тоҷикистон қолабест маълуму маъруф, ки ин навъи топонимҳоро шартан топонимҳои дуформантӣ номидан мумкин аст.

Инак, топонимҳои Мар (ғ)-зор-ак, Де (ҳ)-дун-ак, Де (ҳ)-га (гоҳ)-ӣ (номи деҳаҳо дар Нуробод) низ дар асоси ҳамин қолаби маъруф ба зуҳур омадаанд, ки далели хеле хубанд дар бобати исботи ростину дурустини ин иддао.

Бояд гуфт, ки якҷоя омадани ду формант дар таркиби топонимҳои Тоҷикистон ҳодисаи нав нест, балки ин рӯйдод ҳанӯз дар давраи миёнаи рушди забонҳои эронӣ амал мекард. Ба ин маънӣ, Д.Саймиддинов мегӯяд, ки "Ғайр аз пасвандҳои сода дар

форсии миёна пасвандҳои таркибӣ низ дар гардиш буданд, ки онҳо зимни ба ҳам омадани ду пасванди мустақил шакл гирифтаанд. Аз нигоҳи сохторӣ-генетикӣ онҳо таркибан мураккаб мебошанд" (Саймиддинов 1988, 17).

Дар топоними Пунарвор,чунон ки гуфтем, топоасос ҳамоно ҳиссаи **пун** аст, ки он аз шакли лаҳҷавии вожаи **бун** рӯйидааст. Ин ҷо ба **п** табдил ёфтани овози **б** дар аввали калима зимни ҳодисаи фонетикии табадулоти ҳамсадоҳои лабулабии **б-п,** ки ин рӯйдоди воқеӣ дар лаҳҷаҳои ҷанубии забони тоҷикӣ хеле маъруф аст, ба амал омадааст. Намунаи инро мо метавонем дар мисоли вожаҳои **бушол-пушол** (номи як навъ бутта), **буя-пуя** (номи як хел гиёҳ) ва амсоли инҳо низ ба мушоҳида бигирем.

Вожаи **бун** аз нигоҳи ташаккули таъхрихӣ ба давраи нави рушди забони форсӣ-тоҷикӣ иртибот мегирад. Вай дар забони адабиёти классикӣ маъмулан, дар маънии "таг, зер, реша, асос, бех, охир, интиҳо" роиҷ буд (Фарҳанги забони тоҷикӣ 1969, 212) ва чун унсури фаъоли нутқ дар нигоришоти Рӯдакиву Фирдавсӣ барин удабои забардаст борҳо ба истифода рафтааст:

Чу дидор ёбӣ ба шохи сахун,
Бидонӣ, ки дониш наёяд ба **бун**
Фирдавсӣ

Вале,чунон ки дар мавриди ба архаизм табдил ёфтани баъзе вожаҳо рух медиҳад, имрӯз дар забони меъёрии тоҷикӣ ба сифати унсури дорои имконоти мухобиравӣ мавриди коро қарор надорад. Ҳарчанд ки дар номҳои ҷуғрофӣ ва лаҳҷаҳои қисмати ҷанубии Тоҷикистон ҷо-ҷо ба мушоҳида мерасад. Чун мисол ҳоло аз ойконими Бън (бун)-и Сафийун (Рашт) ва оронимҳои Бън (бун)-и Камар, Бън (бун)-и Ағба (Яхч, Нуробод) метавон ёд кард, ки аз асоси **бун** рӯидаанд.

Дар топонимияи қисмати шарқии Бадахшон низ ин топоасос дар чанд маврид ба қайд гирифта шудааст (Насриддиншоев 2005, 12).

Топоформанти –**вор** аз таркиби ин топонимҳо дар сарчашмаҳои авесто ва луғатномаву фарҳангҳои тафсирӣ-этимологӣ ба назар нарасид, дигар уламо, бахусус ашхоси номшинос, ҳам дар ин бобат чизе нагуфтаанд. Аммо қиёси мавод бо асноди пажуҳишӣ-таърихӣ ба хулосае водор месозад, ки –**вор** дар давраи миёнаи инкишофи забони форсӣ ба ҳайси пасванд ба гунаи –**warag (war-ag)** роиҷ буд ва ҳамчун унсури номсоз исмҳои макон месохт,ки намунаи онро дар мисоли вожаи **gahwarag** (гаҳвора) (Саймиддинов 2001, 115) метавон дид. Акнун ҳамон рисолати маконсозии он дар давраи нав дар сохтмони номҳои ҷуғрофӣ нигаҳбонӣ ёфт.

Ҳоло дар Тоҷикистон ва атрофи он чунин топонимҳое месозад, ки он ҷоҳо ин ё он ашёи табиӣ (санг, сабза, дарахт, бутта) хеле фаровон аст ва ё ба анбӯҳӣ мерӯяд. Аз рӯйи ин вазифа форман- ти мазкур бо пасвандҳои маконсози –**зор** (регзор, сабзазор, гулзор), -**сор** (кӯҳсор, чашмасор), -**истон** (гулистон, сангистон, кӯҳистон), ки дар забони муосири тоҷик хеле фаъоланд, дар мавқеи синонимӣ қарор мегирад.

Аз як мақолаи А.Л. Хромов, ки дар иртибот ба тадқиқи топонимҳои суғдии саргаҳи Зарафшон таълиф гардидааст, бармеояд, ки дар номҳои ҷуғрофии ин водӣ форманте ҳаст ба сурати –**вара**. Ин формант одатан дар таркиби номҳое вомехӯрад, ки он номҳо дар ифодаи мафҳуми қитъаҳои хурду бузурги замин ба кор мераванд ва дар он қитъаҳо ягон навъи алаф, гиёҳ, ё бутта хеле зиёд месабзад.

Барои мисол муҳаққиқ топонимҳои Торонвара, Чукривара, Катквара ва амсоли инҳоро намуна меорад (Хромов 1969, 95). Дар воқеъ, бояд гуфт, ки шакли –**вара** ба ҷуз номҳои ҷуғрофӣ,ки қабати пассиви луғати забонамонро ташкил медиҳанд,ҳамчун пасванд дар гӯйиши мардуми водии Рашт фаъол аст ва дар ин лаҳҷа як силсила вожаҳое месозад, ки он вожаҳо ба дорӣ ва бисёриву фаровонии ягон ашё (хор, санг, гулу гиёҳ, дарахт, бутта) дар ин ё он мавзеъ ишора мекунанд. Аз қабили **ҷойи сангвара, зъмини хорвара, дарайи чъкривара** ва ғ.

Агар ба далелҳои боло аз мавқеи як тан муҳаққиқ амиқтар таваҷҷуҳ созем, метавонем пай бубарем, ки ин ҷо ҳам –**вара** то ҷое тобиши формантӣ зоҳир мекунад ва имкон дорад, ки ба баъд воҳидҳои луғавии **хорвара, сангвара, чукривараро**, ки алҳол дар таркиби ибора чун муайянкунанда воқеъ гаштаанд, мустақиман ба сифати номи ҷуғрофӣ сурат бубахшад.

Дар асоси ин маъниҳо метавон тахмин зад, ки пасванди **-вара** аз гӯиши водии Рашт ва топоформанти –**вара** аз топонимияи саргаҳи Зарафшон бо форманти топонимсози –**вор** (Сангвор, Сабзавор) иртиботи генетикӣ дошта, гунаи дигари овозии он маҳсуб меёбанд,ки бунёди ҳар сеи онҳо такя ба ҳамон **war-ag**-и форсии миёна дорад. Аз тарафи дигар, шояд пасванди **war-ag** дар даврае (давараи қадим) ташаккул ёфта, ки ҳанӯз забонҳои шарқӣ аз ғарбии эронӣ ҷудо набуданд, миёни онҳо ягон тафовут ҳам ҷой надошт.

Бинобар он, вай дар давраи миёна барои ин ду гурӯҳи забонҳои эронӣ муштарак хизмат мекард, ки дар яке (форсӣ) ба ҳамон шакли бунёдии **war-ag** боқӣ монду дар дигаре (суғдӣ) гунаи –**wara** пайдо кард.

Ба ин тариқ, чунон ки дида мешавад, топоформантҳо дар маҷмӯъ дар бобати ташаккулу таҳаввули топонимҳо дар ҳавзаҳои гуногуни ҷуғрофӣ аз васоити хуби забонӣ маҳсуб меёбанд. Дигар, ин ки, формантҳо дар роҳи таъмини системаи яклахт ва амиқу дақиқи топонимҳо,ки баъзе аз онҳо, дар ҳақиқат, аз маъноки асрҳо то рӯзгори мо ба ёдгор мондаанд ва вобаста ба марҳилаҳои рушди низоми ҷомеа ба низом даромадаанд, хизмате мекунанд бас бебаҳо. Намунаи инро мо дар мисоли топонимҳое, ки тавассути формантҳои –**ар** ва **-вор** яке пештару дигаре баъдтар ба зуҳур омадаанд, баръало ба мушоҳида гирифта метавонем.

А Д А Б И Ё Т

1. Баҳром, Иҳсон. Фарҳанги вожаҳои Авесто / Баҳром Иҳсон. -Теҳрон, 1369. -Ҷ. 1. -146 с.
2. Додихудоев Р.Х. Памирская икротопонимия / Р.Х Додихудоев. -Душанбе, 1975. -163 с.
3. Исмоилов Ш. Нақши Авесто дар топонимияи Тоҷикистон / Ш. Исмоилов. -Душанбе, 2011. -92 с.
4. Насриддиншоев А. Микротопонимияи Помири Шарқ / А. Насриддиншоев. -Душанбе, 2005. -122 с.
5. Офаридаев Н. Значение расположения на местности в микротопонимии Ванджа и Дарваза.- Вопросы памирской филологии, 3 / Н. Офаридаев. -Душанбе, 1985. -С. 128-139.
6. Офаридаев Н. Микротопонимия Ванджа и Дарваза / Н. Офаридаев. -Душанбе, 1991. -175 с.
7. Офаридаев Н. Ойконимияи Вилояти мухтори кӯҳистони Бадахшон / Н. Офаридаев. -Душанбе, 2001. -163 с.
8. Саймиддинов Д. Лексика среднеперсидского языка.АДД / Д Саймиддинов Душанбе, 1998,53 с.
9. Саймиддинов Д. Вожашиносии забони форсии миёна / Д. Саймиддинов. -Душанбе, 2001. -310 с.
10. Саймиддинов Д.Бархе аз вожаҳои куҳан дар гӯйишҳои тоҷикӣ. -Замзамаи нур / Д. Саймиддинов. -Душанбе, 2006. -С.134-150.
11. Соколова В.С. Генетические отношения язгулямского языка шугнанской языковой группы / В.С. Соколова. -М., 1967.
12. Суперанская А.В. Что такое топонимика / А.В Суперанская. -М, 1985, 175 с.
13. Фасмер М. Этимологический словарь русского языка / М. Фасмер. -М., 1967. -Т.2.
14. Хромов А.Л. Согдийская топонимия Верховьев Зеравшана.-Топонимика Востока / А.Л. Хромов. -М., 1969. -С. 87-99.

ФОРМАНТЫ *АР* И *-ВОР* В ТОПОНИМИИИ ТАДЖИКИСТАНА

В данной статье рассматриваются топонимии таджикского языка и их значение на примере различных регионов Таджикистана.

Ключевые слова: топонимия, лексика, грамматика, топооснова, топоформант, структуры топонимии, основное значение, большая группа топонимии, лексические элементы.

FORMANTS *AR* AND-*VOR* IN TOPONYMIE TAJIKISTAN

The article deals with the toponyms of the Tajiki language and their importance on the example of various regions of Tajikistan.

Key words: toponyms, lexis and grammar, topo-basis, topoformant, toponym structures, basic meaning, big group of toponyms, lexical elements.

Сведения об авторе: ***Ш. Исмоилов*** – доктор филологических наук, профессор кафедры таджикского языка ТГИЯ им.С.Улугзаде. Телефон: **919-03-17-76**

БАРРАСӢ ВА КОРБУРДИ АНВОИ САДОҲО ВА ВОЖАҲО ДАР НАВГАРОИИ САРФИИ ЗАБОНШИНОСИИ ШЕЪРИ АХВОНИ СОЛИС

Аббоси Тирафкан
Пажӯҳишгоҳи забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хатти ба номи Рӯдакии АИ ҶТ

Ошноии амиқи Ахвони Солис ба гӯйишҳо ва фарҳангу забони мардум аз як сӯ ва ошноӣ бо назму насри гузаштаи форсӣ аз сӯйи дигар, боис шудааст, ки вай дар ин қисмат аз сохтори сарфии шеъраш бисёре аз луғоти қадимӣ ва мавҷуд дар матнҳои форсиро дубора зинда кунад.Ахвони Солис забонро бо зеҳну фикри халлоқи худ ба ҳаракат дармеоварад ва вожаҳои наву тозаеро дар забони шеъраш халқ мекунад ва аз ин тариқ ба забоншиносии шеъри муосир тозагӣ ва тароват бахшидааст, ба наҳве, ки вақте хонанда дар фазои зеҳнии шеъри Ахвони Солис қарор мегирад, аслан сангинии вожаҳои гузаштаро дар канори вожаҳои бумӣ, маҳворагӣ, фарҳангӣ ва ё садоҳо ва овоҳои бакоррафта дар шеъраш эҳсос намекунад.

Ҳамин тавр, Ахвони Солис ҳамвора дар фазоҳои гуногуни ҷомеа ба дунболи шикори вожаҳои тозае аст, ки зоидаи фикру зеҳну забони ӯст ва метавон эҳсосро ба хонандааш аз фазои мавҷуди ҷомеа намоён кунад. Бар ин асос, андеша ва шахсияти ин шоир онқадар бузург аст, ки доманаи пажӯҳиш ҷиҳати баррасии сохтори сарфии шеъри Ахвон ба лиҳози навгароӣ дар корбурди вожаҳои бумӣ, маҳворагӣ, фарҳангӣ ва ё садоҳо ва овоҳо бисёр васеъ мебошад ва матолиби муҳимми ин таҳқиқ барои тамоми донишҷӯён устодон ва дар маҷмӯи тамоми донишпажӯҳони гиромӣ, ки бо кори таҳқиқ сару кор доранд, муфид аст ва метавонад манбаи хубе ба ҳисоб ояд.

Бархе аз сохторҳои сарфии шеъри Ахвони Солис ба лиҳози навгароӣ ба гунаҳои зер баррасӣ мешавад.

1. Истифода аз садоҳо ва овоҳо. Исми савт ё ово лафзе аст, ки маъмулан, аз табиат гирифта шуда ва баёнгари садоҳое, аз қабили савти инсон ё ҳайвон ва ё садои ба ҳам хӯрдани чизе ба чизи дигар аст.

Вуруди садоҳо ва овоҳо ба таври ҷиддӣ ва коромад ба қаламрави забони шеъри имрӯз нахсутин бор ҳамзамон бо нахустин замзамаҳо ва сурудҳои Нимои Юшиҷ иттифоқ афтод, ҳамчунин пас аз ӯ садои гиёҳон, паррандагон, дарахтон ва садоҳои шинохта ва нашинохта вориди забони шеъри Ахвони Солис шудааст.

Дар шеъри классикии форсӣ, дар осори Мавлоно намунаҳои ҷолибе аз ҳузури садоҳо дар паҳнои забони шеър мебинам:

Жағ-жағи дандони ӯ дил мешикаст,
Ҷони шерон сия мешуд зи даст (Маснавӣ, 56).

Садоҳо ва асвоте, ки аз он дар забони шеъри имрӯз, бавижа шеъри Ахвони Солис сухан мегӯем, комилан бо он чи дар забони Мавлавӣ мебинем мутафовит аст. Садоҳои зоҳиран номафҳуме, чун «қай-қай ва қу-қу» дар забони ғазалиёти Шамс зодаи лаҳазотест, то Мавлоно битавонад садоҳои мубҳам ва номафҳумро баён кунад:

Эй мутриби хуш қо-қо, ту қай-қаю ман қу-қу,
Ту дақ-дақу ман ҳақ-ҳақ, ту ҳай-ҳаю ман ҳу-ҳу
(Ғузидаи Девони Шамс, 583).

Садо дар шеъри Ахвони Солис, пеш аз он ки зодаи эҳсоси ирфонӣ бошад, дар табиат перомуни зиндагии ӯ ва дар фазои андешааш вуҷуди айнӣ дорад. Садо дар шеъри Мавлоно осмонӣ ва садо дар шеъри Ахвони Солис заминӣ аст. Мисли тақ-тақи туфангу тӯб, ҳиқ-ҳиқи гиря ва ҷар-ҷари борон ҳарчанд мумкин аст, дар як мавқеияти нохудогоҳ садоҳо вориди забони шеър шуда ва бо дарк ва эҳсоси ӯ даромехта, аммо тааллуқи моддии онҳо ба беруни вуҷуди шоир аст, на ба даруни ӯ.

Садоҳо ва овоҳо дар сохтори сарфии шеъри Ахвони Солис басомади нисбӣ дорад. Ӯ дар сохтмони каломи худ, ҳар чо ки лозим дида, аз ин корбурд истифода карда ва онро ба сурати исм, қайд ва ғ. ба кор бурдааст. Гоҳе дар шеър як сурати баргирифта аз забони моҳвора дар барқарори иртибот бо хонанда чунон муассир аст, ки ҳеҷ вожаи дигаре аз уҳдаи он барнамеояд. Ахвони Солис ин қобилиятро шинохта ва аз он баҳра бурдааст:

Аз он ҳангом то имрӯз
Ҳанӯзам метурунҷад пушту ларзад пардаҳои гӯш
Зи ғавғои туфангу тӯбу он тақ-тақу он ғурриш
Ва рагбори мусалсалҳо(Се китоб, 30).
Шасту беша борон хӯрда маҳтоб,
Шикаста дар гулӯяш ҳиқ-ҳиқи гиря (Се китоб, 24).
Борон ҷар-ҷар буду заҷҷаи новдонҳо буд

Ва сақфҳое, ки фурӯ мерехт (Аз ин усто, 50).

Такрори манзуму пай дар пайи «р» дар садои ҷар-ҷар овои борон аст бо новдонҳое, ки заҷҷа мезанад. Ахвони Солис дар ворид кардани садоҳои табиат ба шеъри хешу таҷассум бахшидан ва ҳиссӣ кардани авотифаш тавонои шигифтангезе дорад:

Боз ба биму иддае фардо диҳӣ, ки: -Ҳон,
Аввал азоби гӯр буд, пас азоби нор (Арғувон, 44).
Чун кабк ту қаҳ-қаҳа бизан, эй ёру ниҳон шав,
То ман кунам аз шавқи ту чун фохта кӯ-кӯ (Арғувон,85).
Фуд-фуд кунад баробари девори мокиён,
Ҳасрат хӯрад чу фикрат фуд-фуд кунад ҳаме (Арғувон, 125).
Ман ин вайронаҳоро дӯст медорам,
Ва ин ҳу-ҳуву ҳақ-ҳақро (Се китоб, 58).
Салом эй боғ, эй беша
Ва борон нарм-нарм аз хаймаҳои равшани маҳтоб меборад,
Ва зери гомҳои хиш-хиши хушки хазон тар мешавад хомӯш
(Се китоб, 95).
Дидему бо ҳам шунидем
Он масти шӯридасарро, ки овоз мехонад
Ва онро, ки чун кӯдакон гиря мекард.
Ё он ки як байти машҳуру бадро
Мехонаду ҳай боз мехонад
Ва он як, ки чун ҳиқ-ҳиқи гиря қаҳ-қаҳа мезад (Аз ин усто, 109).

2. истифода аз вожаҳои бумӣ:

Бахши васее аз шеъри имрӯз бавижа шеъри Ахвони Солисро вожаҳое, ки аз муҳит гирифта шудаанд, ташкил медиҳад. Ба назар мерасад, яке аз далоили хориҷ кардани шеър аз инҳисори хавос ва қарор додани он дар раванди зиндагии мардум, рӯй овардан ба чунин рӯйкардҳое бошад. Дар ин бора Нимо мегӯяд: «Барои ин ки шеърҳои туро фалон бузург ё ҳезумкаш ба даст гирифта бихонад, бояд бидонӣ Ним чӣ тавр ҳарф мезанад, дӯсти ман! Ба ту ёдоварӣ мекунем ҳезумшикан бошу барзгар бош …» (Номаҳои Нимо ба …, 41).

Рӯҳи гулу равоеҳи ҷонпарвар,
Ё сайру гундонист, ки мемонад? (Се китоб, 99).
Ту дар хизони ғамолуди зиндон
Чун сад сабӯи сабзнои баҳорӣ,
Гумкардаҳои диламро чи торик!
Оинаи равшани беғубор (Се китоб, 109).
Шотакӣ медиду хандон пеш меомад,
Роҳ бар ӯ мебасту мегуфт: -Эй духтардор,
Гар дафти хушкида бо оби даҳон тар кун (Се китоб, 155).

3. Истифода аз вожаҳои маҳворавӣ. Яке дигар аз сохторҳои сарфии шеъри Ахвони Солис ба лиҳози навгароӣ истифода аз забони маҳовара ё забони кӯчаву бозор аст. Вай ин мавзӯъро ба ин сурат баён кардааст: «Ман аз забони оммаи рӯзгор баҳраҳо бурдаам. Калимотеро, ки дар забони омма ба кор меравад, вале ҷонишин надорад дар канори калимоти куҳан нишондаам, аммо навъи талфиқи инҳо ва ба истилоҳ ҷо андохтани инҳо будани ин ки қасде дошта бошам, чунин даромада аст» [Кохӣ, 465-466].

Ҷанге аз он ҷононаҳои гарму ҷонон буд,
Андешаам ҳарчанд
Бедор буду мардуми майдон буд (Аз ин усто, 45).
Ман ба хаёлам мепарам аз хоб,
Мискин дилам з-он чу барг аз бод (Аз ин усто, 44).
Имрӯз ҳам гузашту ту аз дар наёмадӣ,
Маълум нест мепилкӣ дар куҷо ахӣ (Арғувон, 177).

Надунам себи тар ё ғабғаб аст ин,
Шукри бодоми ширин ё лаб аст ин (Арғувон, 215).
Ду панҷрӯза, ки бӯйи гул наюмад,
Садои чаҳ-чаҳи булбул наюмад.
Бърен аз боғбони гул бипурсен,
Чаро булбул ба сайри гул наюмад?

Мусалмонун ман аз аҳли ҳурандам,
Ки даст баста ба майдон мебарандам.
Шави одинаву иди Муҳаммад,
Аҷаб рӯзе, ба куштан мебарандам.

Ситора дар ҳаво мебинам имшав,
Замин дар зери по мебинам имшав.
Ишқро ошиқ шиносад, зиндагиро ман,
Ман, ки умре дидаам поёну болояш,
Ки туфу бар сурататаш, лаънат ба маъноят! (Се китоб,206).

Ман мегурезам сӯйи дарҳое, ки мебинам,
Боз аст, аммо панҷаи хунин, ки пайдо нест
Аз кист:
То мерасам, дарро ба рӯям кӣ мебандад (Аз ин усто, 43).
Шав то ба шавгир, эй Худо,
Бар кӯҳсорон
Мебора борун, эй Худо,
Мебора борун.
Аз хони хонон, эй Худо,
Сари дор биҷунварад.
Ман шукӯҳ дорам, эй Худо,
Дили зору зорун,
Шашто ҷувунам, эй Худо,
Шуд тирборун.
Бар ман бибора, эй Худо,
Дил лолазорун (Аз ин усто, 59).
Мо чун ду дарича рӯ ба рӯйи ҳам,
Огоҳ зи ҳар бигӯ магӯи ҳам (Ошиқонаҳо ва кабуд).

Вожаҳои зиёде дар шеъри Ахвони Солис бо «коф» таҳбибу тасғир пайванд ёфтаанд. Сатҳи ба кор гирифтани «коф», таҳбибу тасғир дар осори вай то он ҳад аст, ки метавонад ҷузъи мухтассоти сабкиаш ба шумор ояд. «Гароиш ва таваҷҷуҳи зиёди Ахвони Солис ба «коф» таҳбибу тасғири ношӣ аз самимияти ӯст» [Ёҳаққӣ,47].

Касрати корбурди ин навъ «к» дар шеъри Ахвони Солис зарурати тааммуқ ва тааммули бештареро эҷоб мекунад:

Нам-намак зам-замаворӣ раҳаш андӯҳу малол,
Мезанам дар газале бодасифат оташнок (Ошиқонаҳо ва кабуд, 63).

Дар шеъри гузаштаи форсӣ низ намунаҳои зебое аз ин навъ сохти сарфӣ, яъне иттисол «коф» ба вожаҳое, ки ба назар мерасад, камтар истеъдод чунин пайвандро дорад, ки собиқа доштааст. дур нест, ки Ахвони Солис он намунаҳоро дида ва аз онҳо омӯхта бошад:

Ин ду рӯзакро, ки завраш ҳаст зуд
Парафшонӣ бикун аз роҳи худ (Маснавӣ, 61).
Ҳундук лолаву тарки суман
Саҳли араб буду суҳайли Яман (Махзан-ул-асрор, 264).
Ин ки асилтар падари шеъри мо тӯӣ
Ва он дигарон бародар конанд нотанӣ (Аргувон, 198).
Париён шингаку шайтонак,
Уру булур бар оина чу гул рустан (Се китоб,248).
4. Истифода аз вожаҳои фарангӣ.

Дар шеъри пас аз Нимо низ ба далели таъсири умумӣ ҷомеа аз бархе мазоҳири тамаддун ва фарҳанги Ғарб пораи истилоҳот ва вожаҳои фарангие, ки ғолибан муодили равшане дар форсӣ надоштаанд, вориди ҳавзаи забони шеър мешаванд ва шеъри имрӯз, ки барои иртиботи самимитар, то ҳадди зиёде ба бофти забони умумӣ иттико дорад, табиӣ аст, ки аз ин таъсир бар канор намондааст. Баъзе аз ин вожаҳо ва истилоҳоти воридотӣ рафта-рафта сарнавишти вожаҳои арабиро дар форсӣ гирифта ва мисли вожаҳои форсӣ барои ҷомеа чеҳраҳои ошно доранду вориди забони шеъри Ахвони Солис шудаанд.

Ҳазрататаш бисёр воло буд,
Шакпӯши попюни мишкӣ, асои шаъну шавкатамон фурӯ бурда
(Се китоб, 160).
Абрҳое ҳамчун шулои саропӯш,

Ва абрҳои чун шанли тури тароватпешаро бар дӯш (Се китоб, 244).
Ё фикри ҳапнутизам фитодае, ки то каше,
Оҳан долон ба хеш чу оҳанрабо ахӣ (Аргувон, 178).
Сурати нақлу хабар дорад, вале бар тан
Тег зи ҳар огӯшта пӯшад нештар печида.
Риштаи ранҷ асту ҷо дорад агар дардаш
Бештар дар захмҳои рештар печида (Се китоб, 158).
Ҳаққи табъу афсату тақлид ҳам мамнӯъ!
Ман ҳам ин ҷо ҳаққи худро беҳтар маҳфуз медонам (Се китоб, 156).

Ахвон ин навъи корбурдро дар шеъраш чунон бо маҳорат ба кор мебарад, ки вақте дар канори калимоти форсӣ қарор мегирад, хонанда ҳаргиз бегона будани он вожаҳоро эҳсос намекунад ва ин яке аз вижагиҳои шеърии Ахвон дар бакоргирии чунин вожаҳое аст, ки султаи вайро дар забон нишон медиҳад.

Хулоса, асосан яке аз таҷрибаҳои муваффақ дар шеъри Ахвон дар навгароии сарфӣ корбурди вожаҳои маҳворагӣ, бумӣ, фарангӣ ва садоҳост, ки басомади нисбатан болое дорад. Ӯ аз ин навъ сохтор дар сохтмони каломи худ, ҳар ҷо ки лозим дида, истифода кардааст.Ахвон гоҳ садоҳо ва овоҳои парандагон, гиёҳон ва дарахтонро вориди забони шеъраш карда ва гоҳ вожаҳои фарангиро дар шеъраш чунон бо маҳорат ба кор мебарад, ки вақте дар канори калимоти форсӣ қарор мегирад, хонанда ҳаргиз бегона будани онҳоро эҳсос намекунад ва ин яке аз ҳунарҳои хоси Ахвон дар бакоргирии чунин вожаҳое аст, ки тасаллути вайро дар забон нишон медиҳад.

Аз ҳамаи маводе, ки дар ин мақола матраҳ шуд, метавон натиҷа гирифт, ки Ахвон бо зеҳни халлоқи худу мутолиаи матнҳои назму насри гузаштаи забони форсӣ доираи вожагони забони шеърашро густариш бахшида ва бо сохти вожаҳо ба ғинои забони форсӣ афзудааст. Он чи дар ин мақола аз он ба унвони сохтори сарфии шеъри Ахвон ба лиҳози навгароӣ баҳс мекунем, марбут мешавад ба офариниши вожаҳои бумӣ, маҳворагӣ, фарангӣ ва садоҳое, ки аксар бо тағйироти сиёсӣ ва иҷтимоӣ ба шаклҳои гуногун ба вуҷуд омадаанд ва ба нав шудани забон кӯмак мекунанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Ахвони Солис. Арғувон/ Солис Ахвони.- Теҳрон: Марворид, 1383.
2. Ахвони Солис. Аз ин усто/ Солис Ахвони.- Теҳрон: Марворид, 1382.
3. Ахвони Солис. Се китоб. Дар ҳаёти кӯчаки поиз дар зиндон/ Солис Ахвони. - Теҳрон: Марворид, 1376.
4. Ахвони Солис. Аз ин усто. Зиндагӣ мегӯяд: аммо боз бояд зист/ Солис Ахвони - Теҳрон: Марворид, 1376.
5. Ахвони Солис. Ошиқонаҳо ва кабуд/ Солис Ахвони.- Теҳрон: Зимистон, 1382.
6. Тирафкан Аббос. Сохтори шеъри Маҳдӣ Ахвони Солис. Поённомаи коршиносии аршад. Забон ва адабиёти форсӣ, донишгоҳи озоди Бирҷанд, 1386.
7. Ҳуқуқӣ Муҳаммад. Шеъри замони мо 2 (вижаи Маҳдии Ахвони Солис)/ Муҳаммад Ҳуқуқӣ .- Теҳрон, 1371.
8. Кохӣ Муртазо. Боғи бебарг/ Муртазо Кохӣ. – Теҳрон, 1370.
9. Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ. Маснавии маънавӣ/ Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ; шарҳи Муҳаммад Истеъломӣ Заввор.- Теҳрон, 1372.
10. Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ. Гузидаи Девони Шамс/ Зери назари Муҳаммад Ризои Шафеии Кадканӣ.- Теҳрон: Ширкати саҳҳомӣ, 1363.
11. Низомии Ганҷавӣ. Махзан-ул-асрор/ Зери назари Бароти Занҷонӣ.- Теҳрон, 1368.
12. Нимо Юшиҷ. Номаҳои Нимо Юшиҷ…/ Ба кӯшиши Сируси Тоҳбоз.- Теҳрон: Най, 1363.

ИССЛЕДОВАНИЕ И ИСПОЛЬЗОВАНИЕ МОРФОЛОГИЧЕСКИХ НОВОВВЕДЕНИЙ (ЗВУКОВ И СЛОВ) В ПОЭЗИИ АХАВАНА САЛИСА

Ахаван Салис внес огромный вклад в обновление персидской поэзии и в ее развитие. В данной статье автором подвергнута рассмотрению и изучению использование морфологических нововведений в поэтическом наследии Ахвана Салиса.

Ключевые слова: язык поэзии Ахавана Салиса, использование нововведений, диалекты, звуки, морфологические нововведения.

STUDY THE USE OF MORPHOLOGICAL INNOVATIONS (SOUNDS AND WORDS) IN THE POETRY OF AHAVAN SALIS

Akhavan SALIS has made an enormous contribution to the renewal of Persian poetry and its development. In this article, the author reviewed and the study of the morphological innovations in poetic heritage of Ahana Salisa.

Kev words: language poetry Ahavan Salis, the use of innovations, dialects, sounds, morphological innovations.

Сведения об авторе: ***Аббос Тирафкан*** **–** соискатель Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им.А.Рудаки АН РТ.Телефон: **(+992) 919997345**

БАРРАСИИ НАҚШИ ФАРОШИНОХТ БАР ОМӮЗИШ ВА ЁДГИРӢ

Ардашер Ҷаҳонӣ
Кафедраи забонҳои хориҷии АИ ҶТ

Шинохт ба фарояндҳои зеҳнӣ итлоқ мешавад, ки дар касби дониш ва дарки матлаб ворид буда ва ин фарояндҳо шомили тафаккур, огоҳӣ, ёдоварӣ, қазоват ва ҳалли масъала мебошанд. Афрод, хусусан, донишомӯзон на танҳо дар шинохт мутафовит ҳастанд, балки фарояндҳо ва авомили дигаре дар байни онҳо вуҷуд дорад, ки сабаби амалкарди мутафовити онҳо мешавад. Вақте мегӯем, ки хонанда матолиби хондашударо беҳтар аз фароянде, ки хондани заъфиятанд, ба хотир меоварад, дар воқеи бар наҳва хондани хуб ва бад таъкид дорем.

Яке аз роҳҳое, ки аз тариқи он иттилоот маъние пайдо мекунад, фарошинохт аст. Фарошинохт асосан, ба маънии «Шинохт дар бораи падидаҳои фарошинохтӣ»мебошад. Крос ва Пэрис (1988, 133) онро дониш ва назорате, ки бачаҳо бар фаъолиятҳои ёдгирӣ ва фикрии худ доранд, таъриф мекунанд. Дигарон, ҳамчунин аз таъбири машобеҳ дар таърифи фарошинохт истифода мекунанд.

Муаллимон метавонанд маҳоратҳои фарошинохтӣ ва тавоноии ташхиси матолиби аслии китобро дар донишомӯзон тақвият кунанд. Дар як таҳқиқ Кобаркс (2008) нишон дод, ки дарки матолиби хондан метавонад аз тариқ ва роҳбурдҳои ёдгирӣ мунҷар ба дарки матолиби беҳтари донишомӯзон шавад. Ба баёни возеҳтар, вақте донишомӯзон аз худ мепурсад, ки дар,воқеъ ба дониши фарошинохтӣ рӯй овардааст. Дар бораи мавзӯъ чӣ медонам? Чӣ қадар вақт барои ёдгирии ин мавзӯъ? Барои пардохтан ба ҳалли масъала чӣ барномае муносиб аст? Чӣ гуна метавонам натиҷаи ин корро пешбинӣ ё бароварди кунам? Чӣ гуна бояд дар равишҳое, ки истифода мекунам, таҷдиди назар кунам? Он чиро ки хондам фаҳмидем?

Ин вазифаи муаллимон аст, ки тарҳи чунин пурсишҳоеро дар донишомӯзон густариш диҳанд. Дар воқеъ, дониши фарошинохтие, ки бо саволоти фавқ амалӣ мешавад, силсилаи маҳоратҳое бозбинӣ ҳастанд, ки дар хилоли ёдгирӣ ва омӯзиши фаъол ба кор меоянд. Агар надонем, ки чи гуна посухҳоямонро ворисӣ кунем, ё вақти кофӣ барои мутолиот ихтисос диҳем ва ё дар садади барномаҳо бифаҳмем, ки оё иттилооти қаблӣ дар бораи мавзӯъ дорем ё на дар ин сурат ҳар таклифи ёдгирӣ бароямон тавре хоҳад буд, ки гӯйи аввалин бор аст бо он рӯ ба рӯ шудаем. Ин маҳоратҳои худшинохтие ҳастанд, ки ёдгириро, ки фаъолияти душвор аст, барои фарогирон содатар мекунад.

Ҳунг (2007) робитаи роҳбурдҳои фарошинохтӣ ва дарки матлаби хонданро таъкид бар роҳбурдҳои фарошинохтӣ баррасӣ намуд. Натоиҷи таҳқиқи Ҳунг нишон дод, ки роҳбурдҳои шинохтӣ ва фарошинохтӣ ба таври наздик ба дарки матолиби хондан марбут аст. Ҳунг, ҳамчунин дарёфт, ки донишомӯзон дар истифода аз ин роҳбурдҳо дар вақти хондан мутафовит ҳастанд.

Дар таҳқиқи дигаре Кобаркс (2008) таъсири роҳбурдҳои фарошинохтиро бар дарки матолиби хондан ва вожагон мавриди баррасӣ қарор дод. Ёфтаҳои пажӯҳиши вай нишон дод, ки гурӯҳи таҷрибӣ, яъне гурӯҳе, ки панҷ ҳафта омӯзиши фарошинохт дида буданд, ба таври маънои дорӣ ба натоиҷи беҳтаре ноил шуданд, дар муқоиса бо гурӯҳе, ки панҷ ҳафта омӯзиши фарошинохт дида буданд. Ин ёфтаҳо сабаб ба ин натиҷа шуд, ки таъсири омӯзиши роҳбурдҳои фарошинохтӣ дар беҳбуди дарки матолиби хондан маънодор мебошад. Ҳамчунин, Броин ва Понсор (1982) дар таҳқиқе ба ин натиҷа расиданд, ки дар садди посухҳои саҳеҳ марбут ба саволоти дарки матолиб барои як идда донишомӯзон пеш аз омӯзиши хос понздаҳ дарсад буд, аммо пас аз ислоҳи ин мизон то ҳудуди панҷоҳ дарсад афзоиш ёфт ва пас аз он ки шеваҳои фарошинохтӣ барои ёдгирӣ ба ин донишомӯзон омӯхта шуд, онҳо умуман тавонистанд тақрибан ҳаштод дарсад саволоти дарки матлабро дуруст ҷавоб диҳанд. Ҳамчунин, роҳбурдҳои фарошинохтие, иддаи донишомӯзон омӯхтаанд, ки корҳояшон дар барномаи иддае аз клоси дарс низ интиқол дода шуд. Доманаи пешрафт дар амалкарди клоси ин донишомӯзон рақами байни 20 то 46 дарсадро нишон медод.

Таҳқиқи Гарю ва Инстонсин (2009) нишон дод, ки хонандагони хуб бештар аз дигар хонандагон бо короии камтар бар дарки матлаби худ назорат доранд. Ҳамчунин, бештар аз хонандагони заиф ба роҳбурдҳое, ки истифода мекунанд, огоҳӣ доранд. Ба илова, хонандагони хуб ба таври мудавом пешбиниҳои худро арзёбӣ мекунанд ва дар ҳар бора мутобиқат доранд (Порис, Лепсун ва Ваксун, 1983 Амолӣ ва Чомут, 1990 Порис Восик ва Тарнир, 1991). Ҳамчунин, ба дунболи тасбит

мухтасаран омӯзиш, бехбуди ёдгирӣ ва интиқол то моҳҳо пас аз он ҳамчунин мушоҳида мешавад. Бар тибқи таҳқиқоти Броун ва ҳамкорон тавоноиҳои фарошинохтӣ дар синҳои панҷ то ҳафтсолагӣ буруз мекунад ва дар солҳои баъд густариш меёбад. Бинобар ин, роҳбурдҳои мутаносиби фарошинохтро метавон аз ҳамон солҳои пеши дабистонӣ ба бачаҳо омӯзиш дод. Мутаассифона, чигунагии истифода аз ин роҳбурдҳо маъмулан, ба шогирдон омӯхта намешавад. Ба таври хулоса, барои рушди маҳоратҳои фарошинохтӣ бехтар аст, муаллимон ба тадобири зер таваҷҷуҳ дошта бошанд:

- Қабл аз ҳар чиз, маҳорати назорат бар амалро дар донишомӯзон шукуфо созем. Ба инҳо ёд диҳем, ки мутолиаи китоб ҳамроҳ бо назорат бошад. Аз тарафи дигар, дар канори назорат бояд маҳорати диққат бар таклифро дар онҳо шукуфо созем. Бидуни тардид ва таваҷҷуҳ яке аз муҳимтарин авомили шинохтӣ аст, ки дар фаҳми бехтар таъсир дорад.
- Аз ҳамон солҳои аввали таҳсил бояд ба донишомӯзон омӯхт, ки ба мутолиаи китобҳо ва масоили перомуни худашон таваҷҷуҳ дошта бошанд ва ҳар матлаберо бо ҳарфи дарёфти ҳақиқии он мутолиа кунанд, на ин ки ба сатҳихонӣ қонеъ шаванд.
- Ҳамчунин донишомӯзон бояд созмондиҳии иттилоотро биомӯзанд. Бенизомӣ ва бесозмонӣ монеаи ёдгирӣ аст ва боиси коҳиши ангезаи пешрафти таҳсилӣ мешавад.

Роҳкориҳое барои такомули маҳоратҳои фарошинохт:

1. Ба донишомӯзон бояд кӯмак кард, то дарк кунанд, ки фаъолиятҳои мухталифи ёдгирӣ интизороти мутафовитеро металабад. Масалан, донишомӯзони сутӯҳ бояд бидонанд, ки хондани феҳристе аз луғот ва ё ҳифз кардани онҳо бехтарин равиши ёдгирӣ ё бакоргирии калимоти ҷадид нест. Равиши муассиртари ёдгирӣ таърифи ҳар луғат ва бакоргирии он дар мавридҳо ва мавқеиятҳои фаровон ва мутафовит аст. Ё барои мисол, донишомӯзони сутӯҳи боло бояд бидонанд, ки омода шудан барои як имтиҳони дуруст ё ғалат бо равиши имтиҳони ташреҳие, ки ниёз ба тавоноии муртабит сохтани мафоҳим бо якдигар ва зикри мисолҳои хориҷ аз матн дорад, мутафовит аст. Бинобар ин, муаллимон набояд доим муҳтавои дарсро ба донишомӯзони худ биомӯзанд, балки бояд равиши арзёбӣ ва шеваи омода шудан барои ёдгириро низ омӯзиш диҳанд.
2. Донишомӯзон бояд матолиби муҳимро бехтар ташхис диҳанд ва матолиби аслиро аз фаръӣ мутамоиз созанд. Агар қарор бошад, ки бештарин ошноиро касб кунанд, бояд матни дарсро бихонанд. Дар ғайри ин сурат муқаддима ва ё хулосаро бояд мутолиа кунанд.
3. Донишомӯзон бояд биомӯзанд, ки иттиллоъ аз шинохти худ асари муҳимме дар ёдгирӣ дорад. Иттилоъ аз ёдгирифтаҳо бо фаҳми бехтар ва бештари матолиби ҷадид кӯмак мекунанд. Огоҳӣ аз омӯхтаҳои қаблӣ ва иртиботи маънодор, бо омӯхтаҳои ҷадид ёдгириро тасҳил ва фаромӯширо заифтар мекунад ва ҳамчунин, дар таҳкими ангезаи мутолиа таъсир дорад.
4. Донишомӯзон бояд равиши хулоса кардани матолибро биомӯзанд. Хулоса кардани матолиби мунҷар бо омӯзиши равишҳои амалӣ фарошинохт мешавад. Чаро ки лозимаи хулоса кардан, таркиб, таҳлил ва арзишёбии матолиб аст, ки ҳамагӣ аз фарояндҳои шинохти сатҳи боло ҳастанд. Дар хулоса кардани матолиб донишомӯзон тавони истихроҷи мушобеҳ ва тафовутҳоро пайдо мекунанд ва ин на танҳо ба амри ёдгирӣ кӯмак мекунад, балки миқдори замони мавриди ниёз барои ёдгирии матолибро коҳиш медиҳад ва дар натиҷа, донишомӯз коромадтар амал мекунад ва дертар хаста мешавад. Мутаассифона, бисёре аз донишомӯзон дар бакоргирии ин маҳорати амали фарошинохт нотавон ҳастанд. Таҳқиқоти Гловер (1989) нишон медиҳад, ки вақте донишомӯзон хулоса ё намунае аз маводи хондани ва дарси муаллимро таҳия мекунанд, ба маҳфузоти дарсии эшон афзуда мешавад.
5. Донишомӯзон бояд равиши саволро биёомӯзанд. Савол даровардан низ аз обзорҳои муҳимми омӯзиши маҳоратҳои фарошинохтӣ аст. Чаро ки таҳияи саволи мусталзим фаҳми матолиб аст. Таҳияи савол мизони диққати донишомӯзонро иртиқо мебахшад. Тавони ташхиси матолиби муҳимро рушд медиҳад ва муҳимтар аз ҳама зеҳни донишомӯзонро ба посух ба ин гуна саволот савқ медиҳад. Тавсеа мешавад, ки донишомӯзон ҳангоми мутолиа аз худ саволоте бипазиранд, чаро ки баёдоварии иттилооти муҳим кӯмак мекунанд.
6. Донишомӯзон бояд қудрати бозбинӣ ва назорат бар ёдгириро биомӯзанд. Донишомӯзони моҳир дар хусуси мизони пешрафти худ дар амри ёдгирӣ ба қазоват менишинанд. Онҳо мушаххас мекунанд, чи чизеро ба хубӣ фаро гирифтаанд ва дар чи чизе ба ҳадди маҳорат наздик ҳастанд. Дар чи чизе ниёз ба талоши бештаре

доранд. Ин бозбинӣ аз он ҷиҳат аҳамият дорад, ки донишомӯзон талошҳои худро бар он чи бояд ёд бигиранд, мутамарказ мекунад. Бинобар ин, барои ёдгирии беҳтар ниёз ба рушди маҳоратҳои фарошинохтӣ аст. Барои баҳрагирии бештар аз дониши фарошинохтӣ бояд ба донишомӯзон тавсеа шавад:

- дар бораи он чи мехонанд, пешбиниҳое бикунанд, талош кунанд, то бифаҳманд чӣ иттифоқе баъд хоҳад афтод ва чи гуна матн мумкин аст поён ёбад. Сипас, хонданро аз сар бигиранд, то диққати худро биёзмоянд ва пешбиниҳои худро тасҳеҳ кунанд;
- дар хилоли омӯзиш ва ҳалли масъала, тамаркузи ҳаввос дошта бошад;
- мафоҳими ҷадидро бо сохтаҳои дониши мавҷуд иртибот диҳанд;
- аз худашон савол кунанд;
- таваҷҷуҳи худро ба иттилои муҳимми матн маътуф кунанд ва ба иттилооти номарбути матн ё такаллуф таваҷҷуҳ накунанд;
- ба арзиши мафоҳим таваҷҷуҳ кунанд;
- ҳангоми хондан ва масъалаи кушоиш сайъе кунанд, ки шахсиятҳо, вақоеъ ва мавқеиятҳои матнро дар зеҳни худ муҷассам кунанд, то ба онҳо дар фаҳми матн кӯмак кунад.

А Д А Б И Ё Т

1. Anastasion, D & Griva Eien. Elementary Eduction online, 8 (2)? 283-297, 2009. http: ilko gretim-online. Org.tr/
2. Brown A. L. & Pulincsar A. S. (1982). Inducing strategic learning and Learning Dis abilities/ 2 (1), 1-160- 317.
3. Cross D.R. & Paris S. G. (1988). Developmental and instructional Analysis of children's Metacognition and Reading Comprehension. Journal of Educational psychology, 80 (2), 131-142.
4. Glover J.A. (1989). The Testing Effect: Not Gone But Nearly Forgotten Journal of Educational psychology.
5. Hong Z. (2007). The Effect of learning Strategies on Reading Comprehension. Sino-Us English Teaching, 4 (4): 15-18.
6. Kuhn D. & Dean D. (2004). A. Bridge Between Cognitive Psychology and Educational Practice. Theory into Practice, 43 (4), 268-273.
7. Martinez M. E. (2006). What is Metacognition Phi Delta Kappan 696-699.

ИССЛЕДОВАНИЕ РОЛИ ВСЕОБЪЕМЛЮЩЕГО ОБУЧЕНИЯ В ОБУЧЕНИИ И ИЗУЧЕНИИ ЯЗЫКОВ

В данной статье рассматривается роль всеобъемлющего обучения в повышении качества обучения и изучения языков посредством метакогнитивных навыков, а также предлагаются рекомендации для студентов и учителей в лучшей реализации этих умений и навыков.

Ключевые слова: всеобъемлющее обучение, метакогнитивные навыки, всеобъемлющие знания, изучение обучения.

A COMPREHENSIVE STUDY OF THE ROLE OF EDUCATION IN TEACHING AND LEARNING LANGUAGES

Мутаассифона, баъди заволи давлати Сомониён дар муддати қарнҳои зиёд тоҷикон аз сари қудрат дур гардиданд. Бо вуҷуди ин, адибони мо аз мавзӯи сиёсат даст накашиданд ва дар осори хеш зуд-зуд аз он ёдрас мешуданд. Агар як гурӯҳ шоирони маддоҳ бо тақозои мавқеашон дар дарборҳо ба ин мавзӯъ даст зананд, гурӯҳи дигар, ки бештар бо мардуми оддӣ наздикӣ доштанд, тавассути осорашон ба тарбияи аҳли сиёсат пардохтанӣ мешуданд. Аз ҷумлаи чунин мутафаккирон Саъдии Шерозӣ буд. Саъдии Шерозӣ бо номи“Гулистон”шоҳасаре офарид, ки ҳанӯз дарзамони хеш маъруф гардид ва то имрӯз заррае аз маъруфияти он накостааст. Асари мазкур аслан мавзӯи панду ахлоқро фаро мегирад. Дар баробари ин, дар асар

қисматҳои махсус ба мавзӯи сиёсатуд авлатдорӣ бахшидашудаанд ва, бешак, муаллиф истилоҳоти мансуби соҳаи сиёсатро васеъ корбаст намудааст.

Мусаллам аст, ки забони тоҷикӣ ҳанӯз аз қарнҳои 1Х-Х ташаккул ёфта,забони илм гардида буд. Аслан“забони илм ва истилоҳоти илмӣ сурати воқеии дараҷаи пешрафти илм ва намоёнгари сатҳи тафаккури ҳар қавму миллат дар фосилаи муайяни таърихист” (3, 3). Истилоҳоти соҳаи сиёсат дар “Гулистон” бо сабаби дахл ба мавзӯи сиёсат фаровон ба назар мерасад. Ба тарзи мухтасар истилоҳоти соҳаи мазкурро метавон ба зергурӯҳҳо ҷудо кард.

Номи муассисаҳои давлатӣ: Муассисаҳои давлатӣ дар идораи кишвар нақши муҳим доранд. Ҳар як муассиса дорои нишона ва вазифаҳои мушаххаси худ аст. Дар замони муосир номгузории ин ё он муассиса вобаста ба вазифаҳои он нисбатан мушаххас сурат мегирад. Масалан, агар вазифаи як муассисаи давлатӣ ба танзим даровардани робитаву муносибатҳои кишвар бо мамолики хориҷӣ ва муайян кардани мавқеи кишвар дар арсаи байналмилалӣ бошад, номи он идора маъмулан “Вазорати корҳои хориҷӣ аст”, агар фаъолияти идораи давлатӣ ба таълиму тарбия равона гардида бошад, онро одатан “Вазорати маориф” меноманд. Аммо бояд гуфт, ки дар таърихи башар то расидан ба дараҷаи муайяни рушд дар замонҳои гуногун ва дар макони гуногун номи чунин муассисаҳои давлатӣ гуногун будааст ва ин, пеш аз ҳама, ба сохти давлату давлатдорӣ мансуб аст.

Мардуми тоҷик низ дар муддати ҳастии худ шоҳиди сохторҳои гуногуни давлатдорӣ гардидааст, ки дар қаламрави кишвараш роиҷ буд. Маъмултарин шакли давлатдорӣ, ки тоҷикон аз сар гузаронидаанд, низоми шоҳигарӣ аст. Вобаста ба ин дар осори адабони классики мо, аз ҷумла Саъдии Шерозӣ истилоҳоти мансуб ба соҳаи маъмуриву давлатдорӣ корбаст гардидаанд, ки як қисми онҳо калимаҳои иқтибосӣ ва гурӯҳи дигар калимаҳои аслан тоҷикӣ мебошанд.

Намунаҳои аз «Гулистон» бадастомада шаҳодат бар он медиҳанд, ки гурӯҳи зиёди истилоҳоти мансуб ба номи муассисаҳои давлатӣ дар ин асар корбаст гардидаанд. Истилоҳоти мансуб ба номи муассисаҳои давлатӣ, ки дар «Гулистон»истифодашудаанд, азинҳоибораанд:

Давлат. Вожаи давлат дар забони тоҷикӣ, азҷумладарадабиётиклассикӣ ва ҳамдар «Гулистон»-и Саъдӣ хеле зиёд ба маънои «молу мулк, бойигарӣ, дороӣ, сарват» (15, 411) ба назар мерасад. Аз ин ҷо мафҳумҳои “давлатманд”, “давлатёр”, “соҳибдавлат” маъмуланд. Аммо маънии дигари вожаи мазкур тобиши сиёсӣдорадваонромуфассирончуниншарҳдодаанд: «Давлат – ташкилоти сиёсии як ҷомеа, ки созмонҳояш умури онро идора менамояд; мамлакате, ки ба чунин ташкилот соҳиб аст» (15, 411).Дар «Гулистон» ба ин маънӣомаданивожаи**давлат** аз рӯйи матн муайян мегардад. Чунончӣ:

*Падар бихандид ва аркони **давлат** биписандиданд ва бародарон ба ҷон биранҷиданд (32). Мақоме муттасеъ тартиб карданд ва аркони **давлат**у аъёни ҳазрат ва зӯроварони рӯйи замин ҳозир шуданд (58)*[6].

Дар ҷумлаҳои зикршуда вожаи **аркон** (маънои маҷозиаш «бузургон» (15, 84)) мусоидат намудааст, то **давлат** ба маънии як созмони сиёсӣ фаҳмида шавад, зеро **«аркони давлат** зимомдорони давлат, мансабдорони бузурги ҳукумат» (15, 83) мебошанд. Бояд гуфт, ки Саъдӣ дар ҳар ҷойе вожаи **давлат**ро дар алоҳидагӣ зикр намояд, муродаш *ганҷу сарват* будааст.

Боргоҳ. Дар осори классикӣ вожаи **боргоҳ** ба маънои «қабулгоҳи подшоҳон ва амирон; қаср, кохии подшоҳӣ» (13, 204) ба назар мерасад. Ин вожа иқтибосӣ набуда, вожаи аслан тоҷикист, ки аз решаи **бор** ва пасванди исми маконсози«-гоҳ» сохта шудааст. Вожаи **боргоҳ** дар «Ғиёс-ул-луғот» шарҳ наёфтааст, аммомуаллифи «Бурҳони қотеъ»мегӯяд: «**Боргоҳ** бар вазни **чоргоҳ**; хаймаи подшоҳон ва салотинро гӯянд; ва ҷойи рухсат ва иҷозат бошад... (12, 143). Дар таъйиди ин гуфтаҳо Ҳасани Анварӣ овардааст: «боргоҳ – даргоҳ, дарбор ё ҷойе, ки подшоҳон ва бузургон дар он бор медоданд ва мардумро ба ҳузур мепазируфтанд» (8, 267). Саъдии Шерозӣ ба ин маънӣ мефармояд:

Ману ту ҳарду ҳоҷатошонем,

---

[6] Саъдии Шерозӣ. Гулистон. –Душанбе: Дониш, 1988. -216 с. Минбаъд дар қавсайн ба саҳифаҳои асари мазкур ишора мегардад.

*Бандаи **боргоҳи** султонем (93).*

Даргоҳ. Вожаи**даргоҳ** низ мисли вожаи**боргоҳ** аслан тоҷикӣ буда, аз решаи **дар** ва пасванди «-гоҳ», ки исми макон месозад, таркиб ёфтааст. Вожаи мазкур дар шоҳасаримавридитаҳқиқкорбурди зиёд надорад. Саъдӣ мефармояд:

*...ба **даргоҳи** малик ҳозир оварданд (34). Яке аз мулуки араб мутааллиқони девонро фармуд, ки марсуми фалонро, чандон ки ҳаст, мазоаф кунад, ки мулозими **даргоҳ** асту мутарассиди фармон... (56).*

Шарҳи вожаи **даргоҳ** дар фарҳанг чунин аст: «1. Дамгаҳи дар; остонаи дар; дар. 2. боргоҳ, дарбор, арк ва қасри подшоҳӣ. 3. ҳавлӣ, хона (13, 329). Дар ҷумлаҳои аз «Гулистон» овардашуда, албатта, ба маънии 2-юм, яъне **боргоҳ** истифода гардидааст. **Даргоҳ** ба маъниҳои дигар, аз ҷумла *хона, манзил* дар забони муосири тоҷикӣ истифода мегардад.

Айвон. Яке аз вожаҳое, ки чун истилоҳи сиёсӣ дар асари мавриди таҳқиқ ба назар мерасад, вожаи **айвон** аст. Ин вожа дар адабиёти классикӣ ба ду маъно роиҷ будааст: 1. *кӯшк, қаср, кох; 2. пеши хона, даҳлез.* (15, 49). Барои муайян кардани ифодаи маъноии вожаи мазкур матн метавонад нақши муассир дошта бошад. Масалан, вожаи мазкур дар «Гулистон» ба маънои аввал, яъне *кӯшк ё қасри шоҳ*истифода гардидааст, ки ба ин зикри номи шоҳ Фаридун далолат мекунад. Чунончи:

*Бар тоқи**айвони** Фаридун набишта бувад... (31)*

Муаллифи «Ғиёс-ул-луғот» вожаи **айвон**ро бо **ивон** ҳамгун медонад ва дар шарҳи он мафармояд: «**Ивон ایوان** нишастгоҳи баланд, ки бар он сақф бошад ва кӯшк ва долони бузург; ва ин муарраби **айвон** (билфатҳ; аз шурӯҳи«Нисоб»ва«Баҳори Аҷам»ва«Канз»); ва дар «Мунтахаб»навишта, ки **ивон** (билкаср) сафҳаи бузург, ки зоҳиран муарраби **айвон** аст, ки дар форсӣ ба фатҳ мустаъмал мешавад (10, 105). Муҳаммад Ғиёсуддин ҷойи дигар менависад: «**Ивон اوان** ба маънии айвон ва кӯшк». **Айвон**ро ба маънии мазкур дигарон низ корбаст намудаанд. Масалан, Хоқонӣ мефармояд:

Эй манзараву кох бароварда ба хуршед,
*То гунбази гардон бикашида сари **айвон**.*

Дар замони муосир вожаи **айвон** чун истилоҳи сиёсӣ корбаст намегардад, онро ба маънии *пешгоҳи хона*истифода мекунанд.

Сарой. Аз панҷ маънои вожаи сарой, ки дар фарҳангҳо дода шудааст, яке чунин аст: «қаср, дарбор, ҷойи нишасти шоҳон» (16, 220). Албатта барои ифодаи маъноии ин калима матн мусоидат мекунад. Масалан, дар ҷумлаи зер зикр гардидани номи Ӯғулмиш, ки яке аз ашхоси таърихӣ буд, боис гардидааст, ки вожаи**сарой** тобиши сиёсӣ гирад ва ба маънои фавқуззикр ояд:

*Сарҳангзодаеродар**саройи** Ӯғулмишидидам... (36).*

Ва ё дар байти зерин зикри номи Атобак, ки номи шоҳе аз сулолаи Атобакони Эрон будааст, дар ифодаи маъноии вожаи**сарой** мусоидат намудааст:

То нашнавӣ зи масҷиди одина бонги субҳ,
*Ё аз дари **саройи** Атобак гиреви кӯс... (145).*

Дар баробари ин, вожаи **сарой** дар «Гулистон» ба маънои *анбор*низ корбурд дорад:

*...шабе оташи матбах дар анбори ҳезумашафтодвасоириамволашбисӯхт... боёрон ҳамегуфт: - Надонам, иноташазкуҷодар**сарой**и ман афтод (57).*

Ҳарам. Муаллифи «Ғиёс-ул-луғот» дар шарҳи вожаи мазкур, ки аз забони арабӣ иқтибос шудааст, мегӯяд: «маҳалсарой; ва ба маънии манкуҳа ... низ оранд» (10, 273). Яъне маънии аслии **ҳарам** «манъ кардашуда, ҷойе, ки даромадан ба он ва кардани баъзе корҳо дар он ҷо манъ бошад» (15, 732). Дар баробари ин,вожаи**ҳарам** ба маънои «ҳавлии дарун, саройи подшоҳон ва ашрофу боён» (13, 732) шарҳ ёфтааст. Ба ин маънӣ дар «Гулистон» омадааст:

*Дар назараш ҳақиромадба ҳукмионкикамтаринихуддоми**ҳарам**и ӯ ба ҷамолаз ӯ дарпешбудандвабазинатбеш (143).*

Сароча. Вожаи**сароча** бо роҳи илова гардидани пасванди «-ча» ба вожаи**сарой** сохта шудааст. Он маъноҳои «хонаи хурд; кӯшк; ҳавлии дарун» (18, 221), «саройи кӯчак» (9, 1278)-ро ифода менамояд. Аз инҳо ба маънои **кӯшк** дар «Гулистон» вомехӯрад, зеро сухан дар мавриди сарочаи малик, яъне кӯшки ӯ, меравад. Саъдии Шерозӣ мефармояд: *Дар аҳёи араб бигардиданд ва ба даст оварданд ва пеши малик дар саҳни **сароча** бидоштанд* (143).

Девон. Вожаи мазкур дорои чанд маъност, ки яке аз онҳобасоҳаиидорӣ мансубаст: «маҳкама, идораидавлатӣ, вазоратхона» (15, 362). Аз ҷиҳати баромад

вожаи мазкур мансуб ба забони тоҷикист. Он аз ҷузъҳои dipi+pāna (ҷойи нагаҳдории навиштаҳо ё аснод) (6, 223) ташаккул ёфтааст. Муҳаммад Ғиёсуддин вожаи мазкурро дар шакли **дивон** меорад ва чунин шарҳ медиҳад: «**Дивон**ديوان муарраби **девон** (ки ба ё-и маҷҳул аст, ба маънии ҷойи ҷамъшудани мардум; *маҷозан* ба маънии дафтари муҳосаба ва качеҳрӣ; ва ба маънии доруладолат ва макони нишастани мулук ва умаро ва соҳиби доруладолат ва соҳиби маснад...»(10, 353). Саъдӣ дар«Гулистон»мефармояд:

*Яке аз мулуки араб мутааллиқони **девон**ро фармуд... (56). Якеро дӯсте буд, ки амали **девон** кардӣ, муддате иттифоқимулоқотнаяфтод (84).*

Дар осори таърихӣ вожаи**девон**чун истилоҳи сиёсӣ ба маънои идораи давлатӣ бештар корбаст гардидааст. Масалан, дар замони салтанати Сомониён дар сохтори давлатдорӣ номи идораҳои давлатиро ба тариқи Девони вазир, Девони муставфӣ, Девони соҳиб-ул-барид, Девони муҳтасиб ва амсоли ин номгузорӣ карда буданд, ки ҳар яке соҳаи махсусро дар корҳои давлатдорӣ пеш мебурд. Месазад, ки имрӯз **девон** имрӯз ҷойгузини вожаи **вазорат** бошад.

Хизона. Дар асл шакли ин калима**хазина** буда, баромади арабӣ дорад. Чун «Гулистон» бо насри мусаҷҷаъ таълиф гардидааст, муаллиф гоҳе ба хотири риояи қавоиди насри мусаҷҷаъ ва хушоҳангӣ вожаи мазкурро дар шакли **хизона** овардааст:

*Чун раият кам шуд, иртифои вилоят нуқсон пазируфт ва **хизона** тиҳӣ монд ва душманон зӯр оварданд (37). ...хонаи раият хароб кардӣ, то хизонаи султон обод кунад... (51).*

Хазина «ҷойи нигоҳ доштани пул ва ҷавоҳирот; сандуқи давлатӣ; ганҷина» (16, 433) будааст. Дар муқоиса бо муродифи дигар – **байтулмол**, вожаи **хизона** дар асари мавриди тадқиқ бештар истифода гардидааст.

Ҷамъбандии ин калима дар «Гулистон» бо қолаби арабист:

*Аркони давлат ва аъёни ҳазрат васияти малик ба ҷой оварданд ва таслими мафотеҳи қилоъ ва **хазоин** бад-ӯ карданд (83). ...мулуки пешинро **хазоин** ва умру лашкар беш аз ин будааст... (66).*

Дар замони муосир низ вожаи **хазина** ҳамчун истилоҳи соҳаи сиёсат корбаст мегардад. Аз ҷумла яке аз муассисаҳои бонуфузи байналмилалӣ «Хазинаи байналмилалии асъор» унвон дорад ва вожаи **хазина** дар ин ном расман ба маънии *ганҷинае* омадааст, ки ба захираҳои хусусии ашхоси алоҳида рабте надорад.

Байтулмол. Вожаи **байтулмол,** ки дар «Гулистон вомехӯрад, ба маънии *хазинаи давлатӣ* омадааст. Баромади арабии вожаи мазкурро ба назар гирифта, онро чунин шарҳ додаанд: «Байтулмол –хазинаи давлатӣ дар кишварҳои исломӣ барои нигоҳ доштани пул ва мол» (15,129). Саъдӣ дар «Гулистон» мефармояд:

*Ин гадои шӯхи мубаззиро, ки чандон неъмат ба чандин муддат барандохт, бironед, ки хизонаи **байтулмол** луқмаи масокин аст, на тӯъмаи ихвон ишшаётин (43).*

Бояд гуфт, ки дар таркиби ибораи **хизонаи байтулмол** вожаи**хизона** ба маънии *ганҷ, сарват, бойигарӣ* омадааст, на ба он маъное, ки дар боло зикр намудем.

Ганҷ. Вожаи**ганҷ,** ки аслан тоҷикӣ буда, дарзабонипорсиимиёнанизайнандар ҳаминшаклвомехӯрад, дар фарҳангномаҳо чунин тафсир гардидааст: «1. тиллову нуқра ва ҷавоҳироти мавҷуд ё дар зери хок пинҳонкарда. 2. хазина, махзан, ганҷина» (15, 311). Дар мавриди зиёд вожаи мазкурро Саъдии Шерозӣ дар «Гулистон»ба маънои якум, яъне *сарвату бойигарӣ* истифода кардааст, ба мисли:

Кимиёгар ба гуссамурдавуранҷ,
Аблаҳ андархаробаёфтаганҷ (50).

Дар ҷумлае муроди нависанда аз зикри вожаи **ганҷ** ҳамон *хазина* ё худ *байтулмоли* давлат будааст ва барои чунин бори маъноиро кашидани вожаи мазкур дар матн зикри шоҳ Фаридун мусоидат намудааст. Дар ин маврид дар баробари муродифоти арабиаш Саъдӣ аз вожаи тоҷикӣ низ истифода кардааст. Чунончи:

*Ҳеҷ тавон донистан, ки Фаредун **ганҷу** мулку ҳишамнадошт, чӣ гунабар ӯ мамлакатмуқарраршуд?* (37).

Ҳисор. Вожаи**ҳисор** арабӣ буда, ба маънои «ҷойи мустаҳкам, қалъа» (16, 748); «қалъа, диж» (8, 861)меояд.Дар манзумае, ки баҳси рояту парда зикр мегардад, вожаи **ҳисор** ба маънии зикршуда корбаст гардидааст. Саъдӣ аз забони роят мегӯяд:

Ман зи хидмат даме наёсудам,
Гоҳу бегоҳ дар сафар будам.
*Ту на ранҷ озмудаӣ, на**ҳисор**,*
На биёбону боду гарду губор (93).

Дар баробари ин, **ҳисор** ба маънии «паноҳгоҳе, ки шахсро аз дастрасии душман дур нигоҳ медорад; ҷонпаноҳ» (8, 861) тафсир гардидааст, ки ин ҳамон «девори даври

қалъа» (16, 748) аст. Саъдӣ дар ҳикояте аз ҳамсафар гардиданаш бо дарвешон сухан меронад ва ҷойе вожаи мазкурро зикр мекунад, ки ба маънии боло омадааст:

*Рӯзетобашабрафтабудемвашабонгоҳ ба пойи **ҳисор** хуфта. Дузди бетавфиқ ибриқи рафиқ бардошт, ки ба таҳорат меравам ва ба ғорат мерафт. ...ба бурҷе рафт ва дурҷе бидуздид (70).*

Вожаи **ҳисор** имрӯзмансуб ба гурӯҳи вожаҳои таърихист.

Қалъа. Вожаи арабии **қалъа**низ дар «Гулистон» мавриди истифода қарор гирифтааст. Муфассирони луғатномаҳои гуногун шарҳи ин калимаро дар маҷмӯъ ба таври зер овардаанд: «ҳисор бо деворҳои баланду ғафс ва бурҷҳои мустаҳкам, ки барои муҳофизат аз душман ва муқовимат ба он сохта шудааст, диж» (16, 653). Саъдӣ мефармояд:

*...ногоҳ савореаздардаромадвабашоратдод, кифалон**қалъа**ро ба давлати Худованд кушодем ва душманон асир омаданд... (39). Бомдодон ҳамароба**қалъа** даровардand ва бурданду ба зиндон карданд (70).*

Дар маҷмӯъ 6 истилоҳи мансуб ба номи муассисаҳои давлатӣ вохӯрд, ки Саъдии Шерозӣ дар «Гулистон» аз онҳо истифода кардааст.

Зиндон. Таҳти мафҳуми **зиндон** «бандихона, ҳабсхона, маҳбас» (15, 545) фаҳмида мешавад, ки маъмулан бо фармоиши ҳукуматдорон сохта мешуд ва онро барои нигоҳ доштани ҷиноятқорон, гунаҳқорон истифода мебурданд. Вожаи**зиндон** вожаи аслан тоҷикӣ маҳсуб мешавад. Дар «Гулистон», ки сухан аз замони шоҳиву мамлакатдорӣ меравад, вожаи мазкурро дучор мегардем. Чунончи:

*...рӯй аз ин сухан дарҳам кашиду ба **зиндон**аш фиристод (38). Он чи мазмуни хитоби малик буд, аз уҳдаибаъзебадаромад ва ба бақиятедар**зиндон**бимонд (55). ...бурданду ба **зиндон** карданд (70).*

Бояд гуфт, ки дар забони матбуот имрӯзҳо вожаи мазкур дубора эҳё гардидааст ва ба ҷойи «ҳабсхона» ва «маҳбас» зуд-зуд корбаст мегардад. Дар асл месазад, ки дар низоми истилоҳоти соҳа вожаи **зиндон** расман пазируфта шавад ва ҷойгузини вожаҳои «ҳабсхона» ва «маҳбас» гардад, зеро бори маъноии он ду вожаро кашида метавонад, аз ҷониби дигар, аслан тоҷикӣ асту аз нигоҳи талаффуз низ мақбултар.

Номи рамзҳои давлатдорӣ. Дар олами сиёсат, хосса дар ойини кишвардорӣ рамзҳои давлатӣ аз унсурҳои муҳимтарин маҳсуб мешаванд. Бояд гуфт, ки чунин рамзҳо, ки дар ниҳон аз ин ё он хусусияти кишваре ё давлате дарак медиҳанд, то имрӯз хеле муҳим ҳисобида мешаванд. Истилоҳоте, ки номи рамзҳои давлатдориро ифода мекунанд, дар асари мавриди таҳқиқ зиёд нест.

Тоҷ. Дар ойини подшоҳӣ**тоҷ**яке аз рамзҳои асосӣ ва муҳимтарин маҳсуб мешавад. Вобаста ба замону макон шакли тоҷ гуногун будааст, вале дар ҳама маврид он аз анвои дигари кулоҳ ба куллӣ фарқ мекунад. Чун дар «Гулистон» сухан аз давлату давлатдорӣ низ меравад, мусаллам аст, ки зикри ин вожа ногузир мегардад. **Тоҷ** ба гунаи «кулоҳе маъмулан ҷавоҳирнишон, ки подшоҳ ба нишонаи салтанат бар сар мегузорад» (8, 564); «кулоҳи бо ҷавоҳирот зинатдодашудае, ки шоҳу амирон дар маросимҳои расмӣ ба сар мегузоштанд» (16, 369) тафсир шудааст. Саъдӣ мефармояд:

*Ба **тоҷи** Кайхусрав набишта буд... (58). ...**тоҷи** шоҳӣ бар сари вай ниҳанд ва тафвизи мамлакат бад-ӯ кунанд (83).*

Дар амал кӯшу ҳар чӣ хоҳӣпӯш,
*Тоҷ бар сар неҳу **алам** бар дӯш (70).*

Алам. Рамзи дигаре, ки дар ойини давлатдорӣ хеле муҳим аст, мавҷудияти парчам ё худ **алам** аст. Аз даврони қадим дар ойини мамлакатдорӣ ба мавҷудияти **алам** ё худ дурафш аҳамияти хоса медодаанд. Ҳамон гуна ки аз «Шоҳнома»-и безаволи Фирдавсии Тӯсӣ бармеояд, ҳанӯз Коваи оҳангар баҳри сарҷамъ овардани ҳаммаслакони хеш дар мубориза бо Заҳҳок аз пешдомани чармиаш дурафше сохт, ки дар заминаи он баъдан ибораи «Дурафши ковиёнӣ» маъруф гашт. Бояд гуфт, ки ин рамзи давлатдорӣ дар замони муосир низ аҳамияти хеле муҳим касб кардааст. Вожаи **алам,** ки дар «Гулистон» корбурд дорад, иқтибос аз забони арабӣ аст. Муҳаммад Ғиёсуддин дар «Ғиёс-ул-луғот» онро «роят ва нишони лашкар...» (11, 74) маънидод мекунад. Дар фарҳанги дигар вожаи**алам** чунин шарҳ дода шудааст: «байрақ, роят, ливо, дурафш» (13, 54). Дар «Гулистон» омадааст:

Дар амал кӯшу ҳар чӣ хоҳӣпӯш,
*Тоҷ бар сар неҳу **алам** бар дӯш (70).*

Имрӯз дар забони тоҷикӣ ба ҷойи вожаи **алам** вожаи тоҷикии **парчам** истифода мегардад, ки он “байрақ”-и дар замони шӯравӣ маъруфро иваз намудааст.

Роят. Вожаи мазкур низ иқтибос аз забони арабӣ ва муродифи вожаи**алам** аст ва ҳамон «парчам,байрақ, алам, ливо» (16, 175) мебошад. Дар «Гулистон» дар як манзума ду маротиба корбаст гардидааст. Мисол:

Ин ҳикояшунав, кидарБағдод
Роят*у пардаро хилоф афтод.*
Роят *аз гарди роҳуранҷирикоб*
Гуфт бо парда аз тариқиштоб... (93).

Тахт. Аз рамзҳои дигари давлатдорӣ, ки хеле муҳим арзёбӣ мегардид, **тахт** мебошад. Дар шарҳи вожаи**тахт** дар Фарҳанги забони тоҷикӣ омадааст: «ҷойи нишасти подшоҳ дар маросимҳои расмӣ, сарир, авранг» (14, 343). Вожаи мазкур дар «Гулистон» серистеъмол нест:

*Яке аз вузаро пойи **тахти** маликро бӯсадодварӯйишафоатбарзаминниҳод... (34).*

Номи санаду ҳуҷҷатҳо. Санаду ҳуҷҷатҳо дар соҳаи сиёсат, ба хусус давлату давлатдорӣ хеле муҳим арзёбӣ мегарданд. Бинобар ин ҳар гоҳ ки сухан аз сиёсату давлатдорӣваҳукуматуҳукмронӣмеравад, ҳатман аз санаду ҳуҷҷатҳои муҳимми соҳа ёдоварӣ мегардад.Дар «Гулистон» танҳо як истилоҳи мансуб ба ин соҳа дучор шуд – **фармон.**

Вожаи **фармон** аслан тоҷикӣ аст. **Фармон** бақатори санаду ҳуҷҷатҳое дохил мешавад, ки ба гурӯҳи истилоҳоти маъмуриву давлатдорӣ мансуб аст. Вожаи мазкур дар Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ баври зерин шарҳ дода шудааст: «амр, ҳукм; ҳукме, ки аз тарафи идораи олӣ ё шахси воломақоме содир мешавад» (16, 401).

Дар «Гулистон» феъли таркибие, ки ҷузъи номиашро вожаи**фармон** ташкил медиҳад, ба мисли **фармон додан,** хеле зиёд ба назар мерасад. Ҳамчунин, дар баъзе мавридҳо вожаи мазкур ҳамчун исм истифода шудааст, аммо ишора ба амрест, ки шоҳ ё амалдоре шифоҳӣ баён менамояд. Аммо ҳамчун номи ҳуҷҷат ин калима серистеъмол нест. Он дар мавридҳои зерин ба назар мерасад:

*Яке аз мулуки араб мутааллиқони девонро фармуд, ки марсуми фалонро, чандон ки ҳаст, мазоафкунад, кимулозими даргоҳ асту мутарассиди **фармон**... (56).*

*Меҳтарӣ дар қабули **фармон** аст,*
*Тарки **фармон** далели ҳирмон аст (57).*

Вожаи **фармон** имрӯз низ дар забони тоҷикӣ чун номи ҳуҷҷати расмӣ роиҷ аст.

Бояд гуфт, ки дар ҳуҷҷатгузории баъзе муассисаҳо вақтҳои охир ба ҷойи **фармон** вожаи дигари ҳамрешаи он **фармоиш**ро мавриди истифода қарор додаанд. Мутасаддиён бар он бовараанд, ки *фармон додан* танҳо ба сарвари давлат хос буда метавонад ва роҳбарони корхонаҳои дигар ба ҷойи *фармон* бояд *фармоиш* диҳанд. Ин нукта шояд мантиқӣ бошад, аммо вожаи **фармоиш** аз нигоҳи ифодаи маъно наметавонад **фармон**ро иваз кунад, зеро мавриди истифодаи фармоиш имрӯз дар забони тоҷикӣ дигар аст, он ҳамон супориши латиф ё худ хоҳишест барои иҷрои амал (фармоиши хӯрок дар ошхона, фармоиши либос ба дӯзанда), аммо фармон амр аст, ки иҷро намудани он ногузир мебошад.Дар шарҳи ҳар ду вожа дар Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ омадааст: «**ФАРМОИШ** **فرمایش***исми феълӣ аз* **фармудан -** амр, фармон, ҳукм; сухан ё фармудаи одами бузург» (16, 388). «**ФАРМОН** **فرمان**амр, ҳукм, ҳукме, ки аз тарафи идораи олӣ ё шахси воломақоме содирмешавад; **фармон додан** ҳукм кардан, ҳукм содир намудан, ба каси дигар кореро ба таври ҳукм фармудан» (16, 388).Ҳарчанд ки вожаи **фармоиш***амр, фармон* тафсир гардидааст, шарҳи вожаи **фармон** нишон медиҳад, ки онҳоро айнан ба як маънӣ истифода кардан чандон мувофиқи мақсад нест.

Ҳамин тариқ, аз баррасии маводи бадастомада чунин натиҷа бармеояд, ки муҳимтарин истилоҳоти мансуб ба номи муассисаҳои давлатӣ, рамзҳои давлатдорӣ, санаду ҳуҷҷатҳо дар«Гулистон» хеле мувофиқу сареҳ истифода гардидаанд. Истилоҳот ҳам иқтибосианд ва ҳам тоҷикӣ. Маъмулан истилоҳоти соҳаи мазкур аз забони арабӣ иқтибос гардидаанд. Баъзе аз ин истилоҳотро, ба монанди **девон**, **зиндон** метавон ба низоми истилоҳоти муосири забони тоҷикӣ ворид ва дубора расман мавриди истифода қарор дод.

АДАБИЁТ

1. Анварӣ С. Вожаҳои низомӣ дар «Шоҳнома». –Душанбе: «Маориф», 1994. - 117 с.
2. Қосимова М.Н. Истилоҳоти қадимаи тоҷикӣ. –Душанбе, 2007. -172с.
3. Мирзо Ҳасани Султон. Ташаккул ва такомули истилоҳоти илмии форсӣ-тоҷикӣ. –Душанбе: Дониш, 2008. -334с.
4. Назарзода С. Ташаккули истилоҳоти иҷтимоӣ-сиёсии забони тоҷикӣ дар садаи ХХ. –Душанбе: Дониш, 2004. -302с.
5. Пейсиков Л.С. Лексикология современного персидского языка. –М.,1975. -206с.

6. Саймиддинов Д. Вожашиносии забони форсии миёна. –Душанбе, 2001. -310с.
7. Хашимов С. Лексические особенности «Гулистон»-а Саади Ширази. Автореф. дис. канд. филол. наук. –Душанбе, 1973. -22 с.

Фарҳангу луғатномаҳо

8. АнварӣХ. Фарҳанги фишурдаи сухан. Ҷ. 1. –Теҳрон: Сухан, 1382 ҳ. -2804с.
9. АнварӣХ. Фарҳанги фишурдаи сухан. Ҷ. 2. –Теҳрон: Сухан, 1382 ҳ. -1233с.
10. Ғиёсуддин Муҳаммад. Ғиёс-ул-луғот. Ҷ.1. –Душанбе: Адиб, 1987. -480с.
11. Ғиёсуддин Муҳаммад. Ғиёс-ул-луғот. Ҷ.2. –Душанбе: Адиб, 1988. -416с.
12. Муҳаммадҳусайни Бурҳон. Бурҳони қотеъ. Ҷ.1. –Душанбе: Адиб, 1993. -416с.
13. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ.1 –М.: СЭ, 1969. -951с.
14. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ.2. –М.: СЭ, 1969. - 947 с.
15. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ.1. –Душанбе, 2008. -949с.
16. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ.2. –Душанбе, 2008. -944с.

ОБ ИСПОЛЬЗОВАНИИ ПОЛИТИЧЕСКОЙ ТЕРМИНОЛОГИИ В «ГУЛИСТАНЕ» САДИ ШИРАЗИ

«Гулистан» Саади Ширази является одним из величайших памятников таджикско-персидской литературы XIII века, который стал популярен еще при жизни его автора. Оно охватывает разные темы и соответственно в нем наблюдаются различные терминологии. В данной статье рассматривается ряд терминов, относящихся к политической сфере, такие как название государственных учреждений, государственные символы и документация. Ряд терминов этой сферы являются исконно таджикскими словами, которые можно возродить и использовать их вместо терминов, относящихся к арабскому языку.

Ключевые слова: Гулистан, терминология, политический, государственные учреждения, государственные символы, документы

USE OF POLITICAL TERMINOLOGY ON “GOLESTAN” SA’DI SHIRAZI

“Golestan” Sa’di Shirazi is one of the most popular works of Tajik literature on XIII century. It includes different subjects, so a lot of terminologies are used on it. In this article were considered political terminology, as a name of State Institutions, Symbols of Government, and name of documents. Some terminologies are age-old Tajik words and could be use today.

Key words: Golestan, terminology, political, State Institutions, symbols of Government, documents

Сведения об авторе: ***Х. Камолов***–доцент кафедры истории языка и типологии ТНУ. Телефон: **907 72 47 06**

А Д А Б И Ё Т Ш И Н О С Ӣ

ФАРҲАНГИ АРАБӢ ВА АДАБИЁТИ ҒАЗНА ДАР АВВАЛИ АСРИ XI

А. Абдусатторов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Аз оғози қарни XI дар ҳаёти иҷтимоиву сиёсӣ ва фарҳангиву адабии Мовароуннаҳру Хуросон тағйироте падид омад, ки минбаъд дар тӯли қарнҳои зиёде таъсири он дар фарҳангу адаби форсӣ маҳсус аст. Тасаллути Ғазнавиён бар Мовароуннаҳру Хуросон оқибатҳои мухталифе дошт, ки баъзе аз онҳо барои забону адаби форсӣ ва фарҳанги эронӣ хеле судманду самарабахш ва баъзеи дигар зарбазану халаловар ва аз ҷумлаи офоти замон дар тақдири фарҳангу адаби эронӣ буд ва сабабгори тағйироти бузурге дар усули ақоиди сиёсиву иҷтимоии эрониён ва дигаргуниҳо дар суннатҳову адаби қадими эронӣ гардид.

Бунёдгузорони ҳукумати Ғазнавиён Алптегин, домоди ӯ Сабуктегин писари ӯ Маҳмуд ва дигар мутааллиқони онон, ки ҳама тарбиятёфтаи хонадони Сомониён буда, аз забону расму суннатҳои эронӣ хеле хуб огоҳ буданд, баъди тасаллут бар тахти хоҷагони худ аз лиҳози умури идории ҳукумат ва тазвиҷу ташвиқи илму фарҳанг суннатҳои Сомониёнро идома доданд ва аз лиҳози теъдоди шоирону нависандагон ва намояндагони илму фарҳанг давраи тасаллути онон аз давраи гузашта низ афзалият дорад. Аз бунёдгузорони асосии ҳукумати Ғазнавиён султон Маҳмуд дар дастгоҳи давлати хеш чунон қувваи бузурги илмиву адабие ба вуҷуд овард, ки дар таърих камназир аст ва ба замми ин, ҳангоми футӯҳоти хеш дар навоҳии гирду атроф бо ҳар роҳу васила донишмандонеро чун Беруниву Форобӣ ба дарбори хеш меовард. Футуҳоту кишваркушоиҳои Маҳмуд, алалхусус дар Ҳинд боиси он гардид, ки забону адаби форсӣ аз қаламрави худ берун пой ниҳод ва дар навоҳии дурдасти дигар низ интишор ёфт.

Султон Маҳмуд, алалхусус дар дарбори хеш қувваи бузурги адабиеро гирд овард, ки бо силоту ҳадяҳои фаровон онҳоро навозиш намуда, дар тарғиби ҳадафҳои низомӣ ва сиёсии худ аз онҳо истифода мебурд. Шеъру шоирпарварии Султон Маҳмуд дар забони шоирони асрҳои баъд низ достон шуда ва аз ҷумла Хоқонӣ дар бораи ҳашамату сарвати маликушшуарои дарбори Маҳмуд – Унсурии Балхӣ чунин гуфтааст:

… Зи маъшуқи некӯву мамдӯҳи нек,
Ғазалгӯ шуду мадҳхон Унсурӣ.
Ҷуз аз тарзи шавқу тирози ғазал
Накардӣ зи табъ имтиҳон Унсурӣ.
… Ба даври карам бахшише нек дид
Зи Маҳмуди кишварситон Унсурӣ.
Ба даҳ байт сад бадраву барда ёфт
Зи як фатҳи Ҳиндустон Унсурӣ.
Шунидам, ки аз нуқра зад дегдон,
Зи зар сохт олоти хон Унсурӣ.
Агар зинда мондӣ дар ин даври бухл,
Хасак сохтӣ дегдон Унсурӣ… [1]

Ҳатто шуарое чун Ғазоирии Розӣ, ки берун аз дарбори Маҳмуд зистаанд ва танҳо аз роҳи муросилот дар мадҳи ӯ ба Ғазнин қасидаҳо фиристодаанд, аз саховату ҳиммати ӯ изҳори шукру сипос намудаанд, ки байти зайли Ғазоирӣ гувоҳи ин маънист:

Ду бадра зар гирифтам ба фатҳи Норийин,
Ба фатҳи Румия сад бадра гираму қиртол [2].

Албатта, чунин ҳиммат ва саховати баланди Маҳмуд дар қадршиносии шуарову шеъри онон танҳо аз шеършиносиву адабпарварии ӯ набуд ва қабл аз ҳама ҳадафи сиёсӣ дошт, зеро на танҳо Маҳмуд, балки куллияи «Салотини Ғазнавӣ ва умарову вузарои эшон агар шеър ҳам мешинохтанд, шоирро ба қасди парвариши забону адабиёти форсӣ бузург намедоштаанд ва ташвиқ намекардаанд, балки ғарази аслии онҳо аз ташкили дарбори адабӣ ва ташвиқҳои моддии шуаро дар дараҷаи аввал ирзои хотири мадҳписанди хештан ва лаззати ҳосил аз таърифҳову маддоҳии шуаро буд ва сипас, эҷоди як дастгоҳи таблиғотӣ барои дарборҳои ин аҳд» [3]. Аз ин хотир, ташкили дарборҳои адабии аҳди Ғазнавиён ва дар як маркази ҳадафнок муттаҳид кардани ҷараёни адабӣ ба василаи ташкили девони шоирон бо таъйини

маликушшуарову ротибаҳо ва ҳавасмандиҳои моддӣ асосан, барои пуштибонӣ аз забону фарҳанг ва ойину суннатҳои миллии эронӣ набуда, қабл аз ҳама ҳадафи сиёсӣ дошт ва ин ҳадаф ба дастгоҳи тарғиботӣ ва мадҳу сано табдил додани шеъру адаби форсӣ буд, ки силоҳи асосии он забони форсӣ низ бояд ногузир дар роҳи камолу ривоҷи худ дастгирӣ меёфт.

Масъалаи дигаре, ки ба миён меояд, масъалаи аҳдофи сиёсии Ғазнавиён аст, ки тавзеҳ мехоҳад. Табиист, ки Султон Маҳмуд низ чун хоҷагони собиқи худ аслу насаби гузаштагонашро ба нажоди ориёӣ мебурд ва муаррихони исломӣ низ саъй мекарданд, ки аслу маншаи ӯро ба Яздигурди шаҳриёри Сосонӣ расонанд. Вале ин ҳам возеҳ буд, ки ин насабнома боварибахш нест, зеро ӯ дар асл, «дар Эрон на қабила дошту на устухону на нажод» [4].

Аз ин рӯ, сиёсатеро бояд пеш мегирифт, ки бунёди ҳукумати ӯро мустаҳкам намояд, боиси тавсеаи қаламрави ҳукумати ӯ гардад ва футӯҳоти ғоратгаронаи ӯро дар кишварҳои бегона ҳақ бароварда тавонад. Чунин сиёсат танҳо сиёсати динӣ ва мазҳабии аҳли суннат буда метавонист, зеро чунин сиёсат мафҳуми қавму нажод ва миллиятро истисно мекард ва ба муқобили он мафҳуми «миллати ислом»-ро мегузошт. Бар асари чунин сиёсат, ҳар касе ки худро мусалмон ва ҳомии ислом медонист, «ба фаҳвои «Иннамал муъминуна ихватун» бародар шумурда мешуд. Хоҳӣ сапедҷома бош, хоҳӣ сиёҳ бош! Зардпӯстони Осиёи Марказӣ ҳам ин нуктаро нек дарёфта буданд: нахуст, мусалмон мешуданд ва он гоҳ ба дохили наҷди Эрон пой мениҳоданд ва чун мусалмон будаанд, ба ҳар ҷой аз «билоди исломӣ» мерафтанд, ҷояшон буд, зеро бо соири муъминон «бародар» буданд…» [5]

Маҳмуд дар сиёсати динӣ ва мазҳабии худ бояд тариқи дастгириву ҳимояти аҳли суннат ва пайравии сиёсати таассуби суннии Бағдодро, ки аз аҳди Мутаваккили халифа оғоз гардида буд, пеш мегирифт ва ҳамчунин ҳам кард ва мебинем, ки «ба воситаи тарзи тафаккури хос ва баргузидани сиёсати мазҳабии аҳли суннат ва тамоил ба хилофати Бани Аббос бешак, дар тарвиҷи улуми мазҳабӣ ва таҷлили уламои дин мекӯшид ва ин кор муайиди сиёсат ва шеваи ҳукумати ӯ будааст, аммо дар боби донишмандони дигар риштаҳои улум, бахусус улуми ақлӣ на танҳо ӯро марди донишпарваре наметавон шумурд, балки қароине хилофи инро нишон медиҳад ва таъйид мекунад, ки бисёре аз чизҳое, ки дар боби илмдӯстии султон навиштаанд, иштиҳори таърихии сирф аст ва ҳақиқат ғайр аз ин будааст [6].

Барои фарҳангу адаби эрон бадбахтӣ беш аз ҳама аз ҳамин сиёсати таассуби динӣ ва мазҳабии Маҳмуду умарои туркнажоди ӯ бархост ва бар асари ин сиёсати динии хосе дар Эрон роиҷ шуд, ки боиси равнақи бозори уламои шаръ ва таъқибу озори файласуфону ҳукамо, муътазиливу исмоилия ва дигар ҷараёнҳои фикриву ақлии исломӣ гардид.

Хатарноктарин натиҷаи сиёсати мазҳабии Маҳмуд дар ҷанбаи маънавӣ ва нафсонӣ барои миллати Эрон он буд, ки бар асари он ҷойи ифтихороти миллӣ ва нажодиро ифтихороти динӣ ва таассуби диндорӣ гирифт ва таассуби зотӣ ва хушку содалавҳонаи Маҳмуду пайравони ӯ зарбаеро ба маънавиёти эронӣ расонд, ки тасаллути қариб сесадсолаи арабу ислом расонида натавониста буд. Ин зарба барҳам хӯрдани ғурури миллии эронӣ ва истиқлолхоҳӣ буд, ки тадриҷан аз миён рафт. Ба ин маънӣ сиёсати Маҳмуд хатарноктарин армуғоне барои эрониён буд, ки ба тадриҷ дар сурати таассуби мазҳабӣ ва эътиқоди кӯр-кӯронаву содалавҳона ба хурофоту таблиғкунандагони онҳо дар фарҳангу адаби Эрон низ нақше гузошт ва бар асари ин «миллати Эрон андак-андак ғурури миллӣ ва таассуби нажодии худро аз даст дод ва кор ба ҷое расид, ки хунрезоне, чун Чингизу Ҳалоку ва Темурро, ки бӯе аз мардумӣ ба машомашон нарасида буд, баргузидаи Худованд ва худованди Эрон шумурданд ва он гоҳ бар ниёгони хеш, ба гуноҳи ин ки бар ойини маҷус буданд, носазо гуфтанд ва аҳёнан ононро нопоку нодон шумурданд…» [7]

Ҳамин тавр, Маҳмуд сиёсатеро истиқбол кард, ки он ба ҷойи сиёсати миллӣ ва тақвияти ҳукумати эронӣ тафаккур ба асолати милливу нажодӣ, таассуби мазҳабӣ ва ваҳдати диниро ҳадаф қарор дод. Аз як ҷониб, бинои ин ваҳдати динӣ васеътар аз доираи як миллат ва мамлакат буд ва бинои он бар имону тақводорӣ гузошта шуда буд. Таассуби мазҳабии аҳли суннат, ки Маҳмуд истиқбол кард бар хилофи мазҳаби ташайюъ буд, ки бештар мувофиқи табъи истиқлолхоҳони эронист ва дар рӯҳи мухолифат бо хилофати Бани Аббос қарор дошт. Аз ҷониби дигар, ҳамин таассуби суннимазҳабии Маҳмуд ва «атшу валаъи мусалмонон бо доштани подшоҳе аҳли суннат» [8] ва дастгирии хулафои суннимазҳаби Бағдод ӯро ба сари қудрат оварда.

Таассуби динӣ ва мазҳабии сиёсати Маҳмуд тақозо мекард, ки шуарои дарбори ӯ ҷангҳои ғоратгарона ва сарватҷӯёнаи вайро чун ғазовот, мубориза алайҳи куфру бидъат ҳақ бароранд ва худи ӯро шоҳи кофиркуши ғозӣ, намунаи динпарвариву тақводорӣ ҳатто, дар қиёси паёмбарони ислому бузургони дин тасвир намоянд. Аз ин ҷост, ки агар шоҳони Сомонӣ дар шеъри Рӯдакӣ ва муосирони ӯ бо сифоти «маҳи озодагону мафхари Эрон», «офтоби гавҳари Сосон» ва соири сифоту хисоли марбут ба ифтихороти миллӣ ва паҳлавонони эронӣ тавсиф шаванд, шуарои дарбори Маҳмуд чун Унсуриву Фаррухӣ ва ҳаммаслакони онҳо мамдӯҳи хешро бо сифоти «қавикунандаи дини Муҳаммади Мухтор», «қивоми дини пайғамбар», «Малик Маҳмуди динпарвар», «қиблаи мулки Эрон», «амини миллати ҳақ», «қавӣ чу ҳуҷҷати ислому пок чун Фурқон» месутуданд. Бар асари ҳамин сиёсат аст, ки аз мадеҳасароёни дараҷаи аввали дарбори Маҳмуд – Фаррухии Сиистонӣ мамдӯҳи хешро бо сифоти зайл меситояд:

Ҳар кӣ туро исён орад падид,
Кофар гардад, агар аз авлиёст…
Солу маҳ андар сафарӣ Хизрвор
Хобгаҳу ҷойи ту маҳди сабост…
Эй малике, к-аз ту ба ҳар кишваре
Баҳраи бединон гарму аност.
Гарди сипоҳи ту куҷо бигзарад,
Чашми мусалмононро тӯтиёст [9].

Маликушшуарои дарбори Маҳмуд, ки ҳамзамон сарвари дастгоҳи тарғиботи сиёсати ӯ низ ҳисоб меёфт, итоати куллӣ ба шоҳро амри Худовандӣ ва мухолифони ин амрро баробар бо куффор эълон намуда мегуфт:

Агар ту он написандӣ, туӣ мухолифи ӯ,
Хилофи эзид куфр асту мояи туғён…
Макун хилофашу хидмат кунаш, ки хидмати шоҳ,
Масали сафинаи Нӯҳ асту теғи ӯ тӯфон… [10]

Шуарои дарбори Маҳмуд лашкаркашиҳои ӯро дар Ҳиндустон чун амри хайр барои барҳам задани куфру бединӣ қаламдод намуда, ҳама кори ӯро ба хотири дин ва барои мусалмонон муаррифӣ кардаанд. Фаррухӣ ҳатто, ҷабру озор ва кушторҳои Маҳмудро, ки дар ҳаққи мухолифони мазҳаби аҳли суннат, аз қабили қарматиён, шиаи исмоилия, муътазила ва ҳукамову фалосифа аз рӯйи адолату динпарварӣ эътироф намуда, гоҳо мамдӯҳи худро рӯйи рост ба қатли қарматиён мехонд:

Ҷовидон зиву ҳамин расму ҳамин одат дор,
Хонаи қарматиёнро бификан лод аз лод [11].

Ба туфайли ташвиқи шоирон ва ҳадяҳои гаронбаҳои Маҳмуд буд, ки дар дарбори ӯ шумораи мадеҳасароёни муздхоҳ ва ҳариси молу сарвату фароҳият хеле зиёд буд ва теъдоди онҳо ба 400 нафар мерасид. Танҳо шуарое шоистаи қардонӣ ва ҳадяҳои гаронбаҳо мешуданд, ки шеърашон хилофи сиёсати Маҳмуд набошад ва агар муносибати Маҳмудро бо Фирдавсӣ ва Носири Хусраву Ибни Сино ба ёд орем, масъала боз ҳам возеҳтар мегардад.

Аз ин ҷост, ки дар дарбори Ғазнавиён шеъру адаб бо сиёсати ҳоким дар дастгоҳи ҳукуматӣ омезиш ёфта ва шуарои дарбори Маҳмуд ногузир буданд, ки дар ашъори хеш сиёсати ғоратгаронаи ӯро ҳақ бароранд ва бар асари назми ин даврон ба дастгоҳи муҳимми таблиғотии сиёсати давлати Ғазнавӣ табдил ёфта, мавзӯи мадҳ дар шеър ва қолаби асосии он – қасида мақоми аввалдараҷа пайдо намуд ва ин боиси инкишофи яктарафаи адабиёт гардид [12].

Агар дар даврони Сомониён доираи мавзӯоти қасида мухталиф бошад ва мадҳ яке аз мавзӯоти он маҳсуб шавад, дар назми аҳди Ғазнавиён мадҳ мавзӯи ягона ва қасида қолаби ҳукмфармои назм гардид, ки аз бисёр ҷиҳат аз қасоиди мадҳии даврони Сомониён тафовут ҳам дошт. Аввалан, агар шуарои аҳди Сомонӣ мамдӯҳони хешро дар қиёси шоҳону паҳлавонони қадими Эрон ситоянд ва мадҳи онон самимӣ ва сифоти мамдӯҳон то ҳадде ба ҳақиқат наздик бошад, «дар Ғазнин, дар боргоҳи султони ғосиб табиист, ки ҳадафи мадҳ наметавонист аслу насаби наҷиб, ворисияти илоҳии тахти шоҳони эронӣ ва амсоли инҳо бошад.

Ба ҷойи он мавзӯи асосии ашъори мадҳии доираи Ғазнавӣ тасвири муболиғаомези шуҷоати шахсиву ҷанговарии султон ва ғалабаҳои ӯ дар мубориза бо аҳли бидъат ва комёбиҳояш дар устувор кардани ислом, лашкаркашиҳои ғоратгарона ба Ҳиндустону Эрон, ки бо кушторӣ оммавии мардуми бепаноҳ ҳамроҳ буд, ситоиши шукӯҳу қасрҳову кохҳо ва базмҳои ӯ, ҳамчунин корнамоиҳои

дарбориёну сипаҳсолорон қарор гирифта буд» [13]. Ҳукмфармоии мавзӯи мадҳ дар назми дарбори Ғазнавиён то ба дараҷае қавӣ буд, ки ҳатто, аксари қолабҳои шеърӣ чун рубоиву қитъаву мусаммат ғолибан шомили ин мавзӯъ гардид ва баёни мавзӯоти панду ахлоқӣ, ҳикамӣ ва иҷтимоӣ дар шеър мақоми ночиз пайдо намуд.

Сиёсати мазҳабии Маҳмуди Ғазнавӣ аз ҷонибе боиси таназзули рӯҳи миллӣ дар назми Эрон ва оҳанги исломӣ пайдо кардани рӯҳу фикри мадеҳасароёни дарбори ӯ гардид. Аз ҷониби дигар, шояд асари ҳамин сиёсати мазҳабии Маҳмуд ва ба хотири мақбули хилофати Бағдод шудани ӯ буд, ки бо дасти вазираш Абулҳасани Маймандӣ умури девони вазорат аз форсӣ ба арабӣ баргардонда шуд ва шояд, дар рағбату тақлиди баъзе аз шуарои дарбори Ғазнавӣ чун Манучеҳрӣ ба фарҳангу адаби арабӣ ҳам мутаассир аз ҳамин сиёсати Ғазнавиён бошад [14].

Аз ҷониби дигар, албатта, бо таъсири ҳамин сиёсати мазҳабии Ғазнавиён таъсиси мадорис ва таълими улуми шаръиву адабӣ дар қаламрави ҳукумати онон ривоҷ ёфт ва ин дар навбати худ, пеш аз ҳама боиси равнақи улуми шаръӣ ва аз ҷумла фиқҳи мазҳаби Абӯҳанифа Нуъмон ибни Собит гардид. Худи Маҳмуд низ дар ривоҷи ин илм таъсире дошта ва аз фиқҳу ҳадис огоҳ будааст ва китоберо дар илми фиқҳ ба унвони «Тафрид» ба ӯ мансуб донистаанд [15].

Бар асари ҷунин авомили сиёсӣ аз оғози қарни XI, «ки фарҳанги исломӣ интишори тамом ёфт ва мадорис дар нуқоти мухталиф таъсис шуд ва диёнати ислом бар соири адён ғолиб омад ва муқовимати зардуштиён дар ҳама билоди Эрон бо шикасти қатъӣ ва ниҳоӣ мувоҷеҳ гардид ва фарҳанги эронӣ ба сибғати исломӣ ҷилвагарӣ оғоз ниҳод ва пояи таълимот бар асоси адабиёти арабӣ ва мабонии дини ислом қарор гирифт» [16], дар назми аҳди Ғазнавиён таъсироти унсури арабӣ ва исломӣ нисбат ба замони Сомониён ривоҷи бештаре ёфт ва нуфузи онро аз ҷиҳоти мухталиф, аз ҷумла вуруди алфозу иборoти арабӣ ва истилоҳоти диниву мазҳабӣ, амсолу ашъори тозӣ, оёту аҳодис, қассасу ахбор ва асотири исломӣ дар шеъри намояндагони дарбори Ғазнавиён – Унсурӣ, Фаррухӣ, Манучеҳрӣ ва дигарон бисёр мебинем.

Таҳаввулоти сиёсии аҳди Ғазнавиён ва талаботе, ки дар назди шуарои дарбори Маҳмуд гузошта шуда буд, боиси он гардид, хусусиёти маънавӣ ва фикрии қасидаи мадҳӣ низ тағйироти ҷиддӣ пазирад ва дар баробари аносири забонӣ теъдоди зиёди оёту аҳодис амсолу ақволи риҷоли бузурги дин, ахбору ривоёт ва қассасу асотири исломӣ вориди шеъри форсӣ гардад.

Тағйири моҳияти мадҳ дар он буд, ки агар шуарои даврони Сомонӣ мамдӯҳони хешро, ки тарафдори русуму одоби миллӣ ва саршори рӯҳу маънавияти эронӣ буданд, сидқан дӯст дошта, онҳоро бо сифоти ватанпарвариву эрондӯстӣ ва дар қиёси шоҳону паҳлавонони гузаштаи эронӣ аз самими қалб мадҳ мегуфтанд. Вале шуарои аҳди Ғазнавиён мамдӯҳи хешро дигар бо чунин сифот сутуда ҳам наметавонистанд, зеро мамдӯҳ аввалан, аз нажоди эронӣ набуд ва сониян, бо даъвии покдиниву динпарварӣ ва кофаркушиву ҳимояти ислом баромад мекард, ҳарчанд зери ин даъвӣ таассуби хушки туркӣ ва риёву зоҳирнамоие ниҳон буд.

Аз ин сабаб, шуарои дарбори ғазнавиро лозим меомад, ки ба мадҳи султони давр ва ворисону пайравони ӯ аз назари тазоҳури динӣ ва диндорӣ наздик шаванд ва ӯро на дар қиёси шоҳону паҳлавонони Эрон, балки дар баробари паёмбарону авлиёи ислом тасвир намоянд ва сифатеро ба ӯ банданд, ки дархӯри шоҳи ғозӣ, динпарвар ва ҳамаи ислому имон бошад ва боке надошт, агар ин сифот дурӯғин ҳам мебуд.

Чунончи, агар маликушшуарои Маҳмуд -Унсури сухани мамдӯҳи хешро бо Қуръон баробар дониста гӯяд:

Ҳама хисолаш пурфоида аст чун ҳикмат,
Ҳама қаломаш пурмуъҷиза аст чун Фурқон [17].

Шоири дигари дарбори ӯ Фаррухӣ мамдӯҳи худро дар феълу амал баробари Худованд эълон мекунад:

Он чи кардаст аз карам бо бандагон имрӯз ӯ,
Бо расулон кард хоҳад зу-л-минан рӯзи шумор [18].

Ҳам ӯ дар ҷойи дигар, хидмат карданро ба мамдуҳ баробари намоз медонад ва фарди саркаш аз ин хидматро чун кофир сазовори сангсор кардан мешуморанд:

Тоати ту чун намоз асту ҳар он кас, к-аз намоз,
Сар ба як сӯ тофт, ӯро кард бояд сангсор [19].

Сипас, шоири маддоҳ дар чунин дурӯғу иғроқ аз ин ҳам фаротар меравад ва эълом мекунад, ки мадҳи Маҳмуд музди хондани Қуръонро барои муъминон дорад ва ба ин маънӣ мегӯяд:

Агарчи Қуръон фозил бувад, биёбад мард,
Зи мадҳ хондани ӯ музди хондани Қуръон [20].

Бар асари чунин иғроқҳо русуму одат ва ифтихороти миллӣ дар мадҳи дарбори Ғазнавиён тақрибан аз миён рафта ва зимни мутолиаи ашъори ин аҳд «камтар ба ашъоре, ки ҳокӣ аз эҳсосоту тамоилоти миллӣ бошад, бармехӯрем, ки инон бар хилофи гузаштагон ғолибан ба ашхоси барҷастаи дину ҳомиёни қавми араб мисол мезаданд ва агар низ аз бузургони эронӣ ёд мекарданд, ҷанбаи тақлиду риояти суннат дошт. Алӣ - намудори илму шуҷоат ва Умар - намояндаи адлу инсоф ва Ҳотаму Маън мазҳари караму бахшиш буданд, шоҳро ба сифати ғозӣ ва динпарвару бутшикан ва амсоли он месутуданд» [21].

Ин ҳама аз мадеҳасароёни дарбори Маҳмуд тақозо мекард, ки дар симои ӯ тамоми сифоти марбут ба шуҷоату тақводорӣ ва покдиниву куфрбадбинӣ ва хисоли дигари марбут ба ислому имон ва Қуръонро муттаҳид намоянд.

Табиист, ки сохтани чунин мадеҳаҳо дар навбати худ вуруди алфозу таъбирот ва истилоҳоти арабии зиёди мутааллиқ ба ислому имон ва Қуръонро тақозо мекард ва дар натиҷа, мебинем, ки дар қасоиди шуарои ин аҳд калимоту таъбироти зиёде, аз қабили хулд, тавоф, зоир, Каъба, Батҳо, муъмин, кофар, қибла, рияб, шиҳоб, масад, зулфиқор, шаҳодат, суҷуд, тавҳид, муваҳҳид, бидъат, авлиё, мусалмон, Мино, Сафо, воҷиб, амиралмуъминин, равзаи ризвон, имон, лиқо, лаънат, лаъин, ҳабл-ул-матин, тааббуд, муин, рӯҳ-ул-қудс, анбиё, ислом, ҷинон, куфр, дин, каромат, дуо, нубувват, қоҳири куффор, шариат, шаҳодат, тоат, ҷаббор, зулминан, оят, мункир, мункар, ҳадис, тақарруб, замин, зоҳир, мулҳид, мусҳаф, Қуръон, рамазон, наът, тубӣ, кавсар, ахбор, раъй-ул-айн, маноқиб, исён, осӣ, тоат, ҳуҷҷат, забур, калом, байти муҳаррам, Замзам, каъбат-ул-ислом, сурат-ул-ихлос ва соири онҳо ворид гардидаанд.

Аз ҷониби дигар, қиёси мамдӯҳ бо паёмбарон ва афроди бузурги ислому Қуръон аз шуаро тақозо мекард, ки дар шеъри худ аз қассасу ривоёт ва ахбору асотири исломӣ низ фаровон истифода намоянд ва бар асари ин амр низ теъдоди дигаре аз номҳои паёмбарону авлиёи ислом ва афроду амокини бузурги ислому араб чун Муҳаммад, Искандар, Ҳуро, Вомиқ, Узро, Одам, Ҳавво, Бӯҷаҳл, Булаҳаб, Даъд, Рабоб, Ҳайдари Каррор, Умари Хаттоб, Ҳотам, Қорун, Ваҳб, Алӣ, Хизр, Сулаймон, Сабо, Осаф ибни Бархиё, Мустафо, Аҳмад, Сулаймон, Исо, Масеҳ, Бӯбакр, Усмон, Ҷабраил, Шаббир, Шиббар, Мӯсо, Тур, Нил, Ҳорун, Антар, Фиръавн, Иброҳим, Озар, Ҷарир, Хаварнақ, Садир, Яъҷуҷ, Иблис, Лут, Мутанаббӣ, Кофур, Довуд, Ирам, Макка, Шаддод, Од, Ҳассон, Буҳтурӣ, Нобиға, Нуъмон, Муртазо ва мазомини қассасу ахбори марбут ба онҳо дар шеъри аҳди Ғазнавиён роҳ ёфта, боиси тақвияти ҷанбаи ривоӣ ва асотирии он ва сабабгори тавлиди талмеҳоти зиёди исломӣ гардидаанд.

Дар шеъри ин аҳд зикри ному афъоли шоҳону паҳлавонони эронӣ, аз қабили Доро, Кисро, Нӯшервон, Фаридун, Ҷам, Суҳроб, Рустам, Сом, Исфандиёр, Ширин, Ҳушанг, Баҳман, Бежан, Гургин ва амсоли онҳо дида мешавад, вале онҳо ғолибан дар қиёси чокарону бандагони мамдӯҳ ва барои боло нишон додани мақому мартабаи ӯ зикр гардидаанд, чунонки дар шоҳиди шеърии зайл мехонем:

… Силоҳи ялӣ боз кардаву бастӣ,
Ба Соми ялу Золи зар дуку чодар.
Махон қиссаи Рустами зовулиро
Аз ин пас дигар, к-он ҳадисест мункар.
Аз ин беш будаст Зовулситонро
Ба Соми ялу Рустами Зол мафхар,
Валекин ор дорад зи Рустам,
Ки дорад чу ту шаҳриёре диловар.
Зи ҷое, ки чун ту малик мард хезад,
Кас он ҷо сухан гӯяд аз Рустами Зар? [22]

Ё дар абёти зайл таҳқири шахсиятҳои бузурги эронӣ чунин омадааст:

Он чи ба кинхоҳӣ аз ту ояд фардо,
На зи Қубод омад, эй малик, на аз Баҳман…
Камтар ҳоҷиб туро чу Ҷамму Кисро,
Кеҳтар чокар туро чу Геву чу Бежан [23].

Дар иғроқи мамдӯҳ ва хор шумурдани шоҳону паҳлавонони эронӣ шуарои дарбори Маҳмуди Ғазнавӣ ҳатто, ба дараҷае ифрот ва иғроқ намудаанд, ки мадҳи саршори риёӣ хешро рост ва мафхари нажоди эрониву китоби бузургтарин корнамоиҳои аҷдоди эрониён – «Шоҳнома»-ро ба дурӯғ будан муттаҳам намудаанд, ки назири чунин иттиҳоми ноҳақро дар абёти зерини Фаррухӣ мебинем:

Гуфто: Чун ӯ дигар ба ҷаҳон ҳеҷ шоҳ бувад?
Гуфтам: Зи ман мапурс ба «Шоҳнома» кун нигоҳ.
Гуфто, ки: «Шоҳнома» дурӯғ аст сар ба сар,
Гуфтам: Турост гиру дурӯғ аз миён бикоҳ [24].

Чунонки аз мутолиаи ашъори шуарои дарбори Ғазнавӣ бармеояд, ин осори фикрии онон натиҷаи таҳаввулоти сиёсии роиҷ дар аҳди умарои туркнажод ва баёнгару тарғибкунандаи ин таҳаввулот аст, вале ҳанӯз дар миёни ашъори ин аҳд ва осори асри Сомониён умумиятҳое вуҷуд дорад, ки муҳимтарини онҳо умумияти сабки онҳост. Яъне дар шеъри аҳди Ғазнавӣ низ ҳамон сабки хуросонӣ ё мовароуннаҳрӣ риоя шудааст, ки он аз содагӣ ва эҷозу ихтисори калом, истифодаи ташбеҳоти воқеӣ ва ба зеҳн наздик ва адами тафаннуну истифодаи саноеи душворписанди лафзӣ дар шеъри онҳо зоҳир мегардад.

Умумияти дигар миёни ашъори шуарои Сомонӣ ва Ғазнавӣ аз он иборат аст, ки ҳанӯз ифтихороти миллӣ ва таваҷҷуҳ ба мафохири миллият ба куллӣ аз миён нарафтааст ва агар иддае аз абётеро, ки бештар дар девони Фаррухӣ дар хурд шумурдани унсури эронӣ дида мешавад, истисно намоем, умуман шуарои дарбори Ғазнавӣ ба шоҳону паҳлавонони эронӣ ва ифтихороти миллии Эрон назари нек дошта ва дар бисёр мавридҳо онҳоро дар баробари мамдӯҳ ва меъёри бузургиву шуҷоату мулкдории ӯ қарор додаанд.

Бо ин ҳама бояд гуфт, ки ҷараёни нуфузи вусъатноки забону адаби арабӣ, оёту ҳадис, қассасу ривоёт ва ахбору асотири исломӣ бар асари омилҳое, ки гуфтем, дар ҳамин давра ривоҷ ёфта, дар асрҳои минбаъдаи таҳаввули адабиёти тоҷик таъсири унсури арабӣ дар забони форсӣ то ба ҳафтод дар сад ба нафъи забони арабӣ расидааст.

АДАБИЁТ

1. Хоқонии Шервонӣ. Девон / Хоқонии Шервонӣ. ба кӯшиши доктор Зиёуддини Саҷҷодӣ. – Теҳрон, 1338. – С. 680-681.
2. Сафо Забеҳуллоҳ. Таърихи адабиёт дар Эрон / Сафо Забеҳуллоҳ. – Теҳрон, 1389. -Ҷ.1,2.– С. 577.
3. Шаҷаӣ Турон. Манзумаҳои дарбораи Эрон / Шаҷаӣ Турон. – Исфаҳон, 1349. – С. 75-76.
4. Ғуломҳусайни Юсуфӣ. Баҳсе дар шарҳи аҳвол ва рӯзгору шеъри ӯ / Ғуломҳусайни Юсуфӣ, Фаррухии Сиистонӣ. – Теҳрон, 1341. – С. 148.
5. Сафо Забеҳуллоҳ. Таърихи адабиёт дар Эрон / Сафо Забеҳуллоҳ. - Ҷ. 1-2. – С. 171.
6. Ғуломҳусайни Юсуфӣ. Баҳсе дар шарҳи аҳвол ва рӯзгору шеъри ӯ / Ғуломҳусайни Юсуфӣ, Фаррухии Сиистонӣ. – Теҳрон, 1341. – С. 296.
7. Сафо Забеҳуллоҳ. Таърихи адабиёт дар Эрон / Сафо Забеҳуллоҳ. - Ҷ. 1-2. – С. 229.
8. Ғуломҳусайни Юсуфӣ. Баҳсе дар шарҳи аҳвол ва рӯзгору шеъри ӯ / Ғуломҳусайни Юсуфӣ, Фаррухии Сиистонӣ. – Теҳрон, 1341. – С. 148.
9. Шиблии Нӯъмонӣ. Шеър-ул-Аҷам / Шиблии Нӯъмонӣ. – Теҳрон, 1348. -Ҷ. 1-2. – С. 18-19.
10. Унсурии Балхӣ. Девон / Унсурии Балхӣ; ба кӯшиши Муҳаммад Дабири Сиёқӣ. – Теҳрон, 1342. – С. 194.
11. Фаррухии Сиистонӣ. Девон / Фаррухии Сиистонӣ; ба кӯшиши Муҳаммад Дабири Сиёқӣ. – Теҳрон, 1335. – С. 46.
12. Муллоаҳмадов М. Фаррухии Сиистонӣ / М.Муллоаҳмадов. – Душанбе, 1978. – С. 12.
13. Ҳамон китоб. – С. 15.
14. Бертельс Е. Э. История персидско-таджикской литературы / Е. Э. Бертельс. Избр. Труды. – М., 1960. -Т. 1. – С. 375.
15. Бадеуззамон Фурӯзонфар. Аҳодиси «Маснавӣ» / Бадеуззамон Фурӯзонфар. – Теҳрон, 1334. – С. 19.
16. Ҳамон ҷо. – С. 20.
17. Унсурии Балхӣ. Девон / Унсурии Балхӣ. – С. 218.
18. Фаррухии Сиистонӣ. Девон / Фаррухии Сиистонӣ; ба кӯшиши Муҳаммад Дабири Сиёқӣ. – Теҳрон, 1335. – С. 57.
19. Ҳамон ҷо. – С. 78.
20. Ҳамон китоб. – С. 253.
21. Зайнулобидини Мӯътаман. Таҳаввули шеъри форсӣ / Зайнулобидини Мӯътаман. – Теҳрон, 1339. – С. 133-134.
22. Фаррухии Сиистонӣ. Девон / Фаррухии Сиистонӣ; ба кӯшиши Муҳаммад Дабири Сиёқӣ. – Теҳрон, 1335. – С. 148.
23. Ҳамон ҷо. – С. 271.
24. Ҳамон китоб. – С. 262.

АРАБСКАЯ КУЛЬТУРА И ЛИТЕРАТУРА ГАЗНЫ В НАЧАЛЕ XI ВЕКА

В статье рассматривается вопрос влияния социальной и религиозной политики Султана Махмуда Газневида и его наследников на состояние персидско-таджикской литературы Газнинского двора первой половины XI века. Выявляются основные факторы влияния арабской культуры на персидско-таджикскую поэзию указанного периода.

Ключевые слова:арабская культура, социальная и религиозная политика Султана Махмуда Газневида, влияние арабской культуры на персидско-таджикскую поэзию.

ARABIC CULTURE AND LITERATURE OF GHAZNA IN THE BEGINNING OF XI CENTURY

The article examines the influence of social and religious policy of Sultan Mahmud Gaznevada and his heirs on condition of Persian-Tajik literature Gasnинskogo vard first half of the XI century. Identifies the main factors of influence of Arab culture on the Persian-Tajik poetry specified period.

Kev words: Arab culture. social and religious policy of Sultan Mahmud Gaznevada, the influence of Arab culture on the Persian-Tajik poetry.

Сведения об авторе: ***А. Абдусатторов*** – доктор филологических наук, профессор кафедры истории таджикской литературы Таджикского национального университета

АМРИТЛАЛ НАГАР- НАСРНАВИСИ МАЪРУФИ ҲИНД

Ҳ. Раҷабов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

«Амритлал Нагарро (1916-1990) дар паҳлӯи ҳамон адибони муосири Ҳиндустон овардан мумкин аст, ки доимо машғули кор, машғули асарофарӣ мебошанд. Дар адабиёти ҳиндӣ вай ба андозаи ниҳоят бузург, чун адиби ба баҳодиҳии дараҷаи олӣ меарзидагӣ мақом дошт ва бо ҳамин дараҷа ба мардум маҳбуб мондааст. Истеъдоди ӯ бисёрпаҳлӯ буд, ки он дар эҷоди ҳикояҳо, асарҳои ҳаҷвӣ, пиесаҳои якпардагӣ, очеркҳо, романҳо ва ғайра равшан маълум мешавад. Лекин вай, пеш аз ҳама ҳикоянависи бемислу монанд мебошад»[*].

Ин ҷо месазад илова кунем, ки Амритлал Нагар тарҷумони бомаҳорат низ буд. Вай аз забонҳои ҳиндустонӣ, аз ҷумла аз забонҳои тамилӣ, гуҷаротӣ, маратҳӣ ва забонҳои хориҷӣ асарҳои адибони машҳурро ба забони ҳиндӣ тарҷума намудааст.

Дар воқеъ, бе баҳс Амритлал Нагар дар асри ХХ дар адабиёти ҳиндӣ бо қобилият ва тоқати беандоза кор кардан, бо офаридани ҳикояҳои дилчасп, романҳои бузургҳаҷми тарзи махсуси баёндошта ва ҳаҷви нишонраси худ фарқ мекунад. Вай 17 августи соли 1916 дар деҳаи Гокулпура, наздикии шаҳри Агра ба дунё омадааст. Наврасии хушҳолонае ки дошт, дар ҳамон ҷо гузаштааст. Он вақт падару бобои падариаш дар шаҳри Лакҳнав зиндагӣ мекарданд. Гузаштагонаш аслан, бошандагони Гуҷарот буданд.

Бобояш Шиварам Нагар аз Агра ба Оллоҳобод омада, дар яке аз бонкҳои ҳамин шаҳр ба кор медарояд. Чун шохаи ин бонк дар дар шаҳри Лакҳнав кушода мешавад, ӯро ба ҳамин бонк мефиристанд. Бачагии Амритлал ҳам дар ҳамин шаҳри Лакҳнав гузаштааст. Шиварам азбаски адабиёт ва санъатро дӯст медошт, тамоми шароитҳоро муҳайё мекард, ки Амритлали ҷавон низ ҳамин хел майл ба адабиёт пайдо кунад. Мутаассифона, ин бобои ғамхор соли 1928 аз олам чашм мепӯшад ва идомаи зиёдтар ба адабиёт ошно шудан акнун танҳо ба хоҳиши худи Амритлал вобаста буду халос. Падараш бошад дар фикри ҳарчи зудтар хонадор кардани ӯ буд.

Ҳамин тариқ, 31-уми январи 1931 Амритлали ҳанӯз ба синни понздаҳсолагӣ нарасидаро падараш бо Батто[*] ном духтари сенздаҳсола оиладор мекунад[*]. Бадбахтона, падар ҳам, ки ягона такягоҳи Амритлал буд, умри зиёд надида, соли 1935 худкушӣ мекунад. Он вақт ин мард ҳанӯз чилсола ҳам набуд. Дар вақти рӯй додани чунин нохушӣ Амритлал ҳамагӣ 19 сол умр дошт ва танҳо маълумоти миёна гирифта буду халос. Мушкилоти оила яку якбора ба дӯши ҳоло ӯ афтод.

Ҳамин тариқ, ба Амритлал лозим омад, ки ба бибии падариаш, ки пас аз вафоти шавҳараш ногаҳон нобино шуда буд, модараш Видяватӣ, ҳамсараш ва боз ду бародарони дувоздаҳсолаю чордаҳсолаашро сарпарастӣ намояд. «Аз назари иқтисодӣ мушкилоти зиёд дар ин оила ҷой надошт, вале ҳамаи сарчашмаҳои даромад хушк шуда буданд ва тамоми масъулияти оилавӣ ба дӯши Нагарҷӣ афтода буд»[1].

---

[*] Шрилал Шукла. Амритлал Нагар. Деҳлӣ, 1994, муқоваи китоб.

[*] Баъдтар ин зан дар зиндагиномаи Амритлал Нагар бо номи Пратибҳа ёдовар мешавад.

[*] Амритлал Нагар аз ин зан дар солҳои 1935,1937 ва 1939 мутобиқан соҳиби ду писару як духтар мешавад

Амритлал маълумоти ибтидоиро дар хона гирифтааст. Бо амри падар ин кӯдакро зиёдтар дар хона нигоҳ медоштанд, то ин ки дар зери таъсири манфии муҳити атроф наафтад. Вақте ки вай ба мактаби миёна шомил шуд, ҳамон вақт ҳам ӯро то синфи ҳафтум хизматгор ба мактаб бурда меовард. Лекин ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, таъсире аз атрофиён ба рафтору кирдори ӯ мерасид. Аз ҷониби дигар, вай писарбачае набуд, ки чӣ кор карданашро надонад.

Падар каме хислати шуҳратпарастӣ дошт ва мехост, ки ин хислат ба писараш низ гузарад, барои ҳамин ҳам дар пеши худ вазифа гузошта буд, ки писараш таҳсил карда, доктор ё муҳандис шавад. То ба мактаби миёна рафтани Амритлал падар кӯшиш мекард, ки писарашро аз мутолиаи китобҳои бадеӣ ва маҷаллаҳои адабӣ дилсард намояд ва диққати ӯро асосан, ба омӯзиши риёзӣ равона кунад. Барои иҷрои ҳамин ҳадаф шароитҳо муҳайё мекард, вале писарро майлу рағбат ва андеша дигар буд, вай дилбастагии зиёд ба адабиёт дошт. Шрилал Шукла ёдовар шудааст, ки «Ба қироати адабиёт Нагарҷӣ пинҳонӣ машғул мешуд» [2].

Амритлал соли 1934 ба коллеҷи масеҳӣ дохил мешавад, вале вай ҳеҷ гуна ҳавсалаи гирифтани ягон хел диплом надошт. Дар коллеҷ вай вақти зиёди худро дар китобхона танҳо ба мутолиаи асарҳои бадеӣ сарф мекард. Хусусан, мутолиаи асарҳои Мопассан (1850-1893) ва Чехов (1860-1904) бароям ҷолиб буданд. Дар ҳамон вақт вай тамоми асарҳои адиби маъруфи Бангола Шорточондро Чоттопадҳай (1876-1938)-ро хонда, бо ӯ шахсан вохӯрда, маслиҳатҳо оид ба адабиёт гирифтааст. Ҳамин гуна ошноӣ бо асарҳои Премчанд (1880-1936), ки дар ҳамон солҳо аллакай, чун бузургтарин адиби насрнавис ном бароварда буд, ба ӯ муяссар мешавад. Метавон гуфт, ки адибони номбурда ба ташаккули ҷаҳони асарофарии Амритлал Нагар, хусусан чун ҳикоянавис қомат рост карда, мавқеъ пайдо карданаш таъсири муайяне расонидаанд.

Пас аз вафоти падар Амритлал Нагар тарки таҳсил мекунад ва дар ширкати Суғуртаи муттаҳидаи умумиҳиндустонӣ ба ҳайси диспетчер ба кор медарояд, вале бо иллати ким-кадом гапи ночиз ҳамагӣ 18 рӯз кор мекунаду халос. Пас, вай бо дӯстони худ Рамвилас Шарма ва Наторам Нагар якҷоя нашри як маҷаллаи адабиро соли 1937 бо номи «Чакаллас» («Ҳазли рафиқона») ба роҳ мемонанд, ки дар саҳифаҳои он аслан адибони ҷавон асарҳои тозаэҷодкардаи худро чоп мекарданд. Аз рӯйи маълумотҳои Шрилал Шукла Амритлал Нагар баробари фаъолият дар маҷаллаи «Чакаллас» боз муҳарририю чопи маҷаллаи ҳафтаинаи «Худодод» («Аллаҳ де»)-ро то аввали соли 1938 ба уҳда доштааст. Вале бо ким-кадом сабабе баъдтар нашри онро идома надода, қатъ кардааст. Дар маҷаллаи «Аллаҳ де» Амритлал Нагар чун муҳаррир бо тахаллуси Таслими Лакҳнавӣ фаъолият кардааст, дар маҷаллаи «Чакаллас» бошад, бо номи аслии худаш, яъне Амритлал Нагар. «Чакаллас» соф калимаи авадҳӣ *мебошад. Дар ҳамон солҳо як адиби ҳиндӣ бо номи Балбҳадра Дикшит бо тахаллуси «Парҳис» ба авадҳӣ шеър менавиштаасту ба кҳари болӣ* ҳикоя.

Дар солҳои сиюм як маҷмӯаи ҳикояҳои ӯ бо номи «Бемазҳаб» ва як маҷмӯаи шеърҳояш ба авадҳӣ бо номи «Чакаллас» чоп шуда буданд. Балбҳадра Дикшит хеле ҷавон аз олам гузаштааст, лекин вай шахси босаводу бо истеъдод буд, ва забонҳои ҳиндӣ, урду ва англисиро ба дараҷаи аъло медонист, миёни адибон эътибори кофӣ дошт.

Амритлал Нагар шояд, барои поси хотири ҳамин адиб барои маҷаллааш номи «Чакаллас»-ро интихоб кардааст. Амритлал Нагар бахшида ба сӯгвории ин адиби ғуррамарг як мақолае бо эҳсоси афсӯсу эҳтиром бо номи «Шоири деҳқон Парҳис» («Кисан кавӣ Парҳис») навишта, дар китоби худ «Зиндагӣ бо онҳое, ки мешинохтам» («Ҷин ке сатҳ ҷия», 1973) ҷой додааст.

---

* Авадҳӣ – лаҳҷаи асосии ҳиндии шарқӣ, ки дар музофоти Уттар Прадеш (шаҳрҳои Лакҳнав, Фотеҳпур, Оллоҳобод, Мирзопур, Ҷаунпур ва ғайра) паҳн шудааст. Дар асрҳои миёна адабиёт ба ин лаҳҷа хеле инкишоф ёфта буд. Машҳуртарин асари адиби асримиёнагӣ Тулсидас (1532-1624) «Рамачаритаманаса» («Уқёнуси қаҳрамониҳои Рама» ба авадҳӣ навишта шудааст. Дар асрҳои охир ин лаҳҷа кам дар истифода аст, аслан дар ноҳияҳои музофоти зикр шуда ба назар мерасад.

* Кҳари болӣ – яке аз лаҳҷаҳоии ҳиндии ғарбӣ, ки дар Деҳлӣ, Деҳрадун, Рампур ,Патяла, Муродобод ва дигар шаҳру ноҳияҳо паҳн шудааст. Асоси ду забони адабӣ – ҳиндӣ ва урдуро ташкил медиҳад.

Моҳи октябри соли 1938 охирин шумораи «Чакаллас» нашр шуда, бо ҳамин дигар чопаш қатъ мешавад, лекин бо вуҷуди умри кӯтоҳ диданаш ин маҷалла дар инкишофи насри ҳаҷвии ҳиндӣ нақши муҳимме гузоштааст. Яке аз адибони барҷастаи Ҳинд Маҳавипрасад Двиведӣ (1861-1938) ба ҳикояҳо, шеърҳо ва дигар маводи ҳаҷвии ин маҷалла баҳои баланд додааст. Вай ба яке аз шумораҳои маҷалла пурра шинос шуда, чунин навиштааст: «Шумораи ҳаштуми маҷаллаи «Чакаллас»-ро, вақте ки мутолиа кардам, ҳатто, дили мурдаи ман зинда шуд».

Навиштани ҳар гуна асарҳоро Амритлал Нагар аз оғози солҳои сиюм шурӯъ кардааст. Аввалин шеър, ҳикоя ва очеркҳои ӯ дар ҳамин солҳо дар маҷаллаҳою рӯзномаҳо бо тахаллусҳои «Таслими Лакҳнавӣ», «Индра» ва «Мегҳараҷ» чоп шудан мегиранд. Соли 1935 аввалин асари Амритлал зери унвони «Гулшан» («Ватика») нашр мешавад. Муаллиф як нусхаи ин маҷмӯаро ба Премчанд равон мекунад. Премчанд онро мутолиа намуда, 12 майи соли 1935 ба Амритлал чунин номае мефиристад:

«Амритлалҷии азиз! «Гулшан»-ро гирифтам. Ташаккур! Ин як насри назмист. Ман мехостам, ки Шумо ҳикояҳои реалистӣ нависед, ки асоси онҳоро зиндагии воқеӣ ташкил диҳад, аз онҳо каме нури зиндагӣ омада тавонад. Ман аз он гулшан чанд гулеро бӯй кашидам. Хушбӯ буданд. Назари интиқодиямро хоҳам гуфт. Бо арзи некхоҳӣ, Премчанд»

Баъдтар Амритлал ёдовар шудааст, ки ҳамин суханҳои Премчанд барои ӯ чун раҳнамое хизмат кардааст ва як гардишеро дар фаъолияти адабии ӯ ворид намудааст. Дар оянда бо назардошти ҳамин раҳнамоӣ Амритлал Нагар дигар ҳикояҳо навишта, онҳоро зери номи «Харобаҳо» («Авашеш») соли 1938 ба табъ мерасонад. Дар ин маҷмӯа дар мисоли чунин ҳикояҳои адиб, ба монанди «Модари Шакила» («Шакила ки ман»), «Ҷантар мантар»* ва «Қиссаи муҳаббати Бебӣ» («Бебӣ ки прем каҳанӣ» мушоҳида кардан мумкин аст, ки Амритлал оҳиста-оҳиста тарзи баёни реалистиро интихоб карда истодааст.

Ҳамин давраи гузариш як муддате давом мекунад ва вақте ки соли 1941 маҷмӯаи ҳикояҳои «Туларам Шастрӣ» аз чоп мебарояд, он ҷо дида мешавад, ки воқеияти зиндагӣ бо ҳама тобҳои ҳам хушиовару ҳам ғамангезаш бештар тасвироти худро ёфтааст ва он чизе, ки «насри назмӣ» буд, дигар ба чашм намерасид.

Амритлал Нагар мисли бисёр дигар адибони ҳамон вақт соли 1938 дар «Радиои умумиҳиндустонӣ» ба кор даромада, он ҷо давоми ду сол фаъолият кардааст. Ҳикояҳои ҳаҷвии дар ҳамин солҳо навиштаи адиб, ки баъзеашон аллакай дар маҷаллаи «Чакаллас» чоп шуда буданд, соли 1939 бо номи «Бахти навоб» («Навабӣ маснад») ба табъ расиданд. Дар байни асарҳои ҳаҷвии адабиёти ҳиндӣ «…имрӯзҳо ҳам ягон асаре баробар ба ин асар нест» [3].

Амритлал Нагар 5 марти соли 1940 ба шаҳри Бомбай рафта, дар киностудия ба кор медарояд. Дар ҳамон солҳо киностудияҳо ба кормандони худ маоши баланд медоданд. Барои ҳамин ҳам бисёр адибони боистеъдоди аз лиҳози иқтисодӣ мушкилиҳодошта бо умеди раҳоӣ ёфтан аз мушкилиҳо ва беҳтар кардани аҳволи иҷтимоӣ ба шаҳри Бомбай (ҳозира Мумбай) рафта, дар киностудияҳо кор ҷустуҷӯ менамуданд ва аксарияташон муваффақ низ мешуданд. Амритлал Нагар дар давоми ҳафт сол (1940-1947) дар яке аз киностудияҳо ба ҳайси нависанда кору фаолият мекунад. Дар ин шаҳр вай инчунин, бо маҷаллаи «Адабиёти нав» («Ная саҳития») ҳамкорӣ намуда, як силсила мақолаҳо, аз ҷумла, мақолаҳои ба таҳлили филмҳо дахлдоштаро дар саҳифаҳои ҳамин маҷалла ба табъ мерасонад.

Маҳз дар ҳамин шаҳр адибони гуногунзабони Ҳиндустон ҷамъ омада буданд, ки ҳар кадом бо вуҷуди намояндагони адабиётҳои гуногун буданашон ва ақидаҳои мухталиф доштанашон аксарият адибони пешқадам ва пиёдакунандаи ҳадафҳои «Анҷумани адибони тараққипарвари Ҳиндустон» буданд. Ин Анҷуман адибонро дар муттаҳидӣ нигоҳ медошт ва онҳо аз як минбар садо баланд мекарданд. Маҳз дар ҳамин ҷой Амритлал Нагар бо чунин адибони маъруф, ба мисли Пуранчанд Ҷошӣ, Рамеш Синҳа, Рачив Саксена, Кайфӣ Азмӣ, Маҷоз Амритлал Нагар ва дигарон аз наздик шинос ва дӯст мешавад. Ҳар яке аз ин адибон ҳамин замони дӯст будану якхела андеша ва ҳадаф доштанашонро борҳо дар ёддоштҳои худ самимона зикр кардаанд.

* Ҷантар–мантар – дар Ҳиндусон расадхонаҳоро ҳамин тавр меноманд. Ҷантар-мантарро ҳамчун ҷодугарӣ, мӯъҷиза ва расадхона тарҷума кардан мумкин аст.

Соли 1947 пас аз озодшавию тақсимшавии Ҳиндустон Амритлал Нагар аз Бомбай ба Лакҳнав меояд ва дар ин ҷо аввалин романи худро зери унвони «Замони бузург» («Маҳакал»)* аз чоп мебарорад. Ин асар ба масъалаи гуруснагии даҳшатовари солҳои 40-ум дар Банғола бахшида шудааст. 7 декабри соли 1953 «Радиои умумиҳиндустонӣ» Амритлал Нагарро ба шуъбаи дар шаҳри Лакҳнав будаи худ ба ҳайси коргардони радиоспектаклҳо ба кор даъват менамояд. Дар ин солҳо вай романи «Қатра ва баҳр» «(Бунд аур самудра»)-ро менавишт. Навиштани ин асарро ӯ ҳанӯз дар солҳои 1945-1946, вақте ки сафари якҷоя бо Сумитранандан Пант (1900–1977) ва Нарендра Шарма ба Пандичерӣ дошт, шурӯъ карда буд.

Бо вуҷуди вақти зиёдеро дар хизмати давлатӣ сарф намудан Амритлал Нагар иншои ин романро ба итмом расонида, онро соли 1955 чоп мекунад. Роман аз ҷониби аҳли адаб хуб пазируфта шуд ва ба ақидаи баъзе муҳаққиқону адабиётшиносон яке аз беҳтарин роман дар адабиёти асри бисти ҳиндӣ мебошад. Дар ин роман адибро андеша ин аст, ки як шахси алоҳида мисли як қатраи об ҳеҷ аст. Инсони ҷудогона агар дар манфиатҳои шахсии худ маҳдуд нашуда, мисли қатраи ба уқёнус якҷояшуда ба ҷамъият ҳамроҳ шавад, он гоҳ ҳамон нерӯе, ки уқёнус дар якҷоягии қатраҳояш дорад, ҳамон гуна нерӯро пайдо карда метавонад. Бояд хотиррасон кард, ки соли 1955 барои Амритлал Нагар соли бобарору бобаракате будааст, ки якчанд асари адиб пайи ҳам нашр шудан гирифтанд. Дар солҳои 1940-1941 адиб як асари ҳаҷвие бо номи «Сетҳ Банкемал» навишта буд. Чопи ин асар ҳам дар соли 1955 имконпазир шуд. Дар ҳамин сол боз ду маҷмӯаи ҳикояҳои ӯ бо номҳои «Як дилу ҳазор достон» («Эк дил ҳазар дастан») ва «Бомбаи атомӣ» («Айтам бам») ба табъ мерасанд.

Баробари нашри романи «Қатра ва баҳр» Амритлал Нагар дар сафи аввали насрнависони ҳиндӣ ҷой мегирад. Ин асар ба забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла ба забони русӣ ва ҳамаи забонҳои асосии Ҳиндустон тарҷума ва нашр мешавад. Шояд бо сабаби ба забонҳои дигар ва бо адади зиёд чоп шудани ин асар бошад, ки ҷиҳати иқтисодии зиндагии муаллиф низ беҳтар мегардад. Вай соли 1956 бо хоҳиши худ аз кор кардан дар радио даст мекашад ва тасмим мегирад, ки баъд аз ин танҳо ба кори эҷодӣ машғул шавад. Ҳамин тариқ, адиб дигар то охири умри худ аз қаламу коғаз ҷудо нашуда, навиштани асарҳои бадеиро беш аз пеш идома медиҳад.

Амритлал Нагар дар умри худ бисёр кам сафар кардааст. Вай Ҳиндустонро бисёр дӯст медошт ва мехост, ки дар дохили ватанаш сафарҳо дошта бошад. Соли 1962 аз Иттиҳоди Шуравӣ ва соли 1976 барои иштирок намудан дар дуюмин ҷашни байналмилалии Забони ҳиндӣ аз Моришас дидан кардааст ва хотираҳои сафарро дар асарҳои офаридааш истифода намудааст. Масалан, яке аз персонажҳои романи «Шаҳд ва заҳр» Лачҳуро адиб ба Иттиҳоди Шуравӣ равон мекунад ва дидаю шунидаи ӯро аз ин сафар дар роман ҷой додааст.

3 феврали соли 1990 Амритлал Нагар дастхати романи «Наслҳо» («Пирҳиян»)-ро аз назар гузаронида, дар баъзе ҷойҳояш ислоҳ медарорад. Дар ҳамин рӯзҳои моҳи феврал вай худро ниҳоят бекуввату бемадор ҳис карда, ниҳоят 16 феврал нахустин бор гирифтори дарди сахти шушу меъда мешавад. Дар шаҳри Лакҳнав ҳама Амритлал Нагарро хуб мешинохтанд ва эҳтиром мекарданд. Хабари бемории адиб зуд дар тамоми шаҳр паҳн мешавад. Ӯро ба беҳтарин шифохонаи шаҳр – Коллеҷи тиббии Карол Ҷорҷ бурда табобат мекунанд, лекин бо вуҷуди тамоми чораҳоро дидани беҳтарин табибон натиҷаи мусбат ҳосил намешавад ва адиб 23 феврали соли 1990 аз олам дармегузарад. Ҳамон рӯз рӯзи «Шиваратрӣ»* будааст. Адиб, ки тамоми умр ба Шива этиқод дошт, шояд тасодуф набошад, ки маҳз дар ҳамин рӯз адиб сафари олами худои дӯстдоштааш кардааст. Бояд гуфт, ки Амритлал Нагарро дарди ҷисмонҷ он қадар азият надодааст, он қадаре ки дарди рӯҳӣ ноҳинҷор сохта. Падараш соли 1935, ҳанӯз чилсола нашуда, модар соли 1964, бародари хурдӣ Ратналал соли 1966, дигар бародари хурдиаш Маданлал соли 1984 ва ҳамсараш Пратибҳа (зани босаводу бомаърифат, ки ӯро бисёр дастгирӣ менамуд) соли 1985 вафот кардаанд. Марги наздиконаш ӯро дурудароз гирифтори маъюсию рӯҳафтодагӣ менамуд. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда Амритлал Нагар қобилият ва ҳавсалаи асарофариашро аз даст намедод, ҷойи рафтагонро адабиёт мегирифт. Амритлал Нагар дар таърихи адабиёти асри ХХ-и ҳиндӣ яке аз пурмаҳсултарин адиб

* Ин асар соли 1970 бори дуюм ва ин дафъа бо номи дигар – «Гуруснагӣ» («Бҳукҳ») нашр шудааст.

* Шиваратрӣ – «Шаби Шива» номи иде, ки ба шарафи худо Шива, дар рӯзи 14-уми моҳи паҳалгун (феврал-март) ҷашн гирифта мешавад.

ба шумор меравад. Ба қалами ӯ чунин асарҳо тааллуқ доранд, аз ҷумла,14 роман: «Замони нав», (1947), «Қатра ва баҳр», (1956), «Мӯҳраҳои шоҳмот» («Шатранҷ ке моҳре», 1959), «Шаҳд ва заҳр» («Амрит аур виш», 1966), «Қӯи кӯли Манас» («Манас ка ҳанс», 1973), «Шишаи оташин» («Агнигарбҳа»,1983), «Паҳлӯ» («Карват»,1985), «Наслҳо» («Пирҳиян», 1990 ва ғайра; 13 маҷмӯаи ҳикояҳо: «Гулшан» («Ватика», 1935), «Харобаҳо» («Авашеш»,1938), «Туларам Шастрӣ», (1941), «Инсан. Не! Не! (1947), «Гурӯҳи панҷум» («Панчва даста»,(1948), «Як дилу ҳазор достон», (1955), «Бомбаи атомӣ» («Атамӣ бам»,1955), «Искандар мағлуб шуд» («Сикандар ҳар гая»,1984) ва ғайра; 6 маҷмӯаи мақолаҳо: «Гулҳои исён» («Гадар ке пҳул», 1957), «Адабиёт ва фарҳанг» («Саҳития аур санскритӣ», 1986) ва ғайра; 4 асари ҳаҷвӣ: «Бахти Навоб» («Навабӣ маснад», 1939), «Сетҳ Банкемал», (1955), «Меҳрубонӣ карда ба тарафи рост раведӣ» («Крипая даен чалие», 1972), «Мо фидои Лакҳнав» («Ҳам фидае Лакҳнав», 1973) ва ғайра; 7 маҷмӯаи пйесаҳо: «Масъалаи мӯй» («Бал ки баат», 1974), «Ҷангали сандал» («Чандан ван», 1976), «Зинапояи печдор ва торикӣ» («Чаккардар сирҳиян аур андҳера», 1978) ва ғайра; 12 асар барои бачаҳо: «Ҳолаи шӯх» («Натакҳат чачӣ», 1946), «Равзанҳои таърих» («Итиҳас ке ҷҳарокҳе», 1970), «Биёед бачаҳо, саҳнабозӣ мекунем» («Ао бачче, натак карен»,1988) ва ғайра, инчунин асарҳои тарҷумакардаи ӯ аз забонҳои дигар дар 6 китоб гирд оварда шудаанд, аз ҷумла асарҳои Мопассан ва Чехов.

Амритлал Нагар барои саҳми назарраси дар инкишофи адабиёти ҳиндӣ гузоштааш, барои офаридани асарҳои замонавӣ ва барои чун ватандӯсти воқеӣ бо қалами худ дар хизмати халқ буданаш борҳо бо мукофотҳои давлатӣ, мукофотҳои ҳукумаҳои музофотҳо, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, маҷаллаҳо ва ғайра сарфароз гардидааст. Соли 1970 адиб барои романи «Қатра ва баҳр» ба гирифтани Мукофоти «Ҷавоҳирлол Неҳру», ки маҷаллаи «Совиет лэнд» («Мамлакати Шӯроҳо») таъсис дода буд , мушарраф шудааст. Ду дафъа ба ӯ мукофотҳои пулӣ (ҳар дафъа дар ҳаҷми сад ҳазор рупиягӣ) додаанд. Соли 1981 адиб сазовори яке аз мукофотҳои олии ҳукуматӣ- мукофоти «Падамбҳушан» шудааст.

Ҳарчанд ки Амритлал Нагарро аввал, ҳикоянавис ва баъдан, романнавис гӯянд ҳам, ҳақиқату адолат дар он аст, ки агар ӯро бе аввалу бе сонӣ гуфтан романнавис ва ҳикоянависи бузург номем ва дар ҳар ду жанр – роман ва ҳикоя як хел заҳмат кашида, як хел бартарӣ дорад гӯем, зиёдтар дуруст меояд.

Романи «Мӯҳраҳои шатранҷ» романи таърихӣ буда, ба зиндаги феодалони ҳокими шаҳри Лакҳнав аз Ғозиуддин Ҳайдар сар карда, то Насриддин Ҳайдар бахшида шудааст ва воқеаҳои то арафаи Шӯриши сипоҳиён (1857-1859) рӯйдодаро дар бар мегирад. Адиб муҳити таърихиро барои ифодаи андешаҳои пешқадами худ бамаврид истифода бурдааст. Романи «Шаҳд ва заҳр» соли 1966 нашр ва соли 1967 сазовори мукофоти «Академияи адабиёт»-и Ҳиндустон шудааст. Ин асар то андозае асари тарҷумаиҳолист. Ровӣ – қаҳрамони асосии роман, нависанда Аравинд Шанкар мебошад. Вай мехоҳад ҳақиқати зиндагиро баён намуда, ба ҳамватанонаш дасти ёрӣ дароз кунад. Вай оид ба тақдири миллионҳо одамони нодор, миллионҳо ҷавонони бекору ояндаашон номаълум фикр мекунад. Муборизаи нави куҳна, ки як шаҳд асту дигаре заҳр бояд ба манфиати шаҳд анҷом ёбад.

Романи «Агнигарбҳа» ҳаҷман романи он қадар калон нест, ҳамагӣ аз 150 саҳифа иборат аст ва асосан, ба зиндагии як ҷавонзани маълумотгирифае, ки мубориза мебараду муваффақ шуда наметавонад, бахшида шудааст. Адиб кӯшиш кардааст, дар айни ҳол дар ҷомеа чӣ мақом ва чӣ нақше доштани занҳоро нишон диҳад. Қаҳрамони асосии асар зани ҷавоне мебошад бо номи Сита. Вай таълими хуб гирифтааст, магистри илмҳои гуманитарӣ мебошад, мутахассиси дараҷаи аввал аст. Ду ҳамкурсаш баъди ба шавҳар баромаданашон аъзоёни оилаҳои босарвату мансабдор шудаанд. Лекин Сита на шавҳар карда метавонаду на ҷойи кор меёбад. Сабаби шавҳар накардани вай дар он аст, ки падараш бо иллати тангдастӣ имконияти додани даҳеҷро* надорад. Пас аз чанде дар ноумедӣ гаштан Сита бо мадади дугонаҳои ҳамкурсаш дар як мактаби занона кор меёбад. Дар ҳамин ҷо ба Рамешвар ном шахсе, ки дар ин мактаб кор намекарду, лекин ба фаъолияти он таъсири зиёд дошт, шинос шуда, зану шавҳар мешаванд. Падари Сита даҳеҷро дода

* Даҳеҷ – ҷиҳоз, пулу моле, ки ҳангоми тӯйи арӯсии ҳиндувон бояд падари духтар ба падари писар мутобиқи шартҳои қаблан мувофиқа шуда диҳад.

наметавонад, вале забонхат медиҳад, ки ин дар гардани ӯ қарз аст ва вай оҳиста-оҳиста онро медиҳад Ҳамин тариқ, Рамешвар ва Сита зану шавҳаранд, вале ин зиндагии якҷоя ба ғайр аз ғаму ғурбат дигар чизе надорад. Азбаски падари Сита наметавонад дар вақташ бо падари Рамешвар ҳисобу китоби даҳеҷро анҷом диҳад, Ситаро аз бачаҳояш ҷудо карда, аз хона ҳам меронанд. Сита ба ҷойи дигар рафта, кор меёбад ва нав андак қомат рост мекунад, ки аз дасти як нобакор кушта мешавад. Тавре ки мебинем, поёни асар фоҷиавист, вале бешак, ин ҳақиқатест, ки адиб наметавонад бо хоҳиши худ дигар карда, анҷоми хушиовар диҳад. Ду романи охирини Амритлал Нагар «Карват» ва «Пирҳиян» низ ба зиндагии мардуми шаҳри Лакҳнав бахшида шудаанд, гарчанде ки баъзе воқеаҳои ин асарҳо дар дигар қисматҳои Ҳиндустон ҳам рӯй медиҳанд. Ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки ҳар як асари Амритлал Нагар ба ёдоварӣ меарзад. Виҷаендра Снатак дар китоби худ «Таърихи адабиёти ҳиндӣ» роҷеъ ба Амритлал Нагар сухан ронда, ӯро дар таърихи адабиёти ҳиндӣ дар паҳлӯи романнависони маъруф ҷой дода, чунин гуфтааст: «Шумораи романнависон хеле зиёд аст, лекин романнависоне, ки дар таърихи адабиёти ҳиндӣ ҷой пайдо карда бошанд, хеле каманд» [4].

Дар таърихи адабиёти навини ҳиндӣ Амритлал Нагар боз ҳамчун ҳикоянависи бомаҳорат шинохта мешавад. Адиб дар ҳикояҳояш низ аз баёни масъалаҳои доғи замони худ дур нарафтааст. Дар навиштани ҳикояҳо вай аллакай аз мактаби Мопассан, Чехов, Премчанд, Равиндранатҳ Тҳакур ва дигар чунин ҳикоянависони маъруф гузашта буд. Амритлал Нагар худро ҳеҷ гоҳ аз ҳузури мардум, хусусан мардуми оддӣ дар канор нагирифта, балки ҳамеша бо онҳо наздиктар буданро ба худ раво дидааст. Ин кӯшиши наздикшавиро бо мардуми оддӣ мо бисёр равшан дар ҳикояҳои ӯ мушоҳида мекунем. Ҳикояҳои машҳури Амритлал Нагар, ки фикру андешаҳои пешқадами ӯ, ғамхории ӯ ба халқу ба анъанаҳои миллӣ ва мисли инҳоро ифода мекунанд, дар чунин ҳикояҳояш баръало ба назар мерасанд: «Одам не! Не!», (1947), «Мунши Дҳирраулал», (1937), «Ҳамсояи мо муншӣ Бахтоварлал» («Ҳамаре паросӣ муншӣ Бахтаварлал», 1938), «Ҷаноби Навоб», (1939), «Доктор Фарничарпалат» (1951), «Ду такягоҳ» («Астҳаен», 1954), «Модар, падар ва фарзандон» («Ман, бап аур бачче», 1963), «Ҳеҷ шудан» («Каурӣ ке тин», 1982) ва мисли инҳо.

Дар соҳои 80-уми асри гузашта вақте ки адибонро ба се насл ҷудо менамуданд, Амритлал Нагар шомили насли калонсол (насли якум) буд. Намояндагони ин насл ҳамонҳое буданд, ки барояшон анъанаҳои Премчанд ва Равиндранатҳ Тҳакур қиммати зиёд дошт. Онҳо ба ҳар гуна ҷараёнҳои адабии навпайдошуда, хусусан ҷараёнҳои модернистӣ, ки умри дароз намедиданд ва он қадар хуб ҳам аз ҷониби хонандагон пазируфта намешуданд, ҳамроҳ набуданд.

А Д А Б И Ё Т

1. Шрилал Шукла. Амритлал Нагар / Шрилал Шукла. -Деҳлӣ, 1994. -С. 3.
2. Ҳамон ҷо
3. Шрилал Шукла. Амритлал Нагар / Шрилал Шукла. -Деҳлӣ, 1994. -С.9.
4. Виҷаендра Снатак. Таърихи адабиёти ҳиндӣ / Снатак Виҷаендра.- Деҳлӣ, 1996. -С. 309.
5. Лакшмисагар Варшнея. Таърихи адабиёти ҳиндӣ / Варшнея Лакшмисагар. - Оллоҳобод, 1989.
6. Челышев Е. П.Литература хинди / Е. П Челышев. -М., 1968.
7. Шрилал Шукла. Амритлал Нагар / Шрилал Шукла. -Деҳлӣ, 1994.

АМРИТЛАЛ НАГАР – ИЗВЕСТНЫЙ ПРОЗАИК ИНДИИ

Амритлал Нагар (1916-1990) является одним из крупнейших прозаиков Индии в XX веке, который внес весомый вклад в развитие современной прозы хинди. Он является автором 14 романов, 13 сборников рассказов, 6 сборников статей, 7 сборников пьес, 12 разных книг для детей и 4 сборника юмористических произведений различного жанра. В своих произведениях поднял важнейшие проблемы современного ему общества.

Ключевые слова: литература, талантливый, романнист, новеллист, писатель, переводчик, Премчанд, Мопассан, поколение. нетар, яд, капля, океан, премия Неру, Чакаллас, всеиндийское радио, великий период.

AMRITLAL NAGAR – FAMOUS INDIAN WRITER

Amritlal Nagar (1916-1990) one of the greatest Indian writers of the twenties century. He made a significant contribution to the development of the modern Hindi prose. He is the author of 14 novels, 13 collected stories, 6 collected articles, 7 collected plays, 12 books for the children and 4 collected funny stories of different genres. In his work he brought up the actual problems of his time.

Key words: Literature, talented, romannist, novelist, writer, translator, Premchand, Maupassant generation. nectar, poison, drop, ocean, Nehru prize Chakallas, All India Radio, the great period.

Сведения об авторе: ***Х. Раджабов*** – профессор кафедры индийской филологии ТНУ

АҚИДАҲОИ АДАБӢ-НАЗАРИЯВИИ АБӮНАСРИ ФОРОБӢ

А. Абдуқодиров
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б.Ғафуров

Мутафаккири мутабаҳҳир Абӯнасри Форобӣ (873-950) аз ҷумлаи ҳамзамононии Абӯмаҳмуд Хуҷандӣ (940-1010) мебошад. Олими машҳури араб Ибни Абуусайбиа (1203-1269) менависад, ки ӯ «аз файласуфони баркамол, донишмандони фозил буд, илмҳои мансуб ба ҳикматро мукаммал медонист. Ӯ ба донистани илмҳои риёзӣ ва нуҷум низ моҳир буд» (4, 45).

Ибни Абуусайбиа дар бораи Форобӣ боз маълумоти зеринро меорад: «Исми пурраи он кас Абӯнаср Муҳаммад ибн Узлиғ Тархон буда, зодаи Фороб (дар сарзамини Ҷумҳурии Қазоқистони ҳозира – А.А.) мебошад. Падари ӯ сарлашкар буда, аслаш форс аст» (4, 45).

Абӯнасри Форобӣ дар асл тоҷик бошад ҳам, бо тақозои замон ҳамаи осори илмиашро ба забони арабӣ навиштааст. Аз 160 асари оид ба соҳаҳои мухталифи илм навиштаи Форобӣ танҳо 20 китоби ӯ то замони мо омада расидааст, ки дар байни онҳо ду рисола ба адабиётшиносӣ бахшида шудааст.Яке аз онҳо «Китоби шеър» буда, дуюмаш «Дар бораи қонунҳои саноати шеърӣ» мебошад. Ин ду рисолаи илмиро тарҷумони маъруф Абдусодиқ Ирисов аз арабӣ ба забони ӯзбекӣ тарҷума карда, якҷоя чоп намудааст (4).

Дар ин рисолаҳо ақидаҳои адабӣ-назариявии Форобӣ таҷассум ёфтааст. Олими бузург дар «Китоби шеър» дар бораи масъалаҳои назм баҳс меронад. Форобӣ даставвал дар бораи хусусиятҳои шеър фикр ронда, дар шеър ҳамоҳангӣ, вазн, воситаҳое, ки вазнро ба вуҷуд меоранд – сабаб (як ҳиҷои дароз ва ду ҳиҷои кӯтоҳ), ватад (як ҳиҷои кӯтоҳ, як ҳиҷои дарозу як кӯтоҳ), фосила (ду ҳиҷои кӯтоҳ, як дарозу се ҳиҷои кӯтоҳ, як дароз), «меъёри муайяни тартиби қисмҳои калима», яъне мисраҳо (4, 13) ва байтҳо шуданашро қайд намуда, илова мекунад: «Баробари ин, ба якдигар ҳамоҳанг шудани байтҳо талаб карда мешавад» (4, 14). Эҳсос мегардад, ки олим ҳамоҳангии байтҳо гуфта, воситаҳои ритм – вазн, қофия, радиф, ҳоҷиб, ҳиҷо ва ғайраро дар назар дорад. Форобӣ, хусусан ба ҳамоҳангии охири байт махсус диққат дода, таъкид мекунад, ки дар он «ё овозҳо айнан якхела мешаванд ё ки дар вақти талаффуз бояд калимаҳои ба якдигар баробар меоянд» (4, 14). Бе ҳеҷ шубҳа олим диққатро дар ин ҷо ба равӣ, ки қисми муҳимми қофия мебошад, ҷалб мекунад. Зеро равӣ ҳарфи охирини решагии калимаҳои ҳамқофия мебошад.

Дар рисола таъкид меравад, ки дар пайдоиши шеър тақлид нақши муҳим бозидааст. Олим тақлид гуфта, ашё-ҳодисаҳои табиатро, ки дар тасаввури шоир ифода меёбад, дар назар дорад. Маълум аст, ки дар ин ифодаҳо таассуроти шоир бо шакл, фаҳмиш ва манзараҳои гуногун намоён мешаванд. Ин бошад, ташбеҳ ва тамсилҳоро ба вуҷуд оварда, дар он таъсирбахширо меафзояд. Аз ин мебарояд, ки Форобӣ тақлидро дар назм ҳамчун воситаи созандаи образ ва образнокӣ талқин кардааст.

Аммо ба ақидаи олим аз худи тақлид шеър ба вуҷуд намеояд. Форобӣ инро таъкид намуда, менависад: «Мабодо калимаҳо бо ягон ашё тақлид кардан ташкил ёфта бошаду аммо онҳо оҳанг (ритм) ва вазн надошта бошад, ин хел калимаҳои қатора шеър ҳисоб намешавад, балки онҳо суханҳои шеърӣ номида мешаваду халос. Баробари ин, агар он «суханҳои шеърӣ» ба вазни муайян фароварда шуда, бо қисмҳои оҳанг (ритм) музайян карда шавад, дар ин ҳол онҳо шеър шуда метавонад» (4, 15).

Фикри олим дуруст аст. Дар ҳақиқат, тақлид-мушобеҳи одӣ ва калимаҳои пасиҳамомада, яъне худи аз мисраҳо шеър эҷод карда намешавад. Барои шеър шудан ритм, қисматҳои ритмӣ ва вазн зарур аст. Форобӣ, хусусан аҳамияти вазнро дар шеър алоҳида қайд намуда, вазифаи онро васеъ таҳлил мекунад.

Форобӣ дар рисолаи «Дар бораи қонунҳои саноати шеърӣ» фикрҳои худро оид ба вазн давом дода, дар системаи арӯз ва мусиқа мавқеи муҳим доштани вазнро дуруст таъкид менамояд. Аммо олим ба вазн баҳои зиёдатӣ дода, баъзан онро дар маънои жанр истифода мебарад. Вале муҳимаш дар он аст, ки Форобӣ дар рисолаи «Дар бораи қонунҳои саноати шеърӣ» дар асоси асари «Поэтика»-и Арасту (с. 384-322 пеш аз милод) дар Шарқ якумин шуда, трагӯзиё (трагедия), қумузия (комедия), сатуро (сатира), драмото (драма), дисирамбо (дифирамб), поэмото (поэма), эфиқӣ (эпос), риторӣ (риторика), акустиқӣ(акустика) ва дигар намуд, ҷинс ва жанрҳои адабиро номбар карда, онҳоро шарҳ медиҳад ва тарғиб мекунад.

Масалан, ӯ дар бораи трағӯзиё мегӯяд, ки инчунин, дар ин гуна шеър мадҳи сардорони шаҳрҳо гуфта мешавад. Агар шоҳ бимирад дар рукнҳои он шеър нағмаҳои махсус илова карда барои шоҳ навҳагарӣ мекунанд. Дар қумузия пастии ахлоқ, ҳаҷв ва кирдорӣ ношоистаи одамон зикр мешавад, мегӯяд Форобӣ.

Ҳамчунин мутафаккир дар қумузия истифода бурда шудани мусиқиро (оҳангҳоро) қайд кардааст. Ин фикри олим мазҳакаи мусиқиро ба ёд меоварад. Олим менависад, ки дар сатуро низ танқид мешавад, аммо дар он танқид бо воситаи ҳайвонот ифода меёбад (4, 32). Абӯнаср бо гуфтаҳои боло ба сатуро хос будани тасвири маҷозиро таъкид менамояд.

Форобӣ намуд, ҷинс ва жанрҳои адабии дар боло зикршударо марбутан ба адабиёти Юнон тасвир кардааст, ё, чи тавре ки худаш мегӯяд: «Ин аст анвои шеъри юнониён ва маъноҳои онҳо бар ҳасби он чи аз донишмандони эшон ба мо расидааст». Олим дар асоси манбаъҳои адабии даври худ навъҳои шеърро ба ҳаҷвия, мадҳия, муфохара (фахрия), луғз, ҳазл, ғазал, шеъри васфӣ ҷудо намуда, ба ҳар яки он фаровон будани мисолҳоро таъкид мекунад. Форобӣ тасниф шудани ин навъҳои назмро дар осори олимони форс ва араб хотиррасон намуда, «суханро аз дароз кардан халос мекунем» (4, 31) гӯён, онҳоро шарҳ намедиҳад. Аз ин гуфтаҳо ду хулоса мебарояд: Якум, маълум мешавад, ки дар асрҳои IX-X олимони форс ва араб оиди адабиётшиносӣ асарҳо навишта, дар онҳо навъҳои адабиро васеъ шарҳ дода будаанд. Дуюм, ба сабаби дар ин навъҳои адабӣ осори бисёр таълиф гардидан онҳо ба ҳама фаҳмо будаанд ва барои ҳамин ниёз ба шарҳ намондааст.

Форобӣ дар асари «Дар бораи қонунҳои саноати шеърӣ» фақат дар бораи назм ва навъҳои он фикр наронда, ба худи шоирон низ баҳо медиҳад. «Пас, мегӯем, ки шоирон ё соҳиби фитрат ва табиати шеър гуфтананд, - менависад олим, - ва ташбеҳу тамсилро ё дар аксари навъҳои шеър ё дар якеи онҳо хуб ба кор мебаранд» (4, 35).

Аммо ба фикри Форобӣ шоир ба қобилияти худ бовар карда, барои ба камолот расидан кӯшиш накунад, санъати шеър ва асрори маҳорати аз худ накунад, шоири ҳақиқӣ ба шумор намеравад. Вале шоире, ки санъати шеърро чуқур аз худ кунаду донишманд ва маҳоратнок бошанд, «онҳо дар ҳақиқат сазоворанд, ки шоирони қобилиятнок гуфта шаванд». Зеро «онҳо, - мегӯяд Форобӣ фикрашро асоснок карда, - ташбеҳ ва тамсилҳое, ки дар санъати шеър истифода мешавад, бо маҳорати баланд истифода карда метавонанд» (4, 36).

Форобӣ ғайр аз ин ду тоифаи шоирон боз шоирони тоифаи сеюмро ҳам қайд намуда, онҳоро «… асҳоби тақлид буда, тобеи равияи ду гурӯҳи пешин мебошанд», - мегӯяд (4, 36). Олим ҳам аз «табиати шеърии фитрӣ» ҳам аз «қонуну қоидаҳои санъати шеърӣ» бехабар будани ин гурӯҳро қайд намуда, менависад: «Аксари онҳо (дар санъати шеър) иштибоҳ ва хато мекунанд» (4, 36). Олими бузург дар баъзе ҳолатҳо аз рӯйи маҷбурӣ, яъне бар хилофи хоҳиши худ, дар баъзе ҳолатҳо бошад, бо тақозои шароит ба ҷойи як навъи адабӣ навъи дигари шеър эҷод кардани шоиронро хотиррасон мекунад. Мулоҳизаҳои дақиқ ва нуктасанҷонаи Форобӣ дар бораи шоирон шаҳодат медиҳад, ки ӯ шеъру шоириро хеле мукаммал омӯхта, хулосаҳои аниқ баровардааст. Воқеан, худи Абӯнаср низ шоири баркамол буд ва ба қалами ӯ якчанд шеърҳоро ҳам ба забони арабӣ ва ҳам форсӣ мансуб медонанд. Аз ҷумла, дар асари «Уюн-ул-анбо фи-табақот-ил-аттибо» («Чашмаи хабарҳо дар ҳаққи аҳли табибон»)-и Ибни Абуусайбиъа се ғазали арабӣ, дар «Маҷмаа-ул-фусаҳо»-и Ризоқулихон Ҳидоят (1800-1871) ду рубоии зерини форсии Форобӣ оварда шудааст:

Асрори вуҷуд хому нопухта бимонд,
В-он гавҳари бас шариф носуфта бимонд.
Ҳар кас ба далели ақл чизе гуфтанд,
Он нукта, ки асл буд, ногуфта бимонд.

Эй он ки шумо пиру ҷавондидоред,
Азрақпӯшони ин куҳандеворед,
Тифле зи шумо дар бари мо маҳбус аст,
Ӯро ба халос ҳиммате бигморед (2, 11).

Дар асоси фикрҳои боло ба хулосаҳои зерин омадан мумкин аст:

1.Файласуф, риёзидон, ситорашинос, табиб, бастакор ва физики машҳури замони худ Форобӣ, ҳамчун адабиётшиноси баркамол низ фаъолият бурда буд;

2. Форобӣ яке аз аввалинҳо шуда дар рисолаҳои илмии «Китоби шеър» ва «Дар бораи қонунҳои саноати шеърӣ» ба тадқиқи масъалаҳои адабӣ-назариявии адабиёти бадеӣ пардохтааст;

3. Абӯнаср дар байни олимони Шарқ аввалин шуда, ҷинс ва жанрҳои адабии адабиёти Юнонро тадқиқ намуда, бо ин роҳ ба интишори илми шеъри юнонӣ дар адабиёти форс-тоҷик, араб ва туркизабон мусоидат кард;

4. Олими бузург яке аз аввалинҳо шуда, навъҳои адабии назми форс-тоҷик ва араби асрҳои миёнаро аз ҷиҳати назариявӣ тасниф намуд;

5. Форобӣ дар бораи шоирон низ якумин шуда фикр ронда, онҳоро бо гурӯҳҳо тақсим кард ва ба фаъолияти адабиашон баҳо дод;

6. Абӯнаср дар баробари адабиётшиноси баркамол будан, ҳамчунин шоири забардаст буд ва ӯро барҳақ аз ҷумлаи беҳтарин шоирони зуллисонайн шумурдан ҷоиз аст, ки бо забонҳои дарию арабӣ шеърҳои мукаммал навиштааст.

АДАБИЁТ

1. Очилов Э. Симоҳои барҳаёт / Э. Очилов. – Тошканд: Ӯзбекистон, 2012. – 424 с.
2. Поэтикаи классикии шарқ / Ҳозиркунандаи чоп, муаллифи талқин ва шарҳҳо Ҳ. Болтабоев. – Тошканд: Энсиклопедияи миллии Ӯзбекистон, 2006. – 430с.
3. Фанни шеър / Танзим, тасҳеҳ ва тавзеҳоти Ш. Ҳусейнзода, Х. Шарифов. – Душанбе: Ирфон, 1985. – 192 с.
4. Форобӣ А. Санъати шеър / А. Форобӣ. – Тошканд: Адабиёт ва санъат, 1979. – 66 с.
5. Форобӣ А. Рисолаҳо / А. Форобӣ. – Тошканд: Фан, 1975. –143 с.
6. Ҳомидӣ Ҳ. Пешвоёни шарқи қадима / Ҳ. Ҳомидӣ. – Тошканд: Шарқ, 1999. – 350 с.

НАУЧНО-ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ВЗГЛЯДЫ АБУНАСРА ФАРАБИ

В статье анализируются научно-теоретические взгляды великого философа, поэта и литературоведа Абунасра Фараби (873-950). Фараби на Востоке впервые выдвинул свою точку зрения по отношению r стихам, литературным видам и жанрам, а также классифицируя дал оценку поэтам по таланту. В статье чётко анализированs эти и другие научно-теоретические взгляды Фараби.

Ключевые слова: искусство стих, литературные виды и жанры, трагедия, комедия, сатира, рубаи.

SCIENTIFIC-THEORETICAL VISIONS OF ABUNASRFARABI

Scientific-theoretical visions of a great philosopher, poet, and expert in literature AbunasrFarabi (873-950) are analyzed in this article.

In the East Farabi was the first to present his view point concerning poems, literary style and genre, and also gave his assessment regarding classification of poets on talent. These and other scientific-theoretical visions of Farabi are clearly analyzed in this article.

Key words: art, poem, literary styles and genres, tragedy, comedy, satire, rubai, drama, poet, epos, epic poems.

Сведения об авторе: ***Абдукадыров Абдусалом*** – доктор филологических наук, профессор Худжандского государственного университета им.Б.Гафурова. Телефон: **(+992) 92 8484935**. **abdusalom – a @ rambler. ru**

АФКОРИ РИНДӢ- ЯКЕ АЗ ХУСУСИЯТҲОИ АСОСИИ ҒАЗАЛИЁТИ ФИҒОНӢ

О.Ш. Саидҷаъфаров
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Яке аз вижагиҳои шахсияти Фиғонӣ аз аҳли риндон ба ҳисоб рафтани вай аст, ки ин мухтассот бар шеъри вай низ асари бас бузургро бар ҷой гузоштааст. Фиғонӣ дар чанд ҷо аз ғазалиёташ сареҳан ва ба таври возеҳ худро аз аҳли рунуд ҳисоб намудааст (1, 74; 148; 292). Дар таърихи адабиёти форсӣ кам шоире худро ошкоро ринд хонда, илова бар он, ифтихор аз ин машраби хароботии худ кардааст. Ҷуз аз Умари Хайём ва Хоҷа Ҳофиз, ки хештанро мукаррар аз аҳли рунуд хонда, шарму ибое ҳам аз ринд будан надоштанд, дигар аксари шоирони қадиму муосири Фиғонӣ аз ин ному пайванд бо он сахт парҳез мекарданд ва баракс, худро аз аҳли ирфону тасаввуф ва донишу ҳикмат мешумурданд ва зимнан, бояд гуфт, ки қисмате аз онҳо тазоҳур бар орифиву сӯфигарӣ мекарданд, зеро риндигарӣ ва аз аҳли рунуд будан дар ҷомеаи мутадайин, ки асоси ин ҷомеа бар ахлоқи тадайюнӣ бунёд гирифта буд, амали сахт мамнӯъ ва коре бас зишту паст ҳисобида мешуд. Ринд будан нишоне аз осиву гунаҳгор будан ба ҳисоб мерафт. Фиғонӣ дар ҳамин маврид гуфта:

Маро, ки тира шуд аз касрати гуноҳ чароғ,
Чӣ суд, он ки дарорам ба пешгоҳ чароғ (1, 300).

Аммо Фиғонӣ, чунонки зикр шуд, баракс худро ошкоро ринд мехонад ва риндигариро мояи ифтихори худ медонад. Дар байти як ғазал, ки муҳтавои он ба

пуррагӣ иборат аз мавзӯи ворастагиву риндӣ аст, Фиғонӣ худро ринду хароботӣ гуфта ва аз он ибое накардааст:

Мо ринди хароботиву маъшуқапарастем,
Бар мо қаламе нест, ки девонаву мастем (1, 322).

Бояд қайд кард, ки дар ғазалиёти Фиғонӣ вожаи ринд дар аксари маворид дар маънои зоҳирияш, яъне «бебоку бепарво» ва «айёшу майхора» корбурд шудааст, на дар маънои истилоҳии ирфонияш, чунонки Саҷҷодӣ дар таърифи он гуфтааст: «… ба маънии касе аст, ки ҷамеи касарот ва таайюноти вуҷубии зоҳирӣ ва имконӣ ва сифоту аъёнро аз худ дур карда ва сарафрози олам ва одам аст, ки мартабати ҳеҷ махлуқе ба мартабати рафеи ӯ намерасад … Ва тамоми русуми зоҳирӣ ва қуюди муомиларо раҳо карда ва маҳви ҳақиқат шуда бошад … Ва асрори ҳақиқатро дарёфта ва аз шариат ва тариқат даргузашта» (3, 199). Вагарна, Фиғонӣ куҷову мартабати рафеи рӯҳонӣ куҷо ё ӯ куҷову раҳоӣ аз қуюди муомилат ва маҳви ҳақиқат куҷо?!

Агар дар шеъри шоирони ориф мафҳумҳои харобот, девонагиву мастӣ ва монанди инҳо дар маънии истилоҳии ирфонӣ истифода шавад, дар шеъри Фиғонӣ ин қабил вожаҳо дар аксари маворид дар маънии аслии худ мустафод шудаанд, чунонки дар ғазали боло низ мисоли ин гуфтаҳо ба назар мерасад.

Мувофиқи нишондоди Амин Аҳмади Розӣ Фиғонӣ сахт аҳли шурб буд ва худро сахт ба маю шароб дода буд, то он ҷо ки доимулхамр буд ва лаҳзае бе машрубот зиста наметавонист (2, 230). Махсусан, дар айёми дар Хуросон ба сар бурданаш ҳавои майпарастӣ ва надими соқиён гаштани Фиғонӣ бисёр боло гирифта буд. Ӯ то вақте дар Абевард ба сар мебурд, доиман аз ҷониби ҳокими он, ки намояндаву гумоштаи шоҳ Исмоили Сафавӣ дар Хуросон буд, бо маю шароб таъмин карда мешуд.

Муаллифони «Туҳфаи Сомӣ» ва «Ҳафт иқлим» зикр менамоянд, ки рӯзона аз ҷониби ин ҳоким ба Фиғонӣ як ман шароб ва як ман гӯшт ҷиҳати рафъи эҳтиёҷот фиристода мешуд (4, 176; 2, 230). Алоқаи зиёди Фиғонӣ ба май дар ниҳоят кори ӯро ба ҷое расонид, ки мардуми майхонаҳои Абевард ӯро мавриди таҳқиру истеҳзои худ қарор медоданд ва барои эҳтиёҷоти хеш ӯро ба ҳар ҷое мефиристоданд. Соммирзо дар хусуси ҳамин вазъи нохуши Фиғонӣ маълумот дода, ҳамчунин, илова кардааст: «Мардуми шаробхона … ба ӯ ҳазлҳои ракик мекарданд ва ӯ ба воситаи шумии ҳирси шароб таҳаммул мекард» (4, 176).

Худи Фиғонӣ, бо он ки мудом май мехӯрд, зарару зиёнеро, ки бар асари май дида буд, дар ғазалиёташ борҳо хотиррасон шуда, нафрати худро нисбат ба май баён намуда ва таъкид бар тарки он кардааст (16, 141; 142; 145). Ҳатто, дар яке аз ғазалҳояш Фиғонӣ пурра дар хусуси мазаррате, ки аз ин майи ҳарифсӯзу духтари раз дидааст, сухан гуфта, зимнан, афсӯсу пушаймонии сахти худро нисбат ба истеъмоли он бо дарди зиёд баён намудааст:

Ман ошуфтам, ҳам дар хоби мастӣ кош мемурдам,
Ки рӯз аз мастии шаб ин ҳама хиҷлат намебурдам.
Забони худ ба дандон мегазам ҳар дам мани нокас,
Ки аз баҳри чӣ дар мастӣ лабатро ном мебурдам.
Кашам сад инфиол аз хешу мирам аз пушаймонӣ,
Чу ёд орам, ки дар мастӣ саги он кӯй озурдам.
Ба мастӣ дӯш ранҷонидам аз худ хотири ёрон,
Чӣ кардам, кош хун мехӯрдаму он май намехӯрдам.
Фиғонӣ, ёр чун мешуд малул аз ҳой-ҳойи ман,
Чаро аввал ба оҳу нола ҷон бар лаб наёвардам?! (16, 316).

Фиғонӣ қариб то охирин лаҳзаҳои умри худ бо маю шароб ва бо хориву зорӣ ва таҳқиру мазаллат дар майхонаҳои Абевард ба сар мебурд, то ин ки қабл аз чанд рӯзи вафоти худ ба Машҳад сафар кард ва аз ҳама маноҳиву шаробхорӣ тавба намуд. Соҳиби «Риёз- ул- орифин» қайд карда, ки Фиғонӣ пас аз тавба рӯйи ниёз ба даргоҳи малоикпаноҳ Шамсушшумус Имоми Тӯс овард (5, 203).

Аммо, он чи дар ин маврид метавон натиҷа гирифт, ин аст, ки Фиғонӣ дар ҳамаи муддати умр бо маю шароб алоқаи сахту ногусастанӣ доштааст ва ҳамин пайванду алоқаи вай бо маю машрубот буд, ки иртиботи ӯро бо рунуд ва аҳли хамру харобот фароҳам карда буд ва инъикосоти гуфтори бепарвои риндонаву хароботӣ ва озодманишонаву куфромезонаро дар андешаҳои шоиронаи вай ба вуҷуд оварда. Ҳаёти чандрӯзаи Фиғонӣ дар Машҳад ва тавба намудану тарки майпарастӣ гуфтани вай ба ҳеҷ ваҷҳ, садду радде бар гуфтаҳои боло нахоҳанд шуд, чун ӯ, бо ин ки муддате тарки маноҳӣ намуд, риштаи умри вай пас аз ин тавба ба зуддӣ аз ҳам гусехт ва ӯ дар ин муддат ҳаёти мутаққиёнаву парҳезгаронаро ҷуз аз чанд рӯзе гузаронида натавонист.

Аз ин ҷиҳат метавон гуфт, ки ҳаёти шахсии вай ва фаъолияти эҷодии ӯ, бешубҳа дар ҳамин муддати мадиди майпарастӣ ва риндияш сипарӣ гардидааст. Бар асари ҳамин тарзи зиндагонӣ ва сулуки риндии воқеӣ афкору орои Фиғониро наметавон ҷуз аз андешаҳои риндонаи наздик бо орои Хайём ва Ҳофиз, бавижа аввалӣ, бар дигар тарзи андешае, монанди андешаи ирфониву тасаввуфӣ ва ҳар гуна назариёти хаёлии дигар савқу пайванд дод. Худи Фиғонӣ дар байти поён то вопасин лаҳзаҳои умр ба шароб алоқа доштанашро возеҳу равшан баён кардааст:

Олудаи шароб Фиғонӣ ба хок рафт,
Оҳ, ар малоикаш кафани тоза бӯ кунанд (1, 259).

Дар ин байт низ Фиғонӣ дар ҳасрати мудовим аз ҷом ба сар бурдани худро зикр карда ва онро андешаи хом номидааст. Вуҷуди ҳамин ибораи андешаи хом далели қотее бар майи воқеӣ будани майи манзури шоир аст:

Оташам дар ҷону дар дил ҳасрати ҷом асту бас,
Ҳосили умрам ҳамин андешаи хом асту бас (1, 282).

Эҳтимоли зиёд меравад, ки абёти мазкур, бавижа байти якум моли охирин ғазалҳои шоир буда ва агар чунин бошад, Фиғонӣ дар Машҳад низ пас аз тавба шароб менӯшидааст.

Бинобар он чи ки зикр гардид, дар ғазалиёти Фиғонӣ афкори риндона мақоми марказиву қобили таваҷҷуҳро доро мебошанд. Дар аксарияти ғазалиёти вай як- ду ва аз он зиёда абёте бархӯрд мешаванд, ки мавзӯи онҳо риндӣ мебошанд. Яке аз мавзӯъҳои меҳварии риндонаи Фиғонӣ ин мавзӯи маю шароб мебошад. Дар девони Фиғонӣ май ва шароб аслан, дар ҳамин маънии воқеии худ мавриди истифода қарор гирифтаанд. Чун худи Фиғонӣ аҳли хамр буд, дар ғазалиёташ хӯрдани майро бар дигарон таблиғ мекунад. Аммо, перомуни ин таблиғ ҳарому гуноҳ будани онро низ таъкид менамояд. Андешаи риндонаи насиҳатомезе, ки дар мавриди май дорад, ин аст, ки мисли Хайём ба пинҳон хӯрдани он таъкид мекунад ва гӯё, ба фикри вай бад-ин васила гуноҳ камтар мегардад. Ин андешаро, албатта, ҷуз аз як сухани танзомез ва дар навбати худ бепарвоёна, ки маншаи худро аз ҳаёти воқеии риндонаи ӯ гирифтааст, ба чизи дигаре наметавон талаққӣ кард:

Фиғонӣ, бода пинҳон хӯр, ки Ҳақ аз ғояти раҳмат
Намехоҳад, ки кирдори гунаҳкорон шавад пайдо (1, 104).

Фиғонӣ аз ғояти риндии худ шароби лаълро дар баробари саҷдаи намоз қарор медиҳад ва ҳатто, мегӯяд, ки чун дар ҷом шароб бошад, гузоридани намоз ҷуз аз саҷдаи саҳв нест, зеро ба андешаи вай, дар ин ҳолат агарчи тан дар намоз аст, хаёл дар узори майпарастони сурхрӯ аст:

Шароби лаъл дар ҷом асту ман дар саҷда, саҳв аст ин
Гузорам гар, узори лоларухсорон шавад пайдо (1, 104).

Фиғонӣ мастиро роҳе барои наздикӣ ба ёри худ медонад, чун худи ёр низ агарчи мастии вай аз ғояти итобу ноз аст, дар ниҳояти худ мастие дорад. Ин аст, ки ӯ ба ёр мегӯяд, ки агар рӯзе аз кунҳу рози мастӣ бӯе барад, ба шарофати он дар ҳузури вай хирқаи пашминаи худро бисӯзонад:

Агар ёбад Фиғонӣ як сари мӯ бӯе аз мастӣ,
Бисӯзад дар ҳузурат хирқаи пашминаи худро (1, 97).

Бояд зикр кард, ки мастии Фиғонӣ мастии шароби воқеист ва онро набояд дар маънои истилоҳӣ ё ирфонии ҳамонанди Саноӣ, Аттор, Мавлавӣ ва дигарон орифон ё, чунонки Саҷҷодӣ дар мусталаҳоташ оварда, дар маънои «сукр», «сармастии бодаи мутлақ» ва «маҳвулмавҳумӣ» қабул намуд (3, 368). Инро худи Фиғонӣ мукаррар баён доштааст. Аз ҷумла, дар ин байт то чӣ ҳад бар асари май аз мастии раббонӣ бехабар мондан ва аз ғояти мастии шароб роҳи хонаи худ гум карданро баён намудааст:

Чунон аз бодаи базми висолат бехабар гаштам,
Ки аз мастӣ надонам боз роҳи хонаи худро (1, 97).

Мазмуни байти болоро набояд бар мастии ирфонӣ ва ҳамонанди бехабариву бехудии Мавлавӣ талаққӣ намуд. Мафҳуми бехабарӣ дар мисраи аввалро дар маънии ҷаҳолат ва дурӣ аз маъшуқи азалӣ, ки бар асари зиёдати май бар шоир нақш гузошта, бояд фаҳм кард. Чун шоире, ки як умр бо маю соқии воқеӣ ба сар бурда ва ҳамвора дар ҳар макон омезиш бо аҳли хароботу рунуд дошта, чӣ гуна дар бобати маъшуқи азалӣ ва базми висоли ӯ сухан мегӯяд?! Дар девони Фиғонӣ симои маъшуқ, албатта, дар маънии маъшуқи азаливу ҳақиқӣ ё истилоҳии ирфонӣ бисёр корбурд шудааст, балки чунонки қаблан гуфта шуд, аз марказитарин симоҳои ғиноӣ дар ғазалиёти Фиғонӣ ба шумор меравад. Аммо маъниҳое монанди «висол» ва «базми висол» воқеиятро бояд гуфт, ки ҳеҷ иртиботе бо ин маъшуқ надоранд.

Маънии поён боз далолати он мекунад, ки харобиву бехудии Фиғонӣ аз майи воқеӣ аст:

Гаштам харобу ҳеҷ надонам, ки солу моҳ,
Хосияти аносиру афлок баҳри чист (1, 111).

Бодаи соф шахси риндмашраби шоирро озод аз андешаи оби ҳайвон намудааст ва бо ин ки дигарон дар ҳасрати ин об як умр ранҷ мекашанд, шоир аз ин фатвои пири муғон, ки бо бодаи соф кори ӯро осон гардондааст, миннатдор аст (1, 121). Фиғонӣ ҷони худро дар бадали ҷом мегузорад ва нархи бодаро бо чунин таъвиз боз ҳам арзон донистааст (1, 122).

Аммо баъзан, дар девони Фиғонӣ сувари бодаву май дар маънии истилоҳии ирфонӣ низ ба кор рафтааст, аз ҷумла дар ин байт маънии истилоҳӣ сахт маҳсус аст:

Ман, ки машғулам ба зикри бодаи лаъли лабат,
Кай бувад ёдам, ки ҷое салсабилу кавсар аст (1, 151).

Дар байти зери ҳам, мухотаби шоир маъшуқи азалӣ аст, зеро фариштаро дар баробари ӯ нопок ном гирифтааст, ки далеле бар ин аст. Вагарна, фариштаро нест ва ҳамдӯшии инсон бо фариштаро куҷо:

Дорӣ ҳанӯз дӯшу канори фариштаро ҷой,
Ҳамдӯшият бо мардуми нопок баҳри чист?! (1, 111)

Фиғонӣ дар байти боло ба воситаи тақдису нишон додани азамату ҷалолати маъшуқи азалӣ нисбат ба фариштаро сухани баду носазо гуфтааст, аммо бояд қайд кард, ки дар ин маврид андешаи сахти риндонаи вай намоиши каме мулоимтарро бар худ гирифтааст.

Фиғонӣ муассиртарин андешаҳои риндонаи худро ба василаи маю бодаи воқеии риндонаи хеш ба вуҷуд овардааст. Ӯ хоки дари майкадаро аз ҷӯйи ширу қасри Фирдавс болотар мегузорад:

Мо ҷӯйи ширу қасри забарҷад гузоштем,
Соқӣ, бигӯ, ки майкадаро руфтурӯб кунанд (1, 259).

Ӯ аз каъба ба дайри муғон, ки он дар ҳақиқати худ ҳамон майхона аст, фуруд меояд ва паймону аҳди худро мешиканад:

Ҳамчу Фиғонӣ омадам аз каъба дар дайри муғон,
Паймон шикастам, соқиё, паймонае бояд маро (1, 80).

Бояд зикр кард, ки байти боло киноятe бар аҳли тақво низ ҳаст, ки дар зоҳир тазоҳур бар тақво мекунанд, вале дар хуфо бо маю шароб паймон мебаранд. Адоти ташбеҳ (ҳамчу) шаҳодат аз вуҷуди малеҳи ин танз медиҳад.

Дар манзари тахайюли риндонаи Фиғонӣ яке аз сувари муршид, балки аз сувари асосии он соқӣ аст, яъне як инсон ва соқии воқеӣ, ки дар майкадаҳо ба вай ва бар

дигарон май медиҳад. Аммо, ин соқӣ аз сифоти мустаҳсану шоистаи ахлоқӣ низ бархурдор аст, ӯ майхоронро ба камгӯйӣ ва одоби суҳбат раҳнамоӣ мекунад:

Имрӯз дод муршиди мо рухсати шароб,
Аммо, ба ин қарор, ки кам гуфтугӯ кунанд (1, 259).

Байти боло дар муҳтавои худ танзе ба воизону аҳли насиҳат низ ба ҳисоб хоҳад рафт, зеро мақсуд ва ҳадафи Фиғонӣ чун дигар шоирони риндмашраб ҷуз аз муроҷиат ба симоҳои марказии худ, ҳамчунин, танзу кинояте бар пешоҳангони зоҳирии ҷомеаи худ монанди шайху сӯфӣ ва воизу муршид низ ҳаст, ки ба ин васила сухани онҳоро муассиртару завқбахштар ва, аз ҳама муҳимтар, иҷтимоӣ ҷилва медиҳад. Аз ҷумла, дар байти пойин Фиғонӣ бо малеҳтарин танзу киноят тавбашикании сӯфиёнро ошкор сохта, бо ин васила, парда аз рухи дурӯғу маҷозии онон кушода, ҳақиқату воқеияти онҳоро бо тарзи бисёр малеҳ нишон додааст:

Бигзор кори тавбаи сӯфӣ ба соқиён,
Бо андак- андаке ба гулӯяш фурӯ кунанд (1, 259).

Фиғонӣ дар бисёре аз маворид мафҳумҳои мастиву бехудӣ аз бодаи воқеиро дар баробари зуҳду тақво ва ваъзу насиҳат қарор додааст. Дақиқтар, ҳар ҷо ки шоир аз зуҳду тақво ва зоҳиду сӯфӣ сухан кушояд, мавзӯи майи воқеиро пеш меорад. Гӯӣ, Фиғонӣ аҳли парҳез ё тазоҳуркунандагон ба тақворо ҷуз аз тариқи маю маноҳӣ намехоҳад аз роҳи дигаре бишиносонад, ё худ чун Ҳофиз мехоҳад ононро бо май шустушӯ диҳад. Вале, муҳимтар аз ҳама, ҳадафи асливу ниҳоии шоир аз ба кор гирифтани майю шароб тафзилу тарҷеҳи амали риндон ва хароботиён бар аҳли тақвову парҳез аст, ки ба василаи парҳезу тақвои зоҳирии худ тазоҳур бар зоҳиду шайх, пиру сӯфӣ ва воиз мекунанд. Фиғонӣ, ки аз сохтакориҳову тақаллуби онҳо огоҳ аст, ҳама амали фиребгаронаи онҳоро ба чизе намегирад ва майхорагии худро болотару авлотар аз кирдори онҳо мешуморад:

То кай касе ба зуҳду лаби хушк хӯ кунад,
Хизри раҳе куҷост, ки май дар сабӯ кунад? (1, 260).

Андешаҳои риндона ва афкори бепарвоёнаву озодманишонаи Фиғонӣ то бадон ҳад хуруҷ мекунанд, ки ҳатто, майро, ки аз нигоҳи қавоиди ислом ва ахлоқи динӣ роҳзани ақлу хирад ва дину ахлоқи инсон ва роҳбалади зиштиҳову маноҳӣ аст, василаи найл бар биҳишту саодати ухравӣ мешуморад ва ба ҳар ки орзуи биҳишт дорад, маслиҳат медиҳад, то дари майфурӯшро ихтиёр намояд:

Эй толиби биҳишт, дари майфурӯш гир,
К- он ҷо диҳанд он чи дилат орзу кунад (1, 260).

Зеро ба андешаи шоир дилу нияти аҳли хароботу майкада софтар аз аҳли хонақоҳу зуҳд аст. Ин аст, ки ӯ намози аҳли зуҳду тақворо ба иллати нософиву нотозагии нияташон дуруст намешуморад:

Бе нияти дуруст намозаш дуруст нест,
Мункир агар зи чашмаи ҳайвон вузӯ кунад (1, 260).

Ӯ зоҳидонро ба сабаби баднигарие, ки ба риндон доранд, ҳушдор медиҳад, ки агар субҳаи худро саломат хоҳанд, санги маломат бар риндон наафкананд:

Мазан санги маломат, зоҳидо, бар соғари риндон,
Агар хоҳӣ саломат субҳаи саддонаи худро (1, 97).

Шоир ба танз суҳбати зоҳидро хуш мегӯяд, аммо тамошои гулистонро аз суҳбати зоҳид авлотар медонад:

Суҳбати зоҳид хуш аст, аммо гулистон дилкаш аст,
Чанд дар як хона биншинему дар ҳам бингарем? (1, 317)

Ҳатто, имоми шаҳр бо он ҳама илму фазлаш аз ҳақиқати маъшуқи азалӣ огоҳӣ надорад ва тазоҳур бар фазл мекунад. Зеро, агар ӯ дар ҳақиқат, аз вай огоҳӣ медошт, масҷидро замини ток месохт:

Имоми шаҳр агар кайфияти базми ту дарёбад,
Замини ток созад масҷиди одинаи худро (1, 97).

Қалбу ботини риндон аст, ки софу музаккост ва риндонанд, ки ҳамчу обу оина софу якрӯянд:

Чу обу оина бо халқ софу якрӯем,
Сафои риндони синачок нигар (1, 275).

Аммо, ҳар чо ки шоир аз маъшуқи азалӣ сухан бикушояд, майи ҳақиқӣ ё истилоҳии сӯфияро дар назар дорад. Аз чумла, дар ин байт гуфтаи боло тасдиқ хоҳад шуд:

Шабе, ки маст ба кошонаам фуруд оӣ,
Фаришта рашк барад маҷлиси шароби маро (1, 90).

Бо вучуди риндии худ Фиғонӣ огоҳие аз ғамзаи маъшуқ низ дорад, ғамзае, ки сабаби хонабарандозиву бехудии аҳли ирфон гашта:

Дар сафи тоат агар теғ кашад ғамзаи ту,
Хун ба Ҷайҳун равад аз масҷиди одинаи мо (1, 93).

Риндии Фиғонӣ то бад- он ҳад боло мегирад, ки дар баробари маъбуд нидо дармедиҳад, ки кори ман аз баландиву пастӣ гузашта ва кирдори ту дар ин мавзӯъ асаре бар ман натавонад гузошт:

Хоҳӣ баланд соз маро, хоҳ паст кун,
Кори ман аз баландиву пастӣ гузаштааст (1, 139).

Мақсуди асосии ринд ҳақиқат аст ва ӯ бо дарёфтани ҳақиқати азалӣ салтанати рӯйи Заминро яксӯ меафканад:

Рӯзе, ки ниҳам рух ба нишони кафи поят,
Аз сар биниҳам салтанати рӯйи заминро (1, 100).

Дар девони Фиғонӣ мазомини риндона ниҳоят зиёд истифода гардидаанд. Ҳатто, дар девони вай ғазалҳои мутааддидеро метавон пайдо намуд, ки муҳтавои онҳо пурра иборат аз мавзӯи риндӣ ва афкори озодманишона буда, муаррифгари ороъ ва сатҳи андешаронии ин шоири ворастаи лоқайд мебошанд. Ҳамчунин, бояд қайд кард, ки ҷуз аз таҳаввулоте, ки Фиғонӣ дар бандубасти мундариҷаи ғазал ворид намуд, ибтикори назарраси дигар ҳамин андешаҳои риндонаи ӯянд, ки дар нисбат ба мавзӯи жанри мазкур рӯйи кор овардааст, ки минбаъд сарманшаи шоирони баркамоли сабки ҳиндӣ қарор гирифт.

А Д А Б И Ё Т

1. Бобо Фиғонии Шерозӣ. Девони ашъор; ба муқаддима, тасҳеҳ ва итмоми Аҳмад Суҳайлии Хонсорӣ / Бобо Фиғонии Шерозӣ .- Теҳрон: Иқбол,- 447 с.
2. Розӣ Амин Аҳмад. Ҳафт иқлим; бо тасҳеҳ, таълиқот ва ҳавошии Сайид Муҳаммадризо Тоҳирӣ Ҳасрат / Розӣ Амин Аҳмад.- Теҳрон: Суруш, 1378.-Ҷ.1.- 515 с.
3. Саҷҷодӣ Сайидҷаъфар. Фарҳанги мусталаҳоти урафо ва мутасаввифа / Сайидҷаъфар Саҷҷодӣ. - Теҳрон: Муставфӣ, 1339.- 440 с.
4. Соммирзои Сафавӣ. Тӯҳфаи Сомӣ. Бо тасҳеҳ ва муқаддимаи Рукниддини Ҳумоюнфар.- Чопӣ / Сафавӣ Соммирзои. - Теҳрон.- 438 с.
5. Ҳидоят Ризоқулихон. Риёз- ул- орифин. Китоби мустатоби тазкират- ул- муҳаққиқин; захираи дастхатҳои шарқии АФ Тоҷикистон зери шум. 1869 лт / Ризоқулихон Ҳидоят. - Теҳрон: Офтоб, 1316 ҳ. .- Ҷ. 2 - 654 с.

СВОБОДОМЫСЛИЕ- ОДНО ИЗ ОСНОВНЫХ ОСОБЕННОСТЕЙ ГАЗЕЛЕЙ ФИГАНИ

Одним из основных особенностей газелей Фигани Ширази является его свободомыслие, которое состоит из мистических и философских мотивов поэта. Центральное место в упомянутых мотивах Фигани занимает его риндские (ринд // 1) свободомыслящие, нигилистические, (кутила, гуляка) мыслы. Поэтому, поэт как основной герой и первостепенный персонаж выступает в своих газелях в качестве свободомыслящего гуляки, который относительно к миру и всех понятий обращается беспечно.

Ключевые слова: гуляка, опьянение, ринд, риндские мыслы, свободомыслящий, Фигани Ширази.

FREE IDEAS IS ONE OF THE MAIN FEATURES OF GAZELLES OF FIGANI

One of the main features of gazelles of Figani Shirazi is his free ideas which consist of mystical and philosophical motives of the poet. The central place in mentioned Figani's motives takes its rinds (rind//1) liberal, the nihilist, 2) the reveler, the idler) ideas. Therefore, the poet as the main hero and the paramount character acts in the gazelles as liberal the idler who relatively to the world and all understood addresses carelessly.

Key words: idlers, intoxication, rind, rinds' ideas, liberal, Figani Shirazi.

Сведения об авторе: ***О.Ш. Саидджаъфаров*** – докторант Таджикского национального университета

АБӮШАКУРИ БАЛХӢ ВА СУННАТҲОИ АНДАРЗГӮЙӢ

Ш. Холиқова
Пажӯҳишгоҳи забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии АИ ҶТ

Андарзгӯйӣ аз суннатҳои деринаи адабиёти тоҷику форс мебошад. Мо нахустин андарзҳоро дар китоби мазҳабӣ ва ахлоқии гузаштагонамон «Авесто» дучор мешавем. Намунаи андарзҳо дар осори бостонӣ нақш ва ҷойгоҳи хос дорад. Ҳатто, номаи нахустини «Позанд»- сарҳалқаи адабиёти таълим, бо байте шурӯъ мешавад, ки минбаъд аз Ҳанзалаи Бодғисиву Рӯдакӣ сар карда, то Абӯшакуру Фирдавсӣ ва пасояндагони онҳо ба мазмуни он назар доштаанд.

Андарзҳои Эрони бостон, ки асосан дар замони Сосониҳо офарида шудаанд, ба сабаби болоравии худогоҳӣ ва худшиносии миллӣ дар аҳди Сомониён бештар мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифт. Сомониён падидаҳои фикрии бостониро эҳё карданд. Ин тамоюли фикрӣ ва таълимӣ барои тақвияти ҳуввияти миллӣ муҳим дониста шуд.

Зиёда аз ин, таваҷҷуҳи Сомониён барои фарогирии афкори таълимии халқҳои дигар, аз ҷумла ҳиндувон низ барои тақвияти ин фароянд муҳим шинохта шуд. Мисраи Абӯшакури Балхӣ «яке панди хуб омада аз ҳиндувон» ёди моро ба он замонҳо мебарад ва боз Саид Нафисӣ моро бовар мекунонад, ки «Ҳикоёти «Калила ва Димна» -ро Бидпой аз ҳукамои ҳинд таълиф карда ва ин шахс ба исми «Пилпой» низ маъруф будааст. Сипас, дар замони подшоҳии Хусрави аввал Анӯшервон подшоҳи бузург ва маъруфи сосонӣ (531-579 мелодӣ), яъне тақрибан наздики ҳазору чаҳорсад сол пеш подшоҳи Эронро аз ин китоб хабар шуд ва чун донист, ки онро дар хизонаи подшоҳони ҳинд пинҳон медоранд, Барзуя ном табиби эрониро, ки аз мардуми порс буд, маъмур кард, ки ба хафо ба Ҳиндустон равад ва ин китобро ба даст оварад ва вай пас аз диранги бисёр ба тадбир нусхае аз ин китоб фароҳам кард ва бобе аз худ бад-он биафзуд ва ин китоб дар хазоини подшоҳони Эрон мебуд ва шаҳриёрони сосонӣ мехонданд ва аз он панд мегирифтанд ва ҳам дар он овон, яъне ба соли 570 мелодӣ ба тавассути «Буд» (Bud) ном яке аз уламои насорои Эрон ба суриёнӣ тарҷума шуд ва ҳамчунон то пас аз Сосониён низ тарҷумаи паҳлавии он дар миён буд, то дар авоили қарни дувуми ҳиҷрӣ Ибни Муқаффаъ онро аз паҳлавӣ тарҷума кард ва ҳамон тарҷумаи тоҷикии Ибни Мукаффаъ аст, ки имрӯз ба дасти мост ва тарҷумаи манзуми Рӯдакӣ аз рӯйи он буда ва баъд Насруллоҳ бинни Абулҳамид ба наср тарҷума кардааст.

Чунонки Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» ва муаллифи «Кашфуззунун» гуфтаанд..., дар замони Наср бинни Аҳмад бинни Исмоили Сомонӣ Абулфазли Балъамӣ ҳиммат гумошт, ки ин китобро аз тарҷумаи тозии Ибни Муқаффаъ ба порсӣ тарҷума кунад ва зоҳиран нахуст онро ба насри форсӣ тарҷума карда ва баъд Наср ибни Аҳмад дар сояи ташвиқи Абулфазли Балъамии вазираш Рӯдакиро ба назми ин китоб гумошт ва Рӯдакӣ ба қавле дар анҷоми ин кор чаҳор ҳазор дирам силлат гирифт»[1].

Дар андарзномаҳои бостонии эронӣ ба ду масъала таваҷҷуҳи бештар будааст. Ба мушоҳидаи Аълохон Афзаҳзод яке тарбияи фарзанд, дигаре насиҳати мулук. Яке аз куҳнатарин пандномаҳои қадимӣ, ки шакли позандии он то рӯзгори мо барқарор мондааст, «Андарзи кӯдакон» аст, ки дар асоси андарзҳои бостонӣ дар асри VIII мелодӣ барои таълиму тадриси атфол мураттаб гардида, то ҳанӯз дар ҷамоаҳои зардуштиёни Эрону Ҳиндустон ин қоидаҳоро ба кӯдакон»[2] меомӯзонанд.

Андарзномаҳои дигар, мисли «Андарзи Озарбади Маҳраспандон» низ будаанд, ки ҳакимони асри IX-X ба онҳо назар доштаанд. Аз таърих маълум аст, ки дар қарни охири салтанати Сосониён миқдори зиёди кутуби ахлоқӣ, назарӣ ва илмӣ ба номи андарз ва панднома навишта шуда, ки қавоиди ахлоқӣ ва калимоти ҳакимонаро ба бузургони таърихӣ ё афсонавии собиқ нисбат додаанд. Аз ин навъи кутуб рисолаҳое феълан боқист, ки таълифи он баъд аз инқирози Сосониён буда. Масалан, «Андарзи Авошани доно» ва «Андарзи Хусрави Қавозон» (Хусрав писари Қубод) ва «Андарзи Озарбади Маҳраспандон», «Панднома»-и Зардушт, андарзҳое низ аз Бузургмеҳр боқист. Аз таърих бармеояд, ки «Андарзномаи Анӯшервон» дар асри IX-X хеле машҳур буда ва таъсири он ба осори ахлоқии ин давра ва асрҳои баъд ниҳоят бузург аст.

Шоирони асрҳои IX-X бешак, ба осори қадимаи таълимии гузаштагонашон назар доштаанд ва суннати андарзгӯйиро аз нав эҳё намуда, такмил бахшидаанд, ки дар саргаҳи ин равиш Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абӯшакури Балхӣ, Фирдавсӣ ва дигарон меистанд. Аълохон Афсаҳзод аз лиҳози моҳият ва шеваи нигориш «тамоми

андарзу пандҳои ин уқёнуси тафаккур ва андешаҳои ҳакимонаро»[3] ба се гурӯҳ тақсим кардааст: Аввал, андарзу пандҳо ба меҳтарону сардорони кишвар, ки беш аз ду бахши дигар аст; дувум, андарзу пандҳо ба мардумон ва савум, андарзҳо ва пандҳо ба фарзандон. Ҳамин гуна тақсимбандӣ нисбат ба осори таълимии то аҳди Сомониён низ содиқ аст.

Аз дидгоҳҳои таълимии Абӯшакури Балхӣ дар «Офариннома» маълум мешавад, ки вай аз андарзҳои «Хусрави Қубодон», «Панднома»-и Бузургмеҳр ва «Андарзномаи Анӯшервон» хабар доштааст. Хабардории ӯро матни боқимондаи «Офариннома» ва баъзе заминаҳои таърихию мазҳабии андешаҳои ӯ собит мекунад.

Мазмуну муҳтаво ва ҳусни бадеии «Офариннома»-ро ҳамон миқдор байтҳои боқимонда менамоёнад ва бешак, он аз нахустин осори таълимии адабиёти форсии тоҷикии давраи исломист, ки дар шакли ҳуд барҷаста мебошад. Ин асар шоҳкорест, ки замонҳоро ба ҳам мепайвандад. Миёни афкору андешаи таълимии гузаштагон ва муосирон пайванди таърихӣ ва фарҳангиро барқарор мекунад. Фақат таваҷҷуҳи соҳибони «Туҳфат-ул-мулук» ва «Насиҳат-ул-мулук» ба ин асар метавонад далеле бошад, ки «Офариннома» ҳамчун асари таълимӣ дар замонааш ва баъди он низ мақом ва мартабаи баланд дошта будааст. Маълум аст, ки ҳам дар «Тӯҳфат-ул-мулук» рӯйи сухани Ғаззолӣ ба подшоҳ аст ва китобҳо низ барои мулук навишта ва гирдоварӣ шудаанд. Абӯшакури Балхӣ низ «Офариннома»-ро ба Нӯҳи Сомонӣ эҳдо кардааст. Ӯ ҳам суханашро дар хидмати амир гузошта ва ҳам амирро дар хидмати сухан. Аз ин мавқеъ Абӯшакури Балхӣ андешаҳои ахлоқиашро дар ин асар дар се меҳвари асосӣ дастабандӣ кардааст:

1. «Офариннома» афкору орои ахлоқии гузаштагон ва таҷрибаи шахсии соҳиби онро низ фаро мегирад.

2. Аз оғоз то ба анҷом ахлоқи ормониро зинда мекунад.

3. Суннатҳои ахлоқиро ба сурати таълимоти амалии ахлоқӣ даровардааст.

Дар ин замина ҳадаф ва меҳвари андешаҳояшро Абӯшакур дар шеваи муносиби ҳунарӣ матраҳ карда, ҷозибаи шеъри андарзиро боло бурдааст. Ҳарчанд ин асар дар шакли комил ба дасти мо нарасидааст, бо вуҷуди ин пайванди мантиқии матолиби асар устувор аст.

«Ҷаҳони матлуб»-и Абӯшакур дар «Офариннома» ҷилвагар аст. Барои шинохти саҳеҳи ин ҷаҳони матлуб бояд сари розу рамзи ин асар, ки нақши маънавии гузаштаро низ дар худ ғунҷондааст, сар фурӯ бурд ва набояд аз сари калимот ва таркиботи қадимӣ, ки аксар ҳадафи ғоявӣ доранд, осон гузашт.

Агар «Офариннома» мисли «Бӯстон»-и Саъдӣ, ки дар пайравии вай навиштааст, пурра дар дасти мо мебуд, шояд баъди андешаҳои назарӣ ва гоҳо сахт муҷарради ин ҳаким мо ҳикоёти ширини ӯро низ мехондем. Саъдӣ дар «Бӯстон», ки «Офариннома» ба қавли Забеҳуллоҳи Сафо «дар ҳукми пешрав ва пешқадамӣ»[4] бар он будааст, «дах дар аз тарбият» сохтааст. Зоҳиран, «Офариннома» дар шакле, ки имрӯз дастрас аст, ин гуна дарҳо надорад, вале аз матолиби маснавӣ бармеояд, ки шояд дар асл Абӯшакур низ оиди ҳар масъалае даре ё ҳуд равзанае сохта буд.

Ба назари мо ин фарзия аз ҳақиқат дур нест. Агар ин тавр намебуд, муаллифи «Туҳфат-ул-мулук», ки «яке аз кутуби форсии фасеҳи қарни ҳафтум ё ҳаштум аст», дар ҳар боб аз ашъори Абӯшакур намуна намеовард. Дабири Сиёқӣ дар «Ганҷи бозёфта» ашъори ба номи Абӯшакур ва бе номи вайро, ки ба сабаби дар як вазн будан низ аз ӯ донистааст, ба тартиби бобҳои «Туҳфат-ул-мулук» меоварад ва ин яке аз далелҳои инсиҷоми комили ҳайати шеърии ин асар мебошад.

Чун шакли комили «Офариннома» дар даст нест, мо дар боби сохтори асар ва қиёсу муқобилаи он бо осори пешина ва баъдинаи ҳаммонандаш чизе гуфта наметавонем. Ҳоло ҳамин қадар маълум аст, ки матни боқимонда бо ном ва ситоиши офаридгор шурӯъ мешавад. Дар нусхаи Маҳмуди Мудаббирӣ ва «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» маснавӣ бо тавсифи хирад шурӯъ мешавад. Вале байтҳо дар муқоиса ба нашри Саид Нафисӣ ва Дабири Сиёқӣ, ки аз рӯйи китоби «Туҳфат-ул-мулук» таҳия кардааст, пасупеш омадаанд. Дар «Туҳфат-ул-мулук» боби аввали шартии маснавӣ, ки Дабири Сиёқӣ дар асоси «Туҳфат-ул-мулук» тартиб додааст, бо мисраи **Хирадманд гӯяд хирад подшост**… шурӯъ мешавад. Дар матнҳои дигар бо байти **Хирадманд донад, ки покию шарм, Дурустию родию гуфтори нарм** омадааст.

Матни боқимондаи «Офариннома» бо тавсифи хирад ва хирадманд оғоз мешавад, ки ин ҳолат низ аз таъсири андешаҳои андарзии куҳани эронӣ сарчашма мегирад ва дар аксари осори таълимӣ ин тарз риоят шудааст. Яъне дар матни «Офариннома» мо ҳамон ҳолатеро мебинем, ки дар андарзномаҳои паҳлавӣ, «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ва китобҳои дигари ахлоқӣ мушоҳида мекунем. Тавсифи

хирад дар маснавии Абӯшакур воқеан ҳам, достони паҳлавии «Ҷовидон хирад» (Менуи хирад)-ро ба ёди мо меорад, ки бо ном ва ситоиши офаридгор шурӯъ шуда, баъд қадр ва манзалати хирад таъкид ва таъйид мешавад. Ин суннат аз «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ сар карда, дигар дар ҳамаи ҳамин гуна осор риоят шудааст.

Ҳатто, имом Муҳаммади Ғазолӣ низ дар «Насиҳат-ул-мулук» бинои тарбиятро дар шинохти хирад мебинад ва менависад: «Бидон, эй малик, ҳар чӣ дар дил бошад аз дониш ва эътиқод бехи имон аст. Ва чун шоҳ пажмурда шуд далели он бувад, ки бех заиф бувад ва ба вақти марг пойдор набошад ва биуфтад, ки кирдори тан унвони имони дил аст ва кирдорҳо, ки шохи имон аст, он аст, ки аз ҳар чӣ ҳаром аст, дур бошӣ ва ҳар чӣ фариза аст ба ҷой оварӣ ва ин ду қисм аст: яке миёни ту аст ва ҳақ таоло: чун намозу рӯза ва дур будан аз ҳаром хӯрдан ва ҳаром кардан. Ва дигар миёни ту ва халқ аст ва он адл аст бар раият ва даст бардоштан аз зулм»[5].

Дар «Менуи хирад» омадааст, ки «…дар пурсуҷӯйи динӣ кӯшотар бишуд ва аз дастуроне, ки дар ин дин огоҳтар буданд пурсид, ки дар нигоҳдории тан ва раҳоиши равон чӣ чиз беҳтару бартар аст? Ва эшон ба пайдоӣ аз дин гуфтаанд, ки аз ҳама некие, ки ба мардумон расад, хирад беҳтар (аст). Чӣ гетиро ба нерӯи хирад метавон орост ва менуро (низ) ба неруи хирад метавон ба хештан кард. Ин низ пайдост, ки Ҳурмузд ин офариниши гетиро бо хиради зотӣ офаридааст. Ва идораи гетиву мену низ ба хирад (аст). Чун бузургиву судмандӣ ва арҷмандии хирад бад-ин ойин дид, ба Ҳурмузд Худову Амаҳраспандон ва менуи хирад сипосгузор шуд ва менуи хирадро ба паноҳ гирифт ва менуи хирадро намозу парастиши бештар кард ва дигар Амаҳпараспандон. Ва ин низ донист, ки ҳама корҳои нек ва кардаҳои хубро ба неруи хирад ба хештан метавон кард. Ва дар хушнудии менуи хирад кӯшо бояд буд ва аз он пас дар ситоиш кардани менуи хирад кӯшотар (бояд) буд»[6].

Шоирони асри Х, бахусус Абӯшакури Балхӣ ба нақш ва ҷойгоҳи хирад аз ҳамин мавқеи меросӣ баҳо додаанд:

Хирадманд гӯяд хирад подшост,
Ки бар хосу бар ом фармонравост.
Хирадро тани одамӣ лашкар аст,
Ҳама шаҳвату орзу чокар аст.

Агар ба истилоҳи муҳаққиқи рус Дмитрий Лихачёв гӯем, «вусъати иҷтимоии адабиёт»[7]-и ин давра дар осори ҳаммонанди шоирони асри Х равшан ба назар мерасад. Дар ин матн фаъолмандии аҳли қалам бесобиқа буда, минбаъд ба ташаккули адабиёти ҳадафманд мусоидати комил кардааст.

Дар мисоли эҷодиёти Абӯшакури Балхӣ метавон гуфт, ки адабиёти асри Х маҳдудияти иҷтимоӣ надорад. Қаҳрамони ин адабиёт ҳам шоҳ асту ҳам вазир ва табақаҳои дигари ҷомеа. Ба ифодаи дигар, дар ин гуна адабиёт «аз ҳазор кас сухан меравад». Албатта, мо ин гуна ашхосро дар «Офариннома», ҳамчунон ки дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ҳаст, дар назар оварда наметавонем. Вале аз ҳамин миқдор байтҳои боқимонда маълум аст, ки рӯйи сухани шоир ҷониби кист. Абӯшакур аз шоҳ ном мебарад, вай Нӯҳ ва ғайри Нӯҳ аст. Аз «марди бахшандакор», ҳунарманд, омӯзгор, абедонишон, сухан, дӯст, душман, падару писар, ниҳоди «подшоҳию дин», пайғамбарон, марду зан, пиру чавон, барзгару косиб, лашкарию подшоҳ, сарватманду бенаво, ситамгару ситамкаш ёд мекунад.

Андешаи шоир маҳдудаи мазҳабӣ ва миллӣ надорад. Гузаштаро дар ойини муҳаммадӣ парвариш медиҳад. Ин ҳама василаест, ки дар мисоли ҳамин миқдор байти боқимондаи «Офариннома» хонандаи ҳушманд метавонад дар бораи асрори офариниш, арзиши зиндагии инҷаҳонию онҷаҳонӣ, одамият, хисоли неку бад, нақш ва ҷойгоҳи сухан, муносибатҳои инсонӣ, мақоми сухану суханвар ва мушкилоти дигари зиндагӣ биандешад.

Аз байтҳои пароканда чунин ба назар мерасад, ки ин матолиб миёни ҳамдигар чандон пайванди қавие надоранд. Вале дар ҳилоли сатрҳо ва андешаҳои шоири бузург мо арзишҳои зиндагии инсониро бо сареҳӣ метавонем чудо кунем, ба баду нек баҳо диҳем. Дар хилоли сатрҳои ӯ чеҳраи таъмимии шоҳу гадо, донову нодон, хушбахту бадбахт, тавонгару фурӯмоя, хирадманду бехирад, олиму ҷоҳил, дӯсту душман, орифу омӣ, сахию бахил, ғолибу мағлуб, пажӯҳандаву коҳил, нерӯманду нотавон, бинову кӯр, порсову фосиқ, ободонсозу ғоратгар ва даҳҳо ҷуфти муқобил ба назар меоянд, ки андешаҳои олии инсониро дар худ нуҳуфтаанд. Дар сатрҳои шоир хама матолиб аз нигохи аввал маъмулист, вале сеҳри сухани шоири ҳунарманд андешаҳои маъмулиро ба андешаҳои олии умумиинсонӣ бадал мекунад.

Муаллифи «Офариннома» сареҳан медонист, ки ҳадафи суханони ҳикматойини ӯ, пеш аз ҳама тарбияи инсони зубда аст ва ин ҳадафи аслии муаллифи маснавист.

Дар пояи сатрҳои ин чандсад байт маҷмӯи масъалаҳое ғунҷидаанд, ки василаи сохтани инсон ва дунёи моддиву маънавии ӯ будаанд. Мухотаби шоир фақат шоҳ нест, балки барои ҳамаи инсонҳо хираду дониш, адлу инсоф, ахлоқи ҳамида, сулҳу салоҳ, андешамандӣ, бахшиш, нармӣ, сиёсат, қудрат, собитқадамӣ ва ғайраро лозим медонад.Дар адабиёти асри Х ҷойгузин шудани андешаи ормонии шукуфоии миллат натиҷаи эҳсос ва дарки вақоеи фоҷиабори истилои араб буд, ки бо гузашти замон ёди одамони огоҳ ва ватанхоҳро озор медод. Ба ёди зиндагӣ ва ахлоқи армонии гузашта меандохт. Дар ин замина Абӯшакури Балхӣ бо ҳамин миқдори ашъори боқимондааш, агар дар назар бигирем, ки ӯ пеш аз Фирдавсӣ гузаштааст, хеле корҳоро анҷом дода. Вақте, ки шоире чун Абӯшакур мегӯяд, ки:

Ҷунин хондам аз дафтари Зардуҳшит,
Ки доно бувад бегумон дар биҳишт.-

бе ҳеҷ муҳобо ӯ армони гузаштаи шукуфоро зинда кардан ва зинда дидан мехоҳад. Дар баробари ҷаҳолат, сӯхтан ва бедодгарӣ, ки хисоли бадавист, хирад, сохтан ва додгустариро мехоҳад азамати воқеӣ бахшад. Ин кор табиист, ки дар он замон (ва дар ин замон низ) аз дасти як қаламкаш намеомаду намеояд. Вале муҳити маънавии дарборие, ки Сомониён барпо карда буданд ва аҳли адабро дастгирӣ мекарданду ба ҳарфи ӯ гӯш медоданд (сарнавишти қасидаи «Бӯйӣ ҷӯйӣ Мӯлиён»-ро дар назар оварем), имконеро фароҳам оварда буд, ки шоирон зимни осорашон бо далелу назир бо амир ё шоҳ гуфтугӯйӣ отифӣ дошта бошанд. Бинобар ин ҳам, «Офариннома»-и Абӯшакури Балхиро метавон ҳамчун намунаи гирои адабиёти номанигорӣ пазируфт. Ҳарчанд ин асарро Абӯшакур ба номи «Нӯҳи фаррухнажод» навиштааст, мухотаби ӯ ҷомеъ аст, яъне ҷомеа ва ҷомеадорони замони ӯю Нӯҳ ва имрӯзу фардост.

Аз ин мавқеъ шоири огоҳ ва тавоно масъалаҳои бунёдиро дар ислоҳи инсон ва ҷомеа ба миён мегузорад. Масъалае, ки фақат дар садаҳои XVIII ва XIX замони мо рӯшанфикрони Аврупо, баъд рус ва дертар Эрону Бухоро ҷиддан онро ба миён гузоштаанд. Яъне асли консепсияи фикрии шоир ба масъалаи таълим ва тарбия бармехӯрад.

Эҷоди «Офариннома» марҳилаеро тачассум мекунад, ки ҳикмати эронӣ ва андарзгӯйӣ ба шеваҳои суннатии мардуми эронитабор ҳанӯз дӯшодӯши он чӣ бар онҳо афзуда мешуд, вуҷуди худро идома медод. Бо вуҷуди таъсири фарҳанги арабӣ дар замони зиндагии Абӯшакур осори ӯ асолати фарҳанги миллиро ба тамомӣ ҳифз кардааст ва бар хилофи он ки баъдтар он гуна таълифот маншаи ғайримиллӣ мегиранд, Абӯшакур на исми Луқмон, балки ҳанӯз ба хирадманд, Хусрав ва сареҳан ба Зардушт ишора мекунад, ки гувоҳи назари сареҳи ӯ ба гузашта ва андешаи миллӣ доштани ӯст.

АДАБИЁТ

1. Нафисӣ С. Муҳити зиндагӣ ва аҳвол ва ашъори Рӯдакӣ / С.Нафисӣ. -Теҳрон, 1382. -С.430-43.
2. Афсахзод А. Фирдавсӣ ва суннатҳои назми ахлоқӣ / А.Афсахзод // Садои Шарқ, 2006. – С.106.
3. Ҳамон ҷо, -С.112
4. Сафо З. Андарз / З.Сафо // Хабар, 1371. -С.9.
5. Ғаззолӣ М. Тӯҳфат-ул-мулук / М.Ғаззолӣ. -Теҳрон, 1389. -С.66.
6. Саймуддинов Д. Адабиёти паҳлавӣ / Д.Саймуддинов. - Душанбе, 2003.-С.176.
7. Лихачёв Д.С. Избранные работы в трех томах / Д.С. Лихачёв. -Ленинград: Художественная литература, 1987. -Т. 1. -С.195.

АБУШАКУР БАЛХИ И ТРАДИЦИИ НАПИСАНИЯ НАСТАВЛЕНИЙ

Дидактические (воспитательно-этические) взгляды Абушакура .Балхи, отраженные в его произведениях, в свое время былы хорошим учебным пособием не только для поэтов и писателей, но и для представителей других профессий. Они были посвящены различным воспитательно-этическим темам. Примером таких произведений является «Офариннаме» По мнению Балхи красота человека видится в моральном и этическом становлении человека.

Ключевые слова: дидактические взгляды Абушакура .Балхи, воспитательно-этические темы, моральное и этическое становление человека.

ABUSHAGUR BALKHI AND THE TRADITION OF WRITING INSTRUCTION

Didactic (educational-ethical views Abushakra Balkhi reflected in his works were good textbook not only for poets and writers, but also for representatives of other professions. They were devoted to various educational and ethical topics. An example of such works is "Forename" According to Balkhi beauty of a person lies in the moral and ethical development of man.

Kev words: didactic views Abushakra Balkhi, educational and ethical themes, moral and ethical development of man.

Сведения об авторе: ***Ш. Холикова*** - соискатель Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им.А.Рудаки АН РТ. Телефон: **918-28-22-63**

ШОИРОНИАРАБИГӮЙ ВА ЗУЛЛИСОНАЙНИ МУОСИРИ ХОҚОНӢ

М.Б. Шарифова
Донишгоҳи миллииТоҷикистон

Дар адабиёти гузашта ва имрӯз бо ду забон эҷод кардани суханварон амри маъмулист. Он шоироне, ки ба ду забон шеър эҷод мекунанд, дар истилоҳи адабиётшиносӣ зуллисонайн номида мешаванд. Агар дар як шеър ҳам аз забони тоҷикӣ ва ҳам арабиву дигар забонҳо истифода баранд, онро санъати ширу шакар мегӯянд.

Дар “Энсиклопедияи адабиёт ва санъат” стилоҳи зуллисонайн чунин шарҳ дода шудааст: «**Зуллисонайн»** (ар.**ذوالـ لسانـ ين** – соҳибидузабон, донандаидузабон) адибест, киасарҳояшробевосита ба дузабонменависад» [16,476].

Дар ин пажӯҳиш мо эҷодиёти якчанд шоири зуллисонайнро мухтасар мавриди баррасӣ қарор додаем, ки дар асри мелодӣ,(асри XII-VI ҳиҷрӣ) зистаанд. Шоирони машҳур ва барҷастаи ин замон, ки бевосита ба ду забон - форсӣ ва арабӣ шеър эҷод кардаанд, инҳоянд: Хоқонии Шервонӣ, Рашидуддини Ватвот, Заҳири Форёбӣ, Муҷириддини Байлақонӣ ва Фалакии Шервонӣ. Инчунин, шоирони дигари ин замон, аз қабили Асируддини Ахсикатӣ ва Анварӣ дар баробари ашъори форсии хеш якчанд мисраъ шеър ба арабӣ гуфтаанд. Шояд, баъзеи хонандагон ва адабиётшиносони инрӯзаи мо оид ба ашъори арабии ин шоирони номдор иттилое надошта бошанд. Аз ин лиҳоз, лозим донистем ба таври хеле мухтасар дар ин мақола ба ин мавзӯъ бипардозем.

Чунонки аз сарчашмаҳои таърихӣ маълум аст, давраи ҳокимияти Салҷуқиҳо аз нимаи дувуми асри XII то аввали асри XIII тӯл мекашад.

То имрӯз оид ба эҷодиёти шоирон ва нависандагони номӣ ва баъзе масъалаҳои адабию фалсафии ин давр асарҳои пурқиммати илмӣ-тадқиқотии зиёд навишта шудаанд. Аз ҷумла, қисми якуми китоби Расул Ҳодизода “Адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои XII-XIV”, Бадеуззамон Фурӯзонфар “Сухан ва суханварон”, Забеҳуллои Сафо “Таърихи адабиёт дар Эрон”. Аммо бо вуҷуди ин, оид ба ашъори арабии суханварони зикршуда чизе гуфта нашудааст. Ғайр аз Рашидуддини Ватвот, ки оид ба осори арабӣ доштанаш дар ин китобҳо зикр шудааст. Албатта, дар бораи ашъори арабии баъзеи ин шоирони номдор таҳқиқотҳо дар мақола ё китобҳои алоҳида, ба мисли мақолаи устод Тоҷиддин Мардонӣ “Заҳир Форёбӣ ва ашъори арабии ӯ”, ё китоби Аливизо Ризои Ҳамза Кандӣ “Офтоби ниҳони Хоқонӣ: шарҳ ва тарҷумаи ашъори арабии Хоқонӣ” баррасӣ шудаанд. Аммо ашъори арабии дигар муосирони Хоқонӣ мавриди таваҷҷуҳи касе қарор нагирифтааст.

Назар ба дигар асарҳо таърихи адабиёти ин давр дар ҷилди аввали китоби олими Эрон Забеҳуллои Сафо “ Таърихи адабиёт дар Эрон”маълумоти муфассал дода шуда, дар ду сафҳа дар бораи тозигӯёни ин аср маълумоти хеле мухтасар шуда, чунин мегӯяд: “ Бо таваҷҷуҳи азиме, ки дар ин давра ба таълифи кутуб ба забони порсӣ шуда буд, боз ҳам адади муаллифони порсинажод ба забони арабӣ ва шеъру насри он зиёд аст”[8, 375]. Сафо танҳо се номи шоиру нависандаи машҳури арабигӯйро, аз қабили Туғроӣ, Анӯшервон ибни Холид ва Абивардиро овардааст, ки онҳо порснажод буданду ба забони арабӣ асар эҷод карда, машҳур гаштаанд.

Дар давраи ҳокимияти Салҷуқиҳо бо гузиниши сиёсати динӣ ва иртибот бо ҳокимони Бағдод, ҳамчунин таъсиси мадориси Низомия барои тадриси улуми динӣ, ки поя ва мояи он забони арабӣ буд, тарбияти удабо ва уламои тозизабон афзуд. Инчунин, луғоту таркибот ва ҳатто, амсолу ашъори арабӣ дар забону ашъори форсӣ роиҷ гардида буд.

Забеҳуллои Сафо сабабҳои омезиши забони форсиву арабиро зикр карда, чунин иброз медорад: “Дувумин иллати бузурги омезиши забони порсӣ бо забони арабӣ он буд, ки яке аз шароити бузурги дабирӣ ва шоирӣ чунонки хоҳем дид, дар тамоми қуруни V ва VI ошноии шуаро бо бисёре аз мутуни адаби араб ва аҳёнан аз ҳифз доштани қисмате аз онҳо будааст. Ин амр худ василаи ҷадиде барои ошноӣ бо забони арабӣ ва хӯгирӣ ба таркибот ва таъбироту калимоти он забон ва муҷоз донистани худ дар касрати истеъмоли онҳо дар осори порсӣ будааст” [8, 195-196].

Албатта, ба ин мавзӯъ низ мебояд таваҷҷуҳ дошт, ки забони арабӣ забони дин низ будааст, ки худ далели муҳимме барои зиёд истифода намудани нависандагон ва шуарои форсӣ аз забони арабӣ аст. Чунонеки Сафо мегӯяд: “... дар натиҷаи таҳсили ғолиби шоирон ва нависандагони замон дар мадорис ҳамаи онон бо забон ва адаби

арабӣ ошноии наздик доштаанд, зеро ҳамчунон ки гуфтем, дар мадориси ин аҳд омӯхтани ду илм ҷоиз ва муҷоз буд: нахуст, улуми динӣ ва дувум, улуми адабӣ, ки ба манзалаи муқаддимаи он улум шумурда мешуд.Илова бар ин, соири мутолеоти илмӣ ва адабии шоирон ва адибонҳам ба забони арабӣ будааст" [7, 327].

Истиқболи шоирони форсигӯ аз шеъри арабӣ омилҳои муайян дошт. Ҷанбаи луғавии ашъори суханварони форсу тоҷик дар давраи Салҷуқиён аз он гувоҳӣ медиҳад, ки онҳо забони арабиро ба дараҷаи олӣ медонистаанд ва ҳангоми эҷод дар баёни афкору андешаашон табиати забони арабӣ муассир будааст. Аз шоирони аҳди Салҷуқиён суханваронеро метавонем ном барем, ки дар ашъорашон сурудаҳои арабӣ дар шакли қасида, ғазал, байт дида мешавад.

Дар байни он суханварони садаи XII-ум, ки ин ҷо мо зикр кардем, бештар аз ҳама ашъори арабӣ дар девони Хоқонӣ, Рашиди Ватвот ва Заҳири Форёбӣ мушоҳида мегардад.

Афзалуддин Бадил ибни Алӣ Хоқонии Шервонӣ (1125-1199) яке аз бузургтарин шоирони адабиёти форсу тоҷикисадаи XII ба шумор меравад, ки роҷеъ ба рӯзгор, осор ва махсусиятҳои эҷодии ин суханвар то кунун муҳаққиқон тадқиқоти зиёде бурдаанд [8, 309\ 13, 612\ 15, 135]. Дар девони Хоқонӣ ашъори бо забони арабӣ сурудааш ҳам гирд оварда шудааст, ки он ҷо 4 қасида (354 байт) ва қитъаҳо (153 байт) ҷой доранд.

Барои намуна аз як қасидаи арабии Хоқонӣ дар мадҳи Ҷалолуддин ал-Хаворӣ – яке аз имомони замони шоир мисол меорем.

Ин қасида аз ҷиҳати шакл комилтарин шеъри арабии Хоқонӣ аст, ки шомили 171 байт аст. Матлаи он чунин оғоз меёбад[14, 1340]:

بـ كاء ايّ ف قـ لت الـ ربـ اب بـ كت

اجاء بـ كاء ام عهد ابـ كاء

Рубоб ба ноладаромад, гуфтам, ин чӣ нолаест?

Магар ин нолаи аҳди вафост, ё нолаи бародарист?!

Ин қасида аз думатлаи боратаст. Дар матлаи авали қасида шоир бозикри тағаззул суханро аз рубоб (аз созҳои ҷиҳӣ аст, монанди танбури бузург бо дастаи кӯтоҳ ва чаҳор тор дорад) оғоз мекунад ва босадову нолаҳои он (хониши ҳазини рубоб) ҳолати равонии худро ошкор месозад. Аз ҳамдиёрон шикоят мекунад, аз дӯстону наздикон, кинисбати ӯ бешафқат будаанд, Сухан бамиён меорад ва баъди он ба мадҳи мамдуҳ мегузарад [14, 1344]:

بـ فضلـه علّيّ يـ د الـ جلال فـ كذا

ذالـ عـ لـ ياء الـ دي ن جلال اعـ نى

Ва ҳамчунин Ҷалол бо фазлаш бо ман дастгир аст,

Дар назар дорам Ҷалолуддинро, ки бузург аст.

Яке аз шоирони машҳури муосири ХоқонӣРашидуддин Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Абдулҷалил Умари Балхӣ котиби маъруфмебошад, ки дар Балх ба дунё омадааст. Ӯ бо Хоқонӣ равобити дӯстӣ дошта будааст. Рашид қасидаҳои зиёде дар мадҳи Хоқонӣ суруда будааст, ки онҳо дар ҳеҷ аз нусхаҳои девонаш мавҷуд нестанд, ғайр аз он қасидае, ки дар саҳифаҳои 24-26 девонаш чоп шудааст. Рашидуддин ҷуссаи ниҳоят хурд ва наҳифе дошт. Бинобар ин, ба ӯ "Ватвот" (шабпарак, муши паррон) лақаб дода буданд.

Ӯ дар давлати Хоразмшоҳиён маъмури корҳои дарборӣ буд ва чунонеки аз сарчашмаҳо маълум аст, то охири ҳаёташ ба ин кор машғул будааст.Дар муқаддимаи девони Рашид Саид Нафисӣ гуфтааст, "бузургтарин маркази илм, ки ба сарзамини Хоразм наздик буда ва зудтар аз шаҳрҳои дигар ба дасти Хоразмшоҳон афтод, шаҳри Балх - зодгоҳи Рашид буд. Дар он замон ин гуна корҳои девонӣ, махсусан тасаддии девони иншо ё рисолатро ба касоне месупурданд, ки донову дар назму насри ду забон - форсӣ ва тозӣ забардастбошанд. Ва ҳамаи ин бартариҳо дар Рашид гирд омада буд" [6, 5].

Рашиди Ватвот аз беҳтарин шуаро ва нависандагони асри хеш буд, ки ба ҳар ду забон арабиву форсӣ наср менавишт ва шеър мегуфт. Дар муқаддимаи девони Ватвот Саид Нафисӣ гуфтааст, ки ӯ ашъори арабӣ бисёр дорад [6, 6]. Асари насрии ӯ тазкираест, ки "Ҳадоиқ ус-сеҳр фи дақоиқ уш-шеър" ном дошта, ба забони форсӣ дар санъатҳои назми форсӣ ва арабӣ таълиф ёфтааст.

Ин китоб ба забони форсӣ таълиф шуда бошад ҳам, муаллиф дар он тамоми санъатҳои шеъриеро, ки дар назми араб ва форс кор фармуда мешуданд, зикр намудааст. Дар бисёр мавридҳо мисолҳоиманзумро аз ду забон оварда, 50 байти арабии худашро низ дар баробари ашъори арабии дигар шоирони форсу араб ҳамчун мисолу намуна бар қавоиди шеър овардааст.

Барои намуна танҳо ин ду байтро ин ҷо меоварем [6, 673]:

يَا بَانِيَ الفَخْرِ الأَشَمْ يَا ثَانِيَ البَحْرِ الخِضَمْ
أَنتَ المُقَدَّمُ فِي الهُدَى أَنتَ المُعَضَّمُ فِي الأَمَمْ

Тарҷума:

Ай созандаи ифтихори бузург
Ва ай дувум дарёи фарох ҳастӣ.
Тӯи дар ҳидоят пешқадам
Ва туи дар миллатҳо бошукӯҳтар.

Яке аз шоирони маъруфи дигари ин замон Заҳируддин Абулфазл Тоҳир ибни Муҳаммад Форёбӣ буда, шоири устоди сухан ва сухансарои балиғи поёни қарни VI ва яке аз бузургони қасидасаро ва ғазалгӯён аст. Тахаллуси вай бетардид, Заҳир аст. Заҳир, ба қадре ки дар шеърнависӣ муваффақ гардида буд, аз нуҷум низ баҳра доштааст. Дар ашъори Заҳир истилоҳоти нуҷум ва ҳикмат бисёр аст ва аз ишороти тиббӣ низ холӣ нест. Тахминан соли 1156 таваллуд шуда, дар дарбори атобакони Озарбойҷон хизмат карда аст [8, 304\ 11, 86].

Заҳир бо забони арабӣ ошноӣ ва тасаллути комил дошта,ба ин забон шеър месурудааст. Худи ӯ дар ин бобат чунин мегӯяд[4, 343]:

Камолудонишиман кур дидва кар бишнид,
Ба назмунасрчӣ дар порсӣчӣ дар тозӣ.
Буруни заҳмат ва анвое, ки дар ҳар боб
Фарорасад, ки кунам бофалакҳамовозӣ.

Адади ашъори Заҳир дар комилтарин нусхаи чопии девони Заҳир ба 4251 байт мерасад ва ашъори арабиаш 189 байт мебошад.

Дар девони Заҳир ҳамагӣ шашқасидаи арабӣ (182 байт) ва ду муламмаъ дорад, ки яктои он шомили 11 байт буда, (5 байташ арабӣ аст) муламмаи дигараш 4 байт (2 байти арабӣ) мебошад.

Қабл аз оне, ки ба шеъри муламмаи шоир бипардозем лозим донистем, ин ҷо ба шакли хеле мухтасар оид ба ин намуди шеър бипардозем, зеро он қонуну қоидаҳои хоси худро дорад. Чунонеки Рашидуддини Ватвот дар китоби“Ҳадоиқ-ус-сеҳр фи дақоиқ-уш-шеър”- и худ оид ба санъати муламмаъ мепардозад: “Ин санъат чунон бошад, ки як мисраъ тозӣ ва як порсӣ ва раво бувад, ки як байт тозӣ ва яке порсӣ ва ё ду байт тозӣ ва ду порсӣ ва ё даҳ байт тозӣ ва даҳ порсӣ биёваранд”. Пас аз ин шоир чунин мегӯяд: мисолаш аз шеъри порсӣ марост [6, 683]:

Худовандо, туро дар комронӣ
Ҳазорон сол бодо зиндагонӣ.
و قاكَ الله نَائِبَة اللَيالِى وَ صَانَكَ مِنْ مُلِمَّاتِ الزَّمان

Ту он садре, ки аз садри ту ёбанд,
Ҳама арбоби дониш комронӣ.
جَنَابُكَ رَوْضَةُ الإقْبال تُزْرِي اَطايبُها بِرَوْضَاتِ الجِنان

Инчунин, Турақул Зеҳнӣ дар асари худ “Санъати сухан” оид ба ин намуди санъат чунин иброз мекунад: “Ин санъат чунон аст, ки шоир мисраеро ба арабӣ ва мисраеро ба тоҷикӣ, ё байтеро ба арабӣ ва байтеро ба тоҷикӣ меорад.

Агар мисрае ба арабӣ ва мисрае ба тоҷикӣ гуфта шуда бошад ё нимаи мисраъ тоҷикӣ ва нимаи дигар туркӣ бошад, муламмаи макшуф (кушода) вагарна муламмаи маҳҷуб (пӯшида) ном дорад” [11, 211].

Инҷо барои намуна аз муламмаи Заҳир мисол меорем [4, 396]:

يَا مَنْ حوى المَعَالِى بالصَّارِمِ المُهَنَّدِ لِلعَالَمِين مِنْهُ ظِلُّ النَّعِيمِ سَرْمَد

Ай бар фарозигардунқудратниҳодамаснад,
Бархӯр зи мулк боқиву зи давлати мухаллад.
فَاضَتْ عَلَى البَرايا مِنْ كَفِّه العَطَايا كُفَّت يَدُ الرَّزَايَا عَنْ جُنْدِكَ المُجَنَّد

Фармонравои олам, мақсуднасли одам,
Шоҳаншаҳимуаззам, Бӯ Бакр ибн Муҳаммад.

Тарҷумаи абёти арабӣ:

Ай касе, ки бо шамшери ҳиндӣ бузургвориҳоро ба даст овардӣ, Оламиён ҳамеша дар зери сояи неъмати ту ҳастанд.

Бахшишҳо аз дасти ӯ бар мардум равон аст,
Ва дасти балоҳо аз лашкари сахрамонанд дур аст.

Намуна аз шеъри арабиаш [4, 393]:

نبَئْتُ انَّكَ في جوارِي قَاطِنٌ وَ الحُرُّ مِنْ أَخْبَارِ مِثْلِكَ سَائِلُ
فالقَلبُ مِن نارِ الجوَى بَيتٌ الظى وَ الدَّمْعُ مِنْ فَرْطِ التَّشَوُق سائِلُ
مَاذا الهَوان في السّلام و نبينا مِمّا يَغِيظ الحَاسِدِينَ و سائِلُ

Тарҷума:

Хабардор шудам, ки ҳимояи ман шудӣ

Ва марди озод ҷӯёи ахбори одамҳои мисли ту аст.

Дилам аз сӯзи ишқ ба хонаи оташ табдил шудааст

Ва ашкҳоям аз иштиёқи фаровон сарозер шуда.

Абӯнизом Муҳаммад Фалакии Шервонӣдар ноҳияи Шамохӣ таваллуд шуда, тақрибан солҳои 1108- 1146 зиндагӣ кардааст.Шоир дар илми нуҷум асаре доштааст ва ба ҳамин ҷиҳат Фалакӣ тахаллус дошт. Ӯниз яке аз бузургону шоирони Озарбойҷон будааст ва аксарияти тазкираҳо Фалакиро рафиқи Хоқонӣ мешуморидаанд [8, 308\13, 601\ 15, 131]

Аз девони хурди Фалакӣ, ки то ба замони мо омада расидааст танҳо 4 абёти арабиро дар дохили як қасида метавон пайдо кард.Шоир ин қасидаашро ба Манучеҳр ибни Фаридун Шервоншоҳ бахшида, аз туҳмате, ки бадхоҳон дар бораи ӯ ба Шервоншоҳ гуфта буданд, дурӣ меҷӯяд ва узр мепурсад. Ин абёти арабӣ дар матлаи дуюми қасида ва он ҳам дар алоҳидагӣ оварда шудааст [12, 48]:

إِذَا عَبَرْتَ أَخطَائِي عَرفْتُ أَنَّكَ تَغفِرُ وَ إِنْ عَلِمْتَ ذُنُوبِي عَلِمْتُ أَنَّكَ تَعْلَمُ

Тарҷума:

Агар иштибоҳоти маро донистӣ, медонам, ки ту меомурзӣ,

Агар гуноҳони маро донистӣ, медонам, ки ту доноӣ.

Абёти арабии дигари шоир[12, 49]:

لِحُرْقَتِي لِحَبِيبِي يَذمٌّ مَنْ هُو يدرِي لِشَفقَتِي لِعَشِيقِي يَلُوم من هو يعلَمُ

إِذا البَلاءُ بِرُوحِي دَنَا فَقُلتُ تَفَضَّلْ إِذا العَنَاءُ لِقَلْبِي دَعَا فَقُلْتَ تَقَدَّمْ

فَإِنْ بَعَثْتُ كِتَابِي فَقَدْ بَدَى وَ تَعَدَّى وَ إِنْ طَلَبْتُ جَوَاباً فَقَد أَبَى و تَبَرَّمْ

Тарҷума:

Агар балову гирифторӣ ба рӯҳи ман наздик шуд, ба ӯ мегӯям бифармо,

Агар хастагӣ диламро фаро гирифт ба он мегӯям, пеш ой.

Агар нома ба ӯ бифристам, рӯй мегардонад,

Агар ҷавоби номаамро аз ӯ хостам, гилаву саркашӣ мекунад.

Агарчи дар девони Фалакӣ абёти арабӣ хеле кам мавҷуд аст, аммо худи шоир хешро дар адабиёти арабӣ ва дар сухани арабӣ севум Абӯ Тамом ва Абунувос шуморида чунин мегӯяд[12, 76]:

Чӣ зодӣ, ай Фалакӣ, з-ин навоиби айём,

Ки дар сухансеюм Бӯ ТамомуНуввосӣ

Албатта, ин ба он метавонад шаҳодат диҳад, ки шоир ба забони арабӣ ва адабиёти он баҳраманд буда, шояд ашъори арабӣ зиёд сурудааст, ки то ба замони мо омада нарасидааст.

Абулмакорим Муҷириддин Байлақонӣ низ аз мардуми Байлақон аз тобеи Шервон аст. Таҳсилоти адабӣ ва шеърии худро назди Хоқонӣ гирифтааст [8, 298\ 13, 578\ 15,146].

Девони ӯ ҳудуди панҷ ҳазор байт ва қасоиди оливу ғазалҳои латиф, қитъаоту таркиббандҳо ва рубоиётро доро мебошад. Дар муқаддимаи девони Муҷируддин ишорат ба муламмаоти шоир шуда, аз саҳифаи 337 то 357 дар дохили ашъори форсиаш ҷойгир мебошад. Дар он ҷо 52 қитъааш (255 байт) муламмаъ буда, 6 қитъаи он (19 байт) сирф арабӣ мебошад.

Намуна аз муламмаи шоир [5, 338]:

يَا سَيِّدَ المَكْرُمَاتِ بِابُكَ خَيْرُ المآبِ كَفَى مَغِيثُ الوَرَى كَفُّكَ فِي كُلِّ بَاب

Ай ба сафо бурда гуйисояиту зиофтоб,

Заҳразаҳрайшудазиоташитеғи ту об.

جُودُكَ يَوْمَ العَطا بأسُكَ يَوْمَ العَذابِ فَاقَ دُمُوعَ السَّحابِ عَارَضَ يَوْمَ الحِسَاب

Хонда туроосмон аз раҳисидқусавоб

Шуда Қизл Арслон Хусрави Молик Риқоб

Асируддин Ахсикатӣ шоири машҳур ва номовари охирҳои асри XII-уми мелодӣ буд [8, 295\ 13, 532\ 15, 70].

Дар девони ашъори ӯ фақат як байти арабӣ дар як қасида ва ду се мисраи арабииҷудогона дар қасидаҳои дигар вуҷуд дорад.

Дубайтиарабӣ[3, 182]:

المُلكُ قَدْ تَفَطَّنَ فِي ظِلِّه مُدام و الدَّهرُ قَدْ تَوَطَّنَ فِي ذيلِهِ و فَازَ

Яке аз намунаҳои мисраи арабӣ[3, 184]:

Гӯйи зафару иқболи ту бар рабуд заҳри кас

المِنَّةُ لِلّه تعالى و تَقَدَّس

Маънои ин мисра:

Худои таолову покро миннату ҳамду сипос аст.

Яке аз шоирони хеле машҳури ин замон Ҳуҷҷатулҳақ Ваҳиддудин Муҳаммад ибни Муҳаммад Анварӣ мебошад [8, 366\ 13, 332\ 15,99].

Ғазалҳои Анварӣ аз ҳайси содагии лафз ва латофати маънӣ беҳтарин ғазалҳои форсии пеш аз Саъдӣ аст. Девони ашъори ӯ дар ҳудуди 200 қасида ва 500 қитъа ва сесаду чанд ғазал ва зиёда аз чаҳорсад рубоӣ аст, ки аз маҷмӯи онҳо танҳо ҳафт мисраи чудогона ба забони арабӣ мавҷуд аст[2, 243]:

أَبْشِروا يَا أَهلَ نَيشَابُور إِذْ جاءَ البَشِير

К-андар омад мавкиби Мансур вазир

Тарҷумаи ин мисра:

Ай аҳлиНишопур, муждабод, кимуждаоваразроҳмерасад.

Мисраи дигари арабии шоир[2, 864]:

طَلَعَ الصُّبْح على أسعَد فَال

Тарҷумаи мисраи арабӣ:

Субҳ бо некбахттарин фол дамидааст.

Албатта, дар ин аср на танҳо ин шоироне, ки мо ин ҷо мавриди зикр қарор додаем, ашъори арабӣ сурудаанд, балки шоирони дигар низ буданд, ки ашъори арабӣ фаровон доштаанд.

Устод Тоҷиддин Мардонӣ дар мақолаи хеш “Дар бораи чанде аз бузургони тозигӯй ва зуллисонайни форс” якчанд муаллифон ва шоирони дузабонаи қарнҳои гуногунро мавриди баррасӣ қарор дода, якчанд шоирони зуллисонайни асри XII-ро аз қабили Абӯбакр Аҳмад ибни Ҳусайн маъруф ба Қозии Арриҷонӣ, Ибн ал- Фуватӣ, Мавлоно Шамсуддин, Абулмаолӣ Насруллоҳи Муншӣ ва дигар шоирони маъруфи ин замонро низ зикр кардааст [10, 10].

Ҳамин тавр, маълум гардид, ки дар девонҳои ашъори баъзе шоирони машҳури асри XII на танҳо ба забони модарии хеш шеър эҷод кардаанд балки ба забони арабӣ низ бо як маҳорати хос шеър гуфтаанд. Гарчанде дар муқобили ашъори форсиашон шеърҳои арабӣ хеле кам астанд, лекин боз ҳам ин далолат бар он мекунад, ки аксари онҳо аз забони арабӣ ба хубӣ огоҳӣ доштанд ва дар сухани онҳо таъсири адабиёти арабӣ бахубӣ эҳсос мешавад.

Овардан ваёдоварӣ кардани мо аз ашъори арабии ин шоирон барои хонандагони аҳли илму адаб метавонад заминаи наве барои дар оянда кор кардану дар ин замина таҳқиқотҳои наву тозае бурдан аст.

А Д А Б И Ё Т

1. Алиризо Ризои Ҳамза Кандӣ. Офтоби ниҳони Хоқонӣ: шарҳ ва тарҷумаи ашъори арабии Хоқонӣ / Алиризо Ризои Ҳамза Кандӣ. -Урумия: Буто, 1389.
2. Анварӣ. Девон / Анварӣ; ба эҳтимоми Мударрис Разавӣ. - Теҳрон: Интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, 1364.
3. Ахсикатӣ Асируддин. Девон /Ахсикатӣ, Асируддин: Ба тасҳеҳи Ҳумоюн Фаррух. -Теҳрон: китобфурӯшии Рӯдакӣ, 1377.
4. Заҳири Форёбӣ. Девон / Заҳири Форёбӣ; ба кӯшиши Тақӣ Биниш. -Машҳад: Тус, 1337.
5. Муҷируддин Байлақонӣ. Девон / Муҷируддин Байлақонӣ; бо тасҳеҳ ва таълиқи Муҳаммад Ободӣ. – Табрез: интишороти Донишгоҳ, 251 (донишкадаи адабиёт ва улуми инсонии муассисаи таърих ва фарҳанги Эрон), 1358.
6. Рашидуддини Ватвот. Девон ва Ҳадоиқ-ус-сеҳр фи дақоиқ-уш-шеър / Рашидуддини Ватвот: (аз рӯйи чопи марҳум Аббос Иқбол Оштиёнӣ) Саид Нафисӣ. – Теҳрон: Нашри Китобхонаи боронӣ, 1339.
7. Сафо Забеҳулло. Таърихи адабиёт дар Эрон / Забеҳулло Сафо. Чопи сездаҳум. – Теҳрон: Фирдавс, 1373. - Ҷ 2.
8. Сафо Забеҳулло. Таърихи адабиёт дар Эрон / Сафо Забеҳулло; чопи бисту панҷум. -Теҳрон: Қуқнус, 1373. -Ҷ 1.
9. Таджидин Мардони. Захир Фаряби и его арабские стихи / Мардони Таджидин //Арабско – таджикские литературные связи. История и современность (Сборник стататей). – Душанбе: Ирфон, 2006.
10. Тоҷиддин Мардонӣ. Дар бораи чанде аз бузургони тозигӯй ва зуллисонайни форс / Мардонӣ Тоҷиддин // Саҳифаҳое аз равобити адабии арабу аҷам. Маҷмӯи мақолаҳо: -Душанбе: Ирфон, 2010.
11. Турақул Зеҳнӣ. Санъати сухан / Турақул Зеҳнӣ. -Душанбе: Адиб, 2007.
12. Фалакии Шервонӣ. Девон / Фалакии Шарвонӣ; ба эҳтимоми Тоҳири Шаҳоб. -Теҳрон: Интишороти китобхонаи Ибни Сино, 1345.
13. Фурӯзонфар Бадеуззамон. Сухан ва суханварон / Фурӯзонфар Бадеуззамон.-Теҳрон: Хоразмӣ, 1369.
14. Хоқонӣ Афзалуддин Бадил ибн Алии Наҷҷор. Девони Шервонӣ Хоқонии / Хоқонӣ Афзалуддин Бадил ибн Алии Наҷҷор; ба кӯшиши Зиёуддин Саҷҷодӣ. –Теҳрон: Интишороти Заввор, 1378.
15. Ҳодизода Расул. Адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои XII-XIV/ Расул Ҳодизода. Қисми якум. -Душанбе: Дониш, 1976.
16. Энсиклопедияи адабиёт ва санъат. – Душанбе, 1988. – Ҷ. I

АРАБОЯЗЫЧНЫЕ И ДВУЯЗЫЧНЫЕ ПОЭТЫ И АРАБСКИЕ СТИХИ СОВРЕМЕННИКОВ ХАКАНИ ШИРВАНИ

Средневековые таджикско-персидские поэты в совершенстве владели арабским языком и были хорошо знакомы с арабской литературой и также сочиняли стихи на арабском языке. В данной статье анализируется арабское творчество Хакани и арабские стихи некоторых его знаменитых современников.

Ключевые слова: Хакани Ширвани, двуязычие, поэты, арабская поэзия.

ARABIC SPEAKER AND BILLINGUAL POET OF CONTEMPORARY KHAGHANI SHIRVANI

Tajik-Persian poets in a middle ages had great extensive knowledge on Arabic literature and also they has been composed several Arabic poems.

This article analyses Khaghani's Arabic poets and Arabic poets of his several contemporary poets.

Key words: Khaghani Shirvani, bilingualism, poets, Arabic poem.

Сведения об авторе: ***М.Б. Шарифова*** – аспирантка кафедры арабской филологии Таджикского национального университета. Телефон: **(+992) 988-35-49-94.** E-mail: **mavluda-88@mail.ru**

АЗ ТАЪРИХИ ТАРҶУМАИ ОСОРИ АДИБОНИ ТУРК ДАР АДАБИЁТИ ТОҶИК

Г.А. Шарифова
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

Ташаккул ва инкишофи осори адибони турк ва тарҷумаи онҳо ба дигар забонҳо ба ҷараёни баҳамоии анъанаҳои Ғарбу Шарқ, ки давраи пуравҷи ба тарҷумаи адабиётҳо ва аз ҷумла, намунаҳои адабиёти турк пардохтани халқҳои олам рост омадааст, иртибот дорад. Афзудани хусусиятҳои байналмилалӣ дар адабиёт, дӯстиву мулоқоти бевоситаи адибон ва нависандагони халқҳои гуногун, ҳафтаҳои адабиёт ва санъат, шабҳои эҷодии нависандагони халқҳои бародар, ба тарзи муқоиса омӯхтани асарҳои дар як мавзӯъ ва ғоя навишташуда аз ҳодисаҳои нисбатан тозатари равобити адабӣ мебошанд, ки айни ҳол вусъат ёфта истодаанд.

Ҳамаи ин дар дохили худ чандин масъалаҳои робитаи адабиро дар бар гирифта, зиёда аз шаклҳои пешинаи равобити адабӣ барои вусъати ҳаматарафаи олами образу ғояҳо ва ғанитар гардидани хазинаи адабиёт дар ҳалқ, аз ҷумла адабиёти тоҷик кӯмак мерасонад. Ин яке аз омилҳое мебошад, ки иттиҳод байни мардумони қавму миллатҳои гуногунро қувват медиҳад. Чи тавре ки муҳаққиқон ибрози ақида кардаанд: «алоқаҳои адабӣ робитаи байни халқҳост ва моро аз эҳтиёҷу ниёзмандии халқҳо дар роҳи фардо бохабар карда, инчунин давру замонҳо, халқҳо ва мамлакатҳоро ба ҳам наздик месозад ва ягонагии башариятро қавитар мегардонад» (2.98).

Аз мутолиаи асарҳои адибони турк бармеояд, ки адабиёти турку тоҷик бо ҳам наздикии зиёд доранд ва ба нашъунамои адабиётҳои миллӣ таъсири пурсамаре расонидаанд ва мерасонанд. Адабиёти тоҷик ҳам баробари алоқаи пурфайзи адабиёти халқҳои бародарӣ, ки яке аз омилҳои пешрафти он ба шумор меравад, аз ин анъанаҳои оламшумули адабиёти рус баҳра бурда, ба пояи имрӯзаи тараққиёти худ расидааст.

Шоирон, нависандагон ва тарҷумонҳои тоҷик, дар баробари омӯхтани мероси пурқимати адабиёти гузаштаамон, аз осори гаронбаҳои адибони рус Пушкин, Лермонтов, Гогол, Шедрин ва дигарон, аз бузургон ва адибони турк Н.Ҳикмат, А.Несин, С.Алӣ, Р.Нурӣ, С.Дарвеш ва дигарон низ сармашқ мегиранд. Онон таҷрибаҳои бойи адибони маъруфи рус ва туркро беш аз ҳама аниқтар дахолат намудан ба ҳаёт, бо усулҳои тоза нигоштани лавҳаҳои зиндагӣ симо ва сирати қаҳрамонони асар ва тасвир кардани эҷодкорона аз худ менамоянд (1.110).

Агар ба таърихи тарҷумаҳои осори адибони турк ба забони тоҷикӣ назари таҳқиқ афканем, солҳои 50-70-уми қарни XX давраҳои як андоза фаъоли пешрафт дар бобати тарҷума ва дастраси мардуми тоҷик намудани асарҳои адибони Туркия будааст. Ин кор на танҳо мувофиқи завқу табъи хоси эҷодӣ, балки вобаста ба рӯҳу авзои замон, мазмуну мундариҷаи асарҳои бадеӣ сурат гирифтаанд. Маҳз дар ин давра ҳикояҳои Орхан Камол «Дар мошинаи боркашӣ» (тарҷумаи Раҳим Ҳошим), «Плаши чиркин» (тарҷумаи Ш.Шараф) дар «Шарқи сурх» ба табъ расидаанд.

Соли 1958 Қ.Киром намунаи шеърҳои Валӣ Урхонро тарҷума ва нашр намуд («Шарқи сурх» №9). Шеъри шоири дигари турк Аднон Тайиз бо унвони «Озодӣ» ва дар тарҷумаи А.Воситзода дар шумораи 6-уми «Шарқи сурх» (соли 1958) ба табъ расид. Ҳикояи «Маркаби бемор», ки ба қалами Урхон Ханҷарлӣ мансуб аст, дар

таърихи 6-уми марти соли 1960 тарҷумаи Қ.Киром дар рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» (ҳоло «Ҷавонони Тоҷикистон») чоп шуд.

Дар ин давра «Коргарони империяи оттоман»-и Валиддини якум, «Маҳаллаи мо»-и Сулуқ Ҷавдат Қудрат, «Дузд», «Муомила»-и Салим Когчагоз (Хоҷа-Ғиёс), «Нон, собун ва муҳаббат»-и Орхан Камол аз ҷониби Раҳим Ҳошим, Ҷумъа Одина, А. Ғаффоров тарҷума шудаанд. Ин ҳикояҳо, ки мавзӯъ ва мундариҷаи гуногун доранд, солҳои 1962-65 ва асосан, дар маҷаллаи «Шарқи сурх», («Садои шарқ») чоп шудаанд. Хонандаи тоҷик тавассути ин ҳикояҳо ба зиндагии мардуми Туркия як андоза ошноӣ пайдо намудааст (4).

Ҳикояҳои ду адиби дигари турк-Бурҳон Арпад ва Боғир Юлдуз солҳои 70-ум тарҷума гаштаанд. «Маориф ва маданият» соли 1973 (4-уми сентябр) ҳикояи Боғир Юлдуз «Зан»-ро дар тарҷумаи Ҳ.Давлатов манзури хонандагон намуд. Комил Мусофир ҳикояи Бурҳон Арпад «Ду кас»-ро дар рӯзномаи «Бадахшони советӣ» аз таърихи 1-уми ноябри соли 1970 нашр кард.

Бино ба маълумоти С.Раҳматуллоева (соли 1988) осори адибони турк Садри Эртем, Рашод Энис, Ҳусейн Раҳмӣ Гюрпинар, Ҳусейн Аббосзода, Ақчам Дурсун, Рашод Нурӣ Гунтекин, Нозим Ҳикмат, Суод Дарвеш, Азиз Несин, Сабоҳатдин Алӣ, Вейдат Сайгол, Салим Когчагоз (Хоҷа Ғиёс), Фахрӣ Эрдинҷ, Бекир Юлдуз, Бектошӣ ҳамчунин, латоифу мутоиботи туркӣ солҳои 1970-80 зиёд тарҷума шудаанд.

Дар тӯли бист - сӣ соли охир бошад, осори маъруфтарин қаламкашони Туркия чун Азиз Несин, Сабоҳатдин Алӣ, Нозим Ҳикмат, Суод Дарвеш бештар тарҷума ва паҳн гардидаанд. Тарҷумонҳои тоҷикро мазмуну мундариҷаи ҳикояву романҳои адибони турк ба худ кашид. Дар ҳамин ҷо иттилоъ бояд дод, ки ба истиснои олими нуқтадон ва муҳаққиқи тавоно Раҳим Ҳошим дигар ҳамаи тарҷумаҳо ба воситаи забони русӣ сурат гирифтаанд. Ба ин тариқ, дар бораи кишваре, ки дар илм бо номи «Пули байни Шарқу Ғарб» маъруф аст ва таърихи куҳан ва бою номи рангин дорад, роҳҳо, манбаъҳои боэътимоди хаттӣ ва сарчашмаҳои фаровони илмӣ мавҷуданд, ки аз пайдоиш, рушду нумӯъ ва инкишофи ҳамаи соҳаҳои ҳаёти Ҷумҳурии Туркия, аз ҷумла санъату адабиёт ва илму фарҳангаш ахбори дақиқу маълумоти пурқимат дода метавонад. Дар ин ва дигар маъхазҳо дар бораи адабиёти бадеӣ ва хоса жанрҳои хурди он метавон маълумоти даркорӣ гирифт. Дар мавриди мазкур дар хусуси латифа, мутоибот, панду ҳикмату мақолҳои халқии туркӣ як андоза сухан гуфтан лозим меояд (3.122).

Маълум аст, ки панду ҳикмати ҳар халқу қавм хулосаи таҷрибаи чандинасра, чандинсолаи ҳамон қавму миллат аст. Бад- ин амсол, агар ҳамаи панду ҳикмат, ҳаҷви халқӣ ва мутоиботи туркӣ, ки дар давоми зиёда аз ним аср ба забони тоҷикӣ тарҷума ва дар матбуоти даврӣ ба табъ расидааст, гирд оварда шавад, барои ҳаводорони мутоиботу андарзи туркӣ як ғунчагули зебо ба вуҷуд меояд. Латифаҳои туркӣ, ки дар маҷаллаи «Занони Тоҷикистон» (№5, соли 1975), ҳикматҳои туркӣ, ки дар рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» (12 ноябри соли 1978) чоп шудаанд, ин ақидаро комил менамоянд.

Тарҷумони тоҷик Комил Мусофир дар тарғиби чунин андарзу ҳикмати гаронмояи туркӣ низ хидмати шоиста дорад. Масалан, латифаҳои туркӣ, ки ӯ таҳия ва дар «Маданияти Тоҷикистон» дарҷ кард, қобили омӯзишанд (29-уми ноябри соли 1983).

Аз солҳои 60-80-уми садаи XX хеле ҳикмату андарзи туркӣ дар саҳифаҳои матбуоти Тоҷикистон ба табъ расидаанд, ки маънавиёти мардуми туркро во месозанд. Бо вуҷуди ҳамаи ин, роҷеъ ба адабиёти Туркия, хоса равобити адабӣ, илмӣ ва умуман, фарҳангии он бо адабиёту илми тоҷик тадқиқоти ҷудогона вуҷуд надорад. Омӯхтани робитаҳои адабӣ, чӣ навъе ки устодон Муҳаммадҷон Шакурӣ, Валӣ Самад, Абдусаттор Нуралиев, Ҳамроқул Шодиқулов, Абдувалӣ Давронов, Муртазо Зайниддинов, Нурмаҳмад Одинаев, Ширин Амонова ва дигарон дар навиштаҳои хеш борҳо зикр намудаанд, ба наздик шудани халқҳо, дӯстии самимии онҳо, ҳамдигарро шинохтан ва аз аҳволу зиндагонии якдигар огоҳ шудани халқҳои гуногун мадад мерасонад.

Соли 1960 аввалин ҳикояи адиби номвар Азиз Несин бо номи «Муайян кардани хулқу атвор аз рӯи хат» («Тоҷикистон» № 3, 1962) дар тарҷумаи шодравон Ҷумъа Одина ба самъи ҳаводорони наср пешкаш гардида, то ба имрӯз садҳо ҳикоя ва ҳаҷвияҳои ин нависанда ва нависандагони дигари турк рӯйи чопро дидаанд.

Соли 1963 бошад, аввалин маҷмӯаи ҳикоёти А.Несин бо унвони «Фонус» ба чоп расидааст. Тарҷумони ин ҳикояҳо қаламкашони гуногун мебошанд. Дар бобати тарҷума ва тарғиби таълифоти ин адиб тарҷумони касбӣ Раҳим Ҳошим устодони

сухани тоҷик Ӯ.Куҳзод, Ҷ.Одина, М.Воҳидов, А.Ҳамдам, қаламкашҳои ҷавон ва чанде дигарон хидмати шоистае кардаанд. Махсусан, саҳми нависандаи маҳбуби тоҷик Ӯрун Куҳзод дар тарҷумаи ҳикояҳои Азиз Несин бузург аст.

Соли 1978 нашриёти «Ирфон» маҷмӯаи ҳикояҳои ин адиби номвари туркро дар тарҷумаи Ӯрун Куҳзод ба чоп расонидааст. Лозим ба таъкид аст, ки махсусан, ба тарҷума, нашр ва тарғиби маҳсули хаёлу андешаҳои қаламкашони машҳури турк рӯ овардани адибону фозилони Тоҷикистон тасодуфӣ нест. Сабаби асосии ба тарҷумаи шоҳкориҳо камари ҳиммат бастани нависандагони мо дар мундариҷаи аъло, мазмуни чуқури иҷтимоӣ, фаро гирифтани масоили ниҳоят муҳимми ҳаёти иҷтимоии халқ, ки бешубҳа, дили ҳар ҳунарвару санъаткори асилро дар ҳама давру замонҳо ба дард меоварад, нуҳуфтааст (2.83).

Аз ҷумла, адибони турк дар асарҳои хеш нуқсу камбудиҳои айём, нобасомониҳои рӯзгори ондавраинаи ҳамватанони хешро мавриди таҳлилу қиёсу андеша қарор дода, дар лавҳаҳо, саҳнаҳо, драмаҳои ҳаёти инсонӣ даҳҳо пораи рӯзгори одамони одиро ба доираи тасвир кашидаанд.

Боиси таваҷҷуҳ аст, ки дар тамоми он ҳикояҳо ҳаёти воқеии одамон, аз ҷумла сокинони музофотҳои Анқара, Истамбул, Анатолия бо тамоми возеҳияташ тасвир шудааст. Дар он айём мавҷуд будани муаммои манзилгоҳ, масоили ҳалношудаи умури тандурустӣ, тангназарӣ, танпарастии ашхоси алоҳида, мансабҷӯйӣ ва мансабталошии фардҳои гуногун, порахӯрӣ, бекорӣ, безаминии деҳқонон, мазаммати одамони хушомадгӯй, фурӯши мансабҳо адибонро ба изтироб овардааст. Бинобар ин, бештар дар ҳикояҳо ва новеллаҳо бевосита аз ҳаёти Туркияи онрӯза ба диду риштаи таҳқиқи нависандагӣ кашида шудаанд. Чунин масоили иҷтимоию сиёсиро нависандагон бо дарду алами инсонӣ ба тасвир кашида, ақидаи худро доир ба ҷомеаи онрӯза рӯшану фошофош иброз доштаанд.

Аз мутолиаи ҳикоёти адибон, ки дар тӯли ним аср зиёд дар матбуоти тоҷик чоп шудааст, хулосае бардоштан мумкин аст, ки ҳар яки онҳо халқи худро дӯст медоранд, ҳамеша бо мардуманд, якумрӣ ба дарду ғам ва шодиву сурури онҳо шариканд.

Чунончӣ, соли 1991 ҳикояи яке аз адиби ҳаҷвнигори турк Азиз Несин бо номи «Ҳеҷ кас кори дигаронро қабул надорад» тарҷума шуда, ба дасти хонандагони «Садои мардум» расид. Дар он ба сари мансаб омадани шахсе, ки хидмати сарвари гузаштаи идораи хешро наҳ мезанад, сиёҳ мекунад, фикри ӯро қабул кардан намехоҳад бо мушоҳидаҳои дақиқи нависанда тасвир шудааст: "Ҳамин ахлоқи худпарастӣ ва ҳамин одатҳое буданд, ки ҳеҷ кас кори дигаронро қабул надорад ва боиси ақиб мондани мо шудааст. Ҳар кас ба сари кор биёяд, ба ҷойи он ки аз таҷрибаи дигарон истифода кунад ва як қадам ба пеш бардорад, қувваи худро барои хароб кардан ва аз байн бурдани иқдомоти раиси қаблӣ равона намудааст ва маълум нест, ки ин даври силсила то кай идома хоҳад дошт?» Чунин аст, мушоҳидаву хулосаи адиби турк доир ба идомаи анъанаҳои неки кори пешгузаштагон, ки дар қиёс бо зиндагии имрӯзаи мо басо ибратомӯз аст.

Мавзӯи ҳикояҳои «Арзи ҳол», «Арзон бе иллат нест», «Ба даст афтодани Ҳамдӣ», «Зоднома», «Кунгураи ҷарроҳон», «Думи саг», «Дӯстдорони адабиёт», «Адабиётдӯст», «Айби худат, амакҷон», «Зиракӣ», «Забонатро нигоҳ дор», «Коргари арзон», «Маҷлиси падару модарон», «Маро бубахш, бой-афандӣ», «Агар зан мебудам…» низ аз ҳаёти воқеӣ ба домани риштаи тадқиқи бадеӣ кашида шудааст ва зарофати хоси нависанда, маҳорати ҳаҷвнигории Азиз Несин ба ин ҳикояҳо тобиши махсус бахшидаанд.

Бори дигар овардан ба манфиат аст, ки маҳз бо шарофати чунин ҳикояҳои пандомӯзи ахлоқӣ нависандаи бузурги турк ду маротиба сазовори ҷоизаи адабии ҳаҷвнависони олам, ки дар Италия солҳои 1956 – 1957 доир шудаанд, гардидааст (4).

Инчунин ҳикояҳои адибони турк Сабоҳатдин Алӣ "Доғи кунҷита", "Осиёб", "Хонаи сердаромад", "Душман", бо қалами А.Насимов аз русӣ ба тоҷикӣ тарҷума шудааст. Ҳикояи Сайгель В., бо номи "Ҳамкорӣ" тарҷумаи А.Амирҷонов, новеллаи "Дуздӣ"-и Хоҷагиёс Салим тарҷумаи Ф.Чориев, ҳикояи Фахри Эрдинҷ "Коммунист" тарҷумаи Қурбон Алӣ, ҳикояи Юлдуз Б., "Гулбаҳор ва Фарида" тарҷума аз русӣ, ҳикояи Юлдуз Б., "Кай ту мемирӣ" тарҷумаи Ф.Азизов ва ҳикояҳои адиби дигари турк Гунтекин Рашод Нурӣ "Дони парранда", "Шартнома" бо қалами Ӯ.Холиқов аз русӣ баргардон шудааст, инчунин тарҷумон С.Ҳоҷимуродова ҳикояи "Арзани саъва"-и ин адибро пешкаши хонандагон гардонидааст. Новеллаи "Аҳднома" ва "Дони гунҷишк"-и ӯро К.Мусофиров тарҷума кардааст, ки хонандаи тоҷик тавассути ин ҳикояҳо бо адибони турк ва мардуми ин кишвар шинос мебошанд.

Ҳикояи Аббосзода Ҳусайн "Сурат"-ро тарҷумон А.Насимов ва ҳикояи Акҷам Дурсун "Коғази сиёҳ" аз русӣ Қ.Восиев баргардон кардааст. Порчаи романи Суод Дарвеш "Маҳбуси Анқара" аввал (19 майи соли 1971) дар рӯзномаи "Комсомоли Тоҷикистон" чоп шуда, баъдан ин роман пурра дар ҳаҷми 144 саҳифа соли 1973 дар нашриёти "Ирфон" бо теъдоди 1400 нусха (тарҷумон У.Обидов) нашр шуда, пешкаши донишомӯзон шудааст.

Шоистаи таъкид аст, ки новелла ва ҳикояҳои адибони турк бештар дар саҳифаҳои матбуоти даврӣ рӯйи чопро дидаанд. Аз ҷумла, рӯзномаҳои «Маориф ва маданият», «Ҳақиқати Ленинобод», «Комсолмоли Тоҷикистон», (ҳоло «Ҷавонони Тоҷикистон»), «Тоҷикистони Советӣ» (ҳоло «Ҷумҳурият»), маҷаллаҳои «Садои Шарқ», «Хорпуштак», газетаҳои «Ҳақиқати Қурғонтеппа», «Бадахшон», «Ҳақиқати Ӯзбекистон», «Адабиёт ва санъат», «Бадахшони Советӣ», «Тоҷикистон», «Садои мардум» дар бобати интишори ҳикояҳои адибон воқеан ҳам, кори хайр ва хидмати пурманфиатеро ба сомон расонидаанд.

Чунин шакл гирифтани кор ва чопи ҳикоя ва новеллаҳои ин адибон дар саҳифаҳои матбуоти ҷорӣ – аз нашрияҳои марказӣ то ҷадидаҳои навоҳии дурдаст сабаби ҷиддӣ доранд. Аввал ин ки онҳо ҳаҷман хурданд ва дар рӯзнома чоп кардан ба мақсад хеле мувофиқ аст. Дигар ин ки бо маънои хубу ҷаззобияти онҳо новелла ва ҳикояҳои ҳаҷвӣ ифодагари дарди ҳамарӯза мебошанд, мутолиаи онҳо на вақти зиёдро мегирад ва на душворие барои тааммуқи махсус дорад (2.81).

Ҳамзамон чоп ва дастраси мардуми кишвари мо гаштани маҳсули хомаи нависандагони машҳури Туркия дӯстдорони адабиёт ва мухлисонро боиси шинос кардани мардуми тоҷик бо хулқу одати онон, асрори кишвар, табиати зебои диёри адибон мегардонад.

А Д А Б И Ё Т

1. Алькаева Л.О. Из истории турецкого романа. 20-50-е годы XX в / Л.О. Алькаева. -М., 1975.
2. Давронов А. Мушкилоти пайвандҳои адабӣ / А. Давронов // Маҷмӯаи мақолаҳо. – Душанбе, 1999.
3. Нуралиев А. Таджикско-казахские литературные связи второй половины XIX и XXвв (Абай и послеабаевский период) АДД / А. Нуралиев.– Душанбе, 1998.
4. Шарифова Г.А. Равобити адабӣ ва нақши тарҷумаи бадеӣ / Шарифова Г.А. -Душанбе: Ирфон, 2012. -129 с.

ИЗ ИСТОРИИ ПЕРЕВОДОВ ПРОИЗВЕДЕНИЙ ТУРЕЦКИХ ПИСАТЕЛЕЙ В ТАДЖИКСКОЙ ЛИТЕРАТУРЕ

В статье речь идёт об истории переводов новелл и рассказов турецких писателей и их публикации в периодической печати Таджикистана, а также переводе произведений турецких писателей, которые осуществили таджикские переводчики. Их переводы стали предметом рассмотрения в данной статье.

Ключевые слова: писатель, перевод, рассказ, произведение, литература, народ, связь.

FROM THE HISTORY OF TURKISH TRANSLATION WORKS WRITERS IN TAJIK LITERATURE

The article focuses on the history of translations of novels and short stories of Turkish writers and their publication in the press of Tajikistan. As well as translating the works of Turkish writers who have implemented their translations by Tajik translators became the subject consideration.

Key words: writer, translation, story, work, literature, people, communication.

Сведения об авторе: ***Г.А. Шарифова*** - кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикского языка и философского обучения Таджикского технологического университета

ГУЛБАЗМ ВА МУҚОИСАИ ОН БО ДИГАР МУСОБИҚАҲОИ ШЕЪРИИ МАРДУМӢ

А. Аминов
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айни

Суруду тарона дар фарҳанги суннатии мардуми тоҷик мавқеи махсус дошта, ҳама гуна ҷашну маросим ва анъанаҳои халқиро бидуни истифодаи онҳо тасаввур кардан ғайриимкон аст. Мардуми тоҷик аз қадимулайём ба воситаи шеъру сурудхонӣ шодию хурсандӣ намуда, ғаму ғуссаи рӯзгорро андаке фаромӯш мекарданд. Суруду таронаро ҳангоми иҷрои корҳо тараннум карда, меҳнати худро сабук месохтанд. Суруду таронаҳо ба ҷуз аз шодию нишот бахшидан, инчунин вазифаи дигареро низ иҷро менамоянд. Чунончи, тарона воситаи муҳиммест барои муколамаи байни дилдодагон. Аз ин ҷост, ки як бахши калони эҷодиёти шифоҳиро рубоиву дубайтӣ ва байту таронаҳои лирикии баландмазмун ишғол кардаанд.

Солҳои охир анъанаи нави шеърхониеро бо номи ***Гулбазм,*** ки ба шакли мусобиқа дар ҷашни арӯсии тоҷикон баргузор мегардад, мушоҳида намудем. Албатта, ҳар як анъанаеро, ки мардум қабул менамоянд, сабабу мақсад ва заминаҳои муайяни ба вуҷуд омаданро дорад. Зеро халқ низ танҳо анъанаҳоеро қабул менамояд, ки ба суннат ва фарҳангаш хос бошад. Маҳфили гулбазм, ки дар як муддати хеле кӯтоҳ миёни мардум анъана гардид, бояд заминаҳои таърихии худро дошта бошад. Бинобар ин, хостем дар бораи заминаҳои бавуҷудоии ин анъанаи ҷолиб андешаҳои хешро иброз намоем.

Гарчанде оид ба пайдоиши маҳфили гулбазм маълумоти дақиқеро пайдо накарда бошем ҳам, аз рӯйи мушоҳидаҳои шахсӣ ва ишораҳои ҷузъии донишмандон метавон гуфт, ки «гулбазм» дар дохили ҷашни арӯсии тоҷикон аз солҳои 90-уми асри гузашта ин ҷониб пайдо гардида ривоҷ, пайдо кардааст.

Ҳангоми ковишҳои фолклорӣ ду нусха маҷмӯаи хурдеро бо номи «Гулбазм» дастрас намудаем, ки яке соли 2003 аз ҷониби шоири тоҷик Сафар Айюбзодаи Маҳзун эҷод гардида, дар дохили он аксаран шеърҳо дар васфи домоду арӯс ва якчанд рӯбоиву дубайтии гулбазмӣ ҷой дода шудаанд, ки бевосита ба қалами шоир тааллуқ доранд, аммо муаллиф дар бораи пайдоиши ин анъана чизе нагуфта, шеърҳояшро ба ҳаводорони он пешкаш намудааст [ниг. 3,4].

Дуюмин маҷмӯаи «Гулбазм» соли 2006 аз ҷониби Т. Салоҳов ва О. Сафаров тартиб дода шудааст, ки дар он аксаран шеъру таронаҳои халқии аз шаҳру ноҳияҳои гуногуни кишвар гирдоварда шомил гардидаанд. Мураттибон дар пешгуфтори ин маҷмӯа доир ба пайдоиши гулбазм чунин ибрози андеша намудаанд: «Гулбазм ё базми гул яке аз суннатҳои қадимаи мардуми ориёинажод аст. Базм маҳфилест, ки бо суруду рақс ба шарафи ҷашн, тӯй, идҳо бо як хушнудию хурсандӣ баргузор мегардад» [8,5]. Агарчанде онҳо баргузории гулбазмро суннати қадимаи ниёгонамон шуморида бошанд ҳам, бо ягон факту далели амиқе андешаҳои худро тақвият надодаанд.

Доир ба маҳфили гулбазм то имрӯз дар фолклоршиносии тоҷик тадқиқоти махсусе низ сурат нагирифтааст. Дар хусуси тарзи баргузории анъанаи гулбазм ва баъзе хусусиятҳои фарҳангии он дар конфронси бахшида ба 10-солагии Ваҳдати миллӣ (соли 2007) аз ҷониби муаллифи ин сатрҳо маърӯзае ироа шуда буд, ки баъдтар гузоришҳои конфронси мазкур дар шакли маҷмӯа низ чоп гардидааст. Баъдтар муҳаққиқи фолклоршинос Ҷумъаев Рустам низ дар рисолаи илмии хеш «Этнопоэтикаи ҷашни арӯсии тоҷикони водии Ҳисор» дар бораи «гулбазм» ба таври хеле кӯтоҳ таваққуф намудааст.

Ҷумъаев Р. дар тадқиқоти худ лаҳзаеро аз ҷараёни маросими гулбазм дар ҷашни арӯсие, ки 27-уми августи соли 1994 дар деҳаи Ҳакимии ноҳияи Шаҳринав барпо гардидааст, мисол оварда, аз нуқтаи назари хеш онро ба шаш бахши илмӣ ҷудо намуда, сипас, андешаҳои худро доир ба ҳар як бахши он мухтасар баён намудааст. Дар хусуси кай ва дар кучо пайпо шудани «гулбазм» ӯ низ маълумоти мушаххас пайдо накарда, тахминан онро ба замонҳои пештар нисбат дода чунин гуфтааст: «Шояд ин шакли нави бозии «байтбарак» ва «мушоира»-и тоҷикӣ бошад» [9,68-73].

Вале агар ба шакл ва ҷараёни баргузории гулбазм ба тариқи муқоиса назар афканем, тафовутҳои зеринро миёни мусобиқаи «байтбарак» ва «гулбазм» пайдо менамоем:

1. Гулбазм маҳфилест, ки баргузории он асосан, дар дохили ҷашни арӯсӣ сурат мегирад.
2. Гулбазм низ дар шакли мусобиқа гузаронида мешавад, вале ин мусобиқа байни ҷавонписарон ва ҷавондухтарон аст ва иштирокчиёни аслии он ашхоси аз 16 то 25 сола мебошанд.
3. Агар дар байтбарак бештар аз ашъори шоирони адабиёти классикӣ истифода баранд, дар гулбазм баръакс, аксаран таронаҳои фолклорӣ мавриди истифодаанд.
4. Дар гулбазм гулеро ҳамчун рамз барои интихоби иштирокчӣ, истифода мебаранд. Яъне ба касе, ки гул дода мешавад, ӯ маҷбур аст, ки ба майдон баромада, таронае дар васфи гул ё ишқ бихонад.
5. Бо ҳарфи охири мисраи тамомкардаи нафари қаблӣ шеър гуфтан дар гулбазм аҳамият надорад. Ин ҷо муҳиммаш мазмунан ҷавоби қонеъкунанда гуфтан аст.

Андешаҳои Р. Ҷумъаевро, дар хусуси он ки гулбазм шояд таърихи қадима дошта бошад, мо низ дастгирӣ менамоем, зеро ҷустуҷӯҳо ва ковишҳои фолклорӣ нишон медиҳанд, ки дар замонҳои пеш низ дар маҳфилҳои ҷашни арӯсӣ баъзан, мусобиқаҳои шеърхонӣ ва ё мусобиқаи рақс барпо менамудаанд. Вале он мусобиқаҳо оммавӣ набуда, танҳо дар доираи занон сурат мегирифтааст. Фолклоршинос М.

Шарифова дар боби дуюми рисолаи номзадиаш дар бораи маҳфили «Духтархона», ки як рӯз пеш аз тӯйи калон дар ноҳияи Мастчоҳ, дар хонаи арӯс сурат мегирифтааст ва дар он чанд нафар занону духтарон аз ҷониби домод низ таклиф мешудаанд, маълумоти пурра дода, аз ҷумла чунин овардааст:

«…Дар баъзе деҳаҳо ин базм шабона мегузарад. Масалан, дар деҳаҳои Оббурдон, Рунҷ, Дашт, Имбеф духтархона дар шаб мешавад. Ҳамаи занону духтарон шабона ҷамъ омада, то субҳ нишоту хурсандӣ менамоянд. Дар ин базм занону духтарони тарафи домод низ иштирок мекунанд ва бо худ «халтаи домод»-ро меоранд. Домод барои арӯсу дугонаҳояш дар халта мағзу мавиз, қандҳои гуногун ва атру собун мефиристад. «Халтаи домод»-ро яке аз дугонаҳои наздики арӯс кушода, ба ҳама занону духтарон туҳфа медиҳад. Дар ин шаб байни тарафи домод ва дугонаҳою хешони арӯс мусобиқа мешавад, ки кадом тараф дар рақсидану байтхонӣ дастболо аст. Базмро бо чунин мисраҳо яке аз дугонаҳои арӯс оғоз мекунад:

Косаи чинӣ майолуд,
Хешони шаҳ хоболуд.

Духтар ё зане, ки ин байтро мегӯяд, худаш рақсида ё суруде мехонад ва базмро метасфонад. Аз ҷониби домод низ зан ё духтаре навбат гирифта, ба хешони арӯс мурочиат карда:

Косаи чинӣ майолуд,
Хешони арӯс хоболуд.

Ва худ низ тарона ё байте мехонад. Ҳамин тавр, ҳар як зану духтар ҳам аз ҷониби арӯс ва ҳам аз ҷониби домод бо навбат рақс карда суруд мехонанд» [10,29-30].

Аз иқтибоси мазкур бармеояд, ки ин маҳфили ҷолиб ба гулбазм хеле шабоҳат дорад. Зеро мо низ ҳангоми ковишҳои фолклорӣ таронаҳоеро сабт намудаем, ки шаклан ба мисраҳои боло шабоҳат доранд ва дар ин ҷо овардани яке аз онҳоро айни муддао медонем:

Гулут гули майолуд,
Эй бачаи хоболуд.
Ошро хӯрдӣ сер кардӣ,
Ба мулоқот дер кардӣ.

Мутаассифона, Шарифова М. дар рисолаи хеш дар хусуси кадом солҳо барпо гардидани ин маҳфил маълумот надодааст. Ӯ ҳатто аз он таронаҳое, ки занону духтарон мехондаанд, намунае наовардааст. Аз сабаби он ки ба иштирокчиёни асосии ин шабнишинӣ, ӯ занону духтаронро ишора кардааст, мо тахмин намудем, ки он шояд намунаи даврае пеш аз истиқлолият бошад.

Ф. Зеҳниева низ дар бахши арӯсбаророн чунин ибрози андеша менамояд: «Ҳангоми арӯсбаророн суханбозӣ, саволу ҷавоб ва талабу ризомандии тарафайн авҷ мегирад. Дар маҳалҳои ҷанубӣ республика дар ин маврид шаҳмардон суруд мехонанд. Манзараи шеърхонии занони деҳоти тоҷикнишини райони Фориш низ шоёни диққат аст. Дар ин шеърхонӣ иштироки фаъолонаи ҳам хешовандони тарафи арӯс ва ҳам тарафи домод мушоҳида мегардад» [4,43].

Чунонки мебинем, Ф.Зеҳниева низ иштирокчии асосии чунин мусобиқа танҳо занонро ишора кардааст, аммо ба ҳар сурат ин намунаҳо бар он далолат менамоянд, ки «гулбазм» низ шаклан ба он монандӣ дорад ва ин исбот менамояд, ки аз ҳамон даврaҳо сарчашма гирифтааст. Зеро аз ҳама чизе, ки монандии гулбазмро ба мусобиқаҳои пешина далолат мекунад, нишондоди дигари Ф. Зеҳниева мебошад. Ӯ дар ҷойи дигари ҳамин бахш чунин овардааст: «Дар сурудхонӣ зану мард баробар иштирок менамоянд, ба ибораи худӣ онҳо гӯем, байтгӯйӣ мекунанд. Онҳо соҳиби қобилияти эҷодию ҳофизаи баланде буда, ба ҳар як лаҳзаи нави тӯй байти мувофиқе эҷод мекунанд. Баъзан, ба тариқи саволу ҷавоб қудоҳо тараф ба тараф байтхонӣ мекунанд. Ин тарзи сурудхонӣ дар маҳалҳои ҷанубии Тоҷикистон низ мавқеи махсусро ишғол менамояд» [4,43].

Аз гуфтаҳои Ф. Зеҳниева ба хулосае бояд омад, ки ҳамин шакли мусобиқаи солҳои пешин ба гулбазми кунунӣ аз рӯйи се хусусият: мусобиқаи тарафайн, ҳозирҷавобӣ ва эҷод намудан дар саҳна ба пуррагӣ шабоҳат дорад.

Ба ғайр аз ин, тайи солҳои охир банда ба ҷамъоварӣ ва тадқиқи анъанаи «гулбазм» машғул шуда, маводи фаровонеро аз шаҳру навоҳии гуногуни ҷумҳурӣ гирдоварӣ намудаам. Ҳангоми суҳбат доир ба ҷашни арӯсӣ кӯҳансолони ин ва ё он маҳал изҳор намуданд, ки пештар дар шабнишиниҳои духтарон мусобиқаҳои шеърхонию рақсидан баргузор мегардид, ки дар он танҳо занону духтарон иштирок мекарданд. *«Дар таги чодар занаку духтарои тарафи арӯс қати [1] тарафи шаҳ мусобиқа мекардан. Як кас дойразан мешиду дигаро ба навбат рақсу шеърхонӣ*

мекардан. Ба ёдум ҳастай, ки дар туйи худум як занак аз тарафи шаҳ ҳами Байда[2] хондагӣ буд:

Чалам масалӣ[3], пуштаки чалам масалӣ,
Янгаҳой[4] арус шиштиян[5] ранги касалӣ».
Набиева М. д. Бобои Валӣ. н. Файзобод. с. т. 1950].

Аз нақли гӯянда бармеояд, ки тарзу усул ва қофиябозии он ба гулбазми кунунӣ хеле монандӣ дорад. Дар ин бобат низ мисоле дорем, ки ҳангоми экспедитсияи фолклорӣ аз деҳаи Ғалабаи ноҳияи Фархор сабт намудаем:

Дар пуштаки тӯйхона кони намакай,
Касе, ки гула намегира, феълуш занакай [6].

Агар дар мисраҳои байти аввал ба рақсу бозӣ набаромадани кадбонуҳои тарафи арӯс зери маломат қарор гирифта бошад, мисраҳои байти сонӣ баёнгари зери тозиёнаи танқид кашида шудани писарон аз ҷониби духтарон, яъне дар гулбазм иштирок накардани онҳо нишон дода шудааст, ки мазмунан ҳар ду байт як амалро ифода менамоянд.

Чи тавре ки мушоҳида мегардад, маҳз ҳамин лаҳзаи ҷашни арӯсии солҳои пешин ба гулбазми кунунӣ хеле монандӣ дорад. Вале маҳз Гулбазм ном бурдани ин мусобиқаро дар солҳои пешин касе ба мо иттилоъ надодааст.

Агарчанде бо номи Гулбазм аз маъхазҳои пешина чизеро дарёфт накарда бошем ҳам аз мисолҳои овардашуда ба хулоса омадан мумкин аст, ки улбазм маҳфили нав набуда, як навъ давоми мусобиқаҳои мазкур мебошад, ки бо тақозои замона ва муҳит дар шакли нав, акнун мусобиқа байни танҳо занон нею байни писарону духтарон ба вуҷуд омадааст.

Қати – ҳамроҳи.
Байда – байтро.
Масалӣ – ба маънои гулдор ва зебо.
Янгаҳой – бонуҳои тарафи арӯс дар назар дошта мешавад.
Шиштиян – нишастаанд.
Солиҳов Саймурод. Д. Ғалаба, н. Фархор. с. т. 1985

А Д А Б И Ё Т

1. Аминов А. Гулбазм ҳамчун падидаи иҷтимоӣ-фарҳангии солҳои 90-уми асри гузашт/ А Аминов // Маҷмӯаи гузоришҳои конференсияи илмии «Ваҳдати миллӣ ва инъикоси он дар фолклори тоҷик». -Душанбе: Деваштич, 2007.
2. Амонов Р. Лирикаи халқи тоҷик / Р. Амонов. -Душанбе: Дониш, 1968.
3. Аюбзода С. Гулбазм / С Аюбзода. -Душанбе: Ирфон, 2003.
4. Зеҳниева Ф. Сурудҳои маросими тӯйии тоҷикон / Ф Зеҳниева.- Душанбе: Дониш, 1978.
5. Зеҳниева Ф. Маросимҳои тӯйи арӯсии тоҷикон / Ф Зеҳниева .-Душанбе, 1991.
6. Кисляков Н.А. Семья и брак у таджиков, по материалам конца XIX-начала XX века / Н.А Кисляков. -М.: Изд-во АН СССР, 1959.
7. Раҳимов Д. Фолклори тоҷик / Д. Раҳимов. –Душанбе: Эҷод, 2009.
8. Салоҳов Т., Сафаров О. Душанбе, - Маориф, 2006.
9. Ҷумъаев Р. Этнопоэтикаи ҷашни арӯсии тоҷикони водии Ҳисор / Р Ҷумъаев. -Душанбе, 2008,
10. Шарифова М. Маросимҳои тӯйи арӯсии мардуми ноҳияи Мастчоҳ / М Шарифова. -Душанбе, 2005.

«ГУЛБАЗМ» И ЕГО СОПОСТАВЛЕНИЕ С ДРУГИМИ НАРОДНЫМИ ПОЭТИЧЕСКИМИ СОСТЯЗАНИЯМИ

Посредством настоящей статьи мы дали сведения по поводу предпосылок возникновения традиции «Гулбазм». Во время исследования определили, что «гулбазм» не является новой традицией и возник на основе других стихотворных состязаний, который годами прежде таджикский народ использовал в своих национальных празднествах и церемониях. В качестве подтверждения собственных размышлений, использовали исследования других учёных в качестве сравнительного анализа, которые проводились относительно свадебных празднеств в прежние годы.

Ключевые слова: фольклор, традиция, «гулбазм», свадьба, церемония, стихотворение, состязание, песня.

«GULBAZM» AND ITS COMPARISON TO OTHER NATIONAL POETICAL COMPETITIONS

This article is dedicated to the Tajik traditional poetical competition so called “Gulbazm” and its derivation. Gulbazm is organized in the context of wedding’s parties. In the result of research carried out by author it was clear that the gulbazm is not a new tradition. It was formed on the basis of some poetical competitions, like baytkhoni, mukhammaskhoni, musobiqaishe’rguyi. Author brought and took in to consideration opinions of other Tajik folklorists and ethnographers regarding Gulbazm tradition.

Key words: folklore, tradition, gulbazm, wedding, celebration, ritual, competition, poetry.

Сведения об авторе: ***А. Аминов*** - ассистент кафедры таджикского языка ТГПУ им. Садриддина Айни

«ЮСУФ ВА ЗУЛАЙХО»-И МАСЪУДИ ҚУМӢ

Вафо Элбоев
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Эҷоди достонҳои «Юсуф ва Зулайхо» дар адабиёти форсии тоҷикӣ таърихи куҳан дошта, дар ин мавзӯъ осори зиёд ба назму наср нигошта шудаанд, ки муаллифони ин осор ҳама ин қиссаи шӯрангези ишқиро дар пироҳани бадеияти баланд тасвир кардаанд.

Рукнуддин Хоҷа Масъуди Қумӣ дар нигоштани ин қиссаи шӯрангез, ки дар тӯли ҳазорсола баҳри таҳкими одобу ахлоқи ҳамида, дур будан аз ҳавои шаҳват, талқини иффату тақвову фазилатҳои неки инсонӣ, шуълаи умедро дар дилҳо зинда гардонидан ва фарҷоми некро чашмдор будани парҳезгорон хидмати назаррасе кардааст, даст зада, муваффақ бар он шудааст, ки ин «беҳтарин қисса» - ро ба зевари табъ ороят.

Рукнуддин Хоҷа Масъуди Қумӣ (1429-1488) аз зумраи суханварони тавонои нимаи дувуми садаи ХУ мелодист, ки бо осори гаронбаҳои хеш ба занҷири заррини адабиёти форсии тоҷикӣ ҳалқаи наве зам намудааст, вале бо сабаби дастрас набудан ва кам ҳифз мондани осораш то кунун эҷодиёти ӯ пурра омӯхта нашудааст.

Қиссаи «Юсуф ва Зулайхо» аз муассиртарин ва пурсӯзтарин қиссаҳои адабиёти ҷаҳонӣ ба шумор меравад, ки аслан, аз фолклори яҳудиён сарчашма гирифта, баъдан тавассути китобҳои муътабари «Таврот» ва «Қуръон» ба адабиёти хаттии як қатор мамолики Шарқ роҳ ёфтааст.

Достони «Юсуфу Зулайхо»-и Масъуди Қумӣ дар асоси ривояти сужети қиссаи муҳаббати Юсуф бо Зулайхо реша дар фаҳлавиёти мардуми яҳуд дошта, мувофиқи қонунияти тамоми адабиёти олам, ки гузаштани як сужет ба адабиёти хаттии ин ё он халқ аз амрҳои воқеист, интиқол ёфтааст ва дар асоси ҳамин ривоят навишта шудааст. Аз ҳамин ҷиҳат, дар достон аз аввал то охир услуби ривоятӣ нигоҳ дошта шуда, аксари бобҳо аз забони нақлкунанда, ё ровие шурӯъ мешаванд:

Гӯяндаи ин суруди дилкаш
З-ин гуна кунад димоғи ҷон х-ваш,
Созандаи ин ҳадиси ҷонсӯз,
З-ин сон шавад аз сухан дилафрӯз (1).
Дар ҷойи дигар мегӯяд:
Гӯяндаи ин накӯ сароғоз
Ин гуна кунад сари сухан соз.
Донандаи ин ҳадиси ҷонранд,
З-ин даст кушояд аз забон банд…

1. Минбаъд ҳамаи мисолҳо аз китоби Хоҷа Масъуди Қумӣ. «Юсуф ва Зулайхо» ва «Шамсу Қамар».Тасҳеҳ ва тадвини Сайидалӣ Оли Довуд.-Теҳрон, 1369 оварда мешаванд.

Ҳамин тавр, Масъуд аз ноқилону ровиёни ин ҳикоят, ки ба гуфтаи адиби асри XIX Фаронса Э.Ренан «куҳантарин романи куҳнанашаванда» мебошад, ёд карда, худро «меҳнаткаши ин фироқнома», «суратгари ин саҳифаи роз» ва «гӯяндаи базми ишқу мастӣ» номидааст:

Меҳнаткаши ин фироқнома
Ин бардиҳад аз ниҳоли хома…

Ё худ:

Суратгари ин саҳифаи роз
Ин нақшаи роз аҷаб кунад соз.
Наққоши равоқи ин гулистон
Ин сурати ҳуш кашад ба дастон…

Достони «Юсуф ва Зулайхо» - и Масъуди Қумӣ, мисли достонҳои дигари адабиёти классикии форсии тоҷикӣ бо муқаддима оғоз шуда, баъд фасле дар баёни сифати меъроҷи пайғамбар Муҳаммад (с) меоварад.

Пас аз муқаддимаи анъанавӣ матолибе дар «Сабаби назми китоб» ва кайфияти сурудани қиссаи «Юсуф ва Зулайхо» баён шуда, баъдан ба асли матлаб пардохтааст.

Дар сурудани достон манбаи асосии илҳоми шоир сураи 12-и Қуръон будааст, ки ин нуктаро дар қисмати «Сабаби назми китоб» чунин ба қалам додааст:

Бо хотири пок аз офати хок,
Гуфтам, ки чӣ гуфт Эзиди пок.
Ё раб, ба каломи пуркамолат,

Ё раб, ба ҷалолату ҷамолат,
К-аз ман бипазир зории ман,
Зориву сухангузории ман.
Дар гуфтаи ман мабин, ки ҳеҷ аст,
Ҳеҷ асту бар ӯ ҳазор печ аст!
Он бин, ки зи гуфтаи ту гуфтам,
Чандин дури бебаҳо, ки суфтам!

Дар достони «Юсуф ва Зулайхо» Масъуди Қумӣ боби алоҳидае дар мадҳи Алишери Навоӣ навиштаву дар «Оғози қиссаи Юсуф…» Навоиро сифат карда, дар байте чанд изҳор медорад, ки сабаби ба риштаи назм кашидани ин достон ташвиқи Алишери Навоӣ мебошад. Аниқтараш, дар аввал Масъуд дар фикри ба назм даровардани қиссаи «Булбулу Парвона» буда, доир ба ин мавзӯъ байте чанд навишта, ба ҳузури Навоӣ меорад. Навоӣ ба ӯ мегӯяд, ки ғараз аз навиштани достон тасвири воқеаҳои ҳақиқӣ ва таърихист, на афсонаҳои хушку холӣ:

Ин гуфта чу пистаест бемағз,
Худ писта ба мағз дар бувад нағз.
Ҳар хушку таре ба мағз некӯст,
Мағз аст ғараз зи писта, на пӯст!
Парвона кадом дил харошад?!
Афсонаи булбуле чӣ бошад!

Баъдан, Масъуд оид ба ин қисса байте чанд навишта, ба ҳузури Алишери Навоӣ меорад ва устоди сухан ин кори оғозкардаи ӯро фоли нек ҳисобида, ба ӯ фотиҳа медиҳад:

Алқисса, ба қиссае чунин нағз,
Даррафтам чун дар устухон мағз.
Фасле ду-се гуфтам аз сари сӯз,
Чун фасли баҳори оламафрӯз.
Бурдам бари он баҳори олам,
Он муҷиби ифтихори олам,
Аз ман чу шунид гуфтаи ман
В-он тоза дури насуфтаи ман…
…Гӯяндаӣ?- Рост кун забонро,
Он гӯй, ки рост гӯйи онро!
Он қиссаи Юсуф аст, бишнав!
Бишнав, чӣ такаллуф аст, бишнав!
Пирояи насбу рафъи нас ӯст,
Мансуб ба аҳсан-ул қисас ӯст!

Алишери Навоӣ аз қиссаҳои то он вақт эҷодшудаи «Юсуф Зулайхо»-и адабиёти форсии тоҷикӣ огоҳӣ дошт, ки дар пояи баланд набуданд ва ба Хоҷа Масъуди Қумӣ далолат мекунад, ки достоне офарад, то ин қиссаи «Қуръонӣ»- ро бо суханони тоза, бо нигоҳи нав ва ифодаҳои пурмазмуни ҷаззоб орову перо диҳад. Масъуди Қумӣ аз забони Алишери Навоӣ чунин гуфтаеро меорад, ки далели гуфтаҳои қаблианд:

Бо ин ҳама ҳастии забардаст,
Назме, на чунон ки боядаш ҳаст
Гуфтанд басе, набуд олӣ
Ҷуз гуфтаи поки ҳақ таолӣ!
Инро ту бисоз кисвате нағз,
Зам соз наботи суда бо мағз!
Зебанда дурест оламафрӯз,
Дар сурати назми нав кунаш рӯз.

Ин ҷо ба натиҷае метавон расид, ки достони Масъуди Қумӣ пеш аз достони Абдурраҳмони Ҷомӣ эҷод шудааст, вагарна Алишери Навоӣ, ки аз шогирдон ва наздикони Ҷомӣ буд, ба Масъуд аз вуҷуди достони ҳамноми Ҷомӣ хабар медод ва худи Масъуд, ки ба Ҷомӣ эҳтироми зиёд дошт, дар достони худ аз ӯ ёд мекард. Аз боби «Дар мадҳи Навоӣ…» чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки Масъуд дар ҷараёни тасвири образи Юсуф ҳамчун вазири доно, оқил ва раъиятпарвар симои Алишери Навоиро дар мадди назар доштааст. Абдулғанӣ Мирзоев ҳангоми баррасии достони «Юсуфу Зулайхо»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ низ ба ҳамин хулоса омадаанд (2, 273).

Достони «Юсуф ва Зулайхо»-и Масъуди Қумӣ дар баҳри ҳазаҷи мусаддаси ахраби мақбузи мақсуру маҳфуз, ки аз рукнҳои:

мафъӯлу мафоъилун мафоъил

мафъӯлу мафоъилун мафоъил
- - У / У - У - / У - -
- - У / У - У - / У - -

иборатанд, эҷод шудааст.

Достон аз 28 боб иборат буда, қисматҳои «Муқаддима», «Сифати меъроҷи пайғамбар», «Сабаби назми китоб», «Панди фарзанд» ва «Дар хотимаи китоб» ба сюжети асосии достон алоқа надоранд.

Баррасии мавзӯъҳои иҷтимоӣ ва ахлоқӣ дар достони «Юсуф ва Зулайхо»-и Масъуди Қумӣ гуногун аст. Масъалаҳои муҳимтарине, ки шоир дар достон матраҳ кардааст, танқиди замона, тарғиби ҳокими идеалӣ, танқиди худхоҳону бадкешону кинаварзон, тарғиби дӯстиву бародарӣ, мазаммати рафтору кирдори бад, васфи некиву некӯкорӣ, ҷавонмардӣ, саховатмандӣ, ватандӯстӣ ва ғ.ба шумор мераванд.

Шоир дар байту порчаҳои хусусияти иҷтимоидошта аз рӯзгори сангину ҳолати нобасомон ва беадолатии шоҳону ҳокимони давр ба риққат омада, норозигии худро, ки ҳамзамон норозигии аҳли заҳмат ва табақаи поёнии ҷомеа аст, бо ҳиссиёти баланду заковати шоирона ифода кардааст ва рӯйирост ба шоҳони замон муроҷиат менамояд, ки ҳокимияти шумо абадӣ нест ва танҳо барои ободиву осудагӣ кӯшед:

Хуросонро ба адл обод медор,
Ироқу Форсро ҳам ёд медор.

Масъуд аз бемеҳрии дунё, ки ҳамеша душвории зиндагӣ насиби аҳли заҳмат будаву худ маводи зиндагии аҳли ҷомеаро меофарад, вале бо душворӣ умр ба сар мебарад, ба фарёд омада, чунин мегӯяд:

Дило, гетӣ сари ёрӣ надорад,
Раҳу расми вафодорӣ надорад.
Дар ин айём, к-аз ҳар сӯ ғуборест,
Ба коми дил расидан сахт корест!

Шоир аз ҷониби бародарон фурӯхта шудани бародарро ҳамчун як ҳодисаи нанговари иҷтимоӣ нишон додааст, ки бародарони пайғамбарзода баҳри мақсадҳои ғаразноки худ Юсуфро ба чанд пули ночизе фурӯхтанд ва аз ин ҳодисаи нанговари иҷтимоӣ нафрат дорад:

В-он сангдилони сахтбозӯ,
Дар сангдилӣ гаронтар аз ӯ,
Буданд чунон ба кини ӯ гарм,
К-охир дилашон бар ӯ нашуд нарм.
Ҳам з-оташи хашм сӯхтандаш,
Ҳам хашмкунон фурӯхтандаш.
З-он сон гуҳаре сазои таъзим
Доданд ба ҳаждаҳ дирам сим!

Яке аз мавзӯъҳои умдае, ки дар эҷодиёти Масъуди Қумӣ, бахусус достони ӯ «Юсуф ва Зулайхо» мақоми муҳимме дорад, фарогирии масъалаҳои ахлоқ ва тарбия мебошад.

Масъуд дар достони «Юсуф ва Зулайхо», ки дар охирҳои умраш эҷод кардааст, боби алоҳидаеро таҳти унвони «Панди фарзанди амҷад Ғиёсиддин Муҳаммад тола умруҳу» ҷудо карда, ба фарзанди худ насиҳат кардааст, ки воқеан, пандномаи хубест. Дигар, дар дохили ҳар боби достон афкори ахлоқии хешро иброз доштааст

Андешҳои ахлоқии Масъуд дар достони «Юсуф ва Зулайхо» аз боби аввали достон, ки бародарони ситампеша ба Юсуфи назди падар маҳбубияти зиёддошта ва ҳасад бурдани онҳо нисбат ба ӯ оғоз мегирад. Бародарон аз ҳусну ақли расои Юсуф ва маҳбубияти ӯ назди падар ҳасад бурда, дар фикри ҷисман нест кардани Юсуф мешаванд:

Оре, ҳасад офате бузург аст,
Пайдост, шубон нуҳуфтагург аст.
В-арна, кӣ барад зи масту ҳушёр,
Юсуф бари гурги одамихор?!
Шайтони ҳасад чу рафт дар пӯст,
Ангехт ҳазор душман аз дӯст!

Шоир аз ҳасудии бародарон ба ғазаб омада, андеша дорад, ки агар бародар ба бародари хеш ҳасад варзад, пас дар дунё каси аз ҳасад пок вуҷуд надорад, зеро ҳасаду бахилӣ решаи ҳамаи бадбахтиҳост. Масъуд бо овардани ин байтҳо ҳасад ва ашхоси ҳасудро мазаммат карда, аз ҳасад дур буданро талқин менамояд:

То нест ҳасад, ту бе мане нест,
Аввал ҳасад аст, душмане нест!

Он дам, ки ҳасад расад ба поён,
Гардад сари душманӣ намоён.
Дидам ба ҷаҳон басе ҳасаднок,
Як кас нашунидам аз ҳасад пок.

Масъуд дар достон лаҳзаи рӯ ба рӯ шудани бародарон бо Юсуф сифати волои инсонӣ – бахшандагиро дар симои Юсуф инъикос намудааст. Юсуф новобаста ба он озорҳое, ки аз бародарони худ дидааст, онҳоро мебахшад, ки ин яке аз хислатҳои беҳтарини инсонист:

Гуфт:- Он чӣ ман аз шумо кашидам,
В-аз ҳар якатон чиҳо ки дидам,
Имрӯз бишустам аз дил онро,
Обе задам оташи ниҳонро!
Гаштам, зи ҳар он чӣ рафт хомӯш,
Кардам ҳама рози дил фаромӯш!

Масъуд зимни баррасии мавзӯи бародарӣ ва баробарӣ ин нуктаро ситоиш карда, бародарӣ ва меҳрубониро аз нишонаҳои беҳтарини дӯстӣ медонад:

Он ҷо ки ниҳояти тамиз аст,
Беҳтар зи бародарӣ чӣ чиз аст?!

Масъуди Қумӣ дар достони «Юсуф ва Зулайхо» дар ҷараёни тасвири ҳолоту воқеот аз воситаҳои тасвири бадеӣ ва унсурҳои хаёл фаровон истифода намуда, бештар ташбеҳ, истиора, муболиға, талмеҳ, таҷнис, тавсиф, ручӯи лирикӣ, таҷоҳули ориф, ирсоли масал, тазод, саволу ҷавоб, нидо, сифатчинӣ ва ғ-ро истифода намудааст.

Ташбеҳ аз воситаҳои муҳимми тасвири бадеист ва дар ҳар саҳифаи достони «Юсуф ва Зулайхо» намунаҳои онро метавон дарёфт, ки дар мавридҳои инъикоси характери воқеаву ҳодиса ва симои қаҳрамонҳо истифода кардааст:

Мӯяш чу бунафша пургиреҳ буд,
Рӯяш зи ҳазор моҳ беҳ буд.
Дар чеҳра ба Меҳру Муштарӣ хеш,
Аз Моҳ зиёду аз парӣ беш!

Ин ҷо шоир мӯйи печ дар печи Юсуфро ба «гиреҳи бунафша», ки дар воқеъ назарраабост, монанд карда, рӯяшро ба Моҳтоб, ки дар шаби тор ба олам рӯшноӣ мебахшад, мушобеҳ ва чеҳраи зебои Юсуфро ба Офтобу Муштарӣ монанд мекунад.

Масъуд дар васфи Зулайхо беҳтарин ташбеҳотро ба кор бурдааст:

З-ин ғамзазани карашмасозе,
Чун гул тару тоза сарвинозе.
Мӯе чу кашида шохи сунбул,
Хандон даҳане чу ғунчаи гул.
Хуш симбаре, сумансурине,
Парварда ба ноз нозанине.

Дар ин байтҳо шоир Зулайхоро ба гули тару тоза, ки диданаш ба кас як ҷаҳон лаззат мебахшад ва дар ҳақиқат зебост, мӯяшро ба шохи сунбул ва хандиданашро ба шукуфтани ғунчаи гул монанд карда, қаду барашро ба сим ва рони пояшро ба суман, ки дар луғат ба маънои гули сафеди зебост, монанд тасаввур мекунад.

Дар достони «Юсуф ва Зулайхо» аз санъати **талмеҳ** низ зиёд истифода шудааст, ки ба ин восита ба як силсила воқеаҳои таърихӣ ва шахсони воқеиву таърихӣ ишораҳо мекунад ва образу тасвирҳои офаридашударо заминадору диданӣ мегардонад.

Масалан, бо овардани байтҳои зер шоир ба ривояти барбод додани Айвони Мадоин аз ҷониби Искандар ва ба ҷустуҷӯйи оби ҳайвон (оби ҳаёт) гумроҳу саргардон шудани ӯ ишора кардааст:

Искандар агар ба ҳар тариқе
Монанди ту дошт рафиқе,
Барбод надодӣ охир Айвон,
Гумроҳ нашудӣ ба оби ҳайвон.

Масъуд дар абёти зер ба ривояти «Юсуф ва Зулайхо» навиштани Абулқосим Фирдавсӣ ишора кардааст, чунки ибораҳои «донои гузашта достонҳо» ва «феҳристи қадими хонадонҳо» маҳз ба Фирдавсӣ мансуб аст:

Донои гузашта достонҳо,
Феҳристи қадими хонадонҳо,
Бонии чӣ гавҳарин баёне,
Гӯё ба накӯтарин забоне

Аз мағзи сухан чунин кашад пӯст,
З-он қисса, ки аҳсан-ул-қисас ӯст.

Муболиға аз саноеи дигари маънавӣ буда, барои равшантару пуртаъсиртар баён кардани афкори шоир ба кор меравад.

Масалан, дар байтҳои зер Юсуф ба «моҳ», «рашки ҷамоли сад паризод», «бандкушо», «озодкунанда» монанд тасвир шудааст, ки ин симоро боз ҳам бошукӯҳ ва бо шаҳомати хос нишон диҳад:

Он моҳи тамому сарви озод,
Он рашки ҷамоли сад паризод,
Он бандкушои сад фиканда,
Озодкуни ҳазор банда.

Масъуд симои Зулайхоро, то дараҷае ки имкон даст додаст, «парвардаи меҳру анвар», «ҳамшираи шаҳду шаккар», «сунбул», «гул», «Зӯҳра», «наргис» ва ғ. бо муболиға монанд кардааст, ки ин нукта дар байтҳои зер аз забони худи Зулайхо баён шудааст:

Аз рашки даҳони ман ниҳонӣ,
Ҷон медиҳад оби зиндагонӣ.
Парвардаи меҳри анварам ман,
Ҳамшираи шаҳду шаккарам ман.
Сунбул нашунидааст бӯям,
Гул сер надидааст рӯям.
Ман сарву санавбарам саросар,
Бо ман нашавад парӣ баробар.
Сад банда чу Меҳру Моҳ дорам,
Чун Зӯҳра ҳазор доҳ дорам.
Наргис чу ба чашми ман дарояд,
Гул кист, ки бо рухам барояд?

Ва дар байтҳои поёнӣ Юсуф ба «моҳи шаби чаҳордаҳ» монанд, дар мартаба буда, аз Осмон ҳам баландтар, аз фаришта беҳтар тасвир шудааст, ки на муболиға, балки ғулув аст:

Гӯянд, ки ҳам дар ин миёна
Он чордаҳ шаб маҳи ягона!
Юсуф, ки зи Моҳу Меҳр беҳ буд,
Дар мартаба аз сипеҳр меҳ буд.
Ӯ буд диле ба ҷон сиришта,
Дар сурати одамӣ фаришта.

Аз санъати **таҷнис** ҳам дар достон зиёд истифода шудааст, ки барои барҷаста ифода намудани фикри муаллиф хидмат мекунанд.

Барои намуна ба абёти зер мурочиат менамоем:

Хуш танг ба бар гирифта ӯро,
Бар карда ниҳоли орзуро.

Дар ин байт вожаи «бар»-и аввал ба маънои «паҳлӯ» ё «оғӯш» омада бошад, «бар»-и дувум маънои «самар», «мева» ё «ҳосил» додани ниҳоли орзуро дорад, ки маънои яклухти он мувафақият ба даст овардан аст.

Дар байти:

В-он гумшуда корвониён **боз,**
Карданд ба раҳ чу **боз** парвоз.

вожаи «боз» ба ду маъно: «боз»-и якум «аз нав» ва дуюм «парранда» омадааст.

Дар байти:

Ҷон аст ба ҷойи ҷонрасонаш,
Дар хотири инсу ҷон нишонаш

шоир калимаи «ҷон»-ро дар ду мисраъ овардааст, ки аввалӣ ба маънои «ҷон», «рӯҳ» ва «қувват» аст ва «ҷон»-и дувум ба маънои «ҷин», ғайриинсон омада, тобиши маъноии байтро таъмин намудааст.

Ин андеша, ки: «Дар таҷниси лафзӣ калима ва дар таҷниси маънавӣ маъно такрор меёбад» (3, 120,) дар асоси мисолҳои фавқ бардурустанд ва санҷида шудаанд ва Масъуди Қумӣ дар достон бештар аз таҷниси маънавӣ истифода кардааст, ки аксаран шинаму ҳунармандонаю бамаврид баромадаанд.

Тазод одатан, баҳри истифодаи ҳиссиёти мухталифи образҳо ва афкори мутақобили онҳо истифода мешавад ва Масъуд дар достон аз ин навъи санъати бадеӣ зиёд истифода намуда, зиддияти афкору рафтору гуфтори қаҳрамононашро қавитар баён доштааст.

Масалан, дар мавриди қабул накардани ишқи Зулайхо аз ҷониби Юсуф, ки лаҳзаи пурихтилофу ҳассосу вазнини равонист, ин санъати драматикиро шоир устокорона, оливу бамаврид ба кор андохтааст:

Ӯ гавҳари иштиёқ месуфт,
Ин масъалаи фироқ мегуфт.
Ӯ майли бару канор мекард,
Ин аз бари ӯ канор мекард.
Ӯ пеши худаш ба дида мехонд
В-ин ашк чу хун зи дида меронд.

Дар байтҳои дигар низ тазод барҷаста зуҳур ёфтааст ва вожаҳои мутазоди «гулу хор», «баду нек», «куҳнаву нав», «каму беш» бамаврид корбаст гардида, созмони мисраву байтҳоро зебу зиннати лафзӣ бахшидаанд:

Дар ҳар коре **гул**еву **хор**ест,
Ҳар **хор**у **гул**е барои корест.
Кор аз **баду** **нек**у **куҳна нав** аст,
Бад низ ба кори хеш **нек** аст.
Масъуд агар **бад**, ар **накӯ**ӣ,
Хуш бош, ки **нек**у **бад** аз ӯӣ.
Он к-ин ҳама **нек**у **бад** аз ӯ шуд,
Ӯ кард агар **бад**, ар **накӯ** шуд.
Бо он ки ту бас камӣ зи ҳар хас,
Гар бандаи хеш хонадат, бас.

Лаҳзаи вохӯрии бародарон бо Юсуфро ҳам шоир тавассути таззоду муқобилгузорӣ хубу риққатовару диданӣ тасвир кардааст:

Хандид, чу дид рӯйи ҳамзод,
Бигрист, чу омадаш падар ёд.

Тавсиф аз саноеи густурдаи бадеист, ки Масъуд аз кӯмаки он дар достон нисбатан кам бошад ҳам, ҳунармандона истифода кардааст. Дар мавриди ифодаи сифати зебоии Юсуф шоир чунин байте дорад:

Симинбадане, сиҳихироме,
Бас нозуку нозанин ғуломе.

Ё дар байте аз сифатҳои Молик Райён, ки Азизи Миср буда, дар мулкдорӣ аз соҳибхирадон маҳсуб мешуд, чунин вожаҳоеро корбаст намудааст:

Соҳибхираде, сутудахӯе,
Дар Миср набуд ҳамчу ӯе.

Андар тавсифи зебоии Зулайхо шоир вожаҳои аз ҷиҳати шакл ва маъно хеле зеборо паҳлӯи ҳам чидааст, ки дар воқеъ, ин амал образро барҷаста таҷассум менамояд ва ин маҳорати устодии Масъуд дар чеҳраофаринӣ аст:

Хуш симбаре, сумансурине,
Парварда ба ноз нозанине.
Бас чобуку нозуку шакархо,
Номаш сари чойгон Зулайхо.

Нидо аз санъатҳои дигари матлуби шоир аст, ки дар достон зиёд истифода шудааст ва асосан, барои ифодаи ҳиссиёту ҳаяҷони образҳои достон дар мавридҳои гуногун ба кор меравад. Чунки: «Нидо аз он хитобҳои музтарибона иборат аст, ки тазоҳури ҳаяҷони қалбӣ ва эҳсосоти амиқи рӯҳии шоир аст» (4, 89). Дар достон байтҳои зиёдро дучор меоем, ки ҳам хусусияти хурсандибахшӣ ва ҳам аломати ҳузноварӣ доранд. Лаҳзаҳои дар сари қабри модар зор-зор гириста, ба ӯ муроҷиат кардани Юсуф ва ҳоли зори ба ғуломӣ фурӯхта шуданашро шоир бо сӯзи дил тасвир кардааст, ки саҳми нидо дар амалидошти нияти эҷодии шоир назаррас аст:

К-эй модари меҳрубон, худоро,
Бингар, чӣ ба сар расид моро?!
Фарёд, ки гар ғамам бидонӣ,
Фарёд ба осмон расонӣ.
Аз сад ғами дил, ки тохт сӯям,
Ғамгин шавӣ, ар яке бигӯям.
Боре, яке аз ҳазор бишнав,
В-ин гиряи зори зор бишнав
Инак, ту бубин, эй Худованд,
Ман бандаву пойбанд дар банд.
Бардор зи хок сар замоне,
Дарёб ба лаб расида ҷоне.

Дар зории бешумори ман бин,
Ҳоли ману ҳоли зори ман бин!

Дар ин байтҳо ҳолати фоҷеабори Юсуфи таҳқиршударо, ки ба модари худ нидову муроҷиат мекунад, мебинем, ки аз лаҳзаҳои бисёр муассири достон аст.

Руҷӯи лирикӣро Масъуд дар аввалу охири боби достон овардааст. Агар дар аввали бобҳо муҳтавои онро бо руҷӯи лирикӣ ба хонанда шинос кунад, дар охири боби достон ин қисматҳоро бо суханони пандомез ва баландғоя ҷамъбаст намудааст.

Масалан, ҷамъбасти боби «Расидани корвон ба Миср ва расонидани он гавҳари қимате ба бозори нахосон ва харидани Азизи Миср ӯро ба баҳои гарон», ки ба мавзӯи ишқ бахшида шудааст, яке аз беҳтарин руҷӯъҳои лирикии достони «Юсуф ва Зулайхо»-ст:

Масъуд, хуш он замон, ки будат,
Ишқе, ки зи хеш мерабудат!
Ҷуз ишқ агарат набуд коре,
Кори дигарат набуд боре.
По то камарат набуд дар гил.
В-ин кӯҳи ғамат набуд дар дил.
Он гарчи намонд ҷовидонӣ,
Ин низ ба сар расад, чӣ донӣ?!

Ё худ ҷамъбасти боби «Ҷамъ сохтани Зулайхо хавотини Мисрро ба расми зиёфат...» низ хеле баланд ифода гардида, шоир дар ин руҷӯи лирикӣ аз ташбеҳоти марғуб истифода карда, бадеиятро барҷаста тасвир кардааст:

Масъуд, чӣ шуд, ту ҳам замоне
Хомӯш нишин чу безабоне.
Вомонд забон, қалам раҳо кун,
Шуд кунд қалам, забон-ш во кун.
Дорад мижаат зи ҳад қалам беш,
Аз дида давот кун, бинеҳ пеш!
Аз дудаи дида кун сиёҳӣ
В-он гоҳ бинавис, ҳар чӣ хоҳӣ.

Забони достони «Юсуф ва Зулайхо» ниҳоят ғанӣ, фасеҳ, пуробуранг, ширин ва фаҳмост. Тамоми зебоиву дороиҳои асари бадеӣ маҳз тавассути забон ифшо мегардад ва дуруст таъкид шудааст, ки: «Воситаи асосии шакли асар ва мазмуни он забон мебошад» (5, 52).

Забон воситаи асосии эҷоди ҳар гуна асари бадеист, ки маҳз ба воситаи он эҷодкор метавонад андешаву эҳсосоти худро ифода карда, образҳои марғубу дилнишини бадеӣ офарад ва воқеиятро ҷолиб тасвир намояд. Воқеияти зиндагиро Масъуди Қумӣ дар достонҳояш кӯтоҳу самимӣ ва равон нишон додааст.

Дар нишон додани ҳолатҳои зоҳириву ботинии қаҳрамонҳо, воқеияти зиндагӣ ва лаҳзаҳои хубу душвори иҷроиши орзуву омоли онҳо шоир аз калимаву ибора ва мақолу зарбулмасалҳои халқӣ фаровон истифода намуда, заминаи мустаҳками забони асар ва оҳангнокии тасвирро ба нудрат афзудааст ва ин нукта яке аз рисолати шеъру сухани ҳадафманд аст: «Шеър гиреҳҳӯрдаи отифа ва тахайюл аст, ки дар забони оҳангин шакл гирифта бошад» (6, 98), ки ин отифа ва тахайюл ба воситаи мақолу масалу зарбулмасалҳои халқӣ боз ҳам шевотар мегарданд.

Масъуд дар достони «Юсуф ва Зулайхо», инчунин аз истилоҳоти илмӣ, таърихӣ, фалсафӣ ва динӣ васеъ истифода намудааст, ки ин истилоҳот зимни ифшои андешаҳояш дар мавриди ифодаи ҳолоту воқеаҳои асар бо бархӯрди лаҳзаҳои муассири достон ироа гардидаанд. Нуктаи дигари мавриди таваҷҷуҳ ин аст, ки Масъуд дар достон аз истифодаи калимаву ибораҳои муғлақи арабӣ, ки хоси забони асарҳои зиёди классикӣ ҳастанд, дурӣ ҷуста, афкори худро бештар бо забони форсии тоҷикӣ баён доштааст. Ибораҳои арабӣ аксаран дар қисматҳои «Наъти пайғамбар», «Шаби меъроҷ» ва унвони бобҳои достон вомехӯранд. Вожаҳои нобу ибораҳои халқӣ, ки дар достон фаровон истифода шудаанд, дунёи ботинӣ ва ҳолати рӯҳии қаҳрамонҳоро рангин гардонидаанд.

Масалан, ибораҳои рехтае, чун «мардумӣ намудан», ки ба маънои касеро дастгирӣ кардан ва меҳрубониро ифода мекунад, ниҳоят бамавқеъ ва гуворо корбаст шудааст:

Сад раҳ ба тафаққудаш сутудӣ,
Бас мардиву мардумӣ намудӣ.

Ё худ ибораи «дилу дин бурдан»:

Хуни дили ман ҳамин ту хӯрдӣ,

Аз ман дилу дин ҳамин ту бурдӣ…, ки маънои «дил додан», «меҳр бастан»-ро медиҳад, дар достон зиёд дучор меояд ва ин ибораҳои рехтаро шоир бамавриду дилчасп истифода кардааст.

Ифодаҳои маҷозии «аз гил сохта шудан» ва «дари маргро ба гил бастан» дар байти зерин ба кор рафтаанд, ки аввалӣ, маънои «аз гиле бо номи салсол сохта шудани колбади инсон»-ро мефаҳмонад, ки ин нукта дар сураи «Арраҳмон»-и Қуръон (сураи 55, ояти 14) чунин баён гардидааст: «Халақал инсона минассалсолин калфаххори» (7, 530):

Як мушт гилӣ ту, эй тиҳидаст,
Натвон дари маргро ба гил баст.

Маънои ифодаи маҷозии дувум ин аст, ки инсон бар он қодир нест, то дари маргро бубандад ва ҳамаи ашё миранда аст.

Дар достони «Юсуф ва Зулайхо»- и Масъуд зарбулмасалу мақолҳо, ки шоир онҳоро дар шакли шеър овардааст, ба ҳусни баён латофат ва зебоии зиёд бахшидаанд. Бо истифодаи мақолу зарбулмасал шоир инъикоси ҳолати қаҳрамонон ва бадеияти достонро тавонистааст баланд бардорад.

Дар байти зерин бо овардани зарбулмасали «бародари ман бошӣ, баробари ман бош» шоир тавонистааст ҳам андешаҳои ахлоқӣ ва ҳам ҳолоти қаҳрамони асарро равшан таҷассум намояд:

Он ҷо ки ниҳояти тамиз аст,
Беҳтар зи бародарӣ чӣ чиз аст?!

Масъуд дар байтҳои

Чун ломи хамида мубталое,
Ҳамчун алифаш ба каф асое.
З-ин аст, ки бар сар аст модом…

Оёти китобро, ки мақоли «сароёти китоб (манзур Қуръони маҷид) алифлом аст», устодона китобат кардааст.

Дар байти поён мақоли «инсон сиришти ҳайвонӣ дорад»-ро бамаврид истифода карда, хонандаро ба инсонгарӣ даъват мекунад ва бо танзу киноя мефармояд:

Бас нохалаф аст одамизод,
Аз вай накунӣ ба мардумӣ ёд.

Шоир дар байти навбатӣ зарбулмасалеро, ки муродифи он «чоҳканро чоҳ дар пеш аст» ба шумор меравад, бамаврид ба кор бурдааст:

Гар чоҳ канад хасис дар роҳ,
Худ пештар уфтад дар он чоҳ!

Бо истифода аз зарбулмасалу мақоли зиёд дар достон шоир ҷанбаи иҷтимоӣ, пандуахлоқӣ ва услубии асарро афзун сохтааст.

Истифодаи бамаврид аз зарбулмасалу мақолҳо ва санъатҳои маънавиву лафзӣ достони «Юсуф ва Зулайхо»-ро ҷаззобу дилкаш гардонидаанд, ки бо фарогирии мавзӯъ, инъикоси ҳолати қаҳрамонҳо, тарғиби ғоя ва офаридани образҳои дилнишин дар мисоли худ беназиранд.

А Д А Б И Ё Т

1. Хоҷа Масъуди Қумӣ. Юсуф ва Зулайхо, Шамсу Қамар.Тасҳеҳ ва тадвини Сайидалӣ Оли Довуд / Хоҷа Масъуди Қумӣ. -Теҳрон, 1369 ҳ.
2. Мирзоев А.Сездаҳ мақола / А.Мирзоев. -Душанбе:Ирфон, 1977.
3. Тӯрақул Зеҳнӣ.Санъати Сухан / Зеҳнӣ Тӯрақул. -Душанбе:Ирфон, 1992.
4. Раҳими Мусулмониён.Назарияи адабиёт / Мусулмониён Раҳими. -Душанбе:Маориф,1990.
5. Шарифов Х. Мақолаи Адабиёт, Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик/ Х.Шарифов. - Душанбе, 1988.
6. Муҷтабои Башардӯст. Зиндагӣ ва шеър / Муҷтабои Башардӯст -Теҳрон, 1379 ҳ.
7. Қуръон.-Теҳрон,1368 ҳ.

«ЮСУФ И ЗУЛЕЙХА» МАСУДА КУМИ

Данная статья посвящена всестороннему изучению и литературоведческому анализу поэмы «Юсуф и Зулейха» Масуда Куми, поэта второй половины XV века таджикско-персидской литературы.

Ключевые слова: поэма, сказка, любовь, Юсуф, Зулейха, легенда о любви, религиозный.

«YUSUF AND ZULAIKHO» OF MASUD QUMI

The article is devoted to the wide learning and analyze of the poem of «Yusuf and Zulaikho» of Masud Qumi the poet of second half of the XVth century.

Key words: poem, storiy, Love, Yusuf, Zyleikha, the leqend of love, releqiozny.

Сведения об авторе: ***В. Элбоев*** - доцент кафедры таджикской литературы Таджикского государственного педагогического университета им.Садриддина Айни. Телефон: **935-31-44-08**

ТАБИАТ ВА МУҲИТИ ЗИСТ ДАР АШЪОРИ ФАРИДУН МУШИРӢ

Алиризо Иброҳимободӣ
Пажӯҳишгоҳи забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии АИ ҶТ
Донишгоҳи озоди исломии Бирҷанд, Эрон

Шеъри табиатгарои Муширӣ бо сурудаҳои табиатгарои шоирони тоҷик, монанди Лоиқ Шералӣ ваҷҳаи иштирокӣ дорад, аммо дар муқоиса бо пешвои нигоргарони табиат Манучеҳри Домғонӣ ва низ шоири наққош ва маъруфи муосир Сӯҳроби Сипеҳрӣ тамоизҳое дорад.

Фаридун Муширӣ дар истифода аз аносири табиат сирфан тавсиф, ё тазйини шеърро дунбол намекунад, балки ӯ аз ин раҳгузар мехоҳад бехабарон ё ноогоҳонро нисбат ба аҳамияти табиат, ки яке аз мавзӯоти бисёр муҳим ва ҳаётии рӯзгори мост, огоҳ кунад ва бо истифода аз нерӯи қавии шеъри хеш ҳиссиёти афкори умумиро нисбат ба ин мавзӯъ барангезонад. Зеро Муширӣ шоири рӯзгоре аст, ки мафҳуми муҳити зист ва лузуми аҳамияти он дар маҳофили гуногуни илмӣ, ҳунарӣ ва адабӣ ва расонаҳои гуногун мавриди таъкид воқеъ мешавад, аммо дар айни ҳол раванди тахриби муҳити зист ҳамчунон ба шиддат идома дорад ва оморҳои нигаронкунандаи расонаҳо баёнгари ин воқеияти талх аст. Муширӣ ин ҳақиқатро ба хубӣ дарёфт ва барои худ дар ин замина рисолати бисёр муҳим қоил аст. Ӯ наметавонад ба умур ва мавзӯоти пешипоафтода, саргармкунанда таваҷҷуҳ кунад ва ё фазои шеърашро бо мафоҳими камаҳамият пур кунад, балки муҳимтарин муъзалоти гиребонгири башари имрӯз чун хушунати аср, олудагии ҳаво ва тахриби табиат ва фиқдони инсоният ва ахлоқро мавриди таваҷҷуҳи ҷиддӣ қарор медиҳад ва паёми шеърашро бо алфоз ва калимоти бисёр зебо, ҷаззоб, сода ва таъсиргузор баён мекунад.

Фаридуни Муширӣ муътақид аст, ки гароиш ба табиат дар шеъри ҳар шоире, ки фарзанди самимии замони хеш бошад, ҷилва мекунад ва ба таври куллӣ зеҳни шоир аз табиат ҷудо нест [2:218]. Рекардо Зиполи ҳам мегӯяд: «Табиат ёри бовафо ва мунъакискунандаи воқеияти дарунии шоир аст» [3:23]. Аз ин сухан метавон чунин натиҷа гирифт, ки инъикоси аносири табиат дар осори як шоир ва корбурди калимоти марбут ба табиат ба баёнгари навъи нигоҳ ва мизони амиқи иртиботи шоир бо табиат аст.

Фаридун Муширӣ аз маҳдудаи шоирони муосир аст, ки забони табиатро хуб мефаҳмад ва паёми мазоҳири табиатро мегирад ва ба латифтарин забон ба гӯши одамиён мерасонад. Ба ақидаи нигоранда яке аз муҳимтарин меъёрҳое, ки бо он метавон нигариши шоиронро нисбат ба табиат мавриди санҷиш қарор дод, корбурди навъи калимот аст, зеро калима дар насри корбурдӣ абзоре дорад барои баркарории як иртибот, аммо калима дар шеър нақши интиқолӣ дорад ва шоир монанди воситае амал мекунад, ки паёмеро мунтақил мекунад [5:10].

Бар ин асос, корбурди калимоти марбут ба табиат дар шеъри Муширӣ ва ибтикори вай дар сохтани таркиботи зебо ва ҷаззоб нишондиҳандаи робитаи ногусастанӣ ва амиқи ӯ бо табиат ва ҷилваҳои он аст ва мутобиқи баррасии оморӣ, ки нависанда анҷом додааст, мазоҳири гуногун, аз қабили шолизор, гандумзор, оҳу, паланг, обшор, кабӯтар, саванбар ҷуғз, наргис, настаран, гулзор, марғ, деҳкада, уфуқ, ситора, бунафша, каргас, рӯз, шаб, ғуруб, дара, моҳтоб, уқёнус, Албурз, Дамованд, дашту саҳро, ях, барф, ғунча, шукуфа, хорзор, парвона, барг, сиёҳ, сафед, марворид, фил, харгӯш, санҷоб шабнам, булбул.

Ҳаво, гулбарг, баҳор, поиз, зимистон, тобистон, сабза, дар шеъри Муширӣ ҳузури пурранг доранд ва бархе аз аносир ва вожаҳои марбут ба табиат, монанди саҳар, субҳ, офтоб, боғ, гул, нур, насим, хок, замин, санг, дарахт, хуршед, чашма, об, борон, барг, кӯҳ, чаман, парранда, ҷангал, дарахт, баҳор, мавҷ, дарё, соҳил аз ҳузури пуррангтар ва фаровони бештаре бархӯрд доранд, аммо ҳадафи аслӣ аз баршумурдани ин калимот баёни ин муҳим аст, ки Муширӣ ба ҷилваҳои гуногуни табиат таваҷҷуҳ ва иноятӣ вижае дорад. Ба қавли Алӣ Ҳошимӣ - дӯсти наздики шоир: «Ҳамаро мебинад, мебӯяд, мешунавад, мефаҳмад, мебӯсад, мешиносад, меситояд, ламс мекунад, ҷон ва дилашро ба онҳо месупорад ва зарроти ҳаётро аз вуҷуди худ убур медиҳад. Ба умқи зебоиҳо ва азамати офариниши фард меравад, ғарқ мешавад, аз он барои шеъраш моя мегирад, илҳом бармедорад ва ба хубӣ ва оростагӣ ҳар кадомро ба ҷойи худ менишонад ва аз талфиқ ва таъдили онҳо дар камоли таносуб ва таодул ба наҳви шигифтангез осори зебоие меофаринанд. Ончунон ки гӯйӣ қаблан дидаӣ, вале надидаӣ, будаӣ, вале набудаӣ, шунидаӣ, вале нашунидаӣ» [1:73-74].

Муширӣ аз ҳамон давраи ҷавонӣ, ки забон ба шеър гуфтан кушуд, бо табиат унс ва улфати вижае дошт, аммо пас аз тайи даврони ишқу ҷавонӣ ва дар марҳилаи сарпарастии хонаводаи худ ҳифзи ҳамон рӯҳи латифи калимот меҳр ва меҳрубониро ба ҷойи ишқ вориди забон кард ва сипас, мафоҳими зебоии сулҳ ва мусолимати ҷаҳонӣ ва гироиш ба созмонҳо ва ормонҳои муҳити сабз ва ҳавои покро дар шеъри шевои худ матраҳ намуд, ки фақат дар назди лояе аз қишри хонандагони фаровони шеъраш мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифт ва дигар аз он олами шӯру ҳоли ошиқонаву шоиқонаи шеърҳои гузашта табҳиди ёде ба амал наёмад [1:157].

Доктор Муҳаммад Амин Раёҳӣ мегӯяд: «Фаридун Муширӣ ошиқи зебоист, аз табиат ва шеър ва мусиқӣ ва наққошӣ ва ситоишгари хубӣ ва покӣ ва зебоӣ ва некӣ ва меҳрубонӣ ва фазилат ва табиат» [1:157].

Ба ақидаи Паймон Озод «шеъри ӯ шеъри мафоҳиле аст, ки мехоҳанд зиндагиро дӯст бидоранд», зеро он гуна ки худи шоир мегӯяд, рӯҳи ягонагӣ бо меҳр, бо сипеҳр, бо санг, бо насим, бо об, бо гиёҳ дар тору пуди ӯ ҷараён дорад: Бар қулла истодам / Оғӯш боз кардам / Танро ба боди субҳ / Ҷонро ба офтоб супурдам / Рӯҳи ягонагӣ / Бо меҳр, бо сипеҳр/ Бо санг бо насим/ Бо об, бо гиёҳ / Дар тору пӯди ман ҷараён ёфт/ Мавҷи латиф бофта аз ҷавҳари ҷон / То умқи ҳафт парда ҷонро зи ҳам шикофт/ Манро зи тан рабуд / Мо монда ёфта дар ҷовидонагӣ [4:1379].

Дунёи зебои шеъри Муширӣ аз гул ва гавҳар, май ва шакар саршор аст, ба гунае ки дар фазои махмалини андешаи ӯ боди шабгир ба сӯйи суманзор ва чаманзор ва гандумзор ва шолизор ва боғҳои бошукӯҳ ва рӯёҳо мевазад ва дарё ва абр ва боду борон боғҳои пургул ва шукуфтаро, ки касе аз дидани онҳо сер намешавад, боғбонӣ мекунад. Дар нигоҳи ӯ насим қосиди биҳишт аст ва мегӯяд:

Эй насим!
Шояд, дарахт ва ман низ,
Як бода дар ду ҷом
Ва як ҷилва бо ду ном [4:941].

Дар фазои шод ва самимонаи шеъри ӯ дарахтон монанди сӯфиёни сархуш ҳастанд, ки самои доим даст ба исор ва нисор афшондаанд, аммо нигаронии ӯ аз ин бобат аст, ки ба далели олудагиҳои зистмуҳитӣ ва бедодиҳое, ки номардон ба табиати пок раво доштаанд, дар таҳоҷуми оҳан, наҳиби дуд, дигар насим, он пайки меҳрубон умед ва навид нест ва он ҷон, ки дар тамоми тан мевазад, нест ва аз ин сабаб бо изҳори нигаронии шадид мегӯяд:

Ҳаргиз нарафт ин ҳама бедод бо насим,
Ҳаргиз набуд ин ҳама бедод бо дарахт.
Инак, ман ва дарахт
Чунон ду сӯгвори парешони тирабахт,
Печон зи тозиёнаи кулокҳои сахт.
Ӯ чун Масеҳ дӯхта тан бар салиби хеш.
Ман дар таби талошҳои раҳоӣ
Шояд, ки бори дигар дасте бароварем озод бо дарахт! [4:942-943].

Алӣ Ҳошимӣ, ки тайи бист сол дар давраи табиатгардӣ ва кӯҳнавардӣ ҳамроҳи Муширӣ будааст, мегӯяд: «Фаридун дили пурмеҳр ва табиатдӯст дошт, то он ҷо ки вақте яке аз ҷамъе мо дар домани табиат меистодем ва шеъри Мушириро мехонд, Фаридун, ки худ соҳиби асар буд, мисли навҷавоне, ки ошиқи табиат ва шеър аст, бо лаззати ғайриқобиле ва софе бо ҳамаи вуҷуд гӯш мекард ва аз васфи табиат ва ишқи инсон ва меҳан дар лаззати мавфур ғарқ мешуд» [1:75].

Суруди кӯҳ армуғон ва туҳфаи қобили таҳсине аст, ки Муширӣ ба дӯстдорони табиат тақдим намудааст ва ба гуфтаи Алӣ Ҳошимӣ, Фаридун ин шеъри зеборо барои ташвиқи ҷавонон ва дӯстон ба табиатгардӣ ва кӯҳнавардӣ сохт ва устод Парвиз Мушкотиён ҳам рӯйи ин шеър оҳанги бисёр муносибе танзим кард ва ин шеър ба унвони «Суруди кӯҳнавардӣ» машҳур шуд:

Ба сӯйи кӯҳ, ба сӯйи кӯҳ, ба сӯйи қуллаҳои бошукӯҳ,
Ба сӯйи сипеҳр, ба роҳи зарнишони меҳр,
Ҷу орзуи мо ҳавои хуш аст ва пок
Ба рӯйи қулла тан аз ғубори тирагиҳо.
Баро чу ҷони тоза бар баландии хок
Ҳамеша сарфароз, ҳамеша бар фароз [1:1257].

Ӯ табиатро пок барои инсон ва инсонро шод дар табиат мехоҳад ва ба ҳамин далел мегӯяд:

Ман зинадгиро дӯст дорам,
Инсон ва борон ва чаманро меситоям.

Инсон ва борон ва чаманро месароям [4:916].

Шеъри Муширӣ намоишгоҳе аст, ки метавон дар он ҳам тасвири оҳуи танҳои гурезону парешонро дид, ки аз бераҳмии сайёд аз ҳалқаи печони камандаш хун мечакид ва ҳам шоир табиатгардеро дид, ки ривоятгари бедодии сайёд ва ҳам маҷзуби шӯру ҳолати оҳуст ва ҳам аз тапидани дили бетоби оҳуи захмӣ ва ҳам аз изтироби мурғаки бастабол ва паррандаи тирхӯрда ранҷ мебарад:

Бо барқи ашке дар нигоҳи равшани хеш,
Моро гузор медод дар эҳсоси оҳу.
Моро хабар медод аз бедодии сайёд.
Ман ин миён маҷзуби шӯри ҳолати ӯ…[4:1283].
Эй оҳуи танҳою гурезону парешон,
Хун мечакад аз ҳалқаи печони камандат…[4:894].
Эй мурғаки саргашта, кадомин ҳавасомӯз
Бе болу парат дид ва чунин баст ба бандат.
… Бо ҳар садои тир, ки бархост
Як, ду, се, даҳ
Парранда ба хок афтод.
Борони марг яксара меборид
Боғи парранда яксара ҷон медод [4:1591].

Паймони Озод каломи Мушириро «шеъри зулол ва муъҷизаи ишқ» меномад ва дар мақолае ба ин ном яке аз вижагиҳои дурунмояи шеъри Мушириро ахлоқӣ будан меномад ва муътақид аст, ки Муширӣ ҳаргиз дар шеъраш по аз марзҳои вожагони шармгин берун намегузорад. Дар нигоҳи мунаққид Муширӣ шоирест, ки «агарчи нишебу фарозҳоеро дар андешаи шоиронаи худ пушти сар гузошта, аммо ба ҷонмояи шеъри худ дасте аз сари тасаннӯъ набурд, таслими салиқаи рӯз нашуд ва худро ба шиор нафурӯхт.

Дар шеъри худ аз вожагони хашн ва забару замхат истифода намекунад. Рӯҳи ӯ латиф аст ва ин латофат аз гузиниши вожагони шеърҳояш пайдост. Вожагоне, ки дар пайванди ҳамешагӣ бо табиати боронӣ ва сабз аст, ба гунае ки гоҳе по аз сохти воқеиятҳо берун мегузорад, то ҷаҳони хушунатофарини моро набинад» [1:17].

Шеъри пуровозаи «Бӯйи борон, бӯйи сабза, бӯйи хок», ки қабл аз инқилоб дар соли 1357 дар Эрон ба сурати тарона тавассути Фаридун Фараҳӣ хонда мешуд ва баъд бо оҳанги устод Фарҳод Фахриддинӣ ба сурати суруди мондагор ҷовидонаи таърих шуд, гувоҳи дигар аст, ки Муширӣ ба зебоиҳо ва эъҷози муҳимтарин мулоҳизоти зистмуҳитии худро даруни он нишон медиҳад, ки ӯ шохаҳоеро шикаста ва боронхӯрда, осмонро обӣ ва абрро сапед ва парастуҳоро шод ва хилвати кабутарҳоро гарм ва пурмеҳр мехонад:

Бӯйи борон, бӯйи сабза, бӯйи хок
Шохаҳои шуста борон хӯрда пок.
Осмони обиву абри сапед
Баргҳои сабзи бед.
Атри наргис, рақси бод,
Нағмаи шавқи парастуҳои шод.
Хилвати гарми кабӯтарҳои маст…
Нарм – нармак мерасид инак, баҳор,
Хуш ба ҳоли рӯзгор…[4:307].

Муширӣ аз ҳайси ҳамзабонӣ ва ҳамроҳӣ бо табиат яке аз шоирони барҷастаи муосир аст ва ҳамчунон ки Сӯҳроби Сипеҳрӣ бо «садои пойи об» ба нуктаи авҷи робитаи ошиқонаи хеш бо табиат расид, Муширӣ низ бо халқи саҳнаҳое чун «садои пойи баҳор, садои шодии гунҷишкҳо, садои бӯсаи борон, садои хандаи гул» авҷи маъшуқонаҳои худро бо табиат ба намоиш мегузорад.

Фаридун Муширӣ дар ағлаб сурудаҳояш, бавижа дар баёни бархе мулоҳизоти иҷтимоӣ ва зистмуҳитӣ масодиқи ин таъриф мешавад, ба гунае ки аз вожаи шеъраш метавон асабҳои мултаҳаби ӯро мушоҳида кард, чи он ҷо ки фарёд бармеоварад ва мегӯяд:

Он чӣ вайрон мекунад рӯҳи маро
Бераҳмии инсон ба инсон аст.

Ва он чи ки дар паҳнои бедоди башар аз шиддати тааҷҷуб мутаҳаййир мешавад. Чи он ки дар марги обу ҳаво, наботот ва ҳайвонот ва ҷангал ва инқирози дарё ва қатли омми моҳӣ, фарёдҳо месароид:

Ман бо кадом дил ба тамошо нишастаам
Осуда,

Марги обу ҳаво ва наботро
Марги ҳаётро?!
Ман бо кадом, ёро,
Дар ин ғубори сангин
Марги парранадҳоро
Хомӯш мондаам?!
Ман бо кадом мояи сабурӣ
Фарёд барнадоштаам,
Ой?!

Муширӣ дар шеъри «Масеҳи бародар», ки аз муҳимтарин ашъори зистмуҳитии ӯ ва баёнгари дағдағаҳои ӯ барои табиат ва иҷтимоъ аст, ба ҳавои сурбии сангин, ки шаҳрро монанди лаҳиби кураи оҳангар кардааст, ишора мекунад ва бо изҳори таассуфи шадид мегӯяд:

Чӣ мегузашт он ҷо
Ки аз тулӯи саҳар
Ба ҷойи мавҷи сипос аз дамини хуршед,
Ба ҷойи бонги ниёиш дар остонаи субҳи ғубору дуд ба авҷи гунбад!
Ҳавои сурбии сангин ба синаҳо мерехт.
Лаҳиби кураи оҳан ба шаҳр мепечид.
Чӣ мегузашт он ҷо,
Ки ҷойи нози гул ва сози бод ва рақси дарахт.
Ба ҷойи хандаи бахт
Ғубори марг бар андоми барг меборид.
Насими сӯхтапар мегурехт, меафтод!
Дарахт ҷон медод!
Сараш ба синаи андӯҳи ҷовидонӣ хам! [4:691-693]

Алоқаи Муширӣ бо табиат ва лузуми ҳифзи муҳити зист танҳо як иддаои бепуштувона ва дар ҳадди шиор нест, балки баёнгари нигоҳи тезбин ва огоҳ ва басирати фарогири вай нисбат ба абъоди мухталиф ва хатарноки буҳронҳои зистмуҳитӣ ва пайомадҳои фоҷиабори дахолати бераҳмонаи башар дар табиат аст. Ӯ дилмашғулии ҷиддӣ ва амиқи худро дар шеъри баланднамояш мегузошт ва абъоди мухталифи тахриби табиат ба дасти башарро бисёр густурда тавсиф мекунад ва муътақид аст, ки дар оянда бояд барои кӯдакон савганд бихӯрем, вагарна боварӣ нахоҳанд кард, ки рӯзе дар ин ҷо дарёе буд ва мавҷ мезад ва дашту чаманзор ва гулгаште буд ва шукӯҳи киштзорон сафое дошт:

Барои кӯдакон савганд бояд хӯрд,
Ки рӯзе мавҷ мезад, бол мегустурд.
Чу дарё дарахти ин ҷо
Муборак дами насиме буд ва пардозе аз овозе фишонда гесӯвони рӯде.
Кушуда бозувони даште, чаманзоре ва гулгаште,
Шукӯҳи киштзорон ва «бунафшаи чӯйи канорон» буд…
Сафои хотире ва ишқу умеде буд,[4:668-667].

Шоир дар ин шеър инсонҳоро ба сони роҳгумкардагоне дар ҷангали оҳан ба тасвир мекашад ва ботаассуф мегӯяд, ки чун роҳи замин бо осмон бо пӯлод баста аст, дигар парвози парастуро бояд дид ва аз ин ҷиҳат ҳамаи инсонҳоро дар ин сарнавишт мақсур медонад, аммо таассуф ва ҳасрати бештари ӯ ба ин сабаб аст, ки мо барои раҳоӣ аз ин вазъи хатарнок монанди шикорие, ки дар доми сайёд гир афтода бошад, ҳеҷ як на дасте мерасонем ва на қадаме бармедорем:

Чӣ ҷойи чашмаву беду чаман, роҳи нафас баста аст
Замин бо осмон, эй дод, бо пӯлод пайваста аст.
Дигар дар хоб бояд дид парвози парастуро,
Дар анбӯҳи сафедорон чароғи чашми оҳуро
Ба рӯйи даштҳо аз духтарони пираҳанрангин, ҳойи ҳаворо
Дигар дар хоб бояд дид! [4:667-669].

Ёфтаҳои ин мақола нишон медиҳанд, ки Фаридун Муширӣ шоири огоҳе аст, ки мавзӯи ҳифзи муҳити зист ба унвони муҳимтарин чолиши дунёи имрӯзро ба хубӣ шиноҳта, дағдағаҳои худро дар ин замина ва дар шеъри худ бозтоб додааст.

Табиатгароии Муширӣ ва корбурди фаровони аносири табиат дар шеъри ӯ сирфан сурудани шеър ва васфе нест, балки ӯ илова бар он ки мафоҳим ва дарунмояҳои маънавии шеъри табиатгарои худро бо меҳри ватан пайванд додааст, мехоҳад аз ин тариқ эҳсоси поку такримомези мардумро нисбат ба табиат бедор

кунад ва бо истифода аз нерӯи қавӣ ва таъсиргузори шеър ҳиссиёти афкори умумиро барои дифоъ аз ҳарими табиат ва муҳити зист барангезонад.

А Д А Б И Ё Т

1. Деҳбошӣ Алӣ. Ба нармии борон / Алӣ Деҳбошӣ // Ҷашнномаи вижаи Фаридун Муширӣ. -Теҳрон: Сухан, 1379. -815 с.
2. Шоҳҳусейни Мехрӣ. Табиат ва шеър дар гуфтугӯ бо шоирон / Мехрӣ Шоҳҳусейни.-Теҳрон: Китоб, 1380.
3. Фарзод Абдулҳусейн. Таъсири зулфи сухан / Абдулҳусейн Фарзод // Адабистон. - №47.-С.23.
4. Муширӣ Фаридун. Бозтоби нафаси субҳдамон (куллиёти ашъор) / Фаридун Муширӣ. -Теҳрон: Чашма, 1380.
5. Вожаномаи шеър ва адаби форсӣ. –Бирҷанд: Фарҳанг, 1368.

ПРИРОДА И ОКРУЖАЮШАЯ СРЕДА В ПОЭЗИИ ФАРИДУНА МУШИРИ

В современный период проблема защиты природы и окружающей среды увеличивается с каждым годом, пишутся статьи и стихи, посвященные данной теме. Авторы этих стихов очень талантливы и у них есть умение донести саму суть и главный смысл о необходимости беречь природу и окружающую среду. Тема природы – ведущая тема в мировой поэзии. Фаридун Мушири является представителем современной иранской поэзии, который в своих стихах воспевает природу и выступает на защиту окружающей среды.

Ключевые слова: Фаридун Мушири, природа, окружающая среда, защита окружающей среды, тема природы в поэзии Мушири.

NATURE AND ENVIRONMENT IN THE POETRY OF FARIDUN MUCHIRI

Currently, the problem of protection of nature and environment is increasing every year, they write articles and poems on this topic. The authors of these poems are very talented and they have the ability to convey the essence and the main point about the need to protect nature and the environment. The theme of nature is the leading topic in the world of poetry. Faridun Musiri is representative of contemporary Iranian poetry, which in his poetry celebrates nature and acts to protect the environment.

Key words: Faridun Muchiri, nature, environment, environmental protection, the theme of nature in the poetry of Musiri.

Сведения об авторе: ***Алиризо Иброхимободи*** – соискатель Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им.А. Рудаки АН РТ, преподаватель Свободного исламского университета города Бирджанд, Иран

«ТАЪРИХИ ТАБАРӢ»: МАФОҲИМ, САЙРИ ТАКОМУЛИ ВА АНДЕШАҲО

Мармар Носирпур

Пажӯҳишгоҳи забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии АИ ҶТ

Китоби «Таърихи Табарӣ» шарҳи зиндагии башар аз хилқати Одам то замони нигорандаи он аст. Ҳадафи Табарӣ аз нигориши таърих арсаи таърихи ҷаҳон аз оғоз то офариниш, то замони худи ӯ будааст. Аз дидгоҳи ӯ сайри рӯйдодҳои таърихи ҷаҳон аз замони муайян оғоз шуда, ки дар он ҳар як аз қавмҳо нақши вижаи худро бозӣ кардаанд. Ва иноят иллоҳӣ бо фиристодани паёмбарон ва фиристодани китобҳои осмонӣ бо мардум ҳамроҳ буда ва ҳамаи мардум дар рӯдхонае, ки номаш таърих аст, ба сӯйи мақсади маълум, ки рӯзи растозез аст, раҳнамун мешаванд.

Табарӣ таърихро дарси ибрат дар дабистони маърифат медонад. Барои намуна, ҳангоме ки саргузашти Хусрави Парвизро мегӯяд, ба қорҳо ва рафторҳои ӯ мепардозад ва ин ки аз гузаштагони худ ибрат нагирифта ва ба чӣ сарнавиште дучор шудааст. Шеваи ӯ дар нигориши таърих шеваи муҳаддисон аст, яъне ҳар гоҳ матлаберо аз китобе бардошт кардааст, номи китобро ба равшанӣ меорад ва санади худро ном медиҳад.

Табарӣ нахустин касе аст, таърихро аз сиранависӣ ба таърихи умумӣ кашонид. Ӯ, вақте ки «Таърих ар-расоил вал-мулук»-ро менависад, ба таври комил аз устураҳои давраи бостони Эрон оғоз мекунад, ҳамчунон ки Ҳеродот дар Юнон аз методологияи устурашиносӣ оғоз кард. Ӯ таърихи пеш аз исломро бо иттилооти судманде, ки аз «Худойнома» ва тарҷумаи арабии он, яъне «Сайр ул-мулук ал-фурс» ба даст оварда, ба нигориш даровардааст. («Худойнома» маҷмӯае аз гузоришҳои устуравӣ ва таърихӣ дар бораи сарзамин ва мардуми Эрон ва подшоҳони Форс то поёнии давраи Сосониён будааст).

Ҳанӯз панҷоҳ сол аз даргузашти ӯ нагузашта буд, ки «Таърих ар-расул вал-мулук»-ӯро Абӯалӣ Муҳаммад ибни Муҳаммад Балъамӣ, вазири донишманди Мансур ибни Нӯҳи Сомонӣ ба соли 372/982 бо тағйирҳое, аз ҷумла ҳазфи номи ровиён ва гоҳ ривоятҳои гуногун ба форсӣ даровард. Балъамӣ ба андозае дар «Таърихи Табарӣ» дахл ва тасарруф кард, ки нахустин тарҷумаи «Таърихи Табарӣ»-

ро аз арабӣ ба форсӣ ба номи «Таърихи Балъамӣ» ёд карданд. Баъдҳо «Таърихи Балъамӣ» ба туркӣ низ тарҷума шуд.

Нахустин аврупоие, ки бо Табарӣ ошно шуд, Томас Ерпениюс (Thomas Erpenius), ховаршиноси голландӣ буд, ки хулосаи «Таърихи Табарӣ»-ро ба забони лотинӣ тарҷума ва аврупиёнро бо «Ҳеродоти олами ислом» ошно кард. Сипас, дар садаи XIX Гутенберг «Таърихи Табарӣ»-ро ба забони фаронсавӣ дар ҷаҳор ҷилд дар Порис ба чоп расонд. Неёлдеке, ховаршиноси олмонӣ низ бахши Сосониёни «Таърихи Табарӣ»-ро ба олмонӣ тарҷума кардааст. Дар идомаи шарҳи ҳоли Балъамӣ наҳваи тарҷумаи «Таърихи Табарӣ» ва тасҳеҳкунандагони ин асари арзишманд шарҳ дода хоҳад шуд.

Абӯалӣ Муҳаммад Балъамӣ дар соли 352/963 бино ба фармони амир Абӯсолеҳ Мансур ибни Нӯҳи Сомонӣ китоби «Таърихи Табарӣ»-ро аз арабӣ ба форсӣ гардонд ва асаре барҷой гузорид, ки имрӯз бо номи «Таърихи Балъамӣ» шинохта мешавад. Китоби «Таърихи Балъамӣ» гарчи як тарҷума аст ва аз ин назар иртиботи зиче ба матни аслии «Таърихи Табарӣ» дорад, аммо худ як манбаи таърихии куҳан мебошад, ки танҳо бо ним қарн фосила пас аз асли он нигориш ёфтааст, бахусус он ки бо навоварӣ ва ибтикор дар пардохти ҳаводиси таърихӣ чеҳраи дигарсон аз таърихнигорӣ дар қарни нахустин пас аз ислом нишон додааст.

Дар қарнҳои нахустини пас аз ислом амирони Сомонӣ дар нигоҳ доштани забони форсӣ бисёр эҳтимом варзиданд. Аз ин раҳгузар, дар нимаи қарни чаҳоруми ҳичрӣ,[1] «Тафсир» ва низ «Таърихи Табарӣ» ба форсӣ тарҷума шуд, ки ин ду тарҷума аз захоири гаронбаҳои насри форсианд, ки хушбахтона дасти ҳодиса онҳоро аз миён набурдааст [2]. Дар ҳеҷ ҷое аз китоби «Таърихи Балъамӣ» замони нигориши он мушаххас нашудааст. Бо вуҷуди ин, дар китоби «Муҷмал-ат-таворих вал-қиссас», ки дар худуди соли 520/1126 нигориш ёфтааст, дар ҷое бо ишора ба тарҷумаи Балъамӣ аз «Таърихи Табарӣ» чунин «Андар нақли китоби таворихи Муҳаммад Ҷарир ат-Табарӣ Раҳматуллоҳ алайҳ, ки аз тозӣ ба порсӣ кардааст, Абӯалӣ Муҳаммади ибни Мансур ибни Нӯҳ ас-Сомонӣ, ки бар забони Абӣ ал-Ҳасан ал-Фоиқ ал-Хоса пайғом фиристода дар санаи исно ва хамсин ва салосамиата» (наводаи маҳлаб, писари Муҳаммад, писари Шодӣ, 1311), бар ин асос, соли 352/963-ро соли оғози тарҷумаи «Таърихи Табарӣ» донистаанд».

Албатта, Муҳаммадҷавод Машкур дар тасҳеҳи тарҷумаи «Таърихи Табарӣ» гӯё, нусхае аз китоб дар ихтиёр дошта, ки муштамил бар ҳаводиси таърихӣ, то соли 355/965 будааст. Бинобар ин, ӯ маҳдудаи замонии 352-355/963-965-ро маҳдудаи оғозу анҷоми кори тарҷума донистааст [3]. Аммо чунин нусха дастраси мо нест ва мо чопи комили китоби «Таърихи Балъамӣ»-ро ба тасҳеҳи Муҳаммад Равшан дар ихтиёр дорем, ки бар асоси он китоб поёни дигаргунае дорад, ки дар идомаи ин навиштор сухан ба миён хоҳад омад.

Ба ҳар рӯ, соли 352/963 чӣ замони нигориш ва чӣ замони оғози нигориши «Таърихи Балъамӣ» бошад, ин китоб пас аз муқаддимаи «Шоҳнома»-и Абӯмансурӣ», ки дар соли 346/957 нигошта шудааст,[4] қадимитарин санади насри форсӣ аст, ки аз таъйини замонӣ бархурдор аст.

Балъамӣ дар талиаи (муқаддима) тарҷумаи «Таърихи Табарӣ» хештанро аз сӯйи амир Мансури Сомонӣ маъмур ба тарҷума дониста, аз талошу ранҷи худ дар анҷоми он сухан гуфтааст: «Ва бидон, ки ин таърихнома бузург аст, ки гирд овард Абуҷаъфар ибни Ҷарир Язид ал-Табарӣ раҳматуллоҳ, ки малики Хуросон Абӯсолеҳ Мансур ибни Нӯҳ фармондор дастури хешро ба Абӯалӣ Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Балъамӣ, ки ин таърихномаро, ки аз они писари Ҷарир аст, порсӣ гардонид ҳар чи некӯтар, чунон ки дар вай нуқсоне набошад. Пас, гӯяд,ки чун андар вай нигоҳ кардам ва бидидам андар вай илмҳои бисёр ва ҳуҷҷатҳою оятҳои Қуръон ва шеърҳои некӯ ва андар вай фоидаҳо дидам бисёр. Ранҷ бурдам ва ҷаҳду ситам бар хештан ниҳодаму инро порсӣ гардонидам ба нерӯи Эзиди азза ва ҷалла…, то ҳар кӣ андар вай нигарад, зуд андарёбад ва бар вай осон шавад. Иншоаллоҳа таоло ва ваҳдаҳ-ул-азиз» [5]. Аз ибороти боло маълум, ки Балъамӣ, худ шахсан кори тарҷумаро ба ҷидду ҷаҳд анҷом додааст ва ӯ умуми порсихононро мухотаби худ донистааст, ки ба осонӣ аз ин тарҷума истифода намоянд.

Таърихи Балъамӣ ба туркии шарқӣ, туркии усмонӣ ва, ҳатто, дубора ба арабӣ[6] ва ҳамчунин, тавассути Херман Зутенберг ва Бубӯ ба фаронсавӣ тарҷума шудааст [7].

Ин китоби гуҳарбор тавассути тане чанд аз бузургони адабиёти муосири Эрон тасҳеҳ гардидааст, ки дар идома ба шарҳи он мепардозем.

а) ба тасҳеҳи Муҳаммад Тақӣ ва ба кӯшиши Муҳаммад Парвин Ганободӣ: Дар ин чоп унвони китоб иборат аст аз «Таърихи Балъамӣ»: такмил ва тарҷумаи «Таърихи Табарӣ». Ин китоби дуҷилдӣ ҳаводиси таърихиро то пеш аз ислом дарбар дорад ва ба таври куллӣ шомили таърих анбиё, мулуку подшоҳон аст.

Ин чоп барои нахустин бор дар соли 1341/1962 дар Теҳрон тавассути китобфурӯшии Заввор (ношир) анҷом шудааст. Дар муқаддимаи китоби ёдшуда аз як сӯ, «тарҷумаи Таърихи Табарӣ» нависанда ва мутарҷими он муаррифӣ мешавад ва аз сӯйи дигар, чигунагии кори тасҳеҳ ва нусхаҳои мавриди истифода шиносоӣ мегардад. Аз он ҷо ки матни «Таърихи Балъамӣ» ба форсии қадим нигошта шудааст, лизо, дорои вижагиҳо ва тамоизҳои адабӣ аст, ки Муҳаммад Тақӣ Баҳор дар муқаддимаи феҳристе ин вижагиҳоро фарорӯйи хонандагон қарор додаст;

б) ба эҳтимоми Муҳаммадҷавод Машкур. Дар ин чоп унвони китоб иборат аст аз «Тарҷумаи «Таърихи Табарӣ», қисмати марбут ба Эрон». Ин китоби такҷилдӣ муштамил бар қитъаҳое аз «Таърихи Балъамӣ» аст, ки дар канори якдигар қисмати матбут ба Эрон (аз оғоз то зуҳури ислом)-ро фаро мегирад. Ин чоп дар соли 1337/1958 дар Теҳрон тавассути китобфурӯшии Хайём анҷом шуд. Дар муқаддима мусаҳҳеҳ, аз ҷумла «маъхази Табарӣ дар нигориши таърихи Эрон» баён шудааст;

в) ба тасҳеҳи Муҳаммад Равшан. Дар ин тасҳеҳ унвони китоб иборат аст аз «Таърихномаи Табарӣ, гардонида мансуб ба Балъамӣ». Ин тасҳеҳ дар комилтарин чопи панҷҷилдӣ мебошад. Аз ин панҷ ҷилд ҷилдҳои аввал ва дуюм «Даврони пеш аз ислом»-ро дар бар мегирад ва ҷилдҳои сеюм, чаҳорум ва панҷум низ даврони «Пас аз ислом»-ро пӯшиш медиҳад. Ин чоп аз ибтидо то интиҳо офаридаи Балъамиро дар бар дорад ва аз ин назар комилтарин чоп мебошад ва дар соли 1378/1999 дар Теҳрон тавассути интишороти «Суруш» анҷом гардид. Ин тасҳеҳ афзун бар ҳама вижагиҳояш 42 китоби тарҷумаи «Таърихи Табарӣ» ба таври комил дар ихтиёри алоқамандон қарор додааст, ки аз ин назар бояд ба заҳмати мусаҳҳеҳ бисёр арҷ ниҳод. Дар муқаддимаи мусаҳҳеҳ бештар Табарӣ ва осори ӯ муаррифӣ шудааст ва дар робита бо тарҷумаи «Таърихи Табарӣ» кори Балъамӣ то ҳадди интиҳол ва дастбурд танзил дода шудааст[8];

г) ба тасҳеҳи Абулқосим Самнонӣ. Мо ба вуҷуди чунин тасҳеҳе танҳо аз раҳгузари гузориши Герман Эте, ховаршиноси олмонӣ огоҳӣ дорем[9]. Вай ба таври кӯтоҳ ёдовар шудааст, ки «ахиран, Абулқосим Самнонӣ таҳти назари Гладвин «Таърихи Балъамӣ»-ро бо ислоҳ ва тасҳеҳи лозим мунташир сохт»[10]. Аммо шиносоии тасҳеҳи мазбур ниёзманди таҳқиқоти такмилӣ аст;

д) бидуни тасҳеҳ. Забеҳуллои Сафо дар китоби «Таърихи адабиёти Эрон» бо ишора ба чопи «Таърихи Балъамӣ» дар Ҳиндустон мегӯяд: «якбор дар Ҳиндустон ба табъи бисёр мағлут чоп шудааст[11]. Албатта, ин чоп низ бояд мавриди китобшиносӣ қарор гирад ва дар бораи он танҳо медонем, ки дар шаҳри Лакҳнави Ҳиндустон чоп шудааст [12].

Ба гуфтаи бисёре аз пажӯҳишгарони улуми диннӣ беҳтарин китобҳое, ки дар улуми қуръонӣ, бавижа тафсир навишта шудааст, дастоварди кӯшишҳои донишмандон ва пажӯҳишгарони эронӣ ё касоне аст, ки ба шевае бо мардумони Эрон пайванд дошта ва аз дониши онон баҳра гирифтаанд. Дар ин миён Табариро метавон аз пешгомони тафсири Қуръон (ва ба баёни бархе «падари тафсири Қуръон») донист. Ҳарчанд ки худи ӯ китобашро тафсири Қуръон номгузорӣ накарда ва дар китоби «таърихи худ аз он ба унвони «Ҷомеъ ал-баён ан таъвил ал-Қуръон» ёд кардааст, бо ин ҳама китоби ӯ дар миёни нависандагони пешин ва чӣ нависандагону пажӯҳишгарони кунунӣ ба номи «Тафсири Табарӣ» шинохта мешавад.

Равиши Табарӣ дар тафсири Қуръон иборат аст аз баёни назари олимони пеш аз худ, баёни далели ҳар кадом аз онҳо ва гузиниши яке аз он назарҳо, ё пешниҳоди назаре ҷадид ва далел овардан барои он. Аз он ҷо ки ӯ донишманди сахткӯш буда, барои гирдоварии ҳадису баҳрагирӣ аз дониши уламои замони худ ба сарзаминҳои гуногуне сафар кардааст.

Аз назари гирдоварии назари олимони пеш аз худ бисёр комёб буда ва коре бузурге анҷом додааст. Аммо ба назар мерасад, дар гузиниши назари дуоусттар чандон дуруст гом набардоштааст. Ҷаводи Омулӣ, ки худ аз тафсиркунандагони шинохташудаи Қуръон аст, перомуни шеваи тафсири Табарӣ мегӯяд: «Табарӣ дар тарҷеҳи бархе аз назарҳо, ё дар оғози назари ҷадид аз матни оятҳои Қуръон баҳра гирифтааст ва худ дар ин бора мегӯяд, ки «китобуллоҳ ясдиқ баъзиҳӣ бибаъзан», аммо дар шинохти оёти маҳкам аз муташобеҳ ва ирҷои (гардонидан) муташобеҳи ба маҳкам ва ҳалли узолу ашколи он дар партави маҳкам, роҳи савобро тай накардааст,

ба тавре ки гоҳе маҳкамро ба муташобеҳ ирҷоъ дода ва дар ин аслу фаръшиносӣ зимоми корро ба ҳадис супурдааст, дар холе ки эътибори ҳадис хоҳ дорои маориз бошад ва хоҳ набошад, арза бар Қуръони карим буда ва ҳуҷҷияти он пас аз эҳрози адами табойин мухолифат бо Қуръон хоҳад буд. Бинобар ин, тафсири Табарӣ ҳамоно тафсири ба мосур (нақлшуда) ва иҷтиҳод дар меҳвари нақл ва эътимоди вофир бар ҳадис аст, гарчи маншаи он як саҳобе бошад на маъсум» [13].

Бо ин ҳама, «Тафсири Табарӣ» вижагиҳое дорад, ки онро бар тафсирҳои ҳамдаврони худ ва бисёре аз тафсирҳое, ки пас аз он навишта шудаанд, бартарӣ мебахшад. Он аз ҷомеъиятӣ илмии болое бархурдор аст, чаро ки Табарӣ дар канори гирд овардани ривоятҳои марбут ба ояҳои Қуръон ба ҷанбаҳои луғавӣ, наҳвӣ, таърихӣ ва фиқҳии онҳо низ пардохтааст. Ин китоб куҳантарин тафсири ҷомеӣ аст, ки бисёре аз ривоятҳои тафсирии пешинро дар худ дорад. Ривоятҳои марбут ба ҳар оятро бо назми вижае дастабандӣ кардааст ва назари дурустро ба далел овардан аз миёни онҳо баргузидааст. Ин тафсир нахустин тафсири Қуръон аст, ки ба ҳамаи оятҳо пардохта ва аз ин рӯ, бархе аз он бо номи «Тафсири кабири Табарӣ» ёд мекунанд.

Масъудӣ дар китоби «Мураввиҷ аз-заҳб» дар бораи Табарӣ менависад: «Аммо таърихи Абӯҷаъфар Муҳаммад ибни Ҷарир аз ҳамаи таърихҳо бартар ва бар ҳамаи китобҳои навишташуда дар таърих фузунӣ дорад. Табарӣ дар ин таърих анвои ахборро гирд оварда ва дарбардорандаи фунун ва осори муштамил бар аснофи улум аст. Таърихи Табарӣ китобе аст, ки фоидаи он бисёр аст ва чаро чунин набошад, ҳол он ки муаллифи он фақеҳи аср ва обиди замони худ аст [14]. Хатиб Бағдодӣ низ ӯро меситояд ва дар «Таърихи Бағдод» мегӯяд: «Табарӣ дар шинохти таърихи гузаштагон ва айёму ахбори онҳо устод будааст, монанди «Китоби-р-расул вал-мулук»-ро ҳеҷ кас нанавиштааст»[15].

Маликушшуаро Баҳор мегӯяд: «Гарчи муаррихҳое, мисли Масъудӣ, Абӯрайҳон Берунӣ, Яъқубӣ ва Ибни Мисквеҳ дар заминаи таърих заҳамоте кашидаанд, лекин ҳеҷ яке ба қадри Муҳаммад ибни Ҷарир Табарӣ ранҷ набурда ва ба қадри ӯ иттилои вофир дар бораи Сосониён надоштааст»[16]. Ин сухани Баҳорро аз он ҷо дуруст медонем, ки бештари уламои таърихи ислом аз Табарӣ ба унвони «имом ал-муаррихин» ва «шайх ал-муаррихин» ёд кардаанд. Аҳамияти Табарӣ дар сарзаминҳои исломӣ он андоза аст, ки аз миёни ду миллион китоби мавҷуд дар китобхонаи Фотимиён дар Миср 1220 нусхаи хаттӣ аз «Таърихи Табарӣ» вуҷуд дошт.

Бо ин ҳама, Ибни Халдун, ки таърихро ба унвони як илм ба ҷаҳониён маррифӣ кард, бар Табарӣ эроди асосӣ мегирад. Ӯ мегӯяд, ки бештари таърихнигорон, ҳатто дар ҷоҳое, ки ба андак фикр кардан метавон дурустро аз нодуруст бозшинохт, кӯтоҳӣ кардаанд ва танҳо ба баёни содаи ривоят пардохтаанд, ҳарчанд ки иттилооти он ривоят бо бузургнамоӣ ҳамроҳ бошад ва чандон бо ақл созгор набошад. Барои намуна, ба достони Мӯсо дар «Таърихи Табарӣ» мепардозад, ки шумори сипоҳиёни Мӯсоро пеш аз ворид шудан ба сарзамини муқаддас 600 ҳазор нафар навиштааст, ҳол он ки бани Исроил дар авҷи нерӯмандиашон дар даврони фармонравоии Сулаймон (а) наметавонистанд чунин сипоҳе фароҳам кунанд [17].

Китоби «Тафсири Табарӣ» низ мавриди таваҷҷуҳи андешамандони пешин ва муосир будааст. Ибни Надим онро китоби маъруфе медонад дар тафсир, ки беҳтар аз он то замони ӯ шинохта нашудааст [18].

Абӯҳомид Исфароинӣ ба нақл аз Хатиби Бағдодӣ дар ибороте тамсилӣ «сахтии сафар кардан ба Чинро барои ёфтани китоби Табарӣ» ночиз мешуморад. Хатиб Бағдодӣ аз он ба унвони асаре бемонанд ёд карда аст. Қифти ва Йоқути Хамуӣ низ онро меситоянд. [19]Ҷорчӣ Зайдон, забоншиноси араб аз «Тафсири Табарӣ» ба номи «Тафсири абир» ёд мекунад, ки дар муқоиса бо тафсирҳои пешин ҷойгоҳи махсус дорад.

Ҳадафи умдаи Табарӣ гирдоварӣ ва ироаи ҳамагии онҳо ба хостори таърих аст. «Таърихи Табарӣ» сарчашмаи ҷӯшон аз ривоятҳои дуруст ва нодуруст аст, ки вай онҳоро ба оҳанги нигаҳдорӣ дар китоби хеш гирд овардааст ва баррасии дурусти онҳоро ба уҳдаи хонандагон вогузор кардааст [20].

Китоби Табарӣ маҷмӯае аз андешаҳои дигарон аст, зеро вай танҳо бозгӯйи вожа ва бозгӯ кардан аз дигаронро зомини дурустии гуфтор медонад [21]. Табарӣ санадҳои манобеиро, ки бо якдигар ихтилоф доштанд, бидуни ҳеҷ гуна дахл ва тасарруф дар канори якдигар гузоштааст. Аммо ҳамин равиш арзиши кори вайро то андозае боло бурдааст, зеро ба ин ороиши рӯйдодҳои баргузидатар ба дасти мо расидааст [22].

Табарӣ санадҳоро то расидан ба гӯяндаи аслӣ дунбол мекунад ва аз манобее, ки истифода кардааст, ошкоро ном мебарад ва гоҳе аз нависандагон бидуни зикри номи китоб ёд мекунанд.

Бинобар ин, роҳе, ки Табарӣ дар таърихнигорӣ ва ороиши таърихи худ паймудааст, ҳамон роҳест, ки ҳадисгӯёни аҳли суннат дар бозгӯ кардани ҳадис ва нақли риҷол паймудаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Баҳор Муҳаммад Тақӣ. Сабкшиносӣ ё Таоризи татаввури насри форсӣ. Теҳрон.-Ҷ.2, 1375/1996.-С.15.
2. Ҳамон ҷо, -С. 16-17.
3. Таърихи Табарӣ. 1980, -С. 19.
4. Муин М. Фарҳанги Муин / М Муин. -Теҳрон, 1369/1960.-Ҷ. 6.
5. Балъами. Таърихи балъамӣ. -Ҷ. 1-2, 1378.
6. Эте. Эте, Герман. Таърихи адабиёти форсӣ. Мутарҷим Содиқ Ризозода Шафақ, чопи дуюм. -Теҳрон, 1356.- С. 280.
7. Броун. История Ирана, 1354. -С.539.
8. Балъамӣ, Абуалӣ Муҳаммал. Таърихномаи Табарӣ. Теҳрон: Суруш, 1378/1999.
9. Ҳамон ҷо, -С.30
10. Эте Герман. Таърихи адабиёти форсӣ. Мутарҷим Содиқ Ризозода Шафақ, чопи дуюм. Теҳрон, 1356.
11. Забеҳуллоҳ Сафо. Таърихи адабиёти Эрон / Сафо Забеҳуллоҳ Теҳрон, 1387. - Ҷ.1. -С.609.
12. Қазвинӣ Муҳаммад. Қадимтарин китоб дар забони форси ҳолия / Муҳаммад Қазвини. -Теҳрон, 1362/1983. - Ҷ.1.-С.163.
13. Ҷаводи Омулӣ. Адаби нақд. Ёдномаи Табарӣ / Омулӣ Ҷаводи Теҳрон, 1369/1990.
14. Масъудӣ Алӣ ибни Хусайн. Муравич аз-заҳб. Тарҷумаи Абулқосим Поянда / Масъудӣ Алӣ ибни Хусайн. -Теҳрон, Ширкати интишороти илмӣ-фарҳангӣ, 1274. -Ҷ.2.
15. Хатиб Бағдодӣ Аҳмад ибни Алӣ. Таърихи Бағдод. -Ҷ.4, Қоҳира, 1349/1930.
16. Баҳор Муҳаммад Тақӣ. Сабкшиносӣ ё таърихи татаввури насри форсӣ / Баҳор Муҳаммад Тақӣ. -Теҳрон, чопи ҳаштум. -Ҷ. 2.
17. Абӯзайт Абдурраҳмон ибни Муҳаммад ибни Халдун Хозрамӣ.Таърихи Ибни Халдун. Дар 6 ҷилд. Тарҷумаи Муҳаммад Парвин Ганободӣ,Интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, 1369.
18. Ибни Надим. Ал-ғадир фи-т-тирос ал-исломӣ. Абдулазиз Таботабоӣ, Тиросана, соли 4. -№ 4 1410/1991.
19. Хатиб Бағдодӣ, Аҳмад ибни Алӣ. Таърихи Бағдод, Қоҳира, 1349/1930. - Ҷ.4. -С.163
20. Зарринкӯб Абдулхайр. Таърихи мардуми Эрон баъд аз ислом. Интишороти Амири Кабир, 1369. – С.68.
21. Шипулер. Таърихи Эрон дар қуруни нахустини исломӣ. Тарҷумаи Фалотурӣ, Интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, 1364. -С.21.
22. Балъами. Абӯалӣ Муҳаммад. Таърихномаи Табарӣ, ба тасҳеҳи Муҳаммад Равшан. -Теҳрон: Суруш, 1378. -Ҷ. 1.
23. Шаҳабӣ Аликбар. Аҳвол ва осори Табарӣ. Чопи дувум, Интьишороти «Асотир», 1363. –С. 48.

ИСТОРИЯ ТАБАРИ: ЗНАЧЕНИЕ, КРАТКИЕ ВСЕДЕНИЯ И РАЗМЫШЛЕНИЯ

В данной статье даются краткие сведения о Мухаммаде б Джарир ат-Табари и его знаменитом шедевре под названием «История Табари» Также разъясняются методы перевода на персидский язык Абу Али Мухаммадом Балами, Далее даются сведения об истинной редакции «Истории Табари» и приводятся различные точки зрения об этой ценной книге

Ключевые слова: Табари, Джарир ат-Табари, Мухаммад Балами, точки зрения.

TARIKHE TABARI: CONCEPTS, EVOLUTIONS, AND PERSPECTIVES

This article presents a brief introduction about Mohammad-e-bn Jarir Tabari and his famous masterpiece namely “Tarikhe Tabari”. Also it highlights method of translation to Persian by Abu Ali Mohammad Bal’ami. Then, it issues the evolution of editing Tarikhe Tabari and finally, it states various perspectives about this valuable book.

Key words: Tarikhe Tabari, Jarir Tabari, Mohammad Bal’ami, evolution, perspective.

Сведения об авторе: ***Мармар Носирпур*** – соискатель Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им.А. Рудаки АН РТ

ВИЖАГИҲОИ КОРГОҲИ АДАБИИ УБАЙД РАҶАБ

Ҳусейнзода Ф.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҳар як ҳунарманди асил дар адабиёт ва санъат кӯшиш бар он мекунад, ки офаридаҳои ӯ таъсирбахш ва пурмуҳтаво бошанд. Устод Турсунзода ҳар як шеър ё асари калонҳаҷмашро се-чор бор таҳрир карда, баъд манзури хонанда мегардонид...

Аз таҳқиқ ва ковишҳои эҷодиёти Убайд Раҷаб низ маълум гардид, ки эшон ин анъанаро дар қатори Муъмин Қаноат, Ашӯр Сафар, Ғаффор Мирзо, Аминҷон

Шукӯҳӣ, Гулчеҳра Сулаймонӣ ва даҳҳо дигар идома додааст. Ин падида бештар дар мисоли шеърҳои «Мактаби ман», «Ватан», «Ҳамсуҳбати ширинам, хоб кун», «Дугонаҳо», «Сурат», «Зимистон», «Арча», «Ҳасан ва Ҳусейн», «Тоҳирҷон чӣ сон вазифаро хонд?» ва чанде дигар хуб эҳсос карда мешавад, ки ҳангоми мутолиаи он чунин натиҷагирӣ кардан мумкин аст:

1. Ашъори манзум: шеърпора ё шеъргунаҳое, ки шоир баъд аз 30-40 сол боз ба он рӯй оварда, комилан хатти таҳрир кашидааст. Ҳамчун намуна шеъри «Мактаби ман»-ро далел меорем.

Нусхаи соли 1963:

Чи дар домони дашту кӯҳу саҳро,
Чи дар огӯши шаҳру деҳи зебо,
Чи дар меҳнат, чи дар сайру тамошо
Фаромӯшат накардастем асло.
Ту будӣ мактаби мо, ҳамраҳи мо!

Даме, ки лолаҳо аз дашт чидем,
Ба тори кӯҳ чун оҳу расидем
Ба рӯйи сабзаҳо шодон давидем,
Нишаста зери арча орамидем,
Туро, маҳбуби мо, ҳамроҳ дидем.

Ту чун модар навозишкор будӣ,
Ба мо дар ҳар қадам гамхор будӣ.
Сабақомӯзи ҳар як кор будӣ,
Ба шодии дили мо ёр будӣ,
Ба ёрӣ доимо тайёр будӣ.

Пас аз таътил бо саъйи дуболо,
Зи шаҳру деҳу кӯҳу дашту саҳро
Басе парварда меҳратро ба дилҳо,
Ба наздат омадем, огӯш бикшо,
Аё, эй модари мо, мактаби мо!

Нусхаи соли 2012:

Ба тори кӯҳу бар домони саҳро
Ба огӯши деҳу шаҳри дилоро
Ба сӯйи чашмаву рӯди мусаффо,
Ба ҳар ҷое, ки таътил бурд моро,
Ту будӣ ҳамраҳи мо.

Даме дар подара гулҳо бичидем,
Ба фарқи кӯҳ чун оҳу расидем,
Ба рӯйи сабзаи навхат давидем,
Ба зери бурсу иргай орамидем,
Туро ҳамроҳ дидем.

Ту ҳарфи аввали гуфтор будӣ,
Барори тозае дар кор будӣ,
Ба шодии дили мо ёр будӣ,
Ба ёрӣ доимо тайёр будӣ,
Аҷаб гамхор будӣ.

Зи тори кӯҳу аз домони саҳро,
Чу тифле, ки нагардад сер асло,
Зи рӯйи шоду меҳри гарми момо,
Ба наздат омадем, огӯш бикшо,
Аё, эй модари мо,
Мактаби мо!

Шоира Ҳадиса Қурбонова зимни гуфтугӯяш бо Убайд Раҷаб чунин суол ба миён гузошт: - Боз тарҳи чӣ асарҳоеро дар хаёл доред?

- Ният доштам, ки он чӣ то имрӯз навиштаам, як маротиба таҳрир кунам ва он чӣ барои хонандагон лозим аст, нигоҳ дорам ва он чизе, ки нолозим аст, аз баҳраш гузарам. Ба ҷуз он чизе, ки то ҳанӯз гуфтаам чизҳое нависам, ки то имрӯз

нанавиштаам ва шояд намунаи беҳтарини шеъру қиссаҳоро барои бачаҳо гуфта натавонистам. Орзуям ҳамин аст. (9, 402).

2. Дар қисса ва достонҳои бачагонаи ӯ низ ин тозакорӣ дида мешавад. Дар «Гург ва саг», «Гаҳворачунбон», «Шабчаро», «Роғун», «Қиссаи ёри номувофиқ» ва чанде дигар заҳматталабии шоир эҳсос карда мешавад. Тавре ки огоҳ ҳастем, «Қиссаи ёри номувофиқ» бори аввал соли 1996 бо номи «Ҳамсоя» дар рӯзномаи бачагонаи «Анбоз» нашр шуда, дар Шӯрои адабиёти бачагон ва наврасони Иттифоқи нависандагон баррасӣ шуд. Дар вақти омӯзиши бойгонии шоир муаллифи рисола онро пайдо кард. Барои тақвияти фикр аз нусхаи аввал (1996) ва охири он (2006) пораеро иқтибос меорем:

Нусхаи аввал:

Як боғ буд дар кӯҳситон,
Як боғи хеле дилнишин.
Боғе, ки дигар ҳеҷ аз он
На ном ҳасту на нишон.
Он ҷо паноҳи баргу бор,
Андар ду шохи ҳамҷавор.
Андар бари сарву суман,
Рӯйи дарахтони куҳан
Аз зогу Қумрӣ лона буд,
Кошонаи шоҳона буд... (13, 11)

Нусхаи охир:

Зогу Кабӯтар як замон
Буданд бо ҳам дӯстон...
Чун зодагони як падар
Метофтанд адар назар.
Бе ҳамдигар об аз гулӯ
Ҳаргиз намерафтӣ фурӯ.
Ҳамсояву ҳампо буданд,
Як умр дар як ҷо буданд.
Ҳеҷ аз ҷудоӣ гап набуд,
Аз бевафоӣ гап набуд... (7, 172)

3. Аз таҳқиқ ва пажӯҳиши адабиёти атфоли тоҷик дар мисоли эҷодиёти Убайд Раҷаб маълум гардид, ки серталабӣ, навоварӣ ва омӯхтани адабиёти русу дигар халқияту миллатҳои гуногуни сайёра ба манфиати кор ва аҳли эҷод будааст. Аз тарафи дигар, қироати адабиёти ҳамзабонон ба муаллифон имкон додааст, ки аз таҷрибаи ҳамдигар бохабар гарданд ва дар коргоҳи эҷодиашон истифода баранд. Тавре ки намунаи олии онро дар асари манзуми «Чӯҷа пайи дона рафт»-и Убайди Раҷаб ва «Чӯҷаи тилоӣ»-и Ҷаббори Боғчабон ном шоири Эрон дида мешавад.

4. Сарчашмаи муътамади дигар, мактаби адабии солҳои 1950-1960 аст, ки ҳар як эҷодкори худогоҳ ва бедору худшинос аз он манфиат бардоштааст. Агар дар адабиёти калонсолон ин имкон ба Муъмин Қаноату Лоиқ Шералӣ, Бозор Собиру Камол Насрулло, Ҳақназар Ғоибу Ширин Бунёд, Гулрухсору Ҳадиса даст дода бошад, дар адабиёти бачагон Мирсаид Миршакару Гулчеҳра Сулаймонӣ, Убайд Раҷабу Ғаффор Мирзо, Ҷӯра Ҳошимию Юсуф Аҳмадзода аз насими он бебаҳра намондаанд.

Дар обутобёбии фаъолияти Убайд Раҷаб ба адабиёти бачагона дар қатори заҳматҳои Мирсаид Миршакар хизмати Пӯлод Толис ва Абдусалом Деҳотӣ чашмрас аст. Тавре ки Убайд Раҷаб овардааст:

«Сари суҳбат ду пора сурудаи тозаи худро бо хоҳиш ва ироаи Толис хондам, ки яке «Меҳмони нав» ва дувумӣ «Шамол хунук мехӯрад?» ном дошт. Толис чун шеърро аз забони ман шунавид, ба даст гирифту хуб зеҳн монд. Пас, маслиҳат дод, ки сарлавҳаи шеъри аввалро тағйир диҳам, ба шеър «Нинӣ чӣ ном дорад?» ном гузоштан мувофиқтар аст. Ҳарду шеърро рӯйи миз қатори санадҳои шумораи навбатӣ гузошт. Баргардонида гирифтанӣ шудам, надод.

- Онҳо акнун моли «Шарқи Сурх», додар, фикри дигарашро кунед, - гуфт Толис.

Ҳамин тариқ, дар саҳифаҳои «Шарқи Сурх» («Садои Шарқ») гӯшаи алоҳидае барои нашри адабиёти кӯдакони тоҷик таъсис ёфт». (Душанбе, 170) Ин гӯша то ба имрӯз идома дорад. Агар таъсисдиҳандаи он Толис бошаду бори аввал шеъри Мирсаид Миршакар ва Убайд Раҷаб нашр шуда бошад, фоли нек барои адабиёти атфоли тоҷик аст, ки дар замони истиқлол рушду нумӯъ кардааст.

5. Аз мутолиаи шеърҳои «Шоха», «Мушкил бувад?», «Хирманкӯбӣ», «Холаи гулрез», «Обмон», «Асои чӯпон», «Суратгард», «Пирамарди кӯчарӯб» ва амсоли ин ба хулоса омадан мумкин аст, ки ӯ яке аз гӯяндагони аввалини ашъори шаҳрошӯб дар адабиёти бачагонаи тоҷик ба ҳисоб меравад. Аз ин лиҳоз, шеъри кӯдак фақат ба хотири бозӣ ва дилхушии ӯ гуфта намешавад. Тавре ки адабиётшинос Абдушукури Абдусаттор ҳамин ҷиҳати эҷодиёти Убайди Раҷабро ба инобат гирифта навиштааст:

«Алалхусус, шеъри кӯдакону наврасон бояд, дар баробари он ки ба онҳо забон омӯзонад, зеҳну завқи мусиқиашонро тақвият диҳад, ба онҳо зиндагӣ омӯзад, дар бораи ҳодисаҳои муҳити атроф, олами ҳайвоноту наботот, парандагону хазандагон, касбу ҳунар, расму ойин ва суннатҳои милливу мардумӣ ахбори маърифатӣ диҳад. Аз ин ҷо хулосае бармеояд, барои он ки шеър маҳбубу марғуби кӯдакону наврасон шуда тавонад, бояд дар баробари содагии алфозу равонии авзон дорои маълумоти маърифатӣ ва омӯзандагӣ низ бошад...» (9, 107)

Ҳамин падидаро дар шеъри «Мушкил бувад?»-и Убайд Раҷаб ба хубӣ эҳсос кардан мумкин аст. Шоир ҳамчун омӯзгори касбу ҳунар наврасро бо шуғли чӯпонӣ, боғбонӣ, деҳқонӣ, меъморӣ, ронандагӣ ва дар шоҳроҳи зиндагӣ чусту чолок буданро тавсия додааст:

Хуб аст, агар чӯпон шавӣ,
Пайванди кӯҳистон шавӣ.
Аз пуштае бар пуштае
Пушти рама гардон шавӣ.
Дар соҳиле, дар теғае
Шаб монию меҳмон шавӣ.
Хушдил шавӣ аз бӯйи ишм,
Маст аз дами торон шавӣ.
Чӯпон шудан
Коре магар мушкил бувад?

Хуб аст, бошӣ боғбон,
Боғе барои одамон
Барпо кунӣ,
Аз меваш
Бо меҳр монӣ рӯйи хон.
Гӯянд мардум офарин,
Ширин шавад вақте даҳон
В-ин боғ бар авлоди ту
Аз ту бимонад чун нишон.
Бонии боғ
Коре магар мушкил бувад?

Хуб аст, чун деҳқон агар
Саҳро равӣ вақти саҳар.
Кишти ҷаву гандум кунӣ,
Аз киштаат гирӣ самар.
Пур суфраҳо аз нон шаванд,
Гарданд рӯҳо сурхтар.
Аз худ намонад гушнагӣ
Дар ҳеҷ маъвое асар.
Деҳқон шудан
Коре магар мушкил бувад?

Хуб аст, агар дар рӯзгор
Меъмор бошию қатор
Тарҳ афканӣ бо сад ҳавас
Бар хонаҳои зебдор.
Бо дасти худ ҳар гаҳ диҳӣ
Ҳусне ба хоки кӯҳсор.
Дар ҳар куҷо мардум кунанд
Аз кори хубат ифтихор.
Меъмор будан
Коре магар мушкил бувад?

Ҳуб аст, агар мошинарон
Бошию бо мошин равон.
Гардӣ сӯйи шаҳри калон
Аз деҳ пагоҳу бегаҳон.
Осон намоӣ мушкиле,
Ҳоҷат барорӣ бар касон.
Кӯтаҳ шавад роҳи дароз,
Шодон шавад пиру ҷавон.
Ронандагӣ
Коре магар мушкил бувад?

Ҳуб аст, гар бошӣ ту чуст,
Ҳаргиз набошӣ хому суст.
Аз ҳеҷ кас то нашнавӣ
Дар ҳеҷ ҷо аз карда муст.
Чобук камар бандӣ ба кор,
Корат ба ҷо орӣ дуруст.
Бар навҷавонӣ чирадаст,
Чолоку чусти обрӯст.
Чолок будан
Коре магар мушкил бувад?

Шоир бо шеърҳои шаҳрошӯбмонанд хонандаро даравгарӣ, нонпазӣ, нарм кардани замин, оҳангарӣ, ободгарӣ, даъват намуда ба варзиш шуғл варзида, танбалиро аз онҳо дур кардан мехоҳад. Илова бар ин, донистани ибораҳои қадимии олами набототро аз қабили ирғай, торон, бурс, шиппа, хори қуқанак ва ғайра барои кӯдакон ва наврасон аз чанд ҷиҳат зарур аст: аввал, ифтихор аз боигариҳои табиат, ки аҳаммияти муолиҷавӣ дорад, зиёд мекунанд, дигар ин ки ҷаҳонбинии онҳоро васеъ мекунад, водор месозад, ки ба воситаи волидайн ва устодони илмҳои табиии мактабҳои ҳамагонӣ навъҳои дигари онҳоро пайдо кунанд. Бо ин мақсад Убайд Раҷаб чунин таъбирҳоро кор мебарад.

6. Шеърҳои намакине, ки дар ягон маҷмӯаи шоир то ҳол нашр нашудааст ва дар ин шакли дастнавис аз бойгонии шоир дарёфт шуд. Ҳазли «Мӯрак бошаде!» муште аз хирвор аст, ки он 17-20-уми декабри соли 1996 таълиф шудааст. Дар 55 мисраи он шоир аз омад-омади соли нави мелодӣ мужда мерасонад, кӯдакону наврасонро муборак мегӯяд. Ба онҳову наздиконашон барори кор мехоҳад ва бо ифтихор мегӯяд:

Ин сӯйи дарё чарогон,[*]
Он сӯйи дарё чарогон,
Бо чеҳраи дилафрӯз,
Соли нав омад, ёрон.
Соли нав мӯрак бошаде!

Ин сӯйи дарё алафзор,
Он сӯйи дарё алафзор.
Кори идораи мо
Илоҳо гирад барор.
Соли нав мӯрак бошаде!

Ин сӯйи дарё чоши мош,
Он сӯйи дарё чоши мош.
Дар соли нав мегирем
Ҳар охири маҳ маош.
Соли нав мӯрак бошаде!

Ин сӯйи дарё пур аз хор,
Он сӯйи дарё пур аз хор.
Анори мо аз ин баъд
Намепусад дар анбор.
Соли нав мӯрак бошаде!

[*] Маводи мазкур аз бойгонии шоир дар шакли дастхат дастрас карда шудааст – Ф.ҳ.

Ин сӯйи дарё ош-мош,
Он сӯйи дарё ош-мош.
Аз сӣ ҷуволи гандум
Насиби мо шуд як ош.
Соли нав мӯрак бошаде!

Ин сӯйи дарё хушҳаво,
Он сӯйи дарё хушҳаво.
Мисли тухми анқо шуд,
Мошу турби боғи мо.
Соли нав мӯрак бошаде!

Ин сӯйи дарё гулафшон,
Он сӯйи дарё гулафшон.
Факту рақам мешавад
Дар соли нав фаровон.
Соли нав мӯрак бошаде!

Ин сӯйи дарё ҷойи ист,
Он сӯйи дарё ҷойи ист.
Гарчи дасти бакорем,
Файзе дар кори мо нест.
Соли нав мӯрак бошаде!

Ин сӯйи дарё дашти ҷав,
Он сӯйи дарё дашти ҷав.
Нимштатиҳо шаванд,
Як штат дар соли нав.
Соли нав мӯрак бошаде!

Ин сӯйи дарё сафедор,
Он сӯйи дарё сафедор.
"Модели тоҷикӣ" ҳам
Шуҳрат гардаду нодор.
Соли нав мӯрак бошаде!

Ин сӯйи дарё соли нав,
Он сӯйи дарё соли нав.
Ёрон, бодо ёратон,
Бахти нав, иқболи нав.!
Соли нав мӯрак бошаде!

7. Байтҳои парокандае, ки аз бойгонии шоир дарёфт гардид, як навъ васиятномаи шоиранд ба ҳаводорон ва ихлосмандони адабиёт. Чунончи:

Як раҳ ба дуо маро кунӣ ёд,
Сад раҳ ба ту раҳмати Худо бод!
**

Ҳар куҷое обу оташ, ҷойи ман он ҷо бувад,
Дар миёни обу оташ ошён бошад маро.

8. Назму насре, ки ҳамчун самимияти беандоза ба шоир, эҷодиёти ӯ аз ҷониби ҳамқаламон, олимону муаррихони соҳаҳои гуногун гуфта шудаанд, бештари онҳо дар китоби «То ҳаст оламе, то ҳаст одаме» гирд оварда шудаанд. Ҷустуҷӯйи бойгонии шоир нишон дод, ки баъзеашон дар коғазпораҳои алоҳида аз ёдҳо фаромӯш шудаанд. Чунон ки Гули Зард нигоштааст:

«Ман аз қишлоқи дурдасти ноҳияи Фархор барои табрики шумо омадам, аммо мефаҳмам, ки ба ман сухан намерасад. Бинобар ҳамин, ин коғазпораро истифода карда, рози дил ба худатон гуфтам. Ҳамааш самимист.

Ба устод Убайди Раҷаб

Машав гамгин, ки дарё бенаво нест,
Ягон дарди ҷаҳонӣ бедаво нест.
Ҷу дармонбахши дарди одамонӣ,
Ба покӣ назди ту обу ҳаво нест.

Шеъратон обу ҳавои умри ман ва офтоби кӯдакони ман аст. Пас, ҳафтод соли дигар бизӣ! Гули Зард аз ноҳияи Фархор. 7.06.2001. ш. Душанбе».

Ҳамин тариқ, дар вақти баррасии коргоҳи эҷодии ашъори бачагонаи Убайд Раҷаб ба чунин хулоса омадан мумкин аст:

1. Устувор ва фидоии адабиёти кӯдакон ва наврасон будани шоир ва гаштаву баргашта ба ашъори худ бо назари танқидӣ нигоҳ кардан, хомро аз пухта ва сарароаз носара чудо карда дубора таҳрир кардан. Ба кӯдакону наврасон пешкаш карда тавонистани шеъри меҳанпарастӣ, ватандӯстӣ, ифтихори баланди миллидошта, фидоии ин сарзамини аҷдодӣ будан, ки Тоҷикистон ном дорад ва таълими бузургонро бар гӯш доштан.
2. Бо ҳамин анъана ва навоварӣ нигоҳ кардан ба адабиёти садаи ХХ-и кӯдакон ва наврасони тоҷик. Таҳриру такмил кардани шеърҳои марғуби адабиёти кӯдак дар ин давр.
3. Аз фаҳлавиёт, адабиёти рус ва ба воситаи забони русӣ истифода карда тавонистан аз адабиёти ИДМ ва кишварҳои дигар бо баргузории рӯзҳои адабиёт, конфронс ва симпозиумҳои байналхалқӣ.

А Д А Б И Ё Т

1. Акбарзода Ю. Рисолати шоир ва шеър / Ю Акбарзода - Душанбе: Адиб, 2009. – 376 с.
2. Амонов Р. Лирикаи халқии тоҷикӣ / Р Амонов – Душанбе: Дониш, 1968. – 412 с.
3. Асозода Х. Воқеият, сиёсат ва Айнӣ / Х Асозода -Душанбе: Шуҷоиён, 2010. -208 с.
4. Насриддинов А. Шарҳнависӣ дар таърихи адабиёти форсу тоҷик / А Насриддинов. – Хуҷанд, 2000. – Ҷ. 1-253 с.
5. Одинцов В.В. О языке художественной прозы / В.В Одинцов. - М., 1973. – 104 с.
6. Раҳим Мусулмониёни Қубодиёнӣ. Шеър дар сарчашмаҳои назарӣ / Раҳим Мусулмониёни Қубодиёнӣ. – Теҳрон, 1377.
7. Раҷаб У. Ҳадяи бобо / У Раҷаб – Душанбе : Адиб, 2006. – 256 с.
8. Раҷаб У. Олуча гули бодом / У Раҷаб – Душанбе: Адиб, 2012. – 184 с.
9. Раҷаб У. То ҳаст оламе, то ҳаст одаме! / Мураттибон Иқбол Убайдзода, Ҷӯра Ҳошимӣ: Душанбе - Бухоро, 479 с.
10. Солеҳов Ш. Адабиёт ва шинохти он / Ш Солеҳов. – Душанбе: Ирфон, 2009. – 240 с.
11. Файзуллоев Н. Шеъри атфол дар қарни XXI / Н. Файзуллоев– Хуҷанд: Нури маърифат, 2005. – 234 с.
12. Фанни шеър. Танзим, тасҳеҳ ва тавзеҳоти Ш. Ҳусейнзода, Х.Шарифов. – Душанбе, Ирфон, 1985.
13. Ҳусейнзода Ф. Тамсил ва тавсиф / Ф Ҳусейнзода – Душанбе, 1996. – 34 с.
14. Шакурӣ М. Ҷусторҳо дар бораи забон, адабиёт ва фарҳанги Тоҷикистон / М. Шакурӣ.-Теҳрон: Асотир, 1382 (2003). 199 с.
15. Шарифов Х. Сухан аз адабиёти миллӣ / Х Шарифов. – Душанбе: Пайванд, 2009. - 482 с.

ОСОБЕННОСТИ ЛИТЕРАТУРНОЙ МАСТЕРСКОЙ УБАЙДА РАДЖАБА

Статья посвящена вопросам творческого роста и деятельности известного таджикского детского поэта – Убайда Раджаба. Творчество поэта отличается своими неповторимыми художественными и литературными особенностями. В своей поэзии Убайд Раджаб выражая свою мысль о красоте жизни, о доброте людей, о силе добра и о хороших качествах человека использует различные литературные и художественные приемы. В статье также проводится сопоставительный анализ творческого наследия Убайда Раджаба с его современниками как Муъмин Каноат, Гаффор Мирзо, Аминджон Шукухи, Гулчехра Сулаймони, Абдусалом Дехоти. Отмечается, что вклад поэта в развитии восременной таджикской поэзии и языка художественной литературы является весомым и значимым.

Ключевые слова: поэзия, творчество, художественные приемы, литература, язык, литературный язык, поэт, творческий рост.

LITRATURE WORKSHOP OF UBAID RAJAB

Article is devoted to the creative growth and activity known Tajik children's poet - Ubaid Rajab. The poetry is distinguished by its unique artistic and literary features. In his poetry, Ubaid Rajab expressing its thinking about the beauty of life, the goodness of people, the power of goodness and the good qualities of a person uses a variety of literary and artistic techniques. The article also carried out a comparative analysis of the heritage of Ubaid Rajab with other poets as Mumin Kanoat, Ghaffor Mirzo Amindzhon Shukuhi, Gulchehra Sulaimoni, Abdusalom Dehoti. It is noted that the contribution of the poet in the development modern Tajik poetry and Tajik language is a significant and meaningful.

Keywords: poetry, art, artistic techniques, literature, language, literary language, poet, creative growth.

Сведения об авторе: ***Хусейнзаде Ф.*** **-** кандидат филологических наук, главный научный сотрудник кафедры теории и современной персидско-таджикской литературы ТНУ.Телефон: **927538765.**

МАСЪАЛАИ НАҚДУ НАЗАРИЯИ ШЕЪР ДАР ОСОРИ ШОИРОН ВА ОРОИ НАЗАРИЯПАРДОЗОНИ ФОРС-ТОҶИК ТО ЗАМОНИ АМИР ХУСРАВ

Р.Тағоймуродов
Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав

Вазъи адабиёт, бахусус вазъи афкори адабии форс-тоҷик, дар аҳди ислом ба андозае маълум аст. Дар адабиёти ин давра дар миёни осори бозмондаи адибон намунаҳое мавҷуданд, ки дар онҳо муаллифон баробари арзи матолиб роҷеъ ба шеъру шоирӣ низ изҳори назар кардаанд. Андешаҳои шоирони ин замон асосан аз рӯи ихлосу иродат, дӯстиву рафоқат, алоқаву эътиқод ба ашъори устодони гузаштаву муосирон сурат гирифтааст. Ба замми ин, баъзе намунаҳое ҳам ёфт мешаванд, ки дар онҳо каломи бузургон беадолатона ва муғризона баҳогузорӣ шудааст. Масалан, агар устод Рудакӣ Шаҳиди Балхиро шоири ҳақиқӣ ва мутлақ, яъне, «Шоир Шаҳиду шуҳра Фароловӣ.- В-ин дигарон ба ҷумла ҳама ровӣ» (Рӯдакӣ 2007, 321), гуфта бошад, Шаҳиди Балхӣ мартабаву мақоми сухани Рӯдакиро пайравӣ ба «Қуръон» дониста чунин мегӯяд:

Ба сухан монад шеъри шуаро,
Рӯдакиро суханаш тилви нубист (Шаҳид 2007, 41).

Дигар аз шоирони ин рӯзгор, аз ҷумла Кисоӣ ва Дақиқӣ низ ба шеъри Рӯдакӣ арҷ гузошта, худро аз ӯ каму фурӯмоятар нишон додаанд.

Фаррухӣ низ ба ашъори Рӯдакӣ ва Шаҳид ба чашми ибрат нанигариста, ба шеваи нигориши онҳо баҳои баланд додааст. Унсурӣ ба сабку услуби Рӯдакӣ дар ғазал ғибта хӯрда, «бад-он парда бор» ёфта натавонистанашро таъкид мекунад. Чунин арҷгузорӣ ба шеъри устод Рӯдакӣ дар эҷодиёти қариб ҳама суханварони адабиёти форс-тоҷик дида мешавад. Аммо гоҳо рақобат барои ба даст овардани манфиат ва касби шуҳрату ҷалби иноятӣ мамдӯҳ дар дарбори салотини вақт боис шудааст, ки шоирон дар ҳаққи якдигар буҳтону таҳқиро раво доранд. Аз ҷумла, шоири ҳамасри Рӯдакӣ- Абӯзироаи Ҷурҷонӣ ба шуҳрату овозаи устод Рӯдакӣ ҳасад бурда, ӯро дар қитъае мавриди таҳқир қарор додааст. Ин гуна мунозираҳо ва таҳқир дар ҳаққи ҳамдигар дар эҷодиёти Унсурӣ ва Ғазоирӣ низ мавҷуд аст, вале андешаҳои онҳоро дар мавриди баҳогузории ашъори ҳамдигар афкори солими адабӣ номидан нодуруст аст, зеро ҷавҳари аслии афкори онҳо дар бораи шеъри якдигар аз ҳасодату бадбинӣ берун нест.

Омӯзиш дар заминаи таърихи аввалия ва ибтидоии афкори адабиву эстетикӣ нишон дод, ки масоили назарияи адабӣ дар гузашта асосан дар афкори худи суханварон, бахусус шоирон, сурат гирифтааст. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки дар оғоз худи эҷодкорон, ба вижа шоирон, аввалин муҳаққиқоне буданд, ки роҷеъ ба каломи шоирона, чигунагии лафзу маънӣ, сохтор, ҷавҳар, табиат, моҳияти иҷтимоиву эстетикӣ ва дигар мухтассоти шеър таваҷҷуҳ зоҳир намуда, дар баъзе порчаҳои манзум ва байту мисраъҳои ҷудогонаи ашъори хеш дар хусуси чигунагии эҷодиёти ҳамдигар изҳори андеша мекарданд ва ҳусну қубҳи ашъори якдигарро мавриди баррасӣ қарор медоданд. Роҷеъ ба масъалаи таърихи афкори адабии мардуми форс-тоҷик адабиётшиноси тоҷик Ш. Раҳмонов чунин менигорад:

«Дар ибтидо худи шоирон нахустин муҳаққиқоне буданд, ки дар бораи шеър ва моҳияти иҷтимоиву эстетикии он ба андеша рафтаанд, қонуну қоидаҳои жанре ва қобилияти онро дар ифодаи ҳиссу фикр муайян кардаанд» (Раҳмонов 1999, 4).

Шоири маъруфу маҳбуби литвонӣ Эдуардас Межелайтис дар раванди омӯзиш ва мушоҳида ба адабиёти форс-тоҷик ба хулосае меояд, ки тарзу усул ва қонуну қавоиди назм аз ҷониби худи шоирон кашф шудааст, чунончи:

«Шигифтангез он аст, ки шеваи асосии назм, қонуну меъёрҳои он кайҳо боз кашфу эҷод шудаанд. Оё роҷеъ ба шеваи каломи манзум мубоҳиса кардан шарт аст? Барои равшан шудани ин қазия мутолиаи ашъори намояндагони барҷастаи Шарқ-Ҳофиз, Саъдӣ ва Рӯдакӣ кофист» (Межелейтис1967, 3).

Адабиётшиноси тоҷик, муҳаққиқи таърихи назариёти адабии форсии тоҷикӣ А. Сатторзода зимни таҳқиқи афкори адабӣ ва эстетикии форсии тоҷикӣ дар асри Х ба хулосае меояд, ки нахустин шоире, ки дар ин давра роҷеъ ба шеър ва чигунагии он изҳори назар кардааст, устод Рӯдакӣ мебошад. Чунончи:

«Аввалин касе, ки аз шоирони форсу тоҷик дар ин давра дар бораи шеър фикри худро изҳор намудааст, ҳамоно бунёдгузори адабиёти классики форсии тоҷикӣ Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ мебошад» (Сатторзода 2001, 14).

Муҳаққиқи номбурда зимни пажӯҳиши таърихи пайдоиш ва такомули афкори адабӣ ва эстетикии форсии тоҷикӣ нуқтаи назари шоирону файласуфон, андешаҳои муаллифони китобҳои назарияи адабӣ ва суханшиносони касбиро дар бораи шеъру шоирӣ аз давраи қадим то асри XV мавриди таҳқиқ қарор дода, нуқтаҳои ҷолиби онҳоро таҳлилу баррасӣ кардааст, ки мо бозгӯии онҳоро ин ҷо зарур намешуморем. Фақат арз медорем, ки азбаски раванди рушду густариши адабиёти ҳар халқу миллат, ки муназзаму мусалсал, дар алоқамандӣ бо пешгузаштагон сурат мегирад ва эҷодиёту нуқтаи назари ҳар як эҷодкори баъдина идомаи мантиқӣ ва ба андозае густаришёфтаи пешгузаштагон аст, омӯзишу пажӯҳиши осору афкори адибону суханшиносони собиқ, махсусан дар масъалаи бозшинохти афкори назарияи адабӣ, ҷиҳати муайян кардани таҳаввулу такомули афкори адабиву эстетикӣ аз манфиат холӣ нест.

Бо вуҷуди он ки андешаҳои назарии шоирон дар масъалаи шеъру шоирӣ ва ҳунари суханварӣ ба таври парокандаву номукаммал баён ёфтаанд, нуқтаи назар ва фикру мулоҳизоти онҳо барои омӯзиши таърихи назарияи шеър хеле судманд ва баҳри ташаккулу густариши минбаъдаи афкори назарияи адабӣ дорои арзиши баланд мебошанд, зеро дар заминаи онҳо баъдан рисолаву таълифоти ҷудогонаи файласуфон, суханшиносони касбӣ ва мунаққидон арзи ҳастӣ карданд.

Мусаллам аст, ки нуқтаи назари адибону суханшиносони касбии асрҳои миёна доир ба чигунагии шеъру шоирӣ дар заминаи ҳаёти иҷтимоиву сиёсӣ ва адабиву фарҳангии замони худ арзи ҳастӣ карда, дараҷаи фаҳмиш, сатҳи маърифат ва ҷаҳонбинии мардуми ҳамон даврaро оинадорӣ мекунад. Аз ин хотир, омӯзишу пажӯҳиш ва таҳлилу баррасии ҳамаҷонибаи илму адаби гузашта, бахусус таърихи пайдоиш, таҳаввул ва густариши афкори назариёти адабиёти эстетики мардуми форс-тоҷик ва дар ин замина таҳқиқу баррасӣ намудани нуқтаи назари ҳар як адиб доир ба шеъру шоирӣ ва ҳунари суханварӣ ба таври ҷудогона, ба мо имконият фароҳам меорад, ки бурду бохти адабиёти имрӯзро дар масъалаи мавриди назар ба дурустӣ дарк карда, фароянди чигунагии минбаъдаи онро муайян созем.

Мувофиқи таҳқиқи муҳаққиқони дар боло зикршуда афкори адабӣ на танҳо дар осори адибон, балки дар рисолаву таълифоти гуногуни ҳакимону файласуфон, аз ҷумла дар осори Абӯнасри Форобӣ, Ибни Сино, Ибни Рушд, Хоҷа Насируддини Тӯсӣ ва дигарон дида мешаванд. Таълифоти ин донишмандон асосан дар заминаи китобҳои «Поэтика» ва «Риторика»-и Арасту сурат гирифта, дар рушду таҳаввули минбаъдаи афкори адабии форсии тоҷикӣ нақши муассире гузоштаанд. Илова бар ин, мувофиқи баррасиҳои муаллифони сарчашмаҳои адабиву таърихӣ, тазкиранигорон, суханшиносони касбӣ ва муҳаққиқони муосир дар ин аср ва асрҳои баъдӣ баъзе таълифоте роҷеъ ба поэтика ва назарияи адабӣ аз қабили «Арӯз»-и Абуюсуф («Тарҷумон-ул-балоға»), «Мухтасаре дар илми арӯз»-и Хоҷа Имом Ҳасани Қаттон («Ал-муъҷам»), «Кониз-ул-қофия». «Ғоят-ул-арӯзайн» («Чаҳор мақола»), «Ҳуҷистанома»-и Абулҳасан Алӣ ибни Баҳроми Сарахасӣ,(«Лубоб-ул-албоб») ва монанди инҳо ба забони форсии тоҷикӣ мавҷуд будааст, ки мутаассифона, то имрӯз дастрас нашудааст.

Дар асрҳои минбаъда, яъне то замони зиндагии Амир Хусрав китобҳое, ки доир ба шеъру шоирӣ, балоғату бадеъ ва ҳунари суханварӣ баҳс мекунанду хушбахтона, дар дастрас қарор доранд, зиёданд, масалан, «Қобуснома»-и Кайковус (асри XI), «Тарҷумон-ул-балоға»-и Муҳаммад ибни Умари Родуёнӣ (асри XI), «Ҳадоиқ-ус-сеҳр фӣ дақоиқ-уш-шеър»-и Рашидуддини Ватвот (асри XII), «Чаҳор мақола»-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ (асри XII), «Ҷомеъ-ул-улум»-и Имом Фахруддини Розӣ (асри XII), «Лубоб-ул-албоб»-и Муҳаммад Авфии Бухороӣ (асри XIII), «Дуррат-ут-тоҷ лӣ ғуррат-уд-дуббоҷ»-и Қутбуддини Шерозӣ (асри XIII), «Ал-муъҷам фӣ маойири ашъор-ил-Аҷам»-и Шамси Қайси Розӣ (асри XIII), «Асос-ул-иқтибос» ва «Меъёр-ул-ашъор»-и Хоҷа Насируддини Тӯсӣ (асри XIII), «Нисоб-ус-сибён»-и Абӯнасри Фароҳӣ (асри XIII) ва дигар манобеи ба забони арабӣ, ҳиндӣ ва дигар забонҳо таълифшуда, бешубҳа дар рушду густариши афкори назарӣ ва адабию эстетикии Амир Хусрав таъсири амиқе гузоштаанд.

АДАБИЁТ

1. Межелейтис 1967- Эдуардас Межелайтис. Поэзия в меняющемся мира // Литературная газета, 1967.- №1.- С.3
2. Раҳмонов 1999- Ш. Раҳмонов. Сухане чанд аз лирикаи форсӣ-тоҷикӣ.- Душанбе, 1999.- 136 саҳ.
3. Рӯдакӣ 2007- Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ. Ашъор.- Душанбе, 2007.- 416 саҳ.
4. Сатторзода 2001- Абдунабӣ Сатторзода. Таърихчаи назариёти адабии форсии тоҷикӣ.- Душанбе, 2001.- 144саҳ.

5. Шаҳид 2007- Шаҳиди Балхӣ. Дар китоби Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ. Таҳияи матн ва луғату тавзеҳот аз Худоӣ Шарифов ва Абдушукур Абдусатторов.- Душанбе, 2007.- 480 сах.

ПРОБЛЕМА ТЕОРИИ СТИХОТВОРЕНИЙ В ТВОРЧЕСТВЕ ПОЭТОВ И ВЗГЛЯДЫ ПЕРСИДСКО-ТАДЖИКСКИХ ТЕОРЕТИКОВ ДО ЭПОХИ АМИР ХУСРАВА

Автор в данной статье, информируя о состоянии персидско-таджикских литературно-теоретических взглядов после исламского периода, в частности до эпохи Амир Хусрава, утверждает, что литературно-теоретические взгляды существуют и в творчестве других профессиональных литературоведов, философов и языковедов. Также, степень изученности и исследования данной проблемы в кратком виде была анализирована со стороны других исследователей.

Ключевые слова: благосклонность, пристрастный, белая зависть, дискуссия, субстанция, зрелость, чудесный, систематизированный, последовательный.

PROBLEM TO THEORIES OF THE POEMS IN CREATIVE ACTIVITY POET AND GLANCES PERSIAN- TAJIK THEORIST BEFORE EPOCH AMIR HUSRAVA

The author in given to article, informing on condition persian-tajik literary- theoretical glance postislamic of the period, before epoch Amir Husrav in particular, confirms about that literary- theoretical glances exists and in creative activity other professional literates, philosopher and linguist. As well as, degree studying and learning of given problems in short type was analyzed on the part of the other researchers. The literary theory and her (its) theoretical influence upon man of letters and their creative process.

Key words: the favor, biased, blanching envy, debate, substance, maturity, miraculous, systematized, consequent.

Сведения об авторе: ***Тагаймуродов Р.Х.*** - кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикской литературы КТГУ имени Носира Хусрава. Телефон: **917- 57- 55- 22.**

МЕСТО ЛЮБОВНО-РОМАНТИЧЕСКИХ ПОЭМ В ТВОРЧЕСТВЕ АБДУРРАХМАНА ДЖАМИ

С.Махкамов
Республиканский институт повышения квалификации и переподготовки работников сферы образования

В истории персидско-таджикской литературы творчество Абдуррахман Джами считается одним из самых плодотворных. Его письменное наследие состоит из множества поэтических и прозаических произведений, ещё при его жизни ставшие известными в Хорасане Мавераннахре, Иране, Азербайджане, Риме, Ираке и Индии и прославившие литератора на мировом уровне. Вопрос о полном списке и точном числе наследия Джами до настоящего времени еще требует отдельного исследования, вокруг которого среди исследователей наблюдаются некоторые разногласия. Как не странно, но ученики и близкие поэта, также по разному описывают количество и названия его произведений. В частности, Алишер Наваи в «Хамсат-ул-мутахайирин» называет число 39, и еще одно в «Насоим-ул-мухаббат», т.е. в целом упоминает 40 произведений Джами. Абдулгафур Лари в «Такмила» приводит 47 названий произведений своего наставника. Абдулвасе Низами представил наследие Джами в около тысяч полных поэтических и прозаических частях на арабском и персидском языках, где зафиксировал 42 его произведений» [4, 123]. А.Афсахзод отмечает: «… многие были убеждены, что количество написанных Джами произведений, равно числу букв его прозвища, считываемому по абджаду (т.е. джим = 3 + 1; элиф = 1 + мим = 40 + ё + 10) и составляет 54 единицы» [4, 123]. Абдуллах Кабули по этому поводу пишет: «Его светлые сочинения (произведения), которые известны в мире среди знатных людей и простого народа, по числу букв Джами сводится к пятидесяти четырем» [7, 152[а]]. Зайниддин Васифи в «Бадае-ул-вакае» со слов Мавлана Катили о количестве стихов, сочиненных Джами, говорит так: «Что известно, его светлость (т.е. Джами) превзошел числа девяносто тысяч и не достиг ста тысячи (бейтов)» [4, 128].

Шерхан Луди об общем количестве творений Джами отмечает: «Сочинив девяносто девять книг, которые все до одной были радушно приняты в кругу ученых и литераторов Ирана, Турана и Индии, где никто не выразил несогласия с ними» [4, 132]. Если бы Ширхан Луди перечислил названия этих 99 произведений, то рассеял бы все сомнения по этому поводу.

Из работ современных исследователей можно назвать Сейида Нафиси, который отнес перу Джами 87 произведений [4, 132]. Из таджикских исследователей А.Афсањзод относительно наследия Джами называет число 46, и напоминает: «… это количество не

только почти соответствует мнениям Наваи, Низами и Лари, но также подчеркивается Бинаи:

Джами яркое солнце,
Озарённое светом чистоты…
Более сорока его сочинений,
К чуду примкнули его творения.
(перевод подстрочный)

Из этого наследия 40 произведений полностью дошли до нас» [4, 144].

Тем не менее, поле научной и творческой деятельности Абдуррахмана Джами было широким и бескрайним, в котором любовно-романтические поэмы – «Саламан и Абсаль», «Юсуф и Зулейха» и «Лейли и Меджнун» занимали особое место. Считаем уместным, упомянут здесь об одном древнейшем полном собрании сочинений Абдуррахмана Джами, полностью переписанном в 908 г.х. (1502-1503) в городе Герате Мухаммадом ибн Хасаншахом ал-катиб ал-Харави, которое включало 38 произведений. Этот ценный экземпляр хранится в фонде восточных рукописей АН Республики Узбекистан под номером 1331. В нем собраны поэмы-месневи, размещенные в таком порядке: «Саламан и Абсаль» на листах $117^{б}$-$142^{а}$; «Юсуф и Зулейха» на листах $261^{а}$-$340^{б}$ и «Лейли и Меджнун» на листах $341^{а}$- $417^{а}$.

Из расстановки произведений данного сборника и даты написания произведений выясняется, что «Саламан и Абсаль» сочинены раньше поэм «Юсуф и Зулейха» и «Лейли и Меджнун». Другими словами, печатный текст поэмы «Саламан и Абсаль», представленный в 1913 г. в Ташкенте научными кругами, считается наименее объемным из всех изданных поэм «Хафт авранг» (Семь престолов), состоящим из 1108 бейтов [11, 162]. В последующих рукописных версиях общее количество бейтов данной поэмы достигло 1130 [11, 162].

В целом, «Саламан и Абсаль» относится к числу известных любовно-романтических повестей, на основе которых была создан цикл художественных произведений. Хотя эта повесть корнями уходит в Древнюю Грецию, но ее греческие источники до настоящего времени исследованию не подвергнуты. «Один из древнейших образцов данной повести пересказывается в книге «Ан-наводир» («Редкости») Ибн Араби (757-846), где Саламан является образцом добра и учености, а Абсаль – аллегория зла и невежества. Саламан с помощью знаний и разума спасается от плена, а Абсаль погибает из-за глупости и невежества … Полная и подробная версия «Саламан и Абсаль» является переводом Хунайн ибн Исака (809-873) с греческого на арабский» [9, 517].

Также, повесть «Саламан и Абсаль» передана Абубакром Мухаммадом ибн Туфайл Андалуси (1120-1185) одновременно с другой повестью – «Хай ибни Якзон» («Живой сын Бодрствующего») [13, 9-10].

Одноименное произведение Абуали ибн Сина, имеет серьезное отличие от повестей предшественников.

Наконец, повесть «Саламан и Абсаль», основанная на переводе Ибн Исхака, с изменениями и дополнениями обретает известность благодаря Абдуррахману Джами.

«Не случайно, что спустя некоторое время «Саламан и Абсаль» Мавлана Джами была переведена Махмудом ибн Усманом Ламеи на турецкий язык, в подражании которому Абдибек Ширази написал произведение, затем старанием Мухаммадреза Огахи для хана Хивы эта поэма была переведена на узбекский язык» [11, 165].

Таким образом, поэма «Саламон и Абсаль» Джами несколько раз (с 1850 г. по н.в.) была издана на разных языках. Например, в 1850 г. известный переводчик наследия Джами Рюккерт перевел поэму «Саламан и Абсаль» на немецкий язык, представил это произведение на суд немецких читателей [6, 137-138].

В 1856 году поэма была переведена английским стихом известным английским поэтом Фитцджеральдом. В 1928 году в Париже осуществлен и издан перевод «Саламан и Абсаль» прозой на французский язык Августом Брикте. Первый перевод поэмы на русский язык был выполнен советским востоковедом Константином Чайкиным и издан в 1935 году. Позже, известный поэт и переводчик Владимир Державин осуществляет более полный перевод поэмы «Саламан и Абсаль» Джами на русский язык, которая была переиздана несколько раз [15].Весьма примечательно, что вопрос художественной ценности данной поэмы был предметом многочисленных обсуждений.

Поэма «Лейли и Меджнун» Джами в составе цикла «Семь престолов» («Хафт авранг») занимает шестое место и внутри «Пятерицы» («Хамса») – четвертое. Она написана в 889 г. х (1484) и состоит из 3860 бейтов.

Научно – критический текст упомянутой поэмы А.Афсањзод представил на суд читателей по древней и достоверной версии [14].

Сведения об источниках поэмы «Лейли и Меджнун» Абдуррахмана Джами также в своей работе представил С. Асадуллаев, среди которых он перечислил: «Хамсат-ул-мутахайирин» («Пятерицу восхищенных»), «Маджолис-ун-нафоис» («Собрание изящных») Алишера Наваи, «Макомоти хазрати Мавлави Джами» («Макамы Мавлави Джами») Камолиддина Абдулвасеъ Низами, «Рисола» («Трактат») (или «Такмили хошияи «Нафахот-ал-унс» «Дополнение на полях «Дуновения дружбы») Абдулгафура Лори, «Рашахоти айн-ал-хаёт» («Капли жизни») Фахриддина Али ибн Хусайн Ваиза Кашифи, «Тазкират-уш-шуаро» («Антологию поэтов») Давлатшаха Самарканди, «Бадае-ул-вакае» («Удивительные события») Зайниддина Махмуда Васифи, «Тухфаи Соми» («Подарок Сами») Саммирза Сефеви, «Джами» Алиасгара Хикмата, «Джами» Е.Э. Бертельса и других [2, 32-33].

Следовательно, мы воздержимся от повтора источников поэмы «Лейли и Меджнун» Джами, и ограничимся упоминанием исследователей представивших сведения по данному вопросу. Тем не менее, считаем уместным отметить здесь, что Джами не сразу создал поэму на тему непорочной и прозрачной как стеклышко любви Лейли и Меджнун. Данная тематика проникала в его творчество постепенно и непрерывно оттачивалась. В отдельных поэтических отрывках, диване «Фотињат-уш-шубоб» («Расцвет юности»), поэмах «Силсилат-уз-зањаб» («Золотая цепь»), «Саламан и Абсаль», «Туњфат-ул-Ањрор» («Дар благородным»), «Субњат-ул-аброр» («Четки праведников») и «Юсуф и Зулейха», созданные до поэмы «Лейли и Меджнун», мы очень часто встречаемся с именами Лейли и Меджнун, что в последствии становится предпосылкой написания отдельной поэмы. В качестве примера рассмотрим 2 бейта из дивана газелей:

Столько милости со стороны Лейли, чтоб порой
Над прахом Меджнуна провести паланкин [10, 18].
(перевод подстрочный)

Или:

Коль любовь пришла откуда-то, каково,
Биться сердцу Лейли словно Меджнун? [10, 25].
(перевод подстрочный)

Бейт из поэмы «Юсуф и Зулейха»:

По лику его приукрасила лик свой Лейли,
Каждому волосу желала Меджнуна склонить [12, 145].
(перевод подстрочный)

Одна из глав «Саламан и Абсаль» называется так: «Рассказ о Меджнун, вычертивший в пустыне пальцем руки что-то на глади песка гадальщиков, они спросили: «Чот ты пишешь и для кого это?» Он отвечает: «Это имя Лейли, стараюсь написать его столь же прекрасно как она сама» [11, 172].

В поэме «Силсилат-уз-захаб», Джами посвятил теме главу «Повест о освобождении Меджнуном лани из рук охотника по причина схожести ее с Лейли» [11, 60-61], что выглядит весьма увлекательно и изящно.

В этой же поэме в главе называющейся «Рассказ Меджнун» [11, 84], поэт рассказывает о достижении любви Меджнун своего наивысшего предела, о его скитаниях по горам и степям, также сообщает, что Лейли удостаивается встречи с ним, которую Меджнун не узнает, где Лейли говорит такие слова: «Манам ороми љони ту, Лайлї,- Киблаи љовидони ту, Лайлї» [11, 85] («Эта я души твоей блаженство, Лейли,- Твоя вечная возлюбленная, Лейли»), на что Меджнун отвечает:

Сказал: «Поди же, я таков,
Ничего кроме твоей любви я не знаю,
Твоя любовь, о умная красавица
Так поселилась в сердце моем,
Что и тебе там более нет места
Мне милей теперь одиночество» [11, 85].
(перевод подстрочный)

В другой главе данной поэмы – «Рассказ о юноше, влюбившемся в дочь своего дяди (брат отца), во имя любви которой он принял себе имя похитителя, не уронил честь дяди и таким образом достиг желаемого» Джами сравнивает влюбленных страдающих от любви с Меджнуном, и в свою очередь, осуждает Меджнуна и считает его поведение не соответствующим законам шариата:

Влюбленный словно Меджнун от любви страдает,
Поведение Меджнуна закона не знает [11, 91].
(перевод подстрочный)

Доктори филологических наук, профессор Аълохон Афсахзод поясняет 2 способа вспоминания Джами о Лейли и Меджнуне:

1. Поэт в некоторых газелях и эпизодах поэм сравнивает печаль и боль лирического героя или героя поэмы, а также свою личную с тоской и страданиями Меджнун, порой даже свою боль и грусть считает превыше страданий Меджнуна. На ряду с этим, прелесть, красоту, нрав и поступки милой сравнивает с Лейли. Такого рода упоминания ещё не могли быть веским основанием для появления завершённой поэмы.

2. При написании газели и поэм образ Меджнун часто приводится примером в качестве преданного влюбленного и в зависимости от обстоятельств рассеянным образом иллюстрирует любовную историю Лейли и Меджнун. Из отражения такого рода событий и моментов становится очевидным, что поэт хорошо знает предания о Лейли и Меджнуне, знаком с их разными вариантами и применяет их согласно различных намерений [3, 39-40].

Поэма «Юсуф и Зулейха» является пятой в цикле «Семь престолов» и третьей в «Пятерице» («Хамса) Джами, она состоит из 4000 бейтов. Эта поэма написана в 888 г.х. (1483) и считается одним из самых прекрасных, волнующих, замечательных и содержательных произведений классической персидско-таджикской литературы.

Хотя на сегодняшний день неизвестно точное число литераторов, написавших произведения по сюжету «Юсуф и Зулейха», всё же, в истории было не мало тех поэтов, обратившихся к этому сюжету и достигших в сочинении такого рода поэм заметных успехов. В этот ряд можно внести имена Шахина Ширази (XIV в.), Абдуррахмана Джами (1414 - 1492), Махмудбека Салима Тебризи (1524-1576), Тазорру Абхари (ум. 1567), Мавджи Бадахшани (ум. 1571), Бадри (1557 - 1598), Авхади Бальяни (ум. 1620), Муллашах Бадахшани (ум. в 1659-1662), Нами Исфагани, Назим Хирати (XVII в.), Шуъла Гулпайгани, Джавхари Тебризи (XVIII в.), Шахаб Туршизи, Шавкат Каджар, Мулла Абусамад Бухараи по псевдониму Катиб, Мухаммед Ширин Балхи, Салахуддин, Джунайдуллах Хазик (XIX в) и других. Однако, сочинение Абдуррахманом Джами поэмы по этому сюжету, было переломной вехой в истории персидско-таджикской литературы. Он своей поэмой не только написал достойный ответ на поэму «Хосров и Ширин» Низами Ганджеви, но как отметил Е.Э.Бертельс [5, 143], затмил славу других предшествующих одноименных поэм. С. Амиркулов в главе «Поэма «Юсуф и Зулейха» Хазика» своей диссертации - «Джунайдулла Хазик и его поэма «Юсуф и Зулейха» перечисляет 3 самые известные поэмы «Юсуф и Зулейха» персидско-таджикской литературы, которыми являются одноименные поэмы Джами, Нозима и Хазика [1, 51].

Следовательно, можно прийти к такому выводу, что поэма «Юсуф и Зулейха» Джами до сих пор не утеряла своего положения, число поклонников и почитателей которой значительно увеличилось. В этом отношении прав таджикский литературовед З.Ахрари, который в своем предисловии, названном «Дастани хасрат ва васлат» («Поэма печали и сближения») к поэме «Юсуф и Зулейха» Джами пишет: «Эта поэма с точки зрения тематики, поэтических средств, великой силы мысли, чрезвычайно великого мастерства констатации событий, а также умение живо и реально иллюстрировать различные моменты любовных отношений, познания глубинок внутреннего мира человека, бури и волнений моря человеческих сердец, наставления и проповеди, мудрости и благоразумного нравоучения, а также высказывания мыслей относительно неотложных мер в области правления страной, гуманного отношение к подданным и т.п. полностью отличаются от поэм других авторов и самого Джами, написанных на эту тему» [12, 7].

По нашему мнению причины славы, снисканной поэмой «Юсуф и Зулейха» Джами, кроятся в следующем:

1. Джами обращается к повести «Юсуф и Зулейха», которая имела якобы божественное описание, а другим поэмам, в частности «Хосров и Ширин» Низами, особенно, его «Хафт пайкар» приписывает аллегорическую интерпретацию:

Коль Всевышний назвал ее наилучшей,
Наилучшим образом буду молвить о ней.
Свидетельствовала, чтоб о ниспослании откровения
Не допустив неправды проникновения.
Чтоб не возликовала в памяти ложь,
Даже коль рассказ с правдою схож [12, 149-150].

(перевод подстрочный)

2. Поэт представляет новую интерпретацию имеющихся поэм «Хосров и Ширин» и «Лейли и Меджнун», что со временем была принята всеми с одобрением. На эту мысль наводит сам Джами в главе «Собирание букета цветов из цветника добродетели слов и связывание его нитью целостности, обусловившей поэтическое написание»:

Устарело могущество Ширин и Хосрова,
Выберу для Ширин Хосрова другого
Поникло господство Лейли и Меджнун,
Назначу теперь предводителей иных.
Словно попугай услажу сладкоречием умы,
Красотою Юсуфа и любовью Зулейхы [12, 149].
(перевод подстрочный)

3. Джами олицетворяя прелесть Юсуфа и любовь Зулейхи как аллегорию красоты и великой решимости на пути чистой любви, этими двумя эстетическими понятиями – красота и любовь, представил сущность своей поэмы. Следовательно, центральные герои его поэмы – Юсуф и Зулейха неотразимы в красоте и тверды в преодолении великого пути любви:

Среди влюбленных подобно Юсуфу не был никто,
Красотой всех красавцев он превзошел.
Коль второго того нигде не сыскать,
Опять Юсуфа вторым называют.
Не было никого влюбленнее Зулейхи,
В страсти любви никто не мог с ней сравнится,
С детства до преклонных годов не переставала любить,
В царстве и во власти любила она.
Даже в старости, немощи и слабости,
Вновь приоткрылся ей юности обет,
Ни чему кроме любви не была преданней,
С тем родилась, с тем жила и с тем умерла [12, 150].
(перевод подстрочный)

4. Джами, как мэтр духовной любви, считает поэму «Юсуф и Зулейха» не обычной песней или повестью, а воплощением непорочной духовной любви:

Сердце без любовных мук, не сердце,
Тело без сердечной боли лишь вода и прах.
В мире придайся любовным страданиям,
Ибо мир любви безгранично прекрасен.
Пусть страсть в сердцах никогда не убудет,
Пусть живет сердце, что болит и любит [12, 146].
(перевод подстрочный)

5. Образы героев поэм Джами созданы гораздо незауряднее героев других одноименных поэм.

6. Философские убеждения и художественные воображения Джами по сравнению с другими являются значимей и ценнее.

7. В поэме Джами народный дух мусульманского Востока гораздо мощнее, поэты, создавшие после него поэму «Юсуф и Зулейха», приклонялись перед его мастерством красноречия, и считали его своим наставником. Известный английский востоковед Э. Браун после изучения поэмы «Юсуф и Зулейха» Джами справедливо отмечает: «Среди всех творцов поэм, создавших знаменитую повесть (т.е. – «Юсуф и Зулейха») в стихотворной форме, поэма Джами, поистине заслуживает самое достойное место» [8, 587].

В XX в. сюжет «Юсуфа и Зулейха» также привлек внимание многих литераторов. Можно назвать, например, прозаическое произведение «Юсуф и Зулейха» М. Тамаддуна [16], драму латышского поэта Яна Райниса «Иосиф и его братья» («Юсуф ва бародаронаш») (1919), роман из четырех частей немецкого писателя Томаса Манна «Иосиф и его братья» (между 1926 -1933) («Юсуф ва бародарони у») и пьесу турецкого поэта Назыма Хикмета «Иосиф прекрасный» (1957) («Юсуфи соњибљамол»).

В четвертом томе «Избранных произведений» Джами, куда включена поэма «Юсуф и Зулейха», не определены источники, из которых она предоставлена [12, 7-8]. В 1988 году издательство «Адиб» еще раз переиздало четвертый том произведений Абдуррахмана Джами, охватывающий поэмы «Субхат-ул-аброр» и «Юсуф и Зулейха».

Один из составителей данного наследия З.Ахрари к поэме «Юсуф и Зулейха» написал предисловие под названием «Дастани хасрат ва васлат» («Поэма печали и сближения»), в которой отметил: «Это новое издание во многом отличается от прежних. В настоящем издании тексты проверены на основании нескольких древних экземпляров, добавлена значительная часть ранее сокращенных бейтов, с учетом требований вкуса современного читателей, и идейно-художественного значения» [12, 24]. На наш взгляд, при наличии пояснения «нескольких древних экземпляров», предисловие стало бы обширнее. Тем не менее, в ходе исследования, мы приводим примеры из данной работы, с целю подтверждения представляемого материала.

ЛИТЕРАТУРА

1. Амиркулов С. Ҷунайдулло Ҳозиқ ва достони ӯ ”Юсуф ва Зулайхо”/ С. Амиркулов. – Душанбе: Ирфон, 1967. – 95 с.
2. Асадуллаев С. “Лайли и Маджнун” в фарсиязычной поэзии: – .Ч. 1. / С. Асадуллаев. – Душанбе: Дониш, 1981.– 176 с.
3. Афсаҳзод А. Достони “Лайлӣ ва Маҷнун”-и Абдурраҳмони Ҷомӣ /А. Афсаҳзод. – Душанбе: Дониш, 1970. – 203 с.
4. Афсаҳзод А. Ҷомӣ – адиб ва мутафаккир / А. Афсаҳзод. – Душанбе: Ирфон, 1989. – 384 с.
5. Бертельс Е. Э. Джами / Эпоха, жизнь, творчество / Е. Э. Бертельс. – Сталинабад: Таджикгосиздат, 1949. – 175 с.
6. Ҷомӣ ва ҳамробитаҳои адабӣ. Қисмҳои 1-2. – Душанбе: Дониш, 1989.
7. عبدالله کابلی. تذکرةالتواریخ. نسخهٔ ذخیرهٔ دستخطهای . شرقی آکادمی فنهای ازبکستان، رقم 2093.
8. برون، ایدوارد. تاریخ ادبیات ایران/از سعدی تا جامی.- تهران، 1327 هـ.ش.- 675 ص.
9. ЭСТ. Ҷ. 6 /Саломон ва Абсол. – Душанбе: Сарредаксияи илмии энсиклопедияи советии тоҷик, 1986. – С. 517-518.
10. Абдурраҳмони Ҷомӣ. Осори мунтаҳаб: – Ҷ. 2 (Ғазалиёт, тарҷеъ, муқаттаот, мураббаъ, марсия, рубоиёт) / Ба чоп тайёркунандагон З.Аҳрорӣ ва М.Мамедова / А.Ҷомӣ.– Душанбе: Ирфон, 1964.– 407 с.
11. Абдурраҳмони Ҷомӣ. Осор: – Ҷ. 3 (Силсилат-уз-заҳаб, Саломон ва Абсол, Туҳфат-ул-аҳрор: Маснавиҳо) / Ба чоп ҳозиркунандагон К. Айнӣ, А. Зуҳуриддинов / А. Ҷомӣ. – Душанбе: Адиб, 1987. – 288 с.
12. Абдурраҳмони Ҷомӣ. Осор: – Ҷ. 4 (Субҳат-ул-аброр, Юсуф ва Зулайхо: Маснавиҳо) / Ба чоп ҳозиркунандагон З. Аҳрорӣ, М.Мамедова / А. Ҷомӣ. – Душанбе: Адиб, 1988. – 384 с.
13. Абӯалӣ ибни Сино. Пирӯзинома / Таҳриру такмил ва тавзеҳоти Ш. Ҳусейнзода ва Х. Шарифов / А. Сино. – Душанбе: Маориф, 1980. – 104 с.
14. Джами Абдурахман. Лайли и Маджнун. Критический текст пре- дисловие А. Афсахзода / А. Джами. – М.: Наука, 1974. – 270 с.
15. Джами Абдурахман. Саламан и Абсаль / Пер. с фарси-таджикского В. Державина. Подгот. изд. К.С. Айни. Вводные статьи К.С. Айни им. М. Ашрафи / А. Джами. – Душанбе: Ирфон, 1977. – 156 с.
16. Муҳаммади Тамаддун. Юсуф ва Зулайхо / Таҳиягарон М. Диловар ва А. Алавӣ / М. Тамаддун. – Душанбе: Ирфон, 1992. – 256 с.

МЕСТО ЛЮБОВНО-РОМАНТИЧЕСКИХ ПОЭМ В ТВОРЧЕСТВЕ АБДУРРАХМАНА ДЖАМИ

В истории персидско-таджикской литературы творчество Абдуррахман Джами считается одним из самых плодотворных. Его письменное наследие состоит из множества поэтических и прозаических произведений, ещё при его жизни ставших известными в Хорасане Мавераннахре, Иране, Азербайджане, Риме, Ираке и Индии и прославившие литератора на мировом уровне. Вопрос о полном списке и точном числе наследия Джами до настоящего времени еще требует отдельного исследования, вокруг которого среди исследователей наблюдаются некоторые разногласия. В данной статье автор рассматривает место любовно-романтических поэм в творчестве Абдуррахмана Джами.

Ключевые слова: поэт, поэма, любовь, произведений, месневи, повесть, бейт, текст, диван, образ, влюбленных, красавица, одиночество, перевод, язык.

PLACE LOVE-ROMANTIC POEMS IN THE WORKS OF ABDURRAHMAN JAMI

In the history of Persian-Taiik literature creativity Abdurrahman Jami is one of the most fruitful. His written legacy consists of a variety of poetic and prose works, even when his life became known in Khorasan Maverannakhr, Iran, Azerbaijan, Rome, Iraq and India and famous writer at the global level. Question about the complete list and the exact number of heritage Jami so far requires a separate study, around which among researchers, there are some differences. In this article the author examines the place of love-romantic poems in the works of Abdurrahman Jami.

Kev words: poet, poem, love, works, mesnevi, story, Beth, text, sofa, image, love, beauty, loneliness, translation, language.

Сведения об авторе: ***С.Б. Махкамов*** – доцент кафедры гуманитарных наук Республиканского института повышения квалификации и переподготовки работников сферы образования. Телефон: **(+992) 918526973**

БАРРАСИИ МАВЗӮИ БАЧАГӢ ДАР ЭҶОДИЁТИ ҲАБИБУЛЛО ФАЙЗУЛЛО

Н.С. Шамсов
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Айёми поку беолоиш, хушу хуррамона ва беғубори бачагӣ аксари адибони нимаи дуюми қарни бистро ба илҳом оварда, дар атрофи саодати беғамона ва сурурбахши ин давраи наҷиби умри одамизод шеърҳои зиёде офаридаанд. Ҷаҳони бачагӣ ба биҳишт ва кӯдакон ба фариштаҳои поку беолоиш ва мусаффо шабеҳанд, ки тиҳӣ аз кину адоват, бадию бахилӣ ва разолат буда, чун чашмаҳои пок дар ҷӯш ва ҳаракат мебошанд.

Баррасии ин мавзӯъ дар эҷодиёти як зумра шоирони нимаи дуюми қарни бистум ба назар расида, дар бораи бачагӣ, нокомию мушкилиҳои ин айём ва хушиҳои он ҳар яки онон вобаста ба маҳорат ва қобилияти эҷодии худ шеърҳои гуногун эҷод кардаанд.

Аз ҷумла, ҷилои тобноки ин мавзӯъ дар осори шоири рангинхаёл Лоиқ Шералӣ бештар мушоҳида карда мешавад, ки ӯ дар чунин шеърҳояш «азобу дарди гузаштаи айёми бачагиро бо як самимияти хос, бо дарду алами бепоёни синасӯз ва басо ширину гуворо ва гӯшнавозу дилхарош ба қалам овардааст» (1, 98):

Замони беғуборибачагиям.
Аҷаб ғамхорҳое доштам ман,
Ба тоқӣ, дар гиребон, ҷилди болишт
Аҷаб тӯморҳое доштам ман (10, 17).

Лоиқ дар сароидани мавзӯи бачагӣ маҳорати хос нишон дода, ҷолибтарину гӯётарин лаҳзаҳои ин айёми рангину фаромӯшнопазирро бо диди амиқи шоирона тасвир намудааст. Қаҳрамони ғиноии чунин шеърҳои Лоиқ писари ҷасуру нотарс ва кунҷкобу оташдилест, ки аз ҳама ҳамсолон ва наврасони дигар пешгому донотар ва муваффақтар будан мехоҳад .

Боз бо ҳамсолҳоям ҷангбозиҳо кунам,
«Қаҳрамони» ҷанг бошам, сарфарозиҳо кунам.
Ошиқе зорӣ кунад бар ман чу ояд бовараш
Хат барам аз ӯву хат орам – ҷавоб аз дилбараш (11, 256).

Тасвири ин мавзӯъ дар эҷодиёти Бозор Собир бо дардҳову ғуссаҳои айёми кӯдакӣ, мушкилиҳову қаҳтиҳои солҳои ҷанг ва баъди он сурат гирифта, табиияти эҷод ба адиб имконият фароҳам овардааст, ки дар чунин шеърҳо ҳаёти кӯдакону наврасони он айёми басо душвори таърихи мамлакатро бо бадеияти баланд ва воқеъбинона ба қалам диҳад:

Кӯдакӣ, кӯдакии дар ба дарам,
Сахт буд, сахт маҳди бистари ӯ.
Гӯиё қаҳтиҳои ҷанги ҷаҳон,
Дӯш танҳо гузашт аз сари ӯ (4, 52).

Дар шеъри «Кулбаи модар» Бозор Собир як лаҳзаи ҳаяҷонбахшу дилпазири айёми кӯдакӣ, дастобадастиву паҳлӯи ҳам басо қарину ҳамдил будани фарзандони як оилаи кӯҳистонро тавассути хоб дидани қаҳрамони ғиноӣ тасвир намуда, ҳиссиёти наҷиб ва таассуроти марғуберо дар хотири хонанда ба ҷилва меорад:

Дар хоби шабам ҳанӯз бехотир
Ман дар тани кӯдакӣ фурӯ рафта,
Худро таги тути пухта мебинам,
Дар ҷолаи тути тутборонаш .
Як мушт ятими хуфта мебинам,
Додар ба бағал гирифта додарро
Хоҳар ба бағал гирифта хоҳарро (5 , 4).Х

Шоир Муъмин Қаноат низ дар шеърҳои худ дар хусуси айёми бачагӣ бо ҳасрату таассуф ёдоварӣ намуда, дар шеъри «Обшор» гулхандаҳои айёми бачагӣ, қимату ноёб будани он давра, бебозгашт будани оғози навбаҳори умри инсон ва розу ниёзи хуррамонаи онро басо моҳиронаву фаромӯшнопазир тасвир кардааст:

Он лаҳзаҳои бебадал гӯё ба хоб рафт
Умри азизи бачагӣ монанди об рафт,
Чун кабки рав фаромаду лекин шитоб рафт (3,55)

Ҳунармандии шоиронаи Ҳабибулло Файзулло ба ӯ имкон додааст, ки садои дурпарвози қалби хешро ба қалбҳои ҳазорон хонанда интиқол дода, бо таълифи мавзӯоти дилнишину рангини ашъор гӯши ҷони онҳоро навозиш созад. Дар

баробари дигар шоирони ҷавони солҳои 60-70-уми қарни бист ӯ низ ба мавзӯи бачагӣ рӯ оварда, оид ба ин айёми бебозгашти умр шеърҳои зиёде офаридааст. Дар «Куллиёт»-и шоир бист шеър ба мавзӯи ин айёми поку беолоиш, равшану дилкушо ва ширину хуррами ҳаёти одамӣ бахшида шуда, «Ба сӯйи қуллаҳо», «Бачагии ҷовидон», «Бачагӣ», «Шаби ошуфта», «Баҳори бачагӣ», «Санҷиш», «Истиқболи бачагӣ»,«Дидори тифлӣ», «Таронаи тифлӣ», «Орзуи бачагӣ», «Дарёи умр» ва ғайра аз ҳамин қабил шеърҳоянд. Дар онҳо шоир гоҳо бо ҳасрату таассуф ва навмедӣ, гоҳи дигар бо шодмониву сарафрозӣ ва ифтихор аз замони тифлию бачагии худ ёдовар мегардад ва дар чунин шеърҳо калимаву таркиб, образҳои хотирнишин ва ибораҳои тоза ба тозаро мавриди истифода қарор медиҳад. Дар онҳо кашфи маъно, тасвир, лаҳза, ҳолат, ҳис, таркиб ва баён дар паҳнои андешаву тафаккури адиб бо шеваю услуб ва равиши хоси эҷодӣ тарҳрезӣ шуда, бо дилнишинии махсус таълиф шудаанд.

Ӯ рангҳои гуногуни овони бачагиро бо рангҳои фаромӯшнопазири чаҳор фасли табиат омезиш дода, бо зебоии андеша ва тароватҳои нафис хаёлу хотири ҳар як хонандаро беихтиёр ба ин овони бебозгашти умр раҳнамун месозад. Чунонки адабиётшиноси Эрон А. Шеърдӯст қайд намудааст, «мафҳуми «кӯдакӣ» муждаи мутаҳаррики аслӣ аст, бо ин ҳама дар хотироте, ки баён мешавад, табиат фақат воситаи баёнӣ нест. Балки пас аз хондани шеър он чи дар зеҳн мемонад, ҷуз тасвири зебое аз табиат нест. Дар воқеъ, он чи шоир аз он бо ҳасрат ёд мекунад, танҳо кӯдакӣ нест, балки табиате ҳам, ки дигар аз он ҷудо шуда ва ба фазои шаҳр (ва дар воқеъ, фазои табиат) партоб шудааст, бо кӯдакии ӯ сахт пайваста аст» (9 , 114).

Шеъри «Ба сӯйи қуллаҳо» овони тифлию кӯдакии шоирро ба таври умумӣ дар бар гирифта, қаҳрамони ғиноӣ ба қуллаҳои осмонбӯси диёраш муроҷиат намуда, худро ҳамчун решапайванди ин обу хок, дашту куҳсори диёр шумурда, аз бағали гарми модару оғӯши нарми меҳан шукргузорӣ мекунад, сангу буттаҳои куҳистонро муттакои ҷисми хеш дониста, аз оби чашмасорону гулу гиёҳи домани Ватан қуввату нерӯмандӣ касб намуда, аз уқобонаш сарбаландиву қавиболӣ ва дурпарвозиро омӯхтааст:

Бирафтам тай-таяк, то ки наяфтам
Дудаста буттаҳоро меқапидам
Фитодам,
Хестам, ҳар сӯ давидам.
Ба сӯйи қуллаҳои осмонбӯс
Ба боли орзуҳо мепаридам (6, 164).

Шоир аз зуду бебозгашт рафтани айёми биҳиштосои бачагӣ дар шигифт буда, дар шеъри «Бачагӣ» дар бари талу теппа ва куҳсор, аз роҳи чашмаи деҳа, аз селобҳову сангобҳои диёраш бачагиашро ҷӯё мешавад, дар ҳарири гулрези баҳори хушманзари зодгоҳ дигарбора гулгардониву гулафшонӣ ва рубоихониҳои бачагиашро тасаввур намуда, хаёлан боз ба арғунчакбозию гулчинӣ мепардозад ва рӯйи сабзаҳои баҳорӣ бараҳнапой, гаҳе дар обу гоҳе дар лой, дар кафи по неши хорҳо қадам мезанад:

Бари пайи роҳаҳои дури деҳа,
Лаби он чашмаи машҳури деҳа
Ба пойи қуллаи кофури деҳа,
Шукуфта хандаҳои бачагиям.
Бубинам боз гулгардониҳоро,
Ба васфи гул рубоихониҳоро,
Ба гулханҳот гулафшониҳоро,
Маро гирад ҳавои бачагиам (6, 170).

Дар шеъри «Баҳори бачагӣ» қаҳрамони ғиноӣ аз деҳаи худ пурсон мешавад, ки бачагии зебову дилнишин, ҳамоне ки аз гулу гулхорҳои пуштаҳо баҳри модар гулдастаҳои хоксорона мебаст, дар саҳрову хирманҳо бо даравгарону хирманкӯбҳо ҳамдос буду суруди «Майдаё» мехонд, ҳамоне ки аз шаршараҳои кӯҳистон таронаҳо омӯхта буд, дар дили сангобҳо машқи дарёшиноиҳоро омӯхта, дар сангҳо пешпо хӯрда болоравиҳоро кашф карда буд, куҷо шуд? Шоир тавассути санъати таҷоҳули ориф дар шеър аз ин овони афсонавию накӯ ва писандидаи умр ёдовар мешавад:

Бачагии мо куҷо шуд, деҳи ман,
К-андар оғӯшат чу нахле раста буд?
Аз гулу гулхорҳои пуштаҳо
Баҳри модар дастагулҳо баста буд? (6,172)

Шеъри «Истиқболи бачагӣ» ҷаҳони орзуҳои шоирро нисбати сафар ба деҳа ва дидори зодгоҳ фарогир гашта, дар тахайюли зебову баланд ва фаромӯшнопазири

қаҳрамони ғиноӣ бачагӣ хандакунон бо гулу гулдастаҳо ба пешвозаш мебарояд. Ӯ аз бачагиаш духтари кокулаконаш парешони ҳамсояро, ки дар бари рухсораи чун моҳаш холи зебое дошт, пурсон мешавад, аз бачаҳои ҳамсолаш, ки ҳар нафас бо ҳам дастугиребон шуда, боз пас аз соате «кинафаромӯш» оштӣ мешуданд, аз чанору чашмасори файзбори деҳа ҷӯё шуда, ба «оташи ҳасрат ва муштоқиҳои худ об мепошад»:

Боз барояд сари раҳ пешвоз
Бачагиям хандакунон гул ба даст
Бӯса занам аз лабу рухсори ӯ,
Пурсам аз ӯ: дар гузари мо кӣ ҳаст?
Пурсам аз ӯ духтари ҳамсояро,
Кокулаконаш, ки парешон будӣ.
Дар бари рухсора яке хол дошт,
Дар нигаҳаш ахтари тобон будӣ (6, 174).

Зиндагӣ чун оби равон ва аспи саманди давон даргузар аст. Гоҳо кас аз чӣ гуна ноаён гузаштани даврaҳои ҷолиби умраш дар шигифту ҳайрат мемонад. Шеъри «Дидори тифлӣ» манзараеро инъикос месозад, ки қаҳрамони ғиноӣ ба деҳа по гузошта, дар тарафи муқобили роҳ-рӯ ба рӯ тифлии беғубори худро, ки савори аспаки чӯбӣ, бо тӯдаи тифлакони беғам чун баррaҳои ширмаст дар давутоз аст, мебинад.

Аммо ҳарчанд байни ӯву тифлиаш ду газ масофа мебошад, ба вай дастрас нест. Дигар тифлии қаҳрамони ғиноӣ парвои ӯву ҷаҳон, доғи алами замон надошта, бо барқи нигоҳи шарораборaш дар олами беғубори худ мондааст. Ин қонуни табиат, амри вақту замон аст, ки танҳо пеш меравад ва ба ақиб барнамегардад. Аз он овони ҷолиб танҳо хотираҳои рангин ва беолоишу мусаффо боқӣ мемонаду бас:

Ҳар гоҳ, ки меравам сӯйи деҳ,
Бар кӯчаи он чу мениҳам по,
Дар он сӯйи раҳ бубинам аз дур,
Ман тифлии беғубори худро.
Дар он сӯйи раҳ диёри тифлӣ,
Тифлист чу баррaҳои ширмаст.
Байни ману ӯ ду газ масофа,
Лекин чӣ кунам, намерасад даст (6, 175).

Дар хусуси шеърҳои ба мавзӯи бачагӣ бахшидаи Лоиқ Шералӣ адабиётшинос Ю. Акбарзода чунин таъкид намудааст: «Дар ин қабил шеърҳо Лоиқ танҳо аз барабас тай шудани айёми зебои бачагӣ шикоят накардааст, балки мақсади асосии ӯ таваҷҷуҳ ва бозгашт ба сӯйи арзишҳои маънавию ахлоқӣ ва муқаддасоти аҷдодист, ки тайи солҳои баъди пирӯзии инқилоб аз асари бетафовутию кӯрдилӣ ва манқуртию вандализми мо аз байн рафтааст. Шикоят аз бесамар тай шудани айёми бачагӣ маънои гиристан дар сӯгвории қашшоқии маънавию касодии ахлоқи ҷомеа ва музиру касиф шудани муҳити зисту экология аст, ки ин ҳама дар маҷмӯъ моро аз Худою аз хеш бехабар гардонда, ба фоҷиаву ҳалокати маънавӣ гирифтор кардааст» (2 , 98).

Ҳабибулло Файзулло низ дар шеърҳои ба мавзӯи бачагӣ бахшидаи хеш аз ғановати арзишҳои маънавию ахлоқии ин давраи фаромӯшношудании ҳаёт дар деҳа таъкид карда, ҳамчун барқи чашмони сабзу шодобу беғубори бачагон олами пуртазоду серкина ва рақобатпазири калонсолонро низ поку беолоиш дидан мехоҳад.

Дар шеъри «Орзуи бачагӣ» ҷаҳидану ғелидан ва дорбозиҳои бачагонро дар шохаҳои чанорон ба Тарзани афсонавӣ, аз ҷангалҳои пушта дар пушти худ баҳри алови чагдони модарон ҳезум кашиданҳояшонро ба бурлакони сарзамини Рус ташбеҳ дода, аз бӯйи гулхорҳо чун булбулон шайдову маст гардидани бачагонро ёдовар гардида, дар ёду хаёлот ва таассуроти фараҳбахши он айём мудом ғарқ будани ҳар як фарди равшанзамирро тараннум менамояд:

Мо зи ҷангалҳои пушта боз андар пушти хеш,
Ҳезуме баҳри алови нони модар мекашем
То кунун бори гарони бачагӣ чун бурлакон,
Мо ҳама ҳамсолҳо якҷо баробар мекашем (6, 179).

Шоир дар шеъри «Таронаи тифлӣ» мақдами барфи нахустинро дар рӯйи замин ба оғози афсонаҳои тифлӣ монанд месозад ва мурғи хаёли ӯ боз ба деҳа парвоз мекунад. Ӯ дар саҳифаҳои дафтари зимистон таронаҳои тифлии худро навишта мебинад, ки ин нигоштаҳои ҷолиб аз даврони муассиру қудсии бачагӣ нақлҳо мекунанд.

Бо боридани барфи нахустин дар деҳа бачаҳо ба хонадони якдигар «номаи барфӣ» мебурданд, муждаи барфи аввалро ҳамчун «сафедии мурод» ва «рахшон чу нигоҳи тифли навзод»-у «покиза чу ҳусни бомдод» ба дӯстон мерасонданд. Аз шом гирди сандалиҳо давра ороста, аз забони пирони рӯзгордида қиссаву ривоятҳои далерию ватарпарварӣ мешуниданд ва рӯзона аз барф пайкараҳои аҷоибу ғароиб сохта, ба он ҳайкалҳои барфӣ бо лаҳча абрӯвону бо пунбадона «дандонҳо» мегузоштанд. Шоир тавассути тахайюли ҷозиб ва мавзӯи ҷолиб расму ойин, урфу одат ва анъанаҳои накӯи миллиро бо самимияти хос ва ҳақиқати кул тасвир кардааст:

Барфе, ки нахуст бар замин рехт
Оғози фасонаҳои тифлист.
Дар сафҳаи дафтари зимистон,
Бинвишта таронаҳои тифлист.
Эй барфи нахуст, ту маро бар
Аз нав ба фасонаҳои тифлӣ,
То гӯш кунам садои худро,
Дар авҷи таронаҳои тифлӣ (6,177).

Дар шеъри «Шаби ошуфта» қаҳрамони ғиноӣ тавассути муколама бо моҳу дарё роз гуфта, аз онҳо бачагии гумгаштаи худро пурсону ҷӯё мешавад. Тасвири манзараи табиат дар ин шеър ончунон пурнафосату малеҳ ва табииву дилрас ҳаст, ки хонанда пеши рӯйи худ дар як лаҳзаи ҳассос омезиш ёфтани «шири нурҳои ширмаҳтоб» ва «шири мавҷҳои дарё»-ро баръало эҳсос мекунад ва ҳаловат мебарад. Қаҳрамони ғиноӣ аз посуххои безабони моҳу дарё ба хулосае меояд, ки бачагии варо мавҷи дарё «ба сайри баҳри нопайдои дунё» бурдааст ва он дигарбора барнамегардад:

Ту гӯйӣ, ҳамраҳи мавҷаш бибурдаст
Ҷавонии маро бар сайри дунё,
Ба он сайре, ки дигар боз н-ояд,
Аз он паҳноӣ бепаҳнои дарё (6 , 172).

Шоир дар шеъри «Санҷиш» аз бачагиҳову асптозиҳои худ, пушти дашти фароху пушти аспи бараҳнае дар пойгаҳ бо муроди ғалаба саф кашиданҳояшро ёдовар шуда, таъкид сохтааст, ки ҳар як шаҳсавори баномус аз санъату азми асптозиҳо ва аз зарби қамчину дави саманду сарфарозиҳо дар роҳи сабқат бурд, ғалаба, музаффариятро таманно мекунад. Хулосаи ниҳоии адиб дар ин шеър он аст, ки зиндагии ҳамарӯзаи одамон низ шабеҳ ба ҳамон пойгоҳи асптозон аст ва дар ин сабқату озмун дигар фарқе байни хурду калон нест. Зиндагӣ худ озмоиш ва санҷиши ҷиддиест, ки ҳамчун пойгоҳи тақдир заифону сустниҳодонро намепазирад:

Бачагиҳову асптозиҳо
Мерасад доимо ба ёди ман,
Пушти аспи бараҳнаву даште,
Бурд аз ин пойгаҳ муроди ман.
Зиндагӣ пойгоҳи тақдир аст,
Орзу аспи бодпои мост.
Бурдаву бохтҳо дар ин санҷиш
Ҳар нафас имтиҳон барои мост (6 , 173-174).

Чунонки адабиётшинос Х. Шарифзода менигорад, «рукни хеле бузурги фарҳанги мо забони мост. Забон ба сари худ рукни муҳимтарини фарҳанги миллӣ мебошад. Вақте забон бори бештар аз ҳазору садсолаи фарҳангиро ба дӯш дорад, доираи таҷассуми фарҳангӣ, маънавӣ ва ҳунарӣ дар он аз ҳудуди ҳар гуна тахмину шумури хаёлӣ бузургтар аст. Ба иловаи рукни муҳимтарини фарҳанги миллӣ будан обу гил ва хишти девори навъи сермаҳсултарини фарҳанги миллӣ-адабиёти бадеӣ, яъне шеъру наср ҳам ҳаст. Арзиши сухан дар адаби форсӣ ва тоҷикӣ аз ҷиҳати шакли зоҳир (вазн, қофия, санъат) ва ифодаи завқиёти зеҳнӣ низ хеле бузург аст» (7 , 193).

Ҳабибулло Файзулло бо ҳамин гуна ифодаи бузурги завқиёти зеҳнӣ арзиши сухан, вожаю калимотро дар ашъораш басо баланд шумурда, пайванди инсону замин, пайванди инсону табиат ва пайванди инсону Ватанро бо дилбастагии хоса тасвир намудааст.

Шоир дар шеъри «Бачагии ҷовидон» иброз медорад, ки ниҳоди шоиронаи ӯ обшори аёну ошкорест, ки барои дӯстон ягон ганҷу лаъли ноаён, яъне рози пӯшида надорад ва поку бекина мебошад. Қаҳрамони ғиноии шоир таҷассумгари ниҳоди беолоиши худи Ҳ. Файзулло буда, тамоми умри кӯтоҳи худ ӯ кӯдаквор одиву сода ва дилсофу накӯкор зистааст. Ҳамин маъниро дар шеъраш чунин ифода намудааст:

Додааст бар ман табиат бачагии ҷовидон,

Дар хаёлам, ин ки бошанд одамон монанди ман.
Бачагиамро кунам тақсим бар пиру ҷавон,
То ҳама монанд шӯху меҳрубон монанди ман (6 , 170).

Аз тадқиқи шеърҳои дар мавзӯи бачагӣ иншонамудаи Ҳабибулло Файзулло бармеояд, ки ӯ бо диди тоза, таркибҳои зебову дилнишини ибораорой, эҳсосоти барҷастаи нигорандагӣ, бо баёни латифи маъно, ҳолат ва лаҳзаҳои ҷолибу рангоранг дар ин маром сухансарой намудааст. Ӯ лаҳзаҳои ошнову фаромӯшношудании овони бачагиро бо ҷилваҳои равшан, дар ҳавои суннату ойинҳои мардумӣ, дар авчи зебой, шевой, балоғат, назофат ва рангорангии шеър тасвир намуда, андеша ва тахайюли зебои шоиронаи худро бо дарунмояи пурғановати фалсафӣ такмил додааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Акбарзода Ю. Кардааст парвозҳое дар ҷаҳони розҳо / Ю.Акбарзода //Таҳқиқи шеър аз дидгоҳи нав.-Душанбе: Адиб, 2004.-С.90-104.
2. Акбаров Ю. Шеъри эҳсос ва тафаккур / Ю. Акбаров. -Душанбе: Ирфон,1985.-240 с.
3. Қаноат М. Меҳри сипеҳр / М. Қаноат - Душанбе: Адиб, 2007.- 376 с.
4. Собир Б. Гули хор / Б. Собир. - Душанбе: Ирфон, 1978.- 128 с.
5. Собир Б. Аз Ватан вақте ки мерафтам/ Б. Собир. - Душанбе: Садои Шарқ, 1999.- 32 с.
6. Файзулло Ҳ. Куллиёт / Ҳ Файзулло -Душанбе: Бухоро, 2011.-512с. 7.Шарифзода Х. Асолат ва хурофоти фарҳангӣ / Х. Шарифзода. //Сездаҳ мақола.-Душанбе: Офсет-Империя, 2013.-С.188-201
8.Шарифов Х. Сухан аз адабиёти миллӣ / Х. Шарифзода -Душанбе: Пайванд, 2009.-476 с.
9.Шеърдӯст А. Дарунмояи шеър / А. Шеърдӯст //Чашмандози шеъри имрӯзи тоҷик.-Душанбе: Адиб, 1997.-С. 71-125.
10. Шералӣ Л. Марди роҳ / Л. Шералӣ - Душанбе: Ирфон, 1978.- 232 с.
11. Шералӣ Л. Хонаи дил / Л. Шералӣ - Душанбе: Ирфон, 1986.- 464 с.

ОТРАЖЕНИЕ ТЕМЫ ДЕТСТВА В ТВОРЧЕСТВЕ ХАБИБУЛЛО ФАЙЗУЛЛО

Автор в своей статье знакомит с темой детства в творчестве Х, Файзулло. В его стихотворениях воспеваются красота беззаботного детства на фоне деревенского пейзажа. С помощью этих строк отражён период невозвратного жизненного пути человека.

Ключевые слова: поэт, творчество, тема, стихотворение, детство, игры, природа, гордость, деревня, обятия матери, мечты.

DEFLECTION OF YOTH THEME IN CREATIVE WORK OF HABIBULLO FAYZULLO

The author in his article introduces the theme of youth in creative work of H. Faizullo. The careless beauty of youth in village landscape is describing in his poems. With the helping of these lines are reflect the period of unreturning life way of humanity.

Key words: poet, creative work, theme, poem, yoth, games, nature, pride, village, mother embrace, dreams.

Сведения об авторе: ***Н.С. Шамсов*** – соискатель кафедры таджикской литературы Таджикского государственного педагогического университета им. Садриддина Айни

РОМАНИ МАҒРИБ ВА ТАЪСИРПАЗИРИИ ОН БА АДАБИЁТИ УРДУ

Ҷ. Холов
Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон

Дар олами адаб жанри роман хеле дер арзи вуҷуд кардааст ва он ҳам пас аз жанрҳои маъмули ҳамосавӣ, драмавӣ ва лирикавӣ. Қатъӣ назар аз ин, роман хонандагону ҳаводорони зиёдеро дорад. Роман дар шакли имрӯзааш таърихи пайдоиши дусадсоларо дорад. Нахустроман дар таърихи адабиёти ҷаҳонӣ асари машҳури Ричардсон «Памела» ба ҳисоб меравад, ки он соли 1742 ба табъ расидааст. Вале решаҳои роман баробари такомули шуури инсоният сабзида, донаҳои он дар устураҳо, афсонаҳо ва ҳикоятҳо дар ҳахми гуногун ба чашм мерасанд. Ин ҳама такмилҳо дар жанри роман ва инкишофи таърихии он тақрибан дар ҳамаи адабиёти ҷаҳонӣ яксон аст.

Дар муқобили осори мансури пешин дар роман характер мақоми муҳиммеро дорост. Ҳама гуна амал ифодакунандаи характер ва ё худ нишондиҳандаи рафтори қаҳрамон мебошад. Аммо дар асарҳои мансури то давраи роман услуби ҳикоя – нақлкунӣ истифода мешавад. Дар онҳо сохтор ва шакле, ки дар роман мавҷуд аст, дида намешавад.

Чунин муносибат ба рӯзгор ва адабиёт дар натиҷаи муносибат бо ҷаҳони мағрибӣ дар Ҳиндустони садаи XIX равшан намоён мегардад ва мутаносибан жанри роман низ ба адабиёти Ҳинд ворид мегардад.Дар маҷмӯъ нигоҳ афканем, маълум мешавад, ки роман дар натиҷаи нигоҳи реалистӣ ба зиндагӣ ба вуҷуд омадааст ва бо мурури солҳо доираи фарогирии роман хеле васеъ мешавад. Ақидаи он, ки адабиёт

бояд зиндагиро мунъакис кунад, рӯз аз рӯз меафзояд. Реализм нисбат ба давраи Ҷейн Остин бештару беҳтар мавриди истифода қарор мегирад. Камбудиву душвориҳои рӯзгор ба пуррагӣ тасвир карда мешуд. Дар осори Дикенс зулмоти иҷтимоӣ зуҳур кард. Дар реализми Теккер сӯзу гудози камбағалони ҷомеа ҳувайдо гашт ва ба ҳамин минвол инкишофу баррасии воқеии зиндагӣ дар таълифоти Ҳардӣ, Элиот ва Ҳекслӣ низ ҷой пайдо кард.

Зуҳуроти демократӣ манбаи тасвири рӯзмарраи адибон гардид. Ҳама гуна норасоиҳо ва мушкилоти зиндагӣ ва носомониҳои ҷомеа аз назари адибони ҳақиқатнигор дур наемонд. Акнун дар жанри роман ташаккули «характер» ва консепсияи куллияти он мукаммал гашт ва дар роман мафҳуми фард мақоми асосиро ишғол кард. Дар баробари муҳим будани «қаҳрамон» нависандагон инро ба хубӣ дарк намуданд, ки тақсимбандии персонажҳо ба хубу бад ғалати маҳз будааст.

Дар тӯли солҳое, ки роман такомул меёфт, унсурҳои гуногуне ин жанри адабиро думболагирӣ мекарданд ва дар натиҷа роман ба худ чизи аз ҳама асосӣ ва муҳимро қабул карду аз унсурҳои номатлуб бегона гашт. Вақте ки Ричардсон романи «Памела» - ро менавишт, ҳанӯз намедонист, ки ӯ дар адабиёт шакли наву тозаеро офарид ва ин асар дар адабиёти ҷаҳонӣ табаддулоти назаррасе хоҳад кард.

Албатта, роман ҳамчун жанри такомулёфта аслан, дар Англия пайдо шудааст. Тасвирҳои ҷолиби Ҷейн Остин ҳамто надоранд. Филдинг, Смоллет, Стерн, Скотт, Диккенс, Теккер, Ҷорҷ Элиот, Эмили Бронте, Мередит, Ҳарди, Уэллс, Арнолд Беннетт ва Голсуорси аз беҳтарин романнигорон ба ҳисоб мераванд ва махсусан, тайи солҳои баъдӣ Дэвид Ҳерберт Лоуренс, Олдос Ҳаксли, Вирҷиния Вулф ва Ҷеймс Ҷжойс дунёи романро чароғон карданд.

Ҳарчанд ки заминаҳои пайдоиши роман дар Англия ба миён омада бошад ҳам, такомули он дар минтақаи аврупоӣ бештар ва беҳтар ба назар мерасад. Масалан, афкори Диккенсро Балзак тарвиҷ бахшидааст. Рӯзгори занонро касе ба мисли Мадам Бовари мавриди таҳқиқ қарор надодааст. Таърихнигории Волтер Скотро Александр Дюма дар романҳояш идома бахшида, ба он шукӯҳу шаҳомати тоза бахшидааст. Д.Н.Лоуренс ба таҳлили бошууронаи афкор машғул шуда бошад ҳам, тафаккури маънавӣ дар таълифоти Марсел Пруст хеле ба пояи баланд расидааст.

Илова бар ин, роман дар Россия аз ҳама хубтар ба нуқтаи мунтаҳо расидааст. Ин ақидаро Е.М. Форстер чунин арзёбӣ намудааст: «Ҳеҷ як нависандаи англис чун Толстой бузург нест, ки ҳаёти инсонро ҳам аз лиҳози ботинӣ ва ҳам аз лиҳози зоҳирӣ васеъ арзёбӣ намудааст. Ҳеҷ як нависандаи англис ҳастии инсонро чуқуртар чун Достоевский наомӯхтааст. Ҷейн Эйр, Ричард Феверал ва Кранфорд кӯшкҳои хурдеро мемонанд дар муқобили «Ҷанг ва сулҳ» ва ё худ маҷмӯаи «Бародарон Карамазовҳо» (4,124).

Сужет, характер, услуби нигориш ва нуқтаи назар ва ё фалсафаи муаллиф аз қисматҳои таркибии роман ба шумор меравад. Ин ҳама қисматҳо дар алоҳидагӣ вуҷуд дошта наметавонанд ва дар ҳамбастагии зич ва бо ҳам алоқаманд романро қимат ва қадр мефизоянд.

Сужет хати алоқаманди ҳодисот аз ҷиҳати баргузории воқеот ва маънои мантиқии он мебошад. Ҳодиса бояд чунин ба хонандаи миёнафаҳм пешниҳод гардад, ки ҷаҳони ботинӣ ва мафкураву ҳастии ӯро фарогир бошад. Доираи мавзӯъ низ асолат дошта бошад, вале ин маънои онро надорад, ки қаҳрамони асар ҳатман дар рӯзгори воқеӣ прототипи худро дошта бошад. Чунин воқеаву ҳодиса метавонад дар зиндагӣ ҳар замон ба вуқӯъ пайвандад.Маълум аст, ки реализм ин сифатнигории нисбӣ мебошад. Муаллифи асар ҷараёни воқеаву ҳодисотро дар пояи баланди воқеият бо назардошти талабот ва қонуниятҳои ҷории ҷомеа бояд тасвир намояд, ки воқеияти амалро хонанда аз тасвири адиб эҳсос намояд. Яъне дар баробари тачрибаи шахсии худ, назорат аз рафти ҳодисот ва асолати муҳити атроф муаллиф бояд, ба он ҳама диди инфиродии хешро илова кунад. Таассуроти хонанда аз асар ва қабули силсилаи ҳадафҳои пешниҳодшаванда бо истеъдоди нигориши муаллиф бевосита алоқаманд аст. Масалан, «Робинзон Крузо»-и Даниел Дефоро мардум ҳамчун қаҳрамони зинда пиндоштанд ва ҳатто хонандаи қаторӣ кӯшиши бо Робинзон вохӯрданро мекард.

Ҳамин мактаби адабии мағрибӣ дар олами адаб таҳаввулоти бузургеро ба вуҷуд овард. Адабиёти урду низ дар ин ҷода истисно нест. Иртибот бо адабиёти англис решаҳои чуқур ва таъсири амиқу возеҳеро ба адабиёти урду расонидааст. Дар натиҷаи таъсирпазирии фарҳанги аврупоӣ ғояҳо ва нигоҳҳои тозае ба зиндагӣ ворид гашта, консепсияи наву пургановати афкори гаронмояе ба вуҷуд овард. Фикрронии

асоснок ва нигоҳи чуқур ба чараёни зиндагӣ дар қонунияти ахлоқи ҳамидаи инсонӣ тағйироти назаррасеро ворид кард. Бархе аз муҳаққиқин ин давраро давраи ренессанси урду меноманд ва чунин ақида пояи воқеӣ дорад. Зеро мухтасаран гӯем, иртибот бо фарҳангу адабиёти аврупоӣ дар адабиёти урду ба он оварда расонид, ки мо таъсирпазирии давраи ренессанси мағрибиро баръало эҳсос менамоем.

Робитаи ҳамаҷониба бо дунёи мағрибиён маҷмӯи ғояҳо ва афкори навро овард. Ҷойи ҷаҳони афсонавиро зиндагии пур аз моҷарои Ҳинд, ишқи ҷононаро ишқу муҳаббат ба сарзамин, ситоиши осмониро тасвири табиати пурфайзу зебои Ҳинд иваз намуд. Ин хаҳон адабӣ адибонро водор кард, ки ба зиндагӣ ва моҷарои он воқеъбинона баҳо диҳанд. Махсусан, барои чунин тасвир ва ибрози ақида майдони насри адабӣ хеле қулай буд. Тавлиди наср ва шуҳрати он дар як муддати кӯтоҳ дар саросари Ҳинд нишондиҳандаи самароти заҳмати адибон аст. Ба ин равия ҷараёни Саид Аҳмадхон такони иловагие бахшид. То таъсисёбии Коллеҷи Форт Уилям насри адабие, ки ба забони урду мавҷуд буд, бештар характери динӣ дошт: «Меъроҷ – ул - ошиқин», «Ҳидоятнома», «Калимот – ул - ҳақоиқ», «Мифтоҳ –ул - хайрот», «Даҳ маҷлис» ва ғайра.

Коллеҷи Форт Уилям ба таълифи осори ба ҳакиқат наздик замина гузошт ва асари машҳури ин давра бемуҳобо «Боғу баҳор» - и Мир Амони Деҳлавӣ ба шумор меравад. Сужети «Боғу баҳор» хеле номуназзам аст. Мавзеи ҷараёни ҳодисот ба як маънӣ Костантинопол аст, вале урфу одат, хулқу атвор ва тариқаи суҳбати онҳо бештар атрофи Деҳлиро мемонад. Дар асар зани фаъоле дида намешавад, ба ҷуз аз шаҳзодахонуми Димишқӣ. Ин зан ҳамчун шахсияти номатлуб ва номуайяне тасвир ёфтааст. Симои дигари «Боғу баҳор», ки бештар мавриди таваҷҷуҳи хонанда метавонад қарор гирад, Хоҷаи сагпараст мебошад. Қаҳрамони асар таърихи зиндагиашро нақл мекунад ва аз ҳикояти ӯ танҳоӣ, пафоси зиндагии инсонӣ бурун меояд. Азобу уқубатҳо қаҳрамонро думболагирӣ мекунанд ва Хоҷаи сагпараст аз бародарони сарватмандаш низ азият мебинад. Рафиқу ҳамдами доимӣ ва дӯсти вафодораш танҳо сагаш буду бас.

Албатта, дар «Боғу баҳор» лаҳзаҳое вомехӯрад, ки ба романи имрӯза шабоҳат доранд. Масалан, ҳангоми хайрухуш хоҳари Хоҷазода мегӯяд, ки «Эхтиёт шав, туро ба худо месупорам, азизам. Зуд-зуд пайғом фирист. Умедворам, ки тез ба дидорат бирасам» (5,21).

Ҳамчунин дар ин асар меҳру муҳаббати инсонӣ, ки асолат дорад, ба романнигории реалистӣ далолат мекунад. Раванди суҳбати бародару хоҳар дар ҳамин равия идома ёфтааст. Хоҳараш ба ӯ мегӯяд: «Ту нури чашмони ман ва нишони ҳастиву дурру гавҳари волидайни ман ҳастӣ. Аз рафтани ту ҷигарам хуноб шуд. Вақте ки туро мебинам чаман – чаман мешукуфам. Ту маро ба воя расонидӣ. Охир мардонро худованд барои гаштан офаридааст ва дар хона нишастану бекор хобидан аз хислати мардон набувад. Мардеро, ки бандии хона аст, тамоми оламиён таъна мезананд. Хусусан, мардуми ин шаҳр ба ин кор устухон надоранд. Мегӯянд, ки молу давлати падарашро ба бод доду ба як пора нони хоҳараш зор шуд» (5,36).

Дар иқтибоси боло ахлоқи иҷтимоии аҳли мусулмони Деҳлӣ низ ба назар мерасад ва ин тарзи рафторро дар кодекси ахлоқи ҳиндӣ ҳам мушоҳида кардан мумкин аст. Чунин нуқтаҳои ҷолиби таваҷҷуҳ дар «Боғу баҳор» кам нестанд. Дар ҳақиқат суҳбати дуҷониба – диалог миёни дарвеши дувум ва фақир воқеънигорона ва реалӣ сурат мегирад. Масалан, дарвеш мегӯяд, ки «Гӯш кун, эй бародар. Ту чи гуна фақирӣ, ки ҳаргиз аз маънои се ҳарф «фқр» хабар надорӣ. Охир фақир бояд аз рӯйи ҳамин се ҳарф амал намояд» (5,58).

Фақир дар ҷавоб мегӯяд: «Хеле олӣ, донои ман, ту худат бигӯ, ки аз ман чи хатое сар зад?» (5,58).

Ҳамин гуна сифатҳо ва тарзи зебои нигориш «Боғу баҳор» - ро дар Ҳинд машҳур гардонид ва бесабаб онро «аввалин асари мансури классикӣ» (6,18) намегӯянд.Асари дигар «Ороиши маҳфил» аз рӯзҳои аввали таълифаш дар байни аҳли адаб машҳур гашт. Ин асар барои фаҳмиши хонандаи одӣ мушкилӣ дорад, зеро бо сабку услуби хоса таълиф гаштааст ва барои фаҳмидани маънии асл бояд асарро ду-се маротиба хонд. Муҳтавои асосии ин асар ба сурати зайл аст. Ҳусниябону духтари тоҷирест, ки сармояи зиёдеро дорад. Ба хотири шавҳар кардан ӯ миёни хостгорон шарте мегузорад, ки агар касе ҷавоби ҳафт саволи духтари савдогарро дарёбад, ӯро ба занӣ хоҳад гирифт.

Миёни даъвогарон писари камбағале бо номи Мунир ошиқи зори Ҳусниябону гашта буд ва худро дар ҳеҷ сурат бидуни ӯ тасаввур карда наметавонист. Аз ин қисса

Ҳотами Той бохабар буд ва барои ҳалли ин муаммо ба кӯмаки Мунир меояд ва барои дарёфти ҷавобҳо ба саволи Ҳусниябону кӯшиш менамояд. Ҳотам ҳафт маротиба ба сафар мебарояд ва зимни ин сафар бо деву қувваҳои аҳриманӣ дар набард мешавад, дар бешаҳои анбӯҳ раҳгум мезанад, бо паррандаҳои забони одамиро мефаҳмидагӣ вомехӯрад, ки барояш дар ҳалли мушкилот кӯмак мерасониданд. Ҳотам муваффақ мешавад ва ҷавоби саволномаи Ҳусниябонуро меёбад ва Мунир имкон пайдо мекунад, ки бо дӯстдоштааш арӯсӣ кунад.

Миқдори ҳодисаву лаҳзаҳои мухталиф дар асар хеле зиёд аст, ки ин ҳусни сужети асарро каме коҳиш додааст. Мир Шералӣ Афсӯс танҳо дар қисматҳои охири асар ба ин норасоӣ хотима бахшидааст. Хилофи ин дар «Боғу баҳор» - и Мир Амон гузориши воқеот ва ҷараёнгирии онҳо пай дар пай, пайгир ва бо риояи таносуб оварда шудааст. Ҳамин таносуби пайгирона дар «Ороиши маҳфил» риоя нашудааст ва Афсӯс бештар ба нақли таассуроти қаҳрамонҳояш пойбанд гаштааст.

«Тота каҳанӣ» (Ҳикояти тӯтӣ) асари дигари тарҷумавиест, ки дар байни осори тарҷумавии Коллеҷи Форт Уилям мақоми хосаеро дорад. Дар ин асар услуби нигориши ҳикоёт бо пайдарпаӣ ва оғозу анҷоми амиқ мавриди истифода қарор гирифтааст. Ҳикоятҳое, ки аз тарафи тӯтӣ ба Хуҷиста нақл карда мешаванд, ба хотири пешгирӣ намудани мулоқоти зани соҳибхона - Хуҷиста бо маъшуқааш оварда шудаанд. Усули равоние, ки тӯтӣ барои нигаҳдории зани хӯҷаинаш истифода мебарад, воқеан ҷолиб аст. Тӯтии вафодор ба соҳибхона майлу рағбати Хуҷистаро тавассути ҳикоёти аҷоибу ғароиб мешикаст, ӯро маҷбур мекард, ки аз олами ҳавову ҳавасҳо ба олами ширини ҳикоёти дилнишин муддате кӯч банда ва ин кӯчбандӣ сабаб мешавад, ки то омадани соҳибхона Хуҷиста аз дидорбинӣ бо маъшуқаш маҳрум гардад.

Тӯтӣ дар гуфтугӯ бо Хуҷиста хеле ором ва тибқи кайфияти рӯҳии ӯ рафтор мекунад. Ҳеҷ гоҳ намегуфт, ки ба дидорбинӣ нарав, баръакс далолат ба рафтан мекарду талқин мекард, ки «агар дар вохӯрӣ таъхир кунӣ ва ин боиси хашми маъшуқ гардад, дар ин сурат кореро анҷом деҳ, ки ба фалонӣ рух дода буд…» ва ба нақли қиссаи тозае сар мекард. Ҳамин тавр, барои рӯзи дигар тариқаи дигари бездошти хотири Хуҷистаро дармеёфт ва ҳикояти мувофиқеро оғоз менамуд.

Ҳайдарбахш бо забони содаву равон «Тота каҳанӣ» - ро офаридааст. Дар фарҷоми асар, яъне бо наздик омадани вақти бозгашти соҳибхона тӯтӣ ба Хуҷаста тариқаи муносибат бо шавҳар ва роҳҳои пешгирии камбудиҳоро нишон дода, бо ҳикояте фикрашро тақвият медиҳад.

Ҳамин тариқ, ба ақидаи Суҳравардӣ «Боғу баҳор», «Ороиши маҳфил», «Қиссаи Лайлӣ ва Маҷнун», «Гули Баҳаолӣ»-ро аз аввалин нишонаҳои жанри роман дар адабиёти урду номидан мумкин аст» (6,25). Ба ғайр аз таълифоти дар Коллеҷи Форт Уилям баанҷомрасида, инчунин як қатор тарҷумаҳои хуб пас аз таъсиси Навал Кишор Прес дар Лакҳнав ба хазинаи адабиёти урду ворид гашт. Ин ҷо метавон «Достони Амир Ҳамза», «Бӯстони хаёл», «Тилисми ҳушрабо», «Нӯшервоннома» ва ғайраро ном бурд.

«Фасонаи аҷоиб» ба ақидаи адабиётшинос Суҳравардӣ «бо сабаби душвории забон наметавонад мақоми «Боғу баҳор» - и Мир Амонро паст занад, ҳарчанд ки ин асар аз «Фасонаи аҷоиб» солҳо пеш таълиф гаштааст» (6,27).

Ин ҷо, албатта, таъсири бевоситаи садорат ва аҳдофи Коллеҷи Форт Уилям низ ҳаст, зеро коллеҷ ба осори омафаҳм, сода ва равони урдузабон ниёз дошт. Аз ин хотир, Мир Амони Деҳлавӣ аз доираи талаботи Коллеҷи Форт Уилям берун набаромадааст.

Ин ҳама қадамҳои нахустини романнигорӣ ва умуман, таълифи насри пурсамар дар адабиёти урду мебошад, ки ба он омилҳои тозаи адабиёти мағрибиён таъсири бевосита расонидааст, ки минбаъд ба ҳайси муҳаррики пешбарандаи насри нафису чолиб ва чадиду комили адабиёти урду хизмат кардааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Zikriyo Shagufta. Urdu nasr ka irtiqa aghaz se 1857 tak.-Лахор, 2004. -85с.
2. Мир Амман. Сад и весна. Под редакцией В. М. Бескровного,М: Издательство восточной литературы, 1962. -248с.
3. Сухочев А.С. От дастана к роману: из истории художественной прозы урду XIX века / А.С. Сухочев -М: Наука,1971.-245с
4. Forster E.M. Aspects of the novel. London, 1927.-224p.
5. Mir Aman. Baghu bahar.-Karachi, 1957. -212c.
6. Suhrawardy Shaista Akhtar Banu (Begum Ikramullah). A Critical Survey of the Development of the Urdu Novel and Short Story. London: Longmans, Green and Co., 1945.

7. www.iqbalcyberlibrary.net

ЗАПАДНЫЙ РОМАН И ЕЁ ВЛИЯНИЕ НА ЛИТЕРАТУРУ УРДУ

В данной статье анализируется становление западного романа и её влияние на развитие прозы урду. Наш анализ направлен на выявление источников влияния английского романа на литературу урду, а также их пути проникновения в индийское общество. Основным центром распространения западной культуры, в частности литературы, в Индии является колледж Форт Уилям.

Ключевые слова: Запад, творение романа, характер, развитие романа, европейская культура, литература урду, влияние.

THE WESTERN NOVEL AND ITS INFLUENCE ON URDU LITERATURE

This article examines the development of the Western novel and its influence on the development of Urdu prose. Our analysis aims at identifying sources of influences of the English novel in Urdu literature as well as their entry into Indian society. The main center of the spread of Western culture, particularly literature, in India is the College of Fort William.

Key words: West, the creation of the novel, the character, development of the novel, European culture, Urdu literature, influence.

Сведения об авторе: ***Д. Холов*** **–** кандидат филологических наук, проректор по учебной работе Педагогического института Таджикистана. Телефон: **927-59-54-74**

АФКОРИ АХЛОҚИЮ ДИДАКТИКИИ ҶОМӢ

Шокириён Муҳаммадюнус
Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмати Тоҷикистон

Аз таърихи адабиёти тоҷик ба мо маълум аст, ки дар адабиёти классикӣ Абдураҳмони Ҷомӣ ҳамчун як шахсияти маъруф ва машҳур шинохта шудааст. Мо дар шахсияти ӯ олим, файласуф, мутафаккир, ориф ва адиби забардастро эҳсос мекунем. Ӯ дар осмони паҳновари илму адаби форсу тоҷик яке аз ситораҳои дурахшон буда, бо андешаҳои олӣ, нерӯи тавонои сухан ва дониши доманадор дар фарҳангу адабиёти тоҷик ҳамчун суханвари бузург маълум аст. Маҳбубият ва қаробати Ҷомӣ бо мардуми мо ба дараҷаест, ки гуфтори ӯро одамони синну соли гуногун, ақоиду мафкураҳои мухталиф сарфи назар аз шуғлу пеша дар омолу андешаи хеш ҳамчун панду андарзҳои ҳикматнок барои пешбурди ҳаёти хеш истифода менамоянд. Мардуми суханшинос каломи худро бо дурдонаҳои суфтаи Ҷомӣ зеб медиҳанд.Ҳофизону ромишгарон бо сурудани ғазалҳои диловез ва таронаҳои тарабангези вай ба дилҳо сурур мебахшанд.Муҳаққиқон ва пажӯҳишгарон дар пайи кашфи асрори ниҳонӣ ва маъниҳои пинҳонии каломи муъҷизабаёни Ҷомианд.

Чун шахси пешқадам, мутафаккири инсондӯст ва муаллими ахлоқи ҳамида ва одоби писандида Абдураҳмони Ҷомӣ қабоҳатҳои ҷомеаи ситамгар ва нуқсонҳои маънавии афроди башариро ҳамчун сарчашмаҳои бадӣ, ки ваҳшонияти иҷтимоиро меафзуданд, дарк карда, ӯ бо роҳи насиҳат, тарғиби сифатҳои хуб ва мазаммати хислатҳои бад мехоҳад, ки дар ривоҷи ахлоқи ҳамида ва баркандани решаи ахлоқи разилаи одамон кӯмак расонад. Дар ин роҳ ӯ давомдиҳандаҳои анъанаи инсондӯстонаи Рудакӣ, Фирдавсӣ, Абӯалӣ Сино, Носири Хусрав, Низомӣ, Саъдӣ ва Ҷалолиддини Румӣ буда, аз тамоми эҷодиёти ӯ роҷеъ ба тамоми нуқтаҳои боло метавон мисолҳои барҷаста оварда. Ҷомӣ ба василаи парвардани сифатҳои нек ва барҳам додани хислатҳои зишт дар вуҷуди шахс мехост, ки инсони комилро ба воя расонад. Вай дар ин роҳ, қабл аз ҳама ва беш аз ҳама мувофиқи меъёри ахлоқии аҳли футувват озодии бошууронаи шахсиятро тарғиб мекунад, ки намунаи олии ин фикр дар қитъаи зерин дарҷ ёфтааст:

Ба дандон раҳна дар пӯлод кардан,
Ба нохун роҳ дар хоро буридан.
Фурӯ рафтан ба оташдон нагунсор,
Ба пилки дида оташпора чидан,
Ба фарқи сар ниҳода сад шутур бор,
Зи Машриқ тониби Магриб давидан.
Басебар Ҷомӣ осонтар намояд,
Зи бори миннати дунон кашидан (4, 150)

Дар «Сабҳат-ул-аброр» ҳикояте оварда мешавад, ки дар он ахлоқи аҳли меҳнат ва бо дастранҷи худ туъмаи ночизе ба даст оварда, рӯз гузаронидани ин гӯруҳ ва дар айни замон озод будану аз касе миннат накашидан ситоиш меёбад, аз хизмати шоҳро

карда, дар зери нангу ор бори бандагии рӯҳиро кашидан ба заҳмати сахт тан дода озод будан боло гузошта мешавад. Шиблии Нуъмонӣ дар ҷилди 5-и китоби худ «Шеър-ул-аҷам» чунин нақле меорад, ки фикри дар бораи озодии шахс рондаи моро тақвият медиҳад: «Ҷомӣ ҳикоят мекунад, ки, -менависад, Шиблии Нуъмонӣ,-пире ҳезум мешикаст ва худоро мутталис шукр мекард, ки вайро азизу гиромӣ доштааст. Шахсе, ки дар он ҷо ҳозир буд, эрод карду гуфт:Ин чӣ иззатест, ки худо ба ту дода? Дар ҷавоб гуфт: Кадом иззат болотар аз ин мешавад, ки ман мулозим ва ходими касе нестам».[1] Яъне дар ин ҷо баробари тарғиби ҳазар ҷустан аз мулозимӣ ва навкарӣ ғояи бо меҳнати ҳалол рӯз гузарондан талқин карда мешавад. Айни ҳамин фикр, дар «Ҳикояти он қофилаи ҳоҷиён дурафтода бо он пиразоле дар бодияи қаноат бар қадами таваккал истода», ки дар «Хирандномаи Искандарӣ» дарҷ гардидааст, такрор меёбад. Пиразане, ки дар биёбон бо гиёҳҳои бадмазза ва ҳашарот рӯзашро мегузаронд, ба саволи он ки чаро ба шаҳр, ё деҳе рӯй намеорад, чунин ҷавоб медиҳад:

Бигуфто, ки ҳар ҷой шаҳру деҳ аст,
Яке сифла бар халқ фармондеҳ аст.
Қаноат намудан ба накому ком,
Бад-ин ногувор обу нохуштаом.
Аз он беҳ, ки баҳри шикам бихраде,
Бувад зери фармони ҳамчун х(в) аде (4. 255).

Дар «Сабҳат-ул-аброр» гуфта мешавад:

Нони худ бо тараву дӯг занӣ,
Беҳ, ки аз хони шаҳ оруг занӣ (4, 220).

Ҳамаи ин порчаҳои шеърӣ ва нақли овардашуда туфтори Саъдии бузургвор «Ба даст оҳани тафта кардан хамир, Беҳ аз даст бар сина пеши амир»-ро чун талаби ҷавонмардӣ ба хотир меорад. Ҷомӣ низ мисли Саъдӣ хидмат барои шикам, ҳирс ва ҷоҳ, яъне хидмате ғаразнок дар назди сифлагон ва дунонро аз хизмати халқ, ҳоҷатбарории мардум ва мададгори ҳоҷатмандон буданро тамоман фарқ мекунад, ҳар қадар ӯ хидмати навъи аввалро бо нафрин маҳкум намояд, бо ҳарорати хосе хидмати навъи дуюмро меситояд ва онро беҳтарин ва олитарин сифати инсони ҳақиқӣ мешуморад ва дар бисёр шеърҳояш хидмат кардан ба мардум ва нафъ расонидан ба халқро моияи ҳаёти инсонӣ медонад. Ҳамчун мисол байтеро аз «Чил ҳадис»-и ӯ меорем, ки ҳикмати рӯзгор аст:

Эй, ки пурсӣ, ки беҳтарин кас кист?
Гӯям аз авли беҳтарин касон.
Беҳтарин кас касе бувад, ки зи халқ
Беш бошад ба халқ нафърасон.(3, 576)

Абдураҳмони Ҷомӣ худ дар ин роҳ бузургтарин намунаи ибрат буда, ӯ бо пули худ мадрасаву пул барин биноҳои ҳасана сохта, чандин касро бо дороии худ хононд ва барои пешрафти илм ва эҷодашон кӯмак расонд. Ҳамчунин Алӣ Сафӣ нақл мекунад: «Мефармуданд, ки ба ҳама гадоёну соилон марҳамат мебояд намуд ва луқма аз баду нек дареғ набояд дошт» (2, 358). Мактубҳои Ҷомӣ дар ин бора боз ҳам шоҳиди гӯётар мебошанд:

«Баъд аз арзу ниёз маъзур он чи хидмати Мавлоно Амир Алӣ фақиру аёлманданд ва ба таҳсили улум машғул. Агар, чунончи иноят намуда ваҷҳе шавад, ки ба фароғи бол ва ҷамъияти хотир ба таҳсил машғул тавонанд буд, умед аст, ки муҷиби издиёди давлат ва саодати дуҷаҳонӣ гардад. Тавфиқ рафиқ бод! Алфақир: Абдурраҳмон ал-Ҷомӣ» (2, 358)

Ҳамин тариқ, Абдураҳмони Ҷомӣ таҳаммул кардани бору ранҷи халқро бузургтарин саодати инсонӣ мешуморад, ки ин як навъи некӣ ва накӯкорӣ, ки Ҷомӣ онро бо як шӯру шавқи фавқулоддае ташвиқ мекунад, дар адабиёти форсу тоҷик суннатҳои қадима дошта, нақши боризи онро дар эҷодиёти Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абушакури Балхӣ, Фирдавсӣ, Носири Хусрав, Саноӣ, Низомӣ, Аттор, Саъдӣ ва дигарон мушоҳида намудан мумкин аст. Ҷомӣ дар ин роҳ давомдиҳандаи суннатҳои беҳтарини он классикони тоҷик аст. Ба ақидаи Ҷомӣ, ки ҳамаи хислатҳои неки инсонро дар зери мафҳуми номи нек ҷамъбаст менамояд, барои номи некро гирифтан кас бар замми доштани ҳунару дониш, касбу кор ва қобилияти меҳнатӣ бояд рост, дуруст рафтор кунад. Чи тавре ки Ҷомӣ доир ба хислатҳои зерини неки инсонӣ гуфтааст:

Ростӣ: *Рост рав, рост, ки сарвар бошӣ,*
Дар ҳисоб аз ҳама бартар бошӣ (1, 240).
Покӣ: *Бандаам покраверо, ки дар ин дайри куҳан*

То зияд, пок зияд, чун биравад, пок равад (1, 433).

Сидқ: *Сидқ иксири миси ҳастии туст,*
Пояафрози фурӯдастии туст (1, 240).

Ҳилм: *Ҳилм киштиву ғазаб тӯфон аст,*
Соҳиби ҳилм чу киштибон аст.
Рӯзи тӯфонӣ чу кишти шиканад,
Мавҷи тӯфон ба ҳалокаш фиганад (3, 246).

Сазовори таваҷҷуҳ аст, ки Ҷомӣ забонро ба накуҳиши одат кушода, аз он раҳоӣ ёфтанро саодати ҳақиқӣ мешуморад:

Саодат хоҳӣ, аз одат гузар кун,
Ки тарки одат аст асли саодат (3, 246).

Ҷомӣ дар асари дигари тарбиявию ахлоқии худ-«Баҳористон» тани сиҳат, хотири ҷамъ, рисқи фарох, дӯсти меҳрубон ва фароғатро муҷиби зиндагонии хуш медонад: «Панҷ чиз аст, ки ба ҳар кас доданд, зимоми зиндагонии худ дар дасти ӯ ниҳоданд: аввал сиҳҳати бадан: дуюм, эминӣ; сеюм, вусъати ризқ, чаҳорум рафиқи шафиқ; панҷум, фароғат.Ҳар киро аз ин маҳрум карданд, дари зиндагонии хуш ба рӯйи вай барбастанд. Қитъа:

Ба панҷ мерасад асбоби зиндагонии хуш.
Ба иттифоқи ҳакимони шуҳра дар офоқ.
Фарогу эминию сиҳҳату кифофи маош,
Рафиқи хубсияру ҳамдами накӯахлоқ» (1, 41).

Чун сухан аз рафоқату ёрӣ рафт, таъкид бояд кард, ки Ҷомӣ аз бузургтарин ва фаъолтарин тарғибкунандагони дӯстӣ ва рафоқати самимӣ буда, дар тамоми давраҳои эҷодиаш ин мавзӯъро бо рангу тобишҳои гуногуни марғуб тараннум мекунад ва дар дафтари аввали «Силсилат-уз-заҳаб» фасли калонеро ба ин мавзӯъ махсус гардонда, гаштаву баргашта сидқ тарғиб намуда, ошноиро рӯшноӣ номида (Шуд бар ман он сир равшан,ки бошад. Дар ошноӣ сад рӯшноӣ, 1, 8717), дӯстиро аз бародарии хунӣ боло мегузорад ва дар «Саломон ва Абсол» чунин ҳикояти машҳурро меорад:

Гуфт бо донишваре он содамард,
К-эй ба дониш назди ҳар озода фард!
Боз кун з-ин нуктаи пӯшида пуст,
Ки бародар беҳ бувад ё ёру дӯст?
Гуфт: Набвад пеши доно хеҷ чиз,
З-он бародар беҳ, ки бошад ёр низ (6, 121)

Аммо Ҷомӣ ёреро меписандад, ки на танҳо ҳангоми роҳат шарики айшу ишрат, балки ҳангоми мусибат, тангдастӣ ва мушкилӣ ғамхору мушфиқ бошад. Вай ҳар қадар ёри ғамгусорро ситоиш намояд, ёри бадро чун хасми ҷовидоне, ки аз мори бад ҳам бадтар аст, маҳкум мекунад. Масалан, доир ба ҳирс гуфтааст:

Гар ду олам забару зер шавад,
Дидаи ҳирс куҷо сер шавад? (5, 244)

Андарзҳои Ҷомӣ аксар бо оҳангҳои хитобу нидо гуфта мешаванд, то ки таъсири бештаре дошта бошанд:

Зи оҳандилӣ бугсилу мум бош!
Паноҳи асирони мазлум бош! (1, 28)

Дар китоби «Баҳористон» ҳикояте омадааст: «Искандар яке аз кордоронро аз амали шариф азл кард ва амали хасис бар вай дод. Рӯзе он мард ба назди Искандар даромад. Гуфт: «Зиндагонии подшоҳ дароз бод на мард ба амал бузургу шариф гардад, балки амал ба мард бузург ва шариф шавад, дар ҳар амале, ки ҳаст, некӯсиратӣ мебояд ва доду инсоф» Искандарро хуш омад ва амали вайро ба вай боз дод. Қитъа:

Боядат мансаби баланд, бикӯш,
То ба фазлу ҳунар кунӣ пайванд.
На ба мансаб бувад баландии мард,
Балки мансаб шавад ба мард баланд» (1, 43).

Ҷомӣ, махсусан ба тарбияи фарзанди худ аҳамият дода, барои ӯ «Баҳористон»-у «Фавоиди Зиёия» ва насиҳатномаҳо навишта, дар онҳо на танҳо ҳудуди зарурии фаро гирифтани донишҳои асосии замони худро муайян мекунад, балки ба ин васила як силсила афкори таълимии хешро иброз медорад, ки дар ин бора мақолаи махсуси марҳум А.М. Мирзоев «Абдураҳмони Ҷомӣ ва мавзӯи тарбияи фарзанд» мавҷуд аст (2, 9).

Шоир ба фарзанди худ панд медиҳад, ки аз касабаҳои хасакӣ, ҳунари оразӣ ва илми рӯякӣ дур бошад, ҳунари асилро омӯзад:

Дар ҳунар кӯш, ки зар чизе нест,
Гарчи зар пеши ҳунар чизе нест.
Ҳунаре не, ки диҳад ганҷу зарат,
Ҳунаре аз дилу ҷон ранҷбарат
В-он ҳунар нест насиби ҳама кас,
Баҳраи зиндадилон омаду бас (1, 255).

Андешаҳои пешқадами таълимӣ ва панду ҳикматҳои Абдураҳмони Ҷомӣ бо вуҷуди баъзе маҳдудиятҳои таърихӣ дар ганҷинаи афкори дидактикӣ, ҷамъиятӣ ва эстетикии халқи тоҷик дурдонаҳои рахшонро ташкил карда, ҳанӯз ҳам ба аҳамияти бузурги иҷтимоӣ молик буда, чун зубдаи андешаҳои умумиинсонӣ ва дастури ахлоқи ҳамида барои тарбияи мардум, тараққиёти ҷамъият ва покии замири одамони замони мо кӯмак мерасонанд.

Абдураҳмони Ҷомӣ шоир ва мутуфаккири бузургест, ки тамоми эҷодиёти худро ба васфи инсони комил ва ба манфиати мардум бахшида, дар асарҳои ҷовидонааш инсонпарвариву маърифат ва дӯстиро тарғиб намудааст.Қариб ҳамаи осори ин мутафаккури бузург доир ба масъалаҳи эстетикию ахлоқӣ ва ахлоқию дидактикӣ нигаронида шадааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдураҳмони Ҷомӣ. Баҳористон / Абдураҳмони Ҷомӣ. -Душанбе: Адиб, 1987.-С. 9-10.
2. Абдулғанӣ Мирзоев. Абдураҳмони Ҷомӣ ва мавзӯи тарбияи фарзанд, «Садои Шарқ», 1964, № 12, с. 9-30.
3. Афсаҳзод Аълохон. Ҷомӣ –адиб ва мутафаккир / Афсаҳзод Аълохон. -Душанбе: Ирфон, 1989, с.358.
4. Абдураҳмони Ҷомӣ. Осор. / Ҷомӣ Абдураҳмони. -Душанбе: Адиб, 1988. (384).-Ҷ.1-6. -С. 255.
5. Абдураҳмони Ҷомӣ. Осор / Ҷомӣ Абдураҳмони. -Душанбе: Адиб, 1987. (384). -Ҷ.3.-С. 150.
6. Шиблии Нуъмонӣ. Шеър-ул-аҷам, ҷилди панҷум, тарҷумаи Саид Муҳаммадтақӣ Фахри Доии Гелонӣ / Шиблии Нуъмонӣ. -Теҳрон, 1337 (1953). -С. 172.

НРАВСТВЕННО-ЛИДАКТИЧЕСКИЕ ИДЕИ АБДУРРАХМАНА ДЖАМИ

Изучение творчества Абдурррахмана Джами особенно актуально в современный период, так как в данный период происходит переосмысление прежних ценностей, происходит поиск наиболее оптимальных путей общественного развития. В данной статье автор рассматривает нравственно-дидактические идеи великого Абдуррахмана Джами.

Ключевые слова: Абдуррахман Джами, изучение творчества Абдуррахмана Джами, нравственно-дидактические идеи Джами, человеколюбие, благородство.

MORAL-DIDACTIC IDEAS ABDURRAHMAN JAMI

The study of creativity of Abdurrahman Jami is especially true in the modern period, because this period is reconsidering previous values, is to find the most optimal ways of social development. In this article the author examines the moral-didactic ideas of the great Abdurrahman Jami.

Kev words: Abdurrahman Jami, the study of creativity of Abdurrahman Jami, moral-didactic ideas Jami, philanthropy and generosity.

Сведения об авторе: ***Шокириён Мухаммадюнус*** – преподаватель кафедры предпринимательской культуры и языка Института предпринимательства и сервиса Таджикистана. Телефон: **907-88-12-32.**

ТАСВИРСОЗӢ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ОН ДАР ҒАЗАЛИЁТИ ФИҒОНӢ

О.Ш. Саидҷаъфаров
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Яке аз хусусиятҳои ғазалиёти Фиғонӣ тасвироти наву тозаи шоиронаи ӯст, ки дар шоирони пешину муосири вай, хусусан ҳамасронаш, назири он бисёр кам ба назар мерасад. Нақши тавсиф, ташбеҳоти нав, истиороти бикр, нерӯи тахайюл ва вожаву таркибҳои махсус дар тасвирсозии Фиғонӣ вижа аст. Аммо, агар аз як сӯ, ба василаи ташбеҳоту истиороти нав тасвироти Фиғонӣ мармузу рангин гаштаанд, аз сӯйи дигар, ба василаи нерӯи тахайюли вай ин тасвирот каме мавҳуму тааммулпазир гардидаанд.

Нақши тавсиф (эпитет), истиора ва ташбеҳ дар тасвирсозии Фиғонӣ. Дар тасвирсозии Фиғонӣ тавсиф, истиора ва ташбеҳ мақоми махсус доранд. Агар аз як тараф, дар шеъри Фиғонӣ ташбеҳу истиора дар шоирона тасвир кардани мафҳумҳо ва ашё хидмат кунанд, аз ҷониби дигар, санъатҳои мазкур дар эҷоди тавсифҳои вай

саҳми шоиста доранд. Байти поён далели равшане бар гуфтаҳои болост, чун дар он шоир ишқро бар адиб, лавҳи сабрро бар тахтаи таълим, танро бар нусхаи маломат ва дилро бар дафтари бало шабеҳ сохтааст, ки ҳосили ташбеҳоти мавҳуми вай истиороти бикранд, ё дақиқтар, тавассути истиороти нав шоир ба офариниши ташбеҳоти мавҳум аз як сӯ ва тавсифҳои нав аз сӯйи дигар, даст ёфтааст:

Ишқам -адибу тахтаи таълим- лавҳи сабр,
Тан -нусхаи маломату дил- дафтари бало (1, 89).

Ташбеҳоти боло ҳамагӣ осонфаҳму гуфтанӣ нестанд, ё лоақал, мушкилбаёнанд, чӣ истиороти нав онҳоро бас мавҳум гардонидаанд. Адабиётшиноси даврони шӯравии рус, В. М. Сиделников ба нақл аз таърифи муҳаққиқи аврупоӣ П. Лафарг [1] дуруст қайд мекунад, ки истиора яке аз роҳҳои асосие маҳсуб мешавад, ки ба воситаи он мавҳумот дар андешаи инсон ҷой мегузинад (2, 93). Фиғонӣ дар байти боло аз лавҳ сабр, аз маломат нусхаи шогирдона, аз бало дафтар сохта, ки ин истиораҳо ба воситаи мафҳумҳои ғайришайъӣ ва мавҳуму номалмус ба вуҷуд омадаанд. Ба василаи ҳамин истиороти нав аст, ки ташбеҳоти шоир ҳам дар худ навъе аз ташбеҳоти ғайриҳиссиву мубҳамро қабул мекунанд.

Гоҳо шоир ба василаи як истиора, як ташбеҳ ё анвои тавсиф бар тасвири як байт ё ҳадди ақал як мисраъ даст меёбад. Чунончи дар байти поён мисоли боло ба назар мерасад ва то чи ҳад дар мисраи якум нақш доштани танҳо истиораи равғани дил ва дар дуюм- тавсиф, дақиқтар: тавсифи мутаввал, яъне ширинсухану пистадаҳан дар тасвирсозии шоир баръало ҳис мешавад:

Бас равғани дил марҳами кофури ҷигар сохт,
Маъшуқ, ки ширинсухану пистадаҳан шуд (1, 238).

Ба василаи як истиора тарсими матолиби зеҳнӣ аз хасисаи тасвирсозии Фиғонӣ аст. Чунончи, дар байти поён ҳам ҳамин иддао ба назар мерасад, чӣ шоир ба василаи як истиораи барқи оҳ бар тасвири зер муваффақ гаштааст:

Зи барқи оҳ созам хона равшан,
Тарабгоҳи зарандудам ҳамин аст (1, 154).

Нақши тахайюл дар тасвирсозии Фиғонӣ. Тасвирҳои Фиғонӣ аксаран, тааммулпазиранд ва нақши тахайюл дар онҳо бузург аст, чун тавассути ҳамин хаёлпардозӣ, офаридани образҳои гуногун, боз бо гунаҳое нав ин тасвирҳоро бисёр рангин ҷилва додааст. Дар байти зерин шоир гулҳоро чун инсоне, ки аз майи худ нороҳат шудааст, ба тасвир кашидааст. Иллат он аст, ки гулҳо аз дасти гулъузор май хӯрдани ёреро дида, аз шавқ ва ҳасаду рашк жолаҳоро аз рӯйи худ дарҳам меафкананд:

Ҳар май, ки хӯрда ёре аз дасти гулъузоре,
Гулҳо нисор карда аз шавқ жолаҳоро (1, 88).

Муассирии тасвири боло ба воситаи эпитети гулъузор (дар мисраи якум) ва вожаи гулҳо (дар мисраи дувум) фароҳам омадааст. Бо ин ки вожаи гулъузор аз гул сохта шудааст, аммо аз нигоҳи мантиқ ҳар ду дар тазоди ҳам қарор доранд, ки ин тазод дар навбати худ ба василаи вожаи рашк ба вуҷуд оварда шудааст. Ҳамчунин, бо ин ки сифати гулъузор сохта аз гул аст ва ба дигар маънӣ, гул ҳадди ниҳояти ҳар зебоӣ ва аз ҷумла, ҳар гулъузор аст, гулъузори шоир зеботар аз гул аст, чун мӯҷиботи рашки онро ба бор овардааст. Ин ҷо шоир танҳо бо тавсиф кардани ёр ба унвони гулъузор аз як сӯ бар таъсирбахшии байт афзудааст, аз сӯйи дигар, эпитети зеботи ёрро ба вуҷуд овардааст.

В.В. Томашевский дуруст қайд мекунад, ки воситаи оддитарини баровардани ин ё он сифат ин ном гирифтани он аст, чун ба василаи он вожаи сифатшуда таъсирбахшии суханро фароҳам меовард (3, 200).

Бо ин ки кушоиши маонии баъзе аз тасвирҳои Фиғонӣ бар асари нерӯи тахайюли вай тааммулталаб аст, истифодаи хуби истиорот ва ҳамчунин, вуҷуди санъати ташхис тасвироти ӯро бисёр рангину ҷаззоб ҷилва додаанд:

Боз бо мурғи саҳархон ғунча аҳди тоза баст,
Дафтари гулро ба унвони вафо шероза баст (1, 157).

Яъне: ғунча бо мурғи саҳархон аҳди тозае баст ва ин аҳдномаи худро дар дафтари гул навишта, аз он вафономае шероза кард. Истиороти дафтари гул ва шерозаи вафо бар асарбахшии байт афзудаанд. Иллати тааммулталабии байт истиораи дувум: шерозаи вафо аст, ки дар мисраи охир мубҳаму печида оварда шудааст.

Нақши вожаҳою таркибҳо дар тасвирсозии Фиғонӣ. Тасвироти Фиғонӣ гоҳо ба василаи як вожа ё як таркиб рангинтару муассиртар мешаванд. Фиғонӣ аз мафҳумҳои мавҳуму ғайришайъӣ низ истиора бароварда, тавассути имтизоҷу омезиш додани ин истиорот бо таркибҳо ва бад- ин роҳ ба таркиб табдил додани истиорот онҳоро ҷону ҳаракат дода, ба санъати ташхис мубаддал сохтааст. Чунончи, дар ин байт аз истиораи биёбони адам таркиби Юсуфи биёбони адам- ро сохта, онро ба василаи алам афрохтан дар ҳаракат овардааст:

Юсуфи биёбони адам чун алам афрохт,
Хуршед саропардааш аз пардаи маҳ баст (1, 159).

Ҳамчунин, дар байти поён вожаи намак, ки ҷузъе аз таркиби намак гирифтани замин аст, ба тасвири вай асари гуфтаниро барҷой гузоштааст:

Доманкашону дастфишон мекунӣ хиром,
Мегирад аз ғубори ту рӯйи замин намак (1, 303).

Асарбахшии вожаи мазкур дар он аст, ки онро метавон дар ду маънӣ фаҳм кард: дар маънии асл, ки шӯра гирифтани замин аст ва дар маънии маҷоз, ки обуранги тоза пайдо кардан аст.

Услуби содаву равон дар тасвирсозии Фиғонӣ. Тасвироти Фиғонӣ дар аксари маворид бисёр содаву воқеӣ ва равону хушоҳанганд, мисли ин тасвир аз нозукии ёр:

Чӣ таркиб аст, ё Раб, дар таҳи пироҳани андомаш,
Ки ҳушам меравад, ҳар ҷо ки ояд бар забон номаш.
Зад оташ дар дилам, ё Раб, чӣ гармии мизоҷ аст ин,
Ки набвад дар қабо чун барги гул як лаҳза оромаш (16, 289).

Вуҷуди истиораи пироҳани андом ва халқиёти аз ҳуш рафтан, оташ дар дил задан ва ташбеҳи сода дар мисраи ахир таъсирбахшии тасвири мазкурро ба бор овардаанд.

Имтизоҷи тахайюли баланд ва сабки сода дар тасвирсозии Фиғонӣ. Яке аз хусусиёти асосии тасвирсозии Фиғонӣ иборат аз он аст, ки дар он нерӯи тахайюли нақшофару қавии шоир бо забони содаву орӣ аз ҳар гуна истилоҳоти мушкилфаҳму тааммулпазири ирфониву тасаввуфии қудамо, ки мавриди пайравии зиёди муосирони вай қарор доштанд, ҳар ду бо ҳам омезиш ёфтаанд. Дар ҳамин имтизоҷи тахайюл ва сабки сода тасвироти Фиғонӣ бас таъсирбахшу шавқангез гардидаанд. Дар байти зери Фиғонӣ беҳтарин омезиши тахайюли нақшофар ва сабки сода ба назар мерасад. Шоир маъшуқи худро дар ҳолати аз хоб бархостан тасвир мекунад, вале хоби маъшуқи вай, чунонки худ тасвир карда, хоби оддӣ нест, хоби меҳру муҳаббат аст. Хилъатеро ҳам, ки маъшуқи ӯ пас аз бархостан аз хоби меҳр ба бар карда, одиву чун дигарон нест, он хилъати махмурӣ аст ва аз нурҳои ҳарири хуршед танида шудааст:

Моҳи ман аз ҷомаи хоби меҳр сар бар мекунад,
Хилъати махмурии хуршед дар бар мекунад (1, 246).

Дар тахайюли Фиғонӣ ҷафои ёр низ ҳамчун шахс қобилияти ҳарфзанӣ дорад ва метавонад бо ин тариқ аз худ нишоне бар ҷой гузорад. Ин матлабро шоир бо чунин услуби содаи оммафаҳм баён кардааст:

Ҳарфест аз ҷафои ту, эй турки тундхӯ,
Ҳар ҷо хате, ки бар танам аз тозиёна монд (1, 249).

Дар байти поён Фиғонӣ тахайюли худро бо забони равону дилнишин ҷавлон додааст. Пас аз мурдан дигар наметавон зинда шуд, аммо дар тахайюли Фиғонӣ маъшуқ ӯро пас аз ҳар куштан боз зинда мегардонад, то ба василаи нози худ боз бикушадаш:

Гаҳ ба лутфам менавозад, гаҳ ба нозам мекушад,
Зинда месозад маро он шӯху бозам мекушад (1, 262).

Намунаҳои дигар аз имтизоҷи нерӯи тахайюл ва сабки содаи Фиғонӣ дар ин тасвироти вай бозтоб ёфтаанд:

Баҳри сухане аз лабат, эй ғунчаи хандон,
Чун гул ҳама гӯшем, шунидан нагузоранд (1, 236).

Яъне: баҳри шунидани сухани ёр ҳамчун гул ҷумла тани худро гӯш кардаем, аммо чӣ чора, ки моро шунидан намегузоранд.

Ҷон рафту дида баҳри тамошои рӯйи ӯ
Гардид оби ҳасрату дар чашмхона монд (1, 249).

Яъне: ҷон аз бари мо рафту дидаҳои мо аз қафои вай чун оби ҳасрат дар хонаи чашм боқӣ монданд.

Кунад нигоҳу ман аз пай равам рамида зи худ,
Ба дом мекашадам он ғизол, то чӣ кунад (1, 255).

Яъне: ёр ба ман нигоҳ мекунад ва ман аз худ рамида, ҳамчунин аз пайи вай меравам; ёр маро ҳамчун ғизол ба доми худ мекашад, то бо ман коре бикунад.

Ин хусусияти тасвирсозии Фиғонӣ минбаъд, дар шоирони зиёди сабки ҳиндӣ, бавижа дар Назирӣ, Толиб, Калим ва Соиб, бештар аз ҳама дар Соиб мавриди пазиришу пайравӣ қарор гирифт. Шоирони мазкур дар тасвирҳои хеш таъсири қобили мулоҳизае аз тарзи тасвирсозии Фиғонӣ гирифтанд. Агар ҷанбаи тахайюлии тасвирсозии Фиғониро Назирӣ ва Калим бештар аз дигар шоирони сабки ҳиндӣ мавриди пайравӣ қарор дода бошанд, ҷанбаи бадеии онро Толиб ва Соиб дар қиёс бо дигар суханварони ин сабк бештар истиқбол карданд ва дар инкишофи ниҳоии он ҳар яке ба навъе саҳм гузоштаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Бобо Фиғонии Шерозӣ. Девони ашъор. Ба муқаддима, тасҳеҳ ва итмоми Аҳмад Суҳайлии Хонсорӣ / Бобо Фиғонии Шерозӣ. - Теҳрон: Иқбол,- 447 с.
2.Сидельников В.М. Поэтика русской народной лирики / В.М. Сидельников. -М.: Учпедгиз, 1959.-128с.
3.Лафарг П. Собрание сочинений / П. Лафарг. - М., 1931.- С. 51
4.Томашевский В.В. Стилистика и стихосложение. Курс лекций / В.В. Томашевский. -Л.: Учпедгиз, Ленингр. отд- ние, 1959.- 535 с.

ПОЭТИЧЕСКИЕ ИЗОБРАЖЕНИЯ И ИХ СВОЕОБРАЗИЯ В ГАЗЕЛЯХ ФИГАНИ

Одной из особенностей газелей Фигани являются его новые изображения. Роль новых сравнений, метафор, эпитетов, мощь воображения, особые слова и состав в поэтических изображениях Фигани очень велика. Но, если с одной стороны, изображение Фигани с помощью новых сравнений и метафор приобрели символичность, аллегоричность и насыщенность, с другой стороны, при посредничестве мощи воображения они становились абстрактными и более замышленными.

Ключевые слова: газель, изображение, метафора, поэтическое воображение, простая манера, сравнение, Фигани, эпитет

POETIC IMAGES AND THEIR IDENTITY IN THE GHAZALS OF VIGANI

One of the features of the Gazelle Tigani are new images. The role of new comparisons, metaphors, epithets, the power of imagination, special words and structure in poetry images Vigani very high. But, if on the one hand, the image of Vigani with new comparisons and metaphors acquired symbolism, allegory, and saturation, on the other hand, under the mediation of the power of the imagination they became abstract and more zamaslennymi.

Key words: Gazelle, image, metaphor, poetic imagination, simple manner, comparison, Figoni, epithet

Сведения об авторе: ***О.Ш. Саидджаъфаров*** – докторант Таджикского национального университета

БАРРАСИИ ҶОЙГОҲИ ТАБИАТ ВА МУҲИТИ ЗИСТ ДАР ШЕЪРИ ЛОИҚ ШЕРАЛӢ

Алиризо Иброҳимободӣ
Пажӯҳишгоҳи забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии АИ ҶТ
Донишгоҳи озоди исломии Бирҷанд, Эрон

Ментескиев муътақид аст: «Чанд чиз бар одамӣ ҳукумат мекунад: обу ҳаво (табиат), мазҳаб, қавонин, сармашқҳои гузашта, расму одоб» [3]. Робиндранат Такур мегӯяд: «Ҳунарманди ошиқ табиат аст ва ба ҳамин чиҳат, ҳам барда ва ҳам арбоби он аст» [1].

Бар мурури иҷмолӣ бар шеъри муосири тоҷик ва осори шоироне, монанди Гулназар Келдӣ, Бозор Собир, Муъмин Қаноат, Гулрухсор, Мирсаид Миршакар, Раҳим Ҷалил, Мирзо Турсунзода ва дигарон метавон ба як қоидаи тақрибан ҳамагир

даст ёфт ва ин қоида ё вижагӣ чизе нест, зеро аносири табиат бар шеъри шоирони тоҷик ҳукумат мекунад, ба гунае ки табиат дарунмояи аслии шеъри бештар шоирони тоҷикро ташкил медиҳад, зеро шоирони муосири ин диёр дилбастагӣ ва пайванди қавӣ бо табиати кишварашон доранд.

Дар миёни шоирони муосири тоҷик Лоиқ Шералӣ ба лиҳози пайвастагӣ бо табиати зебои кишвараш ва инъикоси амиқи ин мавзӯъ дар шеъраш ва алоқаи шадид нисбат ба табиат, дурахшандагии хосе дорад ва аз ин ҷиҳат бояд ба ӯ ҷойгоҳи баланд дод, зеро ин шоири тавоно ва ҷовидонаи тоҷик худро фарзанди табиати зебо ва мусаффои Оли Сомон медонад. Лоиқ шеъри зебои худро ба мадади завқу андеша ва ҳифзи ҳофизаи таърихӣ, унсу улфату пайванди он бо табиати пуртаровати Тоҷикистон ва бо калимаҳои дилчасп, сода ва равон ва ҳамафаҳм, ҷаззоб ва пурқиммат сохтааст.

Ҳузури пурранги аносири табиат дар шеъри Лоиқ нишон медиҳад, ки табиатгароӣ бахши ҷудонопазири шахсияти адабии ӯст, ба гунае ки ба ҳеҷ унвон наметавонад шеъре бигӯяд, ки нишоне ё калимае марбут ба табиати он набошад. Ҳатто, дар ашъоре, ки ба зоҳир ҳеҷ иртиботе бо табиат надорад, боз вуҷуди аносири табиат дар матни шеър худнамоӣ мекунад ва ин нишонаҳо ҳеҷ тардиде боқӣ намегузоранд, ки рӯҳи ӯ бо замину осмон ва кӯҳсор ва ҳатто, сангрезаҳои ватанаш пайванди амиқ ва ногусастанӣ дорад:

Эй кӯҳ, барои санги ту ҷон додем,
Садҳо сари нозанин ба қурбон додем.
Аз баҳри ту, эй замини меросии Шарқ,
Мо умри азизи худ гаравгон додем [5:516].

Ба ақидаи нигоранда вуҷуди ашъоре, монанди ин рубоӣ ва ё ғазале, ки бо як дунё самимият ва ишқ ба нишонаи шукру сипос ба ҳамдиёронаш ва зодгоҳаш сурудааст, тардиде боқӣ намегузорад, ки ин суханон як иддаои холӣ ва шиоргуна нест, балки баромада аз дил ва аъмоқи худи шоир аст ва дар ҳақиқат, як шеъри ҷӯшон аст, ки аз даруни оташфишони синаи ӯ ва беихтиёри ӯ забона мекашад.

Ало эй кӯҳи чилмеҳроб, эй саҷдагоҳи ман!
Ба гардун мерасад аз фахри дидорат кӯлоҳи ман [5].

Пас, бояд гуфт, ки Лоиқ ба дурустӣ медонад, ки табиат ҳунари волои шоириро барои шеърсароиҳои беҳадаф ва каммоя ба ӯ надодааст, балки рисолати худро бисёр фаротар медонад ва барои ин муҳим бовар дорад, ки «ҳунар забони фариштагони болост ва тарҷумони рӯҳи ҷовидонаи одамӣ аст ва набояд бо ҳавасҳои моддӣ олуда шавад ва ҳунарманд дар диёри худ ва дар рӯзгори худ паёмоваре аст, ки гунае маъмурияти пок ва осмонӣ дорад» [2].

Бар асоси ин бовар аст, агар барои табиат ва муҳити зист ё ояндаи мардумони кишвараш ва ҳамаи аҳли дунё нигарон аст ва «мисли худ як покбоз, покимон ва як ҷавонмард орзу мекунад» [5] ва дар ҷо –ҷойи шеъраш бар масъулияти худ дар баробари ҷомеа ва табиат таъкид мекунад.

Лоиқ худро зодаи дарё ва кӯҳи Тоҷикистон медонад ва бӯйи меҳру эътиқоди қалбӣ, ба он он чи ки месароид, аз ҳамаи абёт ва сафаҳоти девони ӯ машоми ҷонро навозиш медиҳад. «Ишқварзии ӯ бо рӯди Варзоб» ва саҷдаи вай бар кӯҳи Чилмеҳроб, тақлид аз сабки рӯд ва омӯхтани шоирӣ аз дарё ва ошиқ шуданаш дар ҳар саҳар бар ҷамоли рӯзгор ва дидани ҷараёни зиндагӣ ҳам дар дашти бирён ва ҳам дар сӯйи гулистон, шунидани нолаи бадард аз тори обшор ва пуровози мурғи хаёлаш дар фазои лоҷварди мулки Ховар, таъзими ӯ бар замин аз намунаҳои боризе аст, ки иддаои нигорандаро таъкид мекунанд.

Нуктаи муҳимме, ки дар шеъри бархе шоирон худнамоӣ мекунад, ин аст, ки онон «Дар тасвиргарии табиат бештар маҷзуби зебоии он буда ва волоии табиат аз нигоҳи онон пӯшида мондааст» [6]. Лекин ин масъала дар мавриди Лоиқ сидқ намекунад. Корбурди аносири табиат, монанди замин, осмон, кӯҳ, дарё ва монанди ин, дар шеъри Лоиқ сирфан ҷанбаи тавсифӣ надорад, балки ба хубӣ волоии табиат ва қадосат ва ҳурмати онро мефаҳмад ва мехоҳад аз раҳгузари ин номҳо ҳампайванди деринаи хеш бо табиатро ёдовар шавад ва ҳам қасди огоҳсозии афкори умумӣ ва хонандагони шеъраш нисбат ба аҳамияти мавзӯи табиат ва муҳити зист дар дунёи имрӯзро дорад ва бо он ки Лоиқ ошиқонаҳои пуршӯр дорад, аммо ба ҳеҷ ваҷҳ сирфан пойбанди тавсифи хатту хол ва абрӯи ёр, ё бархе тафаннунҳои шоирона, ки вижагии умдаи шоирон аст, на монанд ва ба қавли худаш «асири мастӣ ва май ва сабӯ ва дили фирефтаи рангу бӯ нашуд» [5], зеро чашмандози ӯ бисёр васеъ ва, ҳатто ҷаҳонӣ буд.

Ба ҳамин далел, дард ва масоиби дунёи перомуни худро ва ҷангҳо, хушунатҳо ва бераҳмиҳои дунёи саноатиро ба инсон ва табиат ба хубӣ медид ва дарк мекард. Чун барои хеш рисолат ва ормони мутаолӣ қоил буд, тааҳҳуди хешро нисбат ба ҷомеа дар ҳамаи заминаҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва ахлоқӣ ба беҳтарин шакл дар шеъри хеш баён намудааст.

Яке аз мавзӯоти бисёр муҳим ва дархӯри таваҷҷуҳ табиатгароӣ ва мулоҳизоти зистмуҳитии шеъри Лоиқ аст, ки мутаассифона, алорағми аҳамияти бисёр зиёд ин мавзӯъ мавриди таваҷҷуҳи ҷиддӣ ва дақиқи муҳаққиқони шеъри форсӣ ва тоҷикӣ қарор нагирифтааст.

Аз аввалин маҷмӯаи шеърии «Хоки ватан», ки яке аз шеърҳои он «Зарафшон» ном дорад ва соли 1960 ба табъ расидааст, дар шумораи сурудаҳои нахустини Лоиқ маҳсуб мешавад, то шеъри тақдимотии вай ба мардуми Панҷакент, ки дар соли 2000 суруда шудааст ва охирин шеъри ин маҷмӯа, ки дар радифи охирин сурудаҳои шоир аст, ишқ ба ватан ва хоки поки зодгоҳи вай дар саросари ашъораш мавҷ мезанад. Зеро Лоиқ худро зодаи табиати пок ва фарзанди кӯҳсорон ва қуллаҳои сар ба афлоки Тоҷикистон медонад, ки бо обу хок ва кӯҳу дарё ва насими зодгоҳи хеш унс дорад ва онҷунон алоқаи шадид ва ишқи сӯзоне ба аносири табиат дорад, ки «умри азиз ва самари ишқу умедашро бе об ва насими Зарафшон» [5] тасаввур намекунад ва муътақид аст, ки саҳме аз Зарафшон дар таркиби вуҷуди вай вуҷуд дорад [5]. Ӯ дар поёни ин шеър, пас аз ин ки ягонагӣ ва умқи алоқаи хешро ба тасвирсозиҳои бисёр зебо ва малмус ба тасвир мекашад, натиҷаи ормонӣ мегирад, ки баёнгари ишқи ӯ ба сулҳу амният аст:

Хоҳам, ки бар ҳар ташналаби сулҳу амонӣ
Чун оби соф оби амонӣ бирасонам [5:39].

Лоиқ чун зодаи табиати поки Тоҷикистон аст, худро фарзанди кӯҳсор медонад ва дар шеър ба ин номи амиқ алоқа ва пайванди худро бо овардани таркибҳо ва тасвирҳое чун оби чашмасорон, чанбари гулҳои садранг, шеъри обдори обшорон, кокули сабзи дарахтон, насими бешаҳо, гуфтори дарё, лабҳои соҳил, занбӯрони гул ва монанди ин нишон медиҳад. Дар ҳақиқат, чунон ки худ мегӯяд, шеъргӯйӣ дарёдилиро аз дарё ва тариқи сарафрозии вай ниёзеро аз қуллаҳои сар ба осмон кашидаи Ватани хеш омӯхтааст:

Нишастам дар лаби дарёи кӯҳӣ,
Ки омӯзам аз ӯ дарёдилиро.
Шитобу изтироб омӯзам аз мавҷ,
Бигӯям шеър дар тақлиди дарё.
Суруд омӯзам аз лабҳои соҳил,
Забон омӯзам аз гуфтори дарё.
Шавам бо қуллаҳо ҳамсар, ки шояд,
Биёмӯзам тариқи сарфарозӣ.
Ба пойи кӯҳҳо таъзим орам,
Биандӯзам бисоти бениёзӣ [5:41].

Яке аз пуркорбурдтарин аносири табиат дар шеъри Лоиқ замин аст ва яке аз муҳимтарин ашъоре, ки дағдағаҳои зистмуҳитии устод Лоиқ ва умқи иртибот ва ишқу алоқаи вай ба табиат дар худ партавафкан намудааст, низ шеъри «Замин» дар маҷмӯаи «Хоки Ватан» аст. Шеъре, ки танҳо лаёқати онро дорад, ки дар ҷаридаи дӯстдорони муҳити зист барои ҳамеша мондагор бимонад ва номи сарояндаи хешро дар шумораи шоирони пешгом ва дӯстдори табиат ҷовидона созад.

Маҳорат дар тасвирсозӣ ва ғалаён ва шиддати авотиф ва эҳсосоти поки шоир нисбат ба табиати мазлум дар ин шеър ба гунае аст, ки метавон гуфт, Лоиқ ҳеҷ кадом аз сурудаҳои нағз ва дилкаши худро насуруда буд. Ҳамин як қитъаи шеър кифоя буд, ки ӯро ба унвони яке аз бузургтарин шоирони порсигӯйи дӯстдори муҳити зист дар сатҳи ҷаҳонӣ ном бурд.

Лоиқ ҳам дар шеъри «Замин» ва ҳам дар кулли маҷмӯаи ашъори худ бо дид ва баёни ҳунармандона нишон додааст, ки замин аз чанд ҷиҳат дар нигоҳи ӯ аҳамият дорад. Нахуст он ки, замин дар чашми ӯ «модархудои ягона» аст ва хуни дил хӯрдааст, то насли одамиро ҳифз намояд:

Замин – модар худои мутлақ барои мо кӯдакони шабзиндадор аст,
Ба чашмонаш шикаста хоб, гӯйи ба тифлон қисмати нек интизор аст.
Мисоли ошиқони покпаймон замин месӯзад андар оташи худ,
Мисоли модарони ошуфтахотир зи ишқи духтарони маҳваши худ [5:45].

Вай дар идома бо ишора ба синаи сарди замин, ки гӯё ба далели носипосӣ ва ноодамии фарзандони одам ба ҷойи гармӣ ва ҳарорат ба сардӣ гароидааст, дарди замин ва дарди модаронро дунё ва меҳнатҳои он бармешуморад ва мегӯяд:

Кист розӣ буд аз дунё ва меҳнатҳои он,
То ту розӣ хуспӣ андар синаи сарди замин?
Мехӯрад гарчи заминат, мехӯрад беэътибор,
Ҳамчу модар мекашӣ андар замин дарди замин…[5:98].

Дувум, замин ба унвони хоки ватан маҳсуб мешавад ва дуруштиҳо ва сахтиҳои давронҳо ва ҳаводиси гуногунро бурдборона таҳаммул кардааст ва аз ин хотир дар нигоҳи шоир шоистаи эҳтиром аст ва бояд ба қадри он таваҷҷуҳ шавад:

Замин як ҷуръаи оби охирин аст, ки бар қадраш расӣ дар ташнагиҳо,
Замин як охирин нон аст, мардум, ки бар қадраш расӣ дар гушнагиҳо [5:46].

Сеюм, ин ки замин бисёр зебо ва оромтабиат аст ва дар рӯйи он бояд «меваи дил ва тухмаи гул афшонд» ва чаҳорум, ин ки замин дар назари Лоиқ чун маҳбуби соҳибҷамол аст, ки сиёҳкориҳои башар ва хашми тирҳои ҷангҷӯён чун доғ бар симои зебои ӯ монад ва бинобар ин, шоир вақте ки мебинад саросари хоки кишвараш мусибат аст ва замин, ба ҷойи он ки маҳди деҳқонон ва кишоварзон бошад, мадфани кушташудагон шуда ва бӯйи кароҳатовари борут медиҳад, мегӯяд:

Замин озор хӯрда, дард хӯрда
Зи тирафшонӣ ва аз позаданҳо.
Ба зери осмони дуру бемеҳр
Замин танҳост мисли бевазанҳо.
Халад дандонҳои танк бар ӯ,
Чу ашки шер бар ҳалқи ғизоле,
Бар рӯйи ӯ бимонад захми ҳар тир,
Чу доғе бар рухи соҳибҷамоле [5:46].

Баёни мулоҳизоти зистмуҳитӣ дар ашъори Лоиқ ҷо ва макони хос ва лузуман тартиб ва таволии иртиботи маъноии хосе бо соири абёт надоранд ва чун бонги хурӯсе, ҳатто, дар миёни як қитъаи шеъри ошиқона ба гӯш мерасанд, чунон ки дар маҷмӯаи «Ишқнома». Дар ҳоле ки шеър бо дарунмояи отифӣ, эҳсосе ва ба зоҳир номураттаб бо замин ва муҳити зист аст, аммо шоир тааҷҷуби худро аз авзои замин ва нигаронии хешро аз сабзаҳои сӯхта дар соҳили рӯдро иброз медорад ва мегӯяд:

Чӣ тазодест дар авзои замин,
Сабзаҳои сӯхта дар соҳили рӯд? [5:322]

Ва дубора ба мавзӯи аслии шеър, ки хитобе ба маъшуқ аст, идома медиҳад. Ӯ ҳамчунин дар ибтидои шеъри «Аз Боми Ҷаҳон, аз номи ҷаҳон» орзуи худро бо овардани байте аз Шамси Табрезӣ баён мекунад:

Офтобо, бори дигар хонаро пурнур кун,
Дӯстонро шод гардон, душманонро кӯр кун [5:221].

Ва дар идомаи шеър зимни пардозиши ҳунармандонаи ин орзу ва баёни таърихи дерини дурахшон ва гузаштаи пурифтихори миллати хеш ва ибрози рӯйкардҳои бераҳмона ва ғайриинсонии бегонагон ва носипосии одамзодагони нохалаф, ки аз «фарози гунбади қасри сафеди осмон, даст меёзанд ба сӯйи гунбади ҳафт осмон» ва монанди тагараги ҳамлаҳо ва таҳдидҳоро бар замин мерезанд, ба модар-замин, ки дар нигоҳи ӯ ба сони модари фарзона аст, мегӯяд:

Оҳ, эй модар – замин!
Оқ кун ин кӯдакони носипосу нохалафро
Ин ҳама бемоягони бесалафро…[5:222].

Ва он гоҳ бо нафрат ва нафрин инзиҷори шадиди худро ба оташафрӯзони ситезаҷӯ ва кушандагон дар ҷанг, ки муҳити ҷаҳонро чун деги ҷӯшон кардаанд ва дар рӯйи замин марг мекоранд ва халқро меранҷонанд ва муҷиби гиря кардани модари маъюс - замин шудаанд, эълом медорад ва мегӯяд:

Эй бадомӯзони ҷанг!
Оташафрӯзони ҷанг!
Гар замин модар буд,
Осмон бошад падар.
Бо падар бо модари худ шӯру ҷанг?
Таън ва лаъни ҷумла олам бар шумо
Нанг бодо, нанг, нанг!
Бо чӣ рӯ аҳли заминро рухарошон кардаед?!
Ин ҷаҳонро деги ҷӯшон кардаед?!
Мисли вулқон оташафшон кардаед?!

Дар муҳите як муҳити баҳрагирӣ ҳам намонд,
Ҳеҷ ороме намонд уқёнусро
Дастҳотон,
Қалбҳотон,
Балки аслу наслҳотон ҷумла хуноғӯштаанд
Баски хун гирёндаанд ин модари маъюсро [5:222].

Лоиқ ҳамчунон ки ба замин нигоҳи модарона дорад, дар ҷо-ҷойи шеъри худ осмонро падар хитоб кардааст. Осмон баъд аз замин яке аз муҳимтарин ва пуркорбурдтарин аносири табиат дар шеъри Лоиқ ва аз қонунҳои таваҷҷуҳи вай мебошад, ба гунае ки дар ҳама маҷмӯаҳои шеърии худ кам ё беш ба он пардохтааст. Бештари корбурди вожаи «осмон» дар маҷмӯаи «Шеъри рӯз» ба чашм мехӯрад. Лоиқ ҳамчунин дар шеъри худ ба осмон ҳам дар маънои «фалак» ва ҳам ба унвони мазоҳири баландӣ ва покӣ таваҷҷуҳ дорад:

Бо тамоми ҳомилаш ё омилаш
Ахтарони наҳсро афзун бисозад.
Ахтарони саъдро вожгун бисозад [5:222].

Пешиниён осмонро дар сарнавишти башар муассир медонистанд ва дар адабиёти форсӣ намунаҳое аз шикоёти шоирон ва мардуми замона аз осмон вуҷуд доранд ва дар осори адабии гузашта бедодгариҳо, талхкомиҳо ва номардиҳои навъи башар ба осмон нисбат дода шудааст ва ба ин ҷиҳат фалак (осмон) мавриди таън ва нафрин қарор гирифтааст.

Бархе шоирони муосири Эрон низ мушкилот ва нобасамониҳоро ба осмон марбут медонанд. Ба унвони мисол, Фаридун Муширӣ, шоири муосири Эрон, зимни ибрози таассуфи сел ва ҳамдардӣ бо селзадагон мегӯяд:

Осмоно! Ба худо мебинам,
Лаккаи майи нанг ба пешонии ту.
Халқ мафлуку парешони замин,
Орзуманди парешонии ту…[7:76-82].

Дар ҷойи дигар мегӯяд:

Эй осмон!
Чӣ мешуд агар
Ба ҷойи он ҳама тӯфону тунбоди бало
Баҳори лутфи ту дар мекушуд бар рухи даҳр
Ҳумои меҳри ту пар мекашид
Бар сари мо?!
Ту қодири ки ҷаҳонро зи бад ба перойӣ
Ҳазорнақш падид оварди ҳама зебо
Шикасти киштии аҳли ҳунар, ки Ҳофиз гуфт:
-Ба дасти туст, ба дасти ту, вожгун дарё…
Эй осмон, биё ва бихоҳ,
Ки зери боли ту гетӣ шавад биҳиштосо [7:1484-1487].

Лоиқ низ дар мусибати кушта шудани падар ба робитаи осмон ва нокомӣ ишора дорад, аммо умдатан осмон дар нигоҳи баланди Лоиқ, илова бар он ки мақоми падарӣ дорад, дорои ҷойгоҳи рафеъ ва мутаолӣ дар арсаи «парвози рӯҳи инсонӣ» аст ва «сайёраи рӯҳи ниёгон», «покон», «бузургон» мебошад:

Осмон парвозгаҳи рӯҳи инсон аст.
Осмон сайёраи рӯҳи ниёгон, рӯҳи покон,
Рӯҳи бедори бузургон аст…[5:223].

Бар ин асос, вақте шоир мулоҳиза мекунад осмон, ба он ки парвозгаҳи рӯҳи инсон бошад, ба маҳалле барои ҷавлони қудратҳои бузург дар ҷараёни ҷанги ситорагон табдил шудааст ва ё оташафрӯзони ҷанг аз мадори осмон заминро мавриди таҳдид қарор медиҳанд ва бар сари мардуми бедифоъ марг меборанд ва дилу рӯҳи инсонҳоро меозоранд, хашму таассуфи худро ба шиддат эълом медорад ва мегӯяд:

Бигрифта дар кайҳон камин
Ин ҳама аҳли касофат.
Боз мисли сангҳои осмонӣ
Бим мерезанду офат бар замин.
Боз мехоҳанд бо чандин баҳона
Бар сари аҳли замона осмонро ҳам фурӯд оранд
Мисли деги посгона…[5:222].

Лоиқ бар ин ақида аст, ки ҳар кас рӯҳи инсониро биранҷонад, инсонзода нест ва аз ин рӯ, ба ҷангафрӯзон бонг бармедорад ва мегӯяд:

Эй қотилон,
Гар ҷангу душманӣ ва бародаркушӣ равост,
Пас зиндагӣ чарост?! [5:225].

Нуктаи муҳим ин аст, ки муроди шоир ҳушдор ба ҷангафрӯз ин аст, ки мехоҳад онон аз шарорат ва қазоват даст бикашанд ва ормони баланде, ки ӯ дорад, аҳамият ва қудсияти падарона ва модаронае, ки ӯ барои осмон ва замин, ки ба унвони ду унсури муҳимми табиат қоил аст, онон низ дарк кунанд:

Эй бадомӯзони ҷанг!
Оташафрӯзони ҷанг!
Гар замин модар бувад,
Осмон бошад падар.
Бо падар бо модари худ шӯру ҷанг…[5:224].

Ёфтаҳои муҳаққиқ дар ин мақола собит мекунад, ки Лоиқ Шералӣ шоире бо чашмандози ҷаҳонӣ аст ва масоили марбут ба дунёи имрӯзро ба хубӣ дарк мекунад ва бар ин асос табиатгароӣ низ дар шеъри ӯ бештар нозир бар волоӣ ва эҳтиром ба табиат аст. Лоиқ фақат як шеърсарои маъмулӣ нест, ки фақат ҷанбаи васфи зебоии табиатро мадди назар дошта бошад, балки ӯ аз раҳгузари истифодаи фаровон, аз мазоҳири табиат дар шеъри худ мехоҳад таваҷҷуҳи ҳамагонро ба муҳимтарин чолиши дунёи имрӯз, ки тахриби табиат ва муҳити зист аст, ҷалб намояд. Чун шоир аз таъсири шеър бар рӯҳу равони инсон огоҳ аст, мехоҳад бо истифода аз нерӯи сеҳрангези шеър пайомадҳо ва хатароти гусастагӣ аз табиат ва хушунатҳо ва ҷангҳое, ки муҷиби осеб дидани табиат ва дар натиҷа буҳронҳои муъзалоти иҷтимоӣ шавад, ёдовар мешавад.

АДАБИЁТ

1. Исломӣ Муҳаммад. Вожаномаи табиат ва шеър / Муҳаммад Исломӣ.-Теҳрон: Муносибатӣ, 1363.
2. Баҳроми Болонӣ Муҳсин. Гузаре бар зиндагӣ ва осори баргузидаи суханварон ва сухансароёни садаи XII ва XIV / Баҳроми Болонӣ Муҳсин. –Теҳрон: Катиба, 1378.
3. Ҷамшедӣ Ғуломризо. Пайдоиши назарияҳои ҷомеашиносӣ / Ғуломризо Ҷамшедӣ. –Теҳрон: Муассисаи интишороти Донишгоҳи Теҳрон, 1387.
4. Раззоқӣ Асл Сино. Интибоқи соҳавӣ миёни мазомини шаҳр ва табиат дар ашъори Сӯҳроби Сипеҳрӣ бо андешамандони ҳавзаи тарроҳии муҳитӣ / Раззоқӣ Асл Сино // Фаслномаи илмӣ – пажӯҳишии «Мутолиоти шаҳрӣ», 1391.
5. Лоиқ Шералӣ. Куллиёти ашъор / Шералӣ Лоиқ. -Теҳрон: Интишороти Вазорати умури хориҷии Ҷумҳурии Исломии Эрон, 1383.
6. Кучо Фотима. Табиати сайёҳ ва шеъри форсӣ / Фотима Кучо // Фаслномаи илмӣ – пажӯҳишии «Нақди адабӣ», 1390.
7. Муширӣ Фаридун. Бозтоби нафаси субҳдамон / Фаридун Муширӣ. – Теҳрон: Чашма, 1380.

ИЗУЧЕНИЕ МЕСТА ПРИРОДЫ И ОКРУЖАЮЩЕЙ СРЕДЫ В ПОЭЗИИ ЛОИКА ШЕРАЛИ

Народный поэт Таджикистана, лауреат Государственной премии имени Рудаки и международной литературной премии «Нилуфар» Лоик Шерали относится к тем выдающимся поэтам, которые занимают видное место в истории таджикской литературы XX столетия. Ему было присуще особое, пристрастное отношение к каждому своему стихотворению. В данной статье автор рассматривает место природы и окружающей среды в поэзии Лоика Шерали.

Ключевые слова: таджикский поэт Лоик Шерали, поэт-лирик, тема природы в поэзии Лоика, защита окружающей среды.

THE STUDY OF THE SPACE OF NATURE AND THE ENVIRONMENT IN THE POETRY OF LOÏC SHERALI

National poet of Tajikistan, laureate of the State prize named after Rudaki and international literary prize "Nilufar" loïc Sherali refers to the outstanding poets, which occupy a prominent place in the history of Tajik literature of the XX century. It was inherent in particular, biased attitude to each poem. In this article the author examines the place of nature and the environment in the poetry of Loïc Sherali.

Kev words: Tajik poet loïc Sherali, a lyric poet, the theme of nature in the poetry of Loïc, environmental protection.

Сведения об авторе: ***Алиризо Иброхимободи*** – соискатель Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им.А. Рудаки АН РТ, преподаватель Свободного исламского университета города Бирджанд, Иран

ПОЛИТИЧЕСКОЕ ПОЛОЖЕНИЕ И ЕГО ВЛИЯНИЕ НА ЛИТЕРАТУРНЫЙ ПРОЦЕСС

Х.А. Хашимова
Институт языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им.Рудаки АН РТ

За период независимости в Таджикистане произошли крупные социально-политические и культурные перемены, кардинально повлиявшие на литературную мысль. Эволюционные процессы особенно охватили новейшую таджикскую прозу. В социальной и культурно-духовной жизни народа в соответствии с потребностями времени постепенно стали внедряться новые ценности. Литературный процесс и творческие поиски писателей стали развиваться на основе новых стилей и методов, внося в их творчество существенные изменения. И в этом процессе заметен вклад, как маститых таджикских писателей, так и молодых прозаиков.

Тяжело пришлось таджикскому народу на пути приобретения национальной независимости. Независимость постепенно приобреталась на основе негативных явлений, жестокого местничества, карьеризма политических деятелей, организации движения так называемой «народной», организации митингов. Непримиримые внутренние и внешние враги, злоупотребляя случаем, возбудили раздор среди таджиков, в результате, чего разгорелась братоубийственная гражданская война. Недоброжелатели, пытаясь разделить Таджикистан на части, усилили местничество и раздор среди населения. В результате не только среди горожан и сельских жителей, но и среди южных и северных уроженцев, а также среди большинства родов и семейств разгорелись раздоры, кровопролитие и разлучение. Большая часть коренных жителей бежали в ближние и дальние страны, таким образом, социально-политическое и культурно-литературное положение Таджикистана пришло в упадок. Конфликты, чувство ненависти по отношению друг другу, покушения стали поводом разрушения государственной основы. Шукуров М. отмечает, что «после приобретение независимости Таджикистаном (9 сентября 1991), местничество и карьеризм стали поводом братоубийственной войны, которая продолжалась с 1992 до 1997 года, нанеся финансовый и разрушительный ущерб. Культура, образование множества благ таджикского народа было приобретено взамен на большие потери, тяжелые трагедии, разрушения, свирепость, кровопролитие, суету и скитальничество. Большинство писателей погибли или эмигрировали. Притупление общественного сознания и снижение национального сознания отрицательно повлияло на литературу [1].

Наконец, если взглянуть на события первых дней независимости нашей страны то, именно XVI сессию Верховного Совета в Худжанде 16 ноября 1992 года, можно считать началом новой истории таджикского народа. Так как именно она заложила прочный фундамент для восстановления конституционного порядка, взаимопонимания между населением, социально-экономического и культурного развития страны. Сессия определила основные направления внутренней и внешней политики, а также культурные отношения Таджикистана, которые были ориентированы на развитие и объединение сил общества, религиозных общин и сотрудничество с другими странами и международными организациями, для достижения мира в стране. В этих сложнейших условиях Председателем Верховного Совета XVI сессии (двенадцатого созыва) был избран Эмомали Шарифович Рахмон, который согласно Конституции, являлся главой государства. Именно он руководил разработкой и реализацией программ по выводу страны из глубочайшего политического, социально-экономического, культурного и духовного кризиса.

Мир, стабильность, национальное согласие и государственная независимость позволили жителям Таджикистана внимательно взглянуть на нашу прошлую историю, проникнуть в самые истоки древней цивилизации таджиков для того, чтобы плодотворно использовать культурные ценности наших предков для укрепления в нашем народе национальной гордости и чувства ответственности за свои поступки.

Темы и творческие поиски как зрелых, так и молодых писателей постепенно стали расширяться. Прозаики более обстоятельно взялись за художественное отображение актуальных проблем и жизненных тем, трагедий гражданского противостояния, народной борьбы за достижение мира и согласия. Некоторые писатели еще до периода независимости в своих произведениях в той или иной мере затрагивали темы, отражающие падение нравственности в обществе. Это говорит о том, что таджикские писатели, как тонкие психологи, чувствовали и предвещали надвигающиеся социальные

потрясения. Подтверждением тому являются размышления героев повестей Ф. Мухаммадиева, У. Кухзода, Сорбона, С. Турсуна, М. Ходжаева и других, которые еще в 70-80 годы XX века били тревогу о падении нравственности молодежи, общественной морали, свидетельствовали о целом ряде негативных социальных явлений. Но, к сожалению, этот отрезвляющий голос писателей не был своевременно услышан, и впоследствии советское общество столкнулось с большими социальными потрясениями. Помимо того, эти потрясения и гражданское противостояние в определенный период даже повергли писателей в депрессию, заставили их замолчать, но вскоре они начали художественный анализ причин и результатов социальной трагедии.

Как было отмечено, некоторые писатели еще до периода независимости в своих произведениях в той или иной форме затрагивали зрелище и страшные события 90-годов. В том числе Сорбон, один из известных и талантливых таджикских писателей, в своих интересных повестях обращается к актуальным темам, волнующим все общество. Он как тонкий психолог с большим мастерством отображает судьбу человека, реалии и трагедии жизни: «Вспыхивали пламенем лавки, находящиеся на обочине дороги, машины, не могли проехать. Погибших и раненых, друзья поднимая за руки и ноги, уносили их. Доносился говорящий голос: это дело рук хулиганов и дьяволов. Первый секретарь изнутри, какой то «бронированной» машины с микрофоном в руках обращался к народу, группа людей кричала. Выступали их представители: один из них призывал к справедливости, другой к спокойствию… вдруг распространился слух о том, что глава правительства, принимая во внимания народное желание, был согласен подать в отставку. Однако, вместо истинного положение дел, (по телевизору) показывали задержание «хулиганов», танец одного человека, не понятно было кто он и что он» [2].

Также в повести «Запутанные боли» писатель Иноят Насриддин в разговоре с другом наряду с общественными «болями» пишет следующее: «многие перекупщики, спекулянты, пользуясь случаем общественной разбросанности, и беспорядками, построили роскошные дворцы, да такие что Магнитским эмирам даже и во сне не снилось. По мнению критиков литературы и истории всё царствование эмиров было за счет ограбления страны и угнетенные народной крови. А сегодня за счет кого и чего эти бесхозные богатства и роскошные дворцы?» [3].

Сложный человеческий характер, проявлявшийся в различных жизненных ситуациях, мастерски изображает в своих повестях Абдулхамид Самад. Как говорит писатель: «несмотря на жизненные недостатки, духовный застой, экономическое затруднение в это время не высох источник вдохновения и черны чернила писателей создали небольшие и большие произведения различных жанров [4].

В период перестройки и независимости, как писатели среднего возраста, так и молодые литераторы встретились с большими трудностями творческого характера. Они были взращены прежней литературной школой, поэтому темы, которые вынуждены были затрагивать в своих произведениях, являлись новыми, точнее, быть может, даже неожиданными, появившимися в связи с историческими переменами в обществе. Сама жизнь теперь предоставляла писателям множество конфликтных ситуаций, и они через героев своих произведений начали смелее изображать и выявлять глубоко внедрившиеся общественные недуги. Особенно это можно заметить в перестроечное время, когда творческая решимость писателей дала толчок всему обществу. Другими словами, писатели как бы очутились в горячем котле событий и стали их непосредственными очевидцами. Больше не было необходимости выдумывать конфликтные ситуации: их обильно и в большом количестве предоставляла сама жизнь.

Но в данном случае, более важно то, что “ущерб, причинённый гражданской войной, постыдные события и тяжёлая народная трагедия оставили неизгладимый опечаток на моральном состоянии и в сознании зрелых и молодых писателей» [5].

Реализм очень силен в повестях известного таджикского писателя Сорбона. Он творчески отображается в симбиозе психологического и философского размышления автора. Выражая свои мысли через действия и размышления героев, писатель всегда отдает предпочтение реализму.

Мастерство и талант писателя обусловлены тем, чтобы, используя богатства родного языка, создать новые и яркие образы и смыслы. Следует отметить, что независимость дала писателям свободу слова и обширные возможности для развития творческой деятельности, и литераторы сегодня успешно используют все эти факторы. Однако, по данному вопросу мнение Шарифова Х. иное: «Неправильно предполагать 70-лет (имеется ввиду советский период) народной жизни слепым существованием, ненужным и

ошибочным путем. Более двух поколений нашего народа посвятили всю свою жизнь на благоустройство нашей великой страны, в том числе своей родной земли. Реализовали благоустройство в образовании и культуре. Необходимо на все это взглянуть исследовательским взглядом» [6].

Таким образом, прозу периода независимости следует рассматривать только взаимосвязано с прозой советского периода. Ибо в каждой эпохе и времени литература является отражением истории и реальности, событий определенного времени.

Если взглянуть на прошедшие исторические события станет очевидно, что в начале XX вв. «революция русского народа дала таджикскому народу новый строй, свободу, государство». Однако, с другой стороны, перемены, хлопоты новой жизни, строение нового общество, а также в 30-40 годы неотлагательный переход от арабской письменности и языка на латинскую графику, стало поводом отдаления населения от тысячелетнего наследия и культуры, и на некоторое время отделение от классической литературы. В первые революционные годы и после литераторы проявляли активность в творении, являлись воспитанниками минувшего столетия и были «готовыми солдатами». Они получили воспитание в предыдущих литературных и культурных школах, в интенсивной новаторской идеологической борьбе начала XX вв. [7].

Следует отметить, что литература советского периода, прежде всего, связана с именем ее основоположника - С. Айни. С. Айни является выдающейся личностью в персидско-таджикской истории и литературе, культуре XX столетия[8]. О рождении, жизни, социальной принадлежности, различных моментах стремления и борьбы С. Айни на пути борьбы против врагов и с целью восстановления исторического положения персидско-таджикской тысячелетней культуры, Шукуров М. [9]. и другие критики современной литературы рассмотрели в научных разработках. Прозаики также выразили свое мнение по поводу личности и величия С.Айни. Например, писатель Адаш Истад пишет: «Советская таджикская проза (имеется в виду советский период), несмотря на новаторства и новшества, основывается на прозе Айни. Ибо в его сочинениях отражены итоги тысячелетних трудов наших классиков[10].

Впоследствии повествовательную традицию С. Айни продолжили такие его последователи, как Дж. Икрами, С. Улугзаде, Р. Джалил, Ф. Ниязи, П. Толис, Ф. Мухаммадиев, Ю. Акобиров и другие создали лучшие произведения, которые повлияли на прозу периода независимости. В том числе Дж. Икрами в создании женского образа, С. Улугзаде в летописании, Р. Джалил в расскзах, Ф. Мухаммадиев в «мыслительном изображении» достигли брльших успехов.

Следует отметить, что в период независимости для творческих людей, особенно поэтов и писателей, открылись новые горизонты. Свобода слова и выражения дала литераторам большие возможности для изложения своих замыслов, выбора жанра, отражения окружающей действительности. В 60-70 годы XX века молодые литераторы и писатели среднего возраста, больше внимания стали уделять созданию рассказов и повестей и достигли в этом определенных успехов. Об этом писал еще литературовед Дж. Бакозода, изучавший творчество Фазлиддина Мухаммадиева, Сорбона, Саттора Турсуна и Уруна Кухзода, выявляя и подчеркивая их исключительное писательское мастерство[11]. Ф. Мухаммадиев как один из талатливых и проницательных писателей внес существенный вклад в развитие различных литературных жанров, в том числе жанра повести. Его произведения в современной прозе различных литературных жанров считаются неповторимыми и бесподобными. Героями последних повестей писателя являются «Варта» («Над пропастью») и «Шохии япон» («Японский шёлк»). Реалистическое изображение и характерное поведение героев, их деятельность в этих повестях вечно служат примером в решении важных вопросов. Писатель наряду с изображеним жизни одной семьи (ака Барака – герой повести «Японский шёлк») и одного человека (Саидбек – герой «Бездны») подводит итоги общих человеческих и социальных проблем. Писатель творчески глубоко и мастерски изображает характерные черты героев упомянутых повестей. Читая повесть, непосредственно можно вообразить себе образ героев. Р. Ходизаде относительно повести «Над пропастью» выразил свое мнение следующим образом: «В психологическом изображении героев, в раскрытии вопросов социальной и личной нравственности, более того, в прозе нашех последних лет является одним из важных этапов» [12].

По мнению А. Набиева «Фазлиддин Мухаммадиев являлся писателем, который всегда раньше всех и больше всех чувствовал социальный пульс. Если его первые шаги в творчестве начинались публицистическими сочинениями и временами произведения,

далее не только становится важной основой его художественного стиля, но и являются одним из основных способов его вмешательства жизненно важные вопросы[13].

К сожалению, Ф. Мухаммадиев в новом социально-политическом положении, в период независимости Таджикистана, не испытал свободу слова в которой всегда нуждался. Сочинения этого талантливого писателя, несомненно, являются наилучшими образцами новой таджикской литературы. Он за период своей тридцатилетней литературной деятельности создал такие прекрасные произведения, что их вполне достаточно будет на десятилетиями. Кроме того, творение Ф. Мухаммадиева при помощи ценных произведений новой таджикской литературы, являющейся реалистической таджикской литературой XX столетия, может звучать современной для сегодняшнего и будущего поколений[14].

В 80-е годы XX века ускорительный процесс перемен, и перестройки охватил все социально-политические и культурные сферы. Эти перемены и перестройки также должны были произвести изменения в размышлениях литературного мира, но неожиданно стали фактором распада 15 союзных республик, волна которого постепенно нанесла тяжелый удар по политической и культурной жизни всего советского общества. Весьма удивительные литературные и художественные поиски группа писателей были приостановлены на полпути. Критерии расценивания относительно литературы также изменились. Несмотря на гражданское противостояние, после социальной трагедии в определенный период писатели начали художественный анализ причин и результатов социальной трагедии, призывая народ к эрудированному миру"[15].

Следовательно, после гражданского противостояния и минования страшных событий, наше общество приобрело независимость, которая дала таджикскому народу национальный менталитет, индивидуальность и национальное самопознание. В период независимости для творческих людей, особенно поэтов и писателей, открылись новые горизонты. Свобода слова и выражения дала литераторам большие возможности для изложения своих замыслов, выбора жанра, отражения окружающей действительности. Нынешний таджикский литературный процесс в период независимости в Таджикистане и крупные социально-политические и культурные перемены стали фактором развития на основе новых стилей и методов, внося в творчество писателей существенные изменения в продолжение классической традиции. Таджикская классическая литература всегда имела высокие основные гуманистические идеи, такие как справедливость, прославление правдивости и патриотизма.

Независимость, прежде всего, расширила границы творческой свободы писателей и стала основой для обновления их взглядов и позиций в объективном отображении жизни. Писатели, рассматривая персидско-таджикскую классику со всеми подробностями, не принимая во внимания изложение, религиозные стороны, начали создавать произведения в пределах литературной и художественной традиции. Все это привело к тому, что литературная жизнь в эпоху независимости стала эволюционно развиваться.

В современной прозе в таджикской литературе особенно стал развиваться жанр повести, в котором уже достигнуты определенные успехи. Создано немалое количество повестей. Именно этот жанр писатели больше стали использовать для отображения интенсивных эпохальных противоречивых событий. Одним из основоположников русского литературоведения был В.Г. Белинский. И хотя еще в античности были сделаны серьезные шаги в разработке понятия литературного рода (Аристотель), именно Белинскому принадлежит научно обоснованная теория трех литературных родов, с которой вы можете подробно познакомиться, прочитав статью Белинского «Разделение поэзии на роды и виды».

В.Г. Белинский охарактеризовал жанр повести, как самый удобный для чтения жанр, называя ее страницей из великой книги жизни, потому что она быстрее, чем роман, поспевает за движением действительности. Далее сравнивая с романом, В.Г. Белинский пишет: «повесть есть тот же роман, только в меньшем объеме» [16]. Также отмечает, что «её форма может вместить в себе, что хотите: и мягкий очерк нравов, и полную сатирическую насмешку над человеком и обществом, и глубокое таинство души, и жесткую игру страстей. Краткая и быстрая, мягкая и глубокая вместе, она перелетает с предмета на предмет, дробит жизнь по мелочи и вырывает листки этой жизни» [17]. Если повесть, согласно Белинскому, - это «листок из книги жизни», то, пользуясь его метафорой, можно образно определить роман с жанровой точки зрения как «главу из книги жизни», а рассказ - как «строку из книги жизни». Таким образом, исходя из выводов В.Г. Белинского, можно придти к заключению, что сам жанр повести имеет больше

возможностей в изображении интенсивных социально-политических прогрессирующих событий и происшествий, к тому же по объему легко читающийся жанр.

Как отмечает российский литературовед Н.Л. Лейдерман «жанр – не выдумка, не умозрительная схема. Жанр относится к индивидуальному художественному миру, как закон к явлению. Закон жанра, как всякий фундаментальный художественный закон, характеризует устойчивую связь между содержанием и формой» [18]. В то же время подчеркивает особенность жанра повести «именно повести свойственно *сосредоточенность* на выявлении основных, ударных противоречий времени и его главных тенденций, именно ей присуще *высверливание* самых "болевых" проблем из массы вопросов времени, именно повесть ориентирована на тщательный анализ самого *процесса* развития и разрешения данного, главного противоречия» [19]. Таким образом, основным фактором развития и усовершенствования жанра повести в таджикской прозе стали происходящие события в период достижения и укрепления независимости.

В таджикской литературе нынешнего периода особое значение приобрело художественное отображение проблем современной жизни таджикского народа в период государственной независимости. В творчестве современных таджикских писателей важное место занимают такие темы, как события гражданской войны, строительство гидроэлектростанций и стратегических автомобильных дорог, имеющих большое значение для дальнейшего развития нашей страны. Творческая практика, как опытных, так и молодых писателей, таких, как Ф. Мухаммадиев, Ю. Акобиров У. Кухзод, Сорбон, А. Самад, К. Мирзо, М. Ходжаев, Б. Фируз, С. Рахимзод, Бахманёр, Саидахмад Зардон, Махбуб Хабиб, Мирзонасриддин, Раджаб Мардон, Хакимали Назарали, Сипехри Хасанзод, Насим Раджаб, Ато Хамдам, Иноят Насриддин, Маъруф Бободжон, Кодири Рустам, Ханифа Мухаммадохир показывает, что повесть в качестве более оперативного жанра художественной прозы имеет "гибкие" (если можно так выразиться) возможности для описания событий сегодняшней народной жизни.

Следует отметить, что таджикские литераторы в период независимости основательно начали анализировать и описывать известное события 90-х годов. Они, изображая последствие трагической гражданской войны, читателям доставляют назидательный урок. Сегодняшние прозаики, - пишет Урун Кухзод, - несмотря на то, что единообразное писание количественно возрастает, в прозу вносят новые окраски. В частности Абдулхамид Самадов, Абдурафе‘ Рабиев, Джонибек Акобиров, Бахманёр, Сайф Рахимов, Кодир Рустам и др. в повествовании чувствуют себя немного свободнее, и в реалистических исторических и жизненных поисках ступают устойчиво. При их посредстве круг тематики прозы становится шире, стиль разнообразнее, и изображение живописнее. Чистый ветерок перестройки надеемся, поспособствует и придаст силу их перу тому, что уверенно в прозе будет продолжаться поломка формы и в будущем будет достигнута новая характерная основа» [20].

Таким образом, в течении 20 лет независимости таджикские писатели создали повести в различных направлениях и стилях. Повести Абдумалика Бахора "Писари милиса" ("Сын милиционера") и "Бахси нотамом" ("Незаконченный спор") посвящены трагическим событиям 30-х годов XX века. Другая его повесть под названием "Дастовез" ("Гостинец") ближе к философской прозе.

Повесть Саттора Турсуна "Санг дар баѓал дар тўфон" ("С камнем в груди в бурю") относится к философским произведениям. Героев повести немного: Рашид-пастух, Рахим Акбар, Насрин и его собака Бебок. В рамках ограниченного круга героев писатель смог выразить, с одной стороны, свои философские размышления, а с другой – последовательно изобразить ход событий. Основу повести составляют месть и злоба Рашида-пастуха в результате, в конце концов, толкают его в пропасть смерти.

В период независимости зрелые мастера слов У. Кухзод, Р. Ёрмухаммад, Дж. Акобиров, С. Рахимзод, Бахманёр, начинавшие писатели С. Хасанзод, Д. Мирзо, Ю. Юсуфи, К. Давлат, Н. Ёдгори, З. Гулом и др. создали множество повестей на различные темы и внесли существенный вклад в развитие новейшей таджикской прозы.

Таким образом, в течении 20 лет государственной независимости в Республике Таджикистан произошли политические, социально-экономические и культурные перемены исторического характера. Строительство крупных объектов государственного значения, гидроэлектростанций, существенные изменения в идейно-политическом сознании, сотрудничество с другими странами во всех сферах, конечно же, не могли не повлиять на современную таджикскую литературу и на творчество писателей.

ЛИТЕРАТУРА
1. Шакури М. Небольшой взор на таджикскую литературу XX столетия/ М.Шакури. - Душанбе: Деваштич, 2006. -С.461-462.
2. Сорбон. Догадка/ Сорбон. // Садои Шарқ (Голос Востока)/ – 1995. -№5-6.-С.32.
3. Насриддин И. Запутанные боли/ А.Набиев. // Садои Шарқ, 2006. -№6. -С. 84.
4. Самадов А. Проза последних лет/ А.Самадов // Садои Шарқ (Голос Востока), 1996.- №9-12. -С 26-28.
5. Самадов А. Проза последних лет/ А.Самадов // Садои Шарқ (Голос Востока), 1996.- №9-12. -С 28.
6. Шарифов Х. Культура и мастерство творение в советской таджикской литературе/ Х.Шарифов // Голос Востока, 1994. -№5-8, -С. 3-4.
7. Хусейнзода Ш. Вопросы, связанные с развитием таджикской советской художественной прозы/ Ш.Хусейнзода. // Шарқи Сурх (Красный Восток), 1954.- №6. -С.115.
8. Набиев А. Поиски и начинание в прозе. Сборник статей/ А.Набиев. – Душанбе: Адиб, 2009.-С. 8.
9. Шукуров М. Реалистическая проза и эволюция эстетического сознания. Исследование художественные стороны/ М.Шукуров. -Душанбе: Ирфон, 1987. – 452 с.; Школа гуманности. Некоторые литературные и культурные вопросы - Душанбе: Адиб, 1991. – 268 с.
10. Истад А. Вопросы современной таджикской прозы/ А.Истад. //Садои Шарқ (Голос Востока), 1987.- №7-С. 110.
11. Бакозода Дж. Творческие поиски в таджикской прозе/ Дж. Бакозода - Душанбе. Ирфон, 1982, 144.
12. Ходизаде Р. Вопросы советской таджикской прозы/ Р. Ходизаде //Садои Шарқ (Голос Востока), 1987.-№7.-С. 109.
13. Набиев А. Поиски и начинание в прозе. Сборник статей/ А.Набиев. – Душанбе: Адиб, 2009.-С. с.162.
14. Там же, с.164.
15. Самадов А. Проза последних лет/ А.Самадов // Садои Шарқ (Голос Востока), 1996.- №9-12. -С 27.
16. Белинский В.Г. Избранное/ В.Г. Белинский. – Москва, 1959. -Т.1. -С.130.
17. Там же, с. 271.
18. Лейдерман Н.Л. Движение времени и законы жанра: Монография/ Н.Л.Лейдерман. – Свердловск: Сред. Урал. кн. изд.-во, 1982. -С.21.
19. Там же, с.21.
20. Кухзод У. Слова должны быть полезными/ У.Кухзод. // Садои Шарқ (Голос Востока), 1990.-№5. -С.127.

ПОЛИТИЧЕСКОЕ ПОЛОЖЕНИЕ И ЕГО ВЛИЯНИЕ НА ЛИТЕРАТУРНЫЙ ПРОЦЕСС

В статье рассматриваются период независимости Таджикистана, социально-политические и культурные перемены, повлиявшие на литературную тенденцию и творчество как маститых таджикских писателей, так и молодых прозаиков. Автор подчеркивает, что в период независимости прозаики более обстоятельно взялись за художественное отображение актуальных проблем и жизненных тем, трагедий гражданского противостояния, народной борьбы за достижение мира и согласия.

Ключевые слова: независимость, перемены, вклад, тенденция, литература, прозаики.

POLITICAL SITUATION AND ITS IMPACT ON LITERATURE

The article deals with the period of independence of Tajikistan, socio-political and cultural changes influenced the literary trend and creativity venerable Tajik writers and young novelists. The author emphasizes that, in the period of independence novelists took up more thoroughly artistic display of actual problems and life in the tragedies of civil strife, the people's struggle to achieve peace and harmony.

Key words: independence, change, contribution, trend, literature, prose.

Сведения об авторе: ***Х.А. Хашимова*** – соискатель Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия имени Рудаки АН РТ

ҶОЙГОҲИ ЗАН ДАР МАРСИЯИ ФОРСИИ ТОҶИКӢ

Қ.Пирхонова
Донишгоҳи давлатии Данғара

На фақат дар адабиёти форсии тоҷикӣ, балки умуман, дар адабиёти милали дигар низ шумори шеърҳое, ки дар сӯги занон суруда шудааст, чандон зиёд нест. Бо вуҷуди фаровонии ғазалҳое, ки шоирон дар бораи занон гуфтаанд, ҳангоме ки ба ашъори шоирони форсии тоҷикӣ муроҷиат мекунем, беш аз чанд марсияе дар ҳаққи зан намеёбем. Шумори ин шеърҳо агарчи дар муқоиса бо сурудаҳои тағаззулӣ андак аст, аз шеърҳое, ки дар бораи андӯҳгин шудан ба хотири занон суруда шуда, камтар нест.

Дар таърихи адабиёти мо шоироне ҳастанд, ки дар бораи зан, яъне модар, ҳамсар ва духтаронашон марсия гуфтаанд, ки ҷиҳатҳои хосси марсиясароиро ошкор месозад. Зимнан бояд гуфт, ки марсияи занон майдони фарохе барои шоирон набудааст. Бинобар ин, аксари шоирон дар марсияи занон ҷуз дар чанд марсияи шахсӣ чандон тавфиқ наёфтаанд. Шоирон дар ин маврид маъмулан як паҳлӯи ин мавзӯъро гирифта ва дар атрофи он суханпардозӣ кардаанду бас.

Нахустин касе, ки дақиқан дар марсия аз зан ёд кардааст, Масъуди Саъди Салмон мебошад. Ин шоири рангинхаёл дар таркиббанде, ки дар расои Рашидуддин

– фарзандаш сурудааст, аз ҳамсараш-модари Рашидуддин ёд мекунад. Ин марсия аз 103 байт иборат буда, шоир дар як банди он васфи ҳоли модари фарзандмурда мекунад. Масъуд ба гунае гузаро ва мухтасар, аммо пурэҳсос [4] дар кашидани ғами фарзанд нотавон будани модарро тасвир карда, аз ҷумла мегӯяд:

Сурати марги зиштсуратро
Пеши чашми падар аён кардӣ,
Хок бар ҳар саре парокандӣ,
Хун зи ҳар дидае равон кардӣ...
Ғами ту ман кашидам, ки масъудам,
Ки ба ҷон ғам кашиданам кор аст.

Шоири аз ранҷи ҳичрати нобаҳангоми фарзанд озурда, ҳоли зори модари фарзандгумкардаро табиӣ тасвир мекунад ва ин марсия гувоҳи «риққати эҳсос ва латофати отифӣ»-и шоирест, ки вусъат ва умқи мусибати ба сари хонаводааш омадаро ба хубӣ ва ҳунармандона нишон медиҳад.

Дар адабиёти форсии тоҷикӣ дар бораи занону модарон ва хоҳарони умаро марсия гуфтан суннат аст ва ин равишро ба наҳве метавон меросбарӣ аз марсиясароии шоирони араб таъбир кард, ки ба пайбурди Аббос Маҳмудиқод аз таҷрибаи Ибни Румӣ сарчашма мегирад. Ин донишманди араб менависад, ки «Мафҳуми марсиясароӣ барои зан чи зани шаръӣ ва чи ғайришаръӣ пеш аз Ибни Румӣ [*] зуҳур наёфтааст. Ӯ дар андӯҳи марги зани овозхоне ба номи Бастон сурудааст:

Бастон! Во ҳасрато ало зуҳарин,
Фики миналлаҳви, бал ало самри.

(Дареғо, бар шукуфаҳои ишрат, ки дар вуҷуди ту шукуфо шуда буд, ва парпаргашт ва ҳам дареғо, бар мевае, ки норасида аҷалаш чид) [1].

Адабиёти миллатҳо, аз ҷумла адабиёти мо низ беҳтарин сабткунандаи ахлоқи иҷтимоии мардум аст. Вале тааҳҳуди шоирони гузашта дар ин замина яксон нест ва ин омилҳои мазҳабию иҷтимоӣ дошт, ки фақат хосси адабиёти форсии тоҷикӣ набуд. Муҳаққиқон иллати ин падидаро дар адабиёт ба мавқеияти занон дар садаҳои гузашта марбут донистаанд. Аз таърих медонем, ки ҳамсар дар асрҳои гузашта бо мамлукон ва занони асири ҷангӣ, ки ба канизӣ водошта мешуданд, тафовуте надошта, аз боварҳое аст, ки дар он ихтилоф роҳ надорад.

Баъдҳо бо гузашти замон мавқеияти ӯ фаротар рафта, ҳамчун хонуми хона эътибор пайдо мекунад. Вале дар урфи ҷомеа ҳамчунон ҳадафи амёли ғаризӣ мақом доштааст ва мард фақат дар ҳангоми нотавонӣ ё, ҳангоме ки табиати ҳайвонӣ мағлубаш месозад, ба зан паноҳ мебарад. Масъалаи зан ба унвони шарики зиндагӣ ё чунонки дар Қуръон омада- «оромиши хотири мард» ҷуз дар давронҳои ахир матраҳ набудааст.

Ба назари мо, аввалин шоире, ки дар марсияаш аз зан – модар ҳамчун шарики зиндагӣ ёд карда, мусибати ӯро дар бохтани фарзанд мусибати худ донистааст, Масъуди Саъди Салмон мебошад, ки дар боло ишорае аз марсияи ӯ рафт.

Аксари шоирони гузашта дар бораи зан шеъри тағаззулӣ сурудаанд ва барои гуфтани чунин ашъор ҳеҷ монеае надидаанд. Сабаб ин будааст, ки ғазал аслан, бо зарофату зебоӣ нисбат дошта, на ба арзиши инсонии зан. Вале баъзан, таваҷҷуҳи шоирони гузашта ба модар мушоҳида мешавадки ин дар гуфтани марсияи модарони умарою вузаро, занони хешованди онҳо зоҳир мешавад. Ин масъала, яъне ҳамдардӣ дар сӯгвориҳои амирон аз вазоифи таҳмилии шоирон буд, ки ин корро мекарданд, вале барои ҳамсари аздастрафтаи худ марсияе намесуруданд. Сабаби аслӣ ба манзалати зан ҳамчун шайъи мутааллиқ ба мард вобастагӣ дошт, ки дар сурати риоят накардани ин меъёр муосиронаш шоирро ба заъф ва аҷз муттаҳам мекарданд.

Муиззӣ аз шоиронест, ки дар бораи модари султон Санҷар Тоҷуддин хотун марсия гуфтааст. Ин марсия дар шакли қасида суруда шуда, аз 34 байт иборат мебошад. Дар оғоз шоир мардумонро танбеҳ мекунад, ниҳеби маргро, ки сари бисёреро ба хок овардааст, ба ёд меорад. Сипас, аз марги «моми Шоҳи ҷаҳон», ки нигине бар хотами шодӣ будааст, андӯҳ мехӯрад ва байтҳои тасаллият мегӯяд:

Афифае, ки зи дунё ба сӯйи уқбо рафт,
Шафеи Шоҳи ҷаҳон бод то ба Явмуддин.

[*] Алӣ ибни Аббос маъруф ба Ибни Румӣ (836-896 м.) аз бузургтарин шуарои асри Аббос, фарзанди падаре румӣ ва модаре эронӣ ва мутаваллиди Бағдод аст. Осори ду фарҳанги юнонӣ ва форсиро дар ашъори ӯ метавон ёфт.

Ҳамин гуна марсияро дар марги духтари султон Санҷар Моҳмалик хотун Амъақи Бухорой низ гуфтааст. Ахбори кутуби адабию таърихӣ дар бораи эҷоди ин марсия ҳодисаи фармоишӣ будани чунин марсияҳоро низ ашкор месозад. Аз ҷумла, Тақиддини Кошӣ дар «Хулосат-ул-ашъор» дар заминаи маълумоти «Таърихи оли Салҷуқ» нақл мекунад, ки ҳарчанд шуаро ва фусаҳои Хуросон ашъори марсия мегуфтанд, Султон намеписандид, то он ки амр кард устод Амъақро аз Бухоро биоваранд ва ӯ марсияи вай бигӯяд, зеро Амъақро дар марсия гуфтан қудрати тамом буд ва марсияҳое, ки барои хавотини Турон гуфта буд, дар он аср шуҳрати беш аз ҳад дошт [3]. Аз марсияҳои зиёде, ки Амъақ дар ин боб гуфтааст, танҳо пораҳое боқӣ мондаасту бас.

Асируддини Ахсикатӣ низ дар марги модари султон Арслон марсияе сурудааст, ки аз заминаи отифӣ ва ҳунарии чандоне бархурдор нест. Вале аз далелҳои муаллифони кутуби таърихӣ маълум мешавад, ки модари султон зани боэътибор, диндор ва некӯкор ва парҳезгор будааст. Чунон ки мебинем, ҳарчанд шоир расои занонро майдони фарохе надидааст, бо вуҷуди ин шахсият ва нуфузи хонадони онҳо боиси эҷоди марсияҳои ҷолиб гардидааст. Дар ин замина Рукнуддини Хӯйӣ низ дар марги хотун марсияе гуфтааст, ки дар таъсири чунин равиши марсиясароӣ дар таърихи адабиёти мост. Байтҳое, ки дар зер оварда мешаванд, далели шуҳрат ва некномии модари султон ҳастанд:

Дардо, ки замонаро накӯхоҳе рафт
В-аз пайи ӯ чу шамс дини шоҳӣ рафт.
Дар гардиши даҳр кас надодаст нишон,
Дар понсад сол он чӣ дар ин моҳе рафт.

Марсияи зан дар таърихи адабиёти мо бо он чӣ нақл ва тавсиф шуд, маҳдуд намешавад. Марсияҳое, ки баъзе шоирон гуфтаанд, нақши занро дар боландагии рӯҳӣ ва ҳунарии онҳо таъйид мекунад. Марсияи Низомӣ дар марги ҳамсараш Офоқ таъйинкунандаи ин назар аст. Шояд, Низомию Хоқонӣ ва баъдтар Амир Хусрав аз шоироне буданд, ки расои занонро барои баёни андешаи худ майдони фарохе ёфтаанд. Бахусус, Низомӣ дар ёдкарди Офоқ аз бандҳои суннатии шинохти зан ва маҳрамияти ин мавзӯъ худро раҳо мекунад Шоир дар достони «Хусрав ва Ширин» аз сӯги ҳамсаре мегиряд, ки хулосаи муҳаббаташ дар бораи ӯ ин аст.

Ба хушнудие, к-он маро буд аз ӯ,
Чӣ гӯям, Худо бод хушнуд аз ӯ!

Марсияи Низомӣ дар бораи ҳамсараш Офоқ ифодагари жарфои андӯҳи шоири бузург буда, дар таъкид ва таъйиди арзиши инсонии зан ё худ ба ифодаи қуръонӣ «оромиши хотир»-и мард мебошад.

Дигар аз шоироне, ки дар марсия барои баёни андешаю орои худ майдони фарохе ёфтааст, Хоқонии Шервонӣ мебошад. Хоқонӣ дар марги духтарон ва ҳамсараш марсияи шахсӣ гуфтааст. Марсияе, ки шоир дар марги духтараш гуфтааст, бори амиқи отифӣ ва фалсафӣ дошта, аз назари шоир моҳияти ҷаҳони фониву боқиро тавзеҳ медиҳад. Шоир дар қиёс бо зиндагии номақбули ду духтари дигараш фарорасии маргро барои ин духтар раҳмат ва саодат медонад:

Пешбин духтари навомади ман,
Дид, к-офоташ аз пас аст, бирафт.
Туҳфаи тоза, к-омад аз раҳи ғайб,
Дид, к-ин манзили хас аст, бирафт.
Гавҳари хурд буд, нек шинохт,
К-ин ҷаҳон бадгуҳар кас аст, бирафт.
Сурататаш баст, к-аз расидани ӯ
Хотири ман муҳаввас аст, бирафт.
Дид дар парда духтари дигарам,
Гуфт, меҳнат яке бас аст, бирафт.

Хоқонӣ дар расои ҳамсараш қасидае иборат аз 16 байт гуфтааст, ки яке аз самимитарин ва пурэҳсостарин марсияҳо дар бораи зан мебошад. Марсия вобастагии шадиди отифии шоирро ба ҳамсараш собит месозад. Шоир дар ин марсия ба рӯзгори роҳат ва осудагии худ ишора мекунад ва аз зан ёд мекунад, ки воқеан ҳам осоиши хотираш будааст ва ҳамеша бо вай ҳамдилӣ доштааст. Байтҳои зер баёнгари вазъи рӯҳии шоири бузург аз ин мусибати барояш вазнинанд, ки дидгоҳи ӯро дар боби мақоми зан дар хонавода таъкид мекунад:

Бас вафопарвард ёре доштам,
Бас бароҳат рӯзгоре доштам.
Чашми бад дарёфт, корам тира шуд,

Гарна рӯшан рӯйи коре доштам.
Ганҷи давлат мешумурдам, лоҷарам,
Дар ҳар ангуште шуморе доштам.

Ба ҷуз ин, шоир ду марсияи дигаре низ дар марги ҳамсари худ гуфтааст, ки мансуб ба ҳамсари дуюм аст. Далел ин аст, ки дар ҳар ду марсия ишораҳо ба зани ҷавонест ва шоир дар бораи ин зан дар ашъори дигараш низ ишораҳо дорад. Ҳарчанд шоир дар порае аз ашъораш аз ҳамсари аввалааш модари Рашидуддин бо муҳаббат ёд карда, аз дувумӣ чандон сухани хуш намегӯяд (Гузидӣ зи шаҳр, он ки хоке наарзад), бо ҳамаи ин аз марги ӯ низ ғамзада аст ва ба ёди ин зан ду марсия месарояд, ки аввалӣ 21 байт дошта, дувумӣ муштамил бар 13 байт мебошад. Ҳарду марсия ҳам дилгудоз буда, радифи **доштам** дар марсияи аввалӣ ва **гум шуд** дар марсияи сонӣ ба ҳарфи шоиронаи Ҳоқонӣ ҷаззобияти хос бахшидаанд. Бахусус, марсияи дувум аз назари баёни куллии эҳсосу андеша қобили таваҷҷуҳ аст. Ин ду байт, ки дарҷ мешавад, гувоҳи маҳорати комил ва мавқеияти инсонии ин шоири бузург дар ҳаққи зан аст:

Дер хабар ёфтӣ, ки ёри ту гум шуд,
Ҷоми Ҷам аз дасти ихтиёри ту гум шуд…
Аз роҳи чашму даҳон ба ашку ба нола
Роз бурун дех, ки роздори ту гум шуд.

Марсияҳои Ҳоқонӣ, сарфи назар аз он ки дар бораи чӣ касе суруда шудаанд, фасоҳат ва балоғати хос дошта, аз ин назар бояд алоҳида тадқиқ шаванд. Ҳамчунин, ин марсияҳо фақат аҳамияти шахсӣ ё тарҷумаиҳолӣ надошта, дар матни ҳаводиси замони зиндагии шоир суруда шуданд ва гуреҳкушои баъзе паҳлӯҳои ҳаёти пурмоҷарои шоиранд. Аз ҷумла, марсияи Ҳоқонӣ дар бораи Изуддини Фарибурз ва хоҳари ӯ Алҷизик ҳамин гуна нигаришро тақозо доранд.

Амир Хусрави Деҳлавӣ марсияи зиёде нагуфтааст. Вале дар сӯги модар ва бародар ӯ аз машҳуртарин ва ҳузнангезтарин марсияҳоро гуфтааст. Ин Марсия дар маснавии «Маҷнун ва Лайлӣ»-и шоир дарҷ гардида, бозгӯйи муҳаббати ӯ ба модар ва бародар аст.

Шоири бузург барои қадршиносӣ аз «Модари бузургвораш» дар ин шакли шеърӣ майдони фароҳе дарёфта, бар асари ин мусибат ҷаҳонро барои худ танг мебинад. Чизи бисёр муҳимме, ки дар ин қасида ҳаст, арзиши тарҷумаиҳолии он мебошад. Шоир ба василаи ёдкарди модар зиндагии худро ба тарозуи андеша мегузорад ва ба ин васила хонандаро низ ба роҳи худшиносиву қадршиносӣ ҳидоят мекунад.

Аз муҳтавои ин марсия бармеояд, ки шоири бузург модари хешро дар айёми ҳаёташ ранҷонда будааст. Аз ин мавқеъ, вақте ӯ аз сӯги модар сухан мегӯяд, байтҳояш аз эҳсоси андӯҳ ва надомат оганда мешаванд, ки намунааш ин аст:

Чун модари ман ба зери хок аст,
Гар хок ба сар кунам, чӣ бок аст?!
Эй модари ман, куҷоӣ охир,
Рӯ ор, чӣ наменамоӣ охир!!
Хандон зи дили замин бурун ой,
Бар гиряи зори ман бубахшой.
Рондӣ ба биҳишт киштии хеш,
Рӯ тофтӣ аз биҳиштии хеш.
Ҳар ҷо ки зи пойи ту ғуборест,
Моро зи биҳишт ёдгорест.
Шерозаи ҷузви ман зи тақдир
Омехтаи хуни туст бо шир.
Меҳре, ки ба шир шуд фароҳам [2],
То ҷон наравад, куҷо шавад кам!

Амир Хусрав аввалин шоирест, ки дар ин марсия аз тарзи қолабии баёни андеша ва қадршиносии шахси фавтида кор гирифта, унсурҳои зинда ва таъсиргузори тарҷумаҳолиро ба он ворид кардааст. Бинобар ин ҳам, мо дар тасвири ӯ симои азизу шарифи модарро равшан мебинем. Ба назари мо, шоир дар ин марсия ба воситаи тасвири мушаххаси психологӣ чеҳраи модар ва муҳаббати фарзанди дар назади рӯҳи модар гунаҳгорро басо воқеӣ ва пуртаъсир офаридааст. Шоири бузург ба василаи ин марсия дидгоҳҳои адабиро дар боби тангии ҷойи зан дар шеър ба наҳве тағйир медиҳад.

Ба назари мо, ин равиш дар шеъри форсии тоҷикӣ баъдтар ба василаи Салмони Савоҷӣ то ҷое такмил меёбад, ки намунаи он марсияи ин шоир дар бораи Дилшодхотун мебошад.

Ин марсия дар шакли таркиббанд гуфта шуда, аз 49 байт ва 6 банд иборат мебошад. Салмон тавонистааст, бо баёни равшан ва тасвири ҳоловар заминаи воқеӣ ва пурандӯҳи марги ғайримунтазираи ин бонуи бошарофатро ба вуҷуд оварад. Марсия дар банде авҷ мегирад, ки шоир аз забони Дилшодхотун сухан мегӯяд. Ба ин васила шоир мавқеияти ин занро дар муҳити дарбори Шайх Ҳасан таъкид мекунад, ки аз воқеият сарчашма мегирад.

Воқеият ин будааст, ки муддати 17 соли салтанати мустақили Шайх Ҳасан дар Ироқ аксари корҳоро ин зан бар уҳда доштааст. Фазилати баргузидааш ин будааст, ки «ба тарбияти шуаро ва ободӣ хайрат ва мубаррат таваҷҷуҳи бисёр доштааст» [4]. Шиблии Нуъмонӣ низ дар ин боб менависад, ки ин зан шеър ва адабро дӯст медошт ва соҳибони фазл ва ҳунарро навозиш менамуд. Ӯ аз Салмон бағоят қадрдонӣ намуд ва Салмон дар мадҳаш доди сухан додааст» [4].

Марсияи Салмон фақат дар мадҳ ва ё ёдкарди фазоили ин зан нест. Вай бори аввал дар марсия шахси фавтидаро ба гуфтор во медорад ва мавзӯи ба марг бетараф набудан масъулияти бозмондагон дар назди рӯҳи шахси фавтидаро матраҳ мекунад, ки аз хусусияти хоси равиши марсиясароии ин шоири бузург аст.

Аз таҳлил ва арзёбии ин чанд марсияе, ки дар сӯги занон гуфта шудааст, метавон чунин натиҷа гирифт, ки дар ҳар сурат дар ин шакли шеъри гузаштагон ҷой барои шинохти зан ва мавқеияти он дар ҷомеа танг набудааст. Дар ин гуна ашъор фалсафаи зиндагӣ, ҳаёту марг, фазои зиндагӣ, таърихи ҳассосиятҳои инсонӣ, кардаву нокардаҳо бо ченаки марг андозагирӣ мешавад ва инсонеро ки ба бақои дунёи модӣ эътиқод дорад, ҳушдор медиҳад, ки хулосааш ин аст: ба ҷуз умри гаронмоя дигар ҳама чиз бақо надорад.

А Д А Б И Ё Т

1. Аббос Маҳмудулиқод. Милоди як марсия / Маҳмудулиқод Аббос // Пагоҳ. Тобистон ва поизи 1380, шумораи 2 ва 3.-С.82.
2. Амир Хусравӣ Деҳлавӣ. Маҷнун ва Лайлӣ / Амир Хусравӣ Деҳлавӣ. -Маскав, 1964. -С. 263.
3. Насруллоҳи Имомӣ: Марсиясароӣ дар адабиёти форсии Эрон. – Аҳвоз, Интишороти дафтар Маркази ҷиҳоди донишгоҳӣ, 1369. -С.154.
4. Доктор Насруллоҳи Имомӣ. Марсиясароӣ дар адабиёти форсии Эрон. – Аҳвоз Интишороти дафтар Маркази ҷиҳоди донишгоҳӣ, 1369.-С.118.

РОЛЬ ЖЕНЩИНЫ В ЖАНРЕ ЭЛЕГИИ В ТАДЖИКСКО-ПЕРСИДСКОЙ ЛИТЕРАТУРЕ

Элегия ведет свою родословную с античности. Ее исполняли на похоронах, сопровождая пение игрой на флейте. Соответственно со временем изменилось и содержание элегий - в них зазвучали политические, философские темы и просто житейские размышления. В данной статье автор рассматривает данный жанр в персидско-таджикской литературе X-XIII вв., посвященный оплакиванию женщин на примере произведений Амъаки Бухорои, Салмон Соваджи, Хокани Ширвани, Амир Хусрав Дехлави. Также приведены примеры из данных сочинений.

Ключевые слова: персидско-таджикская литература, элегия, оплакивание женщины, касыды, таркиббанд, Салмон, Хакани, Амир Хусрав, плач, горе, печаль.

THE ROLE OF WOMEN IN THE GENRE OF ELEGY IN TAJIK-PERSIAN LITERATURE

Elegy traces its roots to antiquity. It was performed at the funeral, accompanied by singing, playing flute. Respectively has changed over time and the content of the elegies - they sounded political, philosophical themes, and just everyday thoughts. In this article the author examines the genre in Persian-Taiik literature of the X-XIII centuries, dedicated to the mourning of women to the works of Amaki buhoroi, salmon, Savage, Chokani Shirvani, Amir Khusraw dihlavi. Examples of these compositions.

Kev words: Persian-Taiik literature, Elegy, mourning women, Cassidy, triband, salmon, hakani, Amir Khusraw, mourning, grief, sorrow.

Сведения об авторе: ***Пирхонова Курбоной*** - соискатель Дангаринского государственного университета.
Телефон: **919-18-21-00**

ВЗГЛЯДЫ АМИРА ХУСРАВА НА ПЕРСИДСКУЮ И АРАБСКУЮ ПОЭЗИЮ

Р.Х. Тагаймуродов
Курган-Тюбинский государственный университет имени НосираХусрава

Как нами было указано ранее Амир Хусрав был хорошо осведомлён о тонкостях индийского и арабского языков. Об этом он рассказывает в предисловии к дивану «Совершенная зрелость» («Гуррат ал-камал»)и представляет образцы стихов, написанных им самым на арабском и индийском языках. В частности, относительно знания арабского языка и сочинения стихов на этом языке он поясняет так: «Арабский стих могу готовить на котле желаний… и знаю, что мой поэтический дар таков, что достигнет при малейшем движении всех долин Аравии…

Или:

Турки ҳиндустониямман, ҳиндуīгӯям чу об,
Шаккаримисрīнадорам, к-аз араб донам сухан (1, в. 11^{б}).

.

Очарован индийским, на индийском язык плетёт как проточная вода,
Египетского сахара не имея, перо выводит арабские слова»(1, л. 11^{б}).

Таджикский ученый, исследователь творчества Амира Хусрава М. Бакаев, о способности Хусрава к знанию языков, пишет так: «Амир ХусравДехлави наряду с персидско-таджикской литературой хорошо знал арабскую литературу и сочинял на этом языке немало стихов… Он был не только знатоком арабского языка и литературы, но и хорошо осведомлённым в теории арабской литературы и это дало возможность ему излагать свои мысли относительно персидско-таджикского и арабского стиха и сравнивая их, рассуждать об их различиях» (2, 247).

В связи с этим стоит добавить, что литературно-теоретическая мысль Амира Хусрава относительно свойств поэзии в персидско-таджикской и арабской литературе беспристрастна, объективна, так как за исключением того, что он писал стихи на персидско-таджикском языке, никакой связи не имеет с этой нацией, ведь он относится к тюркоязычным народам, и гордится этим. Отсюда и логический вывод: при рассуждении о поэзии этих двух наций, он придерживается принципов справедливости и объективности. По этому поводу он определенно утверждает в предисловиях к дивану стихов и «Чудо Хусрава»(«Э′джазиХусрави»).

Амир Хусрав в силу совершенного знакомства со свойствами персидско-таджикского и арабского языков, с теорией аруза и литературы этих двух народов, подвергает сравнению некоторые стороны персидско-таджикской поэзии с арабской, подчеркивая, что таджикско-персидская поэзия в передаче точной семантики, словесных и смысловых оттенков в метрике, в изящном изложении мысли и других необходимых элементов не уступает арабской поэзии, а в некоторых вопросах превосходит её. Хусрав опираясь на достоверные и убедительные аргументы, которые он называет «доказательствами», так оценивает превосходство персидско-таджикской поэзии над арабской: «Первое доказательство заключается в том, что главным мерилом персидской поэзии является метрика, и в этом плане они (*арабы – Р.Т.*) не могут сравниваться с нами, так как недостатки, наблюдающиеся в их поэзии, если обнаружатся в нашей персидской поэзии, мы назовём их неритмичными и крепость её метрики с изменением буквы или значка разрушится, а у них изменение буквы, слова, увеличение или уменьшение количества букв в целом приемлема. Такого мерила свойственного персидской поэзии, нет ни в арабской, ни в еврейской (иврит) и других языках. Знатоки слова знают, что я говорю это беспристрастно и объективно» (1, л.18^{б}). Его теоретические размышления по этому поводу лишены субъективного эмоционального восприятия. Они являются продуктом практической, объективной оценки, соответствующие диалектическим и историческим принципам и весьма логично развиваются при изложении.

Исследователи хорошо осведомлены, что ещё в прежние века почти все учёные, за исключением некоторой части проницательных арузоведов, считали, что персидско-таджикская метрика стихосложения берёт начало с арабского аруза. Причину данного заблуждения можно объяснить тремя источниками. Во-первых, отсутствие достаточных фактов и доказательств для подтверждения существования поэзии и поэтики в языке пехлеви (среднеперсидский язык). Во-вторых, выражение всей терминологии системы аруза на арабском языке. В-третьих, наличие некоторого сходства между персидско-таджикским и арабским арузом.

Поскольку персидско-таджикская и арабская метрики основаны на количественной основе (количество слогов), то существование некоторой аналогии между ними естественное явление. Такая аналогия присутствует не только между персидским и арабским арузом, но и между древнегреческим и индийским арузом, так как древнегреческая и индийская метрики тоже основаны на арузе.

Иранский учёный - арузовед доктор Таки Вахидийан Комйар при исследовании персидско-таджикского аруза в сравнении с арабским заключает, что аналогии, сходства в системе аруза этих двух народов меньше, чем различий.

Таки Вахидийан напоминает о существовании количественной основы метрики и в древнегреческой поэзии (3, 100-132). Несмотря на то, что метрика арабского стиха схожа с метрикой персидско-таджикской поэзии количественными показателями (слогов), но их различия настолько велики, что персидско-таджикскому народу, в том числе Амиру Хусраву кажутся «неритмичными». О неритмичности арабского стиха УбайдЗакани говорит с усмешкой: «Очень неритмичен арабский стих».

Возникает вопрос: Что означает утверждение Амира Хусрава «Мерилом персидской поэзии - является метрика». Разве в арабском стихе отсутствует метрика? Для достоверного ответа на эти вопросы мы вынуждены подвергнуть исследованию причину неритмичности арабского стиха и сравнить его с персидско-таджикским стихом.

Безусловно, поэзия, сочиненная на основе количественных показателей метрики, составляется из повтора стоп, конструкций, и в этом плане метрика персидско-таджикской поэзии схожа с арабской, но использование частоты стоп в двух арузах различна. Например, стопы размеров «тавил», «мадид», «басит», «вафир» и «камил», за исключением некоторых случаев в персидско-таджикской поэзии почти не используются, так как они неприятны слуху персоязычным народам. Однако, эти стопы и размеры широко употребляются в арабской поэзии. Напротив, некоторые стопы, широко употребляемые в персидско-таджикской поэзии, совсем не используются в арабской поэзии. К тому же, метрики стиха персидско-таджикской классической литературы в одной строке включает в себя от 10 до 16 слогов и редко можно найти стих, включающий в себе больше 16 и меньше 9 слогов. Но в арабском стихе не встречается более 15 слогов в одной строке, а 8-9 слоговая метрика в одной строке наблюдается в большом количестве. Кроме того, согласно указаниям английского исследователя Эльвиля Саттуна (4, 145), арабы с использованием 16 размеров сочиняли стихи в пределах 66 метрик, а персоязычные поэты, используя 14 размеров сочиняли стихи в более чем 300 метрик. Из них только 7 метрик более-менее схожи с арабским стихом и то, различными индивидуальными стилями.

Известно, что в персидско-таджикском и арабском арузе, а также в других количественных арузах существует поэтический произвольный выбор, поэтическая свобода, стиль. Количество поэтических выборов в персидско-таджикском арузе сравнительно меньше и имеют общие свойства, как и другие арузы. Но эта проблема в арабском арузе имеет свои особенности и в каждой метрике преимущественно проявляется в изменениях. В арабском стихе,в последней стопе второй строки (т.е. зарб), как и в других стопах не применяется поэтический выбор, в то время как в персидско-таджикском арузе они приемлемы.

Для освещения этого вопроса считаем целесообразным рассмотреть поэтические выборы персидско-таджикского стиха, которых меньше, чем в арабском. В персидско-таджикском арузе поэтический произвольный выбор имеют следующий порядок:

1. В пальцевидных метриках, конкретно в последней стопе полустрок, возможно параллельное употребление кратких, длинных и долгих слогов.
2. Использование одного длинного слога вместо двух кратких (в одной строке используется не более двух раз).
3. В ритме, начинающим со стопой фо'илотун, во второй строке можно использовать стопу фа'илотун или наоборот.
4. Возможны изменения местами двух соседних коротких и длинных слогов или крайних длинных и коротких слогов. Например, место стопы муфта'илун может занимать стопа мафо'илун. Такое явление более других наблюдается в метриках рубаи.

Нужно напомнить, что использование поэтического произвольного выбора (стиля) в персидско-таджикском арузе только в первом и во втором случаях имеет место в связи с количественными показателями, в других случаях такое явление не наблюдается.Несмотря на это, использование персидско-таджикских поэтических выборов не нарушает метрику и ритмичность стиха, но поэтические выборы арабского

аруза в метрике, несмотря на их большое количество, весьма несозвучны. К тому же, в арабском стихе поэтические выборы каждой стопы в каждой метрике свойственны только той ритмике. Например, стопы солим размера раджаза-мустаф'илун, если находятся в хашве стиха, согласно заключению Таки Вахидийан, подвергаются следующим изменениям:

1. В размере раджаза – мафо'илун, муфта'илун, фа'илатун.
2. В размере хафиф – мафо'илун, мустаф'илу, мафо'ил.
3. В размере басит – мафо'илун, муфта'илун, фа'илатун, мафо'ил.
4. В размере сареъ – мафо'илун, муфта'илун, фа'илатун.
5. В размере муктазаб – мафо'илун, муфта'илун, фа'илатун.
6. В размере муджтас(с) – мафо'илун, муфта'илун, фа'илатун, мустаф'илу, мафо'ил.
7. В размере мунсарех – мафо'илун, муфта'илун, фа'илатун, фа'лун (3, 16).

Эта статистика свидетельствует, что в арабском арузе различные поэтические выборы с использованием свойственных изменений, которые мы рассмотрели в стопе мустаф'илун, согласно указаниям Таки Вахидийан, наблюдаются и в других стопах. В персидско-таджикском арузе вместо стопы мустаф'илун нельзя использовать другую стопу. С учётом этих различий, Амир Хусрав подчеркивает разницу между арабской и персидско-таджикской метрикой, даёт предпочтение благозвучности и точности персидско-таджикской метрике и подчеркивает, что в метрике арабы не могут сравниться с нами.Таким образом, персидско-таджикский аруз своим многообразием и наличием благозвучной мелодии не имеет себе равных в мировой литературе. Этот аруз точный и систематизированный, налаженный, в пределах свыше 300 различных метрик. Другая особенность данного аруза – это его производность и воспроизводимость, т.е. поэты, имеющие музыкальный слух, могут открыть новую метрику и открывали, в то же время, метрика арабского стиха в пределах 66 размеров, существующих с древних времён, остались застывшими, утратив производное свойство, функционировали в рамках древних ритмов с ограниченными возможностями.

Другая причина, по мнению Амира Хусрава, преимущества арабской поэзии заключается в широких возможности арабского языка с точки зрения лексики и слабо развитый потенциал персидско-таджикского языка в этом отношении. «Вторым доказательством является то, что арабский язык обладает огромной лексикой и тот, кто владеет этим языком, имеет широкие возможности для выражения своих мыслей. Тысячами слов можно передать одно значение, как и одно слово имеет десять значений. Кто желает пользоваться ими, ключом правил и сводом законов откроет казну и перед ним откроются двери удивительных и редких слов, а в персидском языке мало слов имеет больше одного значения. Тогда, справедливо полагать, что в этом плане насколько туго и сложно персам, настолько легко и просто арабам» (1, л.18[а]).

Сказанное подтверждает, что Амир Хусрав не только владеет арабским языком, но и хорошо осведомлен о его морфологии, синтаксисе и языковых правилах. Когда он говорит, что в арабском языке для выражения одного значения существуют тысячи слов, имеет ввиду широкие возможности этого языка, наличие большого количества синонимичных слов и выражений. Автор фразой «одно слово имеет десять значений» указывает на существование большого количества синонимов и омонимов в этом языке.

Суждения Амира Хусрава относительно лёгкости и сложности творческой работы в этих двух языках лишены всякого рода предрассудков и пристрастий и имеют научно-практическую основу.

Третьим доказательством, опираясь на которое Амир Хусрав превозносит персидско-таджикскую поэзию над арабской, является использование редифа в персидско-таджикском стихе. Из истории литературы известно, что с древних времён в персидско-таджикской поэзии присутствовал редиф. Иначе говоря, редиф является особым элементом персидско-таджикской поэзии, а впоследствии был заимствован литературой других народов.

Редиф, как и метрика, и рифма, не считается необходимой частью стиха, но он в персидско-таджикской поэзии, в связи с тем, что носит идейно-смысловую нагрузку, а экспрессивность и эмоциональность поэтического слова опирается на нём, обладает чрезвычайной ценностью и важностью. Другое свойство редифа заключается в том, что он способствует единству и целостности стиха, соединяя все строки, бейты и части друг с другом. В связи с этим, можно с уверенностью сказать, что Амир Хусрав был одним из первых, кто уделял особое внимание свойствам и отличительным чертам персидско-таджикской поэзии, предлагая привлекательные и приемлемые теоретические взгляды. В

частности, о наличии редифа и его места в персидско-таджикской поэзии он пишет: «Третьим доказательством является то, что арабская поэзия - рифмованная. И, если некоторые персидские последователи в этом ключе редиф превратили в пернатый конь поэзии, то арабы не славят его, ибо его нет в арабском и считается он персидским.

Относительно превосходства персидско-таджикской поэзии над арабской Амир Хусрав пишет следующее: «Если персидская поэзия красотою метрики и изяществом смысла укрепленная редифом рождается Музой, то как измерить эту природную красоту? Теперь от претензий переходим к справедливым суждениям. Как мы восхищаемся изящным арабским словом, так и арабы не отрицают прекрасную метрику персидской поэзии.Бейт:

Мароҳарҳуҷҷате, к-омад ба сӯихештан, гуфтам,
Ту ҳамгарҳуҷҷатедорӣзисӯихеш, берун каш»

(1,в.18[a]).

Имея доказательств, мной сказано немало,
И ты выскажись, коли имеешь доказательств(1, л. 18[a]).

Несомненно, теоретические взгляды Амира Хусрава не запятнаны приверженностью и предвзятостью, имеют научно-практическую основу. Из его высказываний исходит, что персидско-таджикская поэзия по трём критериям превосходит арабскую: «Красотою метрики, изящностью смысла и прибавлением редифа». По его мнению, сочинять стихи на арабском сравнительно легче, чем на персидско-таджикском. Для подтверждения своей точки зрения, он пишет следующее: «Персы в поэтическом вкусе превосходят арабов. Поэтому, если лучший и красноречивый арабский поэт окажется в Персии и Хоросане, то на персидской земле его пернатый конь захромает и на персидском он не сможет вымолвить правильное слово. А проницательный персидский поэт сможет сочинять стихи на арабском языке. Если этот персидский поэт окажется в Аравии, то лучшие арабские поэты сбегут в пустыню. Замахшари был поэтом из Хоразма, в Аравии называли его гением» (1,л.18[a]).

Суждения и оценки Амира Хурсава свидетельствует, что он обладал знанием и огромной информацией о риторике, арузе, рифме, словаре, истории литературы, литературных родах, философии, логики, истории, стилистики, языкознании, обществоведении, психологии, этнографии, эстетики. Он также был знаком с шедеврами литературы и других наук, которые считаются важнейшими компетенциями теоретика.

ЛИТЕРАТУРА

1. Амир Хусрав Дехлави. Совершенная зрелость («Гуррат ал-камал»)/ Амир Хусрав Дехлави. Рукопись № 537 библиотеки АН Республики Таджикистан.
2. Бакаев М. Жизнь и творчество Хусрава Дехлави/ М.Бакаев. - Душанбе: Дониш, 1975.- 282 стр.
3. Таки Вахидийан Комйар. Баррасии маншаи вазни шеъри форсӣ/ Таки Вахидийан Комйар.- Машҳад: Остоникудси Разавӣ, 1370.- 157 саҳ.
4. Elueile Sutton L.P. The Persian Metres.- CambrigeUnuversity Press, 1976.

ВЗГЛЯДЫ АМИР ХУСРАВА НА ПЕРСИДСКУЮ И АРАБСКУЮ ПОЭЗИЮ

Автор исследует проблему сравнения персидской и арабской поэзии с точки зрения Амира Хусрава Дехлави, анализируя взгляды поэта в его творчестве. Устанавливает, что Хусрав предпочтение даёт персидской поэзии на основе трех аргументов, которые называет доказательствами. Подробно анализирует особенности персидской поэзии и заключает, что сочинять персидскую поэзию сложное дело, т.к. лексические и семантические возможности персидского языка ограничены, в сравнении с арабским языком.

Ключевые слова: свойства аруза, семантика языков, смысловые оттенки, метрика, редиф, рифма, ритмичность, стопы, арузаведы, терминология, система аруза, стихосложение, количественная основа метрики, поэтический стиль, произвольность выбора, созвучность, поэтический выбор.

AMIR KHUSRAV'S POINT OF VIEW ABOUT PERSIAN AND ARABIAN POETRY

The author researches the problem of comparing between Persian and Arab poetry with the point of view of Amir Khusravi Dehlavi and analyses the poet's opinion in his creature. He definites that Khusrav prefers the Persian literature on the bases of tree arguments which he called proof. He also analyses the polarities of Persian literature in details and says that to compose the Persian poetry is a complex matter as the lexica and semantic opportunities of Persian Language is limited in the compare with Arabic Language.

Key words: aruz's features, semantic of languages, meaningful sides, matrix, radiph, rhythm, rythmness, column, aruz's scientist, terminology of aruz's system, creaturing of poems, quantity base of matrix, poetry style, choose, in own way, inter sounding, poetry.

Сведения об авторе: ***Тагаймуродов Рустам Хакимович*** - кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикской литературы КТГУ им.НосираХусрава. Телефон: **(+992) 917-57-55-22.**

СИМОИ ШИРИН ДАР ДОСТОНИ «ШИРИН ВА ХУСРАВ»-И АБДУЛЛОҲИ ҲОТИФӢ

С.Б. Маҳкамов
Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф

Симои Ширин дар достони «Ширин ва Хусрав»-и Абдуллоҳи Ҳотифӣ дар мақоми аввал буда, ба таври зайл таҷассум меёбад:

Бори аввал, ӯ, ҳамчун олиҳаи ҳусн, симои Хусравро дар сурати кашидаи Шопур дида ошиқ мешавад (3,29). Дафъаи дигар, Ширин дар дарё завракронӣ карда, ба соҳиле мерасад, ки дар он ҷо Хусрав хоб буд. Баробари дидани Хусрав, Ширини қиёфашинос ӯро аз рӯйи сурат мешиносад (3,39).

Сипас, симои Ширин ҳамчун духтари оҷизу паршикаста, вале хоксору вафодор ба назар мерасад. Ӯ аз ноодилона ба ҳабс гирифтани Фарҳод бохабар шуда, бо роҳи меҳрубонӣ аз Хусрав хоҳиш мекунад, ки Фарҳодро озод намояд. Хусрави ошиқ хоҳиши маъшуқаро ба ҷо меорад. Аз ин муносибати маҳрамона, пай бурдан мушкил нест, ки Ширин ошиқи содиқи Хусрав буда, дар дили ӯ барои ишқи дигарон ҷой нест. Аз ин ҷост, ки бо ҳама булҳавасию бевафоиҳои Хусрав аз вай дил канда наметавонад. Ӯ ҳарчанд ба Фарҳод ҳисси таваҷҷуҳ зоҳир намуда бошад ҳам, вале вайро дӯст надошт. Чунки Хусрав ӯро баумед карда буд ва қабули ишқу муҳаббати каси дигар ба нангу номуси ӯ таъсири манфӣ мерасонд. Ба ин маънӣ, ҳарчанд ба тавоноӣ, мардонагӣ ва олиҳимматии Фарҳод қоил бошад ҳам, вале шаъну шараф ва номуси хешро покиза нигоҳ медорад.

Боре Ширин бо ҳамроҳон майли кӯҳи Бесутун карда, бо Фарҳод вомехӯрад. Ширини матинирода барои мустаҳкамии пояи дӯстӣ ба сӯйи Фарҳод соғари май дароз мекунад. Фарҳоди кӯҳкан баъди нӯшидани он хурсандӣ менамояд (3,69-72). Аммо шодии Ширин дер давом намекунад. Вай аз хабари шунидани марги Фарҳод ғамгин шуда, ҳатто мегиряд (3,77). Мотамгирӣ ва азо доштани Ширин дараҷаи баланди ҳисси инсонии ӯро, ки ба муқобили рафтори Хусрави одамкуш аст, нишон медиҳад.

Аз мутолиаи боби «Нома навиштани Хусрав ба тариқи сарзаниш дар вафоти Фарҳод ба он сиҳисарви ношод» маълум мешавад, ки гиряҳои ҷонгудозонаи Ширин бо баҳонаи марги Маҳинбону бошанд ҳам, лекин, асосан, он аз ғами марги Фарҳод буд (3,77). Баъди хондани мактуби Хусрав (дар бораи вафоти Фарҳод), Ширин, ки аз рафти ҷараёни воқеа бохабар буд, ҳамчун фарди бетараф, ҷавоби таҳқиромезона менависад. Ин ҷавоб боиси ранҷиши Хусрави мағрур мегардад (3,79-81).

Ширин, ҳамчун зани оқила ва дурандеш, на бар ҳар як хоҳишу дархости Хусрав розӣ мешавад. Масалан, баъди вафоти Фарҳод, Хусрав бо Ширин вохӯрда, мехоҳад ба коми дил расад. Ширин ҳамчун фарди покдоману боиффат ин хоҳиши бесабронаи ӯро рад мекунад:

Ҷу Ширин дид аз ӯ он бевиқорӣ,
Рамид аз шер оҳуи татарӣ…
Дар абрӯ кард қаҳру ноз дар чашм,
Забон бикшоду гуфташ аз сари хашм:
«На он нахлам, ки осон дар бар оям,
На он навбоваи арзонбаҳоям…
Ман он мушкингизоли нозанинам,
Ки мар шери жаёнро дар каминам» (3,87).

Вафодории Ширин дар роҳи ишқи Хусрав ба ҳаддест, ки баъди он ки Хусрав Шакарро ба занӣ мегирад, ӯро фаромӯш намесозад. Ҳатто аз беқарорӣ Шопурро хоста, хоҳиш мекунад:

Ки Хусравро расон аз мо паёме,
Расонаш аз забони мо саломе,
Ки ё раб, он ҳама ёрӣ куҷо шуд?
Раҳи расми вафодорӣ куҷо шуд?
Дареғо, он чунон аҳде, ки бастӣ,
Ҷу зулфи хештан охир шикастӣ.
Ғарат маъшуқаи нав дилпазир аст,
Зи ёрони кӯҳан ҳам кай гузир аст?
Зи шаҳди лаб диҳад гар Шаккарат нӯш,
Макун аз шаккари Ширин фаромӯш (3,95).

Ширин дар ин паёми хеш Хусравро ба булҳавасӣ маломат карда, ҳар замон ба ҳар кас дил бохтани ӯро сарзаниш менамояд:

Нашояд ҳар замон ёре гирифтан,
Зи нав ҳар лаҳза дилдоре гирифтан (3,95).

Бо вуҷуди он ки – мегӯяд Ширин ба Шопур,– камарбандон ва бутони дилфиреби Хусрав бисёранд, вале ҳаводорон ва дӯстдорони ман аз вай кам нестанд. Аз ин ҷиҳат, ӯ ба Шопур таъкид месозад, ки ин хабарро ба Хусрав расонад (3,96).

Аз сад гул як гул нашукуфтан ва ҳанӯз дӯшизаву бокира будани Ширин амалиёти Хусравро боз ҳам барои расидан ба роҳи мақсуд – коми Ширин идома медиҳанд (3,96).

Аз ин ҷо маълум мегардад, ки худи Ҳотифӣ аз серзании мардон, ки дар замони тираву тори феодализм дар авҷ буд, чандон розӣ нест. Зеро барои мард зане ҳамчун Ширин оқилаву доно, ҳалиму меҳрубон, мушфиқу ғамхор, чаққону ҷасур ва дорои дигар хислатҳои ҳамида кофист. Аммо зангирии пайваста («зи нав ҳар лаҳза дилдоре гирифтан») хилофи шариат буда, ному насаби мардро доғдор месозад.

Дар фарҷоми достон Ширин аз куштори бераҳмонаи Хусрав аз дасти писараш – Шерӯя андӯҳгин шуда, аз кирдори фалак ба дод меояд. Сипас:

Дар ин даҳлези бебунёди фонӣ,
Ҳаромам бод бе ту зиндагонӣ!
Ҳамон беҳтар, ки бар поят ниҳам сар
В-аз он сар барнадорам то ба маҳшар (3,109-110) –
гӯён ҷон медиҳад.

Ҳамин тавр, агар дар достони «Хусрав ва Ширин»-и Низомӣ Ширин ҳамчун:

Паридухте, парибугзор моҳе,
Ба зери миқнаа соҳибкулоҳе.
Шабафрӯзе чу маҳтоби ҷавонӣ,
Сияҳчашме чу оби зиндагонӣ…
Ду шаккар чун ақиқи обдода,
Ду гесӯ чун каманди тобдода (1,69-70)

намудор гардад, пас, дар достони «Ширин ва Хусрав»-и Амир Хусрав ӯ дар зебоӣ ягона аст:

Ҷамолаш худ сифат кардан на роҳ аст,
Ки ин сурат бар он маънӣ гувоҳ аст…
Агарч-аз хубрӯйӣ ҳаст бечуфт,
Ҳадиси ҷуфт натвон пеши ӯ гуфт (2,12-13).

Дар достони ҳамноми Абдуллоҳи Ҳотифӣ низ симои Ширин ба монанди достонҳои Низомӣ ва Амир Хусрав хеле барҷаста офарида шудааст:

Бувад дар фурҷаи дарёи Дарбанд
Нигориндухтаре бемислу монанд.
Қаде чун шохи гул, лекин хиромон,
Ба боло сарву шамшодаш гуломон.
Сияҳчашме чу моҳи осмонӣ,
Сиҳиқадде чу сарви бӯстонӣ (3,23).

Дар ҳар се достони номбурда, Ширин дар муносибат бо Хусрав босабру қаноат ва боиззату боиффат аст. Масалан, дар достони Низомӣ вақте ки Хусрав дар ҳолати сархушию фориғболӣ «меҳмон»-и Ширин мегардад, Ширин дарро ба рӯяш мебандад ва таъкид мекунад:

Ҳадиси он ки «дар бастам», раво буд,
Ки сармаст омадан пешам хато буд.
Чу ман хилватнишин бошам, ту махмур,
Зи туҳмат раъйи мардум кай бувад дур? (1,276).

Порсоиву покдомании Ширин ба дараҷаест, ки Хусравро ҳушдор месозад:

Ту мехоҳӣ магар, к-аз роҳи дастон
Ба нуқлонам хӯрӣ чун нуқли мастон?
Ба даст орӣ маро чун гофилон маст,
Чу гул бӯе кунӣ, андозӣ аз даст.
Макун пардадарӣ дар маҳди шоҳон,
Туро он бас, ки кардӣ дар Сипоҳон.
Ту бо Шаккар тавонӣ кард ин шӯр,
На бо Ширин, ки бар Шаккар кунад зӯр.
Шакаррези туро Шаккар тамом аст,
Ки Ширин шаҳд шуд, в-ин шаҳд хом аст (1,276).

Дар достони Амир Хусрав, ҳангоме ки Хусрав баъди шиносоӣ ба хонаи Ширин меояд, гумон мекунад, ки аз ин духтари содаву гумроҳ ва булҳавасу беҷогард коми дил гирифтан осон аст. Аммо баъди он ки ба саволҳои ӯ Ширин ҷавобҳои саҳеҳу дақиқ ва оқилона медиҳад, аз раъйи хеш бармегардад (2,24-25).

Абдуллоҳи Ҳотифӣ низ фикри ба коми дил расидани Хусрав ва боиффатии Ширинро ҳангоми вохӯрӣ бо Хусрав, баъди вафоти Фарҳод, хеле таъсирбахш ба қалам дода, ба ҳимояи духтарони боиффату покдоман мебарояд (3,87-88).

Ба ин маънӣ, Ширин дар достонҳои боло дар муносибатҳои ба ишқу муҳаббат дахлдошта ба монанди Хусрав булҳавас нест. «Ширин дар бозиҳои гуногун ва базми айшу ишрат озодона иштирок кунад ҳам, рафтори булҳавасона надошт, ба комгирӣ ва комдиҳии шаҳвонӣ таъҷил ва худро фаромӯш намекард, вай ин гуна рафторро, ки аз ҷониби Хусрав булҳавасона зоҳир мешуд, пастии ахлоқ мешуморид ва аз рӯйи қасаме, ки ба аммааш ёд карда буд, танҳо баъд аз ақди заношӯӣ имконпазир медонист. Аз ин рӯ, вай ба итоби Хусрав, ки бо нияти комгирӣ ба Ширин мекард, бо вуҷуди тақозои коми дил доштан, ҷавобҳои ақлона, зиракона ва аз рӯйи одоб медод» (4,302).

Дар достони Амир Хусрав Ширин, бо вуҷуди ба Марям ва Шакар хонадор шудани Хусрав, баъзе рафтори ҷавобӣ, амсоли ба кӯҳу саҳро рафтан (2,72-73), бо Фарҳод вохӯрдан ва ба ӯ ҳусну таваҷҷуҳ зоҳир намудан (2,73-76) карда бошад ҳам, аммо ҳеҷ гоҳ аз аҳди ба Хусрав додааш барнагаштааст. Ба дигар ифода, Ширин ба ишқ ва ошиқи аввалаи худ устувор ва пойдор монда, ҳамчун маъшуқаи дар роҳи ишқи пок устувор, дар дили худ танҳо ишқи Хусравро ҷой додааст.

Дар достони Абдуллоҳи Ҳотифӣ низ Ширин ҳамчун маъшуқаи боаҳду вафо ва раҳмдилу меҳрубон намудор мегардад. Аз ҷумла, раҳмдилии ӯ ба дараҷае мерасад, ки аз ранҷонидани Хусрав пушаймон мешавад (3,94). Аз ин лиҳоз, чун маъшуқаи боаҳду вафо, ҳангоми бозгаштани Хусрав, ба вай меҳрубонӣ мекунад. Билохира, ҳарду ба висол мерасанд (3,97-103).

Тавре ки дар боло қайд намудем, бо вуҷуди ба Фарҳод ҳисси таваҷҷуҳ доштан, Ширин дар ҳар се достони номбурда ишқи ӯро дар дил ҷой дода наметавонад, ҳарчанд вай ба хубӣ дарк мекард, ки Фарҳод тайёр аст дар роҳи ишқи ӯ ҷон нисор кунад. Ба дигар ифода, Ширин ба қудрату тавоноӣ ва мардиву олиҳимматии Фарҳод мафтун бошад ҳам, вале танҳо ба иззату эҳтиром ва ҳурмати самими ӯ қаноат намуд.

Аз ин лиҳоз, Ширин, дар достони Низомӣ, баробари шунидани хабари вафоти Фарҳод зор-зор гирист:

Дили Ширин ба дард омад зи доғаш,
Ки мурғе нозанин гум шуд зи боғаш.
Бар он озод сарви ҷӯйборӣ
Басе бигрист чун абри баҳорӣ…
Ҷаҳонро сӯхт аз фарёд кардан,
Ба зорӣ дӯстонро ёд кардан.
Чунин ояд зи ёрон шарти ёрӣ,
Ҳамин бошад нишони дӯстдорӣ (1,236-237).

Ҷасорати Ширини достони Амир Хусрав ба ҳаддест, ки ба сари қабри Фарҳод меояд ва ба ёди ин ошиқи ноком басе мегиряд:

Равон шуд нозанин, к-аз роҳи ёрӣ,
Шаҳиди хешро гиряд ба зорӣ.
Ба болингоҳи ӯ шуд бо диле танг,
Ба оби дида шуст аз хуни ӯ санг.
Ишорат кард, то фармонбаронаш
Бишустанд аз гулобу заъфаронаш.
Кафан карданду биспурданд гамнок
Ғариберо ба гурбатхонаи хок.
Басе бигрист Ширин бар ғарибиш,
Фузунтар з-он зи баҳри бенасибиш (2,112).

Мотамгирии Ширин, баъди шунидани хабари вафоти Фарҳод, дар достони Абдуллоҳи Ҳотифӣ низ хеле табиист:

Касе з-он қисса Ширинро хабар кард,
Ҷу бишнид он санам, рухсора тар кард.
Басе кард он вафоҷӯ беқарорӣ,
Басе бигрист чун абри баҳорӣ.
Хати нилӣ, ки бар рухсор будаш,
Зи оби дида Ниле менамудаш.

Сияҳ пӯшид зулфи анбаринаш,
Ки дорад мотаме андӯҳгинаш...
Ба хокаш дафн карду мотамаш дошт,
Даруни дил басе тухми ғамаш кошт (3,75).

Сабаби дар ҳар се достон аз марги Фарҳод гиристани Ширин, тавре ки Низомӣ ишора намудааст, нишонаи дӯстдорӣ ва одаму одамигарист. Зеро Ширин ба қадри азобу машаққат ва меҳнати софдилонаи Фарҳоди кӯҳкан мерасид ва то дами ҳастӣ ҳурмати ӯро ба ҷо меовард. Барои исботи ин даъво мисоле меорем. Дар боби «Кандани Фарҳоди андӯҳгин ба нохуни тешаи алмоспеша рӯйи гардолуди Заминро ва Дағлаи хун сохтан аз дидаи хунобафишон ҷӯйи Ширинро» ба Ширин хабар медиҳанд, ки Фарҳод ҳавзи ҷӯй ва худи ҷӯйи ширро ба охир расонида, ба қавли шоир:

Ниҳод имрӯз санге дар тарозу,
Ки вазнашро надонад зӯри бозу (3,56).

Баробари шунидани ин хабар Ширин бо ҳамзодони худ барои дидани қуввату мадори Фарҳод сӯйи ҳавзи ҷӯй шитоб мекунад. Ба ҳунари нотакрор ва санъати баланди сеҳрофарини Фарҳод тан дода, ӯро ба наздаш мехонад ва изҳори сипос менамояд (3,57).

Ба ин маънӣ, образи Ширин, бо вуҷуди он ки баъзе лағзишҳо дорад, мусбат буда, дар қатори чеҳраҳои намоёни он духтаронест, ки дили соф дошта, аз рӯйи ҳаваси ҷавонӣ бо як дидан ба ин ё он кас дил мебанданд. Ҳарчанд онҳо лоиқи ӯ набошанд ҳам, бо орзуву ҳавас ва хаёлҳои ширини ишқи аввал умр ба сар бурда, бадбахт мешаванд ва оқибат қурбони орзуву ҳавасҳои худ мегарданд. Маҳз аз ҳамин ҷиҳат, Ширин ҳарчанд ба ҷавони ба худ нолоиқ дил бохта, дар назари хонанда ҳамчун духтари камақл ва булҳавас тобад ҳам, вале ҳамчун бонуи якишқа аз ишқи аввала, яъне ишқи Хусрав баргашта наметавонад.

Сабаби асосии ошиқи ҳақиқӣ – Фарҳодро иззату эҳтиром кардан, вале ишқи ӯро қабул накардани Ширин низ дар ҳамин ҷост. Аз ин рӯ, Ширинро барои қабул накардани ишқи Фарҳод айбдор кардану сарзаниш намудан чандон дуруст нест. Таклифи шаҳвонӣ ва булҳавасонаи Шерӯяро ҳам қабул накарда, худро бар сари ҷасади Хусрав нобуд сохтани Ширин бори дигар аз қалби пок доштани ӯ дар роҳи ишқи ягона дарак медиҳанд.

Хулоса, симои Ширин ҳамчун духтари боаҳду паймон ва софдилу пок ба мушоҳида мерасад, ки дар дили худ танҳо як ишқро ҷой дода, барои расидан ба мақсади дар дилдошта талош меварзад. Ҳарчанд симои Ширин дар назари хонанда аз он ки Хусравро насанҷида ба ӯ дил мебандад, хира менамояд, вале ишқи софу беғаши вай ин айбро мепӯшад.

А Д А Б И Ё Т

1. Низомии Ганҷавӣ. Куллиёт: – Ҷ. 1. (Хусрав ва Ширин: /Достон/) / Ба чоп ҳозиркунанда ва муаллифи сарсухан З. Аҳрорӣ / Н. Ганҷавӣ. – Душанбе: Ирфон, 1983. – 464 с.
2. Амир Хусрави Деҳлавӣ. Осори мунтахаб. – Ҷ.1. («Ширин ва Хусрав», «Маҷнун ва Лайлӣ», порчаҳо аз «Матлаъ-ул-анвор») / Муҳар. Масъул Ҷ. Додалишоев / А. Х. Деҳлавӣ. – Душанбе: Ирфон, 1971. – 492 с.
3. Абдуллоҳи Ҳотифӣ. Ширин ва Хусрав /Мураттиб ва муаллифи сарсухан Ҷ. Додалишоев / А. Ҳотифӣ. – Душанбе: Дониш, 1981. – 116 с.
4. Мирзозода Х. Таърихи адабиёти тоҷик (аз давраи қадим то асри XIII): Кит. I (2) / Х. Мирзозода. – Душанбе: Маориф, 1989. – 421 с.

ОБРАЗ ШИРИН В ПОЭМЕ АБДУЛЛОХА ХАТИФИ «ШИРИН И ХОСРОВ»

В любовно-романтической поэме «Ширин и Хосров» Абдуллоха Хатифи, Ширин, как главная героиня, играет важную роль. Данная статья посвящается изучению данного образа.

Ключевые слова: Ширин, поэма, любовь, влюблённый, честь, послание, небо, честный, преданный.

THE CHARACTER OF SHIRIN IN THE LEGEND OF ABDULLOH KHOTIFI

The character of Shirin is presented to be the most essential feature in the amorous- romantic legend “Shirin and Khusrav written by Abdulloh Khotifi. The following article is dedicated to studying the character mentioned above.

Key words: Shirin, legend, love, sweet heart, honour, love letter, heaven, honest, devoted.

Сведения об авторе: ***С.Б. Махкамов*** – доцент кафедры гуманитарных наук Республиканского института повышения квалификации и переподготовки работников сферы образования. Телефон: **(+992) 918526973.**

РУҶӮЕ БА ТАҲҚИҚИ СЕ ҚИССАИ МАРҒУБИ УБАЙД РАҶАБ

Ҳусейнзода Ф.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Убайд Раҷаб хидмати арзандае дар пешравии адабиёти атфоли тоҷик кардааст. Устод Муъмин Қаноат дар гузориши “Инсони биҳиштӣ”-аш овардааст:

“Дар адабиёти атфоли Тоҷикистон Убайд Раҷаб баъд аз устод Мирсаид Миршакар симои дуюм мебошад, ки тифлон шеъри ӯро аз бар медонанд, мехонанд ва чанд насли атфоли мо аз шеъри ӯ тарбият мегирифтаанд. Дар таҳаввулоти адабии солҳои 60-ум Убайд Раҷаб яке аз чеҳраҳое буданд, ки дар таҷдиди шеъри нав ҳам барои кӯдакон ва ҳам барои калонсолон шеърҳои созанда ва барозанда гуфтаанд

Ҳар кас ки дар дили тифл меҳри модар, меҳри Ватан, меҳри диёрро ҷой мекунад, дар он дилҳо манзили абадӣ барои худаш пайдо мекунад Убайд Раҷаб аз он нафароне буданд, ки ҳамин корро ба хубиву зебоӣ ба анҷом расонидаанд ...” [1]. Ин гуфтаро Ҷӯра Ҳошимӣ тақвият дода истода, чунин нигоштааст:

“Солҳои охир шоир бо номи мубораки худ як “и”-и изофӣ илова мекард ва ному насабашро дар боло ё поёни асарҳояш бо шакли Убайди Раҷаб ба чоп месупурд. Мегуфт, ки хондану гуфтани Убайд Раҷаб барои бачаҳо бисёр вазнин аст. Се ҳарфи ҳамсадо паси ҳам омада, талаффузро мушкил мекунад.

Бо изофаи як ҳарфи “и” навиштан андак душвор гардад ҳам, хондану гуфтанаш осонтар мешавад. “Ному насаб тоҷикӣ аслан, ҳамин хел аст!”-бо табассуми малеҳе таъкид мекард ӯ .

Одатан, китобҳояшро дар се бахш омода мекард: шеър чистон ва қиссаву достон. Баъзан, шумораи ин бахшҳо ба чор мерасанд: шеър, чистон, қисса, достон.

Ҳаҷми шеъру чистон ва қиссаву достонҳояш манзум буданд, шеър буданд. Аммо ӯ ин бахшҳоро чун муаллифони дигар аз рӯйи мазмуну мундариҷа на, балки аз рӯйи ҳаҷму сохтор дуруст мекард. Дар бахши “Шеър”- и китобаш жанрҳои хеле гунагуни шеър, вале кӯтоҳ-кӯтоҳ ё андаке дарозтарро меовард. Дар бахши “Чистон” табиист, ки чистонҳои манзум ҷой мегирифтанд. Дар бахши “Қисса” шеърҳои нисбатан дарозро пай мечид. Бахши “Достон” шеърҳои боз ҳам дарозтар, яъне асарҳои калонҳаҷмро ташкил медод. Бахшҳоро ҳам чунин сарлавҳагузорӣ мекард: “шеър, чистон, қисса, достон” [2].

Ба маврид аст, ки дар ин мақола оид ба се қиссаи адиб, ки барои кӯдакон дар қолаби манзум офарида шудаанд, аз наздик шинос шуда, ҳусну қубҳ ва мазмуну муҳтавояшонро мавриди андешаронӣ қарор диҳем.

“Бовар ва каланд” аз мақбултарин қиссаҳои реалии шоир аст. Воқеа дар мавзеи кӯҳпораи деҳшӯрои минтақаи Зарафшон, хосса Панҷакент сурат мегирад. Он аз содагӣ, ростқавлӣ, ҳазлу шӯхӣ ва ҷавонмардии мардуми кӯҳистони тоҷик маншаъ мегирад ва ба дилҳо маъво мебахшад.

Қиссаи фавқулзикр қариб дар тамоми китобҳои барои кӯдакон ва наврасон гуфтаи шоир баъд аз солҳои 80-уми асри гузашта ба назар мерасид. Ҳатто, сафоратхонаҳои Ҷумҳурии Исломии Эрон соли 2004 тавассути нашриёти “Афсона” онро бо теъдоди 500 нусха бо сифати баланд дастраси хонандагони тоҷик ва кулли форсизабонон гардонидааст. Қисса чунин оғоз мегардад:

Марде буду сода буд,
Сода буду лода буд
Пиндори абас мекард,
Бовар ба ҳар кас мекард.
Ҳарфи байни ду лаб гашт,
“Бовар” ба ӯ лақаб гашт... [3] (7, 112)

Қаҳрамони қисса Бовар ном наврас бо олоти дастсозаш - каланд ифтихор дошт. Мушкилкушо ва мададгори хурду калон дар вақти корҳои саҳроӣ-кишту кор, обмонӣ, ҳосилғундорӣ каланд ба ҳисоб мерафт, ки он моли Бовар буд. Яъне, ризқу рӯзии Бовар аз пушти каландаш буд:

Бовар, ки бовар дорад,
Фикре андар сар дорад.
Оне барад каландаш,
Боз оварад каландаш.
Бидҳад касе варо фанд,
Ба сад бало шавад банд. (7, 112-113)

Бовар Замон ном дӯсте дошт.Ӯ мехост, ки Боварро аз содагӣ раҳонад, лек муяссар намегашт. Ба ӯ борҳо гуфтааст:

Аз содагияш одам
Чизе набинад ҷуз ғам.
Дарсаш то диҳад дуруст,
Вақти мувофиқ меҷуст (7, 113).

Пас аз ғунучини ҳосили тирамоҳ ва сардии ҳаво Замон Боварро санҷиданӣ мешавад, ки пухта шудааст, ё на. Баръакс, аз ростқавлӣ ва содагияш мушкилоти зиёде ба сари Бовар меояд. Дар вақти сармо Бовар ба суроғи каландаш ба хонаи Замон меояд. Замон мефаҳмонад, ки устои чӯбтароши деҳ - Бобои Фирӯз онро аз деҳ ба мавзеи Гулгун бурдааст. Бовар бо Гулгун раҳсипор мегардад. Бобои Фирӯз содагии ӯро дарк карда мегӯяд, ки ёри туву ман –Ҳақдод онро ба Ҳуснобод бурд. Бовар бо Гулгун ба Ҳуснобод меояд. Дар он ҷо ӯро фанд медиҳанд, ки Аҳмад ном одам каландро серӯза ба мавзеи аҳолинишини Дашт бурдааст. Хуллас, Бовар ҳарчанд ҳаракат мекунад, каландро дарёфт карда наметавонад:

Аз дашт бар Ноёба,
Аз Ноёба Дуоба,
Аз Дуоба Кошона,
Аз Кошона то хона.
Кӯҳу кӯталро пай кард,
Роҳи зиёде тай кард.
Бовар ҳар қадар ҷон канд,
Пайдо наомад каланд (7, 116).

Ноилоҷ ба назди оҳангар меояд, мехоҳад, ки каланди наве фармоиш диҳад. Оҳангар фанд дода мегӯяд, ки каландат корношоям шудааст. Баҳри суфта кардани он то фардо ғӯлаи заранг, санги сафеди обӣ ва муште аз хоки хорасанг пайдо намо. Бовар ҳамаро ҳақиқат пиндошта, дар чиллаи зимистон баҳри дарёфти санги сафеди обӣ яхро шикаста, ба оби дарё ғӯта мезанад. Сангҳои гулобию кабуд пайдо мекунад. Бо мақсади дарёфти санги сафед боз вориди оби сард шуданӣ мешавад. Ба ҳуш меояд, ки дар дармонгоҳ хобидааст:

Бовар чашми худ во кард,
Нуре дар дида ҷо кард.
Панҷара рӯ ба рӯ дид,
Пизишке дар паҳлӯ дид.
Сӯзе дар ҷон аз таб дошт,
Ҳарфе зери ду лаб дошт:
“Нек омаду бад гузашт,
Гӯлият аз ҳад гузашт...
Ай сода, сода, сода!
Ай лода, лода, лода!” (7, 118)

Асари фавқулзикр аз 208 мисраъ иборат буда, ҷанбаи тарбиявӣ дошта, наврасону навҷавононро водор месозад, ки олотҳои қадимаи мардумӣ: бел, каланд, зоғнӯл, шоха, хаскашак ва амсоли онҳоро фаромӯш накунанд. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва тараққиёти бемайлони илму техника меҳнати дастиро фаромӯш

кардан лозим нест. Агар Бовар ба каландаш ифтихор намекард ва олоти корбудкун будани онро дарк намекард, дар фасли зимистони қаҳратун мавзеъҳои Гулгуну Ҳуснобод, Даштиву Дуоба ва Кошонаро, ки 15-20 км аз ҳам дурӣ доранд, пиёда рафта каме. Ҷанбаи тарбиявии асари реалистӣ дар ҳамин аст.

Қиссаи “Дар мавсими тобистон” аз шаш қисм иборат аст. Дар қисми якум амалиёти мӯрча, дар қисми дуюм ҳаракати оруяк, дар қисми сеюм аз шох ба шох гаштани санҷобак, дар қисми чорум заминкобии мушак, дар қисми панҷум сабзию карам захира кардани харгӯшак ва дар қисми шашум ғазалхонии булбулак тасвир шудааст.

Ҳар кадоме аз ин ҷонварон байти зерро сарчашмаи асосии зиндагии худ қарор додаанд:

Дар мавсими тобистон
Хӯрам ғами зимистон (7, 13).

Яъне мавсими тобистон барои мавҷудияти зиндаи бо ақлу ҳуш оғози омодагӣ ба фасли сармо аст. Яке, дон гирд меорад (мӯрча), дигаре, шира ғун мекунад (оруяк), савуми, сабзию карам (харгӯшак) ва билохира, шукри серию пурии зиндагӣ карда, нағмасароӣ мекунанд. Ё ба тасвири шоир:

Булбулак, эй булбулак,
Ошиқи рӯйи гулак!
Чаро ту беқарорӣ?
Даме роҳат надорӣ?
Аз барои мӯрча,
Мӯрчаи зӯрча,
Аз барои оруяк,
Хушболу хубрӯяк,
Аз барои санҷобак,
Санҷобаки бехобак,
Аз барои калламӯш,
Калламӯшаки баҳуш,
Аз барои харгӯшак,
Харгӯшаки хамӯшак
Лаб бар сано кушоям,
Таронаҳо сароям,
Ки мавсими тобистон
Хӯрад ғами зимистон (7, 121).

Дар қисса ҳаракати ҷонварон диққати кӯдакону наврасонро бештар ба худ ҷалб мекунад. Корней Иванович Чуковский хуб гуфтааст: “Кӯдаконро дар адабиёти бадеӣ ба таври ҳаққонӣ танҳо ҳаракат, танҳо босуръат ва пайиҳам ивазшавии воқеаҳо ба ҳаяҷон меоварад. Модоме ки ин тавр аст, пас, ҳарчи бештар феъл ба кор гирем ва аз сифат ҳаддалимкон камтар истифода барем” [4].

Аз мутолиа ва таҳлилу тадқиқи доир ба ин бахш гирдовардаи мо равшан гардид, ки адибоне, ки барои насли наврас асарҳо эҷод мекунанд, барои ошкор ва сарзаниши бисёр иллатҳои пурзиёну зараровар ба кӯдакон заҳмати пуразрише ба харҷ додаанд.

Ҳар як адиб бо ниятҳои мушаххас қалам ба даст гирифта, асар эҷод намудааст, кӯшиш ба харҷ додааст, то асари бадеии ӯ ба воқеият ва ҳаводиси рӯзгору муҳит алоқаи ногусастание дошта бошад ва ба манфиати тарбия хизмат кунад.

Зудбоварӣ аз ҷумлаи хусусиятҳои кӯдакон аст. Кӯдакон ба ҳар як чиз, ҳодисаву воқеа бо дили пок, нияти нек назар мекунанд. Ин содагӣ ва зудбоварӣ дар бархе аз мавридҳо ба зиёни онҳо ба охир мерасад. Пас, зудбоварӣ чӣ хислат аст? Зиёновар, манфӣ ва ё мусбат асту муфид? Убайд Раҷаб кӯшидааст, ки дар қиссаи “Чӯҷа

падидона рафт” ба ин масъала ҷавоб гӯяд. Дар даҳ қисмати қисса якравӣ гарданшахӣ, нописандӣ калонгапӣ ба зери тозиёнаи танқид гирифта шудааст.

Кӯдакону наврасон аз мутолиаи он бояд ба хулосае оянд, ки дар шоҳроҳи зиндагӣ ба сухани волидайн ва гапи одамони рӯзгордида, мураббиёну устодон гӯш кардан лозим аст.Муҳтавои қиссаи зикршуда ба асари Акобир Шарифӣ “Гурбача шикор рафтаст” шабоҳати наздик дорад. Аз лиҳози сохтор ҳарду асар ба ҳам монанданд. Чӯҷа ҳам ба даст овардани ризқу рӯзиро кори саҳл дониста, ба саҳро мебарояд. Аз ин волидайн дар ташвиш афтода, ба ҳамроҳии Алопару Мошон ба ҷустуҷӯйи чӯҷа мебароянд. Маҳз тавассути садои модару ҳамроҳонаш Чӯҷа роҳи халосро пайдо мекунад ва ваъда медиҳад, ки дигар якравию худписандӣ намекунад:

Чӯҷа назди боғ омад,
Қар- қаре аз зоғ омад.
Ғиш- ғиши акка омад,
Фух- фухи такка омад,
Ку- ку- ку- ку-ку! омад
Бачам кани ту ? омад
Мошон мияв-мияв кард,
Алопар ав- ав- ав кард.
Пеши рӯ чӯҷа дар дид,
Модар диду додар дид,
Чун шоҳсутун дар ду бор,
Мошон диду Алопар,
Болафшон дар ҳаво шуд,
Дар ҳалқаашон ҷо шуд.
Модар шодон пар афшонд,
Додар шодон пар афшонд.
Шодон чашмак Мошон зад,
Дум Алопар шодон зад (7, 135-136).

Бо ин қисса Убайд Раҷаб ба кӯдакону наврасон фаҳмонданист, ки одам, вақто ки ба дунё омад, азобу кулфатҳои зиёде ба сараш омаданаш мумкин аст. Ягона роҳи наҷот маърифат аст. Пас, аҳли эҷодро лозим аст, ки бо сабки зебову шево, тахайюли баланд ва эъҷозкории мароқангез асар офарад, ки дар қалбу хотираи атфол ҷой гирад. Чунонеки ин падида дар шеъри “Чӯҷаи тиллоӣ”-и шоири кӯдакони Эрон Ҷаббори Боғчабон дида мешавад:

Чӯҷа, чӯҷа, тиллоӣ
Нӯли зарди ҳиноӣ,
Тухми худро шикастӣ
Чӣ гуна берун ҷастӣ?
Гуфто: - Ҷоям танг буд,
Девораш аз санг буд,
На панҷара, на дар дошт,
На кас зи ман хабар дошт.
Тухми худро шикастам,
Якбора берун ҷастам [5] (4, 19).

Оид ба ин мавзӯъ мисолҳои зиёдеро аз эҷодиёти шоирони дигар аз қабили Боқӣ Раҳимзода, Акобир Шарифӣ, Гулназар Келдӣ пайдо кардан мумкин аст. Масалан дар “Гурбаи худписанд” ном асари Боқӣ Раҳимзода хислатҳои манфии ин ҷонвар моҳирона сарзаниш мешавад. Аз гӯш надодан ба онхое, ки аз ӯ калонанд ва соҳибтаҷрибаанд, талхию ширинии зиндагиро чашидаанд, вай ба ҳолатҳои ногувор дучор мешавад. Ҳамин тавр, Убайд Раҷаб зиёда аз 30 қисса барои кӯдакону наврасон эҷод кардааст, ки мутолиаи он моҳияти арзишманди тарбиявӣ ва маънавӣ дорад ва қиссаҳои фавқуззикр қатрае аз ин баҳри бекарони маҳорати эҷодии шоир аст. Омӯзиши он ба кӯдакону наврасон аз манфиат холӣ нест.

А Д А Б И Ё Т

1. Муъмин Қаноат. Инсони биҳиштӣ. Нигар Убайд Раҷаб “То ҳаст оламе, то ҳаст одаме” / Қаноат Муъмин - Душанбе, Бухоро, 2012.-С. 428 - 29.
2. Ҷӯра Ҳошимӣ. Ба эътибори хонанда Нигар Убайд Раҷаб “Олуча – гули бодом” / Ҳошимӣ Ҷӯра. – Душанбе: Адиб, 2012. – С. 3 - 5.
3. Убайд Раҷаб. Олуча гули бодом / Раҷаб Убайд - Душанбе: Адиб, 2012. Минбаъд дар қавсайн саҳифаи ҳамин китоб оварда мешавад.
4. Чуковский К.И От двух до пяти, Москва. Детгиз, 1961.
5. Зеботар аз баҳор / Маҷмӯаи шеъри кӯдак. Сурудҳои шоирони эрони. Чопхонаи Вазорати фарҳанг ва иршоди ҶИЭ, 1378 (1999). 32 с. саҳ 19.
6. Абдусаттор А. Асрори шеъри марғуб / А Абдусаттор -Душанбе: Адиб, 2004.-110 с.
7. Акбарзода Ю. таҳқиқи шеър аз дидгоҳи нав / Ю Акбарзода. – Душанбе: Адиб, 2008. 272 с.
8. Амонов Р. Адабиёт ва бачагон / Р. Амонов–Душанбе: Ирфон, 1981. – 244 с.
9. Зеботар аз баҳор / Маҷмӯаи шеъри кӯдак. Сурудҳои шоирони эронӣ. Чопхонаи Вазорати фарҳанг ва иршоди ҶИЭ, 1378 (1999). 32 с.
10. Зеҳнӣ Т. Адабиёти халқ/ Т Зеҳнӣ. //Роҳбари дониш, 1928. №4-6.
11. Муъмин Қаноат. Инсони биҳиштӣ / Муъмин Қаноат // Убайд Раҷаб “То ҳаст оламе, то ҳаст одаме”. – Душанбе, Бухоро, 2012. – 497 с.
12. Убайд Раҷаб. Олуча гули бодом / Раҷаб Убайд - Душанбе: Адиб, 2012. – 184 с.
13. Файзуллоев Н. Ҳамосаи кӯдакон / Н Файзуллоев – Хуҷанд: Нури маърифат, 2006. – 144 с.
14. Чуковский К.И. От двух до пяти / К.И. Чуковский– Москва: Детгиз, 1961. - 382 стр.
15. Ҷӯра Ҳошимӣ. Ба эътибори хонанда / Ҳошимӣ Ҷӯра // Убайд Раҷаб “Олуча – гули бодом”. - Душанбе: Адиб, 2012. саҳ. 3-5.
16. Ярмыш Ю.Ф. Десткая литература Украины / Ю.Ф. Ярмыш– М.: Детск. литература, 1982. – 336 с.

НЕКОТОРЫЕ ЗАМЕТКИ О ТРЕХ ПОЭМАХ УБАЙДА РАДЖАБА

В статье речь идет об особенностях творчества поэта, на материале его поэм посвященных детям. Отмечается, что Убайд Раджаб наряду с детским поэтом таджикской современной литературы Мирсаидом Миршакаром является известным поэтом и мастером художественного слова. Его поэмы для детей очень доступны, содержательны и изложены с применением уместных литературных для детей приемов, что и усиливает действенность художественного слова. В статье проанализированы из всех тридцати всего три поэмы Убайда Раджаба, которые посвящены детям и в современной таджикской детской литературе они занимают особое место.

Ключевые слова: литература, детская поэзия, поэма, содержание, метрика, творчество.

UBAID RAJAB AND THREE HIS POEMS

The article focuses on the peculiarities of the poet, on the materials of his three poems dedicated to children. It is noted that the Ubaid Rajab along with a children's poet of modern Tajik literature Mirsaid Mirshakar is a well-known poet and a master of artistic expression. His poems for children are very accessible, informative and laid out with the use of relevant literature for children techniques that enhances the effectiveness of artistic expression. The article analyzes only three from all thirty-three poems of Ubaid Rajab, which were devoted to children and these poems hold a special place in the modern Tajik children's literature.

Keywords: literature, children's poetry, poem, content, metrics and creativity.

Сведения об авторе: ***Хусейнзаде Ф.*** **-** , кандидат филологических наук, главный научный сотрудник кафедры теории и современной персидско-таджикской литературы ТНУ.Телефон: **927538765.**

КОВИШҲО ДАР ҚАЛБУ РУҲИ ИНСОН

Қ.М.Нурқаев
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Адабиёти ҳунарӣ аз рӯзи пайдоиш вазифаи хидмат ба инсонро дошта, ҳадафи он дар ҳидояти инсонҳо ба роҳи ростиву покизагӣ, садоқату вафодорӣ, одамияту инсонгароӣ, ҳақиқату адолат ва дар маҷмӯъ ба тарбияи маънавияти инсон равона аст. Вобаста ба ин вазоиву ҳадаф шахсияти эҷодкор дар ҳоле маҳбубият касб мекунад, ки ин унсурҳои ахлоқиро дар риояи меъёрҳои пазируфтаи ҳунарӣ дар ҳалли масъалаҳои ҳаётан муҳимми рӯзгори инсонӣ кобурд карда тавонад. Бо бардошт аз ин андеша метавон гуфт, ки Саттор Турсун дар қиссаи «Санг дар бағал ба тӯфон» бо маҳорати хуби ҳунарӣ ва дарку фаҳми ҳақиқати бебаҳси ҳаёт мураккабиҳои зиндагиро дар набарди инсон ва табиат тасвир карда, оқибати фоҷиабори кина парваридан, ҳиссиёти қасосталабӣ ва бахилию ниқорҷӯиро нишон додааст.

Қиссаи«Санг дар бағал ба тӯфон» аз ҷиҳати ҳаҷм калон нест. Сужети асар дар ниҳояти бешитобӣ ва оҳистаравӣ инкишоф ёфта, аз ҷиҳати фарогирии макону замон хеле маҳдуд аст. Саттор Турсун дар қисса фақат ду рӯзи ҳаёти Рашод (қаҳрамони асосии қисса)-ро ба қалам медиҳад. Қисса бо риояи се рукни асосӣ шарҳ, инкишоф ва

нитиҷаи ҳодиса офарида шудааст. Шарҳи асар бо тасвири табиат оғоз гардида, ҳамогангии он бо ҳолати ботинии қаҳрамони қисса ҳодисаро густариш медиҳад. Зеро тасвири табиати атроф тӯфони сахт, беист боридани барф, талу теппаҳои саросари барфпӯш ва дашти хомӯшу ба сукутрафта ба ҳолати руҳии Рашод созгориву ҳамоҳангӣ дошта, баёнгари тӯфони ботинии ӯст. Фазову макони воқеоти қисса дар тасвири шаби дарозу сарди зимистон, кулбаи чӯпонӣ, қӯраи гӯсфандон, гирифтории Мала (саги бовафои Рашод) ба бемории лоилоҷ бозгӯӣ мешавад.

Меҳвари асосии қиссаро ҳолати рӯҳиву равонии қаҳрамони марказӣ ташкил медиҳад ва аз ин рӯ сухани муаллиф камтар садо медиҳад. Вобаста ба ин оғози қисса, баъдан тасвири ҳуҷуми шабонаи гургон, нобуд шудани чанд меш ва Мала (саг), даст ба гиребон шудани Рашод бо мудири ферма- Раҳим Акбар аз забони муаллиф нақл шуда, дигар лаҳзаҳои ба тасвиромада асосан хаёлот, андеша ва такгуфторҳои қаҳрамонанд. Ба ибораи дигар, қисса маҷмӯи андешаҳост.

Дар қисса барои кашфи рози нуҳуфта ва асрори ниҳони мураккабу пуртазоди қаҳрамон, яке аз воситаҳои муҳимми насри психологӣ–монологи ботинӣ нақш дорад. Вобаста ба корбурди ин воситаи тасвир нависанда қаҳрамонашро яку якбора ба муҳокимарониву таҳлил ва муқоисаву хулосабарорӣ ворид накарда, балки лаҳзаҳоеро ба қалам додааст, ки он ба рӯҳияи қаҳрамон бетаъсир намонда, ба фаъолиятмандии минбаъдаи ӯ замина гардидаанд. Дар қисса такгуфторҳо дар шаклҳои монологи андеша, монологи муҳокима ва монологи ҳолат вомехӯранд. Монологи муҳокима нисбат ба дигар шакли монологҳои мавриди истифода бештар корбурд шудааст.

Мегӯянд, ки одам ҳамон вақт фаъолу ҷӯянда мешавад, агар дар дил дард дошта бошад. Ё ба андешаи дигар «Сӯзиши дил барои сарнавишти инсон, чи корҳое мекунад. Ҳама қолабҳоро мешиканад ва ё бидуни он ки зоҳиран бишканад, комилан онро дигаргун месозад ба сурате, ки ба касе маҷоли хурда гирифтан ҳам намедиҳад ва ба таҳсини комил табдил мешавад» (1,188). Қаҳрамони қиссаи мавриди таҳқиқи мо –Рашод дар вуҷудаш дард дорад, дардҳое, ки сузишаш боиси кина парваридан ва ниқор ҷустан гардидааст. Дар зиндагии Рашод корнамоие ба назар намерасад. Вай як чупони оддӣ, мардест заҳматпеша, ҳақиқатхоҳ ба атрофиён то андозае меҳрубон. Касби чӯпониро аз падар мерос гирифтааст. Рашод ба касе бадӣ кардан намехоҳад, ҳатто ба махлуқи ғайри инсон ҳам. Ба ҳоли саги бемораш нигариста, ин махлуқи безабон, вале боақлу бовафоро дилбардорӣ мекунад. Ба тақдири дастёраш Собир дилаш афгор аст, дар барнагаштани ӯ худро гунаҳкор меҳисобад.

Саттор Турсун дар заминаи набарди азалии неку бад на фақат иқтидори дили некхоҳи инсонро нишон додан мехоҳад, балки кӯшидааст қувваи аҳримане, ки дар қаъри дили инсон ниҳон аст, нишон диҳад ва ба чӣ қодир будани онро ошкор созад. Бо ин ният нависанда бо тасвири бемории саги вафодораш Бебок Рашодро ба рӯзҳои гузашта мебарад. Вай чор сол пеш ин ҷонвари ҳушёр, ба қавле боақл ва нотарсро аз як чӯпони қӯнғурот талабида, ба дастони худ калон кардааст. Рашод дар асли вуҷуди худ одами некхоҳу некбин буда, вай ҳеҷ гоҳ хидматҳои Бебокро фаромӯш намекунад, зеро ин ҷонвари безабон борҳо ӯ ва рамаашро аз балоҳои ногаҳонӣ эмин доштааст. Лекин имрӯз вай бемор асту азоб мекашад. Ин хотирот аз як тараф хидматҳои сагро аз хотир набаровардани Рашодро ифода кунад, аз ҷониби дигар мулоҳизаҳои ӯ нисбат ба олами ҳастӣ ва муборизаи мавҷудоти зинда ба гармию сардии ҳаёт аст.

Дар офаридаҳои Саттор Турсун барои таҳлилу таҳқиқи бадеӣ ва фалсафии воқеият тасвири табиат ва ҷонварон нақши ҷолиб доранд. Нависанда дар аксари асарҳояш пантеизм (ваҳдати вуҷуд дар табиат) –ро нишон додааст ва намунаҳои онро метавон дар новеллаҳо, романи «Се рӯзи як баҳор» ва қиссаи «Ҳасрат» хуб мушоҳида кард. Дар қиссаи мавриди таҳқиқ ин ҷиҳат тар тасвири саг (Бебок) риоя шудааст.

Масъалаи дигаре, ки дар он рӯзи пуртаҳлука қаҳрамони қиссаро оромӣ намедиҳад, арзиш ва сарнавишти инсон аст. Замоне ки Рашод дастёраш Собирро ба хотир меорад, вай боз беқарортар мегардад. Бесаранҷомиву азиятҳои ӯ гувоҳи онанд, ки Рашод ба тақдири Собир бетараф нест. Зеро Собири ҷавон, дар зиндагӣ ҳеҷ чизро надидааст: «Дар ҳар сурат оқибати ин сафари Собир ба хайр шавад-ку нағз. Охир, ҷавон аст вай. Нав ба бистуяк даромад. Тобистон зан гирифта, ба сад орзуи нек сарашро ҷуфт кардан мехост; рӯзи равшан дидан мехост. Ва Рашод, ки худаш дар зиндагӣ бадбахт буд, аз даргоҳи парвардигор ба ӯ сидқан бахти сафед металабид» (4, 21).

Саттор Турсун дар ҷараёни минбаъдаи воқеоти асар боз хонандаро ба аъмоқи зеҳни қаҳрамон мебарад, то ин ки аз хотироту андешаҳояш гузашта ва шахсияти ӯро

кашф кунад. Дар ҳамин замина нависанда қаҳрамонашро дар лобалои андеша ва хотирот ба хонада танҳо мегузорад. Рашод дар миёни гиру дори зиндагӣ, нобарориҳои ҳаёт ва ҳаводиси табиат худро нотавон, ҳакиру танҳо эҳсос мекунад. Барои рафъи ин ҳолат чора мечӯяд, ба коре машғул шудан мехоҳад, то ки аз андешаҳои бесару нуг фориғ шавад. Бо ҳамин мақсад шароб менӯшад, вале шароб ҳам таскине намебахшад. Баръакс ӯро андешаҳои дигар фаро гирифта, хотираҳои кӯҳнаи дар дил доштааш зинда мегарданд. Хотироти пешинааш бошанд талх, дардноканд. Он хотираҳои талх ҳамон ишқи нотамом ва бевафоии Насрин буданд. Агар то он рӯз Рашодро ҳодисаҳои рӯзҳои охир нороҳат мекарда бошанд, акнун ба дили ӯ ҳаводиси гузашта фишор меовард. Рашод чеҳраи Насринро фаромӯш карда наметавонист, вайро дӯст медошт. Замоне ки сурати Насринро пеши назар орад, дилаш реш-реш мешуд. Мехост баъди хатми мактаби миёна ба ягон шаҳри калон рафта хонад, муаллим шавад. Баъди баргаштан бо Насрин оила барпо кунад. Лекин ҷанги хонумонсӯз ҳамаи орзую умеди Рашодро барбод медиҳад. Рашод ҳам мисли ҳамсолонаш бе ёрмандии волидайн мебарояд. Ҳамин тавр аз 15-солагӣ асои чӯпонӣ ба даст мегирад. Ин ҳолати рӯҳию равонӣ ва хотирот хонадаро ба як давраи рӯзгори қаҳрамон ошно мекунад.

Аз андешаҳои баъдии қаҳрамони асар сабаби бадбахтиҳои ӯ равшан мегардад. Дар гуфтугуйҳои худ ба худ Рашод ба зиндагӣ нафрин мехонад, худро шӯрбахт медонад. Ба ноомади кор ва бахташ Раҳим Акбарро гунаҳкор мешуморад. Вай сабаби бадбахтиҳояшро дар бозгашти Раҳими Акбар аз майдони ҷанг ва бо Насрин оиладор шудани ӯ мепайвандад. Гӯё Раҳими Акбар дидаю дониста гаҳворабахши Рашодро ба занӣ гирифта бошад.

Рашод Насринро дӯст медошт, бо ӯ гоҳу ногоҳ вохӯрӣ мекард, бар замми ин Насрин ба вай гаҳворабахш буд. Аз ин рӯ, Рашод бовар дошт, ки Насрин аз они вай хоҳад шуд. Лекин барои чӣ Насрин ба вай нею ба Раҳими Акбар ба шавҳар баромад? Ин суоле буд, ки ҳеҷ Рашодро ором намегузошт. Дар асл муҳаббати Рашод ва Насрин муҳаббате набуд, ки онҳоро ба висоли якдигар расонад. Ин дар баъзе андешаҳои Рашод ҳам мушоҳида мешавад. Рӯзе, ки Рашод бо Насрин вомехӯрад: «дар умраш аввалин ва охирин маротиба ба Насрин гуфта буд, ки бениҳоят дӯст медорад ӯро… Насрин низ гӯё дар омади гап ҷавоб гардонида буд: ман ҳам туро баъзан фикр мекунам» (4, 34). Ба назар мерасад, ки ин гуфтугӯй тасодуфан ва гӯё дар омади гап ба вуқӯъ пайвастааст. Суханони Насрин як андоза нобоварона ва ноустувор садо медиҳанд. Инчунин, мулоқоти он ду дилдода ба мулоқоти ошиқон монандие надорад, ки бо ҳам аҳду паймон намуда барои расидан ба мақсаду ҳадафи хеш мубориза мебаранд. Сониян, агар муносибати онҳо самимӣ мебуд, Насрин ҳеҷ гоҳ ба Раҳими Акбар розигии худро намедод. Кӯшиш менамуд, ба висоли Рашод расад. Рашод ҳам, коре мекард, ки дӯстдоштааш ба каси дигар ба шавҳар набарояд. Вале дар ин роҳ ҳеҷ коре накардаву чорае ҳам намеҷӯяд. Фақат ба тақдир тан додааст. Аз ин хотир, Рашод як андоза камфаъол ва бечӯръат ба чашм мехӯрад. Сарчашмаи бефаъолиятиву камчуръатии Рашод аз ҷаҳонбинии танг маншаъ гирифта, дар вуҷуди ӯ рашк ғолиб меояд. Ва ниҳояти рашк Рашодро ба роҳи интиқомгирӣ равона карда, раҳоии ӯ аз ин ҳиссиёти ногувор бо нобуд кардани Раҳими Акбар анҷом мепазирад.

Образи дигари қисса Раҳими Акбар дар охири асар рӯнамоӣ мекунад. То ба майдони воқеа ворид гардидани Раҳими Акбар шахсияту ӯ дар андешаву хотираҳои Рашод ҳамчун инсони худхоҳ, манфиатпараст ва беинсоф ба хонанда ошност. Вале ин баҳои воқеӣ набуда, бардошти нафарест, ки нисбат ба вай кина дорад. Дар асл Раҳими Акбар хислатҳои хуби инсонӣ ба монандӣ-дасткушодӣ, мардонагӣ, нотарсӣ ҳам дорад, ки ӯро наметавон пурра шахсӣ бад баҳогузорӣ кард. Хислатҳои бади Раҳими Акбар-ғарраи дороӣ шудан, одамонро писанд накардан, раҳму шавқатро надонистан, аз дуздӣ рӯй нагардондан ва урфу одати бобоиро зери пой кардан, дарди ҷомеа буда, вай типи дар ҷамъият зараровар аст. Вале дар муносибат бо Рашод симои Раҳими Акбар рангу бӯи дигар дошта, ин муносибат дар охири қисса ошкор мегардад. Замоне ки Раҳими Акбар барои хабаргирӣ аз ҳоли рама меояд, Рашод фурсатро муносиб дониста, бо вай даст ба гиребон мешавад ва дар ҷараёни кашокашу занозанӣ тамоми дарди дилашро мегӯяд. Рашод ҳам мушт кӯфта, ҳам мегӯяд: «инаш барои он ки фарзанди одам дар назарат пашша барин наметобад! Раҳму шафқатро намедонӣ! Дилат мисли ангишт сиёҳ. Ҳаргиз мусулмон нестӣ! Аз Худо бехабарӣ! Бо вуҷуди бадавлат будан дуздӣ мекунӣ! Мани камбағалро аз сони одам баровардӣ! Пулу молатро пеш андохта, ба фиребу найранг гавҳорабахши маро ба занӣ гирифтӣ! Расму оини бобоиамонро зери по кардӣ! Аз ягон разолат рӯй

намегардонӣ! Зеро аз рӯзи азал палидӣ, шарирӣ! (4, 50).Аз шунидани ин суханон Раҳими Акбар ба асли воқеа хабардор мешавад. Мефаҳмад, ки сабаби он ҳама дар дил кина парваридани Рашод, бад-бад нигоҳ карданҳо, гап гардондан ва супоришҳои ӯро иҷро накардани Рашод, Насрин будааст. Насринро Рашод дӯст медоштааст.

Дар асл агар муносибати Раҳими Акбарро ба моликияти ҷамъиятӣ ва дуздию манфиатҷӯияшро сарфи назар кунем, ӯ дар муносибат бо Рашод ва ба занӣ гирифтани Насрин гуноҳе надорад. Зеро вай Насринро ба зӯрӣ ба занӣ нагирифтааст. Раҳими Акбар ба хонаи Насрин хостгор мефиристонад, падару модар розӣ мешаванду ӯ Насринро ба занӣ мегирад. Ин гуноҳ нест, балки як чизи табиӣ буда, дар зиндагӣ рух медиҳад. Дар ин кор Раҳими Акбарро гунаҳкор кардан хатост. Баръакс ба ин тарз сурат гирифтани кор худи Рашод ва Насрин гунаҳкоранд. Мутаассифона, онро Рашод дарк намекунад, ки ин омилҳои худро дорад.

Инсон аз бардошти таҷрибаи рӯзгор, аз тарбияти хонавода, аз хондану маърифат кардан дур бошад, моҳияти ҳастӣ, фалсафаи зиндагӣ ва мақсаду мавҷудияти хешро дарк намекунад. Инсонро муҳит тарбият мекунад, аз ин рӯ табиист, ки дар вуҷуди кас меҳрубонию дӯстдории атрофиён меҳру шавқатро ба бор оварда, дуруштию носипосӣ ва беадолатиҳо ӯро ба бадкирдорию хиёнатпешагӣ равона месозад. Қаҳрамони мо –Рашод ҳам дар шароите рӯзгор дорад, ки бори меҳнату заҳмат мекашад ва аз воқеияти рӯзгор хуб огоҳ нест. Ӯ фақат такя ба сарнавишт намуда, барои роҳи дурусти зиндагиро пайдо намудан ҷаҳду талош надорад. Бинобар ин, дар бунбасти рӯҳӣ қарор гирифта, ба чуз навмедӣ ва даст шустан аз зиндагонӣ чораи дигаре надорад. Аз ин рӯ, Рашодро наметавон шахси комилан хуб ё бад баҳо дод.

Хулоса, нависанда дар қисса тавассути рӯзгори қаҳрамони ҳуд ҷомеаро тасвир кардааст, ки инсон дар он гирифтору пойбанди нокомию маҳрумиятҳо ва ноинсофию бадбиниҳост. Нобуд гардидани Рашод ва Раҳими Акбар ҳукми марг ва инкору нестӣ хостан ба ин ҷомеа аст.

АДАБИЁТ

1. Ваҳҳов Р. Адабиёт ва фарҳанги миллӣ. –Душанбе: Адиб, 2011. –224 с.
2. Набиев А. Тасвири олами ботинии инсон. Нависанда ва замон. –Душанбе: Адиб, 1987. –160 с.
3. Солеҳов Ш. Поэтикаи жанри ҳикояи солҳои 70-80 қарни ХХ. –Душанбе: Дониш, 2006. – 169 с.
4. Турсун С. Санг дар бағал ба тӯфон // Садои шарқ, 1998, №1-6, с.22-55.
5. Турсун С. Санг дар бағал ба тӯфон: қиссаҳо, ҳикояҳо, андешаҳо. –Душанбе: Адиб, 2002. –288 с.
6. Турсун С. Зимистони умр. Қиссаҳо, ҳикояҳо, андешаҳо. –Душанбе: Адиб, 2006. –624 с.
7. Шарифов Х. Сухан аз адабиёти миллӣ. –Душанбе: Пайванд, 2009. – 476 с.

НРАВСТВЕННО-ПСИХОЛОГИЧЕСКИЕ ИЗЫСКАНИЯ ЧЕЛОВЕЧЕСКОЙ ДУШИ

Саттор Турсун в своей повести «Камень за пазухой к урагану» описывает сложности жизни на примере борьбы человека с природой, размышляя при этом о трагическом последствии ненависти и злобы, чувства возмездия, скупости и жадности. Главный вопрос, исследуемый в этой повести, это судьба и ценность человека. Духовно-психологическое состояние главного героя - основной мотив повести. Мечты и раздумья героя, его нравственно-психологические изыскания занимают значимое место в повести, иначе говоря, повесть в основном состоит из размышлений.

Саттор Турсун на основе постижения исторической формулы борьбы добра и зла изображает нравственную мощь человеческого характера, глубину духовного поиска героя, показывая тем самым, энергию злого духа, скрытого в тайнике человеческого сердца.

Ключевые слова: Саттор Турсун, духовно-психологическое состояние главного героя, нравственно-психологические изыскания, постижение исторической формулы борьбы добра и зла, духовные противоречия.

MORAL-PSYCHOLOGICAL EXPLORATION OF THE HUMAN SOUL

Sattor Tursun in his story “A stone in the bosom to the hurricane” describes the difficulties of life in the example of the human fight with the nature, reflecting the tragic consequence of the hatred and spite, the feeling of the retribution, stinginess and greed. The main point analyzing in this story is human fate and value. The main character’s mental situation is the main motive of the story. The dreams and thoughts of the hero, his moral research take important place in story, by other words, the story consists of thoughts.

Sattor Tursun on the basic comprehension of the historical formulation of good and evil fight reflects the moral power of the human character, the deep of the spiritual search of hero, showing by this, the energy of the evil spirit, hided in the inmost recesses of human's heart.

Kev words: Sattor Tursun, spiritual and psychological state of the protagonist, moral-psychological research, the attainment of the historic formula struggle between good and evil, spiritual contradictions.

Сведения об авторе: ***К.М.Нуркаев*** - старший преподаватель кафедры теории и новейшей персидско-таджикской литературы Таджикского национального университета

Ж У Р Н А Л И С Т И К А

ЖАНРИ ЭССЕ ДАР ТЕЛЕВИЗИОН

З. Муъминҷонов
Донишкадаи давлатии санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода

Эссе калимаи франсузӣ буда, маънояш «таҷриба» аст. Ин жанри публитсистикаи фалсафӣ, адабӣ- танқидӣ буда, аз рӯйи мавқеи шахсии муаллиф такя ба таҷрибаи доштааш бо забони гуфтугӯйӣ иброз карда мешавад. Асосгузори жанри эссе философ-гуманисти асри XVI-и франсуз Мишел Монтен мебошад. Ӯ дар китоби машҳури худ «Таҷрибаҳо» («Опыты») андешаҳояшро дар жанри эссе баён намудааст. Дар адабиёти рус ин анъанаро нависанда Ф.М. Достоевский бо асари худ «Рӯзномаи нависанда» (Дневнике писателя») идома додааст [1].

Дар журналистика пионери жанри эссе журнали «Тамошобин» («Зритель»)-и асри XVIII-и рус ба ҳисоб меравад. Дар ин журнал хабари шахсӣ ва ҳатто, маҳрамии муаллиф аз сар гузаронида дар бораи рӯйдоде чоп мегардид. Дар оғоз жанри эссе бе маҳдудият дар ҳама мавзӯъҳо истифода бурда мешуд. Аммо дар оғози асри XX жанри эссе ба инъикосгари танҳо мавзӯъҳои адабиёт ва санъат мубаддал гашт. Эссе як нав такризкунандаи асарҳои адабиёт ва санъат шуд.

Бо пайдоиши телевизион жанри эссе аз нав ҷон гирифт. Вобаста ба табиати телевизион, ки пешниҳоди маводи (хабари) публитсистикаи бадеӣ аз тарафи муаллиф, ки шахсияти шинохта аст, аз ҷониби бинанда хуш қабул мегардад. Эссеҳои актер, нависанда ва олим И. Андроников «Воспоминания о Большом зале», «Невский проспект», Г. Щергова «Легенда и быль о Дашковой» ва «Ужель та самая Татьяна?», А. Габрилович «Футбол нашего детства», «Цирк нашего детства», «Кино нашего детства» ба фонди тиллоии телевизион дохил шудаанд.

Профессор Усмонов И.К. эссеро жанр наҳисобида дар бораи он чунин мегӯяд: « Он чи ки эссе мегӯянд, аслан очерк, лавҳа ё мақолаи мубоҳисавие ҳаст, ки дар мавзӯи маҳдуде навишта мешавад. Ба назар менамояд, ки эссе ҳам мисли очерки бадеӣ гурезе аз публитсистика аст. Тасаввур кунем, ки мавзӯи доимии эссе хотираи эҷодкор аз воқеа аст, ки ба эҷодкори дигар тааллуқ мегирад, яъне ёди гузашта, мулоқотҳо ва хотира аст. Ин чиз ба маънои пурраш дар чорчӯби жанрҳои қаблан зикршудаи журналистика меғунҷад ва зарурати ёддовар кардан ба жанри дигар нест» [2].

Жанри эссеи телевизионӣ ба муаллиф имконияти васеъ медиҳад, ки дар интихоби мавзӯъ, мундариҷа, шакл ва пешниҳоде, ки ба табиати телевизион мувофиқ ва ҷавобдиҳанда мебошад, васеъ истифода барад. Тавассути кор бо кадр, забон ва тарзи баёни муаллиф эссеи телевизионӣ ҷолиб, диққатҷалбкунанда ва нотакрор пешниҳоди бинанда мегардад.

Барандаи эссеи телевизионӣ шахсияти дар ҳақиқат аҷиб, бо маънои томаш касбӣ, дар байни бинандагон маҳбуб ва соҳибэҳтиром бояд бошад. Чунки ин боиси он мегардад, ки бинандаи ин гуна барномаҳои телевизионӣ зиёд гардад. Ҳар як мавзӯи бардошташудаи баранда боиси таваҷҷуҳ, баҳсу мунозираҳо дар байни бинандагон ва ба вуҷуд омадани афкори умум мегардад. Муаллиф ва барандаи эссеи телевизионӣ ҳатман шахсе, ки дар байни мардум маҳбубият дорад, бояд бошад.

Эссеи телевизионӣ аз рӯйи нақшаи сенария таҳия мегардад. Баранда мавзӯи намоиши телевизиониро муайян намуда, дар рафти барнома бадоҳатан аз хотираҳояш ёд мекунад, мисолҳои мушаххас меорад, саҳнаи хотиравиро тасаввур менамояд, хусусиятҳои хоси он замонро як-як ба хотир меорад. Дар ин ҳолат нуран алонур мегашт, агар ҳамсуҳбате, ки шоҳиди хотираҳои баранда бошаду гуфтаҳои ӯро тасдиқ намуда, иловатан, лаҳзаҳои ногуфта ва ё фаромӯшнамудаашро хотирнишон кунад. Ана ҳамин баёдбиёрӣ, муҳокимаронӣ ва таҳлили мавзӯи эссеи телевизионӣ дар ҳамҷоягӣ беҳтару нишонрастар аст, нисбат ба танҳо бурдани баранда. Иловатан, бар тасдиқи гуфтаҳои баранда ва иштироккунандагони барнома сурат, ашёҳо ва ё агар бошад навори ҳамон замон истифода гардад, боз ҳам эссеи телевизионии ба бинанда пешниҳодшаванда ҷолибтару нишонрастар ва мақбули бинандагони бештаре хоҳад шуд.

Барои намуна барномаҳое, ки дар жанри эссеи телевизионӣ дар телевизиони Тоҷикистон таҳия шудаасту вале худи таҳиягарони барнома инро эҳсос намекунанд, дида мебароем. Ҳар гоҳ, ки забоншиноси маъруфи тоҷик, доктори илмҳои филология, профессор Баҳриддин Камолиддинов дар бораи забони тоҷикӣ, истифодаи дурусти калимаҳо, имлои ин забон тариқи барномаи «Забондонӣ -

ҷаҳондонӣ» дар Муассисаи давлатии телевизиони «Баҳористон» сухан мегӯяду аз хотираҳои худ забоншиносони гузаштаро ба ёд меорад, андешаи онҳоро дар бораи тозагии забони модарӣ мегӯяд, бинанда мафтуни гуфтаҳои ин устоди забардаст мегардад. Гуфтаҳои ӯ дергоҳ дар хотираш мемонад. Бобати тозагии забони модарӣ, риояи имлои забони тоҷикӣ кӯшиш ба харҷ медиҳад.

А Д А Б И Ё Т

1. Телевизионная журналистика / Г.В Кузнецов [и. др.]. – М.: МГУ, 2002. – 205 с.
2. Усмонов И.К. Жанрҳои публитсистика / И.К. Усмонов. –Душанбе, 2009. – 136 с.

ЖАНР ЭССЕ НА ТЕЛЕВИДЕНИЕ

В данной статье исследуется жанр телеэссе, его особенности и место среди других жанров художественной публицистики на телевидении.

Ключевое слово: эссе, опыт, тема, публицистика, форма, зритель, сценарий, анализ, передача, жанр.

THE GENRE OF THE ESSAY ON TV

This article examines the genre of the body of the essay. Its features and place among other genres of art publicism TV.

Key word: essays, experience, theme, journalism, the form, the viewer, scenario, analysis, transfer, genre.

Сведения об авторе: ***З. Муминджонов*** - кандидат филологических наук доцент кафедры журналистики телевидения ТГИИ им. М. Турсунзаде, докторант кафедры истории и теории журналистики и электронных СМИ РТСУ, первый заместитель директора Государственного учреждения «Телевизиони пойтахт». Телефон: **935-05-14-63. E-mail: zulfiddin.m @ mail. ru**

ОМИЛҲОИ ПАЙДОИШ ВА ТАШАККУЛИ РАДИО ДАР ТОҶИКИСТОН

Саидмуроди Хоҷазод
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Пайдоиш ва ташаккули радио дар Тоҷикистон асосан, ба ду омил-вазъи сиёсиву иҷтимоии замон ва хосияти кори ин расона вобаста буд. *Аввалан,* Тоҷикистон дар солҳои 30-юми қарни XX давраи ниҳоят ҳассосу сарнавиштсоз ва дар роҳи бунёди ҷомеаи нави иҷтимоӣ қадамҳои нахусти худро мегузошт ва дар ин давра аз як тараф, тарғибу ташвиқ барои барқарор ва мустаҳкам намудани рукнҳои асосии давлати ҷавони тоҷикон, сафарбаркунии оммавӣ ба ҳаёти нав, баланд бардоштани рӯҳияи заҳматкашон, дилгарм ва рӯҳбаланд кардани аҳолӣ ба музаффариятҳои сохти нави давлатдорӣ аз ҷониби дигар, чун матбуот ба ҳама дастрас набуд ва фазои холии иттилоотиро радио метавонист пӯшиш диҳад, фаъолияти намуди нави иттилоотӣ-радио барои амалӣ гардидани ҳадафҳои ҳизб, ки мавқеи роҳбарикунанда дошт, нақши муассир гузошта метавонист.

Дуюм, оҷилият, фаврият, сареъият, таъсиррасонӣ ва сафарбаркунӣ аз хусусиятҳои хоси кори радио мебошанд. Радио дар як вақт ба афкори доираи васеи аудитория- миллионҳо нафар таъсир расонида метавонад, аз ин рӯ, он қодир буд ба афкори табақаи нави ҷомеа- синфи коргару деҳқон, ки ба ҳайси пешоҳангони ҷомеаи Шӯравӣ шинохта мешуд, таъсири ҳамаҷониба расонад, дар ташаккули мафкураи сиёсии онҳо саҳм бигирад, бартарияти ҷомеаи нави иҷтимоиро нисбат ба замони гузаштаи амирӣ нишон диҳад, афкори ҷомеаро ба бунёдкорӣ ва нерӯи сиёсии оммаро барои инқилоби маданӣ равона созад. Ба ин хотир, таваҷҷуҳи ҳукумати шӯравӣ ба радио чун дастгоҳи муҳимми тарғиботӣ афзун буд ва баҳри ҳарчи зудтар ба фаъолият оғоз намудан ва густариш додани нуфузи ин расона дар маҳалҳо иқдом мекард.

Густариши фаъолияти радио бе воситаҳои техникии иртиботӣ ғайриимкон буд, ба ин хотир тасмим гирифта шуд, ки қабл аз оғози кори ин воситаи муқтадири таъсиррасон заминаҳои техникии он гузошта шавад. Зеро алоқа яке аз омилҳои муҳимме буд, ки бобати ба таври фаврӣ дарёфти супоришҳо, иҷрои корҳои муҳим ва барқарор намудани робитаи сохторҳои давлатӣ шароит фароҳам меовард. Аз ин рӯ, соли 1924 дар шаҳри Душанбе нахустин идораи алоқа ба шакли шуъбаи муросилот (почта) ба кор сар кард. Он соли 1924 ҳамагӣ 7 ва дар соли 1925 аллакай 12 воҳиди корӣ дошт. Худи ҳамон сол Идораи алоқа ном гирифт, ки барои ирсолу қабули муросилот таъйин гардида буд. Алоқаи телеграфӣ тавассути хати телеграфии низомӣ роҳандозӣ мешуд. Мутобиқи санадҳои бойгонӣ соли 1926 он ба Идораи алоқаи почтаву телеграфи шаҳри Душанбе табдили ном кард [4, 7]. Вазъи сиёсии даврон тақозо дошт, ки ин ниҳод зуд тараққӣ намояд ва дар соли 1928 аллакай дар

Тоҷикистон 36 муассисаи алоқа мавҷуд буд, ки аз ин миқдор 10 адади он дар Душанбе фаъолият доштанд. Соли 1930 Раёсати алоқаи Тоҷикистон таъсис ёфт, ки 10 нафар коргар дошт.Соли 1940 он ба Раёсати алоқаи комиссарони халқи ИҶШС дар назди Шӯрои низомиёни халқи ҶШС Тоҷикистон табдил ёфт.

Нахустин истгоҳҳои радиоӣ хусусияти низомӣ доштанд, онҳо барои барқарор намудани алоқаи мақомоти низомӣ хизмат мекарданд.Соли 1923 нахустин истгоҳи радиоии статсионарӣ дар Душанбе ба кор сар кард, ки алоқаи байни воҳидҳои низомӣ ва робита бо Бухоро ва Панҷро таъмин мекард [5,10]. 1-уми сентябри ҳамон сол дар Душанбе фиристандаи дорои иқтидори 5 квт мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт, ки имкони алоқа бо Тошканд, Мазори Шариф ва Хоруғро фароҳам овард. Соли 1929 дар Душанбе нахустин хати алоқаи ноқилӣ бунёд шуд. Он тавассути таҷҳизоти миёнаиқтидор ва дастгоҳи қабули «Радиоволна» дар бинои «Хонаи деҳқон» насб гардида, барномаҳои Тошкандро қабул мекард [4, 9]. Нахустин нуқтаҳои радиои ноқилӣ дар ҷойҳои сериздиҳом- майдону кӯчаҳои серодам, хиёбонҳо ва бозорҳо ва бо афзудани иқтидори онҳо нуқтаҳои қабули радиои ноқилӣ сохта шуда, насби оммавии онҳо дар хонаҳо роҳандозӣ шуд.Мувофиқи маълумоти оморӣ соли 1929 дар Тоҷикистон 87 нуқтаҳои алоқаи радиоӣ ва 20 радиоприёмник ба қайд гирифта шудааст [4, 9].

Пайдоишу такомули радио дар Тоҷикистон чун дигар ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ба ташаккули системаи ягонаи радиои шӯравӣ вобаста аст. Дар собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ кори радиои мунтазам моҳи ноябри соли 1924 шурӯъ шуда, радиогазетаҳо ба мавҷ мебаромаданд. Нахустин гузориши радиоӣ 7 - уми ноябри соли 1925 аз Майдони Сурхи Маскав, аз тантанаҳои ҷашни инқилоби октябрӣ садо дод. Соли 1927 Шӯрои Комиссарони Халқи ИҶШС оид ба беҳтар гардондани барномаҳои бадеӣ дар радио қарор қабул кард.

Дар мавриди таърихи пайдоиши радио дар Тоҷикистон байни муҳаққиқон ва собиқадорони соҳа нуқтаи назари ягона вуҷуд дорад, ки он аз хабари зерини рӯзномаи «Советский Таджикистан» сарчашма мегирад. «Аз 10-уми апрел комиссияи оид ба радио дар назди Идораи алоқаи Кумитаи халқии почта ва телеграф радиошунавонии муттасилро дар тамоми шаҳр муқаррар намуд. Аз 12–уми апрели соли 1930 гуфторҳои радиолексия, машқи тарбияи бадан ва барномаҳои мусиқӣ муҳтавои ҷадвали пахшро ғанитар месозанд» [6, 4]. Муаллифони китоби «Парвози сухан» низ 10-уми апрелро рӯзи таъсиси радиои тоҷик меҳисобанд. «Рӯзи ҷумъаи 10-уми апрели соли 1930 рӯзи таъсис шудани радиои тоҷик мебошад. Дар ин рӯз нахустин бор овози радиои тоҷик садо дод» [10, 17]. Собиқадори радио Қосим Дайламӣ низ санаи таъсиси радиои тоҷикро 10-уми апрел тасдиқ мекунад, вале аз навиштаи ӯ маълум мегардад, ки 10-уми апрели соли 1930 рӯзи панҷшанбе будааст. «Рӯзи панҷшанбе, 10-уми апрели соли 1930, соати 10-и пагоҳӣ… аз баландгӯ садои созу овоз баромад ва пай дар пай мусиқӣ, суруд ва таронаҳои халқӣ навохта ва хонда мешуд. Сипас, овози ду нафар мард аз баландгӯ баромад. Инҳо дикторҳо буданд, ки ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ мегуфтанд: «Диққат! Диққат! Диққат!... Радиои Душанбе якумин бор ба радиошунавонии худ оғоз мекунад» [2, 2]. Ҳафтаномаи «Ин ҷо Душанбе» дар робита ба рӯзи пахши барномаҳои нахуст чунин менависад: «10 –уми апрели соли 1930 Душанбе ба худ намуди идона гирифта буд. Одамон аз гӯшаю канори ҷумҳурӣ дар майдони сурхи пойтахт ҷамъ омада, таҳти садои хушу форами сурнай ва чангу рубоб хурсандӣ мекарданд. Як лаҳза хомӯшӣ ҳукмфармо гардиду сипас, аз карнайи радио бори нахуст овози барандаи тоҷик баланд гардид; Диққат! Диққат! Диққат!... Ин ҷо Душанбе» [3]. Ин санаро ба сифати рӯзи таъсиси радио дар Тоҷикистон собиқадори соҳа Медведев Николай Иванович, ки солҳои 1948-2001 дар вазифаҳои масъули ҶСК «Телерадиоком» фаъолият доштааст, дар китоби ёддоштии худ «Становление и развитие радио и телевидения в Таджикистане» ба таври зайл тасдиқ мекунад: «10-уми апрели соли 1930 нахустин барномаи радиои тоҷик рӯйи мавҷ омад. Он замон ҳанӯз студияи радио вуҷуд надошт, танҳо дар «Хонаи деҳқон» як ҳуҷраи майда барои таҷҳизот ва гӯяндаҳо ҷудо шуда буд» [4, 9].

Дар китоби «Таърихи радиои Тоҷикистон» низ омадааст, ки «10-уми апрели соли 1930 дар таърихи радиошунавонии Тоҷикистон бо ҳарфҳои заррин сабт гардидааст. Зеро нахустин маротиба дар ҳамин рӯз садои радио бо ибораи «Диққат! Диққат! Диққат! Ин ҷо Сталинобод!» аз собиқ Хонаи деҳқон- макони имрӯзаи театри ба номи Маяковский дар фазои пойтахти Тоҷикистони ҷавон танин андохт. Ин падидаи нав маънои «ҷаҳиши бузург» дар тамоми соҳаҳоро дошт» [9, 5]. Дар воқеъ,

пайдоиши ин намуди алоқа барои пешрафти соҳаҳои гуногуни ҳаёти мардум нақши калон бозид. Ба ин хотир, баҳри рушди радиошунавонӣ таваҷҷуҳ зоҳир мешуд. То миёнаҳои соли 1930 наздики 20 маркази ноҳия ва деҳот бо радиоузелҳо таъмин буданд. 20-уми июли соли 1932 ҷаласаи КМ ҲК(б) Тоҷикистон фаъолияти радиошунавонӣ ва роҳҳои афзун намудани нуқтаҳои радио, бо дастгоҳҳои радио таъмин намудани аҳолӣ ва саҳми радио дар амалӣ намудани инқилоби маданиро мавриди баррасӣ қарор дод. Зикр гардид, ки то кунун дар баробари истгоҳҳои радиои Душанбе, ҳамчунин 26 нуқтаи радиоии ноҳиявӣ ва 7 нуқтаи телеграфӣ бунёд шудааст. Дар ҷаласа таъкид шуд, ки фаъолияти идораи алоқа қаноатбахш нест, барои кори босамари минбаъдаи ин сохтор, ки масъулияти ба шунавандагон расонидани гуфторҳоро ба дӯш дошт. Дар натиҷа, то охири сол дар кори ин сохтор дигаргуниҳои назаррас ба вуҷуд омад. Аз ҷумла, моҳи декабри соли 1932 дар пойтахт истгоҳи радиои дорои иқтидори 2 квт, ки аз Тошканд дастрас ва рӯйи мавҷи 712 м. кор мекард, насб шуд. Ҳарчанд иқтидори он барои навоҳии тобеи марказ нокифоя буд, вале тавассути он пахши мунтазами хабару мусиқӣ ва лексияҳо ба роҳ монда шуд.

Он замон ҳанӯз кумита вуҷуд надошт, аз ин рӯ «комиссиюни радиошунавонӣ ташкил шуд, ки аз тарафи он ҷадвали пахши барномаҳо мураттаб ва тасдиқ мешуд» [6, 4]. Бино ба гуфтаи собиқадори радио Қосим Дайламӣ, ки иштирокдори бевоситаи чорабиниҳои рӯзи таъсиси радиои тоҷик будааст, «баъди эълони барномаҳои мазкур (радио) комиссияи радио шуъбаи равшаннамоии сиёсӣ, иттифоқҳои касаба, комитетҳои партиявӣ ва комсомолии шаҳрро даъват кард, ки барои пешрафти кори маркази радиошунавонии шаҳри Душанбе фаъолона иштирок намоянд» [2, 2].

Ҷанбаи эҷодии барномаҳо танҳо баъди ташкили Кумитаи радиои умумииттифоқ дар назди Комиссариати почта ва телеграфи Иттиҳоди Шӯравӣ пурқувват гардид. Ҷадвали пахши барномаҳо аз ҳисоби тавлидоти барномаҳои дохилӣ мукаммал шуд. Пахши барномаҳои ҳаррӯза ҳар субҳ аз дарси тарбияи бадан, шарҳи мухтасари рӯзномаҳои ҷумҳуриявӣ, барномаҳои мусиқӣ барои кишоварзон оғоз гардида, нимарӯз ва шабонгаҳ гуфторҳои сиёсиву кишоварзӣ, илмию оммавӣ пахш мешуд.

Таъсиси Кумитаи радиои умумииттифоқ дар назди Комиссариати почта ва телеграфи Иттиҳоди Шӯравӣ зарурати ташкили шуъбаҳои онро дар ҷамоҳири дигари Шӯравӣ ба миён овард, ки Тоҷикистон ҳам дар канор намонд. 13 - уми январи соли 1932 Кумитаи Иҷроияи Марказӣ ва Совети Комиссарони Халқи РСС Тоҷикистон дар ҳайати 13 нафар кормандони ҳизбию журналистон Кумитаи радиои Тоҷикистонро таъсис доданд.

Моҳи июли соли 1932 дар кумита тағйироти кадрию сохторӣ ба вуҷуд омад. Вазифаи муовини раис таъсис гардид, секторҳои сиёсӣ-бадеӣ, илмӣ-таълимӣ, таълимӣ-маърифатӣ, шуъбаи оммавӣ, гурӯҳи нашр, гурӯҳи мусиқӣ, маркази радио ба вуҷуд омаданд. Тадриҷан миқдори барномаҳо зиёд, матолиби асл ё оригинал ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва ӯзбекӣ бештар пахш шуда, миқёси пахши барномаҳо аз ҷиҳати ҷуғрофӣ васеъ мегардиданд. Аз ҷумла, барномаҳои «Хабарҳои охирин», «Радиоуниверситети маданият», «Шунавонидани сиёсӣ», «Ҳаёти коргарӣ», «Шунавонидани адабӣ», «Субҳи босафо», «Сурудҳои кишвари озод», «Савту сурудҳои дилнишин», «Дар оилаи ягона», «Бо микрофон сар то сари республика» - ро на танҳо мардуми пойтахт, балки манотиқи назди он низ истимоъ мекарданд [1].

Ҳукумати Тоҷикистон ба ташаккули радиои миллӣ таваҷҷуҳи хос мекард, зеро мардум ба матбуот камтар дастрасӣ доштанд. Радио воситаи муҳимтарини тарғиби идеологияи давлату хизб ба шумор мерафт. Бино ба иттилои шуъбаи радиои Раёсати алоқаи Тоҷикистон то соли 1934 дар ҷумҳурӣ 24 радиоузели дорои иқтидори умумии 306 ватт ва 2550 нуқтаҳои радио мавҷуд буд. Алоқаи марказии пойтахт дорои 502 нуқта буд, ҳол он ки имкони хизматрасонӣ ба 3000 нуқтаро дошт. Мувофиқи маълумоти Донишномаи Душанбе соли 1934 танҳо дар Душанбе 600 нуқтаи радио ба қайд гирифта шуда буд. Ҳамаи биноҳои маъмурӣ ва ҷойҳои истироҳатии ҷамъиятӣ бо симҳои радио ва нуқтаҳои радиошунавонӣ таъмин карда мешуданд. Дастгоҳҳои радио ба фурӯш бароварда шуда, ба синфи коргар дар асоси имтиёз фурӯхта мешуданд [7, 22]. Бо супориши Раёсати марказии радиошунавонии назди СКХ-и ИҶШС соли 1936 лоиҳаи бунёди маҷмааи радиошунавонии шаҳри Душанбе мураттаб ва бо ҷониби Ҳукумати Тоҷикистон мувофиқа шуд. Барои бунёди стансияи ирсоли мавҷҳо аз қисмати шимоли шаҳр, воқеъ дар паҳлӯи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон дар ҳаҷми 16 гектар қитъаи замин, ки қаблан қабристон буд,

ҷудо карда шуд. Бунёди маҷмаа ва мавҷгир бо насби фиристандаи дорои иқтидори 10 квт (мавҷи мутавассит), инчунин истгоҳи қабул, 2 студия (барои баранда ва сабти консертҳо) дар муқоиса ба як ҳуҷраи Хонаи деҳқон барои рушди соҳа муваффақияти калон буд.

Бо мавриди истифода қарор гирифтани он (охири соли 1939) барои таҳияи барномаҳои мусиқиву гуфтугӯӣ, пахши барномаҳои «зинда» ва сабтшуда, сабти барномаҳои консертӣ ва суханрониҳои роҳбарони олимақоми ҷумҳурӣ шароити мусоид фароҳам омад. Аз ҷониби дигар, дар Тоҷикистон инқилоби фарҳангӣ ба вуқӯъ пайваст ва табиист, ки барои тарғиби дастовардҳои фарҳангу тамаддун, падидаҳои ҳаёти нав ин расона нақши калон мебозид. Дар пайи инқилоби фарҳангӣ аҳолии хурду калон сар то сар мактабхону саводнок гардиданд. Ҳазорҳо мактабҳои ибтидоӣ, миёна, ҳунаристонҳо, мактабҳои олӣ барои толибилмон дарҳои ҳудро боз карданд. Дар деҳоту шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ бисёр театрҳои касбӣ, халқӣ, маҳфилҳои ҳаваскорони ҳунар ташкил ёфтанд [8, 32].

Ҳамарӯза фаъолияти мактабу маориф, донишгоҳу донишкадаҳо, театрҳо тавассути барномаҳои гуногунжанр инъикос мегардид. Аз ин рӯ, ба фаъолияти радио чун авангарди ин сиёсат таваҷҷуҳи бештар зоҳир мешуд. Барои мисол, агар дар соли аввали ташкил Кумитаи радиои Тоҷикистон ҳамагӣ 25 радиоузел ва 7 радиотелеграфи марказӣ дошт ва дар деҳот андаке бештар аз ҳазор нуктаи радио мавҷуд буд, пас то соли 1937 тақрибан чил фоиз аҳолии Тоҷикистон барномаҳои радиоро гӯш мекарданд. 15-уми январи соли 1937 дар истгоҳи ирсоли мавҷҳои радиои пойтахт фиристандаи дорои иқтидори 10 квт насб шуд ва имкони алоқа бо ВМКБ ва Дарвоз ба амал омад. Соли 1939 дар муқоиса бо соли 1937 иқтидори фиристандаҳо 7 маротиба афзуд. Солҳои 1939-1940 тағйироти кадрӣ зиёд сурат гирифт ва кормандони эҷодӣ, техникию маъмурии радиои ҷумҳурӣ зуд-зуд иваз мешуданд. То оғози Ҷанги Бузурги Ватанӣ (июни соли 1941) ҳарчанд дар мазмуну мундариҷаи гуфторҳо дигаргунии ҷиддӣ сурат нагирифт, аммо дар кумита тағйироти кадрӣ ба вуқӯъ пайваст. Дар ин марҳила (1930-1940) ин расона аз лиҳози эҷодӣ ва техникӣ ба таври чашмгир рушд кард, аз ҷиҳати сохтор такмил ёфт, аз нигоҳи ҷойгоҳ ба яке аз дастгоҳҳои тавонои хабарӣ табдил ёфт.

А Д А Б И Ё Т

1. Бойгонии радио, бастаҳои «Программа передач радио», 1932 -1933.
2. Дайламӣ Қ. Чиҳилу панҷ сол дар ҳамин рӯз / Қ. Дайламӣ //Маориф ва маданият.1975, 30.04.
3. //Ин ҷо .-Душанбе.1990, 5.05.
4. Медведев Н.И. Становление и развитие радио и телевидения в Таджикистане / Н.И Медведев. - Душанбе: Мир полиграфии. 2005.
5. Моргунов А.И. Известия АН ТССР. 1978, №1.
6. Начились передачи по радио // Советский Таджикистан.1930, 11.04.
7. Пиров Т.Т., Назаршоев М.Н. Душанбе.-Москва: Международные отношения, 2003.
8. Раҳмонов Э. Тоҷикон дар оинаи таърих / Э. Раҳмонов -Душанбе: Ирфон, 1999.
9. Хоҷазод С. Таърихи радиои Тоҷикистон.қ.1 / С Хоҷазод. -Душанбе:Деваштич, 2006.
10. Шарифов В., Волков В. Парвози Сухан / В Шарифов, В. Волков. - Душанбе: Ирфон, 1967,

ФАКТОРЫ ВОЗНИКНОВЕНИЯ И СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ РАДИО В ТАДЖИКИСТАНЕ

Деятельность Радио в Таджикистане началась в 30-ые годы минувшего века и это событие было новизной в информационном пространстве страны. В статье исследованы причины появления Радио в Таджикистане и его техническое и тематическое развитие в первом десятилетии в период 1930-1941 гг..

Ключевые слова: радио, связь, передача, волна, передатчик, пропаганда, мнение.

FACTORS OF OCCURRENCE AND IMPROVEMENT RADIO IN TAJIKISTAN

The activity of Radio of Tajikistan began in the 30s of the last century and this event was a novelty in the information space of the country. The article examines the causes (factors) the advent of radio Tajikistan and its technical and thematic development in the first decade (between 1930-1941).

Key words: radio, communication, transmission, wave transmitter, propaganda, opinion.

Сведения об авторе: ***С. Ходжазод*** – кандидат филологических наук, старший преподаватель кафедры методики изучения таджикского языка и литературы ТГПУ им.С.Айни. Телефон: **838-55-52-99**

ШАКЛ ВА МАЗМУНИ ОРОИШИ РӮЗНОМА АЗ ВОСИТАҲОИ МУҲИММИ МУХОБИРОТ БО ХОНАНДА (ДАР МИСОЛИ МАТБУОТИ ДАВРИИ ТОҶИКИСТОН)

Қ. Мухторӣ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҳадафи асосии журналистика таъмини аҳли ҷомеа бо иттилооти аҳамияти умумидошта аст. Ин мақсад аз тариқи воситаҳои ахбори омма ба даст меояд. Радио, телевизион, матбуот, шабакаҳои иҷтимоиро метавон воситаҳои иҷтимоии мухобироти одамон номид. Дар илми назарияи мухобирот (теория коммуникации) силсилаи воситаҳое номбар мешаванд [ниг.: 1, с. 164], ки дар байни онҳо асоситарин, албатта, забон аст, аммо унсурҳои дигар, ба мисли муошират ғайризабонӣ, жестҳо, мимика ва ғ. [ниг.: 1, с. 11; 4, с. 10] низ аз аҳамият холӣ нестанд. Табиист, ки номгӯйи чунин воситаҳо дар анвои гуногуни ВАО характери инфиродӣ дорад, ки матбуот ҳамчун яке аз воситаҳои муҳимми иттилоърасонӣ аз ин орӣ нест.

Дар байни воситаҳои мухобирот бо хонанда дар матбуот ороиш мавқеи хоса дорад. Масъалаи ороиш аз пайдоиши худи рӯзнома ҳамчун масъалаи мавриди таваҷҷуҳи нашрияву матбаа дар маркази диққат аст. Аз ин рӯ, он мавзӯи нав нест, лекин куҳнашаванда низ нест. Бахусус, аз сабаби он ки имрӯз таваҷҷуҳ ва дастрасии мардуми олам ба интернет бештар аст ва таҳдид барои камхаридор гардидани рӯзнома низ ҷой дорад, матбуотчиёнро лозим мешавад, ки ҳамаи роҳу усулҳои ҷолибсозии рӯзномаро истифода намоянд.

Аз ҷониби дигар, худи пешрафти илму техника низ имкониятҳои нав ба навро баҳри ороиш ба вуҷуд меорад. Рӯзномаҳо низ аз ин имкониятҳо истифода намуда, барои ҷалб намудани хонанда тамоми қувваро истифода мекунанд.

Аз он ки ороиш унсури муҳимми рӯзнома аст, аз мадди назари муҳаққиқони илми рӯзноманигорӣ дур намондааст. Дар илми рӯзноманигории рус ҳанӯз дар аввали асри ХХ тадқиқоти махсус сурат гирифта буданд. То имрӯз бошад метавон дар ин самт садҳо асару мақоларо ном бурд, ки ба паҳлӯҳои гуногуни ороиш рӯзнома бахшида шудаанд. Муҳаққиқи рус Головко Е.Б. дар тозатарин тадқиқот – рисолаи номзадиаш таъкид мекунад, ки «*…дар саромади илм оид ба ороиши рӯзнома хизмати олими рӯзноманигор Кержентсев П.М. бо асараш «Газета. Ее организация и техника» (1919) хеле калон аст*» [1, с. 4]. Муҳаққиқ дар муқаддимаи тадқиқоташ силсилаи тадқиқотеро сар аз солҳои 20-уми асри ХХ то ба имрӯз ном мебарад, ки ба масъалаи ороиши рӯзнома бахшида шудаанд. Азбаски ин ҳамагӣ як мақолаест, ки ба баъзе ҷиҳатҳои таҳаввул дар ороиш бахшида шудааст, мо ба таърих ва хусусиятҳои тадқиқоти ба ин мавзӯъ бахшидашуда васеъ таҳлил намекунем

Агарчи таҷрибаи рӯзноманигории тоҷик таърихи садсола дорад, ду давраеро метавон бо боварӣ ном бурд, ки таъсиси рӯзномаҳои нав ба нав суръати хоса гирифтаанд. Аввал, давраи пас аз инқилоби октябр, баъдан, истиқлолияти давлатии Тоҷикистон, соли 1991. Масъалаи ороиш дар матбуоти давраи шӯравӣ мавзӯи тадқиқи ҷудогона хоҳад буд. Ин ҷо ҳоло танҳо дар хусуси таҳаввулоте, ки дар ороиши замони истиқлол ба назар мерасад, чанд сухан гуфта хоҳад шуд.

Оғози таҳаввулотеро, ки дар ороиши рӯзномаҳои замони истиқлол ба назар мерасанд, ба таъсири ҳамон ошкорбаёнӣ ва бозсозии горбачёвии нимаи дуюми солҳои ҳаштодуми асри ХХ нисбат додан мумкин аст. Ин дигаргуниҳо аввалан, дар тағйири номи рӯзномаҳо мушоҳида мешаванд. Маълум аст, ки рӯзномаҳои марказии ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ формати А2, рӯзномаи кӯдакону наврасони «Пионери Тоҷикистон», рӯзномаҳои ноҳиявӣ формати А3 доштанд.

Метавон гуфт, ки баробари истиқлолият ба даст овардани Тоҷикистон шумораи рӯзномаҳои ғайрирасмӣ дар ҷумҳурӣ якбора афзуд. Табиист, ки ин рӯзномаҳо дар қабули навгониҳо чӣ дар мундариҷа ва чӣ дар шакл нисбат ба матбуоти расмӣ хеле озод ҳастанд. Матбуоти расмӣ матбуоти эҳтиёҷманди бозор нест. Он ба тариқи обуна паҳн карда мешавад. Аз ин рӯ, кормандони он таваҷҷуҳи асосиро ба ороиш намедиҳанд, ё аниқтараш ороиш онҳоро чандон ба ташвиш намеорад, аммо матбуоти ғайрирасмӣ, ки ҳастиаш аз мавқеи дар бозор пайдокардааш вобаста аст, маҷбур аст, ки аз роҳҳои зиёди ҷалб намудани хонандагон истифода намояд.

Бо мақсади равшантар дидани вазъи воқеии ороиш ва таҳаввулот дар ороиши рӯзномаҳои тоҷикӣ мо тасмим гирифтем, ки вобаста ба хусусиятҳояшон аз се навъи рӯзномаҳо яктоӣ интихоб намуда, хусусиятҳои ороишро дар онҳо таҳлил намоем. Рӯзномаи «Ҷумҳурият» – ҳамчун намунаи рӯзномаҳои расмӣ, рӯзномаи «Фараж»

ҳамчун намунаи рӯзномаи ҷамъиятӣ-сиёсӣ, рӯзномаи «Азия-Плюс» ҳамчун намунаи рӯзномаи сиёсӣ-тиҷоратӣ ва як навъ инъикоскунандаи фарҳанги рӯзноманигории русӣ-тоҷикӣ, рӯзномаи «Ману ту» ҳамчун намунаи рӯзномаи хоссаи тиҷоратӣ интихоб карда шуд.

Рӯзномаи «Ҷумҳурият» аз соли 1992 то ин ҷониб дар логотипи худ чандон дигаргуниҳо ворид нанамудааст, формати он комилан устувор аст, бо формати А2 нашр мешавад, зеро аз сабаби рӯзномаи обрӯманд ва ҳукумати Тоҷикистон буданаш формати худро устувор нигоҳ медорад. Чунин формат хоси аксари рӯзномаҳои расмии кишварҳо аст.

Дигаргуние, ки дар ороиши саҳифаи аввал ба назар мерасад, асосан аз он иборат аст, ки гоҳо дар болои саҳифа аз мақолаҳои асоситарин, ки иборат аз 3-4-тоанд, бо сурати муаллифон, мусоҳибон, қаҳрамонони очерк анонс бо зикри номи мақола ё қисмате аз номи ҳамон мавод оварда мешавад. Гоҳо ҳамин анонсҳо ба муддати як моҳ, сол, гоҳо бенизом партофта мешавад.

Як хусусияти барои хонанда мушкилқабулшаванда дар рӯзномаи «Ҷумҳурият» саҳифаҳои пур аз қонун ё баромадҳои тӯлонӣ аст. Ҳамин чопи қонунҳо аз як тараф, аз тарафи дигар формати калон талаб мекунад, ки андозаи калонкаҳо низ калон-калон бошад. Ба андешаи мо, вақте ки чунин қонунҳо ё баромадҳо ба табъ мерасанд, бояд замимае барои онҳо пешниҳод карда шавад. Будани чунин замима боиси нигоҳ доштани робита бо хонандаи воқеӣ мегардад, зеро хонандаи рӯзномаи «Ҷумҳурият» намедонад, ки шумораи навбатии рӯзнома барои дастрас намудан меарзад ё не, баръакс, агар рӯзнома дар сурати нашри қонуну қарорҳо замимаи ҳамешагӣ дошта, ҷойи маводи хонданбобро барои ҳамешагӣ дорад, хонанда аллакай медонад, ки рӯзнома ҳамеша барои ӯ маводи нав пешниҳод менамояд ва хонандаи доимӣ боқӣ мемонад. Ин боиси устувории робитаи рӯзнома бо хонанда мегардад.

Дар мавриди рӯзномаи «Ҷумҳурият» ҳамин нуктаро низ бояд зикр намуд, ки пас аз иваз шудани сармуҳаррир аз моҳи ноябри соли 2012 дар саҳифаҳои он «доғҳои сафед» бештар гаштаанд, дар байни саҳифа холигиҳо, маводи гуногун бештар ба назар мерасанд. Албатта, мо ба мундариҷаи онҳо дар ин ҷо таваҷҷуҳ наменамоем, сухан танҳо сари ороиш ва намои зоҳирии рӯзнома аст.

Паспорти рӯзнома дар саҳифаи охир оварда мешавад. Бояд гуфт, ки рӯзномаҳои гуногун ҷойи паспортро дар саҳифаҳои гуногун муқаррар мекунанд. Масалан, рӯзномаҳое, ки маводи рекламавӣ бештар доранд, паспортро дар охири саҳифаи рекламаҳои ҷолибтар дошта ҷой мекунанд. Барои онҳо шиносонидани худашон бо хонанда, истеъмолкунандаи реклама низ муҳим аст.

Рӯзномаи «Фараж», ки ҷамъиятӣ-сиёсӣ ҳисоб мешавад, низ масъалаи ороиши логотипро аввалиндараҷа намеҳисобад. Рӯзнома аз соли 2006 инҷониб нашр мешавад. Логотипи он дар фони сиёҳ (выворотка), баъдан кабуд оварда мешавад. Ҳамагӣ як маротиба ранги логотип ва сарлавҳаҳои саҳифаи аввалу охири худро соли 2008 аз ранги сиёҳ ба ранги кабуд иваз намудааст. Аагарчи ин ранг махсус маъное надошта бошад, ин рӯзномаро дар нигоҳи аввал аз дур аз баъзе рӯзномаҳои дигар, масалан «Миллат», «Озодагон», «Азия-плюс» ҷудо мекунад.

Аз ҷониби дигар, мувофиқи сухани худи кормандони ҳафтанома номи рӯзнома бояд сафеди барҷаста бошад, аммо дар фони сиёҳ чандон он ба чашм намоён намебарояд, ранги сиёҳ гоҳ равшан ва гоҳо хира меояд ва номи ҳафтанома барҷаста намоён намегардад. Ба андешаи мо, ин иқдом бо ҳамин гуна мақсад пеш гирифта шудааст ва мутасаддиён ба ҳадафашон ҳам расидаанд.

Он дар формати А3 нашр мешавад. Формати мазкур барои хондан мувофиқ аст. Гоҳо дар саҳифаи аввали рӯзнома суратҳои пуррасозандаи мазмуни маводи таҳлилии рӯзнома ба андозаи калон – 12х14 чоп карда мешаванд. Ин дар ҳамаи шумораҳо ба назар намерасад. Ин ҳолро мо бештар пас аз мавридҳое мушоҳида мекунем, ки дар ҳаёти мамлакат ягон ҳодисаи калони сиёсӣ, иқтисодӣ рух дода бошад.

Парвандаҳои пурмоҷарои ҷиноятӣ баррасӣ мешаванд. Ин ба хонанда ҳушдор додан аст, ки ин шумораи рӯзнома шумораи махсус аст. Умуман, дар аксар рӯзномаҳои ҷаҳон ҳамин хусусият ба назар мерсад, ки маводи ҳангомаҷӯёнаро ҳатман бо суратҳои калонҳаҷм, сарлавҳаҳо бо ҳуруфи калон чоп мекунанд. Масалан, вақте ки аз зиндони амнияти кишвар чандин нафар маҳбусони сиёсӣ гурехтанд, саҳифаи аввали рӯзномаҳоро суратҳои роҳбарони сиёсии мухолифин, симоҳои бандиёни гуреза оро медоданд.

Дар шумораи 14 ноябри соли 2012 дар саҳифаи аввал сурати Умаралӣ Қувватов оварда мешавад, он бевосита дар зери логотипи рӯзнома аз тарафи рост, аз тарафи чап лид, дар зери лид ва сурат номи мақола зикр шудааст. Дар саҳифаи аввал мақола

дар чор сутуни ниҳоят хурд-хурд оварда шудааст, ки барои хондан чандон мувофиқ нест. Мақола то саҳифаи 9 идома дорад, ҳамин сурат айнан дар он ҷо низ такрор оварда мешавад. Албатта, ба андешаи мо ин дуруст аст, зеро хонанда ҳангоми бо шавқ хондани мавод идомаи онро аз рӯйи сурат ба зуддӣ ёфта метавонад. Вазифаи рӯзнома ҳам аслан, бояд ба хонанда мушкил ба бор овардан набошад.

Ҷиҳати аз ҳама назаррас дар ороиши рӯзнома сурат ва сарлавҳа аст. Дар саҳифаҳои рӯзнома на ҳама суратҳо бо матн мувофиқат мекунанд. Дар ҳамин шумора мақолаи омӯзгор Ҳасани Фатҳуллозод бо номи «Муаллими сол ё масхарабозии сол» дар саҳифаи 5-ум оварда, аммо сурати калони вазири маориф дар мобайни мақола ҷой дода шудааст, сурат тарзе ҷойгир аст, ки гӯйи вазир мусоҳиба дода истода бошад, дар назари хонанда номи мақола ба суханони вазир шабоҳат доранд ё дар хонанда чунин андешаро ба вуҷуд меоранд.

Мақолаи дигар низ дар ҳамин шумора, ки ба қалами Раҷаби Мирзо дахл дорад, бо номи «Аз «А» то «Я»-и интихоботи президентӣ» ном дошта, дар байни матн аз қисмати боло сурати раиси вилояти Суғд Қосим Қосимов (ҳоло собиқ) оварда мешавад. Хонанда танҳо пас аз хондани чанд ҷумлаи аввал муносибати сурати макурро ба мақола пай мебарад. Он силсилавӣ буда, идома аз шумораҳои гузашта аст ва идома дорад. Ҷойи сурат дар мақола номувофиқ аст, аз ҷониби дигар Қосим Қосимов дар ҳолати дар курсӣ нишаста оварда шудааст, модоме ки шахси тасвиршаванда ҳамчун роҳбари оянда муаррифӣ мешавад, сурати ба ҳамин вазъ мувофиқ бояд интихоб карда мешуд.

Ба назари мо дар ин шумораи ҳафтанома саҳифа ё гӯшаи аз ҳама мувофиқ ороишдодашуда вокуниш ба мақолаи танқидӣ бо номи «Москва – Душанбе: Роҳатон сафед!» аст, ки аз тарафи рости саҳифа зери матн ранги махсус дорад. Чунин ороиш таваҷҷуҳи махсуси хонандаро ба мавод ҷалб мекунад. Ин дар ҳафтанома анъана аст. Аз ҷониби дигар, интихоби суратҳо низ мувофиқи симои рӯзнома принсипҳои интихоб ва ҷобаҷогузорӣ дошта бошанд, сурат ва матн пуррасозандаи мазмуни ҳамдигаранд. Ба қавли профессор А. Саъдуллоев: «Тасвир дар газета ахборест, ки хонанда аввалтар аз ҳама ба он аҳамият медиҳад» [5, с. 35]. Ҳайати рӯзнома бояд муқаррар кунанд, ки кадом типи мақолаҳо бо чи гуна сурат бояд чоп карда шаванд, дар акси ҳол мақолаеро, ки хонанда дар он тасвире дидан мехоҳад, аммо намеёбад, нуқсдор, ахбори нопурра мепиндорад.

Ҳафтаномаи «Азия-плюс» низ аз 21 январи соли 2000-ум нашр мешавад. Он логотипи худро иваз накарда бошад ҳам, андозаи худро як маротиба иваз намуд. Рӯзнома аввал дар формати А2 нашр мешуд, пас аз чанде ба формати А3 гузашт, инчунин он дар Тоҷикистон ягона рӯзномаест, ки дар 3 бахш – сексия сексияи А 16 саҳифа, сексияи В 8 саҳифа ва сексияи С 16 саҳифа, дар маҷмӯъ 40 саҳифа чоп мешавад, сексияҳои рӯзнома мавзӯӣ буда, мавзӯъҳо асосан доимианд. Логотипи рӯзнома қисмати болоии рӯзномаро пурра фаро мегирад, бар хилофи рӯзномаҳои «Фараж», «Озодагон», ки логотипашон яке аз рост ва дигаре аз чап бо мавод пур карда мешавад.

Тасвирҳо, суратҳо дар рӯзнома асосан бо мундариҷаи маводи пешниҳодшаванда созгоранд. Масалан, доир ба мавзӯи таҳлилшаванда сурат аз ҷойи дигар мутобиқ карда намешавад, асосан сурати асл оварда мешавад. Аммо дар рӯзнома саҳифаҳои эълону рекламаҳо бенизоманд, ин беш аз ҳама ба сабаби бо усули вивортока (дар зери матн овардани фони сиёҳ) ҷой додани баъзе эълону рекламаҳо рӯй медиҳад. Инчунин дар ин саҳифаҳо «доғҳои сафед» (воздух - ҳаво) хеле зиёд аст. Дар назарияи ороиши рӯзнома муҳаққиқ А. Саъдуллоев таъкид мекунад, ки барои рӯзнома истифодаи як-ду гарнитура басанда аст [ниг.: 5, с. 23], аммо дар саҳифаҳои эълону рекламаи ин рӯзнома аз гарнитураҳои ниҳоят гуногун истифода мешавад.

Албатта, дар ин саҳифаҳо истифода кардан аз гарнитураҳои гуногун бо мақсади ҷалб намудани таваҷҷуҳи хонанда ба эълон ё рекламаи даркорӣ аст, аммо бояд чунон ороиш дода шавад, ки саҳифаи рӯзнома ба пайи мурғ монандӣ пайдо накунад. Як ҷиҳати дигари хоси ин рӯзнома дар он аст, паспорти рӯзнома маҳз дар охири саҳифаи рекламаҳо оварда мешавад.

Ҳафтаномаи «Ману ту», ки минбари ҷавонон муаррифӣ мешавад, саҳифаи аввал ва охираш ранга аст. Логотипи он бо ранги сурх ороиш дода мешавад, номи рӯзнома ҳам сурх. Вақте ки фони суратҳо дар ин саҳифа низ бо ранги сурх оро меёбад, ном дар байни рангҳо аз назар гум мешавад. Суратҳо дар ин рӯзнома бо меҳнати осонакак ҷо ба ҷо карда мешаванд, зеро аксари суратҳо тасвирҳои одамон аз манбаъҳои гуногун – маъмулан шабакаҳои гуногуни интернетӣ гирифта, ҷой дода мешаванд.Ин ҳам нишонаи барқарор набудани робитаи бевосита ҳам бо манбаъ ва

ҳам бо хонанда аст. Агар маводи рӯзнома бо суратҳое, ки натиҷаи меҳнати худи кормандони рӯзнома аст, оро дода шаванд, робита бо хонанда устувортар ва самимитар мегардад.

На танҳо тасвир, инчунин сифат ва навъи коғаз низ дар барқарор намудани робита бо хонанда муҳим аст. Имрӯз дар кишвар танҳо як рӯзнома -«Наврӯзгоҳ» - нашрияи Вазорати ҳифзи муҳити зист, бо коғази ҷилодор (глянцевый) нашр мешавад. Аслан, аз чунин коғаз дар нашри маҷаллаҳо истифода мекунанд. Рӯзнома, ки маъмулан, бо ҳуруфи хурд (9 пункт) нашр мешавад, беҳтар аст, агар бо коғази одии бечило моил ба зардӣ нашр шавад.

Ба ин тариқ, агарчи дар матбуот забон аз воситаҳои асосии мухобирот аст, тасвирҳо, ороиш, хатҳо, рангҳо, ҳатто сифати коғаз барои бемонеа фаҳмидан ва дарк кардани матлаб ё кам кардани монеа дар фаҳмиши дуруст, ба вуҷуд овардани афкори умумӣ нақши муҳим мебозанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Василик. Основы теории коммуникации: Учебник / М.А., Вершинин М.С, Павлов В.А, Барабанова Н.Р. и др. /Под ред. проф. М.А. Василика. -М.: Гардарики, 2003. - 615 с.
2. Головко Е.Б. Дизайн российских газет: генезис, современное состояние и тенденсии развития: автореф. дисс… канд. филол / Е.Б Головко. Наук: 10.01.10. - М., 2011. -22 с.
3. Дейк ванн Т.А. Язык. Познание. Коммуникация / Дейк ванн Т.А. - Благовешенск, 2000.-308с.
4. Кашкин В.Б. Введение в теорию коммуникации: Учеб. пособие. - Воронеж: Изд-во ВГТУ, 2000. -175 с.
5. Саъдуллоев А. Саҳифабандӣ ва чопи газета / Саъдуллоев А. -Душанбе: Ирфон, 2007. - 128 с.
6. Садъдуллаев А. Техника и технология средств массовой информации / Садъдуллаев А., Салихов Н. - Душанбе: Ирфон, 2009. - 244 с.

ФОРМА И СПОСОБЫ ОФОРМЛЕНИЯ ГАЗЕТЫ КАК ОДИН ИЗ СОСТАВЛЯЮЩИХ ЭЛЕМЕНТОВ ОБЩЕНИЯ С ЧИТАТЕЛЕМ

(на примерах периодической печати Таджикистана)

В статье анализируются современное состояние и эволюционные явления в оформлении и дизайне таджикской периодической печати. Автор особо отмечает роль правильного оформления в восстановлении связи и общении с читателем. По его мнении, не смотря на то, что основным средством коммуникации между людьми является язык, в процессе массовой коммуникации огромное значение имеет правильное оформление и дизайн газеты.

Ключевые слова: массовая коммуникация, общение, язык, печать, оформление, дизайн.

THE SHAPE AND DESIGN METHODS NEWSPAPER AS ONE OF THE CONSTITUENT ELEMENTS OF COMMUNICATING WITH THE READER

(examples periodicals Tajikistan)

The article analyzes the current state and evolutionary phenomena in the design and design Tajik periodicals. The author emphasizes the role of correct registration in the restoration of communication and dialogue with the reader. According to him, despite the fact that the primary means of communication between people is a language in the process of mass communication is of great importance the correct layout and design of the newspaper.

Key words: mass communication, communication, language, media, design.

Сведение об авторе: ***К. Мухтори*** - кандидат филологических наук, заведующий кафедрой печати Таджикского национального университета. Телефон: **935-02-04-91.** E-mail: **mkutb@mail.ru**

ОСОБЕННОСТИ ПУБЛИЦИСТИЧЕСКОГО ТВОРЧЕСТВА М.НАДЖМИДДИНОВА

Джамиля Рахмонова
Таджикский национальный университет

В таджикской современной литературе трудно отыскать произведение, которое бы не было отмечено публицистическими мотивами или особенностью очеркового изображения. Новаторские поиски и достижения Мутеулло Наджмиддинова в этом направлении заслуживают более углубленного и детального изучения. Многие аспекты творчества Мутеулло Наджмиддинова носят общий и описательный характер. В нашей отечественной печати Мутеулло Наджмиддинов был назван, наряду с Садриддином Айни и Отахоном Латифи, одним из лучших таджикских публицистов двадцатого века.

Становление Мутеулло Наджмиддинова как писателя публициста связано с двумя доминирующими факторами – с влиянием русской публицистики XX века и с принадлежностью к поколению 60-х годов. Принадлежавший к поколению 60-х годов начинающий писатель оказался в авангарде общественно-политической полемики. Участники поколения идут “в глубь” таджикского общества; истинность таджикского

духа они связывают с тремя элементами – “почвой” , народом и фольклором. “Почва” в конкретном воплощении – это “идеологический пейзаж”, открытие которого привело к тому, что идеи поколения 60-х годов распространились не только в литературе, философии, публицистике, но и в изобразительном искусстве.

В начале 60-х годов Мутеулло Наджмиддинов написал очерк под названием «Упрямая» («Якраха»)*, который впоследствии послужил основой для создания художественно-публицистической повести «Река ищет новое русло», коренным образом изменивший жанр публицистики, придав ему широту исторических ассоциаций героев, углубленность размышлений об ответственности личности перед обществом. Как показал анализ очерка «Упрямая», именно с него формировалась тяга Мутеулло Наджмиддинова к документальности, к жизненной достоверности, которые впоследствии стали главным направлением его стиля, определяющим особенности повествования и построения сюжета. Согласно социально-нравственной концепции Мутеулло Наджмиддинова, исходящей из его художественно-публицистических произведений, человек ответственен за все содеянное им, за все, что происходит в среде его обитания. Его ответственность распространяется не только на современников, но на всех и вся, которые приносят пользу обществу, окружающей среде и отдельным людям. Вовсе не обязательно, чтобы изображаемый писателем человек был известной личностью.

Активность художественного мышления в художественно-публицистических произведениях Мутеулло Наджмиддинова сказывается в усилении осмысливающего начала, оригинальности подхода писателя к фактам действительности, в отрицании всяких видов пассивного, неразборчивого отношения к разнородным явлениям жизни, в интенсивном разнородным явлениям жизни, в интенсивном разграничении различных социально-этических явлений.

Публицистические творения Мутеулло Наджмиддинова, как правило, проблемные, в них писатель обращается к жизненно важным вопросам, изучает и анализирует их. В этом смысле повесть «Возвращение», в которой писатель размышляет над идеалами человечности, не является исключением. В повести описываются склонность главного героя (Зафара) к самопознанию, сосредоточенному самоанализу, самосовершенствованию. В лице совершенно разных людей- Муким, Шавкат, Шахри, Хамрохон, Саркисов, Атобек-он, ненавязчиво высказывая свое видение, свою позицию на людские пороки и благородные поступки, побуждает читателя задуматься над своими поступками. Большинство его положительных героев в анализируемой повести (Зафар,Хамрохон и др.) имеют активную жизненную позицию.

Большинство произведений М. Наджмидинова созданы в эпоху социализма, и по этой причине, вполне естественно, что изображенные им личности являются носителями идей того периода социально-политического состояния общества, выражают концепцию времени, в котором они живут и действуют. Невозможно представить тот период жизни общества без передовиков производства, знаменосцев трудового марафона, видных общественных деятелей, ведущих за собой общество к «обозримым вершинам (в сущности, сказочным грезам) коммунизма». Печать, радио и телевидение были обязаны на примере ратного труда «факелов» призывать людей к «круглосуточному труду», « к светлому будущему».

Разнообразие тем, богатство содержания предоставляли очеркисту условия, позволяющие отобразить многоцветную картину жизни советского общества, первооткрывателей духовного и материального миров.

Следует отметить, что эти тенденции отразились на объеме, границах времени и пространстве жизни героя, что, в свою очеред,ь обусловило рождение очерка - репортажа (известного в Европе под названием художественный репортаж), очерка – заставки, эссе и порой очерка – рассказа и повести.

В творчестве М.Наджмиддинова можно наблюдать многообразие жанровой палитры. В его очерках, представляющих также многообразие стилей, главным героем является сам автор. В его проблемных очерках основное место отводится конфликту, который, составляя стержень всего произведения, словно по спирали углубляет и расширяет изображение конфликтов жизни, создавшихся ситуаций, мнений,

* Одамони сарбаланд. –Сталинобод: Нашр.давл. Точикистон, 1963 – с.35-44.

взаимоотношений людей, столкновений таких пороков, как зависть, ненависть и таких высоких нравственных ценностей, как доброта, человеколюбие, ответственность. Начиная свое повествование с внешне далеких событий, преданы лишь небольшие мазки и штрихи характера своих собеседников, поясняя причины и факторы их успеха в жизни, он затем переходит к главной проблеме, которой, по сути, посвящены эго проблемные очерки.

Важнейшей особенностью очерков М.Наджмиддинова является то, что, опираясь на жизненные факты, писатель, в то же время воздерживается от пересказа и перечисления, наводящих на уныние и скуку цифр и фактов. Произведения М. Наджмиддинова представляют собой художественное отражение жизни. Читая их, мы непроизвольно, начинаем искать вокруг себя людей, подобных его героям, и чаще всего находим их благодаря тем критериям, которые открыли для себя в документальных сочинениях этого мастера художественной публицистики. Думается, не будет ошибочным, предположить, что один из секретов популярности, действенности и читабельности произведений М. Наджмиддинова кроется именно в этом своеобразии стиля его публицистических творений.

В очерках М,Наджмиддинова можно наблюдать различные способы отображения событий. При этом, конечно же, во всех очерках главным героем является повествователь, который проявляет свое присутствие по - разному. В отдельных случаях он становится соучастником происходящих событий, иногда повествует без каких - либо доказательств, в других случаях в качестве соперника, собеседника включаясь, казалось бы, в бесконечные дискуссии, приступает к решению насущных проблем.

Преимущественное количество очерков М.Наджмиддинова составляют произведения художественно-публицистического характера. Писатель прибегает к использованию всех методов изображения, характерных для жанров журналистики и публицистики.

Очерк-исследование считается явлением советской публицистки 60-х годов. В этот период наши публицисты, в большей степени акцентируя свое внимание на проблемах социального и психологического характера, превратили человека в свою творческую лабораторию. Сделав человека объектом исследования, писатели важнейшие проблемы общества изучали и анализировали посредством его деятельности и суждений, затем представляли на суд читателей. Именно в это время свою активность в создании очерка-исследования и эссе проявляет Мутеулло Наджмиддинов. В его творениях правда не есть последняя инстанция, а скорее всего, своего рода фактор активного воздействия на аудиторию.

Исследование большого количества очерков Мутеулло Наджмиддинова укрепляет наш вывод, что его в первую очередь заботит решение социально значимых проблем. Этим можно объяснить то, что основную задачу своих героев писатель видит в необходимости их активности в жизни, в решении проблем своих товарищей и земляков, заботе о процветании страны, подъеме культуры народа и духовного богатства современников. Эти задачи осознают герои документальной прозы Мутеулло Наджмиддинова и активно действуют во имя их реализации, не пугаясь никаких трудностей.

ЛИТЕРАТУРА

1. Абдеев Р.Ф. Философия информационной цивилизации.- М, 1994.
2. Гулмуродзода П. Публицистика и время. -Душанбе: Сино, 2002.
3. Демидчик Л.Н. От правды жизни к художественной правде. – Душанбе, 1985
4. Журналистика и социология. – М., 1995.
5. Кайда Л.Г. Авторская позиция в публицистике // Автореф. на соиск. ученой степени доктор. фил. наук. – М., 1992.
6. Наджмиддинов М. Три повести (Се повест) - Душанбе 1986
7. Наджмиддинов М. Люди и берега (Одамон ва соҳилҳо)- Душанбе, 1979
8. Наджмиддинов М. Гордые люди (Одамони сарбаланд). – Душанбе, 1989
9. Наджмиддинов М. Значение земли (Қадри замин ба одам). // Песня благородных людей (Суруди одамони наҷиб)- Душанбе, 1972.
10. Наджмиддинов М. Одамони замини барӯманд. – Душанбе 1982.
11. Прохоров Е.Б. Публицист и действительность,- М, 1979.

ОСОБЕННОСТИ ПУБЛИЦИСТИЧЕСКОГО ТВОРЧЕСТВА М.НАДЖМИДДИНОВА

В таджикской современной литературе трудно отыскать произведение, которое бы не было отмечено публицистическими мотивами или особенностью очеркового изображения. Новаторские поиски и достижения Мутеулло Наджмиддинова в этом направлении заслуживают более углубленного и детального изучения. Многие аспекты творчества Мутеулло Наджмиддинова носят общий и описательный характер. В

нашей отечественной печати Мутеулло Наджмиддинов был назван, наряду с Садриддином Айни и Отахоном Латифи, одним из лучших таджикских публицистов двадцатого века.

Ключевые слова: Мутеулло Наджмиддинов, публицистическое творчество, писатель-публицист, общественно-политическая полемика, изображение человека, события действительности.

FEATURES OF JOURNALISTIC CREATIVITY MAGMEDIA

In modern Taiik literature it is difficult to find work. which would not have been marked iournalistic motives or his image. Innovative search and achieve Motello Naimiddinov in this direction deserve more in-depth and detailed study. Many aspects of creativity. Mutella Naimiddinov are General and descriptive in nature. In our domestic printing Motello Naimiddinov was named, along with Sadriddin Aini and Othonos Latifi, one of the best Tajik essavists of the twentieth century.

Kev words: Mutella Najmiddinov, journalistic creativity, writer-publicist, political controversy, the image of man, the events of reality.

Сведения об авторе: ***Джамиля Рахмонова*** – кандидат филологических наук, проректор по воспитательной работе Таджикского национального университета

ИНЪИКОСИ БАЪЗЕ МУШКИЛОТИ МУҲОҷИРАТИ МЕҲНАТӢ ДАР НАШРИЯҲОИ “ҶУМҲУРИЯТ” ВА “ОЗОДАГОН” (2012-2013)

Г. Сайфиддинова
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Воситаҳои ахбори омма, аз ҷумла матбуоти давриро оинаи ҳаёт меноманд, зеро он чун оина воқеаҳои рӯз, мушкилоти давру замонро инъикос мекунад ва дар ҳаллу фасли онҳо мусоидат менамояд. Табиист, ки зиндагии иҷтимоӣ ҳамеша дар ҳаракат ва инкишоф буда, ба мушкилот ва монеаҳои зиёде дучор аст. Ба ибораи дигар, ҳар давру замон мавзӯоти худро дорад, ки раванди амалишавии онҳо ба мушкилоти гуногун рӯбарӯ аст. Дар ошкор намудани масъалаву мушкилот, дарку маърифат ва дарёфти роҳҳои ҳал ва ё раҳоӣ аз онҳо воситаҳои ахбори омма, хоса матбуоти даврӣ нақши муҳим дорад.

Доираи мавзӯот ва масъалаҳои дар матбуоти даврӣ инъикосу баррасишаванда васеъ ва бемаҳдуд аст, зеро раванди зиндагӣ худ қазияҳои зиёдеро беихтиёр пешорӯйи инсонҳо мегузорад. Вале дар ин раванд нақши мардум ҳам кам нест. Муносибати бепарвоёна ва ё бемасъулиятонаи инсонҳо боиси сар задани мушкилот ва эътибори масъулиятхоҳонаи онҳо, омили рафъи он мегардад.

Дар матбуоти даврии имрӯз мушкилоти зиёд ва мухталиф мавриди инъикосу баррасиҳо қарор мегирад. Аз ҷумлаи мушкилоти мубрами ҷаҳони муосир, ки меҳвари расонаҳои хабарӣ қарор гирифтааст, масъалаи муҳоҷирати меҳнатӣ аст. Воқеан, дар шароити ҳозир муҳоҷирати меҳнатӣ аз масъалаи муҳимми ҷомеа маҳсуб меёбад. Ин масъала дар замони муосир ба тамоми қишрҳои ҷомеаи тоҷикон, ҳамчунин ҷаҳониён ворид гардида, аз мавҷудият ва муҳиммияти худ дарак медиҳад. Имрӯз дар Тоҷикистон кам оилаеро метавон пайдо кард, ки ба ин масъала алоқамандӣ надошта бошад. Ин ҳолат бар он далолат мекунад, ки нодида гирифтани раванди муҳоҷирати меҳнатӣ ва мушкилоти он боиси костагии инкишофи ҷомеа хоҳад шуд. Ба ин маънӣ дуруст аст, ки аксари расонаҳои хабарӣ ба ин мавзӯъ таваҷҷуҳи хоса доранд. Аз ҷумла, дар матбуоти даврӣ доир ба ин масъала иттилооту маълумоти гуногун, баҳсу музокираҳои зиёд, танқиду шикоятҳои мухталиф аз ҷониби муаллифони гуногун: рӯзноманигорон, коршиносон, масъулони хадамоти муҳоҷират, худи муҳоҷирон интишор гардидаву мегардад.

Новобаста ба он ки муаллифони чунин нигоштаҳо нафарони касбу кори гуногун мебошанд, аммо ҳамагон кӯшиш намудаанд, ки вобаста ба иқтидору тавон ва дарку фаҳмиши худ дар баррасии масъала ва дарёфти роҳҳои ҳалли он саҳм гиранд.

Аслан, муҳоҷирати меҳнатӣ барои расонаҳои хабарӣ қазияи нав нест. Ин масъала дар солҳои қаблӣ низ вуҷуд доштааст. Бахусус, дар матбуоти солҳои 1950-1970 масъалаи муҳоҷирати меҳнатии дохили кишвар, ки кӯчонидани сокинони деҳкадаҳои кӯҳистон ба водиҳои биёбону бешазорро дар бар мегирфит, аз мавзӯоти мубрам маҳсуб меёфт. Дар бораи мушкилоти муҳоҷирони меҳнатӣ, кору пайкори бунёдкоронаи муҳоҷирон асарҳои зиёди матбуотиву китобӣ дарҷ гардидаанд, ки очерки “Муҳоҷирон”–и Фазлиддин Муҳаммадиев намунаи беҳтарини онҳо маҳсуб меёбад.

Пас аз барҳам хурдани Иттиҳоди Шӯравӣ раванди муҳоҷират шаклу шеваи тоза пайдо кард, балки авҷ гирифт. Аксари коршиносону мутахассисон яке аз сабабҳои авҷ гирифтани муҳоҷирати меҳнатиро дар барҳам хурдани Иттиҳоди Шӯравӣ ва шикасти робитаҳои миёни давлатҳои собиқи он медонанд. Ин маънӣ дар китоби «Проблемы трудовой миграции и пути их решения» чунин омадааст: «Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз барҳам хурдани Иттиҳоди Шӯравӣ муҳоҷирати меҳнатӣ хеле авҷ гирифт, ки ин сабаб ва хусусиятҳои ба худ хосро дорад» (2,106).

Ҳамчунин дар ин давра сабабҳои рӯ овардан ба муҳоҷират дигаргун шуд. Агар дар солҳои аввали истиқлолият сокинони Тоҷикистон аслан, барои бехатарии ҳаёт, таъмини амнияти худу оила ба кишварҳои дигар, хоса Россия рахти сафар бастанд, баъдтар “сабаби асосии муҳоҷирати меҳнатӣ вазъи иҷтимоӣ-иқтисодӣ” (1,13) гардид.

Соҳибистиқлолии Тоҷикистон дастоварди бебаҳо буд, аммо баробари соҳибистиқлолӣ кишвари мо ба мушкилоти зиёд рӯбарӯ гашт, ки сар задани ҷанги шаҳрвандӣ, аз кор мондани корхонаҳои саноатӣ, лакнат хурдани хоҷагии халқ, зиёд шудани сафи бекорон аз ҷумлаи он маҳсуб меёфт. Яке аз роҳҳои раҳоӣ ёфтан аз чунин вазъияти сангин рӯ овардан ба муҳоҷирати меҳнатӣ буд. Ин омил воқеан, шаҳрвандони мо ва кишвари тозаистиқлоламонро аз варта раҳо кард, балки ба беҳтар шудани сатҳи зиндагии мардум, сатҳи ҳаёти маишӣ ва ҳамчунин ободии диёр нисбатан мусоидат намуд.

Имрӯз мувофиқи омори расмии Маркази таҳқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон наздики як миллион мардуми мо дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор доранд (1,18). Мувофиқи оморҳои ғайрирасмӣ бошад, ин рақам боз бештар аст. Аз ин миқдор тақрибан 97%-и муҳоҷирони меҳнатӣ дар Русия кору фаъолият мекунанд. Сабаби асосии ба ин кишвар бештар таваҷҷуҳ намудани муҳоҷирони меҳнатии тоҷикро коршиносон дар “вазъияти хуб қабул кардани муҳоҷирон, интиқоли маблағҳо” маънидод мекунанд.

Аммо, ба пиндошти мо собиқаи зиндагонии муштараки халқи тоҷик бо мардуми рус дар доираи як кишварро низ метавон ба қатори сабаби асосӣ шомил намуд. Ин аст, ки «Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзҳои аввалини фаъолияти хеш ба ҳайси Сарвари Давлати Тоҷикистон Федератсияи Россияро шарики боэътимоду стратегӣ эълон дошт ва ин мавқеи воқеан асосноку ҷавобгӯй марҳилаи навини инкишофи давлати ҷавони Тоҷикистон аз ҷониби мардуми сарзамин комилан пуштибонӣ пайдо кард» (3, 3).

Мавзӯи муҳоҷират ҷаҳонӣ буда, расонаҳо дар маърифати иҷтимоиву сиёсӣ ва иқтисодиву фарҳангии он нақши муҳим доранд. Аз ҷумла, расонаҳои хабарии Тоҷикистон дар инъикоси ин масъала ва мусоидат намудан ба боло бурдани маърифати ҳуқуқиву иҷтимоии муҳоҷирони тоҷик тадбирҳои зиёде меандешад. Дар ин раванд нашрияҳои мавриди назари мо истисно буда наметавонад.

Масъалаи мавриди таҳқиқро ба тарзи умум метавон ба ду самт ҷудо намуд. Ин самтҳо паҳлӯҳои мусбат ва манфии онро муайян мекунад. Ҳарчанд дар матбуоти даврӣ паҳлӯҳои мусбати муҳоҷирати меҳнатӣ дур аз назарҳо қарор надорад, аммо самти асосии мундариҷаи нигоштаҳои марбут ба мавзӯъро нишон додани мушкилоти муҳоҷирати меҳнатӣ: паст будани сатҳи забондонии муҳоҷирон, пайдо накардани ҷойи кори мувофиқ, надоштани касбу ҳунари муайян, набудани шароити хуби зиндагӣ, амнияти бехатарӣ, саривақт нагирифтани маош ва кам намудани паҳлӯҳои манфии раванди он, таъмини некӯаҳволии пайвандону муҳоҷирон дар ватан ва амсоли ин ташкил медиҳад. Мушкилоти муҳоҷирати меҳнатиро, ки дар нашрияҳои даврӣ мунъакис гардидаанд, аз ҷиҳати тааллуқияти масъала ба субъектҳои иҷтимоӣ метавон ба ду гурӯҳ ҷудо намуд:

1. Мушкилоте, ки ба муҳити иҷтимоӣ, фазои сиёсӣ алоқаманд буда, асосан, аз муносибати худи муҳоҷирон сар мезанад: риоя накардани талаботи меъёрӣ, вайрон кардани тартиботи ҷамъиятӣ, надонистани забони русӣ ва одоби хуби муошират, даст задан ба корҳои паст ва ғайра;

2. Мушкилоте, ки моҳияти сиёсӣ ва дипломатӣ дошта, ҳаллу фасли онҳо ба муносибат ва дастгирии мақомоти кишварҳо алоқаманд аст: ташкил намудани хизматрасониҳои иҷтимоӣ, ташкили муассисаҳои фарҳангӣ, таъсиси мактабҳои тоҷикӣ барои фарзандони муҳоҷир, ба роҳ мондани вохӯриҳо бо намояндагони азҳоби гуногун, дин, фарҳанг, таҳияи барномаҳои давлатӣ ва амсоли ин.

Матбуоти Тоҷикистон ба ин ду гурӯҳи мушкилот таваҷҷуҳ зоҳир намудааст. Аммо таносуби инъикоси онҳо дар нашрияҳои даврӣ яксон нест. Агар нашрияҳои

расмиву ҳукуматӣ, хоса “Ҷумҳурият” асосан, ба мушкилоти гурӯҳи дуюм эътибор диҳад, нашрияҳои ғайриҳукуматӣ бештар ба мушкилоти гурӯҳи аввал таваҷҷуҳ намудаанд.

Чунончи дар нигоштаҳои Мунаввари Сафар “Муҳоҷирони Хуросон ба чӣ ниёз доранд?” (2013, 5 март), Шаҳнозаи Қурбон “Муҳоҷирати корӣ: ҳуқуқу манфиатҳои онҳо ҳимоя мешаванд?” (2013, 11 феврал), “Муҳоҷирати меҳнатӣ: мушкилот ва дурнамо” (2013, 13 июл), “Таҳдид ба бехатарии муҳоҷирон зиёд аст”, ки дар “Ҷумҳурият” интишор гардидаанд, проблемаҳои умумии муҳоҷират ба риштаи таҳлил кашида шудааст.

Нигоштаи Мунаввари Сафарзод аз вазъи муҳоҷирони дохили кишвар - муҳоҷирони Хуросон нақл мекунад. Бозгиди муаллиф аз мавзеи навбунёди муҳоҷирон, ки аз ноҳияҳои Айнӣ (40 нафар), Кӯҳистон Мастчоҳ (114 нафар), Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (35 нафар) ва Колхозобод (30 нафар) ба ин ҷо омадаанд, боиси андешаву фикрҳои тоза мегардад, ки ҳар кадоми онро дар алоҳидагӣ метавон ба ҳайси мушкилоти ҷудогона муаррифӣ кард.

Муаллиф бо дидани шаҳрак гумон намекунад, ки ин ҷо ҳамон қитъаи қамишзорест, ки чанд сол қабл ба назар менамуд. Имрӯз он ба гулзор мубаддал гардидааст. Сокинони ин шаҳраки навбунёд, ки аз ду гӯшаву канори дурдасти кишвар ба ин ҷо омадаанд, на танҳо ба зудди бо ҳам унс гирифтаанд, балки шеваи гӯйишашон, расму ойинашон ба ҳам омезиш ёфтааст. Ин омили хуб аст.

Аммо табиати мардум гуногун аст, на ҳама ба иборае тан ба меҳнат медиҳанд, даст ба ободкорӣ мезананд, ободии деҳкадаро аз масъулиятшиносиву саҳмгузории худ медонанд. Дар тасвири муаллиф байни муҳоҷирон шахсе, ки аз чунин хисоил бархурдор аст, омӯзгор Элназар Назаров мебошад, ки бо меҳнатдӯстиву зебопарастӣ ҳам дар ободонии маҳал нақш гузоштаву ҳам миёни сокинон обрӯманд гардида.

Бо вуҷуди дастгириҳои пайвастаи ҳукумати вилоят муҳоҷирон то ҳол мушкилоти зиёд доранд, ки набудани мактаб, паст будани сатҳи саводи муаллимон, баланд шудани сатҳи обҳои зеризаминӣ, набудани пул дар мавзеи Насоси 26, ҳолати бади роҳ аз ҷумлаи онҳост.

Муаллиф вазъияти муҳоҷиронро ҳаматарафа бо нишон додани бартарияту камбудиҳо баррасӣ намуда, дар интиҳои матлабаш басо касбиёна ва барҷою пурмантиқ мақомоти дахлдорро барои мусоидат намудан ба ҳалли мушкилоти мавҷуда ҳушдор месозад. Ба ин маънӣ ӯ меафзояд: “Муҳоҷирон бо вуҷуди ин мушкилот аз Сарвари давлат хеле миннатдоранд, ки заминҳои наздиҳавлигӣ ҷудо намуд ва онҳо соҳиби хонаву дар шуданд. Вале вазоратҳои маорифу меллиоратсия ва захираҳои об, нақлиёт ва мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатии ноҳияи Хуросон ба ин мушкилот ва ниёзҳои муҳоҷирон чӣ мегуфта бошанд?”

Матлаби Шаҳнози Қурбон хусусияти обзорӣ дошта, муҳоҷират ва баъзе мушкилоти онро ба таври умумӣ шарҳ медиҳад. Қисмати фабулии мақоларо маълумоти оморӣ доир ба вазъи муҳоҷирати корӣ дар ҷаҳони муосир фаро гирифтааст. Бино ба маълумотҳои овардаи муаллиф аксари мамолики пешрафтаи ҷаҳон муҳоҷирати кориро василаи табодули таҷриба ва ҷалби сармоя медонанд. Аз ҷумла, Чин бо (тақрибан 35 миллион), Ҳиндустон (220 миллион), Филиппин (7 миллион) муҳоҷир дар ҷаҳон аз аввалинҳо маҳсуб мешаванд”.

Дар баррасиҳои ин муаллиф мушкилоти асосии муҳоҷирати кории шаҳрвандони Тоҷикистон дар Федератсияи Русия, пеш аз ҳама надонистани забони русӣ, талаботи Қонуни Федоралӣ “Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ дар Федератсияи Русия», надонистани шартномаи меҳнатӣ бо корфармо, кор бо шахсони тасодуфӣ ва миёнаравҳо, расмӣ гардонидани буду бош, ҳуқуқҳои меҳнатӣ, таъминоти тиббӣ, суғуртаи иҷтимоӣ, ҳифзи ҳуқуқ, дарёфти ҷойи кор ва манзил будааст.

Бар замми ин, ӯ таъкид менамояд, ки: “Таҳқир ва муносибати ноодилонаи баъзе гурӯҳҳо ва шахсони алоҳида аз ҷумлаи мушкилоти ҷиддии онҳост.” Ин мушкилот ба назари муаллиф поймолшавии ҳуқуқи муҳоҷиронро мефаҳмонад. Ӯ дуруст маънидод мекунад, ки ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои муҳоҷирон ҳам ба масъулини мақомоти дахлдор ва ҳам ба худи муҳоҷирон вобаста аст. Ҳарду ҷониб низ дар ҳалли мушкилот танқисӣ мекашанд.

Мақомоти дахлдор чандон масъулият нишон намедиҳанд, муҳоҷирон бошанд бо сабабҳои “надонистани расмиёти муроҷиат, бовар надоштан ба одилона қабул шудани қарорҳо, тарс аз намояндагони мақомоти қудратӣ, гарон будани ёрии ҳуқуқӣ аз муроҷиат ба мақомоти дахлдор худдорӣ менамоянд”.

Мушкилоти дигаре, ки муаллифи нигоштаи мазкур дар заминаи андешаи масъулин ва коршиносони соҳа махсус таъкид намудааст, аз таълим дур шудани

фарзандони муҳоҷирон мебошад. Ба ин маънӣ, ӯ андешаи дар мактабҳои шаҳру вилоятҳои Русия, ки тоҷикони муҳоҷир нисбатан зиёданд, кушодани гурӯҳҳои тоҷикиро ба миён мегузорад, ки ба пиндори мо дуруст ва зарур аст.

Ҳамин тавр, аз омӯзиш ва таҳлили матолиби "Ҷумҳурият" метавон хулоса кард, ки ин нашрия ба масъалаи муҳоҷирати меҳнатӣ ҳамчун падидаи нек ва манфиатовар муносибат дорад, дар баррасии масъала таҳаммулпазир аст, донистани забон, риояи одоби муошират ва маърифати ҳуқуқии муҳоҷиронро омили ҳалли мушкилоти асосӣ медонад ва кӯшиш мекунад, ки дар ҳалли мушкилоти мавҷуда диққати мақомоти масъулро ҷалб созад.

Дар нашрияҳои хусусӣ баррасии ин масъала каме тобиши дигар мегирад. Аз нигоштаҳои ин гуна нашрияҳо бармеояд, ки дар шароити феълӣ мавҷудияти раванди муҳоҷирати меҳнатӣ мустақилияти моро зери суол мебарад. Яъне, то он замоне ки муҳоҷирати меҳнатӣ ҷараён дорад, мо вобастагии иқтисодӣ дорем ва бо ин иллат наметавонем, лофи мустақилияти комил доштанро бизанем. Бино ба нигоштаҳои ин типи нашрияҳо сабабҳои асосии муҳоҷирати меҳнатӣ фаъол набудани корхонаҳои саноатӣ дар кишвар аст. Агар корхонаҳои саноатии кишвар фаъол мебуданд, шояд, мардуми тоҷик камтар ба муҳоҷират сафар мекарданд. Муҳоҷирати бештари мардону занон боиси аз таълиму тарбия то андозае маҳрум гаштани фарзандон мегардад.

Дар муқоиса бо нашрияҳои дигар «Озодагон» ҷиҳати инъикоси масъалаи муҳоҷирати меҳнатӣ нигоҳи хоса дорад. Матолиби марбути ин мавзӯъро асосан, мушкилоте ташкил медиҳанд, ки хонандаро ба нигаронӣ мебаранд. Дар онҳо аз беадолатӣ, бадхоҳӣ, кӯштор, фиреб, сарсониву саргардонӣ ва амсоли ин сухан меравад.

Барои далел унвони чанде аз чунин нигоштаҳоро, ки дар соли 2012 дар нашрияи мавриди назар дарҷ гардидаанд, чун муште аз хирвор намуна меорем: «Фишори навбатӣ алайҳи муҳоҷирони тоҷик» (2012, 4 март), «Русия муҳоҷирони тоҷикро мешӯронад?" (2012, 31 октябр), «Боз сари як тоҷикро дар Русия буриданд» (2012, 17 октябр), «Муҳоҷирати ноболиғон аз ночорист» (2012, 21 ноябр), «Пулҳои хатарзои муҳоҷирон» (2012, 5 декабр), «Муҳоҷир» (2012, 19 декабр), «То кай муҳоҷирон кори масъулинро мекунанд?» (2012, 3 октябр). Чунончи аз унвони нигоштаҳои фарогирандаи масъалаҳои муҳоҷирон бармеояд, нашрияи "Озодагон" бештар ба камбудиҳо ва фазои таҳдидовари Россия нисбати муҳоҷирони корӣ изҳори нигаронӣ намуда, ба масъала асосан, аз нигоҳи мардум баҳо дода, ба ҷанбаъҳои маъмуриву ҳуқуқӣ камтар эътибор медиҳад.

Аз таҳлили маводи нашрияҳои даврӣ бармеояд, ки шароити кор ва сатҳи зиндагии муҳоҷирон нисбат ба солҳои пешин нисбатан хуб шуда бошад ҳам, бо талаби замон ва муносибатҳои нави иҷтимоӣ мушкилоти дигар ба вуҷуд меоянд. Яке аз чунин мушкилот ҳассосияти махсус пайдо кардани масъалаи муносибати байни халқу миллатҳо мебошад, ки ҳалли он ба донистани забон ва фарҳангу адаби кишвари қабулкунандаи муҳоҷирон, хоса Русия алоқаманд аст.

Умуман, дар матбуоти имрӯзаи мо масъалаи муҳоҷирати меҳнатӣ дар радифи проблемаҳои рӯзмарра қарор дорад. Нашрияҳои даврӣ қатъи назар аз муносибати мухталиф дар инъикоси ҳаёти муҳоҷирони тоҷики Федератсияи Россия ва баррасии мушкилоти онҳо нақши муҳим доранд.

А Д АБ И Ё Т

1. Муҳоҷирати меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: мушкилот, таъсири он ба ҷомеа ва роҳҳои танзими равандҳо: (маҷмӯа)- Душанбе, 2013.- 150 с.
2. Проблемы трудовой миграции и пути их решения: сборник - Душанбе: Ирфон, 2007.- 184 с.
3. Шарифов А. Эмомалӣ Раҳмонов пайвандгари дӯстии Тоҷикистону Русия: рисолаи иҷтимоӣ-илмӣ / А Шарифов, Ш. З Садриддинов. -Душанбе: Деваштич, 2005.- 240 с.
4. Озодагон – 2012-2013
5. Ҷумҳурият – 2012-2013

НЕКОРОТЫЕ ПРОБЛЕМЫ ТРУДОВОЙ МИГРАЦИИ В ГАЗЕТАХ «ДЖУМХУРИЯТ» И «ОЗОДАГОН» (2012-2013)

В статье исследуется освещение некоторых проблем трудовой миграции в изданиях (газетах) «Джумхурият» и «Озодагон». Автор, основываясь на анализе материалов указанных изданий, определяет причины, факторы и современное состояние трудовой миграции и демонстрирует роль печати в рассмотрении данного направления.

Ключивые слова: миграция, трудовая миграция, трудности, рассматрение, обсуждение, печать, предпосылки, факторы.

SOME DESIRABILITY OF LABOR MIGRATION IN"JUMHURIYAT","OZODAGON" REPORTERS (2012-2013)

The Present article dedicates to desirability of labor migration problems in "Jumhuriyat","Ozodagon" reporters. The author of the article determined the motives, factors and features of modern labor migration analyzed the papers articles and showed the role of press in solving abovementioned problem.

Key words: article dedicates; labor migration; determined; reporters; motives; factors; features; analyzed; the papers; role of press.

Сведения об авторе: ***Г. Сайфитдинова*** - соискатель кафедры печати факултета журналистики ТНУ

НАЗАРЕ БА ЗИНАҲОИ ИБТИДОИИ ТАЪЛИМИ КАСБИИ ЖУРНАЛИСТОН

И. Ашуров
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Таърихи илм гувоҳ аст, ки дар ҳама соҳа илм ва маориф дар заминаи таҷриба инкишоф ёфтаанд. Яъне, аввалини илм он буд, ки падарон дониши худро дар зиндагӣ ба фарзандон меомӯхтанд. Ин навъ таҷрибаву илм беистисно хоси ҳамаи соҳаҳо буду ҳаст.

Дар илми журналистика низ чунин аст. Табиист, ки вақте матбуот дар дунё пайдо шуд, дар ҳеҷ ҷо мактаби тарбияи журналистӣ вуҷуд надошт, чунки худи ин касб мавҷуд набуд. Вақте дар матбуоти аввалин эҷод зарур шуд, бо ин кор эҷодкороне даст заданд, ки соҳиби ихтисосҳои гуногун - таърих, филология, фалсафа, дин, табиатшиносӣ буданд ё ҳеҷ маълумоте надоштанд. Ҳамаи онҳоро танҳо як чиз - ҳунари эҷодкорӣ муттаҳид менамуд. Онҳо одамоне буданд, ки фикр карда метавонистанд, воқеаро дида ва моҳияташро фаҳмида метавонистанд ва аз ҳама асосӣ, он чизеро, ки диданду шуниданд, бо таври барои дигарон ҳам фаҳмову дастрас навишта метавонистанд. Ҳамин гуна шахсони «бегона» журналистикаро ба миён оварданд. Шояд, аз ҳамин сабаб ҳам солҳои тӯлонӣ илми журналистикаро ҳамчун илми хос эътироф намекарданд, таълими мушаххаси онро зарур намедонистанд ва шиори аслӣ ин буд, ки эҷод ҳунари худодод аст, барои он таҳсил кардан лозим нест, он бояд дар вуҷуди инсонҳо ҷойгир бошад. «Бо хондан эҷодкор шудан мумкин нест»,- даъво доштанд муътақидони ин равия. Аммо дар ин баҳсҳо як чиз фаромӯш мешуд ё ба эътибор гирифта намешуд, ки ба каси дигар омӯзонидани донишу малакаи хеш низ худ мактаб аст ва омӯхтани ҳунари каси дигар маънои донишандӯзиро дорад.

Мактаби журналистика солҳо ва даҳсолаҳо ба ҳамин минвол инкишоф меёфт, яъне усули «устоду шогирд», омӯхтани ҳунари устод ё пайравӣ бо устохонаи косиби дигар роҳи ягонаи тайёрии мутахассисон буд. Аммо ин усули тарбияи инфиродӣ буд на иҷтимоӣ ва чанд маҳдудият дошт. Аввалан, теъдоди шогирдон ниҳоят кам буд ва бо ин шева талаботи ҷомеаро бо хабарнигорон таъмин кардан имкон надошт, зеро бо инкишофи ҷомеаи инсонӣ талабот ба воситаи ахбори омма меафзуд, нашрияҳои нав ба наве пайдо мешуданд ва ҳамаи онҳо эҳтиёҷ ба кадр доштанд.

Дувум, мактаби мазкур танҳо тақвият ва инкишофи ҳунари як шахс, як устод буд ва шогирдон маъмулан, ҳамон чизеро меомӯхтанд, ки ӯ медонад. Дуруст аст, ки ҳар шогирд мувофиқи ақлу фаросати худ ҳар он чизеро, ки аз устод меомӯзад, инкишоф медод, чизи наве ба вуҷуд меовард ва ин маъмулан, дар чорчӯби ҳамон донише буд, ки аз ин устод бардоштааст.

Дар таълими инфиродӣ – «устод – шогирд» донишу таҷрибаи ҳамкасбони дигар камтар ба инобат гирифта мешуд, ё тақрибан пурра сарфи назар мегардид. Агар устод бо ин ё он равияе зид бошад, он равия на танҳо омӯхта намешуд, балки ба он равия ҳамчун роҳи ғалат хати бутлон кашида мешуд ва он танҳо бо бадиву танз ёдоварӣ мешуд. Дигар, бо сабаби кам будани нашрияҳо тарбия дар мактаби устоду шогирд камшумор ва дастнорас буд ва аз ин сабаб соҳибони ин касби эҷод низ хеле камшумор ва вобаста ба ин, баландмартаба буданд.

Мактаби тарбияи журналистони тоҷик низ дар пайдоиш ва ташаккули худ аз он доира берун нашуда, онро идома додааст. Гарчи журналистикаи тоҷик хеле дер ба миён омад ва то ин давр он дар дунё як марҳилаи хеле муҳимми такомули худро пайдо карда буд, аммо ҳамон роҳҳоеро тай кард, ки дигар рӯзноманависони дунё тай кардаанд. Ҳадаф аз зикри боло - то даҳсолаи аввали қарни XX, замони пайдоиши

матбуоти тоҷик журналистикаи дунё асоси фаъолияти фундаменталии худро тай карда, аз журналистикаи умумии ахборӣ (рӯзнома) ва илмӣ (маҷалла) гузар карда, ба журналистикаи сиёсӣ – ҳизбӣ, тиҷоратӣ, иҷтимоӣ ва саргармкунанда расида буданд. Дар ҳамин ҳолат ҳам дар Осиёи Миёна журналистикае ба миён омад, ки дар ҳамаи нашрҳояш – тоҷикӣ, русӣ, туркӣ ғайримутахассисон - муаррихон, адибон, муҳаққиқони кишваршинос ва сиёсатмадорон кор мекарданд ва журналистони ҷавон ҳамчун «шогирд» дар муҳити редаксия омӯхташуда кор ёд мегирифтанд.

Агар мо бо таърихи пайдоиш ва ташаккули журналистикаи тоҷик дохил шавем, мебинем, ки бисёре аз рӯзноманигорони нимаи аввали қарни бист аз мактаби устод - шогирд гузашта, нахустин кадамҳои худро дар ҳирфаи журналистӣ ба сифати дастёри редаксия, ҳуруфчин, рӯзноманигор ва амсоли ин оғоз намудаанд. Аслан аксари он наврасон барои он бо чунин ҳирфаҳои ёрирасон машғул мешуданд, ки ба адабиёт шавқу рағбат доштанд, бо муҳити адабӣ наздик будан мехостанд ва ба он пайванд буданд.

Воқеан, дар поягузории журналистикаи тоҷик ашхоси бештар саҳм гузоштаанд, ки адиб буданд ва ё сиёсатмадору тоҷироне буданд, ки ба адабиёт шавқи беҳад доштанд. Мо дар ин соҳа ба ҳайси мисол аз М. Беҳбудӣ, М. Мансуров, М. Сироҷ, С. Ализода ёдоварӣ мекунем. Онҳо аввалин донишмандон ва эҷодкороне буданд, ки ба журналистика омаданд. Маҳз, онҳо мактаби устоду шогирдро поягузорӣ карда, ба ҳайси устод шогирдони зиёде тарбия намуда, мактабдор шуданд.

Аммо барои журналист танҳо адабиёт - навишта тавонистан мактаб буда наметавонад. Навиштаҳои беҳтарин ҳам агар ба дарди ҳамин рӯз нахӯрад, журналистика шуда наметавонад. Беҳтарин нависанда ҳам агар муайян карда натавонад, ки аз ин воқеа чӣ сохтан мумкин – асари калон ё хурд, чӣ гуфтан мумкин ва барои кӣ гуфтан даркор аст, вай публитсист, журналист буда наметавонад. Пас, талаби муҳим донистану тасвир кардани ҳолати имрӯзаи зиндагӣ аст ва барои ин дарсу ҳунари адабиёт камӣ мекунад ва таълиму сиёсатро донистан ва ҷомеаро шинохтан даркор мешавад. Ин омил муайянкунандаи дониши журналистӣ будааст. Аз ҳамин сабаб, дар сарзамини тоҷикон чун дар саросари Шӯравӣ аз аввалин мактабҳои тарбияи журналистӣ Университети коммунистии журналистика будааст. Яъне ҷавонҳои дар эҷод ҳунармандро гирд оварда, бо онҳо сиёсат ва идеология меомӯзонданд. Пояи илм ва таълими журналистика дар солҳои баъдӣ низ донистани сиёсат буд.

Сарфи назар аз ин ки олимони аврупоӣ эътироф мекунанд ё не, амалияи фаъолияти журналистони олам нишон медиҳад, ки ҳама гуна матни журналистӣ ҳатто, он ки ин матн истифода мешавад ё не, ба маъно ва мақсади чизе навишта шуд, вобаста аст. Беҳтарин матни аз ҷиҳати сухан, ороиш ва адабиёт оросташуда ҳам истифода шуда наметавонад, агар мақсаду маънои он ба мақсади ношир мувофиқат накунад. Сусттарин матни адабӣ агар маънои бикр ва муфид дошта бошад, бе таҳриру ислоҳ шуда метавонад. Бинобар ин, дар барномаи университетҳои журналистика, пеш аз ҳама сиёсат, идеология, таърих, этнография таълим дода мешуд, албатта, ба ҳунари эҷодӣ низ таввақуф мекарданд.

Мавриди зикр аст, ки тарафи эҷодӣ – шинохти жанр, гуногунжанрӣ, ба мақсад мувофиқ намудани жанрҳои мавриди истифода бештар бо илму маорифи шӯравӣ рост меояд, на ба Ғарб. Зеро илми журналистикаи Шуравӣ на танҳо хабаррасонӣ, яъне паҳн кардани навигариҳоро журналистика ҳисоб мекунад, балки таблиғро низ ҷузъи журналистика меҳисобад. Навигарӣ ва ақида дар якҷоягӣ ба силсилаи жанрҳо такя мекунанд, ки на ҳамаи онҳо дар журналистикаи аврупоӣ истифода мешаванд. Масалан, дар системаи таълимии шуравӣ ба жанрҳои мухбирнома ҳамчун набзи зиндагии халқ ва мақола ҳамчун баён, ташвиқ ё радди ақида хеле зиёд таъкид мекунанд.

Дар матбуоти замони инқилоб ва солҳои бистуми тоҷик мактаби тарбияи нигорандагони мақола ва танзимкунандагони хабару мухбирнома хеле возеҳ дида мешавад ва ин зиёдтар хоси «Шӯълаи инқилоб», «Бедории тоҷик», «Овози тоҷик» ва «Роҳбари дониш» буд.

Дар матбуоти солҳои 20-30 тоҷик жанрҳои публитсистию бадеӣ бештар мавзӯи омӯзиш ва татқиқ буданд. Аз як тараф, ин татбиқи равияи журналистикаи рус бошад, аз ҷиҳати дигар, ин идомаи равияи адабиёти классикии тоҷик, аз ҷумла эҷоди Саъдӣ, Н. Хисрав, Ҷомӣ, Восифӣ, Убайд ва дигарон буд. То шакли нав вобаста ба матбуот истифода шудани онҳоро ҳамчун мактаби эҷодии С.Айнӣ, А. Фитрат, А. Муҳиддинов, Алӣ Хуш шинохтан мумкин аст.

Пас, Университети коммунистии журналистика ва анъанаи миллии адабии тоҷик аввалин мактаби касбии журналистика мебошанд. Давраи ташаккули ин мактаб ба давраи муборизаҳои сиёсӣ ва пайдоиши системаи нави иҷтимоӣ рост меояд. Бинобар ин, тамоми ҷавононе, ки дар ин «Мактаби касбӣ» тарбия ёфтаанд, бештар сиёсинавис, шахсҳои иҷтимоӣ ва аксари онҳо муборизони ғояи миллӣ, идеологӣ дар журналистика мебошанд.

Бинобар ин, ҳаракати мухбирони коргару деҳқонро ҳамчун мактаби оммавии журналистика шинохтан мумкин аст. Аз нимаи солҳои бистум сар карда, то худи пошхӯрии Шӯравӣ ба инкишофи ҳаракати мухбирони коргару деҳқон таваҷҷуҳи хосса дода мешуд. КМ ҲКИШ ва ҳукумати СССР дар тӯли 50 сол беш аз 40 санаде ба имзо расонида, татбиқашро эълон карданд, ки онҳо ба ҳаракати мухбирони коргару деҳқон тааллуқ доштанд. Онҳо барои тамоми халқи Шӯравӣ, аз ҷумла барои мардуми Тоҷикистон низ асноде ба ҳисоб мерафтанд, ки аҳамияти методологӣ-дастурӣ доштанд.

Дар паҳлӯи ин аснод ҲК ва Ҳукумати Тоҷикистон низ кариб 20 ҳуҷҷате дар ин радиф қабул кард. Дар ҳаракати коргару деҳқон мактабҳо аҳамияти омӯзишӣ доранд. Инҳо иборатанд аз маҳфилҳои мухбирон, конференсияҳои хонандагон, университетҳои халқии мухбирони коргару деҳқон ва хулосаи матбуот. Зарур аст, ки ин чор мактаби тарбияи журналистиро аниқ таҳлил кунем.

1. Маҳфилҳои мухбирон. Дар замони Шӯравӣ инҳо бо номи кружокҳои мухбирӣ ёдоварӣ мешуданд. Дар ҳамаи мактабҳои миёна, миёнаи махсус, олӣ, корхонаҳои саноатӣ, колхозҳо ва дар дигар корхонаҳо ин гуна кружокҳо ташкил дода мешуданд. Максади онҳо омӯзонидани жанрҳои одитарини журналистика буд. Ба ин васила мақсад гузошта мешуд, ки барои рӯзномаи девории муассиса фаъолон тайёр карда шаванд. Агар масъулини чунин маҳфилҳо шахсони аз ҳунари журналистӣ бештар огоҳ бошанд, матолиби шогирдонро таҳлилу танзим карда, бехтарини онҳоро барои нашр ба матбуоти ноҳиявию вилоятӣ ва ҳатто, ҷумҳуриявӣ тавсия мекарданд. Маҳфилҳои мазкур имкони бештари баҳсу муҳокимаро дар атрофи сатҳи эҷод ва мавқеи он доштанд, зеро ашхос ва василаҳое, ки перомуни он сухан мерафт, барояшон шинос буданд. Одамони шинос дар хусуси образҳо ва ташбеҳҳо, ифодаҳо ва ибораҳо низ беистиҳола баҳс карда метавонистанд. Ин баҳси эҷодии муаллимону шогирдон ва байни шогирдон буд.

2. Дар журналистикаи солҳои 40-80 жанре ба номи хулосаи мактубҳои меҳнаткашон васеъ истифода мешуд, ки ба назари мо он ҳоло мактаби тарбияи журналистӣ ба ҳисоб меравад. Махсусияти ин жанр дар он буд, ки редаксия даҳҳо номаи хонандагонро, ки аз минтақаҳои гуногун омада буд, ба таҳлил мегирифт. Онҳо бештар аз рӯйи мавзӯъ муттаҳид ва мулоҳиза мешуданд.

Редаксия дар ин хулосааш сабаби нашр нашудани ин матлабро таҳлил мекард. Маъмулан, дар чунин таҳлилҳо камбудиҳое, чун набудани мавзуъ, кӯҳна шудани факт, бад будани забон ва услуби таҳрир, тақлид будан ё пайравии кӯркӯрона будани он, носаҳеҳии арқом зикр мешуд. Иддае аз чунин хулосаҳо ба масъалаҳои жанрӣ марбут мешуданд ва дар ин ҳолат, таҳлили амиқи касбӣ-риоя шудан ё нашудани талаботи жанр мавриди баррасӣ қарор мегирифт. Таҳлили мактубҳоро мутахасисон - журналистони касбӣ анҷом медоданд ва гоҳе ҳам агар редаксия чунин мутахассисе пайдо накунад, аз берун касеро барои таҳлил мехост.

Хулосаи мактубҳо шакли эҷодии тарбия аз таълим аст. Аз ин касе зимни таҳлили матолиби худаш, касе зимни таҳлилу арзёбии навиштаи шиносаш ва сеюмӣ дар зимни таҳлили навиштаҳои ҳамкасби чун худаш ҷавон тарбия меёфт, бисёр шудааст, ки аз байни онҳое, ки 2-3 сол навиштаҳояшон асосан хулоса мешуд, журналистони касбӣ ба воя расиданд.

Хулосаи мактубҳо сатҳи эҷодкорони журналистро низ ифода менамояд, зеро бисёр вақт навиштаҳои кормандони рӯзномаҳои ноҳиявӣ низ дар матбуоти ҷумҳуриявӣ хулоса мешуд, ё асноди лавҳа, очерк ва фелйетоннависон аз дарси «хулосаи мактубҳо» сабақ гирифтанд. Агар гуфта шавад, ки ин дарс хулосаи маҳфилҳои эҷодӣ аст, ғалат нахоҳад буд.

3. Конфронси хонандагон. Ин мактаб ҳам хоси замони шӯравии матбуоти тоҷик ва аз мактабҳои фаромӯшшуда мебошад. Махсусияти ин мактаб дар он аст, ки ҳар кадом рузнома - «Тоҷикистони советӣ», «Ҷавонони Тоҷикистон», «Пионери Тоҷикистон» рӯзномаҳои вилоятиву шаҳрӣ, ноҳиявӣ соле як-ду бор ба шаҳру ноҳияҳои гуногун рафта, бо хонандагони худ мулоқотҳо ташкил мекарданд. Дар он мулоқотҳо дар хусуси корҳои анҷомдодашуда, дар бораи нақшаҳои эҷодӣ як нафар масъули редаксия сухан мегуфт.

Сипас, музокирот, яъне сухангӯйии ҳозирон оғоз меёфт. Аксарияти он танқидӣ буд. Хонандагон дар бораи дурӯғнависии муаллифон, бетаъсир будани мақолаҳо, ғашоварии сухани муаллифон ва масъалаҳои ба ин монанди эҷодӣ ошкоро баҳс мекарданд. Дар бораи проблемаҳое, ки дар маҳалли зисташон ҳасту ба он журналистон эътибори лозимӣ надоданд, баҳс мекунанд. Муаллифоне аз он баҳсу норизогӣ мекунанд, ки фалон навиштаашон аз эътибори редаксия дур мондааст. Конференсияи матбуотӣ то андозае ба конфронсҳои илмии донишҷӯёни соҳаи журналистика шабоҳат дошт, вай инчунин хислати назорати оммаро аз фаъолияти ВАО касб мекард. Зеро бисёр фактҳое мавҷуданд, ки пас аз конференсияи хонандагон редаксияҳо фаъолияти умумии кори худ ва кормандони худро бознигарӣ карда, барои беҳбуди кор чораҳое андешидаанд. Бардоштҳо аз чунин конфронсҳо боиси пайдо шудани рубрика ба мавзӯҳои нав гардидаанд. Мактаби эҷодии мазкур хислати дуҷониба дорад, вай ҳам барои нависандагони касбӣ ва ҳам барои қаламкашони ҷавони мактаби маҳорат аст. Ин мактаб шинохти мавзӯъ, навъи беҳтари эҷод, дидан ва шинохтани аудиторияро меомӯзонад.

1. Университети мухбирони коргару деҳқон шакли нав, оммавӣ ва ҷамъиятишудаи Университетҳои коммунистӣ аст. Ин университет низ дипломи маълумоти олӣ намедиҳад, зеро вай хислати ҷамъиятӣ дорад. Маъмулан чунин университетҳо бо ташаббусҳои ташкилотҳои ҳизбӣ бунёд мешуданд ва шунавандагони онҳо коммунистоне буданд, ки бо эҷоди журналистӣ иртиботе доштанд.

2. Университети мухбирони коргару деҳқони Душанбе дар солҳои 70 асри XX шуъбаи журналистика низ ташкил дод, ки ба он профессор В.М. Асрорӣ ва дотсент А. Нуралиев роҳбарӣ мекарданд. Дарсҳо шабона ва ҳар рӯзи дарсӣ 4 соат буд. Дар ин муассисаи таълимӣ асосан, мавзӯъҳои актуалии эҷод - жанрҳо, проблемаҳо, усул ва принсипҳои журналистика маълумоти мухтасаре аз таърихи журналистика таълим дода мешуданд. Ба сифати устодон бештар роҳбарони воситаҳои ахбори омма, инчунин дотсент Усмонов И. К. ҷалб мешуданд. Теъдоди зиёди шунавандагон ходимони ҷавони редаксияҳо буданд. Дар байни фанҳои таълимӣ таърихи ҲКИШ нақши муайянкунанда дошт. Масъалаҳои марксизм-ленинизм ва воқеоти байналхалқӣ асоси фанни коммунизми илмиро ташкил мекард.

Дарсҳои ихтисосӣ ду хислат - маҳорати касбӣ ва таҳлили воқеаро дар бар мегирифтанд ва онҳо ба шакли вазифаи хонагӣ низ иҷро мешуданд. Давраи таҳсил дар ин Университет ду сол буда, натиҷаи таҳсил дар шарҳи ҳол ва вазифаи касбии шунандагон ифода меёфт.

Ин чор мактаби тарбияи журналистӣ Аслан, зинаҳои инкишофи маълумоти журналистӣ буда, сетои аввали он ба усули «устод – шогирд» асос дошт ва дар чаҳорумаш нишонаҳои таълими касбӣ ба мушоҳида мерасиданд. Инҳо дар шароити мавҷуд набудани таълими воқеии касбӣ- донишгоҳӣ василаи муҳимми омӯзондани асосҳои журналистика ба ҳисоб мерафтанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Усмонов И. Таърихи журналистикаи тоҷик / И Усмонов, Д Давронов. – Душанбе, 2008. – 280 с.
2. Усмонов Ҷ. Матбуот ва мухбирони коргару деҳқон / Ҷ Усмонов, У Ғаффоров. – Душанбе: Ирфон, 1975. -140 с.

ВЗГЛЯД НА ПЕРВИЧНЫЕ СТУПЕНИ ПРОФЕССИОНАЛЬНОГО ОБУЧЕНИЯ ЖУРНАЛИСТОВ

В данной статье речь идет о первичных ступенях профессионального обучения журналистов. Автор анализируя сущность школы рабоче-крестьянских корреспондентов, подразделяет их на четыре группы. Они состоят из кружка корреспондентов, разбора писем, читательских конференций и Народных университетов рабоче-крестьянских корреспондентов. Эти четыре школы журналистского воспитания в основном являются ступенями развития журналистского образования и три первые из них существовали методом «учитель -ученик», а в четвертой наблюдались признаки профессионального обучения. Они в условиях неимения реального профессионального вузовского образования являлись важным средством обучения основ журналистики.

Ключевые слова: журналистика, журналист, кадры СМИ, рабоче-крестьянские корреспонденты, обучение журналистов, Университеты рабоче-крестьянских корреспондентов, кружки корреспондентов, разбор писем, читательские конференции.

LOOK AT THE PRIMARY STAGE OF PROFESSIONAL TRAINING OF JOURNALISTS

In this article we are talking about the initial stages of professional training of journalists. The author is analyzing the essence of the school worker-peasant correspondents, divides them into four groups. They consist of a circle of correspondents, review letters, reader's conferences and people's universities worker-peasant correspondents. These four schools of journalism education are basic stages of development of journalism education and the first three of them existed by the method of "teacher-student", and in the fourth there were signs of

vocational training. In the absence of real professional higher education was an important means of learning the basics of journalism.

Kev words: journalism, journalist, media frames, the worker-peasant correspondents, training of journalists, Universities worker-peasant correspondents, mugs correspondents, analysis of letters, readers ' conferences.

Сведения об авторе: ***И. Ашуров*** - соискатель ТНУ. Телефон: **937-00-99-77**
E-mail: **ilhomashurov_85@mail.ru.**

МАВҚЕИ ЖАНРИ ХАБАР ДАР РӮЗНОМАҲОИ МИСР

Ф. Исмоилова
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар журналистика хабар яке аз жанрҳои асосӣ ва серистифода ба шумор меравад. Ҳангоми таҳқиқи масъалаи ҷойгоҳи жанри хабар дар матбуоти Ҷумҳурии Мисри Араб мо аслан, ба тарзи таҳияи он, шакли хабарнависӣ, сабкҳои нигориши хабар таваҷҷуҳ зоҳир намудем. Хабар яке аз жанрҳои асосӣ ва маъмулии матбуоти Миср ба шумор меравад. Профессор Нуралиев А. дуруст гуфтааст, ки «Хабар яке аз жанрҳои оперативии матбуот ва яке аз қадимтарин жанрҳои мустақили рӯзнома аст»[2,25]. Ҳадафи аввалиндараҷа аз нашри ҳама гуна хабар расонидани иттилои тоза ва нав аст. Муҳаққиқ Муқимов Ҷ. хабарро маълумоти кӯтоҳе, ки аз ҷузъиёти нав саршор аст, гуфтааст [1,11].

Профессор Иброҳим Усмонов бошад, дар бораи хабар андеша дорад, ки «хабар маълумоти тоза аст. Хабар гуфта, факт ва воқеаро мешиносем, ки нав ба вуқӯъ омадааст, ё акнун ба амал омаданаш мумкин аст»[4,14]. Агарчи таърифи хабар дар китобҳои илмӣ якранг нест, аммо ҳадафи ҳамаи онҳо ин аст, ки хабар шомили жанрҳои хабарист ва ҳадафаш расонидани иттилои тоза аст.

Хабар худ калимаи арабӣ буда, дар журналистикаи Миср он ба тарзи «хабар» қабул шудааст, ки маънои огоҳӣ, иттилоъ, дониш ва маълумотро дорад. Муҳаққиқони журналистикаи Миср низ зери мафҳуми хабар иттилои тоза ва навро мефаҳманд, ки донистани он барои ҷомеа муҳим аст. Дар ҳама рӯзномаҳои мисрӣ ин жанр ба таври хабар ва баъзан вақт, шакли ҷамъи он, яъне ахбор омадааст. Калимаи ахборро аслан, ҳангоми овардани хабарҳои соҳавӣ истифода мебаранд. Масалан, дар рӯзномаи «ал-Аҳром» рубрикаҳои алоҳида, ба монанди «ахбори иқтисодӣ», «ахбори криминалӣ», «ахбори хориҷӣ», «ахбори маҳаллӣ» мавҷуд аст, ки дар он хабарҳои иқтисодӣ иҷтимоӣ ва ғайра оварда мешаванд ва дар чунин ҳолат калимаи ахборро истифода мекунанд. Вале дар баробари ин боз зери рубрикаҳои «Ҳаводис» (ҳодисот, куштор, дуздӣ ва ғ.), «Риёзӣ» (варзиш) ва «Муҳофизот» (ҳифзи ҳуқуқ) хабарҳо дар бораи ҷинояту ҷиноятқорӣ, варзиш ва ҳифзи ҳуқуқро ҷой медиҳанд, ки инҳо низ хабарҳои соҳавӣ ҳастанд, аммо бе овардани калимаи ахбор навишта мешаванд. Яъне наменависанд, ки «ал-Ахбору риёзия» (хабарҳои варзишӣ) танҳо бо овардани рубрикаи «Варзиш» ё худ «Риёзия» хабарҳои варзиширо ҷо мекунанд.

Рӯзномаҳои мисрӣ, дар баробари оне ки хабарҳои байналмилалӣ ва дохили кишварро нашр мекунанд, бо вуҷуди хеле зиёд будани шумораи хонандагони рӯзнома дар шаҳрҳои калон, иинчунин ахбори маҳаллиро низ нашр мекунанд. Ҳатто одитарин хабари маҳаллиро низ дар рӯзнома ҷо мекунанд. Махсусан, дар рӯзномаи «ал-Аҳром» барои хабарҳо аз маҳаллаҳо рубрикаи алоҳидаи доимӣ ҳаст бо номи «Ахбори маҳаллӣ», ки дар ҳар шумора зери ин рубрика чор панҷ хабар аз ноҳияҳо ва маҳаллаҳо нашр мешавад. Масалан, хабари «Бо дастгирии Вазорати ҷавонон дар деҳаи Шамс варзишгоҳи хурд сохта мешавад. Дар ин мавриД аз Вазорати ҷавонон хабар доданд» [5] зери ҳамин рубрика нашр шудааст.

Жанри хабар низ ба гурӯҳҳо тақсим мешавад. Профессор И. Усмонов бо назардошти ҳаҷми хабар онро ба се гурӯҳ тақсим карда, андеша дорад, ки «Шакли дурусти ба намудҳо ҷудо кардани хабар ба ҳаҷми он иртибот мегирад….Бо назардошти ин асл се намуди хабарро мешиносем» [4,15]. Пас аз баёни ин андеша хабаро ба хроника, хабари кӯтоҳ ва хабари васеъ тақсим мекунанд. Аммо дар журналистикаи Миср бошад, хабарро аз рӯйи меъёр, аз рӯйи мавқеи ҷуғрофӣ, аз ҷиҳати навъи ҳодисаҳо, аз ҷиҳати мазмун, хабари рӯзнома аз ҷиҳати қолаб, хабарҳо

аз ҷиҳати мавзӯъ, аз ҷиҳати таъсиррасонӣ ва монанди ин ба гурӯҳҳои зиёде тақсим мекунанд. Ҳар кадоме аз ин гурӯҳҳо боз ба зергурӯҳ тақсим мешаванд. Ин тақсимбандии хабарҳо дар сомонаи расмии Шӯрои воситаҳои ахбори омма ва матбуоти Миср оварда шудааст.

«Аз ҷиҳати мавқеи ҷуғрофӣ хабарҳоро боз ба хабарҳои дохилӣ, хабарҳои хориҷӣ ва хабарҳои маҳаллӣ тақсим мекунанд. Ба гурӯҳи ахбори дохилӣ хабарҳое шомиланд, ки онҳо фарогири масоили дохили кишваранд» [8]. Ин гуна хабарҳо дар матбуоти Миср хеле зиёд аст. Масалан, рӯзномаи «Ал-Ҷумуҳурия» хабареро дар бораи пурзӯр кардани муҳофизати маҳбасҳои Миср дар инқилоби 30 июни соли 2013 навиштааст: «Муовини вазири корҳои дохила Мустафо Боз иброз дошт, ки барои баргузории инқилоб ҳамагӣ як рӯзи дигар мондааст. Мо тамоми чораҳоро андешида истодаем, то маҳбусон аз нооромии вазъ истифода карда, аз маҳбас нагурезанд. Бояд гуфт, ки бо сабаби суст будани муҳофизон дар маҳбас ҳангоми инқилоби 25 январи соли 2011 маҳбусони зиёд аз маҳбас фирор карда буданд» [7]. Аз рӯйи шакл ва тарзи навишт маълум аст, ки ин хабари кӯтоҳ аст, зеро «хабари кӯтоҳ аз 10-30 сатри матбуотиро дар бар гирифта, бо сарлавҳаи алоҳида меояд ва маълумоти кӯтоҳ дар бораи воқеа медиҳад» [3,40]. Хабари мазкур низ бо сарлавҳаи алоҳида омада, маълумоти кутоҳ ва навро мухтасаран овардааст.

Бояд гуфт, ки рӯзномаҳои мисрӣ аз хабари кӯтоҳ зиёд истифода мебаранд. Масалан, хабарнигори рӯзномаи «ал-Аҳром» метавонист дар бораи қабули лоиҳаи қонуни нав оид ба «Ҷомеаи аҳолии нав» муфассал нависад, аммо дар бораи лоиҳаи ин қонун хабари кӯтоҳе навиштааст, ки ин хабар ба таври зайл омадааст: «Аҳмад Баръӣ вазири ҳифзи иҷтимоӣ мегӯяд, баъди ин ҳама нооромиҳо бояд ба рушди ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ кӯшид. Имрӯз Ҳукумати иҷроия лоиҳаи қонуни «Ҷомеаи аҳолии навр»-ро бояд қабул кунад. Ин қонун, албатта, ба рушди ҳифзи иҷтимоӣ дар кишвар мусоидат хоҳад кард» [5]. Чунин хабарҳои кӯтоҳро дар ҳар шумораи рӯзномаҳо дидан мумкин аст. Бояд гуфт, ки дар матбуоти Миср хабари кӯтоҳ мақоми махсус дорад, аммо дар муқоиса бо хабари васеъ аз хабари кӯтоҳ камтар истифода мебаранд. Баъзан, рӯзноманигорон бо ду ҷумла хабарро менависанд. Масалан, хабари дар бораи «Омодагии шаҳрдории Ҷолиса барои гузаронидани тобистон»-и рӯзномаи «ал-Ҷумҳурия» ҳамагӣ бо ду ҷумла навишта шудааст: «Раиси шаҳри Ҷолиса Маҳмуд Арафа мегӯяд, новобаста ба ҳодисаҳои дар кишвар шудаистода мо барои гузаронидани тобистон омодагии хеле хуб дидем. Маҷдӣ Абдулҳай масъули бахши таъминоти шаҳри мазкур афзуд, ки дар шаҳр ҳама шароитҳо барои истироҳаткунандагон ва сайёҳон муҳайё аст» [7].

Дар зери ин хабар ҳам сурати раиси шаҳри Ҷолиса Маҳмуд Арафа ва ҳам акси Маҷди Абдулҳай - масъули бахши таъминоти шаҳри мазкур оварда шудааст. Албатта, кӯтоҳбаёнӣ хеле хуб аст, аммо дар ин хабар ягон факт ва далели аниқ нест ва ин хабари нашршуда ба талаботи жанри хабар ҷавобгӯ нест. Зеро аввалан он ба ҳамон се савол: Чӣ? Кай? Дар кучо? ҷавоб намедиҳад. Аз ҷониби дигар, он як маълумоти кӯтоҳи умумӣ асту халос. Хуб мешуд, агар дар ин хабар рӯзноманигор, дар бораи он ки масъулини шаҳр кай ва кадом истироҳатгоҳҳоро бо чӣ таъмин карданд, кадом шароитҳоро муҳайё карданд ва чи гуна омодагӣ дидаанд, муфассалтар маълумот медод.

Албатта, таҳлил вазифаи жанрҳои хабарӣ, алалхусус хабар нест, аммо ду ҷумла маълумоти умумӣ навиштан низ ба талаботи жанари хабар ҷавобгӯ буда наметавонад. Зеро «хабар инъикоси як ва ё якчанд факт аст. Маълумоти маъмулӣ ҷойи хабарро гирифта наметавонад»[2,25]. Ин ҷо метавон танҳо як бартарии чунин хабарро гуфт, ки дар матбуоти Миср кӯтоҳтарин хабарашон низ берасм, беному насаби муаллиф нест, ҳатман пас аз сарлавҳа дар шакли «Навиштааст Ёсир Меҳрон» ному насаби муаллиф пурра оварда мешаваду сипас хабарро меоранд. Дар дигар жанрҳо низ ному насаби муаллифон ҳамин гуна оварда мешаванд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки мухбирони рӯзномаҳо худашон бевосита дар маҳалли воқеа ҳастанд ва аксари хабарҳо моли худи рӯзноманигорони нашрия аст. Яъне аз дигар сомонаҳо бардоштану рӯйбардор кардан дар матбуоти ин кишвар хеле кам ба назар мерасад.

Аз ҷониби дигар, бо расм овардани хабар диққати хонандаро ба хабари мазкур зиёдтар ҷалб мекунаду муаллифи хабар барои ӯ аллакай ошност. Дар рӯзномаҳои Тоҷикистон азбаски қисми зиёди хабарҳо аз агентиҳои иттилоотии дохила ва ё

хориҷа гирифта мешаванд, рӯзномаҳо на манбаи хабарро зикр мекунанду на номи муаллифро. Дар рӯзномаҳои мисрӣ бошад, як хабарро даҳ рӯзнома ба даҳ тарз менависанд ва ҳар кадоме аз ҳамон як воқеа, рӯйдод, вохӯрӣ ва ё чорабинӣ аксҳои гуногунро дар зери хабар ҷойи медиҳанд. Аммо дар бораи ҳодисаҳои ҷаҳонӣ рӯзномаҳои Миср низ қисме аз хабарҳоро аз агентиҳои иттилоотии байналмилалӣ мегиранд ва дар аввали хабар ҷойи номи муаллиф номи агентии иттилоотиро меоранд. Баъзан, як хабари кӯтоҳро ду ва ё се мухбир менависанд. Масалан, дар рӯзномаи «ал-Мисрия-ал-явм» хабаре дар бораи ҳизбҳои «ал-Нур», «ал-Васат» ва ҳаракати «Ихвон-ул-муслимин» нашр шуд, ки онро се нафар: Ёсир Алӣ, Маҳмуд Амрӣ ва Саид Алӣ навиштаанд. Ин хабари муфассал аст ва дар аввал номи ҳарсеи муаллифон оварда шудааст.

Хабарҳои рӯзномаҳои мисрӣ фарогири ҳама самту соҳаҳост ва жанри хабар яке аз жанрҳои асосии матбуоти Ҷумҳурии Мисри Араб аст. Барои мисол танҳо дар шумораи рӯзи ҷумъагии (28 июни соли 2013) рӯзномаи «ал-Аҳром» (бояд гуфт, ки рӯзномаҳои ҳаррӯза рӯзҳои истироҳатӣ нашр намешаванд ва дар ин рӯзҳо замимаҳои махсуси онҳо нашр мешавад. Дар кишварҳои Аврупоӣ рӯзҳои якшанбе нашри махсуси рӯзномаҳост ва чун кишвари Миср исломӣ аст, дар ин ҷо рӯзи ҷумъа истироҳатӣ аст ва замимаҳои рӯзномаҳо, ҳамчунин ҳафтаномаҳо дар ин рӯз нашр мешаванд. Ф.И.) 75 хабар нашр шудааст. Аз он 15 хабар аз вазъи сиёсии кишвар, 7 хабар дар бораи воқеоти кишварҳои арабӣ зери рубрикаи «Ахбори арабӣ», 6 хабар аз агентиҳои иттилотии гуногун дар бораи муҳимтарин воқеаву рӯйдодҳои ҷаҳон бо рубрикаи «Ахбори олам», зери рубрикаи «Аз ахбори маҳаллӣ» 3 хабар, 8 хабари иҷтимоӣ, 9 ахбори иқтисодӣ, 6 варзишӣ, 8 хабар дар бахши «Ҳаводис» дар бораи куштор ва ҷинояткорӣ, 7 хабар дар бораи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва 6 фар³ангӣ нашр шудааст, ки ин шумора дар муқоиса бо дигар жанрҳо хеле зиёд аст. Дар рӯзномаи «ал-Ҷумҳурия» бошад, хабарҳо бо рубрикаҳои «Иҷтимоъ», «Маҳал», «Фарҳанг» ва «Сиёсат» нашр мешаванд. Рӯзномаи мазкур зиёдтар аз хабари кӯтоҳ истифода мебарад. Бояд гуфт, ки як хусусияти фарқкунандаи рӯзномаҳои мисрӣ дар он аст, ки онҳо дар саҳифаи аввали рӯзнома ва ё ба истилоҳ шиносномаи рӯзнома (паспорти газета) низ хабарҳоро ҷой медиҳанд.

Дар матбуот дар баробари хабарҳои кӯтоҳ ва хабари васеъ, инчунин рӯзноманигорон аз хроника низ истифода мекунанд. Масалан, дар рӯзномаи «ал-Мисрия-ал-явм» якчанд хроника нашр шудааст зери рубрикаи «Ахбори маҳал». Масалан, дар яке аз онҳо омадааст: «Мақомоти амниятӣ дар шаҳри Бани-Юсуф чор тобутро ёфтанд, ки дар дохили онҳо одамон бо мумиё гузошта шуда буданд. Бо таъсири мумиё ҷасадҳо ҳеҷ тағйир наёфтаанд ва муҳаққиқон мегӯянд, ин ҷасадҳо чанд садсола аст, ки инҷоанд…» [6] Ин навъи хабарро профессор Нуралиев А. хабари хроникавӣ гуфтааст [3,41]. Агарчи хеле кам бошад ҳам, рӯзноманигорони мисрӣ аз хроника низ истифода мекунанд. Аммо қисми зиёди хабарҳо дар матбуоти Ҷумҳуриии Мисри Араб бе лид навишта мешаванд, ҳарчанд тибқи мушоҳидаҳо дар радио ва телевизионҳои мисрӣ қариб ягон хабарашон бе лид намеравад. Албатта, бо лид оғоз шудани хабар ин хуб аст ва лиди ҷолиб хонандаро бо хондани идомаи хабар водор мекунад. Ин шояд, аз он сабаб аст, ки аксари хабарҳо кӯтоҳ ҳастанд ва дар навишти хабар рӯзноманигорон аз сабки ҳарами воруна истифода мекунанд.

Аз таҳлили жанри хабар дар матбуоти Миср ба хулосае омадан мумкин аст, ки хабар нисбати дигар жанрҳои публитсистӣ мавқеи бештар дорад. Аз таҳқиқҳо метавон хулоса кард, ки зиёда аз 60% маводи рӯзномаҳоро хабар ташкил медиҳад. Дар замони сар задани инқилоб аз соли 2011 инҷониб рӯзномаҳои мисрӣ бештар аз жанри хабар истифода мекунанд. Зеро маъмулист, ки ҷое ноороми бошад, ҳар рӯз чандин воқеаву ҳодисаҳои нав рух медиҳад.Дар ин давра аксари хабарҳо дар шакли пирамидаи чаппа ва ё ҳарами воруна навишта мешаванд. Агар замони қабл аз инқилоб хабарҳо дар бораи вазъи иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳагнию сиёсии кишвар навишта мешуд, дар давраи инқилоб аксарияти хабарҳо хусусияти сиёсӣ ва иғвоангезию шахсиятгароӣ доранд. Қисми зиёди хабарҳои ин давра дар бораи куштор, майдони «Таҳрир», задухӯрд, аз вазифа гирифтани мансабдоре, аҳволи президентҳои собиқ (Ҳусни Муборак ва Муҳаммад Мурсӣ), таърифу «хайрхоҳӣ» ва «корнамои»-и нафаре аз мансабталабон ва монанди ин навишта мешуданд, қабл аз

инқилоб дар хабарҳо саволи нахуст «Чи?» буд, аммо дар замони инқилоб «Ки?» мавқеи хоса пайдо кард.

Яъне қаблан хабарҳо чунин оғоз мешуд: «Дар шаҳри Искандария варзишгоҳи зебову замонавие барои тамрини ду ҳазор нафар ба истифода дода шуд», аммо дар замони инқилоб аксарияти хабарҳо чунин оғоз мешуд: «Вазири дифои кишвар гуфт, сарвазири кишвар ният дорад, сиёсатмадори шинохта мегӯяд» ва монанди инҳо. Яъне дар ин давра арзиши хабарии «воқеа кай рух дод?, дар куҷо рух дод?» ба зинаи дуюм гузаштанд ва «аз ҷониби кӣ ва манбаи иттилоъ кӣ аст?» ба зинаи аввал гузаштанд. То солҳои 2010-2011 рӯзномаҳои мисрӣ дар навишти хабар бештар аз сабки таърихӣ истифода мекарданд, аммо пас аз он аксари хабарҳо дар сабки ҳарами воруна навишта мешуд. Дар матбуот аз лиду хроника камтар истифода мебаранд ва аксари хабарҳояшон хабари кӯтоҳ ва қисман хабари васеъ аст.

АДАБИЁТ

1. Муқимов Ҷ. Мақоми жанрҳо дар радои «Озодӣ». –монография / Ҷ. Муқимов. - Душанбе, 2000. – С. 55.
2. Нуралиев А. Жанрҳои ахбории матбуот.-дастури таълимӣ / А.Нуралиев.- Душанбе, 2004. - С. 146.
3. Нуралиев А. Информационные жанры печати.-дастури таълимӣ / А.Нуралиев, Н. Бурукер, А.Афсаҳзод. -Душанбе, 2005. - С. 131.
4. Усмонов И. Жанрҳои публитсистика.-дастури таълимӣ / И. Усмонов. -Душанбе, -2009. - С. 139.

Манобеъ:

5. Ал-Аҳром.-2011-2014.
6. Ал-Мисрия-ал-явм.-2012-2013.
7. Ал - Ҷумҳурия.-2012-2013.
8. http://ahbf43.yoo7.com/t42-topic#67

О РОЛИ ИНФОРМАЦИОННОГО ЖАНРА НОВОСТЕЙ В ГАЗЕТАХ ЕГИПТА

В данной статье рассмотрена роль новостей как информационного жанра и их исползование в газетах Египта. Здесь оговаривается, что какой вид информации чаще использует пресса и их корреспонденты. Почему данный жанр является для них первичной.

Ключевые слова: жанр, журналист, информация, газета, заметка, пресса, источник, карриспондент.

ROLE OF INFORMATION IN THE NEWS GENRE NEWSPAPERS EGYPT

This article examines the role of news as information genre ispolzovaniya them in newspapers in Egypt. It stipulates that any kind of information is often used by the press and their correspondents. Why this genre is their primary.

Key words: Feature, journalist, information, newspaper, note, press, source, karispondent.

Сведения об авторе: ***Ф. Исмоилова*** **-** аспирантка ТНУ. Телефон: **935-24-24-02.** E-mail: **farzibonu @mail.ru**

МОҲИЯТИ ИҶТИМОИШАВИИ ТЕЛЕВИЗИОН

Муслима Манонова
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар ҷаҳони тележурналистикаи муосир, ки рақобат барои аз худ кардани фазои иттилоотию таблиғотӣ ниҳоят пурзӯр гардидааст, тамоми кишварҳо саъй доранд, ки дар арсаи мубориза яке аз устувортаринҳо боқӣ бимонанд.

Ба назар мерасад, ки барои тележурналистон масъулияти дучанд- ҳам сареъбаёнӣ ва ҳам ҷозибанокии тарзи ифода пеш омадааст. Дар фаъолияти телевизион гузариш ба ҷараёни журналистикаи интерактивӣ (дар фаъолияти журналистикаи интерактивӣ бинанда на ҳамчун объекти қабули таъсири иртибот, балки субекти ҷараёни барнома маҳсуб меёбад) барои таҳмили андешаи худ ба дигарон чӣ гуфтан не, балки чӣ гуна гуфтан аҳамият пайдо менамояд.

Профессор Ҷовид Муқим, зимни баррасии проблемаҳои журналистикаи муосир, аз ҷумла қайд мекунад, ки имрӯз наметавон ба донишҷӯйи факултети журналистика эътимод баст, ки ӯ метавонад соҳиби ҳақиқии ВАО гардад, зеро бе майлу хоҳиш, балки бо хости волидайн, ё дигар омилҳо ба ин ҷода ворид гардидааст, ки ин ба паст гардидани нуфузи ВАО ва берун мондан аз саҳнаи рақобат дар ин соҳа мегардад.

«Мутаассифона, -андешаи ӯро тақвият медиҳад муҳаққиқ Сангин Гулов,-ҳанӯз ҳам журналистон бо сабаби камхирадӣ худро «ҳокими мутлақ» ва «довари ҳақ» пиндошта, андешаи худро ба сари аудитория бор мекунанд» (2). Ба андешаи Саъдулло Ҳайдаров «…нобаладии касбию маҳорати нигорандагӣ ва услуби баён дар

журналистика сабабҳои аслиеанд, ки аз даст додани бинанда-аудитория ба он вобаста аст» (2).

Бетаваҷҷуҳии кормандони ВАО ҷиҳати дастгирии мутахассисони навкорро яке аз сабабҳои дигари аз даст додани аудиторияи телевизионӣ метавон баршумурд.

Дар матбуот матн, дар радио савт ва дар телевизион бошад, тасвир, наворе, ки бинанда на танҳо аз сухан, балки ба воситаи муносибати сухангӯ ба матн матлабро бовар ва ба он ҷазб мешавад, аҳамияти муҳим дорад.

Нуқтаҳои зикршударо ба инобат гирифта, профессор Баҳриддин Камолиддинов ба тележурналистон чунин талаботро пеш мегузорад:

«…-нотиқ бояд, мундариҷаи суханро бо забони бурро, овози шунаво ва лаҳни шево баён кунад; ҳангоми суханронӣ худро гум накунад (озодона ҳарф занад) ва иртиботро бо сомеъ то охири сухан устувор нигоҳ дорад;

-дар талаффузи овозҳо, истифодаи оҳанги гуфтор, интихоб ва мавқеи истифодаи вожаҳо, дар ҷумлабандӣ ба талаботи ҳусни баён риоя кунад;

-аз имконоти ғайризабонӣ: мимика, имою ишора ва дигар ҳаракатҳои кинетикӣ бамавқеъ ва моҳирона истифода барад…» (3). «Дар нотиқи моҳир баробари забон симояш ҳам сухан меронад», -дарҷ мекунад ҳуқуқшиносу суханвари машҳур А.Ф.Конӣ (3).

Самимонаю беғаразона пешниҳод кардани матн ва «эҳтиром гузоштан» ба факт (бо назардошти манфиат ва нуфузи худ шарҳи факту рӯйдод таҳриф мешавад) низ ба он илова шуда метавонад. Зеро журналист бо пешниҳоди мавод дар назди ҷамъият, аудитория, қаҳрамонҳои барнома, кулли журналистон ва аз ҳама аслӣ, виҷдонаш ҷавобгар аст.

Бояд қайд намуд, ки вобаста ба шахс ва тарзу услуби пешниҳоди барнома муносибати журналист ба адресат гуногун мешавад: Абдуғаффори Камол муаллифи барномаи сиёсии «Мо ва минтақа», Гулчеҳра Сатторова муаллифи барномаи тадқиқотии иқтисодии «Тадқиқоти журналист», Талабшо Муқимов муаллифи шоу-барномаи фарҳангӣ фароғатии «Мумтоз», Нигинаи Мумин муаллифи барномаи фарҳангии «Нози хаёл»…

Лекин, дар ҳама ҳолат ёвари аслии журналист дониш ва муносибати шарикӣ доштан ба аудитория аст. Муҳаққиқон бар он назаранд, ки дар фаъолияти амалии журналистика омӯхтани рӯҳия ва талаботи омма аввалиндараҷа аст. Барои намуна, зимни санҷидани холисии мусоҳиб чунин муносибат намудани журналистро таъйин намудаанд:

- Хомӯшӣ усулест, ки дар мусоҳиба мавриди истифода қарор мегирад. Ҳолати то 5 сония хомӯшӣ ба мусоҳиб шароит фароҳам меорад, ки фикрашро ҷамъ оварад ва ин як навъ эҳтиром ба мусоҳиб аст.
- Аз 5 то 20 сония лаҳзаест, ки журналист мусоҳибро барои додани иттилое, ки гуфтан намехост, равона месозад.
- Хомӯшии беш аз 20 сония лаҳзаест, ки журналист тавассути фишор аз мусоҳиб иттилои махфиро гирифтан мехоҳад ва ё гузашт карданро талаб мекунад…

Ҳамчунин, тарз ва ҷойи нишаст, масофа, намуди зоҳирӣ, эҳсосоти қаҳрамон низ, аз ҷиҳати равонӣ метавонад таъсиргузор бошад. «Ҳамарӯза мо шоҳиди беэҳтиромии журналистон ва наттоқони ВЭА ба аудитория мегардем.

Имрӯз нодуруст талаффуз кардани калимаву истилоҳот, хато хондани матнҳо, хандаву амалҳои ноҷо, ишора накардани сарчашма, асардуздӣ (барномаву гуфторҳое пешниҳод мегарданд, ки калима ба калима бидуни иловае аз нашрияву маҷаллаҳои имрӯзаву пешин, осори илмиву бадеӣ, китобҳои дарсии мактабҳои таҳсилоти умумӣ хонда шудаву аз тариқи эфир чун маводи худи журналист муаррифӣ мешавад) зиёд ба назар мерасанд» (2).

Мутаассифона, дарки ҳифзи нуфузи касб дар журналистони мо паст аст. «Маҳз, тарзи муносибати журналист дар кадр дар шуури бинанда образи шахси боваринокро меофарад»-қайд мекунад профессори ин соҳа Сергей Александрович Муратов (4). Агар журналист аз иштирокчии воқеа ҳамчун шоҳид мусоҳиба гирифтанӣ бошад, гузоштани саволи «Оё мехоҳед шуморо дар телевизион нишон диҳанд?», қаҳрамонро ба шубҳаву канорагирӣ мебарад. Ҳамин матлабро дар шакли «Ба мо ёрии шумо лозим. Дар бораи ин қазия як ду сухан мегуфтед…» баманфиат аст.

Дар барномаи «Сапедадам» (16.11.13), ки журналист Фаррух Собирӣ, Насиба Бозорова ва Зафар Саидов ҷараёни барномаро танзим менамоянд, ба назар мерасад, ки Фаррух Собирӣ нисбат ба Насиба Бозорова ва Зафар Саидов (ҷойи Фаррухро иваз мекунад) фаъолтар аст, ҳарчанд аксар маврид чеҳрааш хилофи ситуатсияи нутқ

якранг-кушода боқӣ мемонад. Вале ӯ зада, оҳанг (танин), мимика ва дигар талаботи ҳусни баёнро хуб риоя менамояд ва овозаш низ буррост.

Насиба Бозорова дар баёни матлаб нисбатан фаъолнокӣ нишон медиҳад, вале як дасташро ба як тарз мудом бардошта истодан тавре номақбул зуд ба чашм аён мегардад.

Зафар Саидов бошад, дар суханварӣ озод нест, маълум шуда меистад, ки матни гуфторашро аз бар карда бошад ҳам, ҳанӯз пухта нашудааст. Дар ҳоле ки бадоҳатан сухан гуфтан ва ба умқи нутқ сарфаҳм рафтани журналист бурди аслист. Натиҷаи таҳқиқоти олимон низ собит кардааст, ки ҳангоме шахс сухан мегӯяд, бинанда ҳамагӣ 7 % иттилоъро аз сухан, 38%-ро аз паралингвистика (оҳанг, шеваи талаффуз, зада ва ғ.) ва 55%-ро бошад, аз чеҳра, намуди зоҳирии нотиқ мегирад.

Бояд зикр кард, ки услуби баён дар телевизион мафҳуми хеле васеъро ифодагар аст: мутобиқати нутқ бо навор, оҳанг, мимика ба вазъияти нутқ, муносибати шарикӣ бо «бинандаи ғоиб», озодии ҳиссӣ дар рӯбарӯйӣ бо техникаи навор ва монанди ин.

Барои мафҳум гардидани матлаб мисол меорем. Дар оғози барномаи «Дар суҳбати соҳибдилон» (26.02.2013) аз телевизиони Пойтахт як силсила китобҳои Саъдию Ҳофиз, Бедилу Ҷомӣ ва дигарон дар шакли кадри ҷузъӣ (деталь) зери якчанд лаҳзаи мусиқӣ намоиш дода мешавад, ки бинанда ба хубӣ унвон ва номи муаллифони асарҳоро мутолиа менамояд. Лекин журналист Меҳринисо Раупова суханро дар бораи нависанда Аброри Зоҳир оғоз менамояд ва онро нависандаи сермаҳсул муаррифӣ мекунад.

Дар ҷараёни барнома низ ягон асари ин нависанда нишон дода намешавад, ҳарчанд якчанд намунае аз онҳо номбар мегарданд. Дуруст аст, ки тасвир ва шарҳ на такрори ҳам, балки бояд пуркунандаи якдигар бошанд, вале барои ҷолиб гардидани намоиш лаҳзае аз филмномае, ки матнаш ба қалами ин нависанда тааллуқ дорад (баъдтар дар ҷараёни барнома чунин почаҳо нишон дода мешавад), пешниҳод кардан, ё ба тариқи шифоҳӣ иқтибоси ҷолиберо аз ягон асараш баён кардани журналист (чун ҳунарпеша) баманфиат мебуд. Ин ки стандарти гузариш аз як шакли кадр ба дигар (миёна ба умумӣ ё ҷузъӣ ба пурра…) ва ё тарзи наворбардориро аксар барномаҳо дар шабакаҳои телевизионии кишвар риоя намекунанд, боби дигар аст, зеро мушкилот аз як тараф дар касбӣ набудани наворбардорон бошад, аз дигар ҷониб вазъи молиявии шабакаҳои телевизионӣ ва бедонишии худи коргардонҳову журналистон низ таъсиргузор аст.

Фаъолияти дастаҷамъона будани телевизион низ аз ҳамин ҷо сарчашма мегирад.Чунончи, сароператори студияи телевизионии Бостон Ҷон Премак мегӯяд: «Камера ин қуттии сиёҳ барои сабти тасвир ва овоз нест. Ин дастгоҳ барои баёни воқеаҳо аст» (1). Маҳз ҳамин ҷиҳат кори телевизионро бартарӣ бахшида, мураккаб мегардонад. Масъулиятшиносии ҳар як нафар корманди телевизион шурӯъ аз журналист то наворбардор, танзимгар ва ҳатто, ёвари коргардон тақозои фаъолият аст.

Барои мисол, фаъолияти навобардорро метавон бо журналист муқоиса кард. Агар дар омоданамоии ҳама гуна маводи эҷодии телевизионӣ журналист нақши калидӣ дошта бошад ҳам (пешниҳодкунандаи идея, танзимгар, муаллифи сенария ва ғ.), «оператор чашм ва гӯши бинанда аст. Ҳар кас ҳам камераро гирифта чизеро навор бардошта метавонад, вале оператор бояд ҳамеша ташаббуси эҷодӣ нишон диҳад» (1).

Аз воқеаву ҳодисаи рухдода навор гирифтани ҷузъиёте, ки сипас аз он маводи том тайёр кардан мумкин бошад, кори наворбардори соҳибкасб аст. Пайдарпайии кадрҳо сифати хуби навор ки бешарҳи журналист низ бинанда метавонад маълумоте ба худ бигирад забони видеотасвирро ташкил медиҳад. Масалан, агар стандарти вақти гузаштан аз як намуди кадр ба дигараш аз кадри пурра ба миёна ё наздик аз 4 то 6 сонияро ташкил диҳад, дар барномаҳои телевизионии Шабакаи якум мо мушоҳида менамоем, ки ин талабот, қариб ки риоя намешавад.

Хулоса, дар шароити кунунӣ лозим аст, ки тележурналистон тамоми ҷиҳатҳои фаъолият, монанди услуби баён - сухан, навор, ҳаракат ва имконоти технологиро ба инобат гирифта, кӯшиши бештарро барои даст гирифтани фазои иттилоотӣ нишон диҳанд, зеро бо суръати тараққиёти бемайлони ҷаҳон дар ҳамаи самтҳо ва раванди

ҷаҳонишавӣ аудитория низ талаботи ҳар чӣ бештареро дар дигаргуншавии фаъолияти журналистон пеш мегузорад.Дар шароите ки on line - журналистика ташаккул ёфта истодааст, журналистони шабакаҳои телевизионӣ низ бояд, ҳар чӣ зудтар барои дар раҷобати байналмилалӣ устувориро нигаҳ доштан ба ин ҷараён ворид гарданд, ки ин ба донишу таҷриба, забондонӣ ва маҳорати касбии ҳар рӯзноманигор вобастагии зич дорад.

АДАБИЁТ

1. Гузориши телевизионӣ. -Душанбе: Интернюс, 2000. -32с.
2. Журналистика ва замони муосир (маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ). -Душанбе, 2013. -127с.
3. Камолиддинов Б. Сухан гуфтию дурр суфтӣ ё рӯ ба рӯ бо микрофон / Б. Камолиддинов. -Душанбе, 2007. - 72с.
4. Муратов С.А.Телевизионное общение в кадре и за кадром /С.А. Муратов. -Москва: Аспект пресс, 2003. -201с.
5. Полетаев Э. Рӯзноманигории байналхалқӣ: роҳнамо барои муаллифон аз Осиёи Марказӣ / Э. Полетаев. -Душанбе, 2005. -300с.
6. Прохоров Е.П. Введение в теорию журналистики /Е.П. Прохоров. -Москва: Московского университета, 2005.- 368с.
7. Роҳнамои эҷодии телевизион. -Москва, 1999.- 207с.

СУЩНОСТЬ СОЦИАЛИЗАЦИИ ТЕЛЕВИДЕНИЯ

СМИ оказывают огромное влияние на людей так как они становятся средствами доступа к знаниям, от которых зависит общественная жизнь. Телевидение является основным источником информации, ориентирующим человека в окружающей его действительности, Журналистика занимается мониторингом всех сфер жизни. Она выявляет все потребности народа и направляет информационные потоки в русло, которое поможет удовлетворить данную потребность. Именно журналистика и СМИ выражает интересы общества, создает дискуссионные ситуации, которые помогут решить ряд социально важных вопросов. Статья посвящена изучению сущности социализации телевидения.

Ключевые слова: СМи, телевидение, журналистика, деятельность телевидения, поданные прессой события,каналы телевидения; формирование мировоззрения, журналистская этика.

THE ESSENCE OF SOCIALIZATION TELEVISION

The media have a huge impact on people as they become a means of access to knowledge depends on social life. Television is the main source of information for the guidance of man in his / her environment, Journalism monitors all spheres of life. It identifies all the needs of the people and sends information flows in a direction that will help to meet this need. Journalism and media expresses the interests of society, creates discussion of the situation that will help you to solve a number of important social issues. The article is devoted to the study of the essence of socialization television.

Key words: Media, television, journalism, activities television filed by media events,TV channels; forming a worldview, journalistic ethics.

Сведения об авторе: ***М. Манонова*** **–** соискатель ТНУ. Телефон: **988-91-55-99**

МУНДАРИҶА – СОДЕРЖАНИЕ

З А Б О Н Ш И Н О С Ӣ

ИФОДАИ ПӮШОК ДАР «ШОҲНОМА»
С. Исматов*……. *3

ИСТИЛОҲОТИ СОХТМОНӢ ДАР ШЕВАИ ҶАНУБӢ ВА ҶАНУБИ ШАРҚӢ
Сахидод Хоркашев* *8

ҶУМЛАҲОИ ФРАЗЕОЛОГИИ ҚОЛАБИ «*ДИЛИ КАСЕ ПУР*»
ДАР ЗАБОНИ АДАБИИ МУОСИРИ ТОҶИКӢ
Ҳ. Маҷидов*…….. *20

БАҲРАБАРДОРӢ АЗ ОСОРИ ТАЪЛИМИИ ГУЗАШТА
Д. Хоҷаев*……. *28

НАЗАРЕ БА УСУЛҲОИ ИСТИЛОҲСОЗИИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ
С. Назарзода*…… *31

ҶОЙГОҲИ "МАХОРИҶ-УЛ-ҲУРУФ"-И ИБНИ СИНО
ДАР ЗАБОНШИНОСИИ АРАБ ВА ТОҶИК
С. *Сулаймонов*……. *37*

ГИДРОНИМҲОИ ЭРОНИАСЛИ ТУРКИШУДАИ МОВАРОУННАҲР
Д. Ҳомидов*..... *42

ИСМҲОИ ИФОДАКУНАНДАИ МАШҒУЛИЯТҲОИ ДИЛХУШӢ
ДАР «ЁДДОШТҲО»-И С. АЙНӢ
С. Низомова*……. *47

ИНКИШОФИ СЕМАНТИКАИ КАЛИМАҲОИ
ИҚТИБОСИИ ТОҶИКӢ ДАР ЗАБОНИ ВАХОНӢ
А. Мирбобоев, П.А. Мирбобоева*…….. *50

ТАДҚИҚИ МУРОДИФОТИ ГРАММАТИКИИ ФЕЪЛ
ДАР ЗАБОНШИНОСИИ ТОҶИК
Ш. Раҳимова*…… *54

СОПОСТАВИТЕЛЬНЫЙ АНАЛИЗ КОНЦЕПТА «ИЗМЕНА»
В ПОСЛОВИЦАХ, ПОГОВОРКАХ И АФОРИЗМАХ
В РУССКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ
Рахими Саодат*…… *57

МУҚОИСАИ ВОЖАҲОИ ХЕШУТАБОРӢ ДАР ЗАБОНҲОИ
ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ
С. Муродова*…… *60

РОЛЬ ФАТИЧЕСКОЙ ФУНКЦИИ ЯЗЫКА В РЕЧЕВОМ
ЭТИКЕТЕ НА МАТЕРИАЛЕ ТАДЖИКСКИХ СМИ
М.Р. Джураева*…….. *68

ПРОБЛЕМА ЯЗЫКА НАУКИ В ТАДЖИКИСТАНЕ
М.Б. Султонов* (*Мирзо Хасан Султон*)…… *71

К ВОПРОСУ О ВЫРАЖЕНИИ ПРОСТРАНСТВЕННОЙ
ОРИЕНТАЦИИ В ШУГНАНСКОМ ЯЗЫКЕ
Д. Диловаршоев*…… *74

ПОЭТИЧЕСКИЙ ТЕКСТ КАК ЕДИНИЦА ОБУЧЕНИЯ РУССКОМУ ЯЗЫКУ
Р.Р. Рамазанова*…….. *76

УПОРЯДОЧЕНИЕ, СТАНДАРТИЗАЦИЯ И УНИФИКАЦИЯ
ГЕОГРАФИЧЕСКИХ ТЕРМИНОВ
М.Р. Асадова*…… *79

ОБУЧЕНИЕ ГОВОРЕНИЮ - ОДИН ИЗ АСПЕКТОВ ИЗУЧЕНИЯ

РУССКОГО ЯЗЫКА КАК НЕРОДНОГО
Р.Х. Алиева ***85***

ЭВФЕМИЯ И ЯЗЫКОВАЯ МАНЕРНОСТЬ
М.М. Хакимова ***89***

МЕТОДИКА ПРЕПОДАВАНИЯ СПЕЦКУРСА ПО СРАВНИТЕЛЬНО-ИСТОРИЧЕСКОМУ ЯЗЫКОЗНАНИЮ
Шарипова Ф.Х ***92***

СТРУКТУРЫ ЗООМОРФИЗМОВ В АНГЛИЙСКОМ И РУССКОМ ЯЗЫКАХ
М.А. Абдусатторова ***96***

КАТЕГОРИЯ ГРАММАТИЧЕСКОГО РОДА В НЕМЕЦКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ
З.И. Замонов ***98***

КОМПАРАТИВНЫЕ ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИЕ ЕДИНИЦЫ ТАДЖИКСКОГО И НЕМЕЦКОГО ЯЗЫКОВ
(на примере повести «Смерть ростовщика»Садриддина Айни)
Т.С. Талабов ***101***

ГИДРОНИМИЯИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН
С. Шералиева ***104***

СЕМАНТИКА КОМПОНЕНТА СИНЕГО (ГОЛУБОГО) ЦВЕТА
М.А. Назирова ***109***

СИНТАКСИЧЕСКИЙ ПОВТОР
М.В. Зикриёева ***111***

ОТРАЖЕНИЕ КОНЦЕПТА «ЛОЖЬ» В СЛОВАРЯХ РУССКОГО ЯЗЫКА
С.И. Нарзулаева ***114***

СОСТАВ ЛОКАЛЬНЫХ ПРЕДЛОГОВ В СОПОСТАВЛЯЕМЫХ ЯЗЫКАХ
М.К. Мирзаджанова ***117***

ТАЪБИРҲО (ФРАЗЕОЛОГИЗМҲО)
Х. Каримова ***119***

ФОРМАНТҲОИ –ар ВА -вор ДАР ТОПОНИМИЯИ ТОҶИКИСТОН
Ш. Исмоилов ***123***

БАРРАСӢ ВА КОРБУРДИ АНВОИ САДОҲО ВА ВОЖАҲО ДАР НАВГАРОИИ САРФИИ ЗАБОНШИНОСИИ ШЕЪРИ АХВОНИ СОЛИС
Аббоси Тирафкан ***131***

БАРРАСИИ НАҚШИ ФАРОШИНОХТ БАР ОМӮЗИШ ВА ЁДГИРӢ
Ардашер Ҷаҳонӣ ***135***

ФОРМИРОВАНИЕ ОСНОВ КУЛЬТУРОЛОГИЧЕСКОГО ОБРАЗОВАНИЯ В ПРОЦЕССЕ ПРОВЕДЕНИЯ НЕСТАНДАРТНЫХ УРОКОВ РУССКОГО ЯЗЫКА
С.Р. Валиджанова ***137***

ЭТИМОЛОГИЧЕСКИЙ И ФОНЕТИЧЕСКИЙ АСПЕКТ СРАВНИТЕЛЬНОГО ТИПОЛОГИЧЕСКОГО АНАЛИЗА ЛЕКСИЧЕСКОГО РЯДА *ПАДАР-ПИСАР-БАРОДАР* С АНГЛИЙСКИМИ ЭКВИВАЛЕНТАМИ И С ДРУГИМИ РОДСТВЕННЫМИ ЯЗЫКАМИ
У. Ашурмамадова ***140***

ТИПЫ НЕОЛОГИЗМОВ ПО ВИДУ ЯЗЫКОВОЙ ЕДИНИЦЫ
А.Ф. Наджмиддинов ***145***

ФУНКЦИОНАЛЬНОЕ НАЗНАЧЕНИЕ ПАРНЫХ СИНОНИМОВ РУССКОГО И ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКОВ НА МОРФОЛОГИЧЕСКОМ УРОВНЕ
М.З. Даминова ***147***

ДЕЙКТИЧЕСКАЯ СВЯЗЬ КАК СРЕДСТВО СВЯЗИ ЧАСТЕЙ ТЕКСТА

М.В. Зикриёева…… *154*

СЕМАНТИКА И ГРАММАТИКА ПРИЛАГАТЕЛЬНОГО В РУССКОМ И ШУГНАНСКОМ ЯЗЫКАХ
Х.А.Ширинова…….. *155*

ВЛИЯНИЕ ВАЛЕНТНОСТИ НА ОСОБЕННОСТИ УПОТРЕБЛЕНИЯ НАРЕЧИЙ
Х.Р.Куджов…… *157*

КОРБАСТИ ИСТИЛОҲОТИ СОҲАИ СИЁСАТ ДАР «ГУЛИСТОН»-И САЪДИИ ШЕРОЗӢ *(номи муассисаҳову рамзҳои давлатӣ ва аснод)*
Х.Камолов *160*

А Д А Б И Ё Т Ш И Н О С Ӣ

ФАРҲАНГИ АРАБӢ ВА АДАБИЁТИ ҒАЗНА ДАР АВВАЛИ АСРИ XI
А. Абдусатторов…… *167*

АМРИТЛАЛ НАГАР- НАСРНАВИСИ МАЪРУФИ ҲИНД
Ҳ. Раҷабов…… *173*

АҚИДАҲОИ АДАБӢ-НАЗАРИЯВИИ АБӮНАСРИ ФОРОБӢ
А. Абдуқодиров…… *179*

АФКОРИ РИНДӢ- ЯКЕ АЗ ХУСУСИЯТҲОИ АСОСИИ ҒАЗАЛИЁТИ ФИҒОНӢ
О.Ш. Саидҷаъфаров…….. *181*

АБӮШАКУРИ БАЛХӢ ВА СУННАТҲОИ АНДАРЗГӮЙӢ
Ш. Холиқова…… *187*

ШОИРОНИАРАБИГӮЙИВАЗУЛЛИСОНАЙНИМУОСИРИХОҚОНӢ
М.Б. Шарифова…….. *190*

АЗ ТАЪРИХИ ТАРҶУМАИ ОСОРИ АДИБОНИ ТУРК ДАР АДАБИЁТИ ТОҶИК
Г.А. Шарифова…… *196*

ГУЛБАЗМ ВА МУҚОИСАИ ОН БО ДИГАР МУСОБИҚАҲОИ ШЕЪРИИ МАРДУМӢ
А. Аминов…….. *199*

«ЮСУФ ВА ЗУЛАЙХО»-И МАСЪУДИ ҚУМӢ
Вафо Элбоев…….. *203*

ТАБИАТ ВА МУҲИТИ ЗИСТ ДАР АШЪОРИ ФАРИДУН МУШИРӢ
Алиризо Иброҳимободӣ…… *211*

«ТАЪРИХИ ТАБАРӢ»: МАФОҲИМ, САЙРИ ТАКОМУЛИ ВА АНДЕШАҲО
Мармар Носирпур…….. *215*

ВИЖАГИҲОИ КОРГОҲИ АДАБИИ УБАЙД РАҶАБ
Ҳусейнзода Ф...... *219*

МАСЪАЛАИ НАҚДУ НАЗАРИЯИ ШЕЪР ДАР ОСОРИ ШОИРОН ВА ОРОИ НАЗАРИЯПАРДОЗОНИ ФОРС-ТОҶИК ТО ЗАМОНИ АМИР ХУСРАВ
Р.Тағоймуродов …….. *226*

МЕСТО ЛЮБОВНО-РОМАНТИЧЕСКИХ ПОЭМ В ТВОРЧЕСТВЕ АБДУРРАХМАНА ДЖАМИ
С.Махкамов…… *228*

БАРРАСИИ МАВЗӮИ БАЧАГӢ ДАР ЭҶОДИЁТИ ҲАБИБУЛЛО ФАЙЗУЛЛО
Н.С. Шамсов…… *234*

РОМАНИ МАҒРИБ ВА ТАЪСИРПАЗИРИИ ОН БА АДАБИЁТИ УРДУ
Љ. Холов…… *238*

АФКОРИ АХЛОҚИЮ ДИДАКТИКИИ ҶОМӢ
Шокириён Муҳаммадюнус…… *242*

ТАСВИРСОЗӢ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ОН ДАР ҒАЗАЛИЁТИ ФИҒОНӢ
О.Ш. Саидқаъфаров ***245***

БАРРАСИИ ҶОЙГОҲИ ТАБИАТ ВА МУҲИТИ ЗИСТ ДАР ШЕЪРИ ЛОИҚ ШЕРАЛӢ
Алиризо Иброҳимободӣ ***248***

ПОЛИТИЧЕСКОЕ ПОЛОЖЕНИЕ И ЕГО ВЛИЯНИЕ НА ЛИТЕРАТУРНЫЙ ПРОЦЕСС
Х.А. Хашимова ***254***

ҶОЙГОҲИ ЗАН ДАР МАРСИЯИ ФОРСИИ ТОҶИКӢ
Қ.Пирхонова ***259***

ВЗГЛЯДЫ АМИРА ХУСРАВА НА ПЕРСИДСКУЮ И АРАБСКУЮ ПОЭЗИЮ
Р.Х. Тагаймуродов ***264***

СИМОИ ШИРИН ДАР ДОСТОНИ «ШИРИН ВА ХУСРАВ»-И АБДУЛЛОҲИ ҲОТИФӢ
С.Б. Маҳкамов ***268***

РУҶӮЕ БА ТАҲҚИҚИ СЕ ҚИССАИ МАРҒУБИ УБАЙД РАҶАБ
Ҳусейнзода Ф. ***272***

КОВИШҲО ДАР ҚАЛБУ РУҲИ ИНСОН
Қ.М.Нурқаев ***276***

Ж У Р Н А Л И С Т И К А

ЖАНРИ ЭССЕ ДАР ТЕЛЕВИЗИОН
З. Муъминҷонов ***280***

ОМИЛҲОИ ПАЙДОИШ ВА ТАШАККУЛИ РАДИО ДАР ТОҶИКИСТОН
Саидмуроди Хоҷазод ***281***

ШАКЛ ВА МАЗМУНИ ОРОИШИ РӮЗНОМА АЗ ВОСИТАҲОИ МУҲИММИ МУХОБИРОТ БО ХОНАНДА
(дар мисоли матбуоти даврии Тоҷикистон)
Қ. Мухторӣ ***285***

ОСОБЕННОСТИ ПУБЛИЦИСТИЧЕСКОГО ТВОРЧЕСТВА М.НАДЖМИДДИНОВА
Джамиля Рахмонова ***288***

ИНҲИКОСИ БАЪЗЕ МУШКИЛОТИ МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТӢ ДАР НАШРИЯҲОИ “ҶУМҲУРИЯТ” ВА “ОЗОДАГОН” (2012-2013)
Г. Сайфиддинова ***291***

НАЗАРЕ БА ЗИНАҲОИ ИБТИДОИИ ТАЪЛИМИ КАСБИИ ЖУРНАЛИСТОН
И. Ашуров ***295***

МАВҚЕИ ЖАНРИ ХАБАР ДАР РӮЗНОМАҲОИ МИСР
Ф. Исмоилова ***299***

МОҲИЯТИ ИҶТИМОИШАВИИ ТЕЛЕВИЗИОН
Муслима Манонова ***302***

К СВЕДЕНИЮ АВТОРОВ

В научном журнале «Вестник Таджикского национального университета» печатаются статьи, содержащие результаты научных исследований по естественным, гуманитарным и экономическим наукам.

При направлении статьи в редколлегию авторам необходимо соблюдать следующие правила:

Размер статьи не должен превышать 10 страниц компьютерного текста, включая текст, таблицы, библиографию, рисунки и тексты аннотаций на таджикском, русском и английском языках.

Статья должна быть подготовлена в системе Microsoft Word. Одновременно с распечаткой статьи сдается электронная версия статьи. Рукопись должна быть отпечатана на компьютере (гарнитура Times New Roman Tj 14, формат А4, интервал одинарный, поля: верхнее - 3см, нижнее – 2,5см, левое – 3см, правое – 2см;), все листы статьи должны быть пронумерованы.

Сверху страницы по центру листа указывается название статьи, ниже через один интервал инициалы и фамилии автора (авторов). Ниже название организации, адрес, e-mail. Далее через строку следует основной текст. В конце статьи после списка литературы приводятся аннотации на русском и английском языках и ключевые слова (8 - 10 слов).

Список литературы приводится в общем порядке после основного текста статьи. Авторы должны соблюдать правила составления списка использованной литературы. Он должен содержать 5-6 наименований литературы.

Научные статьи, представленные в редакцию журнала, должны иметь экспертное заключение, авторскую справку (для статей серии естественных наук) и отзыв специалистов о возможности опубликования.

Редколлегия оставляет за собой право производить сокращения и редакционные изменения статьи.

Статьи, не отвечающие настоящим правилам, редколлегией не принимаются.

Муҳаррири масъул: **М. Ибодова**
Муҳаррирон: **Ш. Абдуллоева**, **Н.Расулова,**
М.Манонова

Ответственный редактор: **М. Ибодова**
Редакторы: **Ш. Абдуллоева, Н.Расулова,**
М.Манонова

ДМТ, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17, бинои асосӣ, утоқи 37
ТНУ, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17, главный корпус, каб. 37
Телефон: 227-74-41 **E-mail: vestnik-tnu@mail.ru**
Сайт ТНУ: tnu.tj